**ISSN 2413-5151**

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ

2023. №4. Қисми I

---

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук

2023. №4. Часть I

---

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences

2023. No.4. Part I

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2023**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.

***САРМУҲАРРИР:***
**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**
**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**
**Исмонов Кароматулло** — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***08.00.00 –иқтисод***
**Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Давлатзода Кудрат Қамбар** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Чая Влидимир Тигранович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
**Иброҳимзода Илхомуддин Раҷабалӣ** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Исайнов Ҳисайн Раҳимович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Исраилов Мукаш Исраилович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қиргизистон)*
**Калемуллоев Мунир Воҳидович** — *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
**Кодирзода Диловар Бахриддин** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Низомов Самариддин Фахриевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Низомова Тухфамо Давлатовна** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Умаров Ҳоҷимуҳаммад** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Шамсов Илёс Сафарович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*

***12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ***
**Азиззода Убайдулло Абдулло** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Диноршоев Азиз Мусоевич** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
**Раҳмон Дилшод Сафарбек** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Сотиволдиев Рустам Шарофович** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Шарипов Тақдиршо Шарифович** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*

***23.00.00 –сиёсатшиносӣ***
**Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Курбонов Абдураҳмон Шерович** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Мухаммад Абдураҳмон Наврӯз** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
**Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Потселуев Сергей Петрович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
**Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ** — *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
**Сафранчук Иван Алексеевич** — *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)*

*Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*
*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*
***Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ:*** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*
***Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ****: 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*
***Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ:*** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*
*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*
*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
**Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2023. – №4.
Қисми I
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №181/МҶ-97 от 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2023

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, профессор, ректор Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

***08.00.00 – Экономика***

| | |
|---|---|
| **Ганиев Таварали Бобоевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Давлатзода Кудрат Камбар** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исайнов Хисайн Рахимович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)* |
| **Калемуллоев Мунир Вохидович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Одинаев Хаёт Абдулхакович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Умаров Ходжимухаммад** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Чая Влидимир Тигранович** | *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктор экономических наук, профессор* |

***12.00.00 – Юриспруденция***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Муртазозода Джамшед Сайдали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, профессор, член-корр. НАНТ* |
| **Рахмон Дилшод Сафарбек** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Шарипов Такдиршо Шарифович** | *Доктор юридических наук, профессор* |

***23.00.00 – Политология***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмахмад Нозимович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Курбонов Абдурахмон** | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Махмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ* |
| **Муњаммад Абдурахмон Навруз** | |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Поцелуев Сергей Петрович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Сафарализода Худжамурод** | *(Российская Федерация)* |
| **Куддуси** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Кандидат политических наук (Российская Федерация)* |


Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:

**В области экономических наук:** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

**В области юридических наук:** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

**В области политических наук:** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2023. – №4.
Часть I
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №181/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2023

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

***CHIEF EDITOR:***

**Khushvakhtzoda Kobildzhon Khushvakht** — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

**Ismonov Karomatullo** — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

***08.00.00 - Economy***

**Ganiev Tavarali Boboevich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Davlatzoda Kudrat Kambar** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Chaya Vladimir Tigranovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Isainov Khisain Rakhimovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Israilov Mukash Israilovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)*
**Kalemulloev Munir Vohidovich** — *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor*
**Kodirzoda Dilovar Bahriddin** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomov Samariddin Fakhrievich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomova Tuhfamo Davlatovna** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Odinaev Hayot Abdukhakovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Shamsov Ilyos Safarovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Umarov Khojamuhammad** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*

***12.00.00 – Jurisprudence***

**Azizzoda Ubaydullo Abdullo** — *Doctor of Law, Professor*
**Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** — *Doctor of Law, Professor*
**Dinorshoev Aziz Musoevich** — *Doctor of Law, Professor*
**Murtazozoda Jamshed Saidali** — *Doctor of Law, Professor*
**Nasriddinzoda Emomali Saifiddin** — *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST)*
**Rahmon Dilshod Safarbek** — *Doctor of Law, Professor*
**Sotivoldiev Rustam Sharofovich** — *Doctor of Law, Professor*
**Sharipov Taqdirsho Sharifovich** — *Doctor of Law, Professor*

***23.00.00 – Political sciences***

**Zokirov Gulmahmad Nozimovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor,*
**Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** — *Doctor of Philosophy, Professor*
**Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** — *Doctor of Philosophy, Professor*
**Muhammad Abdurahmon Navruz** — *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST*
**Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor*
**Potceluev Sergey Petrovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Safaralizoda Khujamurod Quddusi** — *Candidate of Political Sciences*
**Safranchuk Ivan Alekseevich** — *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

**In the field of economic sciences:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

**In the field of jurisprudence:** 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

**In the field of political sciences:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences**
– 2023. – №4.
Part I
ISSN 2413-5151

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2023

# ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

ТДУ 657

# СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ ЧУН АСОСИ ТАШАККУЛИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

*Хушвахтзода Қ.Х., Қодирова Г.Т.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ талаботи нав мегузорад. Гузашта аз ин, нақши рӯзафзуни робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, густариши равандҳои ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ зарурати мукаммалсозии низомҳои баҳисобгириро мувофиқи талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ва идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ бо баҳисоб гирифтани хусусиятҳои миллии пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ва муқаррароти санадҳои меъёрии танзимкунандаи соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба миён овардааст.

Рушди равандҳои ҳамгироӣ ягонагии принсипҳои ташаккули ҳисоботи молиявиро, ки дар мамлакатҳои гуногун истифода мешаванд, талаб мекунад. Имрӯз вазифаи аввалиндараҷаи корхонаҳо барои дуруст ба роҳ мондани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таҳия ва тасдиқи сиёсати баҳисобгирӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ мебошад.

Тавре дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» оварда шудааст, сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳои дақиқе мебошанд, ки «дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи роҳбарияти корхона маҷмуи қоидаҳо, усулҳо ва тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро, тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ, муайян менамоянд» [12]. Таъиноти асосии сиёсати баҳисобгирӣ тасдиқи ҳуҷҷатии тарзҳои мақбул ва қонунии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ мебошад. Бинобар ин, вазифаи сиёсати баҳисобгирӣ ҳарчи муносибтар инъикос кардани фаъолияти корхона дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ тавассути ташаккул ва пешниҳоди иттилооти пурра, воқеъбинона ва саҳеҳ барои қабули қарорҳои идоракунии босамар мебошад.

Дар адабиёти иқтисодии ватании солҳои охир ба масъалаҳои ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таваҷҷуҳи зиёд ба назар мерасад. Аз зумраи муаллифони ба таҳқиқи масъалаҳои мазкур дахлнамуда ин олимон ва муҳаққиқонро метавон номбар кард: Н.А. Абдуалимзода [1], И.А. Бобиев [2], М.У. Бобоев [3], М.В. Калемуллоев [5], Б.Ҳ. Каримов [6; 7; 8], Г.Т. Қодирова [11], С.Ф. Низомов [16], Қ.Х. Хушвахтзода [20; 21] ва дигарон. Вале дар асарҳои мазкур ва дигар интишороти олимони ватанӣ масъалаҳои таҳия ва такмили сиёсати баҳисобгирӣ ба таври зарурӣ баррасӣ нашудааст.

Таҳиясозӣ ва такмили сиёсати баҳисобгирии корхонаҳо раванди мураккаб буда, омӯзиши хусусиятҳои соҳаи фаъолияти корхона, қонунгузории амалкунанда, ба ҷо овардани ҳисобкуниҳои иқтисодӣ ва молиявиро дар бар мегирад. Аллакай, дар марҳилаҳои аввалии таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ мушкилоти зиёд ба миён меоянд.

Яке аз мушкилоти асосӣ муайян кардани самтҳои афзалиятноки ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳамоҳангсозии ҳадафҳои гузошташуда ҷиҳати қабули қарорҳо оид ба интихоби тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Интихоби тарзи мушаххаси баҳисобгирии объектҳои алоҳида ба раванди корҳои баҳисобгирӣ дар корхона таъсири муҳим мерасонад.

Ба мушкилоти муҳим, ҳамчунин, наздикгардонии талабот ба баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ ва идоракунӣ) ва баҳисобгирии андоз, инъикос кардани онҳо дар сиёсати баҳисобгирӣ мансуб мебошад. Тафовутҳо дар баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ (баҳисобгирии молиявӣ), баҳисобгирии муҳосибиии идоракунӣ (баҳисобгирии

идоракунӣ) ва баҳисобгирии андоз, ки асосан бо сабаби мутобиқат накардани қонунгузории соҳаи баҳисобгирии молиявӣ ва соҳаи андозбандӣ, инчунин, набудани санадҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии идоракунӣ ба миён меоянд, метавонанд сурати воқеии фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона ва натиҷаҳои молиявии онро таҳриф кунанд.

Тарзи ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаи муосир имкон медиҳад, ки ба андозаи муайян ба идоракунии натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона ва қисман ба нишондиҳандаҳои андозбандишаванда таъсир расонида шавад. Ин ҷо сухан дар бораи интихоби ин ё он тарзи сиёсати баҳисобгирӣ вобаста ба ҳадафи гузоштташудае меравад, ки аксаран муносибгардонии қонунии ухдадориҳо ва пардохтҳои андоз, таъмини имконияти дар давраҳои фаъолияти бобарори корхона пардохт кардани маблағҳои бештар ва дар давраҳои душвори фаъолият – пардохт кардани маблағҳои камтари андозҳо мебошад. Албатта, дар ин маврид танҳо истифодаи роҳҳои қонунии танзими пардохтҳои андоз дар назар аст.

Ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ корхона вобаста ба самти муайяни ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ як тарзро аз маҷмуи тарзҳои бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ раводидашуда интихоб карда, онро муқаррар мекунад. Агар қонунгузорӣ ё санадҳои меъёрӣ ҷиҳати масъалаи муайян тарз ё усули мушаххаси пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро муқаррар накарда бошад, ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ корхона «бо назардошти муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурамалҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон усули мувофиқ ва шакли феҳристи баҳисобгирии андозро нисбат ба ҳисобкунии андози мушаххас таҳия мекунад» [16,с.32].

Самаранокии амалкунии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва истифодаи тарзу усулҳои мақбули баҳисобгирии объектҳоро дар мавзеъҳои алоҳидаи баҳисобгирӣ бояд аз ҷиҳати таъсири онҳо ба фаъолияти корхона арзёбӣ кард, зеро баҳисобгирии муҳосибӣ воситаи муҳимми ноил гардидан ба муваффақияти тиҷоратӣ мебошад. Имрӯз робитаи ногусастании байни баҳисобгирии муҳосибӣ ва менеҷменти корхона возеҳ аст. Чун унсури пайвасткунандаи менеҷмент ва баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои муосир сиёсати баҳисобгирӣ ба кор меравад, «нақши муҳосиб дар идоракунии корхона аз он сабаб меафзояд, ки ӯ метавонад дар идоракунии нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ ва эъломияҳои андоз, дар таъминоти иттилоотии қарорҳои идоракунӣ иштирок кунад» [9]. Таҳияи дурусти сиёсати баҳисобгирӣ метавонад самаранокии фаъолияти корхонаро ба таври назаррас афзояд ё рушди номатлуби зуҳуротро бе гузоришҳои молиявии иловагӣ ва даровардани тағйирот дар сохтори ташкилии он пешгирӣ кунад.

Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосири иқтисодӣ истифодаи равишҳои методологӣ, усулҳо ва қоидаҳои гуногуни дар баҳисобгирӣ инъикос кардани далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва ташаккули ҳисоботи молиявиро пешбинӣ менамояд. Гузашта аз ин, гуногунии усулҳо ва тарзҳои пешбурди баҳисобгирии ин ё он объекти баҳисобгирии муҳосибӣ дар санадҳои меъёрии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ муқаррар карда шудааст. Ин, аз як ҷониб, дар ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мушкилоти муҳимро ба миён оварда, аз ҷониби дигар, гуногунии методика воситаи муҳимми ташаккул ва амсилабандии низоми муносиби баҳисобгирии муҳосибии ба беҳгардонии нишондиҳандаҳои муайяни фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ нигаронидашуда мебошад.

Дарвоқеъ, сиёсати баҳисобгирии дуруст роҳандозишуда, воситаи ташаккул ва татбиқи сиёсати муносиби молиявию иқтисодии корхона мебошад. Вобаста ба ин, бояд қайд кард, ки сиёсати баҳисобгирӣ, пеш аз ҳама, ба ташаккули низоми самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ, ки хусусиятҳои фаъолияти истеҳсолию иқтисодӣ ва идоракунии субъекти хоҷагидории мушаххасро инъикос мекунад, нигаронида шудааст. Хадамоти муҳосибӣ (муҳосибот)-и корхона далелҳои фаъолияти хоҷагидориро дар асоси сиёсати баҳисобгирии тасдиқшуда инъикос намуда, метавонад ба танзими

даромадҳо ва хароҷот, ташаккули арзиши аслӣ дар асоси усули қабулшудаи ҳисобкунии он, муносибгардонии андозҳои пардохтшаванда, баланд бардоштани мустақилияти молиявии корхона, беҳтар гардонидани вазъи ҳисобикуниҳо бо дебиторҳо ва кредиторҳо, ноил шудан ба ҳадафҳо ва ҳалли дигар масъалаҳои ҷорӣ ва стратегии корхона мусоидат кунад.

Тавре таҳқиқи низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, дар аксари онҳо сиёсати баҳисобгирӣ чун ҳуҷҷати расмии аз ҷониби сармуҳосиб таҳияшаванда баррасӣ мешавад, вале ба он мувофиқи рисолате, ки бояд иҷро кунад, аҳамияти дахлдор дода намешавад. Аксаран дар корхонаҳо ба сиёсати баҳисобгирӣ чун ҳуҷҷате муносибат мекунанд, ки мувофиқи талаботи қонунгузорӣ бояд тартиб дода ва аз ҷониби роҳбари корхона тасдиқ карда шавад. Аҳамияти сиёсати баҳисобгирӣ на танҳо аз ҷониби роҳбарияти корхонаҳо, балки аз ҷониби кормандони муҳосибот низ қадрдонӣ намешавад, ки ин ба паёмадҳои номатлуби корбурди нодурусти ин ё он қоида ва муқаррароти низоми танзимкунии меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ меоварад.

Ба андешаи мо, сабаби асосии чунин муносибат бо сиёсати баҳисобгирӣ, пеш аз ҳама, бо хусусиятҳои ташкили фаъолияти идоракунии корхонаҳо дар мамлакат алоқаманд мебошад. Аксари корхонаҳои тиҷоратӣ аз ҷониби муассисони алоҳида таъсис дода мешаванд, доираи фаъолияти онҳо хурд аст, муассисон худ мустақилона корхонаро роҳбарӣ мекунанд ва ҳам тиҷорати онро пеш мебаранд. Дар чунин шароит, тавре аз қонунгузорӣ бармеояд, тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ҳатмӣ нест. Ҳамин тавр, банди 10, моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» барои корхонаҳои хурде, ки низоми содакардашудаи андозбандиро истифода мебаранд, тарзи содакардашудаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро иҷозат медиҳад.

Бо вуҷуди он ки банди 2 Тартиби истифодабарии низоми содакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирӣ дар субъектҳои соҳибкории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон №80 аз 7 ноябри соли 2009) таҳия ва тасдиқ намудани сиёсати баҳисобгириро бо фармон ё амри роҳбари корхона талаб мекунад, дар аксар корхонаҳои хурд ин талабот ба инобат гирифта намешавад. Аксаран роҳбарияти корхонаҳои хурд ҷаҳд менамоянд, ки бо пешниҳод кардани ҳисоботи содакардашуда вазъи молиявии корхонаи худро номатлуб нишон диҳанд, то диққати истифодабарандагон, ба хусус мақомоти андозро ба худ ҷалб накунанд.

Пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, ба принсипҳои муайяне такя мекунад, ки бояд ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ барои субъекти хоҷагидории мушаххас ба инобат гирифта шаванд. Ҳамин тавр, дар раванди таҳия, тасдиқ ва корбурди сиёсати баҳисобгирии худ субъектҳои хоҷагидорӣ, пеш аз ҳама, ба талабот ва муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» (аз 25 марти соли 2011, №702), Низомнома оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2003, №9), Низомномаи баҳисобгирии муҳосибии «Сиёсати баҳисобгирии корхона» НБМ 1/99 (Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 сентябри соли 1999, №135) такя мекунанд.

Мутобиқи талаботи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» сиёсати баҳисобгирӣ дар субъекти хоҷагидорӣ бо қарори роҳбари аввал ё шахси ба вазъи баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона масъул тасдиқ мегардад. Дар ин маврид, чунин унсурҳои ҳатмӣ дар таркиби сиёсати баҳисобгирӣ тасдиқ карда мешаванд [12]:

- нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ;
- шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалии баҳисобгирӣ барои нигориши далелҳои хоҷагидорӣ ва ҳисоботи дохилии корхона;
- тартиби гузаронидани барӯйхатгирии дороиҳо ва уҳдадориҳо;

- усулҳои баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо;
- тартиби ҳуҷҷатгардиш ва технологияи коркарди иттилооти баҳисобгирӣ;
- тартиби назорати амалиёти хоҷагидорӣ;
- дигар қарорҳои барои ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ зарурӣ.

Ҳамин тавр, сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳо, муқаррарот ва қоидаҳои вобаста аз эҳтиёҷот ва хусусиятҳои фаъолияти худ қабулнамудаи корхонаро барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои байналмилалӣ, низомномаҳои миллӣ ва нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар бар мегирад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ҳамчунин талабот ҷиҳати қабул ва истифодаи муттасили сиёсати баҳисобгирӣ дар ҳар сол, шароити тағйирдиҳӣ ва дигар ҷиҳатҳои муфиди ба ташаккули сиёсати муносиби баҳисобгирӣ нигаронидашуда муқаррар карда шудаанд. Аз ҷумла, қайд гардидааст, ки сиёсати баҳисобгирӣ ҳангоми тағйир ёфтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии танзимкунандаи соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, дар корхона таҳия ва қабул шудани тартиби нави баҳисобгирии муҳосибӣ, ба куллӣ дигар шудани шароити фаъолияти корхона метавонад тағйир дода шавад [12].

Ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирии корхона, ҳамчунин, муқаррароти Низомнома оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он тартиби баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ зикр гардидааст, ба инобат гирифта мешаванд [19].

Тартиби бевоситаи ташаккул, тағйирдиҳӣ ва корбурди сиёсати баҳисобгирӣ дар НБМ 1/99 «Сиёсати баҳисобгирии корхона» оварда шудааст. Низомномаи мазкур 23 бандро дар бар мегирад, ки дар онҳо қоидаҳо, талабот ва маҳдудиятҳо ҳангоми ташаккули сиёсати баҳисобгирии корхона зикр гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки дар НБМ 1/99 «Сиёсати баҳисобгирии корхона» таърифи нисбатан пурраи сиёсати баҳисобгирӣ чун маҷмуи тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ – назорати аввалӣ, ченкунии арзишӣ (баҳодиҳӣ), гурӯҳбандии ҷорӣ ва ҷамъбасткунии натиҷавии далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ оварда шудааст. Дар баробари ин, зикр гардидааст, ки сиёсати баҳисобгирӣ бояд чунин ҷиҳатҳоро таъмин намояд [18]:

- пуррагӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани ҳама далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ;
- сари вақт инъикос кардани далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ;
- авлотар донистани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ эътироф кардани хароҷот ва уҳдадориҳо нисбат ба эътироф кардани даромадҳо ва дороиҳои имконпазир, роҳ надодан ба ташаккули захираҳои нуҳуфта;
- дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ вобаста ба муҳтавои иқтисодии онҳо ва шароити хоҷагидорӣ;
- ҳамсонии маълумоти баҳисобгирии таҳлилӣ ба гардишҳо ва бақияҳои ҳисобҳои таркибӣ дар санаи тақвимии охири ҳар моҳ;
- пешбурди муносиби баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба шароити фаъолияти хоҷагидорӣ ва бузургии корхона.

Тибқи муқарраroти НБМ 1/99 «Сиёсати баҳисобгирии корхона», корхона тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро, ки ҳангоми ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ муқаррар кардааст ва онҳо ба арзёбии қарорҳои аз ҷониби истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ қабулшаванда таъсири муҳим мерасонанд, бояд дар ҳисоботи молиявӣ ифшо кунад. Чун тарзҳои муҳимми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ он тарзҳое эътироф карда мешаванд, ки бе дарки корбурди онҳо истифодабарандагони манфиатдори ҳисоботи молиявӣ вазъи молиявӣ, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаро арзёбӣ карда наметавонанд. Ба тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҳангоми ташаккули сиёсати баҳисобгирии корхона қабул шудаанд ва бояд дар ҳисоботи молиявӣ ифшо карда шаванд, инҳо мансуб мебошанд:

тарзҳои истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳои дарозмуҳлат, баҳодиҳии захираҳои истеҳсолӣ, молҳо, истеҳсолоти нотамом ва маҳсулоти тайёр, тарзҳои эътироф кардани фоида аз фурӯши маҳсулот, молҳо, корҳо, хизматрасониҳо ва дигарҳо. Таркиб ва муҳтавои иттилоот дар бораи сиёсати баҳисобгирии корхона доир ба масъалаҳои мушаххаси баҳисобгирии муҳосибӣ, ки бояд дар ҳисоботи молиявӣ ифшо карда шавад, дар низомномаҳои дахлдори баҳисобгирии муҳосибӣ муқаррар карда мешаванд.

Дар сатҳи байналмилалӣ муқаррароти танзимкунандаи ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ бо СБҲМ (IAS) 8 «Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирёбии баҳодиҳиҳои муҳосибӣ ва хатоҳо» муайян карда шудаанд. Стандарти мазкур маҳакҳои интихоб ва тағйирдиҳии сиёсати баҳисобгирӣ, тартиби баҳисобгирӣ ва шарҳ додани тағйирот дар сиёсати баҳисобгириро муқаррар мекунад. Дар ин маврид, сиёсати баҳисобгирӣ чун принсипҳо, қоидаҳо ва амалҳои мушаххасе фаҳмида мешавад, ки корхона онҳоро барои омодасозӣ ва пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ ба кор мебарад.

Таҳлили мафҳуми сиёсати баҳисобгирӣ ва муқаррарот оид ба таҳияи он дар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии соҳаи баҳисобгирии муҳосибии миллӣ ва муҳтавои СБҲМ (IAS) 8 «Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирёбии баҳодиҳиҳои муҳосибӣ ва хатоҳо» [14] ба мо имкон дод, ки ҷиҳатҳои фарққунандаи мафҳум ва муқаррароти мазкурро ошкор кунем.

Тавре аз нигоҳи аввал ба назар мерасад, маънои мафҳуми сиёсати баҳисобгирӣ дар қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ ҳамсон аст. Вале, ба андешаи мо, тафовути асосӣ дар шарҳи ин мафҳум дар он ифода меёбад, ки ҳадафи ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ, тибқи санадҳои меъёрии миллӣ (низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ), интихоби тарзҳои баҳисобгирӣ ва корбурди минбаъдаи онҳо дар фаъолияти баҳисобгирии муҳосибӣ, яъне инъикоси далелҳои фаъолияти хоҷагидории корхона дар ҳуҷҷати аввалӣ то ворид намудани он ба ҳисоботи молиявӣ мебошад. Мутобиқи СБҲМ, ҳадафи сиёсати баҳисобгирӣ таъмин намудани саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ мебошад. Чунин тафовут дар равишҳо тафовутро дар сохтор ва муҳтавои санади меъёрии муҳимтарини дохилӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибии ҳар як корхона – фармон (қарор) дар бораи сиёсати баҳисобгирӣ низ пешбинӣ менамояд.

Ташаккули сиёсати баҳисобгирии корхона бояд дар асоси талаботи бардавомии он, мувофиқати он ба пойгоҳи меъёрии миллии муосир, сари вақт огоҳ кардани истифодабарандагони берунии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ дар бораи тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ роҳандозӣ карда шавад.

Таъкид мекунем, ки СБҲМ (IAS) 8 «Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирёбии баҳодиҳиҳои муҳосибӣ ва хатоҳо» муҳтавои принсипҳо, асосҳо, созишҳо, қоидаҳо ва амалҳоеро, ки бояд дар таркиби сиёсати баҳисобгирӣ инъикос карда шаванд, шарҳ намедиҳад, яъне тарзҳои баҳисобгириро, ки муҳтавои онро тавсиф медиҳанд, муфассал намекунад. Стандарти мазкур танҳо ишорат ба он мекунад, ки агар СБҲМ-и мушаххас нисбат ба ягон моддаи ҳисобот (амалиёт, дигар рӯйдод ё шароит) ба кор бурда шавад, пас, сиёсати баҳисобгирӣ ҷиҳати моддаи мазкур бояд дар асоси ҳамин СБҲМ муайян карда шавад. Ҳамин тавр, дар тафовут аз санадҳои меъёрии танзимкунандаи сиёсати баҳисобгирӣ, аз ҷумла НБМ 1/99 «Сиёсати баҳисобгирии корхона», стандарти байналмилалӣ номгӯйи муайяни тарзҳо (принсипҳо, асосҳо, созишҳо, қоидаҳо ва амалҳо)-ро дар бар намегирад, балки ба амалиёт (далелҳо), рӯйдодҳо ва шароите ишорат мекунад, ки нисбат ба онҳо стандарти байналмилалии мушаххас ворид намудани муқаррароти дахлдорро ба сиёсати баҳисобгирӣ талаб менамояд.

Ба ғайр аз СБҲМ (IAS) 8 «Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирёбии баҳодиҳиҳои муҳосибӣ ва хатоҳо» баъзе ҷанбаҳои танзимкунӣ ҷиҳати ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар СБҲМ (IAS) 1 «Пешкашкунии ҳисоботи молиявӣ» низ мавҷуд мебошанд. Тибқи стандарти мазкур, корхона бояд дар шарҳи мухтасари принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ чунин иттилоотро ифшо кунад: пояи баҳодиҳӣ, ки ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ба кор бурда мешавад, инчунин, дигар принсипҳои сиёсати баҳисобгирӣ, ки барои дарки ҳисоботи молиявӣ маврид доранд [13].

Бояд қайд кард, ки номгӯйи мазкур ниҳоӣ нест, чунки он ибораи «инчунин, дигар принсипҳои сиёсати баҳисобгирӣ»-ро дар бар мегирад [4,с.4]. Дар баробари ин, барои тавсифи муҳтавои сиёсати баҳисобгирӣ дар СБҲМ (IAS) 1 «Пешкашкунии ҳисоботи молиявӣ» ҷиҳати маънидод кардани пояи баҳодиҳӣ ва дигар принсипҳои сиёсати баҳисобгирӣ баъзе тавзеҳот бо мисолҳои мушаххаси ҳолатҳои дахлдор оварда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки масъалаҳои муҳтавои сиёсати баҳисобгирӣ бо ташаккули сохтори он алоқаманд мебошанд. Масъалаи ташаккули сохтори сиёсати баҳисобгирӣ дар амалия ҳангоми тартиб додани он барои корхонаи мушаххас ногузир ба миён меояд. Вале ҷиҳати ташаккули сохтори сиёсати баҳисобгирӣ ягон хел муқаррарот дар санадҳои меъёрии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ вуҷуд надорад. Ин масъала дар СБҲМ низ равшан нашудааст, чунки низоми стандартҳои байналмилалӣ ба масъалаҳои бо ташкил, техника ва технологияи баҳисобгирии муҳосибӣ алоқаманд дахл намекунад. Дар тафовут аз санадҳои меъёрии миллӣ ва СБҲМ, дар адабиёти илмии соҳавӣ (асосан хориҷӣ) тавсияҳо ва пешниҳодҳои зиёд оид ба ташаккули сохтори сиёсати баҳисобгирӣ оварда шудаанд, ки дар амалияи ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ, ҳам дар корхонаҳои хориҷӣ ва ҳам дар корхонаҳои ватанӣ, татбиқ шудаанд. Аз ҷумла, равиши анъанавӣ ба ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҷудо кардани се ҷиҳати асосии сиёсати баҳисобгирӣ – ташкилӣ, методӣ ва техникӣ асос ёфтааст. Ҷиҳатҳои ташкилӣ ва техникӣ бо инъикос кардани шакли ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ба субъекти хоҷагидорӣ марбут мебошад. Дар бахши методӣ иттилооте инъикос карда мешавад, ки дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккул ва дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳод карда мешавад.

Тибқи амалияи байналмилалӣ дар ҷиҳати ташкилӣ-техникии сиёсати баҳисобгирӣ, иттилоот дар бораи ташкили хадамоти муҳосибӣ, воситаҳои истифодашавандаи коркарди автоматонидашудаи маълумоти баҳисобгирӣ, нақшаи дар корхона истифодашавандаи ҳисобҳо ва дигар унсурҳои дар низомномаҳои миллӣ зикргардида оварда ва ифшо карда мешаванд. Бахши методии сиёсати баҳисобгирӣ, мутобиқи амалияи байналмилалӣ, инъикос кардани унсурҳои методикаҳои намудҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибиро пешбинӣ менамояд.

Мавҷуд будани намудҳои гуногуни баҳисобгирӣ (молиявӣ, идоракунӣ, баҳисобгирии андоз) дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бояд барои ҳарчи бештар қонеъ намудани талаботи иттилоотии гурӯҳҳои мухталифи истифодабарандагон нигаронида шуда бошад. Манфиатҳои иқтисодии истифодабарандагон дар доираи сиёсати баҳисобгирӣ тавассути муқаррар кардани ҷиҳатҳои баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз муайян карда мешавад.

Дар санадҳои меъёрии танзимкунандаи соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ вазифаҳо оид ба таҳия намудани сиёсати баҳисобгирӣ дар бахши баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) ва баҳисобгирии андоз нишон дода шудаанд. Ҷиҳатҳои алоҳидаи марбут ба баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар бахши сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) инъикос гардидаанд, вале ба андешаи мо, тамоми ҷиҳатҳои методии инъикос кардани объектҳои баҳисобгирии идоракуниро фарогир нестанд. Вале аз идоракунии муносиби хароҷоти корхона, ҳам қабули қарорҳои идоракунӣ ва ҳам интихоби сиёсати баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз вобаста мебошад.

Бо назардошти он ки ҳар як корхона сиёсати баҳисобгирии худро вобаста ба сохтори худ, соҳаи фаъолият ва хусусиятҳои он таҳия менамояд, бояд ҳама тарзҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона ва қисматҳои сохтории он ифшо карда шаванд. Ҳоло ҳам дар амалияи ватанӣ ва ҳам дар амалияи байналмилалӣ методикаи ягонаи ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ барои ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ мавҷуд нест. Ҳангоми пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ба пойгоҳи иттилоотӣ, ки асоси он баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ мебошад ва ба меъёрҳо ва талаботи қонунгузорӣ ҷавобгӯ аст, диққати муҳим дода мешавад. Бинобар ин, ҳангоми таҳия намудани сиёсати баҳисобгирӣ барои ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ мақбул аст, ки қоидаҳои пешниҳод кардани иттилоот, ки барои корхона мусоид мебошанд, ба кор

бурда шаванд, инчунин, вобаста ба дархостҳои истифодабарандагон ва бо такя ба санадҳои меъёрии амалкунанда иттилоот ташаккул дода шавад.

Сиёсати баҳисобгирӣ барои ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ истифодаи тарзҳои зиёдро пешбинӣ менамояд. Азбаски намуди мазкури баҳисобгирӣ ба ҳеҷ ваҷҳ танзим карда намешавад, «муҳосиб метавонад аз шумораи номаҳдуди унсурҳо, то муайян кардани чунин унсурҳои умда, ба монанди истифодаи навишти дутарафа, ченаки пулии ягона, ҳуҷҷатҳои аввалӣ ва дигарҳоро интихоб кунад. Ҷиҳати таҳия ва ифшои ин гуна сиёсати баҳисобгирӣ низ ягон хел нишондодҳо мавҷуд нест» [10,с.531].

Сиёсати баҳисобгирӣ барои ҳадафҳои баҳисобгирии андоз ҳуқуқҳоеро, ки қонунгузории андоз дар робита ба интихоби тарзҳои имконпазири ҳисоб кардани манбаи андоз пешбинӣ кардааст, истифода мебарад. Дар муқоиса бо сиёсати баҳисобгирӣ барои ҳадафҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ), номгӯи раводидҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле маҳдуд аст, зеро он, пеш аз ҳама, қонеъ гардонидани манфиатҳои танҳо як истифодабаранда – давлат, ки онро мақомоти андоз намояндагӣ мекунанд, дар назар дорад. Сиёсати баҳисобгирӣ барои ҳадафҳои андоз, ҳатман, ҳуҷҷатнигорӣ карда мешавад.

Азбаски сиёсати баҳисобгирӣ барои ҳар як корхона имконияти интихоби тарзҳои муносиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро пешниҳод менамояд ва ба ин васила ба қабули қарорҳои идоракунии асоснок таъсири муҳим мерасонад, муқаррароти он бояд дараҷаи баланди иттилоотнокиро таъмин кунанд. Дар самти татбиқи муқаррароти мазкур мақбул аст, ки ҳангоми ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ на ба доираи маҳдуди нишондиҳандаҳои дар он овардашуда мутаваҷҷеҳ шуд, балки сиёсати баҳисобгириро чун ҳуҷҷати ягонаи дарбаргирандаи иттилооти ҳамаҷониба ва пурра оид ба тамоми ҷиҳатҳои муҳимми баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз баррасӣ кард.

Мусаллам аст, ки ҳамгироии зернизомҳои иттилоотии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз ба истифодаи оқилонаи сарватҳои меҳнатӣ, иттилоотӣ ва молиявии корхона мусоидат мекунад, саҳеҳии маълумоти дар ҳисоботи молиявӣ, ҳисоботи идоракунӣ ва ҳисоботи андоз овардашударо баланд мебардорад, вазифаи танзимкунандагии баҳисобгирии муҳосибиро густариш медиҳад, робитаи зарурии байни қисматҳои истеҳсолӣ, технологӣ ва хадамоти иқтисодии корхонаро таъмин мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуалимзода Н.А. Ташаккули арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ / Н.А. Абдуалимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№6. -С.5-12.
2. Бобиев И.А. Ҷанбаҳои методии сиёсати баҳисобгирӣ бо мақсадҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар холдингҳои саноатӣ / И.А. Бобиев, Д.Т. Расулов, Б.Ф. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№1. -С.62-70.
3. Бобоев М.У. Гузариш ба СБҲМ ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.У. Бобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№5. –С.20-27.
4. Дружиловская Т.Ю. Коршунова Т.Н. Содержание и структура учетной политики: проблемные аспекты / Т.Ю. Дружиловская, Т.Н. Коршунова // Бухгалтерский учет в бюджетных и некоммерческих организациях. – 2016. -№11. –С.2-8.
5. Калемуллоев М.В. Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ / М.В. Калемуллоев, Файзализода М.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№4. -С.5-12.
6. Каримов Б.Ҳ. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№4. –С. 169-179.
7. Каримов Б.Ҳ. Таҳлили равандиислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3 (42). - С. 23-34.
8. Каримов Б.Х. Развитие системы бухгалтерского учета в условиях глобализации / Б.Х. Каримов, Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2021. - № 3 (52). – С. 38-49.
9. Кругляк З.И., Калинская М.В. Влияние отдельных элементов учетной политики на статьи отчетности и показатели финансового состояния // Научный журнал Кубанского государственного аграрного университета. – 2014. -№101(07). [Электронный ресурс]. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=22567440

10. Кутер М.И. Теория бухгалтерского учета: учебник / М.И. Кутер. -3-е изд., перераб. и доп. – М.: Финансы и статистика, 2007. – 592 с.
11. Қодирова Г.Т. Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои илмии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ / Г.Т. Қодирова // Идоракунии давлатӣ. – 2021. - № 4-2 (54). – С. 45-55.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2011. -№3. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/
13. МСФО (IAS) 1 «Представление финансовой отчетности». [Электронный ресурс]. URL: https://finotchet.ru/articles/132/
14. МСФО (IAS) 8 «Учетная политика, изменения в бухгалтерских оценках и ошибки». [Электронный ресурс]. URL: https://finotchet.ru/articles/1245/
15. Музаффаров, Б.С. Методические основы расчёта стоимости перехода на двенадцатилетнюю систему образования: опыт Республики Таджикистан / Б.С. Музаффаров, Ф.Б. Махмадиев // Российский экономический интернет-журнал. – 2020. –№3. –С. 22.
16. Низомов С.Ф. Ташкили баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) / С.Ф. Низомов, П.Х. Бобомуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№8. -С.133-140.
17. Баҳисобгирии андоз. Васоити таълимӣ / Н.А. Ойев, С.Қ. Шоймардонов, Б.Ҳ. Каримов, С.М. Бухориев. – Душанбе: ДСХ, 2016. -316 с.
18. Положение по бухгалтерскому учету «Учетная политика предприятий» ПБУ 1/99. [Электронный ресурс]. URL: http://minfin.tj/
19. Положение по ведению бухгалтерского учета и бухгалтерской отчетности в Республике Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: http://minfin.tj/
20. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., Д.А. Розиев, Бобохонзода М.Ч. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№5. –С.5-11.
21. Хушвахтзода Қ.Х. Ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ташкилотҳои доруворӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Р.К. Болтуева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№5. –С.80-87.

## СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ ЧУН АСОСИ ТАШАККУЛИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаҳои ташаккули сиёсати баҳисобгирии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити иқтисодии муосир, ки бо равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ алоқаманд аст, бахшида шудааст. Дар мақола нақши сиёсати баҳисобгирӣ чун зинаи пайвасткунандаи байни менеҷмент ва низоми баҳисобгирии муҳосибӣ таъкид карда шудааст. Ҳадафҳои гуногуни ҳангоми ташаккул ва роҳандозӣ намудани сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ гузошташаванда ҷудо карда ва ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии танзимкунандаи соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки муқаррароти онҳо ба ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дахл мекунанд, таҳқиқ карда шудаанд. Тасдиқ карда шудааст, ки таҳиясозӣ ва татбиқи сиёсати баҳисобгирии корхонаҳо раванди мураккаб буда, омӯзиши хусусиятҳои соҳаи фаъолияти корхона, қонунгузории амалкунанда, иҷрои ҳисобкуниҳои иқтисодӣ ва молиявиро дар бар мегирад. Бинобар ин, дар раванди мазкур мушкилиҳои гуногун ба миён меоянд, ки онҳоро бартараф бояд кард.

**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии муҳосибӣ, сиёсати баҳисобгирӣ, стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии андоз.

## УЧЕТНАЯ ПОЛИТИКА КАК ОСНОВА ОРГАНИЗАЦИИ СИСТЕМЫ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА

Данная статья посвящена вопросам формирования учетной политики хозяйствующих субъектов в современных экономических условиях, что связано с процессами экономической интеграции и внедрением международных стандартов финансовой отчетности в национальную систему бухгалтерского учета. В статье подчеркивается роль учетной политики как связующего звена между менеджментом и системой бухгалтерского учета. Выделены и исследованы различные цели, поставленные при формировании и реализации учетной политики в коммерческих предприятиях. Исследовано законодательство и нормативные документы, регулирующие сферу бухгалтерского учета, положения которых влияют на формирование учетной политики. Подтверждено, что разработка и внедрение учетной политики предприятий представляет собой сложный процесс, включающий изучение особенностей сферы деятельности предприятия, действующего законодательства, осуществление экономических и финансовых расчетов. Поэтому в этом процессе возникают различные проблемы, которые необходимо преодолевать.

**Ключевые слова:** бухгалтерский учет, учетная политика, международные стандарты финансовой отчетности, способы ведения бухгалтерского учета, факты хозяйственной деятельности, бухгалтерский учет, управленческий учет, налоговый учет.

## ACCOUNTING POLICY AS A BASIS FOR ORGANIZING THE ACCOUNTING SYSTEM

This article is devoted to the formation of the accounting policy of economic entities in the current economic conditions, which is associated with the processes of economic integration and the introduction of international financial reporting standards into the national accounting system. The article emphasizes the role of accounting policy as a link between management and the accounting system. The various goals supplied in the formation and implementation of accounting policies in commercial enterprises are identified and investigated. The legislation and normative documents regulating the sphere of accounting, the provisions of which influence the formation of accounting policy, have been studied. It is confirmed that the development and implementation of the accounting policy of enterprises is a complex process, including the study of the characteristics of the scope of the enterprise, the current legislation, the implementation of economic and financial calculations. Therefore, in this process there are various problems that need to be overcome.

**Keywords:** accounting, accounting policy, international financial reporting standards, accounting methods, facts of economic activity, accounting, management accounting, tax accounting.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор. **Адрес:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
***Қодирова Гулмо Толибовна*** **–** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири кафедраи менеҷмент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33

**Сведения об авторах:** ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
***Кодирова Гулмо Толибовна*** – Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат экономических наук, доцент, заведующая кафедрой менеджмента. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носира, 33

**Information about the author:** ***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Rector. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17
***Qodirova Gulmo Tolibovna*** **-** Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Management. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street 33

ТДУ: 338.2

# ИДОРАКУНИИ ИННОВАТСИОНИИ СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

*Умаров Ҳ., Носирзода Ҳ.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Тағйирёбии шиддатноки иқтисодиёти ҷаҳони муосир, ки тайи солҳои охир ба мушоҳида мерасад, аз ҷумла дар кишварҳои шарикони тиҷоратӣ аз гузариши иқтисоди онҳо ба сохтори нави технологӣ маҳз бо неруи инсонӣ, донишҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои илман асосёфтаи рушди иқтисодиёт дарак медиҳад. Гузариши иқтисоди ҷаҳонӣ ба сохтори нави технологӣ-инноватсионӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсир расонида, тамоми рушди иқтисодиёти миллиро ба сӯи низоми миллии инноватсионӣ равона сохт. Тавре қайд шудааст "Сиёсати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари кишварҳои тараққикарда, ба ташаккули низоми милиии инноватсионии худ равона шуда, дар сатҳи рушди илмию технологӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ қарор дорад" [4,с.52].

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии кишвар дар ҷумҳурӣ зарурати ислоҳоти куллии иқтисодиву иҷтимоӣ бо назардошти комёбиҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ва талаботи муосир ба миён омад. Аз солҳои аввали ба даст овардани соҳибитиқлолӣ барои барқарорсозию устувории соҳаи иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоидро фароҳам овард.

Пешрафти иқтисодиёти ҷаҳон дар замони муосир сабаби омӯзиши масъалаҳои инноватсионии иқтисоди миллии кишвари мо гашта, Ҳукумати мамлакат дар заминаи рушди иқтисоди ҷаҳон таваҷҷуҳи асосиро ба самти рушди системаҳои нави иқтисодӣ медиҳад. Афзоиши нокифояи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ва хизматрасонии пулӣ дар марҳилаи кунунии пешрафти иқтисодиёт, аз ҷумлаи мушкилоти кишвари мо ба ҳисоб рафта, боиси нигаронии давлат гаштааст. Ҳанӯз ҳам истеҳсолот талаботи аҳолиро дар замони муосири технологӣ қаноатманд намекунад ва аҳолӣ бо маводи истеҳсолкардаи ватанӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин карда намешавад.

Масалан, тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ ҳаҷми маҳсулоти хӯрока дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин буд (млн. сомонӣ): соли 2015 – 3482, соли 2016 – 3690, соли 2017 – 4304, соли 2018 – 4900, соли 2019 – 5399 ва соли 2020 бошад, 7089 [1,с.401].

Фаҳмида мешавад, ки ин нишондиҳанда дар ҳолати на он қадар рушд қарор дорад. Масалан, афзоиши маҳсулоти хӯрока нисбат ба солҳои пешин чунин буд (%): соли 2015 – 28,5, соли 2016 – 24,4, соли 2017 – 24,4, соли 2018 – 20,5, соли 2019 – 19,6 ва соли 2020 бошад, 22,9-ро ташкил медиҳад. Дар баробар ин, агар, мо ба нишондиҳандаҳои омории соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла мевагӣ ва сабзавот нигарем, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии ин соҳа чунин ба назар мерасад.

**Ҷадвали 1. Ҳаҷми ҳосилнокии сабзавот ва мевагӣ**
**Table 1. Volume of fruit and vegetable productivity**

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳаҷми ҳосилнокии сабзавот (ҳазор тонна)** | 299,2 | 364,1 | 405,0 | 447,9 | 473,8 | 467,8 |
| **Ҳаҷми ҳосилнокии умумии мевагӣ (ҳазор тонна)** | 247,9 | 248,6 | 256,0 | 256,9 | 264,6 | 274,2 |

Самти хизматрасонии пулакӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои бартаридоштаи иқтисодиёт дар иқтисодиёти миллӣ нақши назаррас мегузорад. Дар ин маврид гуфтан мумкин аст, ки ҳаҷми на он қадар зиёд ба назар мерасад (нигаред ба ҷадвали 2).

Бо баъзе сабабҳо нишондиҳандаҳои ҳаҷми хизматрасонии пулакии ба аҳолӣ расонидашуда, бо ҷорӣ намудани равандҳои инноватсионӣ дар тули панҷ соли охир ба таври кофӣ рушд накарда, аз ҷумла дар соли 2020 бо иллити паҳншавии бемории COVID-19 ин раванд коста гардид (ниг. ба диаграммаи 1).

**Ҷадвали 2. Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ**
**Table 2. Volume of paid services**

| Солхо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ, млн.сомонӣ | 9615,8 | 10033,7 | 10884,0 | 12130,8 | 12983,6 | 13205,2 |

**Диаграммаи 1. Рушди хизматрасонии пулакии ба аҳолӣ расонидашуда, тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ**
**Diagram 1. Development of paid services provided to the population, according to statistical indicators**




Аз рӯи нишондиҳандаҳои оморӣ фаҳмида мешавад, ки хизматрасонии пулакии ба аҳолӣ расонидашуда нисбат дар ҳолати рушд қарор дорад. Яъне, ба равандҳои хизматрасонии пулакии ба аҳолӣ расонидашуда шаклҳои нави инноватсия ва идоракунии он дохил карда шудааст, ба монанди хизматрасониҳои нави интернетӣ, интернетмаркетинг, хизматрасониҳои нави маишӣ, таксӣ ва интернетбонкҳову барномаҳои нави телефонию компютерӣ ва ғайра. Дар соҳаи кишоварзӣ бошад, истифодабарии самараноки замин ва дар як замин ба роҳ мондани чанд кишт, истифодаи дорувории типи нав, ворид намудани техникаю технологияҳои муосири кишоварзӣ, ки ҳолати рушдёбанда ба назар мерасад. Дар баробар ин, баланд бардоштани фарҳанги заминдорӣ дар хоҷагии қишлоқ ва бо назардошти талаботи бозорӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол кишт мекунанд.

Маълум мегардад, ки ҳамасола бо таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ дар хоҷагии қишлоқ усулҳои нав бо истифодаи технологияи навин ва тадбиқи илм дар амал дар соҳаи кишоварзӣ ба назар мерасад.

Бо назардошти талаботи муносибатҳои бозорӣ ва пешрафти илму техника Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030-ро зарур шуморида, онро ҳамчун асоси рушди иқтисодиёти миллӣ донистааст. Дар Стратегия қайд шудааст, ки таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ метавонанд ба Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои иқтисодиёти дарҳои кушод дар ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегия ва тасҳеҳи марҳилаҳои рушд таъсири манфӣ расонанд. Барои кишварҳое, ки чорабиниҳои пешгирикунандаи мувофиқ қабул намекунанд, ҳамавақт ин таҳдидҳо хатар эҷод мекунанд.

Барои Тоҷикистон таҳдидҳои асосии зеринро метавон ҷудо кард:

- сатҳи пасти рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ бо рушд наёфтани заминаҳои технологӣ, сатҳи пасти фаъолияти инноватсионӣ, паҳншавии технологияҳои сермасраф ва ифлоскунанда, сатҳи баланди хӯрдашавии фондҳои асосӣ;
- нокифоягии шумораи техникаю технологияҳои замонавии воридгашта, ки то ҳол маърифати истифодабарии онҳо ба дараҷаи баланд кофӣ нест;
- набудани барномаҳои соҳаҳои асосии афзалиятноки иқтисодӣ, ки тавассути онҳо иқтисодиёти миллӣ рушд мекунад;
- набудани модели инноватсионии идоракунии соҳаҳои асосии афзалиятноки иқтисоди милӣ ва модели инноватсионии рушди нигаронидашудаи иҷтимоӣ.

Аз ин рӯ, проблемаи инкишофи инноватсия солҳои охир асоси омӯзиши иқтисодшиносон гашта, мураккабии проблемаи мазкур ҷараёни фаъолияти инноватсионии корхонаҳои истеҳсолиро дар бар мегирад. Дар асоси Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин ақида бар меояд, ки яке аз роҳҳои имконпазири расидан ба ҳадафҳои гузоштешуда ин гузариши иқтисоди миллӣ ба модели инноватсионии рушди нигаронидашудаи иҷтимоӣ мебошад. Ҳукумати кишвар кӯшиш менамояд, ки ҳадафҳои гузоштешударо саривақт ва сатҳи баланди некуаҳволии аҳолиро бо сиёсати инноватсионӣ таъмин намояд.

Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иқтисод ва гузариш ба модели нави иқтисодиёт, инчунин, табдил додани иқтисоди агросаноатӣ ба иқтисоди саноатию аграрӣ тадбирҳо андешида шуда, истифодаи техника ва технологияҳои муосир ҳамчун омили асосии рушди соҳаи иқтисодиёт ва корхонаҳои ватанӣ эътироф гардид. Чуноне ишора шудааст: "бинобар ақибмонии техника ва технология аксарияти корхонаҳои ватанӣ наметавонанд маҳсулоти рақобатпазирро ба стандартҳои байналмилалии сифат истеҳсол кунанд" [5,с.94].

Ба андешаи мо, фароҳам овардани шароити муфиди фаъолияти инноватсионӣ эҳтимолияти натиҷаҳои ниҳоии корхонаҳои ватанӣ буда, иқтисодиёти кишварро ба давраи гузариши ҷараёни инноватсионӣ табдил медиҳад, яъне метавонад модели иқтисодии худро ба модели нави иқтисодӣ иваз намояд.

Аҳамияти навоварӣ дар саросари ҷаҳон босуръат афзуда, динамика ва сифати рушди иқтисодии ҷаҳони муосир торафт бештар ба назар мерасад. Рушди сифатии идоракунии инноватсионии иқтисодӣ ва истифодаи самараноки технология дар иқтисодиёти ҷаҳон аз дараҷаи рушди илм, инноватсия ва истифодаи стратегияҳои иттилоотӣ, маркетингӣ, инчунин, хизматрасонӣ дарак медиҳад. Бояд қайд намуд, ки инноватсия ғояи бартаридоштае мебошад, ки имрӯз иқтисодиёти ҷаҳонро муттаҳид кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлатҳои тараққикарда рӯ ба иқтисодиёти навин меорад. Махсусан бо гузаштан ба модели нави инноватсионӣ, ҳукумати рақамӣ, ташкили паркҳои технологӣ, марказҳои илмӣ-техникӣ ва дигар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла саноат ва хизматрасонии пулакӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Оид ба ташкили низоми самаранокӣ ва таъсиси паркҳои инноватсионивю технологӣ, инчунин, бозомӯзии мутахассисони соҳа Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи январи соли 2021 таъкид кардаанд, ки "Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм дар самти ташкили низоми самаранокӣ тайёр намудани мутахассисон ва бозомӯзии онҳо дар дохил ва хориҷи кишвар, инчунин, оид ба таъсиси маҷмааҳои саноатии илмӣ, аз ҷумла паркҳои инноватсиониву технологӣ чораҷӯӣ намоянд" [7]. Аз ин бармеояд, ки заминаҳои асосии рушди инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гузариш аз сохт ва тартиби пешин ба тартиби нав бо таъсири прогресси илму техника аз аҳамият холӣ нест. Имрӯзҳо таъсири прогресии илму техникаи ҷаҳон ба самтҳои асосии иқтисодиёти миллӣ эҳсос мешавад, ки зарурати таъсиси марказҳои саноатии илмӣ, паркҳои инноватсиониву технологӣ ва марказҳои рушди истеъдоду хизматрасониҳо ба миён меояд.

Аҳамияти рушди идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳои саноат (хӯрокворӣ) ва хизматрасонии пулакӣ торафт зиёд мегардад, зеро он дар шароити муосир ба фаъолияти инноватсионӣ таъсири мусбат мерасонад.

Идоракунии фаъолияти инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ бо фаъолияти анъанавии худ хусусиятҳои гуногун дошта, он пеш аз ҳама ба корҳои таҳқиқотӣ ва лоиҳакашӣ вобаста аст. Дар ҳама марҳилаҳои фаъолияти инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ эҷоди маҳсулоти наву аълосифат ва баробари ин, усулҳои нави идоракунӣ бо ҳадафҳои пешбинишуда ба амал меоянд, ки боиси рушд ва зиёд шудани захираҳо ва ба миён омадани лоиҳаҳои нави инноватсионӣ мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки кишвари мо бо истифода аз таҷриба ва усулҳои идоракунии равандҳои инноватсионии давлатҳои хориҷа метавонад рушди минбаъдаи равандҳои инноватсионӣ ва фаъолияти илмӣ-техникиро таъмин намояд. Яъне, кишварҳои хориҷа барои рушди идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ мустақиман мусоидат намуда, қарорҳои иқтисодӣ мебароранд ва фаъолияти онҳоро маҳдуд намекунанд.

Поткина О.А. қайд менамояд, ки "аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ бештар муқоисаи прогресси илмӣ-техникӣ бо категорияи "равандҳои инноватсионӣ" мушоҳида карда мешавад. Мушоҳидаи мазкур хусусияти баҳсӣ дошта, вале эътирофи равандҳои инноватсионӣ барои рушди ширкатҳои муосир зарур аст" [8,с.194].

Қобили қайд аст, ки таҷрибаи ширкатҳои хориҷӣ, аз ҷумла ширкатҳои мобилии "MOBIUZ-Ташкент" ё "Tashkent Pharma Park"- Ҷумҳурии Ӯзбекистон, "MTS.ru" ё ширкати "Престиж мебель"-и Федератсияи Россия барои ширкатҳои муосири мобилӣ ва истеҳсолии Тоҷикистон, зимни таҳияи стратегияҳои инноватсионии рушд ва барномаҳои инноватсионии истеҳсолӣ ҳамчун идоракунии иқтидори инноватсионӣ хидмат мекунанд.

Ҳар як давлати дорои иқтисоди рушдкунанда бо сиёсати инноватсионии худ ва дастгирии давлат афзалиятҳои гуногуни рақобатнокиро дар асоси омӯзиши таҷрибаҳои ҷаҳонӣ равона месозад. Бештари мамлакатҳои тараққикунанда ба дастгирии рушди соҳаҳои инноватсионии саноатӣ ва хизматрасонии пулакӣ диққати аввалиндараҷа медиҳанд. Аз ин рӯ, ҳар мамлакат метавонад бо кишварҳои пешрафта ҳамкориҳои дуҷониба намуда, муносибатҳои иқтисодиро бо ҳам ба роҳ монад ва ба ин васила рушди иқтисодии худро ба танзим дароварда, ба натиҷаҳои дилхоҳ комёб шавад.

Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ барои рушди идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодии ҳар як кишвар таъсири мусбат мерасонанд, зеро ҳамкориҳои дуҷониба, яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодиёт ба шумор меравад. Чуноне қайд шудааст "Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ ҳамгироии иқтисодӣ барои рушди фаъолияти хоҷагидории ҳар як давлат ҳамчун қувваи иловагии ҳаракаткунанда ба ҳисоб рафта, барои таъмини рушди босубот заминаи устувор мегузорад" [9,с.57].

Дар кишварҳои дорои иқтисоди рушдёбанда, дар шароити зарурии иқтисодӣ, молиявӣ ва ташкилию танзимӣ нақши давлат дар рушди идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ аз он иборат аст, ки тавассути ҷорӣ намудани ҳавасмандгардонии моддӣ метавонад барои таъмини рушди босуботи инноватсия замина гузорад.

Бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои рушди босуботи иқтисоди инноватсионӣ ҳавасмандгардониро ба роҳ мондааст, ки он ҳамчун воситаи асосии кумакрасонии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ эътироф шудааст. Бояд гуфт, ки дар кишварҳои пешрафта ба фаъолияти баланди инноватсионӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаҳои саноат ва хизматрасонии пулакӣ таваҷҷуҳи махсус дода, омӯзиши илм ва навовариҳо дар равандҳои фаъолияти инноватсонӣ ба роҳ монда мешавад. Аз ин рӯ, рушди босуръати ҳамагуна низоми иқтисодию иҷтимоӣ натиҷаи инноватсия буда, таъмини сатҳи рақобатпазириро ташкил мекунад.

Ҳамин тариқ, дараҷаи рушди соҳаи инноватсионии миллӣ дар асоси омӯзиши тарҷибаҳои хориҷӣ устувории иқтисодиро ба миён меорад. Аз ин лиҳоз, тағйироти куллие, ки дар иқтисодиёти ҷаҳон вобаста ба технологияҳои инноватсионӣ ба амал меояд, ба дигар давлатҳои ниёздошта низ таъсири худро мерасонад.

Сарфи назар аз таваҷҷуҳ ва таҳқиқоти сершумори масъалаҳои назариявӣ ва таҳлили асосҳои назариявии рушди низоми инноватсионии миллӣ (НИМ) илми иқтисодиёт ҳамаҷониба барои муайян кардани моҳияти низоми идоракунии рушди инноватсионии иқтисодиёт, самаранокии баланд бардоштани идоракунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ба масъалҳои актуалӣ рӯ ба рӯ мешавад.

Дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот дар самти идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои саноати хӯрокворӣ ва хизматрасонии пулакӣ соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ равишҳои гуногуни методологӣ мавҷуданд, ки мо дар ҷадвал баъзе хусусиятҳои хосси онҳоро дарҷ кардаем (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Равишҳои гуногуни методологии идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳо**
**Table 3. Different methodological approaches to the management of innovative development of industries**

| Муносибати соҳаҳо (саноати хурокворӣ ва хизматрасони пулакӣ) | Муқаррароти методологии муносибат |
|---|---|
| Марказонидашуда | Объекти рушди инноватсионӣ системаи сахти мутамаркази саноат ва хизматрасонии пулакӣ мебошад. Идоракунӣ ба воситаи вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ, мақомоти соҳавӣ ва сохторе, ки ба таҳқиқоти илмӣ ва лоиҳакашӣ машғуланд. Мақсади марказонидашуда ин муваффақ шудан ба нақшаи иҷрои давлат мебошад. |
| Функсионалӣ | Объекти рушди инноватсиони саноати хӯрокворӣ ва хизматрасони пулакӣ намудҳои алоҳидаи инноватсияҳо мебошад, ки бевосита ба вазифаҳои маркетингӣ, идоракунӣ, технологӣ ва ташкилию хизматрасонӣ иртибот доранд. |
| Равандӣ | Объекти рушди инноватсионии саноат, кишоварзӣ ва хизматрасонии пулакӣ равандҳои алоҳидаи бизнес (асосӣ, ёрирасон ва тарафдорон). |
| Ҳолатӣ | Объекти рушди инноватсионии соҳаҳо мониторинг ва ташхиси нуқтаҳои дуршавӣ аз траекторияи рушди инноватсионӣ, яъне хусусиятҳои нави идоракунӣ, ки бо татбиқи фикру мулоҳизаҳо алоқамандананд. |
| Динамикӣ | Объекти рушди инноватсионии соҳаҳо робитаҳои зич дар асоси таҳлили ретроспективии (нигоҳе ба гузашта) ба рушди инноватсионии соҳаҳо вобаста муайян ва пешгӯӣ карда мешаванд. |
| Лоиҳавӣ | Роҳи рушди инноватсионии саноат ва хизматрасонии пулакӣ бо омори устуворона ифода карда шуда, марҳилаи ҷорӣ намудани таклифҳои навоварӣ, пайдарпай дар ҳадафҳо ва робита бо равиши лоиҳа пешниҳод карда мешавад. Объекти рушди инноватсионии соҳаҳо лоиҳаҳои инноватсионӣ мебошад, ки роҳи ҳалли худро дар он нишон додан мумкин аст. Худи механизми идоракунии инноватсия раванди дигаргунсозии мақсаднокро ифода мекунад. Лоиҳаҳо барои самаранокии идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ кумак мерасонанд. |
| Бисёрченака | Объекти инноватсия тараққиёти соҳаҳо мебошад. Баҳодиҳии бисёрҷанбаи раванди инноватсионӣ, рейтинги соҳаҳоро аз рӯи мушаххаси параметрҳои ба даст овардани натиҷаҳои баланди технологӣ муйаян месозад. Ин равиш имкон медиҳад, ки дар раванди фаъолияти инноватсионӣ усулҳои нави идоракунӣ ва таъмини сифатии идоракунӣ ба миён ояд. |

Таҳияи муаллиф

Омӯзиши масъалаҳои рушди инноватсионии низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сатҳи байналмилалӣ имкон медиҳад, ки ба назария ва методологияи идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Масъалаҳои амалии идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳо айни замон як қатор ҷанбаҳои методологии таҳқиқшуда доранд, ки ҳанӯз омӯхта нашудаанд. Масъалаи мазкур ба он далолат менамояд, ки мо муқаррароти методологии муносибати соҳаҳои афзалиятноки иқтисодро аз рӯи таҷрибаҳо ва таҳқиқотҳо, ки аз марказонидашуда, функисоналӣ, равандӣ, ҳолатӣ, динамикӣ ва лоиҳавӣ иборат аст, омӯзем ва ин низом ба раванди ғайрихаттии

парадигмаҳои мавҷудаи соҳаҳо асос ёфтааст. Тавре ки С.Ҷ. Комилов ишора менамояд: “инноватсия характери мураккаби гуногунҷабҳа дошта, гуногунрангии онҳо муносибати мушаххасро ба таснифи онҳо пешакӣ муайян мекунад [3,с.10]. Албатта, ҳар як муқаррароти методологии соҳавӣ вобаста ба хусусияти соҳаҳо тасниф карда мешавад, ки дар он инноватсия нақши калидӣ мебозад.

Дар доираи идоракунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ дар шароити муосири босуръати инноватсионӣ методҳои номбурда зарур шуморида мешаванд ва дар ин доира методҳои идоракунӣ дар менеҷмент ба рушди равандҳои инноватсионии соҳа, идоракунии захираҳои дохилӣ ва дигар роҳҳои идоракунӣ мусоидат мекунанд.

Бояд гуфт, ки назари олимони маъруфти тоҷик дар ин самт ҷолиб буда, истифодаи роҳҳои навро дар ҳама соҳаҳои муҳим медонанд. Чунончи, андешаи М.К. Файзуллоев ва С.Ҷ. Комилов дар боби равандҳои инноватсионӣ ин тавр аст: “Раванди инноватсионӣ маҷмуи амалҳоест, ки барои тайёр кардан ва истифодаи амалии роҳҳои нави техникӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар масъалаҳо заруранд” [12,с.192].

Воқеан, тайи солҳои охир номутаносибӣ дар фазои идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодии саноати хӯрокворӣ ва хизматрасонии пулакӣ идома дошта, сабабҳои ин, ба андешаи мо, нобаробарӣ дар пайдошавии равандҳои нави идоракунии муосир, воридоти техникаву технологияҳои замонавӣ ва ғайра инъикос меёбад. Маҳз барқарорсозии тартиботи нави иқтисодӣ барои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ инкишофи ҳамаҷонибаи тамоми шаклҳои идоракуниро таъмин менамояд.

Дар шароити иқтисоди муосири технологӣ, ки давлат ҳамчун идоракунандаи иқтисодиёти иҷтимоию инноватсионӣ муаррифӣ мешавад. Бояд гуфт, ки меъёрӣ механизмҳои идоракунӣ тавассути қонунҳо ва дастурамалҳою санадҳо амалӣ мегардад. Мақсади асосии дастгирии соҳаи инноватсия аз ҷониби давлат дар он аст, ки инноватсияи миллӣ рушди миқёси иқтисодиро на дар ҳаҷми захираҳои истифодашуда, балки дар асоси баланд бардоштани сифати маҳсулот ва талаботи иқтисодию иҷтимоии истеъмолкунандагон ҳавасманд мекунад ва дар ин баробар имкон медиҳад, ки масъалаҳои ҷойдоштаи иқтисоди кишвар (иқтисодию иҷтимоӣ) ҳал гарданд.

Ба ақидаи Фатхудинов Р.А., “танзими давлатии иқтисодиёт ва равандҳои инноватсионӣ, яке аз шартҳои асосии интиқоли фаъолияти иқтисодиёт ба роҳи бозор мебошад. Вазифаи асосии давлат дар шароити муносибатҳои бозорӣ ҳифзи озодии шахс, моликият ва соҳибкорӣ маҳсуб меёбад. Давлат бояд бо бозор дар як банд кор кунад [13,с.39]. Азбаски давлат барои танзими равандҳои инноватсионӣ нақши калидӣ дорад, бояд сиёсати инноватсиониро ба роҳ монад ва усулҳои ғайримустақимро барои ҳавасмандгардонии навовариҳо равона созад.

Чуноне дар боло қайд намудем, давлат тавассути қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ механизмҳои идоракуниро ба роҳ мемонад. Ершова И. низ дар ин бобат иброз менамояд: “Шакли асосии ҳуқуқии танзими давлатӣ санадҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Ин санадҳою меъёрҳои ҳуқуқӣ сершумор мебошанд, ки тартиби эҷод ва татбиқи инноватсияҳо ва дигар санадҳоеро, ки ба ташкили инфрасохтори инноватсионии бозор равона карда шуданд танзим мекунад”[2]. Аз ин рӯ, самтҳои асосии танзими давлатии идоракунии соҳаи инноватсия ва равандҳои инноватсионии миллӣ зиёд мебошанд. Ин ҷо нишон додани як чанд вазифаҳои асосии идоракунии давлатиро дар шароити муносибатҳои нави иқтисоди бозорӣ дар соҳаи инноватсия зарур мешуморем:

1. Таъмини захираҳои илмӣ-техникӣ аз ҷониби давлат барои татбиқи марҳилаҳои равандҳои инноватсионӣ, ки махсусан дастгирии давлатиро талаб мекунад;

2. Ҳавасмандкунонии иштироки мутахассисони баландпояи хориҷӣ дар бахшҳои хусусӣ дар фаъолияти равандҳои инноватсионии миллӣ (фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ барои татбиқи он);

3. Мусоидат намудан ба рушди системаҳои инноватсионии бахшҳои хусусӣ, ки инноватсияро дар марҳилаҳои гуногуни равандҳои иқтисодиёт ба роҳ мемонад (дастгирии мустақим ва ғайримустақими давлатӣ дар марҳилаҳои гуногуни инноватсионӣ);

4. Ташкили марказҳои такмили ихтисоси давлатӣ барои бахшҳои хусусии иқтисодиёт (тайёр кардани кадрҳо барои фаъолияти инноватсионӣ тавассути мутахассисони хориҷӣ, маблағгузорӣ аз ҷониби буҷети давлатӣ);

5. Гузаронидани мушоҳидаи оморӣ дар соҳаи илм ва инноватсия (мониторинги бозори дохилӣ ва хориҷии маҳсулоти инноватсионии миллӣ);

6. Ҳамоҳангсозии ҳамаи инфрасохторҳои инноватсионии миллӣ бо макотиби олии кишвар, ва сохторҳои инноватсионӣ бо низоми миллии инноватсионӣ, ки тавассути онҳо эҷоди маҳсулоти нав ва равандҳои нави инноватсионӣ ба вуҷуд меоянд;

7. Натиҷгирии таҳқиқотҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои олимони соҳаи иқтисодиёт дар самти афзалиятноки рушди илм ва технологияҳои муосири иқтисодӣ.

Ҳамин тариқ, таҳлили асосҳои назариявии рушди инноватсионӣ нишон медиҳад, ки дар шароити муосир барои идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ва самаранокии иқтидори захиравии инноватсия рушди сармоягузорӣ асоси такмилдиҳӣ ва идоракунии равишҳои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла соҳаҳои саноати хӯрокворӣ ва хизматрасонии пулакӣ ба ҳисоб меравад.

Омӯзиши тамоюлҳои рушди фаъолияти инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ, асоснок кардани методологияи идоракунии рушди инноватсионии системаҳои иқтисодиро талаб мекунад. Бо мақсади асоснок кардан зарур аст, ки:

- принсипҳои методологии ташаккул ва идоракунии рушди муҳити инноватсионӣ дар низоми соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиётии саноати хӯрока ва хизматрасонии пулакӣ риоя карда шаванд;
- робитаи мутақобилаи сатҳҳои идоракунӣ дар низоми соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ба роҳ монда шаванд;
- модел ва меъёрҳои арзёбии ҳолати муҳити инноватсионӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ: саноати хӯрокворӣ ва хизматрасонии пулакӣ муқаррар ва роҳандозӣ карда шавад.

Хулоса, дар сурати иҷро намудани вазифаҳои номбурда ва дуруст ба роҳ мондани муносибату фаъолияти инноватсионӣ ин соҳаҳои афзалиятнок рӯ ба беҳбудӣ оварда, самарнокбахши иқтисодиёти миллӣ таъмин мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. - 2021. - 401 с.
2. Государственное регулирование инновационной деятельности. [Электронный ресурс]. URL: https://www.inventech.ru/lib/pravo/pravo-0176/ (дата обращения 13.06.2022).
3. Комилов С.Дж. Теория инновационного развития. Монография / С.Дж. Комилов. -Душанбе: «Шарки озод», 2009. -264 с.
4. Ҷӯраев Х.Ғ. Ташаккули низоми миллии инноватсионӣ дар сатҳи рушди илмию технологӣ / Х.Ғ. Ҷӯраев, Носирзода Ҳ.С. // Паёми молия ва иқтисоди Тоҷикистон. -Душанбе, 2019. -№4(20). –С.52-58.
5. Мирзоева Е.Ш. Модель инновационного развития предприятий легкой промышленности Республики Таджикистан / Е.Ш. Мирзоева // Финансово-экономический Вестник. – 2020. -№2(22). -С.94-102.
6. Мухамедьяров А.М. Инновационный менеджмент: учебное пособие / А.М. Мухамедьяров. -2-е изд.: -М.: ИНФРА-М, 2008. -137 с.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллии - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». -Душанбе, 26.01.2021.
8. Поткина О.А. Применение зарубежного опыта в реструктуризации инновационных процессов современных российских компаний / О.А. Поткина // Journal of Economy and Business. - vol. 5. -С.194-197.
9. Сафаров Б.Г. Ҳамгироии иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ: муаммоҳо ва имкониятҳои рушд / Б.Г. Сафаров, М.С. Содиқов // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. -№2(22). –С.57-63.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2016.
11. Файзов Н.Б. Муаммохои идоракунии фаъолияти инноватсиони дар КАС Проблемы управления инновационной деятельностью в АПК / Н.Б. Файзов, Ш. Махмудова, Ф.Б. Махмадиев // Кишоварз. – 2014. -№4. -С.50-52.
12. Файзуллоев М.К. Проблемы становления и развития инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан. Монография / М.К. Файзуллоев, С.Дж. Комилов. -Душанбе, 2017. -192 с.
13. Фатхутдинов Р.А. Инновационный менеджмент: Учебник для вузов / Р.А. Фатхутдинов. -6-е изд. -СПб.: Питер, 2011. -495 с.

## ИДОРАКУНИИ ИННОВАТСИОНИИ СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Дар мақола баъзе масъалаҳои марбут ба зарурияти ҷорӣ намудани инноватсия, заминаҳои ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ, инчунин, механизмҳои нави идоракунӣ, ташкилию иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ дар иқтисоодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Муаллифон қайд мекунанд, ки ҷорӣ намудани идоракунии инноватсионӣ заминаи рушди иқтисодӣ буда, ба ташаккулёбӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодиёт, корхонаҳои саноатӣ ва хизматрасониҳои пулакӣ, инчунин, ба рушди идоракунии равандҳои инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, дар мақола ба аҳаммияти идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, гузариши иқтисоди миллӣ ба модели рушди инноватсионӣ, дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва нақши давлат дар идоракунии иқтисодиёти инноватсонӣ, дарки навовариҳои технологӣ диққати махсус дода, андешаҳои судманд иброз намуданд.

**Калидвожаҳо:** инноватсия, технологияҳои муосир, илмӣ-техникӣ, саноат, хизматрасониҳои пулакӣ, таҳқиқотҳои илмӣ, идоракунӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, интернетмаркетинг, модели инноватсионӣ, ҳукумати рақамӣ.

## ИННОВАЦИОННОЕ УПРАВЛЕНИЕ ПРИОРИТЕТНЫМИ НАПРАВЛЕНИЯМИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматриваются некоторые вопросы, связанные с необходимостью внедрения инноваций, основы формирования инновационной экономики, а также новые управленческие, организационно-экономические механизмы инновационной деятельности в экономике Республики Таджикистан. Авторы отмечают, что внедрение инновационного менеджмента является основой экономического развития и положительно влияет на формирование и дальнейшее развитие экономики, промышленных предприятий и платных услуг, а также управления инновационными процессами в приоритетные отрасли экономики. Поэтому в статье особое внимание уделено значению инновационного управления приоритетными отраслями национальной экономики и внедрению инновационных технологий, переходу национальной экономики на инновационную модель развития, научно-техническим достижениям и роли государства в управлении инновационной экономикой.

**Ключевые слова:** инновации, современные технологии, научно-технические, промышленность, платные услуги, научные исследования, управление, социально-экономическое развитие, интернет-маркетинг, инновационная модель, цифровое правительство.

## INNOVATIVE MANAGEMENT OF PRIORITY AREAS OF THE NATIONAL ECONOMY

The article discusses some issues related to the need to introduce innovations, the foundations for the formation of an innovative economy, as well as new managerial, organizational and economic mechanisms for innovation in the economy of the Republic of Tajikistan. The authors note that the introduction of innovation management is the basis of economic development and has a positive effect on the formation and further development of the economy, industrial enterprises and paid services, as well as the management of innovation processes in priority sectors of the economy. Therefore, the article pays special attention to the importance of innovative management of priority sectors of the national economy and the introduction of innovative technologies, the transition of the national economy to an innovative development model, scientific and technological achievements and the role of the state in managing an innovative economy.

**Keywords:** innovations, modern technologies, scientific and technical, industry, paid services, scientific research, management, social and economic development, internet marketing, innovation model, digital government.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Умаров Ҳоҷимуҳаммад* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **900 99 26 10**
***Носирзода Ҳусейни Саъдулло* –** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **nosirzoda.0707@mail.ru**. Телефон: **903-03-30-35**

**Сведения об авторах:** ***Умаров Ходжимухаммад*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономической географии и туризма. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **900 99 26 10**
***Носирзода Хусейни Садулло*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры экономической теории. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе улица Нахимова, 64/14. E-mail: **nosirzoda.0707@mail.ru.** Телефон: **903-03-30-35**

**Information about the authors:** ***Umarov Khodzhimuhammad* -** Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Geography and Tourism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 900 99 26 10**
***Nosirzoda Husseini Sadullo* -** Tajik State Financial and Economic University, applicant for the Department of Economic Theory. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe Nakhimov street, 64/14. E-mail: **nosirzoda.0707@mail.ru. Phone: 903-03-30-35**

ТДУ 338.48

# ЗАМИНАҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ПЕШОМАДҲОИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Асрорзода У.С.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иқтисодии худ қадамҳои устувор ниҳода, ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла сайёҳӣ диққати муҳим медиҳад. Сайёҳӣ падидаи беназири иҷтимоию иқтисодие дар миқёси ҷаҳонӣ мебошад, ки таҳкими робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии байни кишварҳо ва халқҳои ҷаҳон ба рушди устувори он мусоидат мекунад. Ин падидаро метавон ҳамчун омили ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат баррасӣ кард.

Мавқеъ ва мартабаи ояндаи соҳаи сайёҳиро дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат ба инобат гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба муҳиммии масъалаи рушди ин соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ таъкид менамоянд. Бешак, метавон бо боварии комил тасдиқ кард, ки маҳз ташаббус ва иқдомҳои созандаи Президенти мамлакат дар солҳои охир ба рушди сайёҳӣ ҳамчун соҳаи ояндадори иқтисодиёти кишвар боис шудаанд.

Яке аз иқдомҳои асосӣ, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такон бахшид, ин аз ҷониби Сарвари давлат эълон гардидани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» мебошад, ки ҳангоми ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2017 муаррифӣ гардид [14]. Ҳамчунин бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои рушди сайёҳӣ ва бо назардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 26 декабри соли 2018 ироа гардид, солҳои 2019-2021-ро ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд [15]. Бо ҳамин дар мамлакат раванди ислоҳоти соҳаи сайёҳӣ авҷ гирифт. Дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ, ки ба рушди босуръати тамоми минтақаҳои кишвар мусоидат карда метавонад, эътироф мешаванд. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар мамлакат аз соли 2017 шуруъ карда, шумораи ширкатҳои сайёҳӣ тамоюли устувор ба зиёдшавӣ дорад (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд (воҳид)**
**Diagram 1. Number of travel companies operating in the Republic of Tajikistan (units)**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [12,с.183; 13]

Ҳамин тариқ, аз диаграммаи 1 ба назар мерасад, ки дар давраи аз соли 2017 то соли 2022 шумораи ширкатҳои сайёҳӣ аз 91 воҳид ба 242 воҳид расидааст (беш аз дуюним маротиба зиёд шудааст). Вале агар шумораи сайёҳони хориҷиро, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, дар давраи мазкур таҳлил кунем, мебинем, ки дар солҳои 2020-2021 ин нишондиҳанда паст шудааст (дар соли 2021 нисбат ба соли 2019 ба андозаи 4,2 маротиба). Албатта, сабаби кам шудани шумораи сайёҳони ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташрифоварда дар ин давра пандемияи COVID-19 мебошад, ки дар саросари ҷаҳон фаъолнокии сайёҳиро паст кардааст. Баъди ба эътидол омадани вазъи эпидемологӣ нишондиҳандаи мазкур боз баланд шуда, дар соли 2022 қариб ба 1 млн. нафар расидааст (диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. Воридшавии сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор нафар)**
**Diagram 2. Arrival of foreign tourists to the Republic of Tajikistan (thousands of people)**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [11; 12,с.183]

Бояд қайд кард, ки бо сабаби пандемияи COVID-19 соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат ҳисороти ҷиддӣ дидааст. Аз ҷумла, яке аз нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ - даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ, ки дар соли 2019 маблағи 24,5 млн. сомониро ташкил медод, дар соли 2020 ба андозаи 3,2 маротиба кам шуда, маблағи 7,7 млн. сомониро ташкил додааст (диаграммаи 3). Вале, тавре аз диаграмма ба назар мерасад, қимати ин нишондиҳанда аллакай дар соли 2021 баланд шуда, ба 12,8 млн. сомонӣ расидааст.

**Диаграммаи 3. Тағйирёбии даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ (ҳазор сомонӣ, бе андоз аз арзиши иловашуда)**
**Graph 3. Change in income from tourism services (thousand somoni, excluding value added tax)**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [12,с.183]

Дар пасманзари иқдомҳои созандаи Сарвари давлат, ба хотири рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои субъектҳои бозори сайёҳӣ баъзе имтиёзҳои андоз ва гумрукиро ҷорӣ намудааст. Ҳамин тариқ, дар асоси муқарраротти моддаи 189 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкатҳои сайёҳии навтаъсис дар давоми 5 соли аввали фаъолияти худ аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (андоз аз фоида) озод карда мешаванд. Мутобиқи нишондоди моддаи 251 кодекси мазкур воридоти таҷҳизот, техника, масолеҳи сохтмонӣ ва дигар молҳо барои эҳтиёҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ (меҳмонхонаҳо, санаторияҳо ва дигар иншоот) бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ намешавад [5]. Ҳамчунин, дар асоси моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Точикистон аз боҷҳои гумрукӣ озод кардани воридоти таҷҳизот, техника, масолеҳи бинокорӣ ва дигар молҳо барои эҳтиёҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонахои инфрасохтори сайёҳӣ муқаррар гардидааст [6].

Таваҷҷуҳи хоса, ки Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба соҳаи сайёҳӣ зоҳир менамоянд, ба хотири боз ҳам рушд додани иқтисодиёти миллӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолии кишвар равона гардидааст. Рушди сайёҳӣ боиси дигаргуниҳои созанда барои баланд бардоштани самараи иқтисодии кишвар ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва иқлими гуворои он мегардад. Сайёҳӣ ба тамоми дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва инфрасохтори он таъсир расонида, дар натиҷа ба рушди умумии иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад.

Дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зикр гардидааст, ки соҳаи сайёҳӣ дар замони муосир яке аз самтҳои сердаромадтарини иқтисодиёти ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, таъмини шароити мусоид барои рушди сайёҳӣ ва такмили сиёсати давлатии идоракунии соҳа, ки ҳадафи он таъмини рушди устувори соҳаи сайёҳии кишвар ба ҳисоб меравад, аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳими сиёсати иқтисодию иҷтимоии мамлакат мебошад [18].

Дар баробари таваҷҷуҳи давлат, ба хотири рушди соҳаи сайёҳӣ омӯзиш, ҷустуҷӯ, дарёфти роҳҳо ва воситаҳои нави ҳалли масъалаҳои мубрами иқтисодӣ дар самти ташкил ва идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ (туроператорҳо, агентиҳои сайёҳӣ) ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ зарур аст. Масъалаҳои мазкур диққати олимон ва пажӯҳишгарони соҳаи иқтисодиётро ба худ ҷалб намуда, таҳқиқи заминаҳои иқтисодӣ ва омилҳо, муайян кардани пешомадҳои рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори онро мубрам мегардонанд. Бидуни таҳлили шароити иқтисодии ташаккул ва рушди соҳаи сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, идоракунии босамари ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ шудан ба ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар самти сайёҳӣ ғайриимкон аст.

Солҳои охир дар адабиёти илмии кишвар, махсусан дар асарҳои олимони иқтисоддон омӯзиши васеи ҷанбаҳои иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ ба назар мерасад. Дар ин самти таҳқиқот метавон асарҳои олимон ва пажуҳишгарон Х.Ҳ. Алишоев [1], М.С. Ғафорова [2], Б.Ҳ. Каримов [3], А.А. Мирзоалиев [10], М.А. Раҳимов [4], С.К. Ризоева [17], Қ.Х. Хушвахтзода [20] ва дигаронро қайд кард. Бо вуҷуди авҷи таҳқиқи ҷанбаҳои иқтисодии ташаккул ва рушди сайёҳӣ дар адабиёти иқтисодии кишвар, ҳануз омилҳо, заминаҳои иқтисодӣ ва пешомадҳои рушди сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиётноки иқтисодиёти миллӣ пурра таҳқиқ нашудаанд.

Аз омӯзиши асарҳои мазкур маълум мегардад, ки бо вуҷуди имконият ва захираҳои бойи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди сайёҳӣ, «истифодаи нооқилонаи захираҳои сайёҳӣ, рушди нобасандаи иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ва идоракунии номуносиби онҳо имкон намедиҳад, ки кори босамари корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ таъмин карда шавад. Аз сабаби сатҳи пасти рушди иншооти инфрасохтор, аз ҷумла инфрасохтори нақлиётӣ, захираҳои мавҷудаи рушди сайёҳӣ ба таври муносиб истифода намешаванд» [4,с.181].

Дарвоқеъ, ҳануз дар мамлакат соҳаи сайёҳӣ ба дараҷаи рушде нарасидааст, ки ба иқтидори захиравии худ мувофиқ бошад. Аз сабаби набудани инфрасохтори муносиби

хитзматрасонии сайёҳӣ, номукаммалии механизмҳои танзими давлатии идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар сатҳҳои ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, набудани ҳавасмандӣ барои ҷалби сармояи хусусӣ ба рушди соҳа, истифода нашудани усулҳои босамари таҳлили иқтисодии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, муҳайё набудани шароити мусоид барои будубоши сайёҳон, иншооти сайёҳӣ барои соҳибкорон ва мизоҷон – сайёҳони хориҷӣ ва шаҳрвандони мамлакат дастнорас боқӣ мемонанд.

Омили муҳим барои рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ мавҷуд будани захираҳои сайёҳӣ ҳамчун ҳадафи асосии сайёҳон барои ташриф овардан ба иншооти сайёҳӣ мебошад. Омил дар сайёҳӣ - шарт ё ҳолати муайяни амалияи пешбурди фаъолияти сайёҳӣ мебошад, ки заминаҳои рушди онро бунёд мекунад.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сарватҳои табиию иқлимӣ, ҷуғрофӣ ва таърихию фарҳангӣ бо ҳам рост омадаанд. Ҳудуди кишварро асосан куҳҳо ташкил медиҳанд (93%-и масоҳати кишвар маҳалҳои кӯҳӣ мебошанд). Манзараҳо, олами наботот ва ҳайвоноти куҳсор нотакрор ва дилкаш аст. Дар маҳалҳои кӯҳӣ дарёҳо, кӯлҳо, пиряххо, чашмаҳои обҳои гарм ва шифобахш зиёд мебошанд. Маҳз ҳаминҳо таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷӣ ва дохилиро ба вуҷуд оварда, муҳимтарин нишондиҳандаҳои иқтисодии сайёҳӣ, аз қабили шумораи сайёҳон, нархи хизматрасониҳои сайёҳӣ, иншооти сайёҳӣ, маконҳои ташрифоварии сайёҳон ва интихоби мавсимии онҳо, давомнокии будубош ва дигар афзалиятҳои сайёҳонро муайян мекунанд. Бинобар ин, соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ бояд бо ҳамаҷониба ба ҳисоб гирифтани захираҳои сайёҳӣ дар тамоми қаламрави кишвар ва омилҳои ба истифодаи оқилонаи онҳо таъсиррасон асос ёбад.

Дар адабиёт барои таснифи гурӯҳҳои асосии омилҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва тамоюлҳои рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ таъсир мерасонанд, асосан ду равиш истифода мешавад. Мувофиқи равиши якум омилҳое, ки ба рушди сайёҳӣ таъсир мерасонанд аз ҷиҳати тағйирёбӣ ҷудо карда мешаванд: собит ва тағйирёбанда [8,с.104].

Гурӯҳи омилҳои собит маҷмуи омилҳои табиию иқлимӣ, ҷуғрофӣ ва фарҳангию таърихиро дар бар мегирад, ки аз вақт вобаста набуда, хосияти доимӣ ва бетағйирӣ доранд. Онҳоро инсон ба эҳтиёҷоти сайёҳӣ мутобиқ ва барои истифода дастрас мегардонад. Омилҳои табиию иқлимӣ ва ҷуғрофӣ дар табиати дилкаш ва нотакрор, иқлими ба саломатии инсон созгор, сохти сатҳи замин ва манзараи маҳал, сарватҳои табиӣ (ғорҳо, чашмаҳои обҳои гарм ва маъданӣ ва ғ.) ифода меёбанд. Иншооти сайёҳиеро, ки дар асоси омилҳои табиию иқлимӣ ва ҷуғрофӣ фаъолият мекунанд, сайёҳон асосан ба хотири солимгардонӣ, барқарорсозии саломатӣ ва рушди ҷисмонии худ интихоб мекунанд. Сарватҳои фарҳангию таърихӣ, ёдгориҳои меъморӣ, зиёратгоҳҳо низ ҳамчун омилҳои собит тасниф карда мешаванд ва тамошои онҳоро сайёҳон ба хотири рушди маънавии худ мепазиранд. Бо баланд шудани сатҳи дониш ва маърифати аҳолӣ аҳамияти захираҳои фарҳангию таърихӣ барои сайёҳон бештар мегардад.

Ба гурӯҳи омилҳои тағйирёбанда омилҳои демографӣ (афзоиши шумораи аҳолӣ, афзоиши аҳолӣ дар шаҳрҳо бо назардошти кам шудани аҳолии деҳот, тағйирёбии таркиби синнусолии аҳолӣ), иҷтимоӣ (баланд шудани сатҳи некуаҳволии аҳолии дохилӣ ва хориҷӣ), иқтисодӣ (дигаршавии сохтори истеъмоли молҳо ва хизматрасониҳо, зиёд шудани ҳиссаи хизматрасониҳои сайёҳӣ дар таркиби сабади истеъмолӣ), фарҳангӣ (баланд шудани сатҳи фарҳанги аҳолии мамлакатҳои гуногун, ҳавасмандӣ ба сафар, тамошо ва ошноӣ бо фарҳанги дигарон), моддию техникӣ ва сиёсӣ дохил мешаванд. Онҳо «метавонанд арзиш ва аҳамияти гуногуни дар замон ва макон тағйирёбанда дошта бошанд» [16,с.136].

Тавре пажӯҳишгарон С.М. Курбанова ва К.К. Акназаров қайд мекунанд, асоси рушди сайёҳиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омилҳо ташкил медиҳанд: кам кардани номутаносибии байни захираҳои табиӣ ва дараҷаи истифодаи онхо;

тарғиби маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳии миллӣ бо мақсади ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони хориҷӣ; дастгирии давлатии корхонаҳои сайёҳӣ ва инфрасохтори онҳо [9,с.58].

Рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат аз мавҷуд будани имконияти моддӣ барои будубош ва зисти сайёҳон (меҳмонхонаҳо), муассисаҳои савдо, тарабхонаҳо ва дигар иншооти хизматрасонӣ ба сайёҳон дар маҳали мазкур, сифати хизматрасонӣ дар иншооти сайёҳӣ, зарфияти маҳал барои қабул ва ҷойгир кардани сайёҳон, вазъи экологӣ, сатҳи рушди умумии иқтисодиёт, таъмин будани маҳал бо захираҳои меҳнатӣ ва имконияти молиявии минтақа вобаста мебошад.

Мувофиқи маълумоти оморӣ ҳоло (ба ҳолати 1 марти соли 2023) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 242 ширкатҳои сайёҳӣ фаъолият доранд, ки аксари онҳо (112 воҳид) дар шаҳри Душанбе, 50 воҳид - дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 43 воҳид – дар вилояти Суғд ҷойгир шудаанд (диаграммаи 4).

**Диаграммаи 4. Ширкатҳои сайёҳие, ки дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд (воҳид)**
**Diagram 4. Travel companies operating in the regions of the Republic of Tajikistan (units)**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [13]

Равиши дуюм барои таснифи омилҳои рушди сайёҳӣ ҷудо намудани онҳо ба намудҳои берунӣ ва дохилӣ мебошад. Ин омилҳо бевосита бо соҳаи сайёҳӣ алоқаманд нестанд.

Омилҳои берунӣ ба рушди сайёҳӣ ва фаъолияти корхонаҳои соҳа тавассути дигаргуниҳои демографӣ ва иҷтимоӣ - синну соли аҳолӣ, шумораи аҳолии дорои шуғл (аз ҷумла, занҳо), маҳдудият дар муҳоҷирати аҳолӣ, барвақт ба нафақа баромадан, давомнокии рухсатиҳои меҳнатӣ, давраҳои ба рухсатӣ баромадан ва ба ҳиссаҳо тақсим кардани рухсатӣ, огоҳ будан ва маълумот доштани аҳолӣ дар бораи имкониятҳои сайёҳии маҳал, сатҳи зиндагии оилаҳо дар маҳалҳои ҷойгиршавии иншооти сайёҳӣ ва дигар нишондиҳандаҳо таъсир мерасонанд [19,с.85].

Омилҳои беруние, ки ба рушди сайёҳӣ таъсир мерасонанд, инчунин омилҳои иқтисодӣ ва молиявиро дар бар мегиранд, ба мисли: беҳбуд (бадшавӣ)-и вазъи иқтисодӣ ва молиявӣ, афзоиш (камшавӣ)-и даромадҳои шахсии аҳолӣ: талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳо дар иншооти сайёҳӣ вобаста ба қисми даромаде, ки барои истироҳат ва солимгардонӣ ҷудо мегардад. Баланд шудани сатҳи таҳсилот, дониш, маърифат, фарҳанг ва эҳтиёҷоти зебоишиносии аҳолӣ – омилҳои иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳӣ мебошанд. Ҳамчун унсури эҳтиёҷоти зебоишиносӣ метавон рағбати одамонро ба шинос шудан бо тарзи ҳаёт, таърих, фарҳанг ва шароити зисту зиндагонӣ дар маҳалҳо ва кишварҳои гуногун баррасӣ кард. Рушди инфрасохтори нақлиёт ва савдо, беҳгардии шароити амнияти сайёҳӣ ва сафар низ ба омилҳои берунии рушди сайёҳӣ мансуб мебошанд.

Дар байни омилҳои беруние, ки ба рушди сайёҳӣ таъсир мерасонанд, омили мавсим мақоми махсус дорад. Ҳаҷми фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ вобаста ба мавсими сол метавонад тағйир ёбад. Маъмурияти онҳо ба хотири паст кардани сатҳи таназзули мавсимии талабот ба хизматрасониҳои сайёҳӣ дар фаъолияти худ тадбирҳои зарурирo роҳандозӣ мекунанд, чун ҷорӣ намудани тафовутҳои мавсимии нархҳо: баланд бардоштани нархҳо дар мавсими авҷи эҳтиёҷ ба сайёҳӣ; паст кардани нархҳо дар мавсими таназзули эҳтиёҷ ба сайёҳӣ; нархҳои муътадили байнимавсимӣ. Ҳамин гуна ҳолатҳо дар ҳамаи иншооти сайёҳӣ – осоишгоҳҳо, санаторияҳо, истироҳатгоҳҳо, маҷмааҳои варзишию солимгардонӣ, меҳмонхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешаванд.

Омилҳои дохилӣ ба рушди сайёҳӣ ва фаъолияти корхонаҳои соҳа бевосита таъсир мерасонанд. Онҳо падида ва тамоюлоти калидии дар соҳаи сайёҳӣ зоҳиршаванда буда, пеш аз ҳама шароити моддию техникиеро, ки барои рушди сайёҳӣ дар маҳалҳои алоҳида муҳим мебошанд, дар бар мегиранд. Дар навбати худ, шароити моддию техникӣ барои рушди сайёҳӣ аз иқлим, табиат ва ҷойгиршавии ҷуғрофии маҳал, таъмин будани ин ё он маҳали кишвар бо захираҳои сайёҳӣ ва истифодаи босамари иқтидори сайёҳии маҳал, вазъи сиёсӣ дар кишвар ва атрофи он, вазъи иқтисодӣ ва некуаҳволии шаҳрвандон вобаста мебошад. Аз ҳама муҳим барои рушди сайёҳӣ дар шароити имрӯза – суботи сиёсӣ мебошад. Субот – «гарави истироҳати осоиштаи мардум буда, онро бо пойдории сохти ҷамъиятӣ таъмин кардан мумкин аст» [7,с.37].

Омилҳои асосии ин гурӯҳ бо рушди фаъолияти корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, ки ба сайёҳон хизматрасонӣ мекунанд (субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ) - меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, марказҳои муолиҷавӣ ва дармонгоҳҳо, хонаҳои истироҳатӣ, пансионатҳо, пойгоҳҳои сайёҳӣ, инчунин ташкилотҳои нақлиётӣ, хӯроки омма, савдо ва дигар муассисаҳои соҳаҳои хизматрасонӣ алоқаманд мебошанд.

Ба ҳолати 1 марти соли 2023 дар мамлакат 295 воҳид субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ, аз ҷумла 187 меҳмонхона, 52 осоишгоҳ, 29 ҳостел ва мотел, 8 хонаи истироҳатӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳ, 6 осоишгоҳ ва лагери кӯдакона, 5 пойгоҳи сайёҳӣ ва 1 пансионат фаъолият мекунанд (диаграммаи 5).

**Диаграммаи 5. Шумораи субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ (воҳид)**
**Diagram 5. Number of tourism service entities (unit)**




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [11]

Дар байни омилҳои дохилие, ки ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ таъсир мерасонанд, нақши омилҳои бозори сайёҳӣ назаррас аст. Аз ҷумла, чунин омилҳо аз хосияти бозори сайёҳӣ вобаста буда, ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва иншооти инфрасохтори он таъсири муҳим мерасонанд [8,с.105]:

- вазъи талабот ва таклифот дар бозори сайёҳӣ;

- таҳкими ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳо ва таназзули инҳисор дар бозори сайёҳӣ;

- ҷалби соҳибкории хусусӣ ба бозори сайёҳӣ;

- саҳми воситаҳои ахбори омма ва робита бо ҷомеа дар равандҳои пешниҳод ба бозор, таблиғ ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ;

- истифодаи босамари захираҳои инсонӣ (баланд бардоштани саҳм ва нақши кормандон дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва сифати хизматрасонии онҳо, рушди касбияти кормандон, фарҳанги соҳибкорӣ ва хизматрасонӣ ба сайёҳон).

Истифодаи босамари захираҳои инсонӣ дар шароити муосир яке аз омилҳои асосии рушди сайёҳӣ мебошад. Бо вуҷуди анъанаҳои ғании меҳмоннавозӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол фарҳанги мувофиқи соҳибкорӣ вуҷуд надорад.

Бояд гуфт, ки ҳайати кормандон дар ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун унсури таркибии маҳсулот ва хизматрасониҳо ба ҳисоб рафта, яке аз захираҳои асосии таъминкунандаи бартариҳои рақибона дар бозори сайёҳӣ мебошанд. Бинобар ин, сифати хизматрасониҳо дар субъектҳои бозори сайёҳӣ бевосита аз сатҳи кордонӣ ва салоҳиятнокии касбии ҳайати кормандон вобаста мебошад. Ба шарофати муомилаи хуби кормандон, сатҳи баланди ахлоқ ва фарҳанги онҳо сифати баланди хизматрасониҳои ба сайёҳон пешкашшаванда таъмин мегардад. Дар асоси ин гуфтаҳо метавон тасдиқ кард, ки имрӯз яке аз вазифаҳои муҳимтарин барои маъмурияти ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои бозори сайёҳӣ баланд бардоштани сатҳи дониш, кордонӣ, фарҳанги муошират ва хизматрасонии кормандон мебошад. Ангеза барои иҷрои вазифаи мазкур албатта истифодаи усулҳои ҳавасмандгардонии кормандон барои аз худ кардани донишҳои касбӣ ва фарҳанги хизматрасонӣ ба мизоҷон (сайёҳон) мебошад. Ба ин хотир, маъмурияти субъектҳои бозори сайёҳӣ метавонанд чунин усулҳои ҳавасмандгардонии моддии кормандонро истифода баранд: ҳисобузам кардани музди меҳнат бо иловаи фоиз аз фурӯши роҳхатҳои сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, подошҳои якдафъаинаи пулӣ, пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷубронпулиҳо, имтиёзҳо ва пардохтҳои иловагии бо қонунгузории меҳнат пешбинигардида.

Дар доираи иҷрои ҳадафҳои Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2022, №17 дар заминаи Муассисаи давлатии таълимиии «Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат» (собиқ Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат) Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ДБССТ) таъсис дода шудааст. Дар донишгоҳи мазкур, ки иқтидори баланди таълимию илмӣ ва пойгоҳи техникии муносиби замонавӣ дорад, кормандон ва мутахассисони болаёқати соҳаи сайёҳӣ омода карда мешаванд. Аз ҷумла, дар донишгоҳ омодасозии мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои муосири соҳаи сайёҳӣ – саёҳат ва меҳмондорӣ, кишваршиносӣ ва сайёҳӣ, иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ, менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат, иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои хоҷагии меҳмондорӣ ва тарабхона, кори осорхона ва ҳифзи ёдгории таърихию фарҳангӣ (мероси фарҳангӣ ва сайёҳӣ), таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ, забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, хитоӣ), полиси сайёҳӣ, сайёҳии осоишгоҳии табобатӣ, тибби сайёҳӣ ба роҳ монда шудааст. Ғайр аз ин, дар факултети муштараки байни Донишгоҳи давлатии сайёҳӣ ва хизмати Россия (РГУТИС, вилояти Москва, округи шаҳрии Пушкин) ва ДБССТ мутахасссисон бо ихтисосҳои туризм, фаъолияти меҳмонхона, сервис омода карда мешаванд.

Дар ДБССТ корҳо барои дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар самти рушди сайёҳӣ ва маориф, баланд бардоштани маърифати соҳибкории сайёҳӣ, ба меъёрҳои стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ сохтани барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳои самти сайёҳӣ шурӯъ гардидаанд. Дар доираи иҷрои корҳои мазкур таҳия ва дар амал татбиқ намудани стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ пешбинӣ гардидааст. Пешбурди корҳо дар ин самт имкон фароҳам месозад, ки дар

донишгоҳ барномаҳои таҳсилотии муштарак бо шарикони хориҷӣ – муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти сайёҳӣ ҷорӣ гардида, табодули академии донишҷӯён, такмили ихтисоси омӯзгорон, таҳсилоти дудиплома ва дуалӣ ба роҳ монда шаванд. Ёдрас бояд шуд, ки бо иҷрои корҳои мазкур то имрӯз аллакай 3 барномаи таҳсилотии ДБССТ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида шудааст ва 10 барномаи таҳсилотии дигар барои гузаштан аз чунин аккредитатсия омода мебошанд. Дар ДБССТ мунтазам машғулиятҳои онлайнии профессорони хориҷӣ аз Донишгоҳи давлатии сайёҳӣ ва хизмати Россия, Донишкадаи давлатии фарҳанги Қазон (Россия), Донишгоҳи Тойо (Япония), Донишгоҳи Бреда (Нидерланд), Донишгоҳи иқтисодиёт, молия ва савдои байналмилалии Қазоқистон ва дигар муассисаҳои таълимию илмӣ баргузор мегарданд.

Соли 2022 дар доираи ҳамкориҳо бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази хизматрасониҳои иттилоотӣ-сайёҳии шаҳри Душанбе дар ДБССТ таъсис дода шуд, ки бо тамоми таҷҳизоти муосири хизматрасониҳои сайёҳӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Ҳамчунин дар дигар муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат, чун Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ раванди таълим ва омодасозии кормандони соҳаи сайёҳӣ ба роҳ монда шудааст. Дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Панҷакент, Ваҳдат ва ноҳияи Варзоб марказҳои таълимии омӯзиши кормандони тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳо ташкил карда шудааст. Хулоса ва вокунишҳои роҳбарон, менеҷерҳои ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ оид ба омодагӣ ва сатҳи хизматрасонии касбии хатмкунандагон ва шунавандагони марказҳои таълимии мазкур дар бештари ҳолатҳо мусбат мебошанд.

Омӯзиши адабиёт ва таҳқиқи вазъ дар бозори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ба хотири рушди муносиби соҳаи сайёҳӣ  чандин омилҳоеро, ки барои фаъолияти босамари ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ монеа эҷод мекунанд, бартараф кардан лозим аст. Аз ҷумла, дар навбати аввал бояд чунин корҳо анҷом дода шаванд:

- такмили таъминоти ҳуқуқии пешбурди фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори он;
- муҷаҳҳазсозӣ ва навкунии пойгоҳи техникии иншооти инфрасохтори сайёҳӣ бо сабаби сатҳи баланди фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии таҷҳизоти онҳо;
- ҷорӣ намудани механизмҳои босамари ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби сармояи давлатӣ ва хусусӣ ба соҳаи сайёҳӣ;
- фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва пурра арзёбӣ кардани иқтидори сайёҳӣ аз нигоҳи ҷолибияти сармоягузории минтақаҳои алоҳидаи кишвар;
- истифодаи шаклҳо ва усулҳои муосири маблағгузории барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ (аз ҷумла маблағгузории лоиҳавӣ, маблағгузории венчурӣ, қарзи инноватсионӣ);
- андешидани тадбирҳо барои тавсеаи ҳавасмандии иқтисодӣ ва ангезаҳои рушди сайёҳии воридотӣ ва дохилӣ;
- истифода аз имкониятҳои маркетинг, таблиғ ва технологияҳои рақамӣ барои ба бозори дохилӣ ва берунӣ пешниҳод кардани маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ;
- вусъат бахшидани раванди сохтмон ва навсозии иншооти инфрасохтори сайёҳӣ (осоишгоҳҳо, пансионатҳо, хонаҳои истироҳатӣ, маҷмааҳои варзишию солимгардонӣ ва ғ.), баланд бардоштани сифат ва фарҳанги хизматрасонӣ ба сайёҳон;
- таҳияи стандартҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи хизматрасониҳои сайёҳӣ;
- бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва истеҳсолӣ дар самти ҷустуҷӯ ва истифодаи захираҳои табиию солимгардонӣ, таҳия ва татбиқи таҷҳизоти технологии муосир, усулҳои нави ташхис, табобат ва солимгардонӣ дар осоишгоҳҳо ва пансионатҳо;
- омодасозӣ ва бозомӯзии кормандони ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ дар асоси барномаҳои нави таҳсилотӣ ва таъминоти илмӣ-методии муосир.

Ташкили рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба рушди намудҳои афзалиятноки сайёҳӣ, ки барои ҳарчи бештар ва ҳамаҷониба истифода кардан аз захираҳои мавҷудаи рушди сайёҳӣ ва корбурди заминаҳои иқтисодии он имконият медиҳанд, асос ёбад. Бо истифодаи дурусти захираҳои сайёҳӣ ва идоракунии оқилонаи ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат метавон рушди бобарори намудҳои барои иқтисодиёти миллӣ афзалиятноки сайёҳӣ - табобатию солимгардонӣ, экологӣ, варзишӣ, кӯҳнавардӣ ва шикорро таъмин кард.

**АДАБИЁТ**


1. Алишоев Х.Ҳ. Сайёҳӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти кишвар / Х.Ҳ. Алишоев, М.А. Раҳимов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. -№4. -С.102-106.
2. Ғафорова М.С. Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.С. Ғафорова // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. -№3(23). -С.193-199.
3. Каримов Б.Ҳ. Сайёҳӣ чун соҳаи афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов, Х.Н. Расулов / Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (27 марти соли 2021, ш. Душанбе). -Душанбе: ДССХ, 2021. -324 с. -С.198-202.
4. Каримов Б.Ҳ. Ҷанбаҳои иқтисодии идоракунӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов, М.А. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. -№3(42). -С.180-188.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__18-03-2022-RT_tj.pdf (санаи муроҷиат: 22.03.2023).
6. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/кодекси-гумруки-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 22.03.2023).
7. Колесников А.М. Анализ факторов, влияющих на развитие рынка туристских услуг / А.М. Колесников // Экономический вектор. – 2017. -№3(10). -С.36-41.
8. Кондрашов Е.Г. Факторы формирования предпринимательства в туристической сфере России / Е.Г. Кондрашов // Известия Волгоградского государственного педагогического университета. – 2011. -№9(63). – С.103-107.
9. Курбанова С.М. Развитие туризма в Республике Таджикистан на основе природно-рекреационных ресурсов / С.М. Курбанова, К.К. Акназаров // Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем. Сб. ст. по материалам LXVIII междунар. науч.-практ. конф. -М.: Интернаука, 2023. -№2(61). -98 с., с. 56-63.
10. Мирзоалиев А.А. Нақши соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар / А.А. Мирзоалиев, А.М. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. -№3(32). -С.138-144.
11. Омори сайёҳӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ctd.tj/site/omori-sayyohi (санаи муроҷиат: 22.03.2023).
12. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – 414 с.
13. Омори ширкатҳои сайёҳӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ctd.tj/safar-ba-tojikiston/shirkathoi-sayyohi/omori-shirkathoi-sayyohi (санаи муроҷиат: 22.03.2023).
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/16771 (санаи муроҷиат: 22.03.2023).
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 22.03.2023).
16. Пшеничных Ю.А. Основные условия, факторы формирования и развития туристского региона / Ю.А. Пшеничных // Известия ТРТУ. - 2004. -№4(39). -С.135-138.
17. Ризоева С.К. Ташаккул ва дурнамои рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон / С.К. Ризоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№3. -С.254-259.
18. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Сарчашмаи электронӣ]. URL: https://ctd.tj/sanadho/qonunho (санаи муроҷиат: 22.03.2023).
19. Тягунова Н.М. Анализ основных факторов и условий развития туристско-рекреационного комплекса Полтавской области / Н.М. Тягунова, О.А. Спорыш // Вестник Белгородского университета потребительской кооперации. – 2010. -№4(36). -С.84-89.
20. Хушвахтзода Қ.Х. Ҷанбаҳои иқтисодии ташкил ва идоракунии рушди соҳаи хизматрасониҳои сайёҳӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Н.Н. Сайфуллоев, З.М. Орзиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№2. -С.154-161.


## ЗАМИНАҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ПЕШОМАДҲОИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати шароити мусоиди иқлимӣ, мавҷудияти захираҳои табиию солимгардонӣ ва осори зиёди таърихию фарҳангӣ заминаҳои пуриқтидор барои рушди сайёҳӣ мавҷуд

аст. Бинобар ин, имрӯз соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок ва ояндадори рушди иқтисодиёти миллӣ эътироф шудааст. Аммо истифодаи ноокилонаи захираҳои сайёҳӣ, рушди нокифояи иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ва идоракунии номуносиби онҳо имкон намедиҳад, ки фаъолияти босамари корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ таъмин карда шавад. Аз сабаби сатҳи пасти рушди иншооти инфрасохтор захираҳои мавҷудаи рушди сайёҳӣ ба таври муносиб истифода намешаванд. Дар мақола заминаҳои иқтисодӣ ва омилҳои ташаккул ва рушди сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ таҳқиқ карда шуда, пешомадҳои рушди он муайян карда шудаанд. Тасдиқ карда шудааст, ки бо истифодаи дурусти сарватҳои табиӣ ва дигар захираҳо метавон дар мамлакат соҳаи сайёҳиро рушд дод. Бе таҳлили шароит ва заминаҳои иқтисодии ташаккул ва рушди сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, инчунин идоракунии босамари фаъолияти субъектҳои бозори сайёҳӣ ноил гардидан ба ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар самти сайёҳӣ ғайриимкон аст. Нишондиҳандаҳои асосии тавсифдиҳандаи вазъи соҳаи сайёҳӣ таҳлил ва арзёбӣ гардида, омилҳои боздорандаи рушди он ошкор карда шудаанд. Дар ин асос ба хотири бартараф намудани омилҳое, ки барои рушди иқтисодии ширкатҳои сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ монеа эҷод мекунанд, тавсия ва пешниҳодҳо таҳия карда шудаанд. Ба масъалаҳои истифодаи босамари захираҳои инсонӣ барои рушди сайёҳӣ, аз ҷумла баланд бардоштани саҳми кормандон дар фаъолияти корхонаҳои соҳа, сифати хизматрасонӣ ва рушди касбияти онҳо, фарҳанги соҳибкорӣ ва хизматрасонӣ ба сайёҳон, инчунин омодасозии мутахассисон барои кор дар соҳаи сайёҳӣ диққати муҳим дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, субъектҳои бозори сайёҳӣ, захираҳои сайёҳӣ, идоракунии босамари ширкатҳои сайёҳӣ, фарҳанги соҳибкорӣ ва хизматрасонӣ ба сайёҳон, сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ.

## ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В Республике Таджикистан, благодаря благоприятным климатическим условиям, наличию природных рекреационных ресурсов и множеству памятников истории и культуры имеется мощная база для развития туризма. Поэтому на сегодняшний день индустрия туризма признана одним из приоритетных и перспективных направлений развития национальной экономики. Однако неразумное использование туристских ресурсов, недостаточное развитие объектов туристской инфраструктуры и ненадлежащее управление ими не позволяют обеспечить эффективную деятельность предприятий сферы туризма. Из-за низкого уровня развития объектов инфраструктуры имеющиеся ресурсы для развития туризма не используются должным образом. В статье рассматриваются экономические предпосылки и факторы становления и развития туризма как приоритетного направления национальной экономики, определяются перспективы его развития. Подтверждено, что туризм можно развивать в стране при правильном использовании природных и других ресурсов. Достижение целей государственной политики в сфере туризма невозможно без анализа экономических условий и предпосылок формирования и развития туризма, повышения качества туристских продуктов и услуг, а также эффективного управления деятельностью субъектов туристического рынка. Проанализированы и оценены основные показатели, характеризующие состояние индустрии туризма, выявлены факторы, тормозящие ее развитие. На этой основе в целях устранения факторов, препятствующих экономическому развитию туристических компаний и предприятий туристической инфраструктуры, разработаны рекомендации и предложения. Особое внимание уделено вопросам эффективного использования человеческих ресурсов для развития туризма, в том числе повышения вклада работников в деятельность предприятий отрасли, качества услуг и их профессионального развития, деловой культуры и обслуживания туристов, а также подготовки специалистов для работы в сфере туризма.

**Ключевые слова:** туризм, туристские фирмы, предприятия туристской инфраструктуры, субъекты туристского рынка, туристские ресурсы, эффективное управление туристскими предприятиями, деловая культура и культура обслуживание туристов, качество туристских продуктов и услуг.

## ECONOMIC BACKGROUND AND PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF TOURISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the Republic of Tajikistan, due to favorable climatic conditions, the presence of natural recreational resources and many monuments of history and culture, there is a strong base for the development of tourism. Therefore, today the tourism industry is recognized as one of the priority and promising areas for the development of the national economy. However, the unreasonable use of tourism resources, the insufficient development of tourism infrastructure facilities and their improper management do not allow for the effective operation of tourism enterprises. Due to the low level of infrastructure development, the available resources for tourism development are not used properly. The article discusses the economic prerequisites and factors for the formation and development of tourism as a priority area of the national economy, and determines the prospects for its development. It is confirmed that tourism can be developed in the country with the proper use of natural and other resources. Achieving the goals of state policy in the field of tourism is impossible without an analysis of the economic conditions and foundations for the formation and development of tourism, improving the quality of tourism products and services, as well as effective management of the activities of tourism market entities. Analyzed and evaluated the main indicators characterizing the state of the tourism industry, the factors hindering its development. On this basis, in order to eliminate factors hindering the economic development of tourism companies and tourism infrastructure enterprises, recommendations and proposals have been developed.

Particular attention is paid to the effective use of human resources for the development of tourism, including increasing the contribution of employees to the activities of industry enterprises, the quality of services and their professional development, business culture and tourist services, as well as training specialists for work in the tourism sector.
**Keywords:** tourism, tourism firms, tourism infrastructure enterprises, tourism market entities, tourism resources, effective management of tourism enterprises, business culture and tourist services, quality of tourism products and services.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Асрорзода Убайдулло Саттор*** **–** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, ректор. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **ubaydullo08051986@mail.ru.** Телефон: **(+992) 907-50-15-66**

**Сведения об авторе:** ***Асрорзода Убайдулло Саттор*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор экономических наук, ректор. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **ubaydullo08051986@mail.ru.** Телефон: **(+992) 907-50-15-66**

**Information about the author:** ***Asrorzoda Ubaidullo Sattor*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Economics, Rector. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5. E-mail: **ubaydullo08051986@mail.ru.** Phone: **(+992) 907-50-15-66**

ТДУ: 336; 658(575.3)

# УСУЛИ НАВОВАРИҲО БА ЛИЗИНГИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОӢ

*Юсуф Раҳмон Азим*

**Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Фаъолияти комплекси авиатсионӣ дар пешрафти ҳар давлат нақши муҳимро мебозад, ва дар рушди ҳаракати аҳолӣ ва афзоиши некуаҳолии кишвар масъул аст. Аз сабаби масъулияти баланди марбут ба бехатарии ҳаёти инсон ва саҳми назаррас дар иқтисоди ҷаҳонӣ ин соҳа ва ҷанбаҳои он таваҷҷуҳи илмӣ доранд.

Нақлиёт ба соҳаи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ таъсири бисёрҷониба мерасонад. Рушди нақлиёт дар баробари дигар воситаҳои алоқа на танҳо азхудкунии босуръати фазои географӣ, балки сифатан беҳтар шудани иқтисодиётро ҳам муайян мекунад. Фаъолияти комплекси нақлиётӣ омили асосии рушди иқтисодиёт ва ҷамъият мегардад. Дар сатҳи микроиқтисодӣ аҳамияти низоми тақсимоти мол дар афзоиши нақши илм ва воситаи тиҷорат - логистика зоҳир мешавад, ки вазифаи асосии он нақлиёт мебошад. Логистика тамоми роҳи ҳаракати ҷузъҳои моддии раванди истеҳсолотро аз истихроҷи ашёи хом то баровардани маҳсулоти тайёр ва расонидани онҳо ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ ба назар мегирад [15,с.116]. Арзиши умумии чунин ҳаракат ба 50% тамоми хароҷот мерасад. Ин инчунин бо истифодаи «усули TDC» (total distribution cost) дар амалияи тиҷоратӣ мебошад, яъне ба идоракунӣ ва оптимизатсияи хароҷоти тақсимот марбут аст. Азбаски қобилияти тиҷорати рақобаткунанда барои кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ тадриҷан паст мешавад, назорати хароҷоти нақлиёт ба ҷои аввал меояд [1].

Саноати авиатсияи гражданӣ (пеш аз ҳама шаҳрвандӣ) як тиҷорати камдаромад аст - ширкатҳо ба хатарҳои зиёд ба монанди: тағйирёбии нархи сӯзишворӣ, қурби асъор, таъсироти беруна ва ғайра дучор мешаванд. Ҳамаи ин ба устувории ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва қобилияти иҷрои уҳдадориҳои худ таъсир мерасонад. Агар ба омор назар кунем метавонем шумораи зиёди ширкатҳои ҳавопаймоиро пайдо кунем, ки дар тӯли 10 соли охир муфлисшавиро аз сар гузаронидаанд ва аксари муфлисшавӣ ҳам барои истеъмолкунандагони маҳсулот ва ҳам барои мақомоти авиатсия ҳайратовар аст. Дар навбати худ даст кашидан аз иҷрои уҳдадориҳо ба оқибатҳои ҷиддӣ оварда мерасонад: зарурати содироти мусофирон ва маблағгузории нақлиёт, ҳалли масъалаҳои ҳисобу китоб бо кредиторон, бо кор таъмин намудани кормандон ва ғайра мебошад.

Дар рушди тиҷорати байналмилалӣ дар доираи иқтисоди ҷаҳонӣ лизинг бо суръат рушд ёфта, яке аз омилҳои муҳиме мегардад, ки аз фаъолшавии равандҳои сармоягузорӣ аз он вобастаанд. Сабаб он аст, ки дар бисьёр мамлакатҳо татбиқи маблағгузориҳои реалӣ аз ҳисоби қарзҳои сармоявӣ, маблағгузории давлатӣ ва истифодаи маблағҳои худи корхонаҳо маҳдуд аст.

Лизинг ба маънои муосир дар миёнаҳои солҳои 50-ум дар Иёлоти Муттаҳида пайдо шуд ва рушд ёфт. Бартарии назаррас - ин эътироф намудани лизинг ҳамчун манбаи прогрессивии сармоягузорӣ барои навсозии таҷҳизот ва ҳавасмандгардонии истифодаи он тавассути ҷорӣ намудани барномаи махсуси рушд буд. Пас аз 10 сол дар муносибатҳои лизинг инқилоби воқеӣ ба амал омад, лизинг дар Аврупо, пеш аз ҳама дар Фаронса, Британияи Кабир, Олмон, Швейтсария, Австрия паҳн шуд ва ҳаҷми сармоягузорӣ ба таҷҳизот тавассути лизинг 5 маротиба афзуд [3]. Воситаҳои истеҳсолот, таҷҳизоти технологӣ, автомашинаҳо, киштиҳо, ҳавопаймоҳо ва ғайра ба таври оммавӣ ба иҷора дода мешуданд. Танҳо дар охири соли 1970-ум амалиётҳои лизингӣ дар Ҷопон истифода карда шуданд. Чунин таъхир аз сабаби иқтисодиёти пӯшида ва қафомондаи ҳамонвақтаи Ҷопон буд ва нахостани он ба воридшавии фазои иқтисодии ҷаҳонӣ шарҳ додан мумкин аст. Пас аз истифодаи бомуваффақияти лизинг дар ИМА, Аврупо ва Ҷопон он босуръат паҳн мешавад, тағйир ва такмил меёбад ва шаклҳои нав мегирад. Дар ҷадвали 1 марҳилаҳои рушди бозори ҷаҳонии лизинг оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Марҳилаҳои рушди бозори ҷаҳонии лизинг [13]**
**Table 1. Development stages of the global leasing market**

| Давра | Кишварҳо |
|---|---|
| Аввали соли 1950 | США |
| Охири соли 1950 | Австралия, Канада, Британияи Кабир |
| Соли 1960. | Олмон, Фаронса, Австрия, Швейтсария, Ҷопон |
| Солҳои 1970–80 | Мамлакатҳои тараққикардаи Осиё ва Америкаи Лотинӣ |
| Охири соли 1980 – замони ҳозира | Мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ, мамлакатҳои ИДМ, мамлакатҳои Осиё ва Африқо |

Дар бозори муосири ҷаҳонии хизматрасониҳои лизингӣ субъектҳои зиёда аз ҳаштод кишвари ҷаҳон ба ин ё он дараҷа иштирок мекунанд. Бозори хизматрасониҳои лизингӣ асосан дар марказҳои иқтисодии ҷаҳон: ИМА, Аврупои Ғарбӣ ва Осиё ҷамъ шудааст, ки тақрибан 90% муомилот ба онҳо рост меояд ва ҳиссаи чоргонаи беҳтарин (ИМА, Ҷопон, Британияи Кабир ва Олмон) беш аз 70% мебошад [13].

Дар баробари ин сохтори соҳавии амалиёти лизингӣ вобаста ба минтақаи мушаххас фарқ мекунад, зеро ҳар як бозорҳои минтақавии хизматрасонии лизингӣ, ки имрӯз инкишоф ёфтаанд, як қатор хусусиятҳои хос, аз ҷумла тартиби ҳуқуқӣ доранд. Сохтори бозори муосири ҷаҳонии хизматрасониҳои лизингӣ дар расми 1 ба таври схематикӣ инъикос ёфтааст.

**Расми 1. Сохтори бозори ҷаҳонии лизинг [6]**
**Figure 1. Structure of the global leasing market**




Амалия нишон медиҳад, ки яке аз калонтарин иттиҳодияҳои лизингии байналмилалӣ дар бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои умумии лизинг ширкати «Leaseurope» мебошад, ки фаъолияти 46 иттиҳодияҳои-аъзоро зиёда аз 30 кишвари Аврупоро ҳамоҳанг месозад. Ин иттиҳодияи мазкур хидматрасонии лизингиро барои иҷораи мошинҳо ба муҳлатҳои гуногуни амалиёти иҷора пешниҳод мекунад ва дар соли 2013 ин иттиҳодия фаъолияти беш аз 1350 ширкати лизингиро дар Аврупо ва беш аз 500 ширкати иҷораро ҳамоҳанг кардааст. Соли 2014 шумораи ширкатҳои лизингӣ то 1400 адад афзоиш ёфтанд. Ширкатҳо-азоёни иттиҳодияи «Leaseurope» зиёда 90% хидматрасониҳои лизингиро дар аврупо иҷро менамояд [1].

Дар навбати худ бозори авиализинг низоми мураккабро ташкил карда, аз зернизомҳо иборат мебошад, ки ҳар яке аз онҳо сохтори мустақили соҳибкории сатҳи поёнӣ мебошанд. «Худи сегментатсияи бозори лизинги авиатсионӣ метавонад аз рӯи хусусиятҳои гуногун ба монанди: навъҳои ҳавопаймоҳо, намудҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва масофаи хатсайрҳо, намудҳои худи лизинг, ҳаҷми даромади ширкатҳои лизингӣ, ҷуғрофияи лизинг асос ёбад. Яъне, агар таъсири ин ё он омил ба як сегменти лизинги авиатсионӣ мусбат бошад, ба афзоиши (рушди) он мусоидат намояд, ҳамон омил метавонад дар сегменти дигар бо оқибатҳои муқобил, рӯҳафтодакунанда амал кунад» [12].

Дар раванди таҳлили ҳамаҷонибаи динамикаи бозори лизинги авиатсионӣ маҷмӯи пурраи нишондиҳандаҳо ва усулҳои гуногун истифода мешаванд. Дар байни онҳо таҳлили SWOT ва Porter’s Five Forces Analysis, таҳлили нарх ва ғайра истифода мешаванд.

Авиапарки умумии байналмилалӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои омории соли 2016 - 9 589 ҳавопайморо ташкил кард, ки онҳо дар иҷораи 108 ширкатҳои тиҷоратии аз 143 мамлакати ҷаҳон, ки ба 772 хатсайр парвоз менамоянд иборат буд. Фармоишҳои умумии ин иҷорадеҳ дар ҳамон рӯз 2738 ададро ташкил доданд. Синни миёнаи ҳавопаймоҳои ба иҷора гирифташуда 11,4 солро ташкил дод.

Дар баробари ин 5,7% тамоми флот дар захира буд ва ба истифода дода нашуд [16]. Бозори лизинги ҳавоӣ мутамарказ шудааст: шумораи зиёди ҳавопаймоҳо ба шумораи маҳдуди ширкатҳои иҷорадиҳанда таaллуқ доранд (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳое, ки ба динамикаи лизинги авиатсионӣ таъсир мерасонанд аз рӯи минтақаҳои ҷаҳон, дар соли 2015**

**Table 2. Indicators affecting the dynamics of aviation leasing by world region, in 2015**

| Минтақа | Аҳолӣ, млн. нафар | Нақлиёти ҳавоӣ, мусофирони кашонидашуда, млн. нафар | Туризми байналмилалӣ, хароҷоти нақлиёти мусофиркашонӣ, млн. долл. | Нақлиёти ҳавоӣ, боркашонӣ миллион т-км | ММД ба ҳар сари аҳолӣ, ҳаз. долл. | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | *Усули Atlas* долл. | мувофиқи ППС, байналмилалӣ долл. |
| Америкаи Шимолӣ | 357 | 878,5 | 43626 | 39293,7 | 54,3 | 55,2 |
| Иттиҳоди Аврупо | 509 | 653,4 | 69553 | 33339,9 | 34,4 | 37,6 |
| Аврупо ва Осиёи Марказӣ | 907 | 878,8 | 80283 | 42641,6 | 24,1 | 29,5 |
| Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ | 424 | 217,2 | 14138 | 28509,1 | 8,2 | 18,8 |
| Осиёи Шарқӣ ва Уқёнуси Ором | 2 279 | 1043,4 | 43712 | 66350,7 | 9,6 | 15,7 |
| Америкаи Лотинӣ ва баҳри Кариб | 632 | 260,2 | 16568 | 5730,8 | 8,9 | 15,3 |
| Африқои Ҷанубӣ | 55 | 17,2 | 3145 | 885,2 | 6,1 | 12,8 |
| Осиёи Ҷанубӣ | 1744 | 117,8 | … | 2619,2 | 1,5 | 5,6 |

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст дар асоси: [16,с.124].

Минтақаҳо дар ҷадвали 2 инъикос ёфта дар шакли раддабандӣ оварда шудаанд: аз рӯи даромади умумии миллӣ, бо дарназардошти таносуби қобилияти харидорӣ (ППХ) бо доллари ИМА. Дар баробари ин, тақсимоти минтақавӣ ба муносибати созмонҳои низоми СММ асос ёфтааст. Илова ба макроминтақаҳо, Иттиҳоди Аврупо (ИА) барои таҳлили муқоисавӣ таъкид шудааст.

Дар бозори ҷаҳонии лизинги авиатсионӣ ба динамика ва сохтори он омилҳои сершумори дорои хусусияти макроиқтисодӣ ва ҳам бахши истеъмолӣ таъсир мерасонанд. Ки бахши истеъмолӣ – ин даромади аҳолӣ, сатҳ ва сифати зиндагии аҳолиро дарбар мегирад, ки яке аз хусусиятҳои муосири он зарурати сафар ҳамчун шакли босуръат инкишофёфтаи фароғат мебошад. Бешубҳа, афзоиши интиқоли мусофирон ба ҳаҷми парки авиатсионӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва мутаносибан ба афзоиши лизинги ҳавоӣ, аз ҷумла байналмилалӣ, бевосита таъсир мерасонад.

Дар Тоҷикистон қабл аз таҷдиди сохтор, КВД «Тоҷик Эйр» аз ҷиҳати интиқоли мусофирон ва боркашонӣ пешсаф буд. Парки авиатсионии КВД «Тоҷик Эйр» аз ҳавопаймоҳои зерин иборат буд: ТУ-154М, ТУ-154Б, ТУ-134, АН-26, АН-24, ЯК-40, МИ-8т, МИ-8мтв. Синну соли миёнаи парки авиатсионӣ 20 сол буд ва ба навсозӣ ниёз дошт. Бо мақсади баланд бардоштани бехатарии авиатсионӣ ва бехатарии парвозҳо, Созмони байналмилалии авиатсияи гражданӣ ва Eurocontrol талаботи навсозии ҳавопаймоҳоро эълон карданд. Барои азнавсозии ҳавопаймоҳо, насб кардани таҷҳизоти иловагӣ лозим буд:

1. TCAS - ин низоми огоҳи кардани ҳайати ҳавопаймо оиди хатари бархӯрди эҳтимолӣ бо дигар ҳавопаймоҳо дар дохили минтақаи муҳофизатшаванда пешбинӣ шудааст;

2. Низоми KLN 90 – ё ННС (низоми навигатсияи спутникӣ). Айни замон онҳо низоми воситаҳои техникиро барои аниқтар муайян кардани ҷойгиршавии ҳавопаймоҳо, инчунин, дигар хусусиятҳои навигатсионӣ ифода мекунанд.

Бозори лизинги ҳавопаймоии Тоҷикистон аз соли 2008 оғоз шуд. Ширкати ҳавопаймоии КВД «Тоҷик Эйр» ҳавопаймоҳҳои Boeing -757200, соли истеҳсолаш 1992, ва ҳавомаймои Boeing -737 300, 1991 соли истеҳсолаш бо маблағи 37 059 798,00 млн. доллари ИМА ба иҷораи молиявӣ гирифт. Ширкати дуввуми миллии ҳавопаймоии «Сомон Эйр» соли 2006 ҳамчун як ширкати хусусӣ таъсис ёфтааст. Ширкати "Сомон Эйр" фаъолияти худро бо ду ҳавопаймои Боинг-737300 оғоз кард, ки солҳои 1993 ва 1994 истеҳсол шуда буданд. Дар робита ба идоракунии самараноки тавсеаи ҷуғрофиёи парвозҳо ва афзоиши ҳаҷми гардиши мусофирон ва идоракунӣ, ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» ду ҳавопаймои Боинг-737 800, соли 2010, ду ҳавопаймои дигари Боинг-737 900 ба лизинг гирифт, бевосита бо истехсолкунандаи - ширкати «Боинг» шартнома баста шуд. Дар тули понздаҳ сол, дар асоси идоракунии самараноки фаъолияти ширкати ҳавопаймоӣ, ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид: сатҳи хизматрасонии мусофирон дар ҳавопаймо; арзиши хариди қисмҳои эҳтиётӣ ва таъмири ҳавопаймо кам карда шуд; аъзои Ассотсиатсияи байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ (IATA) гардид ва соҳиби шаҳодатномаи IATA шуд (Сомон Эйр аввалин ширкати миллии ҳавопаймоӣ мебошад, ки сертификати IATA гирифтааст) [14].

Ин имконият дод, ки: ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ зиёд карда, дараҷаи бехатарии парвозҳо баланд бардошта, ҷуғрофияи парвозҳо ба мамлакатҳои дури хориҷӣ васеъ карда шавад. Аз сабаби ба охир расидани захираҳои ҳавопаймо ва муҳлати қобили парвоз зарурияти нав кардани парки он ба миён омад. Авиализинг механизми идоракунии воситаҳои авианақлиётро беҳтар менамояд. Ва дар ин робита, дар маҷмуи тадбирҳои такмили механизми идоракунии низомҳои нақлиёти ҳавоӣ се блоки асосии тадбирҳоро метавон ҷудо кард:

1. Интегратсия ба низоми ҷаҳонии нақлиёти ҳавоӣ ва гузариш ба технологияҳои нави иттилоотӣ барои идоракунии бонкҳои маълумот ва захираҳо дар низомҳои нақлиёти ҳавоӣ;

2. Муайян намудани равишҳои умумӣ барои ҳалли мушкилоти мушаххас дар асоси рақамикунонии ҳамаҷонибаи расмиёти пешгӯии ҳаракати нақлиёт, фармоиши хизматрасонӣ, мониторинги ҳолати молиявӣ ва схемаҳои технологии низомҳои нақлиёти ҳавоӣ ва ғайра;

3. Оптимизатсия ва ратсионализатсияи интихоби низомҳое, ки истифодабарии усулҳои умумии барномасозии математикиро бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳангоми интихоби гуногунрангии истифодаи қоидаҳои қабули қарорҳо имкон медиҳанд.

Мушкилоти асосӣ дар он аст, ки низомҳои миллии нақлиёти ҳавоӣ доираи хизматрасониро аз ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирӣ самаранок идора намекунанд, аз имкониятҳои бозори ҳамлу нақли ҳавоӣ, ки ҳам тамоми мусофирон ва ҳам борҳоеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби ширкатҳои маҳаллӣ ва дохилии Тоҷикистон ворид ва ё хориҷ мешаванд, пурра истифода бурда намешавад ва низомҳои нақлиёти ҳавоии хориҷӣ, мунтазам меафзоянд. Бинобар ин, суръати рушди ин бозор дар Тоҷикистон бо суръати бештаре афзоиш меёбад, чуноне, ки саноати ҷаҳонии нақлиёти ҳавоӣ нишон медиҳад. Дар баробари ин, низоми авиатсияи маҳаллӣ ба таҳлил ва пешгӯии талабот дар сегментҳои бозори истеъмолӣ аҳамияти кофӣ намедиҳанд, маҳсулоти тафриқашавандаро бо назардошти хусусиятҳои талабот идора мекунанд, равишҳои анъанавии сегментатсияи бозорро дар таҳияи стандартҳои синфҳои хидмат истифода мебаранд. Аз ин сабаб, комплекси нақлиёти ҳавоии ҷумҳуриро ҳамчун унсури муҳиме баррасӣ кардан лозим аст, ки коркарди иловагии таҳияи шароити муфиди дастрасии таъминкунандагон ба бозори маҳаллӣ тақозо менамояд, ки пайдоиши дурнамои нави бозорро таъмин намуда, вазъи мавҷудаи бозорҳои дохилӣ ва байналмилалиро беҳтар мекунад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Ғаниев Р.Ғ.**

## АДАБИЁТ


1. Артамонов Б.В. Конъюнктура мирового рынка воздушных перевозок. Методология изучения, закономерности и проблемы развития / Б.В. Артамонов. -М.: Международные отношения, 1986.
2. Бегмуродов С.Ш. Роль государства в развитии в сферы транспортных услуг. [Текст] / Бегмуродов С.Ш. // Вестник технологический университет Таджикистана. –Душанбе, 2022. -№4(51).
3. Бизнес в стиле диджитал. [Электронный ресурс]. URL: www.sap.com/cis/index.epx (дата обращения 20. 12.2022).
4. Бобоев К.О. Эффективность функционирования и развития региональной транспортной инфраструктуры: на материалах Республики Таджикистан: диссертация ... кандидата экономических наук / К.О. Бобоев. - Душанбе, 2016. -217 с.
5. Бобоев Ш.К. Основные направления лизинга сельскохозяйственной техники / Ш.К. Бобоев, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Кишоварз. – 2014. -№4. -С.44-45.
6. Качаровский В. Преимущества ИТ в авиации «смазывает человеческий фактор» // CNews Analytics: [Электронный ресурс]. URL: http: // www.cnews.ru (дата обращения 20. 12.2022)
7. Материалы годовых отчетов авиакомпании “Сомон Эйр” с 2006 до 2018гг.
8. Мирзоева Д.П. Оценка состояния и тенденции развития гражданской авиационной деятельности в Республике Таджикистан / Д.П. Мирзоева // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия: Экономика. -Душанбе, 2011. -№2(42). -С.149-158.
9. Мухамедова Ш.С. Таҳлили вазъи хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.С. Мухамедова, М.М. Алибаева, Б.М. Дустматов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. -Душанбе: Ирфон, 2020. -№4/1(33). -С.84-88.
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллии – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23.12.2022. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/29823
11. Руфи А. Инновационное развитие транспорта Таджикистана / Руфи А. // Экономика Таджикистана. - 2022. -№2. -С.69-77.
12. Силуанов А.А. Тенденции развития мирового рынка авиализинга: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / А.А. Силуанов. -М., 2017. -175 с.
13. Синицкий А. Инвестиции в «цифру» // Деловой авиационный портал: [Электронный ресурс]. URL: http: //www.ato.ru (дата обращения 15.06.2022г.).
14. Civil Aviation Statistics of the World and ICAO staff // International Civil Aviation Organization. - 2016. [Электронный ресурс]. URL: http://data.worldbank.org/indicator/is.air.psgr (дата обращения: 04.12.2022).
15. Ivanenko I.A., & Voznyi I.V. (2016) Анализ развития мирового рынка лизинговых услуг. Scientific studies: from theory to practice, 2(2), 115-118. Cheboksary: SCC “Interaktiv plus”, LLC.
16. Sutton, M. Aviation Market Overview / M. Sutton // Airfinance Journal Fleets. - 2016. -Vol. 4. -P.14–17.


## УСУЛИ НАВОВАРИҲО БА ЛИЗИНГИ НАҚЛИЁТИ ҲАВОӢ


Дар мақолаи мазкур мушкилоти масъалаҳои ширкатҳои миллии ҳавопаймоӣ ва роҳҳои ҳали он бо восситаи авиализинг, ва инчунин сохтори рушди бозори ҷаҳонии авиализинг баррасӣ шудааст. Авиализинг механизми идоракунии воситаҳои авианақлиётро беҳтар менамояд. Ва дар ин робита, дар маҷмуи тадбирҳои такмили механизми идоракунии низомҳои нақлиёти ҳавоӣ се блоки асосии тадбирҳоро метавон ҷудо кард. Суръати рушди ин бозор дар Тоҷикистон бо суръати бештаре афзоиш меёбад, чуноне, ки саноати ҷаҳонии нақлиёти ҳавоӣ нишон медиҳад. Дар баробари ин, низоми авиатсияи маҳаллӣ ба таҳлил ва пешгӯии талабот дар сегментҳои бозори истеъмолӣ аҳамияти кофӣ намедиҳанд, маҳсулоти тафриқашавандаро бо назардошти хусусиятҳои талабот идора мекунанд, равишҳои анъанавии сегментатсияи бозорро дар таҳияи стандартҳои синфҳои хидмат истифода мебаранд. Аз ин сабаб, комплекси нақлиёти ҳавоии ҷумҳуриро ҳамчун унсури муҳиме баррасӣ кардан лозим аст, ки коркарди иловагии таҳияи шароити муфиди дастрасии таъминкунандагон ба бозори маҳаллӣ тақозо менамояд, ки пайдоиши дурнамои нави бозорро таъмин намуда, вазъи мавҷудаи бозорҳои дохилӣ ва байналмилалиро беҳтар мекунад. Омилҳои таъсиррасон ба ширкатҳои ҳавопаймоии миллӣ ва ҷаҳонӣ ошкор карда шуданд. Сабабҳои рушди самараноки ширкати ҳавопаймоии миллии Тоҷикистон муайян карда шуд.



**Калидвожаҳо:** авиализинг, инноватсия, авиализинги ҷаҳонӣ, авиатсияи граждани, тиҷорати ҷаҳонӣ, ширкати ҳавопаймоӣ, навоварӣ, ҳавопаймо, мусофиркашонӣ.


## ИННОВАЦИОННЫЙ ПОДХОД К ЛИЗИНГУ АВИАЦИОННОГО ТРАНСПОРТА


В данной статье рассматриваются проблемы национальных авиакомпаний и пути их решения средствами авиализинга, а также структура развития мирового рынка авиализинга. Авиализинг совершенствует механизм управления воздушным транспортом. И в связи с этим в комплексе мероприятий по совершенствованию механизма управления авиатранспортными системами можно выделить три основных блока мероприятий. Развитие этого рынка в Таджикистане растет опережающими темпами, о чем свидетельствует мировая авиатранспортная отрасль. В то же время местная авиационная система не уделяет должного внимания анализу и прогнозированию спроса в сегментах потребительского рынка, управляет дифференцированной продукцией с учетом особенностей спроса, использует традиционные подходы сегментации рынка при разработке стандартов классов обслуживания. По этой причине авиатранспортный комплекс республики следует рассматривать как

важный элемент, требующий дополнительного развития благоприятных условий для выхода поставщиков на местный рынок, что обеспечивает появление новых рыночных перспектив и улучшает текущее состояние внутреннего и международного рынков. Выявлены национальные и международные авиалинии. Определены причины эффективного развития национальной авиационной компании Таджикистана.

**Ключевые слова:** авиализинг, инновация, мировой авиализинг, гражданская авиация, мировой бизнес, авиакомпания, модернизация, самолёты, пасажиропоток.

**INNOVATIVE APPROACH TO AIR TRANSPORT LEASING**

In this article, the problems of national airline companies and ways to solve them with the means of air leasing, as well as the structure of the development of the global air leasing market are discussed. Avialising improves the mechanism of air transport management. And in this regard, three main blocks of measures can be distinguished in the set of measures to improve the management mechanism of air transport systems. The rate of development of this market in Tajikistan is growing at a faster rate, as the global air transport industry shows. At the same time, the local aviation system does not pay enough attention to the analysis and forecasting of demand in consumer market segments, manages differentiated products taking into account the characteristics of demand, uses traditional approaches of market segmentation in the development of service class standards. For this reason, the republic's air transport complex should be considered as an important element that requires additional development of favorable conditions for suppliers to access the local market, which ensures the emergence of new market prospects and improves the current state of the domestic and international markets. national and international airlines were revealed. The reasons for the effective development of the national aviation company of Tajikistan were determined.

**Keywords:** aviation leasing, innovation, global aviation leasing, civil aviation, global business, airline, modernization, aircraft, passenger traffic.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Юсуф Раҳмон Азим* -** Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, ходими калони илмӣ. **Суроға**: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44. Телефон: **904024000.** E-mail: **rahmonovv71@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Юсуф Рахмон Азим* -** Института экономики и демографии НАНТ, старший научный сотрудник. **Адрес**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Айни, 44. Телефон: **904024000.** E-mail: **rahmonovv71@mail.ru**

**Information about the author:** ***Yusuf Ramon Azim* -** Institute of Economics and Demography of the National Academy of Science, senior researcher**. Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Aini, 44. Phone: **904024000.** E-mail: **rahmonovv71@mail.ru**

ТДУ: 311:314.1 (575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ВОРИДОТИ МАБЛАҒҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Одинаев М.А., Табарзода О.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъзе аз олимону коршиносон бар он ақидаанд, ки маблағҳои ҳарсола интиқолшудаи шахсони воқеӣ аз хориҷа на он қадар ба муҳоҷирони меҳнатӣ мансубият дорад ва қисми зиёди чунин маблағҳоро ҳиссаи соҳибкорон ва дигар шахсони ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Ба ақидаи мо, муҳоҷират яке аз омилҳои муҳимтарини ҷуброни нобудшавии табиии аҳолӣ ва дастгирии баланд бардоштани неруи меҳнатӣ гардидааст. Тавсифи моҳияти иҷтимоиву иқтисодии муҳоҷирати меҳнатӣ, таъсири он ба ташаккулёбии бозори меҳнат ва иқтисоди кишварҳои содиркунанда оварда мерасонад. Вобаста аз ин пешниҳод мегардад, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳошияи мубодилаи меҳнатӣ ҳамчун яке аз шаклҳои муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ баррасӣ карда шавад [16,с.120-129].

Чунин баҳсҳо тайи солҳои охир давом доранд ва мақсади асоси иборат аз он аст, ки фарқияти маблағҳои воридшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун шахсони воқеӣ ва маблағҳои воридшудаи дигар шахсони воқеию ҳуқуқӣ тавассути ҳисоби бонкӣ аз якдигар фарқкунанда мебошанд.

Ҳамзамон, дар асоси маълумоти коршиносони бонк қайд кардан лозим аст, ки маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва дигар шахсони воқеӣ ба ҳисоби алоҳидаи бонкӣ ворид мегардад ва он алоҳида буда, ба маблағҳои воридшудаи шахсони ҳуқуқӣ аз ҳисоби соҳибкорон иртибот надорад ва дар бонкҳо ҳисоби онҳо алоҳида мебошад.

Барои муайян кардани масъалаи гузошташуда, мо кӯшиш намудем, ки усулҳои воридот ва содироти маблағҳоро аз тарафи шахсони воқеӣ, ки муҳоҷирони меҳнатӣ маҳз ба чунин гурӯҳи шаҳрвандон дохил мегарданд, бо дарназардошти тартиби кор ва фикру ақидаи кормандони бонкӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем. Ба ҳамагон маълум аст, ки маблағҳои яквақта интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба ватанашон миқдори на он қадар калонро дар бар мегирад ва андозаи яккарата ирсолшудаи маблағи муҳоҷирон тақрибан 500-1000 доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Ин гуна миқдори маблағ ба ҳисоби шахсии дар бонк будаи аъзои оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ё ба номи ӯ мутобиқи шиносномаи шаҳрвандӣ ворид мешавад.

Аммо маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ дар мисоли соҳибкорон, ки суратҳисоби ҷории корхонаю ширкатҳои худро дар бонкҳо кушодаанд, маҳз ба ҳисоби онҳо ворид мешавад ва ҳеҷ мумкин нест, ки ҳамаи маблағҳои воридшудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар як ҳисоби бонкӣ гузошта шуда бошанд. Ба ғайр аз муҳоҷирони меҳнатӣ, инчунин, ҳамватанони бурунмарзӣ ва диаспораҳо низ ба хешу таборон ва наздикони худ маблағи муайянро интиқол медиҳанд ва ин маблағ ҳам аз номи шахси воқеии дар хориҷа буда ба номи шахсии шаҳрванди кишварамон, яъне ба ҳисоби бонкии шахси воқеӣ ворид мегардад, на ин ки аз ҳисоби бонкии шахси ҳуқуқии дар хориҷа буда ба ҳисоби шахсии шаҳрвандони кишварамон.

Вобаста ба ин, дар ҳамаи системаҳои бонкӣ ҳисоби шахсии шаҳрвандон ҳамчун шахси воқеӣ аз суратҳисоби шахсони ҳуқуқӣ дар мисоли соҳибкорон аз ҳамдигар ҷудо карда шудааст ва ҳаҷми маблағи онҳоро дар якҷоягӣ ҳисобу китоб намудан ба тартибу методикаи фаъолияти бонкӣ қобили қабул набуда, инчунин, аз воқеият дуру номумкин мебошад. Масъалаҳои таҳлили омории вазъи демографии муҳоҷирати меҳнатӣ, таълимӣ ва шуғли аҳолӣ вобаста ба омилҳо ва роҳҳои ҳалли он дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт доимо зери назорат ва таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Дар давраи шароити инноватсионӣ ва бақарори рукнҳои иқтисодӣ, бозори истифодаи самараноки қувваҳои корӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, инчунин, таъмини гуногунсамтии муҳоҷирати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа бо

як қатор давлатҳои хориҷӣ санадҳою созишҳои ҳамкорӣ баста шудаанд ва онҳо амал доранд [8,с.184-191].

Омӯзиши асосҳои назариявии дараҷаи маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва таъсири он ба вазъи иқтисодии давлатҳои қабул ва интиқоли муҳоҷирон нишон медиҳад, ки сатҳи ҷараёни маблағҳои гузаронидашуда аз шароит ва имкониятҳои муҳоҷирон ҳангоми сафар дар хориҷа вобастагӣ дорад. Яъне, то кадом андоза муҳоҷирон даромад доштанд ва чи гуна тавонистанд аз ин даромад пасандоз намоянд, ки як қисмати онро ба ватанашон интиқол диҳанд. Ба ғайр аз он, ҳаҷми интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ аз давомияти муҳлати кории онҳо дар хориҷа вобаста аст, зеро дар ҳолати муддати зиёд кор кардани муҳоҷирони меҳнатӣ, эҳтимолияти бештар равон кардани маблағ ба ватан вуҷуд дорад. Чунки дар ин гуна муддати тулонӣ ва фаъолияти кории бобарор мумкин аст ҳаҷми пасандоз зиёдтар гардад. Яке аз усулҳои муайян ва муқаррар кардани ҷараёни интиқоли маблағҳо, ин таҳлили далелҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад.

Дар адабиёт қайд менамоянд, ки интиқоли маблағҳо сирф бо хоҳиши худ ва дар асоси манфиати шахсӣ, инчунин, мутобиқи қарордоди ғайрирасмӣ бо аъзоёни оила, ки дар зодгоҳи муҳоҷирони меҳнатӣ зист менамоянд, анҷом дода мешавад. Илова бар он, яке аз омилҳои муҳимми миллии тоҷикон, ин иҷро кардани қарзи фарзандӣ дар назди падару модар ва дигар аъзоёни оилаи муҳоҷирон мебошад, ки бо дарназардошти урфу одатҳои миллӣ, усулҳои интиқоли маблағ аз хориҷа ба ватан мавриди амал қарор дода мешавад.

Доир ба ин мавзуъ олими англис Старк (1996) иброз менамояд, ки назарияи умумии интиқоли маблағҳо вуҷуд надорад, зеро он дар ҳар як давлат метавонад бо дарназардошти урфу одат ва хусусиятҳои табиии миллату халқиятҳо ба амал оварда шавад. Яке аз хусусиятҳои интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ ба ватанашон, ин ирсол кардани маблағи нақд тавассути хешу таборон, шиносон, ҳамкорон ва соҳибкороне, ки бо давлати қабули муҳоҷирон фаъолияти кории худро ба роҳ мондаанд, ба ҳисоб меравад.

Дар навбати худ муҳоҷирони меҳнатӣ сабаби тавассути бонкҳо равон накардани маблағҳоро дар баланд будани хизмати комиссионии онҳо маънидод менамоянд, гарчанде дар баъзе мавридҳо интиқоли пули нақд хатарҳои худро дорад.

Доир ба масъалаи мазкур соҳибкорони шиноси ватаниро ҳамчун мисол гирифтан мумкин аст, ки онҳо барои дастрас намудани 1000 доллари муҳоҷирон ба аъзои оилаашон, аз муҳоҷирони меҳнатӣ барои хизматрасонӣ тақрибан 20-30 доллар мегиранд [18]. Чунин ҳаҷми хизматрасонии соҳибкорон барои муҳоҷирони меҳнатӣ манфиатбахш мебошад ва аз ин хотир, муҳоҷирон бештар ҳамин роҳро интихоб менамоянд.

Бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодии дар солҳои охир ба амал омада, ғайриманфиатбахш будани қурби асъор барои муҳоҷирон ва аъзои оилаашон, инчунин, монополияи давлатии бисёр кишварҳо дар соҳаи интиқоли бонкӣ муҳоҷирони меҳнатиро маҷбур месозад, ки роҳҳои дигари “боваринок”-ро ҷиҳати дастрас кардани маблағ аз хориҷа ба ватанашонро истифода баранд. Вазъи имрӯзаи ҷаҳонро оид ба паҳншавии “коронавирус” ба инобат гирифта, хулоса кардан мумкин аст, ки соли 2020 интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳамаи кишварҳо коҳиш меёбад. Агар суръати афзоиши муҳоҷирони меҳнатӣ барои солҳои 2010-2013 30,2%-ро ташкил карда бошад, пас суръати афзоиши интиқоли маблағҳо дар ин давра 86,4%-ро ташкил мекунад, ки афзоиши миёнаи мутлақи он 415,888 млн доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Дар соли 2016 нисбатан ҳам муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳам интиқоли маблағҳо коҳиш ёфтааст. Дар соли 2017 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳудудҳои Федератсияи Русия дар ҳаҷми 2,536 млрд. доллари ИМА маблағ интиқол гардид, ки ҳаҷми он дар соли 2016-ум 1,929 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медод. Аз ин ҷо бар меояд, ки суръати афзоиши он 31,47%, ё 607 млн доллари ИМА-ро ташкил додааст. Мутобиқи маълумоти Бонки марказии Федератсияи Россия, дар се моҳи аввали соли 2020 интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ба хонадонашон дар ҳаҷми 22% нисбат ба ҳамин давраи соли

2019 паст гардидааст. Дар соли 2021 бошад, нисбат ба соли 2020 боз ба болорави расид [4,с.160-167].

Ҳамзамон, олимону коршиносон қайд менамоянд, ки рақамҳои дар боло овардашудаи интиқоли маблағҳои муҳоҷирон воқеияти масъаларо нишон намедиҳанд, чунки хизматрасониҳои бонкӣ муҳоҷирони меҳнатиро қаноатманд намекунанд ва онҳо бо ҳар гуна дигар тарзу усулҳои ғайрирасмӣ маблағҳоро ба кишварашон интиқол медиҳанд ва ин ҳолат хусусиятҳои хосси интиқоли маблағро дар сатҳи байнидавлатӣ ба амал меоварад. Маълумотҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки тамоюли афзоиши тамоми захираҳои меҳнатӣ аз афзоиши қувваи корӣ ва аҳолии машғулбуда пеш меравад. Ҳамзамон, шумораи бекорони расман эътирофшуда дар давраи зикршуда (2011-2017) -5,5% коҳиш ёфтааст [12,с.80-88].

Дар бисёри давлатҳои Осиёи Марказӣ тартиби гузаронидан ва супоридани маблағҳоро шадид намуданд, ки он бар хилофи меъёрҳои байналхалқӣ мебошад. Ин гуна давлатҳо шаҳрвандонро маҷбур менамоянд маблағҳои аз хориҷа воридшударо бо асъори маҳаллӣ ва қурби аз тарафи давлат муқарраршуда бигиранд, ки дар бисёри мавридҳо он бархилофи манфиати шаҳрвандон мебошад. Вобаста ба он, ки муҳоҷирони меҳнатӣ маоши худро дар шароити вазнину меҳнати тоқатфарсо ба даст меоранд, албатта онҳо кӯшиш мекунанд, ки аз чунин муносибати системаи бонкӣ дур шаванд.

Хизматрасонии ғайриманфиатбахши системаи бонкҳо муҳоҷирони меҳнатиро маҷбур сохт, ки тайи солҳои охир боз як хусусияти навро ихтироъ намоянд, ки он дар байнашон ҳамчун муносибати пулӣ ба тарзи “ҳавола” қабул шуда истодааст. Яъне, ин хусусияти интиқоли маблағ системаи ҳисоббаробаркунии тарафайнро дар назар дорад ва он ба чунин тарз амалӣ карда мешавад: муҳоҷир маблағи коркардаи худро ба шахси боваринок месупорад ва ӯ ба миёнараве, ки дар зодгоҳи муҳоҷир зисту фаъолият дорад, занг зада супориш медиҳад, ё ба ӯ ҳавола мекунад, ки маблағро дар ҳаҷми гирифташуда ба хонадони муҳоҷир дастрас намояд [19].

Чунин ҳисоббаробаркунии тарафайн дар давлатҳои Шарқи Наздик, кишварҳои Арабистон ва Ҳиндустон дар давраҳои пешини асрҳои миёна вуҷуд дошт ва баъд аз гузашти садсолаҳо муҳоҷирон маҷбур ҳастанд, ки боз ба ин гуна муносибати пулӣ ва хусусияти ғайрибонкӣ баргарданд. Бояд қайд кард, ки чунин мисолҳо маҳз соли 2020 бо сабаби паҳншавии касалии “коронавирус” хеле зиёд гардиданд. Зеро, ҷойивазкунии шаҳрвандон дар сатҳи байналхалқӣ манъ шуда буд ва тарзу усули “ҳавола”, ки аз назорати давлату бонкҳо озод мебошад, хусусан талабгор буд.

Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтан мумкин аст, ки дар дохили кишвар шумораи зиёди бонкҳо фаъолият доранд, аз қабили: Амонатбонк, Спитаменбонк, ҶДММ ТАҚХ “Душанбе Сити” ҶСК “Бонки Эсхата” тариқи ин низомҳо Вестерн Юнион, Юнистрим, Контакт, Анелик ва ғайраҳо, ки бо ҳар гуна восита ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва шаҳрвандони кишварамон хизматрасонӣ менамоянд. Лекин, он бонкҳое, ки метавонанд ҳавасмандию хизматрасонии беҳтарро бо сарфаи ками маблағи комиссионӣ барои муҳоҷирон ва аъзои оилаашон пешниҳод намоянд, ҳамон бонкҳо муштариёни зиёдро ба худ ҷалб менамоянд ва вазъи иқтисодии бонкиро баланд мебардоранд. Тайи солҳои охир бо сабабҳои маълум бовари шаҳрвандон ба бонкҳои кишварамон хеле паст гардидааст ва дар чунин ҳолат бонкҳо бояд методҳои муосири фаъолиятро ба роҳ монда, бовари шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва муҳоҷиронро ба худ баргардонанд.

ҶДММ ТАҚХ “Душанбе Сити” барои муштариёни худ модели муосири интиқоли маблағ аз Руссия ва дигар давлатҳои ИДМ -ро пешниҳод менамояд. Модели мазкур аз рӯи тенденсияи қулай, ки ҳам барои интиқолдиҳанда ва ҳам барои қабулкунанда муфид ва дастрас аст, суръат мегирад.

Ҳамёнҳои электроние, ки дар қаламрави Федератсияи Русия аз қабили “Сбер-онлайн, Киви кошелёк, Тинкоф” ва дигар бонкҳои ИДМ ҳамкориро ба роҳ монда метавонад, дар як пахш кардани тугмача (клик) маблағи дилхоҳро ба корти миллии истифодабарандагони кишвар ирсол менамоянд.

Рушди бозори кортҳои пардохтии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳимтарин дар ҳалли масъалаи рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҷиҳати коҳиш додани ҳаҷми пули нақд дар муомилот мебошад.

Тибқи талаботи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ», ва моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», Бонки миллии Тоҷикистон раванди додани иҷозатномаи фаъолияти оператори низоми пардохтиро амалӣ намуда истодааст.

Ба ҳисоби миёна дар як ҳафта интиқоли маблағ аз Федератсияи Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи як муҳоҷир 5000 (панҷ ҳазор рубли русиро) ташкил медиҳад, ки аз 97311 нафар дар як моҳ тақрибан 75 миллиону. 999 ҳазору 981 сомонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мегардад. Дар шароити набудани ҷойҳои корӣ ва сатҳи пасти даромаднокии оилаҳо, пулҳои интиқолшавандаи муҳоҷирон бевосита ба хароҷотҳои хонаводаҳо таъсири мусбӣ расонида истодааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки оилаҳои гирандаи маблағҳо аз муҳоҷирӣ на камтар аз ду маротиба зиёдтар хароҷотҳои истеъмолӣ доранд, нисбат ба оилаҳое, ки манбаи даромад аз муҳоҷирӣ надоранд. Аз сабаби зиёд будани афзоиши табиӣ ва паст будати сатҳи бакортаъминкунии аҳолӣ, шумораи бекорони воқеӣ дар ҷумҳурӣ афзуда истодааст. Дар ҳолати зиёд шудани муҳоҷирони меҳнатӣ сатҳи бекорӣ дар мамлакат кам мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба ташкили ҷойҳои нави корӣ диққати махсус дода истодааст [17,с.23].

Бинобар сабаби зиёд шудани ҳаҷми ММД, ба сари аҳолӣ камшавии фоизи интиқоли маблағҳои муҳоҷиронро дар ММД-и кишвар нишон медиҳад. Дар тадқиқотҳои илмии олимон тасдиқ гардидааст, ки якбора зиёд шудани ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ба пайдошавии баъзе мафҳумҳои иқтисодӣ, ҳамчун «Бемории Ҳолландӣ» яъне афзоиши нархи мол ва хизматрасониҳо ё ин ки сатҳи сустшавии қурби асъор, ки ин дар навбати худ ба бадшавии вазъи содирот ва сатҳи пасти рушди истеҳсоли маҳсулотро мефаҳмонад, оварда мерасонад.

Вобаста ба ин, аз ҳисоби рушди сатҳи истеъмолоти дохилӣ, пулҳои интиқолнамудаи муҳоҷирон ба ММД-и мамлакат бештар таъсири мусбӣ дорад ва ҳамзамон, метавонад ба иқтисодиёти миллии давлат таъсири манфӣ низ дошта бошад.

Омилҳои таъсири мусбӣ ва манфии маблағҳои интиқолшавандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин тарз ифода меёбад:

- зиёдшавии даромади аҳолӣ ва пастшавии сатҳи камбизоатӣ;
- афзоиши ҳаҷми воридоти мамлакат;
- афзоиши ММД;
- зиёдшавии сатҳи нобаробарии тавозуни пардохт;
- зиёдшавии истеъмолоти дохилӣ;
- долларизатсияи иқтисод;
- рушди истеҳсолоти ватанӣ аз ҳисоби зиёдшавии талабот;
- зиёдшавии ҳаҷми асъори хориҷӣ дар дохили мамлакат;
- манбаъи устувори даромади асъори хориҷӣ дар ҷумҳурӣ;
- вобастагии мамлакат аз иқтисодиёти беруна ва афзоиши сатҳи таъсирнокии хавфҳои беруна, зиёдшавии маблағгузорӣ дар дохили мамлакат;
- беқурбшавии асъори миллӣ;
- рушди соҳаи тиҷорат ва хизматрасонӣ;
- болоравии сатҳи нарх дар бозори дохилӣ аз ҳисоби афзоиши хароҷоти вориди молҳо.

То 18 ноябри соли 2019 маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ба ватанамон мувофиқи созишномаи ҳамкори байни системаҳои интиқоли пулӣ (Золотая корона, Контакт, Юнистрим, Вестерн Юнион, Монеграмма ва ғ.) ва ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қоидаҳои гузаронидани амалиётҳои интиқоли пулии системаи номбурда, амалӣ карда мешуд. Маблағҳои муҳоҷирон тавассути суратҳисобҳои муросилотӣ ба ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид

гардида, хешу табору наздикони муҳоҷирони меҳнатӣ аз ин ташкилотҳои қарзӣ бо пешниҳоди маълумотҳои зерини дар барномаи системаҳои номбурда дохилгардида ному насаб, бо ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, коди интиқол, номгӯи асъор, ҳаҷми маблағ дастрас мешуданд.

Баъдан бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Тартиби интиқоли фаромарзии маблағҳо ва фаъолияти низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи чунин интиқолҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 27 сентябри соли 2019 таҳти №117 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 ноябри соли 2019, таҳти №992 ба қайд гирифта шуд.

Тибқи қарори мазкур, аз 18 ноябри соли 2019 Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо (NPSR) бе кушодани суратҳисобҳо дар назди Бонки миллии Тоҷикистон ба таври пилотӣ бомуваффақона бо ташкилотҳои қарзӣ ба фаъолияти худ шуруъ намуд. Масъалаҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва ояндабинии онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки ҳар як давлат ба ҳисоб рафта, батанзимдарории он дар асоси қонуну қарорҳо ва консепсияҳо ба роҳ монда мешаванд. Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии демографӣ шаҳодат медиҳад, ки шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ тамоюли афзоишро нигоҳ медорад [15,с.5-13]. Маблағҳои соҳибкорон дар суратҳисоби шахсии онҳо, ки ҳамчун шахси ҳуқуқӣ махсуб мебошанд, ворид мешаванд. Миқдори пули гузаронидани яквақтаинаи як нафар дар асоси талаботҳои барномаи системаи интиқоли пулӣ (Контакт, Юнистрим, Вестерн Юнион) тақрибан эквиваленти 20000,0 доллари ИМА 600000,0 рубли русӣ мебошад. Маблағи миёнаи равонкардаи муҳоҷирон дар соли 2021 - 139 доллар ИМА бошад, дар соли 2021 ин нишондиҳанда маблағи 149 доллари ИМА-ро ташкил медод. Фоизи хизматрасонӣ доир ба интиқоли пулӣ аз Россия ба Тоҷикистон барои мизоҷон аз 1,3% то 1.8% ташкил медиҳад, ки аз ин ҳиссаи ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,2%-0,33% ташкил медиҳад [6,с.180-186].

Дар солҳои 2020-2021 аз Россия ба Тоҷикистон дар ҳаҷми мутаносибан 2,7 млрд доллари ИМА/1,7 млрд. доллари ИМА ворид шудааст. (Тақсимот аз рӯи вилоятҳо ва шаҳрҳо) Душанбе ва НТҶ маълумотҳои дақиқ нест. Тақрибан бо фоиз чунин аст: Вилояти Суғд 31%; Вилояти Хатлон-33%; Душанбе-15%; НТН-18%) [7,с.127-141].

Маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирон бо хусусияти худ даромади оилаҳоро таъмин менамоянд, ки он аз дигар кишвар бо асъори хориҷӣ ворид мегардад ва некуаҳволии шаҳрвандонро беҳтар менамояд. Бояд қайд кард, ки дар бисёри мавридҳо маблағҳои муҳоҷирон расман тавассути бонкҳо ба кишвари аҷдодиашон ворид мешаванд ва онҳо ба ғайр аз беҳтар намудани вазъи оилавии муҳоҷирон, инчунин, барои баланд бардоштани захираҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ манфиатбахши фаъолияти бонкҳо мебошанд.

Айни замон ҳукуматҳои бисёр давлатҳои тараққикардаи дунё ҳисоб мекунанд, ки маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон аҳамияти калони иҷтимоӣ, иқтисодӣ, инчунин, сиёсӣ дорад ва аз ин хотир масъалагузорӣ менамоянд, ки оид ба таъсири маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон ба рушди иқтисодӣ ва амнияти кишварҳо [4,с.1] таҳлилҳо ва таҳқиқотҳои бунёдӣ гузаронида шаванд.

Албатта чунин масъалагузорӣ ба раванди маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ, фарқияти ҳаҷм ва воридоту содироти он нисбат ба маблағҳои гузаронидашудаи соҳибкорон равшанӣ меоварад. Илова бар он, натиҷаҳои чунин таҳлилҳо баҳсу мунозира ва нофаҳмиҳоро дар байни олимону коршиносон аз байн мебардорад ва вобаста ба он ҳукуматҳо имконият пайдо мекунанд, ки бо истифода аз рақамҳои дақиқ сиёсати самаранок ва бехаторо дар самти муҳоҷират татбиқ намоянд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ҳофизов Ҳ.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Агенства по статистики при Президенте Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: http://www.stat.tg
2. Бобоева Р.М. Вопросы моделирования зависимости роста ВВП страны от состояния рынка труда / Р.М. Бобоева, М.А. Одинаев, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№6. -С.27-33.

3. Дар хусуси баъзе масъалаҳои гузариши демографӣ дар шароити муосир / С.Ф. Низомов, М.А. Одинаев, Ф.С. Обидов, И.С. Шамсов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. -№6. -С.13-20. ISSN: 2413-5151
4. Международные операции с денежными переводами (руководство для составителей и пользователей). Международный валютный фонд. - 2009.
5. Мирзоева М.У. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва истифодаи самараноки он дар рушди устувори саноаткунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.У. Мирзоева // Конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ-амалӣ Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. -С.160-167.
6. Мирзоева М.У. Нақши муҳоҷират дар рушди иқтисодиёт ва татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба таъминот бо шуғли пурмаҳсул / М.У. Мирзоева, А.А. Бобоев // Маҷаллаи "Иқтисодиёти Тоҷикистон"-и ИИ ва Д АМИТ. - 2021. -№3. -С.180-186.
7. Мирзоева М.У. Сабабҳои будубоши ғайриқонунии муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишвари қабул ва тадбирҳо оид ба пешгирии афзоиши он / М.У. Мирзоева, А.А. Бобоев // Маҷаллаи "Иқтисодиёти Тоҷикистон"-и ИИ ва Д АМИТ. - 2021. –№2. -С.127-141.
8. Нишондиҳандаҳои омории вазъи демографӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / А.Ҷ. Азимов, М.А. Одинаев, Ҳайдарзода М.И., А.А Азимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№2. -С.184-191. ISSN: 2413-5151
9. Одинаев М.А. Арзёбии омори сатҳи зиндагии аҳолӣ / М.А. Одинаев, С.С. Мирзоев, А.Ҷ. Ҳайдаров // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2018. -№6. -Қ.2. -С.46-51.
10. Одинаев М.А. Тенденция демографического развития регионов и их социально-экономические проблемы / М.А. Одинаев, О.С. Табаров // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2014. -№2/10(152). -С.98-103.
11. Одинаев М.А. Экономико-статистическое моделирование демографических процессов Республики Таджикистан / М.А. Одинаев, Табарзода О.С. // Экономика Таджикистана. - 2021. -№3. -С.157-164.
12. Одинаев М.А. Таҳқиқи омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. … ном. илм. иқт: 08.00.12 / М.А. Одинаев. -Душанбе, 2020. -196 с.
13. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан// Статистический сборник. –Душанбе: АСПРТ, 2020. -350 с.
14. Таджикистан: 30 лет государственной независимости статистический сборник. -Душанбе, 2021. -702 с.
15. Таҳлили омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., М.А. Одинаев, Ф.С. Обидов, Д.С. Амонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. -№5. -С.5-13. ISSN: 2413-5151
16. Таҳлили омории инкишофи равандҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Одинаев, Ҳайдарзода М.И., Табарзода О.С., Ф.М. Аҳмадов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№2. -С.120-129. ISSN: 2413-5151
17. Ҳаитова Б.Ҳ. Таҳлили омории нишондиҳандаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Ҳаитова, М.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№9. -С.18-23. ISSN: 2413-5151
18. [Электронный ресурс]. URL: https://rus.azattyk.org/a/28084700.html
19. [Электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/radio denezhnye-perevody-migranty-tagikistan.html

## ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ВОРИДОТИ МАБЛАҒҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола маълумотҳои омори расмӣ оиди интиқоли маблағҳои муҳоҷирон нишон дода шудааст. Омӯзиши асосҳои назариявии дараҷаи маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва таъсири он ба вазъи иқтисодии давлатҳои қабул ва интиқоли муҳоҷирон нишон медиҳад, ки сатҳи ҷараёни маблағҳои гузаронидашуда аз шароит ва имкониятҳои муҳоҷирон ҳангоми сафар дар хориҷа вобастагӣ дорад. Дар мақолаи пешниҳодгардида маълумотҳо оиди шумораи зиёди бонкҳои амалкунанда аз қабили: Амонатбонк, Спитаменбонк, ҶДММ ТАҚХ "Душанбе Сити" ҶСК "Бонки Эсхата" тариқи ин низомҳо Вестерн Юнион, Юнистрим, Контакт, Анелик ва ғайраҳо, ки бо ҳар гуна восита ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва шаҳрвандони кишварамон хизматрасонӣ менамоянд. Яке аз хусусиятҳои интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ ба ватанашон, ин ирсол кардани маблағи нақд тавассути хешу таборон, шиносон, ҳамкорон ва соҳибкороне, ки бо давлати қабули муҳоҷирон фаъолияти кории худро ба роҳ мондаанд, ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ, муҳоҷирони меҳнатӣ сабаби тавассути бонкҳо равон накардани маблағҳоро дар баланд будани хизмати комиссионии онҳо маънидод менамоянд, гарчанде дар баъзе мавридҳо интиқоли пули нақд хатарҳои худро дорад. Дар мақола омилҳои таъсири мусбӣ ва манфии маблағҳои интиқолшавандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намудаем.

**Калидвожаҳо:** Амонатбонк, Спитаменбонк, ҶДММ ТАҚХ "Душанбе Сити" ҶСК "Бонки Эсхата", Вестерн Юнион, Юнистрим, Контакт, Анелик.

**ОСОБЕННОСТИ УЧЕТА ПЕРЕВОДА ДЕНЕЖНЫХ СРЕДСТВ ТРУДОВЫХ МИГРАНТОВ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

В статье приведены официальные статистические данные о переводе денежных средств трудовых мигрантов. Изучение теоретических основ уровня денежных переводов трудовых мигрантов и их влияния на экономическое положение стран, принимающих и отправляющих мигрантов, показывает, что уровень потока денежных средств зависит от условий и возможностей мигрантов во время их поездок за границу. В статье представлена информация о большом количестве действующих финансово-кредитных организациях, таких как: Амонатбанк, Спитаменбанк, ООО микрокредитная организация «Душанбе Сити», АО «Банк Эсхата» через системы переводов Western Union, Юнистрим, Контакт, Анелик и др., которые обслуживают трудовых мигрантов и предоставляют услуги гражданам нашей страны. Одной из особенностей денежных переводов трудовых мигрантов на родину является отправка денежных средств родственникам, знакомым, коллегам и предпринимателям, наладившим свою деятельность со странами, принимающими мигрантов. В свою очередь, трудовые мигранты объясняют причину неотправки денежных средств через банки их высокой комиссией за обслуживание, хотя в некоторых случаях перевод наличных денежных средств имеет свои риски. В статье выявлены положительные и отрицательные факторы влияния денежных переводов трудовых мигрантов на национальную экономику Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** Амонатбанк, Спитаменбанк, ООО микрокредитная организация «Душанбе Сити», АО «Банк Эсхата», Western Union, Юнистрим, Контакт, Анелик.

**FEATURES OF ACCOUNTING FOR THE IMPORTATION OF MIGRANTS IN THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article presents official statistics on the transfer of funds from labor migrants. The study of the theoretical foundations of the level of remittances of labor migrants and its impact on the economic situation of the country receiving and sending migrants shows that the level of cash flow depends on the conditions and opportunities of migrants during their trips abroad.The article provides information on a large number of operating financial and credit organizations, such as: Amonatbank, Spitamenbank, Dushanbe City microcredit organization LLC, Bank Eskhata JSC through Western Union, Unistream, Contact, Anelik, etc. labor migrants and provide services to the citizens of our country. One of the features of money transfers of labor migrants to their homeland is the sending of money to relatives, acquaintances, colleagues and entrepreneurs who have established their activities in the country of receiving migrants. In turn, labor migrants attribute the reason for not sending money through banks to their high service fees, although in some cases the transfer of cash has its own risks. The article reveals the positive and negative factors of the influence of remittances of labor migrants on the national economy of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** Amonatbank, Spitamenbank, Dushanbe City Microcredit Organization LLC, Bank Eskhata JSC, Western Union, Unistream, Contact, Anelik.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Одинаев Меҳрубон Абдураҳмонович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон**: (+992) 900-17-17-59**
***Табарзода Орифҷон Сайдалиевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **bonu.6664@mail.ru.** Тел**ефон: (+992) 985-56-66-64**

**Сведения об авторах:** ***Одинаев Мехрубон Абдурахмонович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры статистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59**
***Табарзода Орифджон Сайдали*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, дотсент, заведующий кафедрой кибернетики и цифровой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **bonu.6664@mail.ru.** Тел**ефон: (+992) 985-56-66-64**

**Information about the authors:** ***Odinaev Mehrubon Abdurahmonovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Statistics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Phone: **(+992) 900-17-17-59**
***Tabarzoda Orifjon Saidali*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Cybernetics and Digital Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **bonu.6664@mail.ru**. Phone: **(+992) 985-56-66-64**

ТДУ 338.2

# ТАКМИЛИ СИЁСАТИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

*Маҳмадризоиён С.Ҳ., Гулов Ш.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъди соҳибистиқлол гардидани кишвар дар низоми иқтисодии он тағйиротҳои назаррас ба амал омада, ин омил ба беҳбудии рӯзгори мардум мусоидат хоҳад кард. Сиёсати молиявӣ ҳамчунин қисми таркибии сиёсати иқтисодии давлат буда, барои ҷамъоварии маблағҳои пулӣ бо мақсади сафарбарнамоӣ ва тақсими он дар байни соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, минтақаҳо ва ғайра хизмат мерасонад. Сиёсати молиявӣ на фақат дар микёси мамлакат гузаронида мешавад, инчунин, дар микроиқтисодиёт низ амалӣ мегардад [9,с.34-35].

Ба ҳамагон маълум аст, ки сиёсати молиявӣ аз сиёсатҳои пулию қарзӣ, буҷетӣ, андозу андозбандӣ, сармоягузории муносибатҳои молиявии байналмилалӣ ва ғайра иборат мебошад. Яке аз самтҳои муҳимми молиявии давлат, ин сиёсати пулию қарзиро ташкил медиҳад, ки он бо баробари рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар такмил ва инкишоф меёбад.

Дар шароити имрӯзаи ноустувори иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳон, махсусан, Ҷумҳурии Тоқикистона аз сабаби паҳн гаштани пандемия муваққатан қатъ гаштани фаъолият бисёр корхонаву ташкилотҳои тиҷоратию соҳибкорӣ ба назар расида, зиёд гаштани шумораи бекорон, кам шудани ҳаҷми истеҳсоли дохилӣ ва воридоту содирот, баланд шудани сатҳи таваррум ва ғайра мушоҳида карда мешавад. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои молиявии кишвар чорабиниҳои иловагии заруриро баҳри рафъи ин мушкилот роҳандозӣ намуда истодаанд.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати молиявӣ сиёсати пулию қарзӣ мебошад, ки он бар зиммаи Бонки Миллии Тоҷикистон вогузор карда шудааст. Бинобар ин, айни замон аз тарафи Бонки миллӣ оид ба муътадил гардонидани сатҳи пулию қарзӣ чорабиниҳои зарурӣ андешидаанд. Таҳияи барномаи такмили сиёсати пулию қарзии кишвар ва таҳияи "Дурнамои сиёсати пулию қарзӣ" барои солҳои 2021 аз тарафи Ҳукумати ҶТ иқдоми саривақтӣ буда, он аз тарафи Маҷлиси Намояндагон тасдиқ гардидааст.

Дар даврони муосир, дар баробари ноустувории иқтисодии кишвар, дар фазои фаъолияти қарзӣ мушкилоти зиёде низ ҷой доранд ва пастравии фаъолияти молиявии иқтисодӣ, дар сатҳи муфлисшавӣ қарор доштани як қатор бонкҳои қарзии хурд ба он шомил мешавад [8,с.187]. Аз ин лиҳоз, зарурати такмили сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, барои соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат бо дарназардошти таъсири манфии пандемияи коронавирус ва ноустувориҳо дар бозорҳои ҷаҳонии молиявӣ дар давоми соли 2020 ва то инҷониб идома дорад, ки он ба иқтисодиёти ҷаҳон, махсусан, иқтисодиёти кишвари мо низ таъсирии манфии худро расонида истодааст.

Паёмадҳои ногувори пандемияи коронавирус (COVID-19) ва ноустувориҳо дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ дар давоми соли 2020 таъсири манфии худро ба фазои иқтисодиёти ҷаҳон, бахусус, иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба инкишоф расонида, осебпазирии онҳоро то андозае афзун гардонида истодааст.

Номуайян будани натиҷаи қарорҳои қабулшуда аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон дар самти аз байн бурдани бемории коронвирус ва то ҳол идома ёфтани таъсири манфии он аз тағйирёбии вазъи сиёсию иқтисодии ҷаҳон ва эҳтимолияти дар давраи оянда боқӣ мондани ҳолати мураккаби бавуҷудомада дарак медиҳад. Дар ин самт коршиносону мутахассисони байналмилалии молиявӣ пешгӯйии суръати рушди иқтисодиёти ҷаҳониро барои соли 2020 муайян намудаанд.

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро дар бар мегирад, дар баробари масъалаҳои муҳимми кишвар, ҳамчунин, масъалаи низоми бонкӣ низ мавриди таҳлили амиқ қарор дода шуд. Аз ҷумла, зиёд кардани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, низоми фаъолияти идоракунии корпоративӣ, кам кардани қарзҳои ғайрифаъол, афзоиши ҷалби сармоя ба низоми бонкӣ ва таъсиси намояндагии бонкҳои хориҷӣ ҷиҳати пайдо намудани манбаҳои молиявии иловагӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ аз масъалаҳое буданд, ки Президенти кишвар ба онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд [6,с.8].

Бонки миллии Тоҷикистон баҳри иҷрои тамоми дастуру супоришҳои Пешвои миллат чорабиниҳои заруриро андешидаанд. Бартараф намудани камбудиҳо дар самти ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, идоракунии корпоративӣ, хавфҳои амалиётӣ ва қарзӣ, ҷалби сармоя ба низоми бонкӣ ва таъсиси намояндагии бонкҳои хориҷӣ, ба талабот мутобиқ намудани саноатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор, таъмин намудани раванди идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, афзоиш додани сармояи оинномавии бонкҳо, зиёд намудани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат ва соҳибкории истеҳсолӣ ва фаъол намудани низоми рейтинги миллӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ, ба роҳандозии технологияҳои молиявию инноватсионӣ, васеъ намудани хизматрасониҳои бонкӣ ва дар ин замина, пурра ҷорӣ намудани амалиётҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла, аз байн бурдани омилҳои инсонӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ва аҳолӣ масъалаҳое мебошанд, ки барои ҳалли ҳар чи зудтари онҳо афзалият дода шудааст.

Дар баробари ин, барнома ва нақшачорабиниҳои Бонки миллии Тоҷикистон баҳри нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат тавассути механизму воситаҳои татбиқшаванда сиёсати пулию қарзии худро ба роҳ мондааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар соли 2020 то имрӯз таъсири пандемияи коронавирус ба маҳдуд шудани ҳамлу нақл, аз фаъолият бозмондани корхонаҳои истеҳсолӣ, зиёд шудани миқдори бекорон, номуътадилиҳо дар бозорҳои молиявӣ, тағйирёбиҳои қурби асъори хориҷию миллӣ оварда расонидааст. Инчунин, ҷараёни мазкур ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла соҳаҳои соҳибкорӣ, сайёҳӣ, хизматрасонӣ ва молиявию бонкӣ таъсири амиқи худро расонид.

Бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон баҳри рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон чораҳои амалӣ андешида истодаанд. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №249 аз 25 ноябри соли 2020 «Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат» қабул карда шуд.

Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 ва дар давраи миёнамуҳлат самтҳои асосии ташкили механизми самаранок, таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, гузариши ботадриҷ ба реҷаи навҳадафгирии таваррум ва таъмини шаффофиятро бо дарназардошти коҳишдиҳии хавфҳои ҷойдошта дар бар гирифт.

Дар рушди иҷтимою иқтисодии кишвар нақши муҳимро такмили сиёсати пулию қарзӣ мебозад. Аз ин рӯ, муваффақиятҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар бевосита аз амалишавии чорабиниҳои пешгирифтаи ҳукумат ва Бонки миллӣ оид ба тасмими сиёсати пулию қарзӣ вобаста мебошад.

Дар баробари рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар зарурати такмили муносибатҳои молиявию қарзӣ ба миён меояд, яъне, зарурати коркари дурнамоии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои дуру наздик ба миён меояд. Дар амалишавии ин барнома нақшаи Бонки миллӣ хеле назаррас мебошад. Бонки миллӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» таҳияи дурнамои сиёсати пулиро пешбинӣ менамояд. Ин ҳуҷҷат – «Дурнамои сиёсати пулии қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат» аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардида, он бо қарори Маҷлилси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №249 аз 25 ноябри соли 2020 қабул карда шуд. Дурнамои мазкур, пеш аз ҳама, ба комёбиҳои назаррас дар ин самт нигаронида шудааст. Рушди воқеии иқтисодиёти ҷаҳон барои

соли 2020 дар ҳисоботи Хазинаи байналмилалии асъор моҳи апрели соли ҷорӣ бо нишондиҳандаҳои то 3,0% пешгӯӣ шуда буд. Дар ҳисоботи навбатӣ ин нишондиҳанда то 4,4% пешгӯӣ мегардад, ки он аз дурнамоии қаблӣ 1,4% пасттар мебошад. Инчунин, коҳишёбии рушди иқтисодиёти кишварҳои пешрафта ба монанди ИМА – 4,3%, минтақи Аврупо – 8,3%, Ҷопон -5,3% ва Русия – 4,1% ва ғайраро ташкил намудаанд [9,с.7-8].

Дар соли ҳисоботӣ ин раванд ба суръати рушди иқтисодиёт, номуътадилиҳои таваррум, ноустувории қурби пули миллӣ, интиқолҳои пулӣ ва ҳаҷми сармоягузориҳо, камшавии даромаднокии аҳолӣ таъсир гузошта, он ба паст гардидани сатҳи талаботи дохилӣ оварда расонид. Вобаста ба ин, рушди воқеии иқтисодиёт дар 9 моҳи соли ҷорӣ ба 4,2% баробар гардид, ки дар муқоиса ба ин давраи соли гузашта ба андозаи 3,0%-и кам мебошад [5,с.43].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди иқтисодиёт дар ин давра бештар аз ҳисоби вусъатёбии истеҳсолӣ, маҳсулоти саноатӣ 10,7%, кишоварзӣ 8,18% таъмин гашта, кохишёбии он бошад, дар соҳаҳои сохтмон 6,9% гардиши савдои чакана 2,7% ва хизматрасонии пулӣ 4,7% ба қайд гирифта шудааст. Таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи сентябри соли ҷорӣ ба 6,6% баробар гадид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,5% кам мебошад. Тағйирёбии нишондиҳандаҳои мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти ниёзи мардум (асосан маҳсулоти хӯрокворӣ) 7,5% ғайри хӯрокворӣ 5,8% ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 5,1% ба амал омад [6,с.45].

Сатҳи таваррум дар моҳи январ – сентябр 2020 ба 5,1% баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,4% кам мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар сохтори таварруми бавуқуъомада саҳми маҳсулоти хӯрокворӣ 3,4 банди фоиз (болоравии нарх 6,3%), маҳсулоти ғайри хӯрокворӣ 1,1 банди фоизӣ (3,8%) ва хизматрасониҳо 0,6 банди фоизӣ (3,7%)-ро ташкил дод.

Аз таҳлили шуъбаи омории Бонки милии Тоҷикистон маълум гашт, ки сатҳи нархҳо дар моҳҳои марат – апрели соли равон ба андозаи 3,8% (моҳи март 1,6% ва апрел 2,2%) болоравӣ дошт, ки дар ин раванд асосан афзалияти нархи маҳсулоти ниёзи аввалия, аз ҷумла, орд, биринҷ, шакар, равған, равғани пахта, картошка, пиёз ва дигар маҳсулот хеле мушоҳида гардид. Дар баробари ин, дар натиҷа сатҳи таварруми солона дар моҳи марти соли ҷорӣ аз ҳудуди нишондиҳандаи мақсаднок берун баромада, 9,3%-ро ташкил дод ва моҳҳои апрел ва май бошад, он мувофиқан ба 10,6% ва 10,0% баробар гардид, ки нишондиҳандаи мазкур аз соли 2021 инҷониб баландтарин ба ҳисоб меравад. Вале муътадилшавии иқтисодиёти кишвар ба коҳиши беморони пандемия ва татбиқи сиёсати зиддитаваррумӣ алоқамандӣ дорад.

Тибқи дурнамои сиёсати пулии қарзии ҶТ барои соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат нишондиҳандаи мақсадноки сатҳи таваррум дар доираи 6,0 (+/-2 банди фоизи) муайян гардида буд. Дар асоси таҳлилу баҳодиҳиҳо пешбинӣ мегардад, ки дар ҷамъбасти соли 2020 сатҳи таваррум ба эҳтимолияти беҳтар гардидани вазъияти иқтисодиёти ҷаҳон аз рӯи банақшагирии бонизом ҷамъбаст гардид.

Бонки милии Тоҷикистон тайи солҳои охир дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, ҷиҳати тақсими дараҷаи таъсирбахшии фишангҳои сиёсати пулию, қарзӣ баланд бардоштани эътимоднокӣ, идоракунии самарабахши сатҳи пардохтпазирӣ ва пешбурди сиёсати фоизӣ боз як қатор ислоҳотро барои гузориши ботадриҷ аз ҳадафи амалиётии пойгоҳи пулӣ ба меъёри фоизи кутоҳмуддат, ки яке аз шароитҳои асосии реҷаи сифатан нави сиёсати пулию қарзӣ – ҳадафгирии таваррум мансуб мебошад, амалӣ намуда истодааст. Бонки милии Тоҷикистони баҳри амалӣ сохтан ва татбиқи «дурнамои сиёсати пулию қарзии ҶТ барои солҳои 2020 ва давраи миёнамуҳлат» тамоми чораҳои хешро андешида истодааст, аз ҷумла тағйир додани меъёри бозтамвил, ки дар ин давра аз 12,75% то 10,75% паст кардани сатҳи меъёри он, ки бо мақсади нисбатан муътадил гардонидани интизориҳои таваррумӣ дар ҷаҳон ва дар дохили мамлакат, инчунин, ҷиҳати дастгирии бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд. Ба ғайр аз ин, бо мақсади пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, хазина дар ҳаҷми 1,2 миллион сомонӣ қарзҳои кутоҳмуддат ҷудо карда шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи

соли гузашта 313,5 млн сомонӣ камтар буда, коҳишёбии он вобаста ба талабот ва паст шудани сатҳи иқтисодиёти кишвар ба раванди пешниҳоди қарзҳои кутоҳмуддат дар таъмини пардохтпазирӣ таъсир расонид. Илова бар ин, бо мақсади иҷро ва амалисозии барномаи «Дурнамои сиёсати пулию қарзии ҶТ барои солҳои 2020 ва давраи миёнамуҳлат» Бонки милии Тоҷикистон бо мақсади таъмини гардиши пул вобаста ба талаботи иқтисодиёт дар 9 моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 4859,3 млн сомонӣ пули нақд ба муомилот бароварда шуда, маблағи 3230,0 млн сомонӣ аз муомилот гирифта шуд. Эмиссияи софи пули нақд бошад, ба 1629,3 млн сомонӣ баробар гардид, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13,4% кам мебошад [6,с.45].

То моҳи сентябри соли 2020 ҳаҷми пулҳои захиравӣ ҳамчун нишондиҳандаи амалиётӣ дар давраи гузариш ба ҳадафгирии таваррум 2,1 млн сомонӣ ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот 17,6 млрд сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 20,0% ва 16,6% зиёд мебошад. Ҳиссаи пули нақди дар муомилотбуда то санаи 30-уми сентябри соли ҷорӣ 87,6%-и ҳаҷми пулҳои захиравиро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда аз хусусияти ба таври нақдӣ фаъолият намудани иқтисодиёти кишвар далолат медиҳад. Нишондиҳандаҳо аз он далолат медиҳанд, ки ҳиссаи зиёдро дар низоми бонкӣ, пули нақдӣ ташкил медиҳад. Дар таъмини аҳолӣ бо пули нақд омилҳои зиёд бояд ба инобат гирифта шаванд. Гардиши пули нақд бояд дар шакли фаъол роҳандозӣ гардад. Новобаста аз ин, тибқи нишондодҳои солҳои охир бинобар андешидани тадбирҳои зарурӣ дар самти зиёд кардани ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ба як қатор дастовардҳо ноил гадидем. Самтҳои дигари чорабиниҳои (сиёсати) пулию қарзии Бонки милии Тоҷикистон, тибқи «Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 ва давраи миёнамуҳлат» ба ҳисоб меравад. Аз маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон маълум гардид, ки дар 9 моҳи соли 2020 бинобар маҳдуд гардидани равобити қарзӣ ва коҳиш ёфтани муомилоти тиҷоратӣ, болоравии нархи молу маҳсулотҳои воридотӣ, боқӣ мондани касру тавозуни савдо, кам шудани вуруди сармоягузориҳо, интиқолҳои пулӣ ва қурби расмии пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА 6,6% коҳиш ёфт.

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати коҳиш додани фишорҳои қурбӣ, бартараф намудани таъсири хавфҳои асъори ҷойдошта, таъминоти риояи меъёри фарқияти то 2% байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА дар бозори ғайрибонкӣ санаи 20 марти соли 2020 тасҳеҳи (корупсияи) якдафъаинаи қурби расмии миллӣ нисбат ба доллари ИМА-ро ба андозаи 5,0% амалӣ намуд. Ба андешаи мо, чорабиниҳое, ки аз тарафи Бонки миллӣ андешида истодаанд, дар натиҷаи таъсири омилҳои пандемияи коронавирус ва маҳдудияти захираҳои асъорӣ дар соли ҷорӣ ҷиҳати таъмин намудани талаботи иқтисодиёт бо асъори хориҷӣ ва дигар чорабиниҳо дар ин давра то як андоза онро қонеъ намуда истодааст. Вале чорабиниҳои Бонки миллӣ оид ба нигоҳ доштани қурби пули миллӣ кифоя намебошанд, чунки талаботи тавозуни савдо имрӯзҳо 70% ба 30% мебошад, яъне, воридот нисбат ба содирот қариб 2,3 маротиба зиёд мебошад. Бинобар ин, сиёсати қарзии Бонки миллиро такмил додан зарур аст. Асосан қарзҳои имтиёзноки ташкилотҳои қарзӣ ва рушди истеҳсолот, бахусус, ба соҳаи саноат равона карда шуд, ки он ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар ин самт барои роҳандозии барномаҳои давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки милии Тоҷикистон тамоми чораҳои зарурииро андешида истодаанд. Оид ба такмили фаъолияти молиявию қарзии кишвар, махсусан, қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи иқтисодиёти воқеӣ (рушди соҳаҳои саноат) ва дигар соҳаҳои иқтисодиёту соҳибкорӣ сол аз сол бештар шудаистодааст, вале то ҳол ба талаботи имрӯзаи иқтисодиёт ба пуррагӣ қонеъ нашудаанд,

Дар ин давра аз ҳисоби захираҳои байналмилалӣ ҷиҳати таъмини талаботи бозори байнибонкии асъор, маблағгузорӣ, уҳдадориҳои давлатӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ 316,5 млн доллари ИМА, аз ҷумла барои таъмини эҳтиёҷоти ниёзи аввалини мардум ба ташкилотҳои қарзӣ 104,3 млн доллари ИМА, инчунин, барои хароҷоти давлатӣ аз қабили маблағгузории уҳдадориҳои ташкилотҳои буҷетӣ – 7,3 млн доллари ИМА, сохтмони иншоотҳои стратегӣ – 54,0 млн доллари ИМА, пардохти қарзҳои берунӣ –

93,2 млн доллари ИМА, сафоратхонаҳо, консулгариҳо ва дигар уҳдадориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ташкилотҳои байналмилалӣ – 57,5 млн доллари ИМА равона гардид [7,с.46].

Бонки миллии Тоҷикистон баҳри амалисозии барномаҳои «дурнамои сиёсати пулию қарзии ҶТ барои солҳои 2020 ва давраи миёнамуҳлат» ва таъмини шаффофияти амалиётиҳои молиявӣ дар иқтисодиёти кишвар, коҳиши иқтисодиёти ғайрирасмӣ, такмили ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ баҳри таъмини суботи молиявии кишвар ва амалиёти низомии бонкӣ, фаъолияти маркази миллии интиқоли маблағҳо як қатор иқдомҳоро ба роҳ монда истодааст. Амалиётҳои интиқоли фаромарзӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ танҳо тавассути низомҳои пардохтие, ки ба маркази милии протсесинги интиқоли маблағҳо пайвастаанд, анҷом дода мешавад. Айни замон 3 низоми пардохти байналмилалӣ – «Контакт» «Юнистрим», «Вестен Юнион», ки ба ин марказ пайвастанд, хизматрасонии амалиётҳои мазкурро тавассути ташкилотҳои қарзӣ – молиявии кишвар амалӣ мекунанд. Яке аз самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар барномаи «Дурнамои сиёсати пулию қарзии ҶТ барои солҳои 2020 ва давраи миёнамуҳлат» пешбинӣ гардидааст, ин нигоҳ доштани сатҳи таваррум мебошад. Аз ин лиҳоз, тибқи таҷрибаи бонкҳои марказии кишварҳои рушдёфта, омили интизории таваррум ҳамчун воситаи муҳимми пешбурди реҷаи ҳадафгирии таваррум арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин, дар соли 2020 аз ҷониби Бонки милии Тоҷикистон бори аввал мустақилона ҷиҳати муайян намудани интизории таваррум дар байни аҳолӣ назарсанҷӣ гузаронида шуд, ки ин аз тарафи аҳолии кишвар хуб пазируфта шуд. Назарсозӣ дар асоси пурсишнома бо фарзияҳои гуногун ва бо усули коршиносони байналмилалӣ гузаронида шуд, зиёда аз 1500 муҳосибонро аз тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ фаро гирифт.

Мақсади ин чорабинӣ баланд бардоштани эҳтимоли аҳолӣ ба сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ба роҳ мондани равобит бо аҳли ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи маърифати иқтисодиву молиявии аҳолӣ, дастрас намудаи маълумот оид ба интизори аҳолӣ нисбат ба тағйирёбии нархҳо дар кишвар ва ғайра мебошад.

Гуфтан бамаврид аст, ки ин гуна чорабиниҳое, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида мешавад, ба мақсад мувофиқ мебошад, вале ин чорабиниҳо айни замон барои таъмини рушди иҷтимоии иқтисодии кишвар, беҳтар намудани фаъолияти молиявии мамлакат, махсусан, ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва дар асоси он рушд додани соҳаи истеҳсолӣ ва соҳаҳои соҳибкорӣ, инчунин, такшили ҷойҳои нави корӣ ва кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва бекорӣ мебошад. Яке аз самтҳои сиёсати пулию қарзии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистонро сиёсати қарзҳо ва пасандозҳо ташкил медиҳад. Қайд кардан зарур аст, ки дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19) имкониятҳои қарзбаргардонии муштариёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ коста мешавад ва дар натиҷа пешниҳоди қарз аз ҷониби низоми бонкӣ ва ташкилотҳои қарзии хурд ба иқтисодиёт тамоюли камшавиро ба миён оварад. Дар 9 моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда, 6,6 млрд сомониро ташкил дода, нисбатан ба ҳамин давраи соли гузашта 1,6% - коҳиш ёфт.

Дар 3 моҳи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми қарзҳои додашуда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 29,5 % ё 577,1 млн сомонӣ зиёд мебошад. Дар 3 моҳаи дуюм бо сабаби авҷ гирифтани пандемияи коронавирус ва ба ин сабаб паст гардидани талабот ба қарз суръати афзоиши онҳо коҳиш ёфта, нисбат ба 3 моҳаи аввали соли ҷорӣ 43,5% ё 1103,3 млн сомонӣ кам гашт. Дар 3 моҳаи сеюм бошад, ҳаҷми қарзҳои додашуда нисбат ба семоҳаи дуюм 1,8 маротиба афзоиш ёфт. Ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда дар ин давра 4,3 млрд сомонӣ (64,6%-и ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда)-ро ташкил дода, коҳишёбии он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,7%-ро ташкил дод, инчунин, бақияи пасандозҳои низоми бонкӣ низ дар ин давра ба пули миллӣ 21,5% ва асъори хориҷӣ 10,0% афзоиш ёфт [5,с.46].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои муваққатан камшавии ҳаҷми пасандозҳои низомӣ бошад, сабаби дигари он паст будани сатҳи саводнокӣ мебошад.

Бо сабабҳои паст будани саводнокии молиявии аҳолии кишвар интихоби хизматрасонии ташкилотҳои молиявию қарзӣ доир ба пасандозгузорӣ, қарзгирӣ бояд ба таври муназзам сурат гирад.

Дар вақти интихоби хизматрасониҳои молиявию қарзӣ онҳо ба душвориҳо дучор мешаванд, чунки хавфи истифодабарии самарабахши маблағҳои худӣ ва оилавиро дуруст дарк намекунанд. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ дар айни замон хеле муҳим мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ яке аз масъалаҳои стратегии сатҳи давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун танзимгар дар ҳалли муаммоҳои вобаста ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ нақши калидӣ мебозад. Бояд гуфт, ки донистани конспектҳои асосии молиявӣ ва қобилияти истофодаи онҳо имконияти истофадаи оқилонаи маблағҳоро фарҳам меорад. Нокифоягии дониши молиявӣ боиси таназзул на танҳо дар идораи буҷетӣ шахсӣ (оилавӣ), инчунин, маънои назаррасро дар пешрафти давлат ба миён меорад [11,с.47].

Бояд гуфт, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат ҷиҳати ноил гаштан ба мақсади асосии худ, ки нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат мебошад, дар доираи ваколатҳои худ тавассути истифодаи механизму фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ таъсири омилҳои хешро, пеш аз ҳама, омилҳои аввалиндараҷаро ба сатҳи нархҳо ва таваррум пешгирӣ менамояд.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои барномаи «Дурнамои сиёсати пулию қарзии ҶТ барои солҳои 2020 ва давраи миёнамуҳлат» дар соли 2021 ва давраи миёнамуҳлат (солҳои 2022 ва 2023) ҳадафи таваррум дар доираи (±2 банди фоизӣ) пешбинӣ карда шудааст. Ҳадафи мазкур тибқи дурнамоии сиёсати пулию қарзии Бонки милии Тоҷикистон барои солҳои 2018 ва 2019 вобаста ба рушди иқтисодиёти кишвар аз 7% то 6,0% барои соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат пастравӣ пешбинӣ карда шудааст [5,с.47].

Мувофиқи барномаи мазкур «Дурнамои сиёсати пулию қарзи»-и дар боло зикрёфта ва вазъи иқтисодиву хавфҳои эҳтимолии ҷойдошта дурнамоии сатҳи таваррум барои соли 2021 дар доираи аз 7,5%-8,0% пешбинӣ гардидааст [5,с.47].

Ба ақидаи мо, агар ин ҳадафҳои асосии «Дурнамои сиёсати пулию қарзии ҶТ барои солҳои 2021 ва давраи миёнамуҳлат» амалӣ гардад, он гоҳ вазъи молиявии кишвар, махсусан, субъектҳои молиявию қарзии мамлакат, вазъи иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар беҳтар хоҳад гашт.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои «Дурнамои сиёсати пулию қарзии ҶТ барои солҳои 2021 ва давраи миёнамуҳлат» маълум гашт, ки Ҳукумати ҶТ, махсусан, Бонки миллии Тоҷикистон, чораҳои зарурииро оид ба беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ – иҷтимоӣ, рушд додани сиёсати пулию қарзӣ, паст кардани сатҳи таваррум ва зиёд кардани ҳаҷми ташкилоти молиявию қарзӣ ва ғайра чораҳои зарурӣ андешида истодаанд, ки ин аз кору фаъолияти самарабахши Бонки миллӣ дарак медиҳад.

Ба ақидаи мо, дар ин давра барои амалӣ сохтани барномаи мазкур чорабиниҳои зеринро бояд роҳандозӣ намуд:

– Ташкил додани фишангҳои меъёрю фоизӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид дар бозори байнибонкӣ ва бонкӣ.

– Таҷдид ва такмили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои гузариш ба ҳадафгирии таваррум.

– Тақвияти эътимоди аҳолӣ ба татбиқи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум ва пастравии нархҳои дохилӣ.

– Таҳлили сиёсати қарзгирӣ ва қарздиҳиии субъектҳои хоҷагӣ ва аҳолӣ бо мақсади таъмини рушди иҷтимоӣ - иқтисодии аҳолии кишвар.

– Баланд бардоштани дараҷаи ҳавасмандии субъектҳои хоҷагӣ ва аҳолӣ дар амалӣ гаштани сиёсати қарзии кишвар.

Татбиқи барномаи «Дурнамои сиёсати пулию қарзии ҶТ барои солҳои 2021 ва давраи миёнамуҳлат» барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодию иҷтимоии кишвар

замина ба вуҷуд оварда, дар ин асос низоми иқтисодии кишвар аз тағйироти мусбат бархӯрдор гашта, сатҳи зиндагии мардум дигаргун хоҳад гашт.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ҳикматов С.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Ахбори Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. –С.1-3.
2. БМТ: Бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ (октябр-декабри соли 2020). – С.42-48.
3. БМТ: Бюллетени омори бонкӣ. -Душанбе, 2020. -С.10-79.
4. Қонуни ҶТ “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Аз 14. 05. 2016, №1316.
5. Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. -Душанбе, 2013.
6. Молияи Тоҷикистон, маҷмуаи оморӣ. Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанебе, 2019. -С.120-124.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.01.2021.
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои то соли 2030. -Душанбе, 2016. -С.187.
9. Хикматов У.С. Микрофинансирование / У.С. Хикматов. И.Р. Ибрагимов. -Душанбе: Ирфон, 2016. -С.90-102.
10. Ҳикматов С.Ҳ. Низоми бонкӣ дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ва камбудиҳои онҳо / Ҳ.С. Ҳикматов, Ҳ.С. Маҳмадризоиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№4(330). –С.78.
11. Ҳикматов С.С. Буҷет ва низоми буҷетӣ. Воситаи таълимӣ / С.С. Ҳикматов, Ҷаҳоншоҳ С. -Душанбе, 2021. -343 с.
12. Ҳикматов С.Ҳ. Нақши ташкилотҳои қарзии хурд дар рушди фаъолияти соҳибкории хурд / Ҳ.С. Ҳикматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. -С.105.
13. Хикматов С.Х. Состояние экономики и деятельность кредитных организаций Таджикистана: Ситуации, проблемы и развитие / Х.С. Хикматов, Джахоншох С. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. -С.16-22.
14. Хушвахтзода К.Х. Финансово-кредитные ресурсы развития сельского предпринимательства (концептуальные вопросы) / Хушвахтзода К.Х., Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№8. -С.5-10.


**ТАКМИЛИ СИЁСАТИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОДИИ КИШВАР**


Дар мақолаи мазкур такмили сиёсати молиявии давлат дар шароити имрӯзаи иқтисодии кишвар маавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар шароити имрӯзаи иқтисодии ҷаҳон баробари сар задани пандемияи каронавирус (COVID-19) дар тамоми ҷаҳон, махсусан, дар кишвари мо, сатҳи пастравии иқтисодию иҷтимоӣ ба чашм мерасад. Сиёсати молиявӣ, ки қисми таркибии он дар сиёсати пулию қарзӣ мебошад, такмили самтҳои муҳимми он дар шароити имрӯзаи иқтисодии кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад. Яке аз самтҳои муҳими такмили сиёсати пулию қарзӣ, ин кор карда баромадан ва амалисозии «Дурнамои сиёсати пулию қарзии ҶТ барои солҳои 2021 ва давраи миёнамуҳлат» ташкил медиҳад, ки он аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ва МНМО тасдиқ карда шуд. Дурнамои мазкур чорабиниҳое, ки доир ба муътадил гардидани муносибатҳои пулию қарзӣ, нигоҳ доштани сатҳи таваррум, паст кардани нархҳои маҳсулоти дохилӣ, зиёд кардани ҳаҷми қарздиҳии ташкилотҳои бонкӣ ва паст кардани сатҳи фоизи қарзҳо ва ғайра пешбинӣ гардидааст. Ҳамин тавр, мақолаи мазкур барои ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаи мавзуъ бахшида шудааст.



**Калидвожаҳо**: такмил, сиёсат, муносибатҳои пулӣ, қарз, дурнамо, миёнамуҳлат, бонк, таваррум, асъор, амалиёт, саводнокии молиявӣ, афзоиш, иқтисодиёт.


**СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ФИНАНСОВОЙ ПОЛИТИКИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ**


В статье рассматривается совершенствование финансовой политики в современных условиях экономики страны. В современных экономических условиях мира, наряду со вспышкой пандемического вируса короновируса (COVID-19) в мире, наша страна неоднократно сталкивалась с уровен экономического и социального спадом. Финансовая политика является неотъемлемой частью денежно-кредитной политики, совершенствование которой важно в текущих экономических условиях страны. Одним из ключевых направлений совершенствования денежно-кредитной политики является разработка и реализация «Стратегии денежно-кредитной политики Республики Таджикистан на 2021 год и среднесрочную перспективу», которая была одобрена Национальным банком Таджикистана. Этот прогноз включает меры, направленные на стабилизацию денежных отношений, поддержание инфляции, снижение внутренних цен, увеличение кредитования банковских учреждений и снижение процентных ставок и т. д. Таким образом, данная статья посвящена решению существующих проблем.



**Ключевые слова:** совершенствование, политика, государство, финансы, деньги, кредит, стратегия, средне срочный, банки, инфляция, валюта, операции, финансовая грамотность, население, рост, экономика.

**IMPROVING THE FINANCIAL POLICY OF THE STATE IN THE CURRENT ECONOMIC CONDITIONS OF THE COUNTRY**

The article discusses the improvement of financial policy in the current conditions of the country's economy. In the current economic conditions of the world, along with the outbreak of the pandemic coronovirus (COVID-19) virus in the world, our country has repeatedly faced the level of economic and social decline. Financial policy is an integral part of monetary policy, the improvement of which is important in the current economic conditions of the country. One of the key areas for improving monetary policy is the development and implementation of the Monetary Policy Strategy of the Republic of Tajikistan for 2021 and the medium term, which was approved by the National Bank of Tajikistan. This forecast includes measures aimed at stabilizing monetary relations, maintaining inflation, lowering domestic prices, increasing lending to banking institutions and lowering interest rates, etc. Thus, this article is devoted to solving existing problems.

**Keywords:** improvement, politics, states, finance, money, credit, strategy, medium-term, banks, inflation, currency, operations, financial literacy, population, growth, econom.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Маҳмадризоиён Суҳроб Ҳабибулло*** **-** Донишгоҳи милиии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон(+992) **555-55-57-37**. E-mail: **soba_95.1@mail.ru**
***Гулов Шерали Маҳмадсаидович*** **-** Донишгоҳи милиии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **902-42-66-55**

**Сведения об авторах:** ***Махмадризойон Сухроб Хабибулло*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры управления государственными финансами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 555-55-57-37**. E-mail: **soba_95.1@mail.ru**
***Гулов Шерали Махмадсаидович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **902-42-66-55**

**Information about the authors:** ***Mahmadrizoyon Sukhrob Khabibullo*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Public Finance Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 555-55-57-37.** E-mail: **soba_95.1@mail.ru**
***Gulov Sherali Mahmadsaidovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **902-42-66-55**

ТДУ: 334 784 (5753)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ

*Ҳакимов С.Ғ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бо сабабҳои барҳам хӯрдани низоми пешинаи нақшавӣ ва таҳаввулотҳои назаррас дар иқтисодиёти кишвар, бо сабаби пайдо шудани шаклҳои нави моликият, аз ҷумла, бонк ва ширкатҳои саҳомӣ масъалаи баррасӣ ва ворид намудани методҳои нави идоракунии чунин бонкҳо ва ширкатҳо, аз ҷумла, идоракунии корпоративӣ аз манфиат холӣ набуда, масъалаи воқеӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" оварда шудааст: "пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи коғазҳои қиматнок ва ғайра) аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият, баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр намудани талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо зарур дониста мешавад" [22,с.86].

Бояд қайд кард, ки мафҳуми "Идоракунии корпоративӣ" ба низоми иқтисодии кишвар, хусусан дар амалия ва таҷрибаи бонкҳо ва ширкатҳои саҳомии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолият, бо пайдо шудани чунин бонкҳо ворид гашта, бо сабабҳои гуногун хело кам аз ҷониби олимон ва мутахассисони ин соҳа коркард ва баррасӣ шудааст. Ба ҳар ҳол бархе аз олимони тоҷик, ба монанди Р.К. Раҳимов, Ш. Раҳимзода, Б.М. Ҷураев, Х.У. Умаров, Н. Ашӯров, З.А. Раҳимов, Б. Шарипов ва дигарон дар ҷодаи такмили идоракунии низоми бонкӣ ва фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Аз ҷумла, дар ин ҷода рисолаи илмии Давлатзод Умед қобили зикр аст, ки дар он масъалаҳои ташаккули низоми идоракунии ҷамъияти саҳомӣ, нақш ва ҷойи ҷамъиятҳои саҳомӣ дар низоми идоракунии иқтисодӣ, ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ, моделҳои муосири идоракунии ҷамъиятҳои саҳомӣ ва дигар масъалаҳо баррасӣ ва зери омӯзиш қарор дода шудаанд [4,с.15,35,66].

Дар рисолаи илмии Қодиров Ф.А. масъалаҳои рушди ҷамъиятҳои саҳомӣ дар саноати ҶТ, такмили сохторҳои ташкилӣ-идоракунии ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ғ. масъалаҳо зери омӯзиш қарор дода шудаанд [10,с.22,100]. Дар кори Кабиров Ш.О. масъалаҳои ташаккул ва рушди муҳити корпоративии соҳибкорӣ, принсипҳои идоракунии корпоративӣ, хусусиятҳои идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саҳомӣ ва як қатор дигар масъалаҳо омӯзиш ва баррасӣ шудаанд [7,с.27,170]. Дар мақолаи илмии Шобуддинов И.Н. масъалаҳои такмили низоми идоракунии корпоративӣ, дар мисоли бонкҳои саҳомии ҶТ баррасӣ ва омӯзиш шудаанд [27,с.145]. Боиси тазаккур аст, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо зери роҳбарии Оқилҷонов Ф.Ш. соли 2017 дастури таълимӣ оид ба "Идоракунӣ дар корпоратсияҳои байналхалқӣ"-ро ба нашр баровард, ки дар он масъалаҳои гуногуни идоракунии корпоративӣ баррасӣ шудаанд. Илова бар ин, Агентии рушди бозори коғазҳои қиматноки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Стандартҳои миллии идоракунии корпоративии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз ҷониби Гурӯҳи корӣ дар доираи Стратегияи мазкур таҳия шудааст, оид ба рушди бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012, бо дастгирии коршиносӣ ва техникии Лоиҳаи идоракунии корпоративии IFC дар Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон) пешниҳод менамояд [18,с.29].

Бояд қайд кард, ки масъалаи идоракунии корпоративӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор қонун ва санадҳои қонунгузорӣ идора ва ба танзим даровардa мешаванд, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" [13,с.1], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" [14,с.1], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок" [12,с.1] ва бо дастурамали "Стандартҳои миллии идоракунии корпоративӣ дар ҶТ" ва ғ.

Ҳамин тавр, адабиётҳои гуногуни илмиро таҳлил ва омӯзиш карда, мо метавонем ба чунин хулоса омад, ки таҳаввулоти назариявии идоракунии корпоративӣ дар ширкат ва бонкҳои саҳомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду давраи асосиро дар бар мегирад:

1. Давраи аввал солҳои 1991-2000, пайдоиши корҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ, бахшида ба рушди низоми бонкӣ, такмили бонкҳо ва ширкатҳои саҳомӣ, сохтори онҳо, роҳҳои рушд ва паҳншавии ширкатҳои саҳомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ. Нашри як қатор Қонунҳо ва санадҳо барои пешбурди ширкат ва бонкҳои саҳомӣ, рушди бозори қоғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Давраи дувум, солҳои 2001-2021, пайдоиши корҳо ва таҳқиқотҳо оид ба идоракунии корпоративӣ, такмили идоракунии корпоративӣ, принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар ширкат ва бонкҳои саҳомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри як қатор қонун ва санадҳо оид ба рушди идоракунии корпоративӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мафҳуми идоракунии корпоративӣ маҳз бо пайдо шудани ширкатҳои саҳомӣ ва ё корпоратсияҳо пайдо шуда, дар истифодаи худ аз мафҳуми "идоракунии ширкат" тафовути калон дорад. Идоракунии ширкат бо фаъолияти менеҷерҳои ширкат вобаст аст ва идоракунии корпоративӣ бошад, мафҳуми васеътарро дар бар мегирад. Пайдоиши мафҳуми идоракунии корпоративӣ бо зиёд гаштани саҳмгузорон ва моликдорон, ки шумораи онҳо ба даҳҳо нафар мерасид вобастагии зич дорад. Барои идораи хуб ва самараноки ширкат саҳмдоронро маҷбур сохтанд, ки идораи ширкатро ба зиммаи дигарон вогузор намуда, усуле истифода бурда шавад, ки дар он ҳам саҳмдорон ва ҳам коргарони қаторӣ фоидаи худро ба даст оваранд, бо ин сабаб идоракунии корпоративӣ дар таҷрибаи ширкатҳо ва бонкҳои саҳомӣ пайдо мешавад. Ширкати корпоративӣ шахси ҳуқуқиест, ки иттиҳодияи шахсони воқеӣ буда, зимнан новобаста аз онҳо, яъне ба таври худидора фаъолият мекунад [11,с.15].

Қайд кардан бамаврид аст, ки масъалаи идоракунии корпоративӣ аз ҷониби муҳаққиқони зиёди хориҷӣ баррасӣ ва омӯзиш шудааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки таҳқиқотҳо оид ба идоракунии корпоративӣ якчанд марҳиларо дар бар мегиранд. Марҳилаи аввал солҳои 1932-1980. Дар ин марҳила аввалин маротиба аз ҷониби А. Берли ва Г. Минза мафҳуми идоракунии корпоративӣ зери таҳқиқ қарор гирифта, ҳамчун соҳаи алоҳидаи илм ҷудо карда мешавад. Дар таҳқиқоти онҳо масъалаи номувофиқ омадани манфиатҳо байни саҳмдорон ва менеҷерони корхона, тақсимоти ҳуқуқҳои моликият ва идоракунӣ ва ғ. баррасӣ шудааст [26,с.1366]. Ба андешаи мо, таҳқиқотҳои ин давра асосан ба кишварҳои аврупоӣ равона шуда, хулосаҳои назаррас оид ба самаранокии сохтор ва шаклҳои алоҳидаи моликият пайдо карда нашудаанд ва ҳамаи методологияи он давра хусусияти муқоисавӣ дошт.

Марҳилаи дуввум солҳои 1980-1997-ро дар бар мегирифт. Дар ин давра як қатор таҳқиқотҳо оид ба ҷузъҳо ва механизмҳои низоми идоракунии корпоративӣ анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, таҳқиқотҳо оид ба бозори назорати корпоративӣ, шурои директорон, низоми ҳавасмандкуниҳо, нақши стейкхолдерҳо, нақши хароҷотҳои агентӣ ва ғ. Ба ин нигоҳ накарда, дар ин давра мушкилотҳои методологӣ оид ба хусусияти моделҳо ба назар мерасад.

Марҳилаи сеюм солҳои 1997 то ин ҷонибро дарбар мегирад. Дар ин давра таҳқиқоти Ла Порт бо ном "Инқилоби Ла Порт" ба анҷом мерасад [27,с.478] ва як қатор таҳқиқотҳо оид ба ташхиси эмпирикии таъсири низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба самаранокии фаъолият ва арзиши ширкатҳо ба анҷом мерасанд. Аз ҷумла, танқиди М. Роуро (2002) қайд кардан бамаврид аст, ки дар он хулосаҳо оид ба таҳқиқи самаранокии низомҳои ҳуқуқӣ аз нигоҳи идоракунии корпоративӣ ба анҷом расидаанд.

Ҳамин тавр, таҳқиқотҳои солҳои охир дарбар мегирифтанд:

- муносибатҳо байни саҳмдорони калон ва миноритарӣ [2,с.301];
- муносибатҳои байни корпоратсия (саҳмдорон, менеҷерҳо) ва ҷонибҳои манфиатдори беруна (таъминкунандагон, истеъмолкунандагон, кредиторон, давлат ва ғ.) [5,с.40];

– муносибатҳо байни саҳмдорон ва роҳбарони ширкат, аз як тараф ва кормандони ширкат, аз тарафи дигар [20,с.50];

- фурӣбарӣ ҳамчун роҳи азнавтақсимкунии бастаҳои ваколатҳо ва механизмҳои муҳофизатии онҳо [23,с.110];

- забти корпоративӣ дар шароити ноамнӣ ба ҳуқуқи моликият ва рушди сусти инфрасохтори бозор барои азнавтақсимкунӣ ва ҳуқуқҳои назорат [28,с.3].

Илова бар ин, метавон дар таҳаввулоти мафҳуми идоракунии корпоративӣ нақши чунин рӯйдодҳои таърихиро қайд намуд: дар асри XVII дар ширкати Ост-Индия аввалин шурои директорон таъсис дода шуд, ки 24 нафарро ташкил медод; соли 1776 Адам Смит қайд менамояд, “моликияти пароканда мушкилоти идоракуниро ба бор оварда, сустии механизмҳои назорат аз болои менеҷерон ва ҳавасмандӣ барои идоракунандагонро нишон медиҳад”; соли 1844 Қонуни аввалин дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ ба табъ мерасад; соли 1934 дар ИМА Қонун дар бораи қоғазҳои қиматнок қабул мешавад; соли 1968 дар Иттиҳоди Аврупо директивҳо оиди қонунгузорӣ “Дар бораи ширкатҳо” қабул карда шуд; дар ибтидои солҳои 90-ум бо сабабҳои гуногун дар Британияи Кабир масъалаи мукаммалгардонии идоракунии корпоративӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои саҳмдорон баррасӣ шуд; соли 1992 кумитаи Кэдбери кодекси аввалин оиди ҷанбаҳои молиявии идоракунии корпоративиро нашр мекунад (Британияи Кабир); аз соли 1992 то соли 2003 як қатор ҳисоботҳо дар бораи мушкилотҳои алоҳидаи идоракунии корпоративӣ қабул карда шудаанд, аз ҷумла, ҳисоботи Кинг дар бораи баҳисобгирии ҳамаҷонибаи манфиатҳои иштирокчиёни корпоратсия, ҳисоботи Рутман дар бораи назорати дохилӣ ва ҳисоботи молиявӣ (Британияи Кабир), ҳисоботи Гринбери дар бораи мукофотонидани шахсони мансабдор (Британияи Кабир), ҳисоботи Хэмпел дар бораи идоракунии корпоративӣ (Британияи Кабир), ҳисоботи Вено дар бораи принсипҳои асосии идоракунии корпоративӣ (Фаронса), маърузаи Питерс, ки барои вайрон кардани стандартҳои умумиқабулшудаи идоракунии корпоративӣ ҷавобгариро пешбинӣ мекунад (Нидерланд), Қонуни Сарбейнс-Оксли дар бораи ба ҳайати кумитаи аудит ворид кардани коршиносони молиявӣ (ИМА), ҳисоботи Хиггс оиди директорони ғайриичроия (Британияи Кабир) ва ғ. [1,с.5-8].

Ба андешаи мо, маҳз ҳамин рӯйдодҳо дар таҳаввулоти мафҳуми идоракунии корпоративӣ нақши бузургро гузоштанд, ки инро Оқилҷонов Ф.Ш. низ дастгирӣ менамояд [1,с.5-8].

**Ҷадвали 1. Таҳаввулоти назариявии мафҳуми идоракунии корпоративӣ**
**Table 1. Theoretical evolution of the concept of corporate governance**

| Давраҳо ва рӯйдодҳо | Самтҳои асосии таҳқиқотҳои гузаронидашуда |
|---|---|
| Асри XVII | Дар асри XVII дар ширкати Ост-Индия (East India Company) аввалин шурои директорон таъсис дода шуд, ки аз 24 нафар иборат буд. Аввалин маротиба тақсимоти вазифаҳои моликият ва идоракунӣ ба амал омад. |
| Асри XVIII | Соли 1776 Адам Смит дар асари худ «Тадқиқот дар бораи табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо» қайд намуд: «моликияти пароканда мушкилоти идоракуниро ба бор оварда, сустии механизмҳои назорат аз болои менеҷерон ва ҳавасмандӣ барои идоракунандагонро нишон медиҳад». |
| Асри XIX | Соли 1844 Қонуни аввалин дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ ба табъ мерасад. Ба қонунгузорӣ ҷорӣ намудани шакли нави ҷавобгарии молӣ – ҷавобгарии соҳибмулкони ширкат аз рӯи уҳдадориҳои он (Британияи Кабир). |
| Асри XX | Соли 1931. А. Берли ва Г. Минз асари «Корпоратсияи муосир ва моликияти хусусӣ» (ИМА)-ро аз чоп бароварданд, ки дар он аввалин маротиба масъалаи ҷудошавии вазифаи назорат аз вазифаи моликият муфассал омӯхта шудааст. |
| | Солҳои 1933-1934. ИМА: Қонун дар бораи коғазҳои қиматнок, ки соли 1933 қабул шуд, аввалин маротиба танзими бозори фондиро ҷорӣ намуд. |
| | Соли 1968. Иттиҳодияи Аврупо директиваҳо оиди қонунгузорӣ «Дар бораи ширкатҳо»-ро қабул кард. |
| | Ибтидои солҳои 90-ум. – Шахшавии империяҳои соҳибкорӣ. Силсилаи моҷароҳо Британияи Кабирро ба ларза оварда, фурӯпошии як қатор ширкатҳо (Polly Peck, BCCI, Maxwell) ва фиребхӯрии саҳҳомон |

| | |
|---|---|
| | зарурияти мукаммалгардонии амали идоракунии корпоративиро бо мақсади ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон ба миён овард. |
| | Соли 1992. кумитаи Кэдбери кодекси аввалин оиди ҷанбаҳои молиявии идоракунии корпоративиро нашр мекунад (Британияи Кабир). Аз соли 1993 ширкатҳои ба рӯйхати биржаҳои фондии Британияи Кабир шомилбуда, оиди иҷроиши Кодекс ҳисобот медоданд. |
| | Солҳои 1992-2003 – ҳисоботҳо оиди мушкилиҳои ҷудогонаи идоракунии корпоративӣ қабул карда шуданд, аз ҷумла:<br>1) ҳисоботи Кинг оиди баҳисобгирии ҳаматарафаи манфиатҳои иштирокчиёни корпоратсия (ҶАҶ);<br>2) ҳисоботи Рутман оиди назорати дохилӣ ва ҳисоботи молиявӣ (Британияи Кабир);<br>3) ҳисоботи Гринбери оиди мукофотонидани шахсони мансабдор (Британияи Кабир);<br>4) ҳисоботи Хэмпел оиди идоракунии корпоративӣ (Британияи Кабир);<br>5) ҳисоботи Вено оиди принсипҳои асосии идоракунии корпоративӣ (Фаронса);<br>6) маърузаи Питерс, ки барои вайрон кардани стандартҳои умумиқабулшудаи идоракунии корпоративӣ ҷавобгариро пешбинӣ мекунад (Нидерланд);<br>7) қонуни Сарбейнс-Оксли дар бораи ба ҳайати кумитаи аудит ворид кардани коршиносони молиявӣ (ИМА);<br>8) Ҳисоботи Хиггс оиди директорони гайриичроия (Британияи Кабир). |

**Сарчашма**: Идоракунӣ дар корпоратсияҳои байналхалқӣ.

Таҳқиқотчиён ва олимон масъалаи идоракунии корпоративиро аз нигоҳи гуногун баррасӣ мекунанд. Ҳамин тавр, мутахассисони Институти директорони Русия И. Беликов ва В. Вербитский идоракунии корпоративиро ҳамчун «низоми муносибатҳои байни соҳибони (саҳмдорони) ширкат ва роҳбарияти он, байни гурӯҳҳои (категорияҳои) гуногуни саҳмдорон, байни ширкат ва дигар гурӯҳҳои (ҷонибҳои) манфиатдор оид ба масъалаҳои таъмини манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои корпоративӣ ва фаъолияти самараноки ширкат, мувофиқати он ба мақсадҳои иҷтимоӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ» баррасӣ мекунанд [3,с.117]. Ин муносибат, ба андешаи мо, бояд этикаи корпоративро низ дар бар гирад. М.М. Соловёв хусусияти системавии идоракунии корпоративиро таъкид мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки идоракунии корпоративӣ низоми идоракуние мебошад, ки дар натиҷаи дигаргунсозӣ, рушди низоми идоракунӣ ва автоматикунонии идоракунӣ ба вуҷуд омадааст, ки унсурҳои ин низомҳоро дар бар гирифта, барои ноил шудан ба ҳамоҳангии манфиатҳои соҳибони ширкат ва шахсони дигар бо тариқи фаъолияти боэътимод ва объективии роҳбарияти олии ширкат нигаронида шудааст [21,с.10]. Албатта, усулҳои автоматикунонии идоракунӣ вуҷуд доранд, лекин, ба андешаи мо, идоракунии корпоративӣ таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти ширкатро тақозо дорад.

О.А. Макарова мафҳуми «идоракунии корпоративӣ»-ро тавассути мафҳумҳое, ки дар қонунгузорӣ муқаррар шудаанд, муайян намуда, таъкид мекунад, ки идоракунии корпоративӣ «пеш аз ҳама, идоракуние мебошад, ки дар асоси қонун ва ҳуҷҷатҳои дохилии корпоратсия, ки тибқи қонун қабул шудаанд, амалӣ карда мешавад». Ба маънои васеъ, идоракунии корпоративӣ, мувофиқи ақидаи О.А. Макарова «муносибати дохилии корпоратсия ва муносибати он бо олами беруна», яъне «низоми муносибатҳои байни мақомоти роҳбарикунанда ва соҳибони коғазҳои қиматноки корпоратсия (саҳмдорон, соҳибони вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматнок), байни корпоратсия ва мақомоти давлатӣ, инчунин, дигар шахсони манфиатдор, ки ин ё он тарз дар идоракунии эмитент (ширкат) ба сифати шахси ҳуқуқӣ иштирок доранд», ташаккул медиҳад [15,с.27]. Соловев М.М. ва Макарова О.А. асосан идоракунии корпоративиро дар муносибатҳои байни манфиатдорони ширкат вобаста медонанд, ки мо низ ин андешаро тарафдорӣ мекунем.

Муносибати меъёриро ба таърифи мафҳуми «идоракунии корпоративӣ» В.В. Долинская таъкид мекунад. Ба ақидаи ӯ, идоракунии корпоративӣ ин низоми муносибатҳои ташкилӣ ва моликияти бо қонун танзимшаванда мебошад, ки ширкати корпоративӣ бо ёрии он манфиатҳои сармоягузорон ва, пеш аз ҳама, саҳмдоронро намояндагӣ ва ҳимоя мекунад [6,с.420-421]. С.Д. Могилевский ба маълумотҳои соҳаҳои гуногуни илми муосир такя намуда, чунин хулоса мекунад: «идоракунии корпоративӣ, ки аз ҷониби ширкати тиҷоратӣ амалӣ карда мешавад, як намуди идоракунии иҷтимоӣ

буда, таъсири мунтазам ва мақсаднок ба рафтори одамонеро дорад, ки дар соҳаи фаъолияти ширкати тиҷоратӣ машғуланд (шахсоне, ки тибқи қонун ва ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба онҳо ваколатдор шудаанд), ё дар доираи манфиатҳои корпоративӣ (иштирокчиён, аъзои мақомоти идоракунӣ) ё ба муносибатҳои меҳнатӣ (кормандон ва шахсони мансабдор) алоқаманданд. Ин таъсир тавассути муносибатҳои идоракунии субъект ва объекти идоракунии корпоративӣ, ки дар байни ин шахсон ташаккул меёбад, амалӣ мегардад» [17,с.161]. Яъне, ба ақидаи олимони дар боло қайдшуда, идоракунии корпоративӣ ин меъёрҳои махсусе мебошанд, ки муносибатҳо дар ширкат амалӣ карда мешаванд, ки ба андешаи мо, таҳқиқи алоҳидаи ин масъаларо талаб мекунад.

Ба ақидаи А. Килячков, идоракунии корпоративӣ маҷмуи тадбирҳоест, ки аз ҷониби ширкатҳо бо мақсади ҳифзи манфиати моликон ва дар ниҳояти кор, баланд бардоштани арзиши ширкат ва ҷалби сармоягузорӣ анҷом дода мешавад [8,с.51]. Инчунин, Л.З. Шнейдман қайд мекунад, ки низоми дурусти идоракунии корпоративӣ ба соҳибон имкон медиҳад, ки боварӣ ҳосил кунанд, ки маблағҳои онҳо аз ҷониби роҳбарияти ҷамъияти саҳомӣ барои рушди фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ оқилона истифода мешаванд [24,с.16]. Шнейдман қайд мекунад, ки идоракунии корпоративӣ дар маҷмуъ «низоми ҳисоботдиҳӣ дар назди саҳмдорон аз ҷониби шахсоне мебошад, ки ба онҳо роҳбарии ҷории ҷамъияти саҳомӣ гузошта шудааст», дар ҳоле ки идоракунии корпоративӣ аз идоракунии ҷамъияти саҳомӣ тафовут дорад, ки дар навбати худ, асосан «фаъолияти оперативӣ буда, аз тарафи мақомоти иҷроия ва шахсони мансабдор амалӣ мегардад. Ба ақидаи олимони дар боло зикр гардида, идоракунии корпоративӣ баҳри манфиати моликон ва соҳибони ширкат ва ҳифзи манфиатҳои онҳо равона карда шудааст, аммо ба андешаи мо, танҳо як қисмати идоракунии корпоративӣ барои ҳифзи манфиатҳои соҳибони ширкат равона карда шудааст, ки пурра бо фикри ин олимон мо розӣ нестем.

В. Клейнер мафҳуми «саҳмдорон»-ро аз таърифи «идоракунии корпоративӣ» ҳамчун номи умумии шарикони ширкат дар бозори саҳомӣ хориҷ карда, истифодаи мафҳуми «сармоягузоронро» пешниҳод мекунад «сармоягузорон ин субъектҳои хоҷагидорӣ мебошанд, ки ё аллакай саҳмдорони ширкат (саҳмдорони воқеӣ ё танҳо саҳмдорон) мебошанд, ё метавонанд дар оянда чунин шаванд (саҳмдорони эҳтимолӣ) [9,с.36]. В. Клейнер чунин мешуморад, ки ҳангоми ташаккули мафҳуми «идоракунии корпоративӣ» субъектҳои бевоситаи бозори саҳомӣ, аз қабили брокерҳо, мушовирон, таҳлилгарон, ширкатҳои аудиторӣ, агентиҳои рейтингӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Албатта, ба фикри мо, субъектҳои дар боло зикршуда ба ташаккули стратегияи корпоративӣ ва фаъолияти мақомоти роҳбарикунандаи корхона таъсири қавӣ доранд. Натиҷаҳои бомуваффақияти таҳқиқоти агентиҳои рейтингӣ метавонанд ба афзоиши сармояи корхона тавассути ҷалби сармоягузорони нав мусоидат кунанд, аммо ба андешаи мо, ҷудо намудани мафҳуми “саҳмдорон” аз идоракунии корпоративӣ и таҳқиқи алоҳида ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи В. Клейнер, идоракунии корпоративӣ ҳамчун «низоми муносибатҳои байни ширкати оммавӣ ва бозори саҳомӣ фаҳмида мешавад, ки муайян мекунад: а) таъсири роҳбарикунанда ба ширкат аз ҷониби саҳмдорон ва гурӯҳҳои онҳо; б) ҷараёнҳои молиявӣ байни ширкат ва бозори саҳомӣ; в) ҷараёни иттилоотӣ миёни ширкат ва бозори саҳомӣ».

Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (ОЭСР) соли 1999 (соли 2004-ум бо таҳияи нав) Принсипҳои идоракунии корпоративиро (минбаъд Принсипҳои ОЭСР)-ро ба табъ расонид, ки идоракунии корпоративиро ҳамчун “механизмҳои дохилие, ки тавассути онҳо ширкатҳо идора карда мешаванд, инчунин, аз болои онҳо назорат бурда мешавад; ё «маҷмуи муносибатҳои байни раёсати (роҳбарият, маъмурияти) ширкат, Шурои директорони (Шурои нозирони) он, саҳомдорон ва дигар шахсони манфиатдор», инчунин, «механизмҳое, ки тавассути онҳо ҳадафҳои ширкат мураттаб мешаванд; воситаҳои ба даст овардан ва назорат кардани фаъолияти он ошкор карда мешаванд», муайян кард [19,с.1]. Аз нуқтаи назари Standard&Poor's, идоракунии корпоративиро метавон ҳамчун «усули худидоракунии интихобкардаи ширкат, ки тақсимоти одилона

ва баробари натиҷаҳоро миёни ҳамаи саҳмдорон, инчунин, дигар «тарафҳои аз ҷиҳати молиявӣ манфиатдор», яъне, кредиторон, таъмин менамояд, тавсиф кардан мумкин аст. Мафҳуми идоракунии корпоративӣ, пеш аз ҳама, маҷмуи қоидаҳо ва ҳавасмандкуниро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо саҳмдорон назорати идоракунии ширкатро амалӣ намуда, ба идоракунӣ таъсир мерасонанд, то фоида ва арзиши ширкатро ба ҳадди аксар расонанд» [16,с.1]. Ба андешаи мо, таърифи идоракунии корпоративӣ аз ҷониби ин ду ташкилоти бонуфузи ҷаҳонӣ, барои мо қобилтар аст ва мо низ дар ошкор намудани таърифи “идоракунии корпоративӣ” ба онҳо такя менамоем.

Дар дастури таълимии “Идоракунӣ дар корпоратсияҳои байналхалқӣ” идоракунии корпоративӣ ҳамчун “низоми муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва идоракунӣ байни субъектони муносибатҳои иқтисодӣ, ки манфиаташон бо фаъолияти ширкат алоқаманд аст”, фаҳмида мешавад [1,с.5]. Дар дастури “Стандартҳои миллии идоракунии корпоративӣ дар ҶТ” идоракунии корпоративӣ ҳамчун “низоми идоракунии ҷамъияти саҳомӣ фаҳмида мешавад, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои саҳмдорони ҷамъиятро ва шахсоне, ки бо ҷамъияти саҳомӣ алоқаманданд, механизмҳои муносибатҳо байни онҳо дар асоси ба назаргирии манфиатҳои онҳо, бо мақсади таъмини самараноки рушди ҷамъияти саҳомӣ, муайян мекунад” [18,с.3]. Ба андешаи мо, таърифи идоракунии корпоративӣ “Стандартҳои миллии идоракунии корпоративӣ дар ҶТ”, қариб пурра бо таърифи идоракунии корпоративие, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ муайян шудааст, мувофиқат мекунад, яъне, он ба талаботҳои ҷаҳонии таърифи идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамон ҷо оварда шудааст, ки вазифаи асосии идоракунии корпоративӣ ин таъмини кори корпоратсияҳо ба манфиати соҳибмулкони онҳо, яъне, саҳомоне мебошад, ки ба корпоратсияҳо захираҳои молиявиро гузоштаанд. Мазмуни идоракунии корпоративӣ бо амалисозии даври идоракунии корпоративӣ барои ноил гаштан ба самаранокии максималии фаъолияти корпоратсия ифода меёбад, ки меъёри асосии идоракунии корпоративӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, бо омӯзиш ва таҳлили адабиёти гуногуни илмӣ метавон хулоса кард, ки идоракунии корпоративӣ равандеро таҷассум мекунад, ки миёни ҳадафҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, манфиатҳои шахсӣ ва умуман ширкат мувозинатро муайян мекунад. Идоракунии корпоративӣ низоми муносибатҳои дуҷониба миёни менеҷерон ва соҳибон (саҳомон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор) оид ба масъалаҳои таъмини самаранокии фаъолияти ширкат ва таъмини манфиатҳои соҳибмулкон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ба ҳисоб меравад. Хусусияти идоракунии корпоративӣ он аст, ки ба сифати объекти идоракунӣ, маҷмуи субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҳамдигар новобаста баромад мекунанд, ки дар алоқаи якдигар ҳастанд ва ҳар яке аз онҳо вазифаҳои алоҳидаи худро дороанд. Дар ин ҷо ширкати асосӣ (марказӣ), вазифаҳои идоракунӣ, ба нақша гирифтани фаъолият, истеҳсолот, ҳавасмандкунӣ, назорат, ошкор намудани дурнамо, ҷамъ овардани иттилоот, муносибатҳо бо мақомоти фискалӣ, тақсимоти фоида ва ғ. бар душ дорад. Идоракунии корпоративӣ бештар хусусияти стратегӣ дошта, ба муваффақона фаъолият намудани ширкат дар муҳити беруна (ҳимояи ҳуқуқи саҳомон, ҳамкорӣ бо мақомотҳои ҳокимиятӣ, шарикон, саҳмгузорон) равона карда шудааст. Илова бар ин, метавон қайд кард, ки идоракунии корпоративӣ ин низоми ҳисоботдиҳӣ назди саҳмдорон аз ҷониби шахсоне мебошад, ки ба онҳо идоракунии ҷории ширкат вогузор карда шудааст; идоракунии корпоративӣ ин маҷмуи тадбирҳо ва қойдаҳое мебошад, ки ба саҳмдорон дар назорат ва идоракунии ширкат мусоидат намуда, ба менеҷмент бо мақсади баланд бардоштани фоида ва арзиши он таъсири назаррас мерасонад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Иброҳимзода И.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Акилҷонов Ф.Ш. Идоракунӣ дар корпоратсияҳои байналхалқӣ. Дастури таълимӣ / Ф.Ш. Акилҷонов, А.Ҷ. Гадоев, Ф.Ш. Маликов. -Душанбе, 2017. -66 с.
2. Анализ роли интегрированных структур на российских товарных рынках / Под ред. С.Б. Авдашевой, А.З. Астаповича, А.Е. Шаститко; Бюро экон. анализа. –М.: Теис, 2002. -302 с.

3. Беликов И. Корпоративное управление, его стандарты и их внедрение // И. Беликов, В. Вербицкий // Общество и экономика. – 2005. -№10-11. -С.112-139.
4. Давлатзод Умед. Формирование системы управления акционерным обществом в переходной экономике: диссертация кандидата экономических наук / Давлатзод Умед. – 2003. -169 с.
5. Долгопятова Т.Г. Становление корпоративного сектора и эволюция акционерной собственности / Т.Г. Долгопятова. -М.: ГУ-ВШЭ. Препринт WP1/2003/03. Серия WP1. Институциональные проблемы российской экономики. -2003. -С.42.
6. Долинская В.В. Акционерное право: основные положения и тенденции / В.В. Долинская. -М.: Волтерс Клувер, 2006. -736 с.
7. Кабиров Ш.О. Формирование и развитие корпоративной предпринимательской среды унитарного предприятия: теория и методология антикризисного управления: на примере ГУП “ТАЛКО” РТ: диссертация доктора экономических наук / Ш.О. Кабиров. -Душанбе, 2011. -335 с.
8. Килячков А. Корпоративное управление как фактор привлечения и защиты инвестиций / А. Килячков // Рынок ценных бумаг. – 2003. -№4. -С.50-53.
9. Клейнер В. Корпоративное управление и эффективность деятельности компаний / В. Клейнер // Вопросы экономики. – 2008. -№10. -С.32-48.
10. Кодиров Ф.А. Развитие акционерных обществ в промышленности Республики Таджикистан: на примере акционерных обществ пищевой промышленности: диссертация кандидата экономических наук / Ф.А. Кодиров. – 2012. -165 с.
11. Кузнецова Л.В. Корпоративное управление и эффективность банковской деятельности: диссертация к.э.н. / Л.В. Кузнецова. -М., 2010. -149 с.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок”. / Ахбори маҷлиси Олии ҶТ, 2011 с., №6 бо иловаҳо №1373 аз 14.11.2016. -57 с.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”. №782 аз 26.12.2011, бо иловаҳо №1722 аз 07.08. 2020. -43 с.
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” // Ахбори маҷлиси Олии ҶТ, 2007 с., №3, бо иловаҳо №780 аз 14.11.2016. -80 с.
15. Макарова О.А. Реализация принципов корпоративного управления в Российском акционерном законодательстве / О.А. Макарова // Актуальные проблемы науки и практики коммерческого права: сб. науч. ст. -М.: Волтерс Клувер, 2005. -№5. -С.124.
16. Международная финансовая корпорация (IFC). Исследование практики корпоративного управления в российском банковском секторе. – 2004. [Электронный ресурс]. URL: http://www.ifc.org/ifcext/rbcgp.nsf/content/ProjectMaterialsSurveysRU
17. Могилевский С.Д. Органы управления хозяйственными обществами. Правовой аспект / С.Д. Могилевский. -М.: Дело, 2001. -360 с.
18. Национальные стандарты корпоративного управления Республики Таджикистан (Проект). –Душанбе, 2012. -С.29.
19. ОЭСР. OECD, Principles of Corporate Governance, 1999. [Электронный ресурс]. URL: http://www.oecd.org
20. Радыгин А.Д. Особенности формирования национальной модели корпоративного управления / А.Д. Радыгин, Р.М. Энтов, И.Б. Межераупе. -М.: ИЭПП, 2003. -М55.
21. Соловьев М.М. Автоматизированные системы, менеджмент и корпоративное управление: логика разделения и развития / М.М. Соловьев // Менеджмент в России и за рубежом. – 2008. -№5. -С.9.
22. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2016. -С.86.
23. Хаши И. Законодательная база эффективного корпоративного управления: сравнительный анализ опыта ряда постсоциалистических стран / И. Хаши. -Варшава: Центр социально-экономических исследований, 2004. -№268. -С.110.
24. Шнейдман Л.З. Принципы корпоративного управления или как успешно работать с инвесторами / Л.З. Шнейдман // Бухгалтерский учет. – 2000. -№1. -С.55–60.
25. Шобуддинов И.Н. Пути совершенствования системы корпоративного управления (на примере коммерческих банков РТ) / И.Н. Шобуддинов // Институт экономики и демографии АН РТ. Вестник Российско-Таджикского (славянского) университета. - №3(50). -С.145-149.
26. Berle, A. For Whom Corporate Managers Are Trustees: a note / A. Berle. Harvard Law Review. - 1932. -№45. -P.1365-1372.
27. La Porta R. Corporate Ownership around the World / La Porta R., Lopez-de-Silanes, F., Shleifer, A. // The Journal of Finance. - 1999. -№2. -P.471-517.
28. Tirole J. Corporate Governance / J. Tirole // Econometrica. – 2001. -V.69. -P.1.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи мубрам ва рӯзмарраи – идоракунии корпоративӣ дар ширкатҳои саҳомӣ аз ҷиҳати назариявӣ, бо назардошти корҳои олимони хориҷию ватаниро зери омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Идоракунии корпоративӣ дар кишварҳои собиқ Шуравӣ баъди барҳам хурдани ин давлат ва сохти иқтисоди нақшавӣ ба роҳ монда шуда, давра ба давра ба соҳаи иқтисодиёти миллии кишварҳои ИДМ ворид гашта истодааст. Идоракунии корпоративӣ шакли махсуси идоракунии ширкатҳои саҳомӣ ба ҳисоб рафта, дар он манфиатҳои тамоми иштирокчиёни ширкат, ҳам дохилӣ ва ҳам

беруна ба инобат гирифта мешавад. Бо ворид намудани шакли идоракунии корпоратвӣ дар ширкатҳо ва бонкҳои саҳомии кишвар, болоравии арзиши саҳмияҳо, эътибори ширкат, зиёд шудани фоида, принсипҳои баробарӣ ва ахлоқи идоракунӣ хоҳад пойдор гашт. Идоракунии корпоративӣ бештар хусусияти стратегӣ дошта, ба муваффақона фаъолият намудани ширкат дар муҳити беруна (ҳимояи ҳуқуқи саҳомон, ҳамкорӣ бо мақомотҳои ҳокимиятӣ, шарикон, кредиторон) равона карда шудааст. Метавон қайд кард, ки идоракунии корпоративӣ ин низоми ҳисоботдиҳӣ назди саҳмдорон аз ҷониби шахсоне мебошад, ки ба онҳо идоракунии ҷории ширкат вогузор карда шудааст; идоракунии корпоративӣ ин маҷмӯи тадбирҳо ва қоидаҳое мебошад, ки ба саҳомдорон дар назорат ва идоракунии ширкат мусоидат намуда, ба менеҷмент бо мақсади баланд бардоштани фоида ва арзиши он таъсири назаррас мерасонад.

**Калидвожаҳо:** корпоратив, ширкат, саҳомӣ, бонк, назария, идоракунӣ, идоракунии корпоративӣ, менеҷмент, муносибат, саҳомдорон, манфиат, фоида.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ КОНЦЕПЦИИ КОРПОРАТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ

В данной статье автор теоретически исследовал и проанализировал актуальные вопросы корпоративного управления в акционерных обществах, полагаясь на работы зарубежных и отечественных ученых. Корпоративное управление в странах бывшего СССР сложилось после распада этого государства и прекращения функционирования плановой экономики и входит в сферу народного хозяйства стран СНГ. Корпоративное управление - это особая форма управления акционерными обществами, при которой учитываются интересы всех участников общества, как внутренних, так и внешних. Путем внедрения формы корпоративного управления в акционерных обществах и банках страны будут обеспечены рост стоимости акций, репутация компании, увеличение прибыли, принципы равноправия и управленческой этики. Корпоративное управление носит более стратегический характер и направлено на успешную деятельность компании во внешней среде (защита прав акционеров, взаимодействие с органами власти, партнерами, кредиторами). Можно отметить, что корпоративное управление - это система отчетности перед акционерами лиц, на которых возложено текущее управление компанией; корпоративное управление - это совокупность мер и правил, которые помогают акционерам контролировать и управлять компанией и оказывать существенное влияние на менеджмент с целью увеличения прибыли и стоимости акций.

**Ключевые слова:** корпорация, компания, акции, банк, теория, управление, корпоративное управление, управление, отношения, акционеры, интерес, прибыль.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE CONCEPT OF CORPORATE MANAGEMENT

In this article, the author studied and analyzed the pressing and daily issue of corporate management in joint-stock companies theoretically, taking into account the work of foreign and domestic scientists. Corporate management in the former Soviet countries was established after the dissolution of this state and the establishment of a planned economy, and is periodically entering the sphere of the national economy of the CIS countries. Corporate management is a special form of management of joint-stock companies, in which the interests of all participants of the company, both internal and external, are taken into account. By introducing the form of corporate management in companies and joint-stock banks of the country, the increase in the value of shares, the reputation of the company, the increase in profit, the principles of equality and management ethics will be sustained. Corporate management has a more strategic nature and is aimed at the successful operation of the company in the external environment (protection of shareholders' rights, cooperation with authorities, partners, creditors). It can be noted that corporate governance is a system of reporting to shareholders by persons who are entrusted with the current management of the company; corporate governance is a set of measures and rules that help shareholders control and manage the company and have a significant impact on management in order to increase its profit and value.

**Keywords**: corporate, company, stock, bank, theory, management, corporate management, management, relationship, shareholders, interest, profit.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳакимов Сангалӣ Ғуломович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Sangali-hakimov@mail.ru.** Телефон: (**+992) 901-44-06-07**

**Сведения об авторе:** ***Хакимов Сангали Гуломович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Sangali-hakimov@mail.ru**. Телефон: (**+992) 901-44-06-07**

**Information about the author:** ***Khakimov Sangali Gulomovich*** - Tajik National University, assistant of the Department of Finance and Insurance. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Sangali-hakimov@mail.ru.** Phone: **(+992) 901-44-06-07**

ТДУ 338.21(575.3)

# РУШДИ САЙЁҲИИ АГРАРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН БО ИСТИФОДА АЗ ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ПЕШРАФТАИ ҶАҲОН

*Қурбонов Ё.С.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Дар шароити муосир соҳаи сайёҳӣ дар доираи иқтисоди ҷаҳонӣ як тиҷорати ҷаҳонӣ ҳисобида мешавад. Бозори сайёҳии ҷаҳонӣ пайваста рушд ёфта, ягон кишвари дунёро бетаваҷҷуҳ намегузорад. Аҳаммияти сайёҳӣ, алалхусус сайёҳии аграрӣ барои хоҷагии халқ дар айни замон бо даромадҳое, ки вай дар шароити тараққиёти бомуваффақият медиҳад ва, пеш аз ҳама, афзоиши даромад ва баланд гардидани дараҷаи некуаҳволии халқ мебошад, алокаманд аст. Шумораи аҳолӣ, афзоиши ҷойҳои корӣ на танҳо дар худи саноат, балки дар соҳаҳои хизматрасонӣ вобаста аст. Сайёҳӣ дар деҳот ба яке аз намудҳои фароғат табдил ёфта, ки дар ҷаҳон ҳарчи бештар маъруфият пайдо мекунад. Қайд кардан мумкин аст, ки ин бахши саноати сайёҳӣ, ки намудҳои гуногуни сайёҳиро муттаҳид мекунад, ки ба истифодаи васеи объектҳои табиӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дигар захираҳои деҳот нигаронида шудааст, метавонад заминаи эҷоди як маҳсулоти туристии минтақавӣ гардад.

Сайёҳии аграрӣ ин фаъолиятҳои ташкилёфта дар шароити деҳот мебошад, ки дар он ҷо хизматрасониҳои мухталиф ба сайёҳон пешниҳод карда мешавад. Аз ҷумла хизматрасониҳои экскурсионӣ, ҷобаҷокунӣ дар хонаҳои деҳот, истироҳату фароғат дар муҳити хонаводагӣ, пешниҳоди ғизоҳои миллию суннатӣ, ташкили фароғат, аспсаворӣ, моҳигирӣ, шикор ва ғайра. Дар бисёр кишварҳои ғарб онро эко-агросайёҳӣ низ ном мебаранд, ки мақсад аз он ғамхорӣ нисбати муҳофизати табиат, бартараф намудани таъсироти манфии сайёҳӣ ба муҳити атроф ва пойдории тарзи зиндагии деҳотӣ мебинад. Инчунин, стимулҳои иқтисодиро барои операторҳои сайёҳӣ, ҳукумати маҳаллӣ ва аҳолии маҳаллӣ баҳри кумак расонидан ба масъалаҳои иқтисодӣ, кишоварзӣ, ҳифзи муҳити атроф, муҳофизати анъанаҳои мадании минтақа, тарзи зиндагӣ ва ғайра равона мекунад. Ҳамин тариқ сайёҳии аграрӣ компоненти муҳимми рушди устувори иқтисодиёти деҳот ва пойдории ҳудудҳои кишоварзӣ ва ҳудудҳои табиӣ, ки барои фаъолияти сайёҳӣ аҳамияти калон доранд, мебошад.

Сайёҳии аграрӣ яке аз шаклҳои сайёҳӣ мебошад, ки барои расонидани хизматрасонӣ, барои ҳаракати истеъмолкунандагон аз шаҳр ба деҳот нигаронида шудааст. Инчунин, сайёҳии аграриро метавон сайёҳии меҳмоннавозии деҳот муайян кард. Сайёҳии аграрӣ ё онро сайёҳии деҳот низ меноманд, барои он тарҳрезӣ шудааст, ки инсон аз шаҳр ва тамоми ғавғои ҳамроҳи он хаста шуда, кӯшиш мекунад, ки ҳатто дар як муддати кӯтоҳ ҳам барои истироҳати шоиста ба даст орад. Ҳамин тавр, ба деҳот ҳаракат карда, истеъмолкунанда як муддат дар деҳот ҷойгир карда мешавад ва тамоми хусусиятҳои онро ба худ мегирад. Тағйирёбии бошууронаи иқлим ба истеъмолкунанда имкон медиҳад, ки воқеан аз шаҳр, фазои корӣ «танаффус» гирад ва худро дар фазои дигар, комилан ғайриодӣ ғарқ кунад. Сайёҳии аграриро метавон ба маънои танг ва васеъ дарк кард. Ба мафҳуми танг ин амалигардонии чорабиниҳои гуногун, масалан, мусобиқаҳои варзишӣ, сафарҳои саломатӣ ва дигар чорабиниҳо мебошад, ки ба фароҳам овардани ҷойҳои корӣ барои аҳолии деҳот ва ҷалби аудиторияи мақсадноки ташкилотҳои сайёҳӣ нигаронида шудаанд. Ба маънои васеътар ин як бахши фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҷанбаи ҳудудӣ мебошад, ки як қатор дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ ба ин намуди сайёҳӣ мутобиқ карда мешаванд, то шароити мувофиқ барои ворид шудани маблағҳои нав ба иқтисодиёти минтақа фароҳам оварда шаванд.

Бо ибораи Н.Н. Мамаев, сайёҳии аграрӣ - «ин яке аз намудҳои туризм мебошад, ки он дар муҳити деҳот, берун аз шаҳр бо мақсади истироҳату фароғат, баланд бардоштани маърифатнокӣ, шиносоӣ бо тарзи ҳаёти анъанавии аҳолии маҳаллӣ, урфу одат, тарзи фаъолиятҳои корӣ дар деҳот, иштирок дар раванди кишту кор ва ҷамъоварии молу маҳсулоти аграрӣ дар деҳа, касбу кори мардум, фолклорҳои анъанавӣ

ва таърихи пешини онҳо гузаронида мешавад. Шарти асосии сайёҳии аграрӣ, ин истифодабарии эҳтиёткоронаи захираҳои табиӣ, таъминоти нигоҳдории комплексҳои табиӣ-маданӣ ва дастгирӣ намудани иқтисодиёти маҳаллӣ ва махсусан анъанавӣ мебошад» [2,с.76].

Мувофиқи ақидаи олимони дигар: «Сайёҳии аграрӣ – ин сайёҳат дар канори кишоварзон, яъне сокинони деҳот ва иштирок дар раванди кору бори онҳо, мебошад» [3,с.8]. Моҳияти ин соҳаи сайёҳӣ – тамошои муҳити деҳот, истироҳат ва фароғат дар муҳити кории кишоварзон, дур аз ҳаёҳуи шаҳрӣ ва стрессҳои зиёди шаҳр. Пайравони ин намуди истироҳат самтҳои сайёҳиро ба ҷойҳои дурдаст аз шаҳр, дар минтақаҳои деҳот ва минтақаҳои кишоварзӣ интихоб намуда, бо ин мақсад беш аз ҳама истироҳат дар муҳити берунишаҳрӣ, тамошои табиат ва наздикӣ ба паркҳои миллии ҳақиқии табииро интихоб мекунанд.

**Заминаҳои ташаккулёбӣ ва рушди туризми аграрӣ.** Заминаҳои рушди туризми аграрӣ, пеш аз ҳама, баландшавии сатҳи урбанизатсия (яъне шаҳришавии одамон) дастрасии аксари одамон ба истироҳати арзон ва на он қадар қимат, имконияти хӯрдан ва чашидани ҳар гуна навъу шаклҳои мухталифи хӯрокиҳои сокинони деҳот, маҳсулоти тару тоза, истироҳати хуб дар табиат ва мақсадҳои дигар мебошад [1,с.89].

Мотивҳои асосӣ барои интихоби истироҳат дар шакли туризми аграрӣ инҳоянд:

- набудани воситаҳои зарурӣ барои истироҳат, осоишгоҳҳои қимат ва меҳмонхонаҳои дараҷаи олӣ;
- ҳаёти муқаррарӣ ва ҷолиб барои сайёҳони шаҳр дар муҳити деҳот;
- зарурати барқарор кардани саломатии худ дар муҳити деҳот, дар муҳити табиат;
- наздик шудан ба табиат ва имкони гузаронидани вақти бештар дар табиат, ҷангал, кӯҳсор;
- имкони баҳра бурдан ва хурдану чашидани маҳсулотҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза;
- зарурати табии ба истироҳати орому осуда дар муҳити берунишаҳрӣ;
- имкони ошно шудан бо урфу одат ва фарҳанги мардуми дигар [5,с.53].

Дар Тоҷикистон шароиту имкониятҳои зиёде барои ташаккулёбӣ ва рушди туризми аграрӣ вуҷуд дорад. Ташкили сайёҳии аграрӣ барои ҳалли чунин вазифаҳо мусоидат мекунад. Аз ҷумла ташкил ва таъсиси деҳаҳои махсуси сайёҳӣ, ташкили хатсайрҳои махсуси аграрӣ бо истиқомат дар хонаҳои бунёдгашта дар минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза. Ташкили сайёҳии аграрӣ барои як рӯз дар кишварҳое мисли Канада, ИМА ва Русия бисёр ҳам маъмул гаштааст. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА), ҷавонон пеш аз оғози ҷашни хеллоуин дӯст медоранд, ки бо гурӯҳи рафиқон ва ё бо аҳли оилаашон беруни шаҳр ба муҳити деҳот рафта, он ҷо пикник, яъне, истироҳату дилхушӣ намуда, аз заминҳои кишти кадуи деҳқонон кадуи ба худ маъқулро интихоб карда онро барои ҷашни хеллоуин харида бо худ ба шаҳр меоранд. Дар чунин шаклҳои хатсайрҳои сайёҳӣ одамон аз минтақаи деҳот дидан карда дар заминҳои киштзор маҳсулоти кишоварзиро ҷамъоварӣ мекунанд, ё дар минтақаҳои табиӣ ва ё ҷангалзор сайру сайёҳат намуда меваҷоту сабзавот ва растаниҳои заруриро ҷамъ меоранд [7,с.84].

Кишвари Австрия танҳо дар мавсими зимистон даромади софаш аз ҳисоби туризми аграрӣ ба даҳҳо миллиард евро мерасад. Хоҳишмандони бо Австрия ошно гаштан ва дар яке аз муҳитҳои деҳоти ин кишвар дар муҳити хонаводаи маҳаллӣ, дар маҳаллаҳои дурдаст аз шаҳр истироҳату фароғат намудан кам нестанд. Хонаводаҳои кишоварзии Австрия одатан хонаҳои бузург дошта онро бо растаниҳои сабз ва гулҳои зебо ороиш дода, заминҳои кишти наздиҳавлигӣ доранд.

Меҳмонро дар чунин хонаводаҳо ҳуҷраи алоҳида, роҳатнок, барои муҳити табииро дарк намудан, метавон аз болишту курпае, ки даруни онро бо коҳ пур кардаанд, истифода бурд. Меҳмони ин гуна минтақаҳоро садои хурусҳо субҳи барвақт бедор менамояд. Ғайр аз ин, боду ҳавои тозаи субҳи деҳот бо нағмаю хониши парандагон, садои ҳайвоноти хонагӣ, мисли бузу гӯсфанд ва сагу говҳо, ки субҳи барвақт аҳли деҳот онҳоро обу дон ва хӯрок дода нигоҳубин менамоянд, ҳар як нафарро эҳтимол аст ба ваҷд орад. Хӯроки кишоварзон, ки худи онҳо омода

менамоянд, ҳамаҷиҳата поку экологӣ мебошад. Кӯзаи ширу зарфи сафолии қаймоқ, накҳати гулҳои тару тозаи дар гулдони рӯи мизи тахтагин гузошташуда, зарфу қошуқҳои чубин, сафолин, зарфҳои аз қамишу навдаҳои дарахтон тайёр шуда, ки барои гузоштани нону меваҷот ва дигар маҳсулоти хӯрока дар назар дошта шуда аст, ҳамаи ин барои меҳмонон (сайёҳон) ҷолиб буда, онҳоро хушҳол месозад. Онҳое, ки бекор нишаста наметавонанд, мувофиқи хоҳишашон имкон доранд, ки рӯи ҳавлӣ ба коре машғул бишаванд, мисли бо табар майда кардани чуб, барои ҳезум ва ё дигар корҳо. Он сайёҳоне, ки ҳамроҳи оилаашон, кӯдаконашон ба деҳот омадаанд, онҳо метавонанд барои нигоҳубини ҳайвоноту парандагони хонагӣ ба оилаи кишоварз, деҳқон, фермер кумак намоянд. Ҳангоми вақти холӣ онҳо метавонанд, ба кӯдаконашон аспсавориро омӯзонанд. Бо дучарха дар гирду атрофи деҳа сайругашт намоянд. Ҳамакаса ба моҳигирӣ бираванд. Аксар вақт чунин ҳолате ба миён меояд, ки сайёҳон барои якчанд рӯз ба деҳот меоянд, вале тамоми тобистон дар он ҷо мемонанд. Ин ҳама ба табиату хусусиятҳои соф табиии деҳот вобаста аст, ки сайёҳону меҳмононро ба худ ҷазб менамояд. Ба рушди сайёҳии аграрӣ дар маҷмуъ, ба мисли соҳаи туризм диққат дода мешавад [10,с.1].

Масъалаи туризми аграрӣ дар Фаронса на танҳо дар сатҳи давлатӣ, балки дар сатҳи минтақавӣ ва ноҳиявӣ низ ба таври ҷиддӣ мавриди таваҷҷуҳи соҳибкорону дигар шахсиятҳо қарор гирифтааст. Масалан, дар минтақаи Крёзи Фаронса бо рушд додани сайёҳии аграрӣ дар ин минтақа машғулиятҳо ва ҷойҳои зиёди кориро барои мардуми минтақа эҷод кардаанд. Ҳокимияти маҳаллӣ дар ин минтақа дар ин ҷо хонаҳои сабук ва хурди тобистона, пляжҳои сунъии қумдор дар назди кулу дарёчаҳо ташкил кардаанд. Ва дар ин ҷо мутасаддиён ҳар гуна маросимҳои истироҳатию фароғатӣ барои кӯдакон ва аҳли оилаи онҳо ва конкурсҳо барои моҳидорон мегузаронанд [1,с.90].

Баъзе кишварҳои шарқ ба мисли Чин, Ҳиндустон, Индонезия, Малайзия, Тайланд, Филипин ва Ҷопон дар самти ташкили туризми аграрӣ ё ки туризми деҳот ба пешравиҳои назаррасе ноил гаштаанд. Дар Чин ва Тайланд дар минтақаҳое, ки деҳқонон ба кишти шолӣ (биринҷ), ҷуворимакка ва дигар маҳсулоти хӯрока кишт мешавад, иморатҳои ҷудогонае барои хизматрасонӣ ба сайёҳон бунёд кардаанд.

Дар Ҳиндустон мувофиқи баъзе маълумот зиёда аз 50 деҳа барои қабули сайёҳони хориҷӣ омода шудаанд, ки онҳо аз ноҳияи Гоа сар карда то биёбони Раджастан ҷойгиранд. Яке аз чунин деҳаҳо дар наздикии ноҳияи (штати) Амритсар миёни заминҳои сарсабзу хуррам воқеъ аст. Дар ноҳияи Гуджарат сайёҳон метавонанд миёни ҳунармандону деҳқонон зиндагӣ кунанд. Дар штати Дарджилинг бо ҳаёти кишоварзоне, ки ба кишти чой машғуланд, ошно мешаванд. Сайёҳон ба ивази 20–30 доллар барои 1 соат савори филҳо ба сайёҳат машғул мешаванд. Дар штати Гоа ба сайёҳон шутурсавориро пешниҳод мекунанд [8,с.55-60].

Самти дигари туризми аграрӣ дар Ҳиндустон паркҳои миллӣ мебошад, ки дар ин кишвар қариб 500 парки миллӣ ва мамнугоҳу парваришгоҳҳо мавҷуд аст. Тамошои паркҳои миллӣ дар Ҳиндустон аз ҷониби сайёҳон тавассути автомобилҳои махсус (джиптуризм), тавассути филҳо, пиёда хело ҷолиб ва фаромӯшнашаванда аст. Бо мақсади рушди туризми аграрӣ ҳукумати Ҳиндустон бо барномаи рушди СММ (ПРООН) қарордод бастааст, ки мувофиқи он зиёда аз 100 лоиҳаҳои туристии деҳотро бояд амалӣ гардонанд [6,с.13-17].

Ташкили чорабиниҳои фароғатӣ мисли фестивалҳои рақсу бозиҳои варзишӣ ба мисли Фестивали Кила Райпур, ё ин ки онро бозиҳои олимпии деҳот низ ном мебаранд, самти дигари туризми аграрӣ дар Ҳиндустон мебошад. Ин чорабинӣ ҳанӯз аз соли 1993 дар наздикии деҳаи Лудхиянаи штати Панҷоб то имрӯз ҳамасола баргузор мегардад. Ба ғайр аз бозиҳои варзишӣ дар ин фестивал дар қисмати шабона рақсу сурудхонӣ, мусиқӣ ва дигар чорабиниҳои фароғатӣ ташкил карда мешавад [9,с.1].

Аз ин таҷриба истифода бурда, мо метавонем дар айёми ҷашни Наврӯз ба шаҳри Душанбе, Хатлону Суғд ва Бадахшон, бо таъсиси чорабиниҳои наврӯзӣ, ки аз рақсу сурудхонӣ ва намоиши бозиву ҳунарҳои мардумӣ иборат аст, сайёҳони зиёди хориҷиро ба Тоҷикистон ҷалб намоем.

Ғайр аз ин, омӯзиши таҷрибаи кишварҳое ба мисли Чин, Ҳиндустон, Малайзия, Филиппин, Сингапур ва монанди инҳо барои Тоҷикистон муҳим ва зарур аст. Аз он сабаб, ки ташкили чунин шакли сайёҳат барои истироҳату фароғати сайёҳони аз шаҳр омада ва сарфа кардани пулу маблағи онҳо (зеро ҳангоме аз мағоза ва ё бозор маҳсулоти кишоварзиро дар шаҳр харем он қимат аст, вале вақте онро дар деҳот ва ё муҳити табиат ҷангал ҷамъ оварем он бепул ба даст меояд) бисёр ҳам хуб аст. Аз тарафи дигар, чунин шакли сайёҳат барои кишоварзону деҳқонон хуб мебошад, ки онҳо ҳам бо кумаки сайёҳон молу маҳсулоти худро ҷамъ меоранд ва ҳам ба онҳо ҷои хоб ё муҳити истироҳату фароғат ва шароитҳои дигарро дар деҳот ба сайёҳон пешниҳод карда, аз ин ҳисоб даромад ва маблағҳои хуб ба даст меоранд.

Дар ҳолати мавҷудияти хатсайрҳои зиёди алоқаманд бо туризми аграрӣ модели асосии масоили ташкилии онро фермерҳо ва кишоварзону хоҷагидорҳое муайян мекунанд, ки дорои шароиту имконоти зарурӣ буда, аз ин ҳисоб аз сайёҳон даромади хубе ба даст меоранд. Имконоти асосӣ дар ин шакли туризм ин, пеш аз ҳама, он аст, ки ба сайёҳон ҷои хоб ва хурду хӯрок пешниҳод мешавад. Ба ғайр аз ин, сайёҳон дар тули вақти муайяни сайёҳати хеш дар муҳити деҳот бо тарзи зиндагии сокинони он ошно мешаванд ва дар ҷашну маросимҳои суннатию хонаводагии онҳо иштирок намуда, бо рақсу сурудхонӣ ва дигар одату маросимҳои миллию маҳаллии онҳо аз наздик шинос мешаванд. Мувофиқи хоҳиши худашон дар кору бори кишоварзии онҳо иштирок карда, ба онҳо кумак мерасонанд.

Туризми аграрӣ барои ошноӣ пайдо кардан бо муҳити табии табиат ва деҳот, рушд додани деҳот равона шуда, заминаҳои муҳимеро бахри рушду тараққии методҳои муассири хоҷагидориҳои кишоварзӣ ва фермерӣ ва ё шаклҳои дигари соҳибкорӣ дар деҳот мусоидат мекунад.

Баъзе кишварҳои Аврупо бо мақсади ҳифзи паркҳои миллӣ ва рушду тараққӣ додани соҳаи аграрӣ дар нуқтаҳои мухталиф сохтмону иморатҳои махсусе барои сайёҳон таъсис додаанд, ки дар он ҷо аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ ба сайёҳон хизматҳо расонида мешавад. Ва аз ин ҳисоб даромадҳои ба дастомада барои беҳбудии шароити зиндагӣ дар ин минтақаҳо истифода бурда мешавад [5,с.73].

Хулоса, дар шароити имрӯза хеле хуб мешуд, ки соҳибкорони ватанӣ дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои сайёҳии кишвар ва мақомотҳои марбут ба сайёҳӣ дар ин самт ба Ҳукумат лоиҳаҳои бунёди деҳкадаҳои сайёҳиро пешниҳод менамуданд, то ин ки дар кишвари мо Тоҷикистон, ки дараҳои зебоманзар ва водиҳои зархез дорад, имкони пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ бештар гардад ва ба ин васила шаҳрвандони кишвар бо ҷои кор ва шуғли муносиб таъмин карда шаванд. Ё ин ки барои бунёди хонаҳои истиқоматӣ барои мардуми деҳоти кишвар, озмуне эълон шаваду лоиҳаи беҳтарин хонаҳоро бо як шаклу тарҳ, рангу бор, шакли беруниву дохилии зебо, бо хароҷотҳои камтарин ва бунёди онҳо дар манотиқи мухталифи кишвар аз тарафи ширкатҳои сохтмонӣ бо ҷалби мардуми бекори деҳот ба роҳ монанд. Ин ҳам яке аз навоварию навгониҳо дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи Тоҷикистон, ба ҳисоб меравад.

Масъалаи дигаре, ки дар ҳоли амалӣ гаштани он метавонад, вазъи молиявию иқтисодии кишвар беҳтару пешрафтатар гардад, ин аст, ки вазорати кишоварзӣ, соҳибкорони бахши кишоварзӣ ва олимони ин соҳаро мебояд, ки дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати кишвар дар талу тепаҳои атрофи Душанбе ва дигар манотиқи кишвар бо роҳу усулҳои инноватсионии низоми обёринамоии қатравӣ парвариши дарахтони ороишию мевадиҳанда ва дар маҳалҳои ҷудогона бунёди корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти мевагӣ ва кишоварзиро ба нақша бигиранд. Бо ин роҳ мо метавонем ҳам вазъи иқтисодию молиявии мардуми маҳаллиро беҳтар намоем ва ҳам кишвар ободу зебо ва соҳиби даромади зиёд мешавад. Барои ин кор зарур аст, ки бо таҷҳизотҳои зарурии кишоварзӣ ва обкашию, обёринамоӣ соҳибкорону кишоварзонро таъмин намоем. Ва ширкатҳои сайёҳӣ ва дигар муассисаҳои хизматрасони сайёҳиро зарур аст, ки бо кишоварзон ва хоҷагидорон барои пешниҳоди молу хизматрасониҳо ба сайёҳон ҳамкорӣ намоянд. Барои амалӣ гаштани ин кор мусоидати давлату ҳукумат бениҳоят муҳим аст. Сафарбар намудани аҳолӣ ба ҳашарҳои боғу токпарварӣ, кабудизоркунӣ,

шинондани дарахтони ороишиву мевадиҳанда дар таллу теппаҳо ва кӯҳистони кишвар, корҳои ободониву созандагӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо бо роҳу воситаҳои мухталиф, масалан ҳам пешниҳоди маблағҳои пулӣ, пешниҳоди хӯрок дар зери навои овозхонону ҳунармандон ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ, ташкили чорабиниҳои фароғатӣ ҳангоми шомгоҳ барои мардуми ба ҳашаромада ва ташкили дигар амалҳои фарҳангӣ дар оянда беҳтарин корҳо баҳри рушду шукуфоии зиндагии шоиста дар кишвар хоҳанд гашт. Дар чунин чорабиниҳо эҳтимоли иштироки сайёҳону рӯзноманигорони дохиливу хориҷӣ калон аст. Дар ин бобат мумкин аст, ки аз ҷониби Ҳукумат як консепсияе баҳри ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ дар минтақаҳои ҷудогонаи Тоҷикистон ба назар гирифта, қабул карда шавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДБССТ – Алишоев Х.Ҳ.**


## АДАБИЁТ

1. Ашуралиев М.И. Ташкили туризми барномавӣ / М.И. Ашуралиев. -Душанбе: Ашуриён, 2018. -168 с.
2. Биржаков М.Б. Исторические предпосылки деревенского туризма / М.Б. Биржаков. –М., 2015. -180 с.
3. Григорьева В.В. Экологически безопасные формы туризма: подходы и принципы / В.В. Григорьева // Туристические фирмы. – 2002. -№28.
4. Крачило Н.П. Основы туризмоведения / Н.П. Крачило. -Киев, 2012. -260 с.
5. Храбовченко В.В. Экологический туризм / В.В. Храбовченко. -М., 2014. -350 с.
6. Холодцова И.И. Инвестирования в сферу туризма и гостеприимства в Индии / И.И. Холодцова // Сервис в России и за рубежом. - 2016. -Т.10. -№2(63). -С.13-25.
7. Шилова С.Г. Сельский туризм. Из опыта некоммерческого партнерства "Зеленый дом" Республики Алтай / С.Г. Шилова. -Красноярск: ВСИТ, 2005. -96 с.
8. Mason Peter. Tourism Impacts, Planning and Management / Mason Peter. -2nd ed. Butterworth-Heinemann. - 2009. -289 p.
9. Ron Van. Фестиваль Кила Райпур, или Сельские Олимпийские игры (Индия). [Электронный ресурс]. URL: http:// terra-z.com/archives/28025 (дата обращения: 10.03.2020).
10. [Электронный ресурс]. URL: http://www.iet.ru/special/kaliningrad/kalin_fre.htm


## МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА РУШДИ САЙЁҲИИ АГРАРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН БО ИСТИФОДА АЗ ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ПЕШРАФТАИ ҶАҲОН


Дар мақола мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ташаккулёбии туризми аграрӣ, андешаҳои олимону донишмандон дар бораи мафҳум ва моҳияти сайёҳии аграрӣ, заминаҳои ташаккулёбӣ ва рушди туризми аграрӣ, таваҷҷуҳи кишварҳои хориҷӣ ба ин шакли сайёҳӣ ба мисли Австрия, Фаронса, Чин, Ҳиндустон ва дигар кишварҳо маълумот дода шудааст. Дар мақола қайд шудааст, ки туризми аграрӣ барои ошноӣ пайдо кардан бо муҳити табиии табиат ва деҳот, рушд додани деҳот равона шуда, заминаҳои муҳимеро баҳри рушду тараққии методҳои муассири хоҷагидориҳои кишоварзӣ ва фермерӣ ва ё шаклҳои дигари соҳибкорӣ дар деҳот мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, дар самти манфиати истифодабарии туризми аграрӣ, ё туризми деҳот барои Тоҷикистон, маълумотҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, тавсияҳои зарурӣ баҳри рушди туризми аграрӣ дар кишвар пешниҳод гаштааст.



**Калидвожаҳо:** туризми аграрӣ, моҳияти туризми аграрӣ, рушди туризми аграрӣ, туризми деҳотӣ, Австрия, Фаронса, Чин, Ҳиндустон, Тоҷикистон, дурнамои рушди туризми аграрӣ.


## РАЗВИТИЕ АГРАРНОГО ТУРИЗМА В ТАДЖИКИСТАНЕ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ОПЫТА РАЗВИТЫХ СТРАН МИРА


В статье описаны понятие, сущность и особенности становления аграрного туризма, взгляды ученых на понятие и сущность аграрного туризма, основы формирования и развития аграрного туризма, интерес зарубежных стран к данному виду туризма, например, Австрии, Франции, Китая. В статье отмечается, что аграрный туризм направлен на знакомство с природной и сельской средой, развитие села и обеспечивает важную основу для развития эффективных методов ведения сельского хозяйства и других форм предпринимательства в сельской местности. Кроме того, в интересах использования аграрного туризма или сельского туризма для Таджикистана анализируются данные и представлены необходимые рекомендации для развития аграрного туризма в стране.



**Ключевые слова:** аграрный туризм, сущность аграрного туризма, развитие аграрного туризма, сельский туризм, Австрия, Франция, Китай, Индия, Таджикистан, перспективы развития аграрного туризма.


## DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL TOURISM IN TAJIKISTAN USING THE EXPERIENCE OF DEVELOPED COUNTRIES OF THE WORLD


The article describes the concept, essence and features of the formation of agricultural tourism, the views of scientists on the concept and essence of agricultural tourism, the foundations of the formation and development of agricultural tourism, the interest of foreign countries in this type of tourism. For example, Austria, France, China. The article notes that agricultural tourism is aimed at acquaintance with the natural and rural environment, rural

development and provides an important basis for the development of effective methods of farming and other forms of entrepreneurship in rural areas. In addition, in the interests of using agricultural tourism or rural tourism for Tajikistan, data are analyzed and the necessary recommendations are presented for the development of agricultural tourism in the country.

**Keywords:** agrarian tourism, the essence of agrarian tourism, the development of agrarian tourism, rural tourism, Austria, France, China, India, Tajikistan, prospects for the development of agrarian tourism.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонов Ёрмаҳмад Султоналиевич* -** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондорӣ. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **(+992) 901716377**. E-mail: **yorma@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Курбонов Ёрмахмад Султоналиевич*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, и.о.доцента, заведующий кафедрой туристского бизнеса, рекреации и гостеприимства. **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **(+992) 901716377.** E-mail: **yorma@bk.ru**

**Information about the author:** ***Kurbonov Yormahmad Sultonalievich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor, Head of the Department of Tourism Business, Recreation and Hospitality. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue, 48/5. Phone: **(+992) 901716377**. E-mail: **yorma@bk.ru**

ТДУ 332.12

# АРЗЁБИИ САТҲИ НЕРУИ МЕҲНАТИИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ НАССОҶӢ

*Турсунова Ш.Т.*
**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ**

Дар тамоми мамолики ҷаҳон эътироф карда шудааст, ки қувваи асосии истеҳсолкунанда инсон мебошад. Ҳар як корманд, гурӯҳи алоҳида ва ё ҷамъият, дар умум, барои пешбурду такмил додани фаъолияти меҳнатӣ, баланд бардоштани самаранокии он имконияту қобилият дорад. Нишондиҳандаи умумии раванди ташаккул ва инкишофи шахс дар фаъолияти меҳнатӣ, неруи меҳнатӣ мебошад. Дар шароити рақобати ҷаҳонӣ муваффақияти ҳар як корхона бештар аз сатҳи салоҳият, касбият, истифодаи самараноки неруи меҳнатӣ вобаста аст, ки идоракунии онҳо вазифаи аввалиндараҷаи корхона маҳсуб меёбад.

Аз ин нуқтаи назар, роҳбарияти корхонаро мебояд вобаста аз сатҳи тахассуснокӣ, малакаву дониш, собиқаи корӣ, дараҷаи маълумотнокии кормандон ва амсоли инҳо дар кадом ҳолат қарор доштани сатҳи рушди неруи меҳнатии кормандонро арзёбӣ намуда, мувофиқан стратегияи рушди минбаъдаи онро таҳия намояд.

Ҳадафи мақолаи мазкур, ин таҳлили нишондиҳандаҳои таркибии неруи меҳнатии корхонаи маҳсулоти нассоҷӣ ва арзёбии сатҳи рушди он мебошад. Мафҳуми “неру” мувофиқи ақидаи олимону муҳаққиқон, одатан воситаҳо, захираҳо, манбаъҳо, инчунин, имконияти шахс, гурӯҳи одамон, ҷомеаро дар муҳити мушаххас ифода мекунанд, ки метавонанд барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда истифода шаванд.

Истилоҳи «неру» 10-15 сол қабл ба гардиши илмӣ ворид шуда буд. Шарҳи ин истилоҳ бозгӯйи он аст, ки дилхоҳ инсон (шахси алоҳида, коллективи ибтидоии меҳнатӣ, умуман ҷамъият) дар соҳаҳои дахлдори фаъолияти худ дорои имконоту қобилияти ниҳониест, ки ҳанӯз зоҳир нагардидааст. Ҳангоми муайян кардани ин категорияи иқтисодӣ, бояд дар назар дошт, ки неру (иқтисодӣ, истеҳсолӣ, меҳнатӣ) хусусияти умумӣ, коллективии захираҳо мебошад, ки бо макон ва замон алоқаманд аст.

Неруи меҳнатии корманд маҷмуи сифатҳои инсонист, ки имконият ва ҳудуди иштироки ӯро дар фаъолияти меҳнатӣ муайян мекунад:

- синну сол;
- солимии ҷисмонӣ ва равонӣ;
- хислатҳои шахсӣ;
- омодагии умумитаълимӣ ва касбӣ;
- қобилияти рушди касбӣ;
- муносибат ба меҳнат;
- собиқаи корӣ аз рӯи тахассус;
- вазъияти оилавӣ.

Неруи меҳнатии шахсият зери таъсири чунин сифатҳо, ба монанди қобилият ва хоҳиши меҳнат кардан, ташаббускорӣ дар меҳнат ва фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолнокии эҷодӣ ва ғайра ташаккул меёбад.

Вобаста ба ин, оид ба неруи меҳнатии шахси алоҳида, корхона, соҳа, умуман иқтисодиёт сухан рондан мумкин аст, зеро ин маҷмуи тамоми қобилияти инсон ба меҳнат мебошад.

Воҳиди сохтори ташаккулдиҳандаи неруи меҳнатӣ иқтидори меҳнатии корманд (шахсият) мебошад, ки барои ташаккули неруи меҳнатии сатҳҳои нисбатан баланди сохторӣ асос мегузорад. Дар мақолаи мазкур сухан оид ба неруи меҳнатии корманд меравад.

Аз таҳлилу омӯзиши адабиёти иқтисодӣ бар меояд, ки дар охири солҳои 70-ум - ибтидои солҳои 80-уми асри XX консепсияи «неруи меҳнатӣ» инкишоф ёфта буд. Неруи меҳнатӣ ҳамчун захираҳои меҳнатӣ вобаста ба шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ ва сохтори онҳо аз рӯи ҷинс ва синну сол, донишҳои ҷамъшуда, дараҷаи мутобиқатии

сохтори демографии кормандон ба шароити баланд бардоштани самаранокии меҳнат ва ҳаракати иҷтимоии аҳолӣ (ҳудудӣ ва касбӣ) маънидод карда мешавад [4].

Як қатор муаллифон равиши ҷадиди таърифи мафҳуми неруи меҳнатиро татбиқ менамоянд, ки он дар тадқиқоти олимони ватанию хориҷӣ тавассути муайян намудани ҷузъҳои асосии сифатии он - психофизикӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ инъикос ёфтааст. Таҷдиди ин ҷузъҳо равандҳои ба ҳам алоқаманди таъминоти моддии кормандон ва узви оилаи онҳо (бозсозии ҷисмонӣ), ҷамъ шудани донишу малакаҳои умумӣ ва махсус, азхуд намудани меъёру арзишҳои ҷамъиятиро дар назар дорад.

Дар илми иқтисодӣ категорияи «неруи меҳнатӣ» тавассути категорияи «захираҳои меҳнатӣ» шарҳ дода мешавад. Мутобиқи равиши захиравӣ, неруи меҳнатӣ ҳамчун маҷмуи захираҳои меҳнатӣ муайян карда мешавад, ки барои ҳалли мушкилот, ноил шудан ба ҳадафи мушаххас ҳам аз ҷониби шахс ва ҳам аз ҷониби корхона ва умуман ҷомеа истифода мешаванд. Аз ин ҷо, хулоса кардан мумкин аст, ки неруи меҳнатӣ категорияи захиравӣ мебошад.

Аз омӯзишу таҳлили адабиёти иқтисодӣ бармеояд, ки то ҳол таърифи ягона ва умумиэътирофшудаи мафҳуми неруи меҳнатӣ вуҷуд надорад. Набудани равиши ягона дар ташаккули таърифи ин категория бо он асоснок карда мешавад, ки табиати инсон ва рушди неруи меҳнатии он мураккаб аст. Дар робита ба ин, иқтисоддонҳо мафҳуми неруи меҳнатиро ба таври мухталиф тавзеҳ медиҳанд. Барои возеҳу равшан таҳлил намудани моҳияти мафҳуми неруи меҳнатӣ фишурдаи он дар ҷадвали 1 оварда мешавад.

**Ҷадвали 1. Афкори иқтисодии олимони хориҷӣ доир ба мафҳуми "неруи меҳнатӣ"**
**Table 1. Economic opinion of foreign scientists on the concept of "labour force"**

| Муаллиф | Шарҳи мафҳум |
|---|---|
| В.Г. Костакова | Неруи меҳнатӣ ба сифати захираҳои меҳнат баррасӣ мегардад, ки аз шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ ва сохтори онҳо аз рӯи ҷинсият ва синну сол, донишҳои соҳибшуда, дараҷаи мутобиқатии сохтори демографии кормандон ба шароити баланд бардоштани самаранокии меҳнат, ҳаракати иҷтимоии аҳолӣ (ҳудудӣ ва касбӣ) вобаста аст [11]. |
| Добринин А.Н., Дятлов С.А., Тсаренова Е.Д. | Зери мафҳуми неруи меҳнатӣ неруи инсонро мефаҳманд, ки дорои «маҷмуи хислатҳои умумикасбӣ ва касбӣ-тахассусӣ мебошанд, ки бо назардошти хусусиятҳои таърихӣ, демографӣ, миллӣ ва ғайраҳо метавонанд дар ин ё он соҳаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ истифода бурда шаванд» [7]. |
| Кибанов А.Я | Неруи меҳнатиро ҳамчун нишондиҳандаи умумии фарогирандаи маҷмуи сифатҳои инсон шарҳ медиҳад, ки имконият ва ҳудуди иштироки ӯро дар фаъолияти меҳнатӣ муайян мекунад [12]. |
| Буланов В.С., Волгин Н.А | Неруи меҳнатиро ҳамчун маҷмуи тамоми имконоти меҳнатии ҳам фарди алоҳида ва ҳам гурӯҳи гуногуни кормандони ҷомеа дар умум мефаҳманд [9]. |
| Генкин Б.М. | Неруи меҳнатиро ҳамчун намуди захираи иқтисодӣ баррасӣ мекунанд [5]. |
| Болдирева Р.Ю. | Неруи меҳнатӣ — имконияти меҳнатие, ки аҳолӣ дар вақти муайян доранд, инчунин дар оянда соҳиб мешаванд; бо миқдори аҳолии қобили меҳнат, сатҳи касбӣ –таълимии ӯ, дигар сифатҳо муайян карда мешавад. |
| Афанасев В.Я. | Неруи меҳнатӣ –маҷмуи қобилияти ҳамаи одамон, ки дар корхонаи муайян машғул мебошанд ва вобаста ба қобилият, дониш ва собиқаи кории худ вазифаҳои мушаххасро ҳал мекунанд. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси тадқиқот

Гарчанде ҳамаи олимон мафҳуми неруи меҳнатиро ба таври гуногун шарҳ диҳанд ҳам, нуқтаи назари умумӣ вуҷуд дорад. Олимон неруи меҳнатиро аз рӯи қобилияти ҷисмонӣ ва маънавӣ, захираҳои гуногун, ки ба шахсони алоҳида ва ҷомеаҳои иҷтимоӣ тааллуқ доранд, шарҳ додаанд. Ҳамин тавр, ***неруи меҳнатӣ*** - категорияи захиравӣ буда, сарчашма, восита, захираҳои меҳнат, ҳамҷоягии қобилияти ҷисмониву эҷодӣ, дониш, малака, таҷриба, арзишҳои маънавию ахлоқӣ, муносибатҳои фарҳангӣ ва анъанаҳо фаҳмида мешавад [4], ки барои ҳалли ягон вазифа, ноил шудан ба ҳадафи мушаххаси

фарди алоҳида, ҷомеа, давлат дар соҳаи мушаххаси иҷтимоӣ-иқтисодии фаъолият метавонанд истифода бурда шаванд.

Стратегияи ташаккул ва истифодаи неруи меҳнатӣ, таҳияи низоми идоракунии он аз тасаввурот дар бораи табиат, сохтор, сатҳҳои он вобаста аст. Бояд ба таври мушаххас муайян карда шавад, ки неруи меҳнатӣ дар кадом сатҳ баррасӣ мегардад; субъекти он кист: аҳолии давлат, минтақаҳои алоҳида; гуруҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ; гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ ё ин ки неруи шахсияти алоҳида? Барои посух ба ин суол бояд аввал сатҳҳои истифодабарии неруи меҳнатӣ дида баромада шавад. Ба ақидаи олимон, неруи меҳнатӣ метавонад дар чор сатҳ истифода бурда шавад, ки он дар расми 1 оварда шудааст.

**Расми 1. Сатҳи истифодабарии неруи меҳнатӣ**
**Figure 1. The level of use labor potential**




Чуноне ки аз расми 1 бармеояд, неруи меҳнатӣ метавонад шуруъ аз корманд то ба сатҳи ҷамъият баррасӣ карда шавад. Шарҳи ҳар як категорияҳо дар зер оварда шудааст.

*Неруи меҳнатии корманд* қобилияти кор (қувваи корӣ) мебошад. Инҳо қобилияти эҷодии корманд ва таҷрибаи ӯ мебошанд, ки ҳангоми инкишоф ва такмил ёфтани донишу малака дар соҳаи муайяни касбй дар заминаи беҳтар шудани шароити меҳнат ва зист ташаккул меёбанд.

*Неруи меҳнатии корхона* қобилияти умумии меҳнатии коллективи он, имкониятҳои захиравӣ дар соҳаи меҳнати кормандони корхона вобаста ба синну сол, имкониятҳои ҷисмонӣ, донишҳои мавҷуда ва тахассуси касбӣ мебошад.

*Неруи меҳнатии соҳа* дорои хосиятҳои потенсиалҳои дараҷаҳои гуногун (макро-, микро-), вале дар баробари ин баъзе хусусиятҳое дорад, ки ба соҳаи муайяни истеҳсолот хосанд. Масалан, ба неруи меҳнатӣ дар соҳаи истеҳсолот чунин хусусиятҳо, ба монанди робитаи равандҳои истеҳсолӣ ва иқтисодӣ, афзалияти техникаву технология ҳамчун воситаи истеҳсолот, ноустувории талабот ба маҳсулоти соҳаи саноат, хусусиятҳои шаклҳои додани музди меҳнат ва ғайра таъсир мерасонанд.

*Неруи меҳнатии ҷамъият* ҳамчун қобилияти ҷамъият барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ дар шароити муайян ва дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият маънидод карда мешавад.

Чунин тарзи пешниҳоди сатҳи неруи меҳнатӣ имконият фароҳам меорад, то ҳам самти омӯзиш ва ҳам самти дахолати иҷтимоӣ ба ташаккулёбӣ ва истифодаи он муайян карда шавад.

Аҳамияти амалии омӯзиши динамикаи захираҳои меҳнатӣ ва дараҷаи инкишофи неруи меҳнатӣ на он қадар бо муайян намудани ҷузъҳои иҷтимоию демографӣ (ҷинсият, синну сол, дараҷаи маълумот, вазъи саломатӣ, вазъияти оилавӣ ва ғайра), истеҳсолӣ-тахассусӣ (касб, таҷриба, маҳорат, тахассус, собиқаи корӣ ва ғайра), шахсӣ-психологӣ (хусусиятҳои шахсӣ, неруи эҷодӣ, муносибат ба меҳнат ва ғайра) неруи меҳнатӣ бо баҳодиҳии мувозинатии захираҳои меҳнатӣ ва микдори ҷойҳои корӣи мавҷуда алоқаманд аст.

Омилҳое, ки ба фарқияти фарогирии саноатӣ дар самаранокии ширкатҳои андозаҳои гуногун ва муайян кардани монеаҳои дохилии саноатӣ ба ҳаракат медароянд, инҳоянд: сарфаи хароҷот аз сабаби зиёд шудани истеҳсолот; фарқияти маҳсулот; навовариҳои технологӣ; ҳамгироии амудӣ; маблағи зарурии сармоягузорӣ; қобилияти идоракунӣ; монеаҳои институтсионалӣ. Барои арзёбии амалии таъсири ҷамъбастии ин омилҳо, метавон нисбат ба фаъолияти корхонаҳои хурд, ки бо андозаи ҳосилнокии меҳнат дар ширкатҳои хурд ба меҳнати маҷмуӣ дар соҳаи саноат тавсиф карда мешаванд, истифода бурда шавад [2].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлил, натиҷаи тадқиқоти мафҳум ва моҳияти мафҳуми неруи меҳнатӣ маълум шуд, ки самаранокии фаъолияти ҳар як корхона мустақиман аз ҳолат ва дараҷаи истифодаи самараноки он вобаста аст. Неруи меҳнатӣ барои ифшои қобилият ва имкониятҳои кормандони корхона дар фаъолияти иҷтимоии корхона равона карда шудааст.

Неруи меҳнатии корманд бузургии доимӣ нест, он мунтазам тағйир меёбад. Қобилияти меҳнатӣ ва эҷодии дар раванди фаъолияти меҳнатӣ ташаккулёфтаи корманд дар натиҷаи инкишоф ва такмил додани донишу малака, беҳтар шудани шароити меҳнату маишӣ такомул меёбад. Аммо онҳо инчунин метавонанд дар натиҷаи таъсири манфии омилҳо ва коҳиш ёбанд.

Мувофиқи ақидаи олимон, ба тағйирёбии бузургии неруи меҳнатӣ як қатор омилҳои мухталиф таъсир мерасонанд. Ба ташаккулёбии неруи меҳнатӣ шароити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъсири нисбатан бештар мерасонад. Ин гуфтаро Н.В. Горбушина дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти ҷабҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии такрористеҳсолии захираҳои меҳнатӣ тасдиқ мекунад [6]. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ [8] аз тарафи Н.В. Мелихова модели таъсири омилҳои иҷтимоӣ -иқтисодӣ ба ташаккулёбии неруи меҳнатӣ пешниҳод карда шудааст. И.В. Амирханов меҳисобад, ки бо ҷои зист таъмин будан асоси такрористеҳсолии мутахассисони баландихтисос ва ташаккулёбии неруи меҳнатии устувор мебошад [1,3].

Ҳамин тариқ, олимону муҳаққиқон дар натиҷаи таҳқиқоти муаммои ташаккулёбӣ ва истифодаи неруи меҳнатӣ омилҳои мухталифро пешниҳод кардаанд, ки онҳоро метавон ба 3 гурӯҳ таснифот кард, расми 2.

**Расми 2. Омилҳои муайянкунандаи неруи меҳнатӣ**
**Figure 2. Determining factors of labor potential**




Тамоми омилҳои дар расми 2 инъикосгардида, бо ҳам робитаи зич дошта, барои ташаккулу рушди неруи меҳнатӣ таъсири назаррас мерасонанд.

Дар корхона неруи меҳнатӣ асоси пешрафти истеҳсолот буда, дар асоси маҷмуи неруҳои психофизиологӣ, тахассусӣ, эҷодӣ ва шахсии он ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, яке

аз муҳимтарин вазифаҳои роҳбарияти корхона арзёбии сатҳи неруи меҳнатӣ ва фароҳам овардани шароит дар раванди фаъолияти корхона мебошад, ки ба ҳар як корманд имкон медиҳад, то неруи меҳнатии худро пурра ошкор намояд. Барои ин, пеш аз ҳама, зарур аст, ки ба ҳолати воқеии неруи меҳнатии корхона баҳо дода шуда, дар асоси он баҳри рафъи муаммоҳову самтҳои рушди минбаъдаи неруи меҳнатӣ мушаххас карда шаванд.

Дар мақолаи мазкур сатҳи неруи меҳнатии корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ арзёбӣ карда шудааст. Дар натиҷаи омӯзиш маълум шуд, ки барои арзёбии сатҳи неруи меҳнатӣ якчанд усулҳо мавҷуданд. Ҳар кадоме аз усулҳо афзалият ва норасоии худро доранд. Арзёбии умумӣ ва ҷамъбастии неруи меҳнатӣ бо усули интегралӣ сурат мегирад. Зеро чунин тарзи арзёбии неруи меҳнатӣ маҷмуи ҷузъҳоро инъикос мекунад, ки нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва ҳам сифатии неруи меҳнатиро бо як нишондиҳандаи ҷамъбастӣ ифода мекунад. Бинобар ин, ба ақидаи муаллиф, истифодаи усули мазкур ҳангоми таҳлил ва арзёбии сатҳи неруи меҳнатии корхонаҳои саноатӣ нисбатан бештар мувофиқи мақсад аст.

Муайян кардани сатҳи неруи меҳнатиро бо нишондиҳандаи интегралӣ Потуданская В.Ф. ва Трункин Л.В. пешниҳод кардаанд, ҷадвали 2 [10].

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои арзёбии интегралии неруи меҳнатии кормандон**
**Table 2. Indicators of integral assessment of the labor potential of employees**

| № | Нишондиҳандаҳо | Формулаҳо | Ишораҳо |
|---|---|---|---|
| | *Нишондиҳандаҳои таъминоти кадрӣ ва сифатҳои касбиву тахассусии кормандон* | | |
| 1. | Коэффитсиенти таъминоти кадрҳо (Ктк) | $Ктк=\frac{Шкљ}{Шкб}$ (1) | Шкҷ-шумораи кормандон дар соли ҷорӣ<br>Шкб-шумораи нақшавии кормандон |
| 3. | Коэффитсиенти ивазшавии кадрҳо (Кик) | $Кик=\frac{Шкх}{Шмк}$ (3) | Шкх-шумораи коргарони хориҷшуда<br>Шмк-шумораи миёнаи коргарон |
| 4. | Коэффитсиенти устувории кадрҳо (Кук) | $Кук=\frac{Швк}{Шпк}$ (4) | Швк-шумораи воқеии коргарон<br>Шпк-шумораи пешбинишудаи коргарон |
| 5. | Коэффитсиенти салоҳияти таълим (Кст) | $Кст=\frac{Шк\,мк-Шкдмт}{Шмк}$ (5) | Шкмк-шумораи кормандони дорои таҳсили миёнаи касбӣ<br>Шкдмт-шумораи коргароне, ки дар давраи муайян такмили ихтисос кардаанд<br>Шмк-шумораи миёнаи коргарон |
| 6. | Коэффитсиенти тахассуснокӣ (Кт) | $Кт=\frac{Шкдмт}{Шмк}$ (6) | Шкдмт-шумораи коргароне, ки дар давраи муайян такмили ихтисос кардаанд<br>Шмк-шумораи миёнаи кормандон |
| | *Нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-мадании неруи меҳнатии корманд* | | |
| 7. | Коэффитсиенти саломатӣ (Кс) | $Кс=1-\frac{Мрбн}{Фувк}$ (7) | Мрбн-миқдори рӯзҳое, ки аз сабаби бемори ба кор намебароянд<br>Фувк-фонди умумии вақти корӣ |

Сарчашма: таҳқиқоти муаллиф

Дар асоси ҳисоби якчанд коэффитсиентҳо, барои муайян кардани нишондиҳандаи интегралии неруи меҳнатии корхона бо истифода аз муодилаи регрессионии бисёромила, меъёри он муайян карда мешавад:

$$НМ=\sum_{i=1}^{n} X_i * K_i \text{ дар } \sum_{i=1}^{n} Xi = 1 \text{ ва } 0\leq НМ \leq 1 \quad (8)$$

дар ин ҷо НМ - нишондиҳандаи интегралии неруи меҳнатӣ;

Xi – вазни нишондиҳандаи интегралӣ;

Ki – нишондиҳандаи i-юми коэффитсиенти интегралӣ.

Пас аз ҳисоби қимати нишондиҳандаи интегралии неруи меҳнатии корхона бо меъёр барои арзёбии нишондиҳандаҳои интегралии рушди неруи меҳнатии корхонаҳои саноатӣ муқоиса карда мешавад, ҷадвали 3.

**Ҷадвали 3. Меъёр барои арзёбии нишондиҳандаҳои интегралии сатҳи неруи меҳнатӣ**
**Table 3. Criteria for evaluating the integrated indicators of the labor force level**

| Сатҳи неруи меҳнатӣ | Холҳо | Тавсифи ҳолати неруи меҳнатии корхона |
|---|---|---|
| 1 | 0-0,2 | дараҷаи пасти рушди неруи меҳнатӣ |
| 2 | 0,2-0,4 | дараҷаи на он қадар баланди рушди неруи меҳнатӣ |
| 3 | 0,4-0,6 | дараҷаи миёнаи рушди неруи меҳнатӣ |
| 4 | 0,6-0,8 | дараҷаи аз миёна баланди рушди неруи меҳнатӣ |
| 5 | 0,8-1 | дараҷаи максималии рушди неруи меҳнатӣ |

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Аз рӯи натиҷаҳои ҳисобкунии ин гурӯҳҳои нишондиҳандаҳо, арзёбии ҳамаҷонибаи неруи меҳнатӣ муайян карда мешавад, ки онро бо роҳи ҷамъбасти арзёбии вазнии нишондиҳандаҳо муайян кардан мумкин аст.

Барои арзёбии сатҳи неруи меҳнатӣ сарввал мебояд ҷузъҳои таркибии неруи меҳнатӣ таҳлил карда шаванд. Маълумоти ибтидоӣ оид ба ҷузъҳои неруи меҳнатӣ барои муайян кардани сатҳи неруи меҳнатии корхонаи тадқиқшаванда барои солҳои 2018-2020 дар ҷадвали 4 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 4. Маълумоти ибтидоӣ барои ҳисоби нишондиҳандаҳои неруи меҳнатӣ дар корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ дар солҳои 2018-2020**
**Table 4. Primary data for the calculation of labor force indicators in textile production enterprises in 2018-2020**

| Номгӯйи ишондиҳандаҳо | Солҳо | | | Суръати рушд дар соли 2020 нисбати соли 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | мутлақ | нисбӣ, % |
| Шумораи умумии кормандон, нафар | 825 | 815 | 789 | -36 | 96 |
| Шумораи коргарони ба кор қабулшуда, нафар | 24 | 58 | 122 | 98 | 508,3 |
| Шумораи коргарони хориҷшуда, нафар | 22 | 42 | 53 | 31 | 240,9 |
| Шумораи кормандоне, ки дар давоми як сол ихтисоси худро такмил додаанд, нафар | 52 | 60 | 72 | 20 | 138,5 |
| Шумораи коргарони маълумоти олӣ ва олии нопурра дошта, нафар | 572 | 586 | 603 | 31 | 105,4 |
| Шумораи коргарони дар корхонаи мазкур на кам аз 5 сол фаъолиятбурда, нафар | 143 | 66 | 108 | -35 | 75,5 |
| Шумораи усулҳои нав ва мукаммали корӣ, ҷорӣ намудани технологияҳо, кашфиёт, пешниҳодҳои оқилона | 135 | 135 | 135 | 0 | 100 |
| Шумораи коргарони синну соли бештари ҳосилнокӣ дошта (26 – 50 сола), нафар | 125 | 140 | 215 | 90 | 172 |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти корхонаи тадқиқшаванда

Бо истифода аз маълумотҳои ҷадвали 4 нишондиҳандаи интегралии неруи меҳнатии кормандон барои солҳои 2018-2020 муайян карда мешавад.

**Ҷадвали 5. Ҳисоби арзёбии интегралии неруи меҳнатии кормандон дар солҳои 2018-2020**
**Table 5. Calculation of the integrated assessment of the labor force of employees in 2018-2020**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 |
| 1. Коэффитсиенти қабули кадрҳо (Ккк) | 0,03 | 0,07 | 0,15 |
| 2. Коэффитсиенти салоҳияти таълим (Кст) | 0,4 | 0,42 | 0,35 |
| 3. Коэффитсиенти тахасуснокӣ (Кт) | 0,13 | 0,09 | 0,08 |

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 |
| 4. Коэффитсиенти саломатӣ (Кс) | 0,01 | 0,01 | 0,008 |
| 5. Коэффитсиенти фаъолияти инноватсионӣ (Кфи) | 0,4 | 0,53 | 0,33 |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали 2 ва 4

Аз натиҷаҳои ҳосилшуда истифода бурда, нишондиҳандаи интегралии неруи меҳнатии корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ муайян карда мешавад. Маълумоти ибтидоӣ дар ҷадвали 6 инъикос гардидаанд.

**Ҷадвали 6. Маълумоти ибтидоӣ барои арзёбии неруи меҳнатии корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ**

**Table 6. Primary data for the evaluation of the labor force of the enterprise for the production of textile products**

| Солҳо | Коэффитсиентҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | $К_{қк}$ | $К_{ст}$ | $К_{т}$ | $К_{с}$ | Кфи | N |
| 2018 | 0,03 | 0,4 | 0,13 | 0,01 | 0,4 | 825 |
| 2019 | 0,07 | 0,42 | 0,09 | 0,01 | 0,53 | 815 |
| 2020 | 0,15 | 0,35 | 0,08 | 0,008 | 0,33 | 789 |
| | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | |
| | -292,39 | 0 | 0 | 0 | 13,04 | |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф

Бо истифода аз усули интегралӣ сатҳи неруи меҳнатии корхона баҳо дода мешавад. Дар натиҷаи таҳлили регрессионӣ муодилаи регрессионии бисёромилаи он чунин намудро дорад:

$$НМ = 82{,}55 - 292{,}39 * Кќк + 0 * Кст + 0 * Кт + 0 * Кс + 13{,}04 * Кфи$$

Мувофиқи он сатҳи рушди неруи меҳнатии корхонаи тадқиқшаванда барои солҳои 2018-2020 муайян карда шуданд. Натиҷаҳои ҳисоби сатҳи рушди неруи меҳнатии корхона дар ҷадвали 7 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 7. Сатҳи рушди неруи меҳнатии корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ барои солҳои 2018-2020**

**Table 7. The level of development of the labor potential of the enterprise for the production of textile products for the years 2018-2020**

| Солҳо | Қимати нишондиҳандаи интегралии неруи меҳнатӣ | Тавсифи ҳолати рушди неруи меҳнатии корхона |
|---|---|---|
| 2018 | 0,69 | сатҳи миёнаи рушди неруи меҳнатӣ |
| 2019 | 0,55 | |
| 2020 | 0,34 | сатҳи на он қадар баланди рушди неруи меҳнатӣ |

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Чунончи маълумоти ҷадвали 7 шаҳодат медиҳад, солҳои 2018 ва 2019 нишондиҳандаи неруи меҳнатии корхона мувофиқан ба 0,69 ва 0,55 баробар буда, дараҷаи миёнаи рушди неруи меҳнатиро нишон медиҳад. Соли 2020 бошад, ин нишондиҳанда 0,34-ро ташкил дода, дар дараҷаи на он қадар баланди рушди неруи меҳнатӣ қарор дорад.

Азбаски ҳадафи мақолаи мазкур арзёбии сатҳи неруи меҳнатии корхона, дар мисоли корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ мебошад, дар натиҷаи таҳлил хулоса баровардан мумкин аст, ки нишондиҳандаҳои неруи меҳнатии корхона сол аз сол тамоюли пастравӣ дорад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар идоракунии неруи меҳнатии кормандони корхона як қатор муаммоҳои ҳалталаб ҷой доранд.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ якчанд муаммоҳое, ки боиси самаранок истифода набурдани неруи кормандон гардида, ба ин асила ба сатҳи пасти

рушди неруи меҳнатии корхона оварда мерасонанд, ошкор карда шуданд. Фишурдаи муаммоҳои муайяншуда дар зер оварда мешавад:

- сарфи назар аз эҳтиёҷот ба кадрҳое, ки корхона чандин сол боз дорад, дар корхонаи таҳлилшаванда ҷойивазкунии кадрҳо давом дорад, ки ба ақидаи муаллиф, ба ҳолати неруи меҳнатии он таъсири манфӣ мерасонад;

- низоми самараноки ҳавасмандкунӣ вуҷуд надорад, ки барои нигоҳ доштани кормандоне, ки неруи меҳнатии барои корхона арзишманд доранд, равона карда шудааст;

- нокифоя будани суръати тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳо ба талаботи замони муосир дар корхона зарурати баланд бардоштани дараҷаи маълумот ва тахассуси кадрҳоро ба миён меорад, ташкилот бояд маданияти корпоративиро ба беҳтар намудани вазъи иҷтимоию психологӣ равона намояд,

- дар корхона ба ҷустуҷӯи қисми захиравии неруи меҳнатии кадрҳо, ки сафарбар намудани онҳо ба ташаккул ва инкишофи минбаъдаи сармояи инсонӣ мусоидат карда метавонист, ба қадри кофӣ эътибор намедиҳад, Аз ҷумла, низоми баҳодиҳии кормандонро, ки дар корхона истифода мешавад, номукаммал эътироф кардан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки дар корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ барои такмил додани таҷрибаи кунунии идоракунии неруи меҳнатӣ бо назардошти стратегияи рушди интихобкардаи ширкат заминаҳои объективӣ мавҷуданд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДПДТТ**
**ба номи ак. М.С. Осимӣ - Акрамова З.Б.**

**АДАБИЁТ**


1. Амирханов, И.В. Рынок жилья как фактор воспроизводства квалифицированных кадров АПК (на материалах Республики Башкортостан): дис. … канд.экон. наук. -Уфа, 2002.
2. Ахмедов, Ф.В. Соҳибкории хурд ҳамчун омили рушди устувори иқтисодиёти минтақа // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе: Сино, 2020. -№4. -С.38.
3. Ахмедов, Ф.В. Роль, влияние и взаимосвязь человеческого капитала с развитием малого бизнеса в Согдийской области / Ф.В. Ахмедов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – Худжанд: Ношир, 2017. -№2(71). -С.91-99.
4. Бабак, К.В. Трудовой потенциал предприятия: сущность и методы оценки / А.И. Таюрский // Актуальные проблемы авиации и космонавтики. Социально-экономические и гуманитарные науки. – 2012. -№2. -С.264-265.
5. Генкин, Б.М. Экономика и социология труда / Б.М. Генкин. – 7-е изд., доп. -М.: Норма, 2007. -С.26.
6. Горбушина, Н.В. Социально-экономические аспекты воспроизводства трудовых ресурсов в сельском хозяйстве (на примере Удмуртской Республики): дис. … канд. экон. наук / Н.В. Горбушина. – Ижевск, 2006.
7. Добрынин, А.Н. Человеческий капитал в транзитивной экономике: формирование, оценка, эффективность использования / А.Н. Добрынин, С.А. Дятлов, Е.Д. Царенова. -СПб.: Наука, 1999. -259 с.
8. Мелихова, Н.В. Моделирование влияния социально-экономических факторов на формирование трудовых ресурсов региона: дис. … канд. экон. наук / Н.В. Мелихова. -М., 2006.
9. Панкратов, А.С. Управление воспроизводством трудового потенциала / А.С. Панкратов. -М.: Изд-во МГУ, 1988. -С.56.
10. Потуданская, В.Ф. Оценка трудового потенциала персонала предприятия [Текст] / Л.В. Трункина // Бизнес. Образование. Право. Вестник Волгоградского института бизнеса. – 2011. -№4. -С.96-101.
11. Трудовые ресурсы. Социально-экономический анализ / Под ред. Костакова В.Г. -М., 1976. -С.74.
12. Управление персоналом: энциклопедический словарь / Под ред. А.Я. Кибанова. -М.: ИНФРА-М


## АРЗЁБИИ САТҲИ НЕРУИ МЕҲНАТИИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ НАССОҶӢ


Дар шароити муосири иқтисодиёт неруи меҳнатӣ заминаи асосии рушди дилхоҳ корхона маҳсуб меёбад. Дар робита ба ин, барои таҳияи стратегияи рушди корхона бояд таҳлил ва арзёбии сатҳи неруи меҳнатӣ гузаронида шавад. Ҳадафи мақолаи мазкур гузаронидани таҳлили нишондиҳандаҳои неруи меҳнатӣ ва дар асоси он арзёбии сатҳи рушди неруи меҳнатии корхона дар мисоли корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ мебошад. Дар мақола муҳимияти омӯзиш ва арзёбии сатҳи неруи меҳнатии корхона, ҳамчунин омилҳои муайянкунандаи неруи меҳнатӣ шарҳ дода шудааст. Ҳамчунин сатҳҳои истифодаи неруи меҳнатӣ таснифот карда шуда, ҳар як сатҳи истифодаи он шарҳ дода шудааст. Дар мақолаи мазкур неруи меҳнатӣ дар сатҳи корхона баррасӣ карда шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши корҳои таҳқиқотӣ доир ба арзёбии неруи меҳнатӣ маълум шуд, ки барои арзёбии сатҳи неруи меҳнатӣ якчанд усулҳо мавҷуд

буда, ҳар кадоме аз усулҳо афзалият ва норасоии худро дорад. Дар мақолаи мазкур арзёбии умумӣ ва ҷамъбастии неруи меҳнатӣ бо усули интегралӣ сурат мегирад. Зарурияти истифодаи ин усул асоснок карда шудааст. Нишондиҳандаҳои таркибии неруи меҳнатии корхонаи таҳқиқшаванда барои солҳои 2018-2020 таҳлил карда шуда, дар асоси он бо истифода аз муодилаи таҳлили регрессионӣ сатҳи рушди неруи меҳнатӣ арзёбӣ карда шудааст. Дар натиҷа, қимати ҳосилшудаи сатҳи неруи меҳнатии корхона аз он шаҳодат медиҳад, ки сол аз сол сатҳи неруи меҳнатӣ тамоюли пастравӣ дорад. Муаммоҳое, ки ба паст шудани сатҳи неруи меҳнатии корхона таъсир мерасонанд, ошкор карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** неруи меҳнатӣ, омилҳои неруи меҳнатӣ, неруи меҳнатии кормандони корхонаи саноатӣ, сатҳи рушди неруи меҳнатӣ, усули интегралӣ.

## ОЦЕНКА УРОВНЯ ТРУДОВОГО ПОТЕНЦИАЛА ПРЕДПРИЯТИЙ ПО ПРОИЗВОДСТВУ ТЕКСТИЛЬНЫХ ИЗДЕЛИЙ

В современных экономических условиях трудовой потенциал считается важнейшим фактором развития любого предприятия. В связи с этим, следует проводить анализ и оценку уровня трудового потенциала с целью разработки стратегии развития предприятия. Целью данной статьи является проведение анализа составляющих показателей трудового потенциала и на его основе оценка уровня развития трудового потенциала предприятия на примере предприятия по производству текстильных изделий. В статье раскрыта важность изучения и оценки уровня трудового потенциала предприятия, а также факторы, определяющие трудовой потенциал. Также классифицируются уровни использования рабочей силы и разъясняется каждый уровень ее использования. В данной статье рассматривается рабочая сила на уровне предприятия. В результате изучения исследовательских работ по оценке трудового потенциала выяснилось, что существует несколько методов оценки уровня трудового потенциала, и каждый из методов имеет свои преимущества и недостатки. В данной статье общая и сводная оценка трудового потенциала проводится методом интегральной оценки. Необходимость использования этого метода обоснована. Были проанализированы составляющие показатели трудового потенциала исследуемого предприятия за 2018-2020 годы и на их основе, используя уравнение регрессионного анализа, оценен уровень его развития. Выявлены проблемы, влияющие на снижение уровня развития трудового потенциала предприятии.

**Ключевые слова:** трудовой потенциал, факторы формирования трудового потенциала, трудовой потенциал работников промышленного предприятия, уровень развития трудового потенциала, интегрированный метод.

## ASSESSMENT OF THE LEVEL OF LABOR POTENTIAL OF ENTERPRISES PRODUCING TEXTILE PRODUCTS

In modern economic conditions, labor potential is considered the most important factor in the development of any enterprise. In this regard, it is necessary to analyze and assess the level of labor potential in order to develop an enterprise development strategy. The purpose of this article is to analyze the components of labor potential indicators and, on its basis, evaluate the level of development of the labor potential of an enterprise using the example of an enterprise for the production of textile products. The article reveals the importance of studying and assessing the level of the labor potential of an enterprise, as well as the factors that determine the labor potential. Also, the levels of labor force use are classified and each level of its use is explained. As a result of studying research papers on the assessment of labor potential, it turned out that there are several methods for assessing the level of labor potential, and each of the methods has its own advantages and disadvantages. In this article, a general and summary assessment of labor potential is carried out by the method of integral assessment. The need to use this method is justified. The constituent indicators of the labor potential of the enterprise under study for 2018-2020 were analyzed and, on its basis, using regression analysis equation the level of its development was assessed. The problems influencing the decrease in the level of development of the labor potential of the enterprise are revealed.

**Keywords:** labor potential, factors of labor potential formation, labor potential of industrial enterprise employees, level of development of labor potential, integrated method.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Турсунова Шоирахон Турсунбоевна*** **–** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, ассистенти кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷмент. **Суроға**: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ, 226. Телефон: **92-600-57-53**

**Сведения об авторе:** ***Турсунова Шоирахон Турсунбоевна*** - Политехнический институт Технического университета Таджикистана имени М.С. Осими в г.Худжанд, ассистент кафедры инженерной экономики и управления. **Адрес**: 735700 Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 226. Телефон: **92-600-57-53**

**Information about the author:** ***Tursunova Shoirakhon Tursunboevna*** **-** Polytechnic Institute of Technical University of Tajikistan named after M.S. Osimi in Khujand city, assistant of the department of engineering economy and management. **Address**: 735700 Republic of Tajikistan, Khujand, 226 I. Somoni ave. Phone: **92-600-57-53**

ТДУ 343.35

# РУШДИ КОРРУПСИЯ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР: ОМИЛҲО ВА САБАБҲО

*Нидоев Ш.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Коррупсия ҳамчун зуҳуроти манфии иҷтимоии ҷомеа аз лаҳзаи ташаккули дастгоҳи идоракунӣ арзи вуҷуд дошт ва хоси қариб тамоми давлатҳо мебошад. Дар баробари рушди дастгоҳи идоракунӣ ва афзоиши шумораи хизматчиён ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар ҷодаи муқовимат бо коррупсия ба вуҷуд омад.

Коррупсия танҳо зуҳуроти таърихӣ набуда, балки дар шароити муосир новобаста аз сатҳи рушд ва сохтори иҷтимоӣ хосси аксар давлатҳои дунё мебошад.

Мавриди зикр аст, ки коррупсия ба тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат таъсир расонида, қабл аз ҳама кори механизми бозории танзими муносибатҳои субъектҳоро вайрон намуда, самаранокӣ ва сатҳи рушди иқтисодиётро паст менамояд. Ба ҷуз ин, коррупсия хароҷотҳои иловагиро дар самти дастраскунии мол аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа сабабгори болоравии нархҳои бозорӣ мегардад. Омили мазкур дар мавриди хеш, норозигиҳоро миёни аҳолӣ ба вуҷуд оварда, норозигии аҳолиро нисбат ба мақомоти давлатӣ ба вуҷуд меорад.

Дар баробари ин, коррупсия раванди амалисозии барномаҳои давлатиро халалдор сохта, ба авҷгирии ҷиноятҳои муташаккил мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, бояд иброз намуд, ки коррупсия ҷиҳати ба табақаҳо ҷудо намудани аҳолӣ ва ташаккули гурӯҳҳои олигархӣ аз ҳисоби такрористеҳсоли сунъӣ ва ноодилонаи воситаҳои молиявӣ мусоидат менояд. Ҳамин тавр, дар ниҳоят зуҳуроти коррупсия ба сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар соҳаи сиёсӣ коррупсия дар омехтасозии ҳадафҳои сиёсатмадорон ва вайронсозии арзишҳои сиёсӣ таъсири манфии худро мерасонад. Ҳимояи манфиатҳои интихобкунандагон аз вазифаи асосии сиёсӣ дур мешавад. Барои сиёсатмадорон масъалаи ноилгардӣ ба ҳадафҳои шахсӣ, аз ҷумла афзун намудани боигарии хеш бо роҳҳои коррупсионӣ дар мадди аввал қарор мегирад. Омили охирин дар маҷмуъ ба институти интихобот таъсири манфии худро мерасонад, яъне дар ин маврид, ба ҷойи пешбурди муҳорибаи сиёсии ошкоро, ришвахӯрии шахсони мансабдор ва интихобкунандагон ба вуҷуд меояд. Ҳолати мазкур, аз ҷумла сатҳи шаффофияти рақобати сиёсиро коҳиш дода, ба коста намудани ҳаёти сиёсӣ дар мамлакат мусоидат менамояд. Бо ибораи дигар, коррупсия омилҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодии рушдро ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тавр, омилҳои болозикр хеле хатарнок мебошанд, зеро таъсири манфии маҷмуи омилҳои коррупсионӣ на танҳо ба хисороти иқтисодӣ, балки ба амалҳои пешгӯинашаванда аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ оварда мерасонад.

Бо дарназардошти он, ки коррупсия бо таъсири васеи худ ҳам ба соҳаҳои иқтисодӣ ва ҳам ғайрииқтисодӣ тавсиф карда мешавад, бинобар ин, фарз намудан мумкин аст, ки шароитҳои пайдоиш ва рушди коррупсия зиёд мебошанд.

Мавриди зикр аст, профессор С. Роуз – Аккерман дар асари хеш таҳти унвони “Коррупсия ва давлат. Сабабҳо, оқибатҳо ваислоҳот” се сабаби асосии пайдоиши коррупсияро ҷудо менамояд: иқтисодӣ; иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ниҳодӣ-сиёсӣ [1,с.78].

**Ҷадвали 1. Сабабҳои пайдоиши коррупсия дар шароити муосир**
**Table 1. Causes of corruption in modern conditions**

| Сабабҳои пайдоиши коррупсия | Тавсиф |
|---|---|
| Иқтисодӣ | Сатҳи пасти музди кори хизматчиёни давлатӣ;<br>Сатҳи баланди андозҳо, пардохтҳои ҳатмӣ;<br>Сатҳи баланди бюрократия. |
| Иҷтимоӣ-фарҳангӣ | Сатҳи пасти иттилоотонии аҳолӣ;<br>Рӯҳафтода намудани аҳолӣ; |

| | |
|---|---|
| | Ҷомеаи шаҳрвандии заиф |
| Ниҳодӣ-сиёсӣ | Клептократия<br>Монополӣ ва ҳокимияти бюрократ |

Профессори Донишгоҳи Гарвард А. Шлейфер дар якҷоягӣ бо профессори Донишгоҳи Чикаго Р. Вишни 6 ҳолатеро ошкор намудаанд, ки ба пайдоиши зуҳуроти коррупсонӣ муосидат менамоянд. Олимони мазкур дар таҳқиқоти хеш дар баробари ҳолатҳои бавуҷудорандаи коррупсия функсияи онро низ вобаста ба ҳолат муайян намудаанд.

**Ҷадвали 2. Сабабҳо (ҳолатҳои бавуҷудоранда) ва вазифаҳои коррупсия** [7,с.599-617]
**Table 2. Causes (caused situations) and functions of corruption**

| **Ҳолатҳои бавуҷудорандаи корупсия** | **Вазифаҳо** |
|---|---|
| Ҳукумат рентаи касриро тақсим намуда, дар ин маврид меъёрҳои расмиро истифода менамояд, на балки хоҳиши воқеии ширкатҳоро нисбат ба даст овардани он | Тозакунӣ |
| Сатҳи пасти музди кори хизматчиёни давлатӣ | Мукофотонидан |
| Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кӯшиш менамоянд, ки хароҷотро кам намоянд (андозҳо, қоидаҳои расмӣ) | Кам намудани хароҷот |
| Пешниҳоди имтиёзҳо, бастани шартнома аз ҷониби давлат бо ширкатҳои хусусӣ | Тақсимоти бозор |
| Ришвахӯрии сиёсатмадорон ва интихобкунандагон | Ивазкунандаи шакли қонунии таъсири сиёсӣ |
| Аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ соҳиб гардидан ба ҳокимияти азнавтақсимкунии захираҳо ва рӯйпуши хароҷотҳо | Такроршавии меъёрҳои қонун |

Лаҳзаи муҳим дар самти омӯзиши коррупсия масъалаи мувофиқати танзими давлатии раванди мазкур махсуб меёбад. Бояд иброз намуд, ки механизми танзими мазкур аз ҳолати мушаххас дар мамлакатҳои алоҳида вобаста мебошад. Сабабҳои коррупсияро дар мамлакат мавриди омӯзиши қарор дода, ҳолати ҷомеаи шаҳрвандии давлатро ба инобат гирифтан зарур аст. Зеро, ҳам иқтисоди нақшавӣ, ҳам иқтисоди бозорӣ ва давраи гузариш коррупсияро ба вуҷуд оварда метавонанд, вале сабабҳои коррупсия, шаклҳои зуҳур ва оқибатҳои он ба таври назаррас аз ҳам фарқ менамоянд.

Коррупсия ҳамчун дигар зуҳуроти иҷтимоӣ аз омилҳои зиёде вобастагӣ дорад. Онҳо аз рӯйи сатҳ ва дарҷаи таъсир гуногун буда, аз рӯйи самтҳои таъсиррасонӣ ва оқибатҳои иҷтимоӣ аз ҳам фарққунанда мебошанд. Бархе аз онҳо объективӣ буда, хислати субъективӣ-шахсӣ доранд.

Ҳамзамон, зимни гузаронидани таҳқиқот чунин сабабҳои заминавие ошкор гардиданд, ки зуҳуроти коррупсиониро ба вуҷуд меоранд:

–сабабҳои базавӣ;

–сабабҳои ташкилӣ;

–сабабҳои иҷтимоӣ.

Мавриди зикр аст, ки ба сифати сабабҳои базавии пайдоиши коррупсия номукаммалӣ ва номуназзамии фаъолияти институтҳои давлатӣ доир ба муқовимат бо коррупсия баромад менамоянд.

Сабабҳои ташкилӣ, пеш аз ҳама, бо ҷурми номукаммалии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва сатҳи пасти музди кори хизматчиёни давлатӣ ва амсоли инҳо ба вуҷуд меоянд.

Сабабҳои дорои хислати иҷтимоӣ, қабл аз ҳама бо сатҳи бюрократия дар сохторҳои давлатӣ, инчунин, таъсири амиқи зуҳуроти коррупсия ба қишрҳои алоҳидаи ҷомеа алоқаманд мебошад. Ғайр аз ин, ба омилҳои иҷтимоии зуҳуроти коррупсионӣ анъанаҳои фарҳангӣ ва таъриху халқу миллат дохил мешаванд.

Ҳамзамон, омилҳои дохилӣ ва беруниро аз ҳам фарқ менамоянд, ки ба сатҳи коррупсия ва паҳншавии он дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонанд:

– намудҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва шахсони алоҳида, ки ба манфиатҳои амнияти иқтисоди миллӣ таъсири манфии хешро мерасонанд;

– фаъолияти гурӯҳҳои алоҳидаи ҷиноятӣ ва ё гурӯҳи одамоне, ки барои манфиатҳои шахсӣ ҷиҳати доир намудани амалиётҳои ғайриқонунӣ шароитҳои мусоидро фароҳам месозанд;

– сатҳи пасти таъминоти моддии кормандон ва аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳимояшаванда будани хизматчиёни давлатӣ;

– дағалона вайрон намудани қоидаҳои мавҷуда ва санадҳои меъёрӣ;

– номукаммалии механизми идоракунии фаъолияти мақомоти ҳокмияти давлатӣ;

– самаранокии пасти низоми коргузорӣ ва автоматикунонии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

– мавҷуд набудани низоми мукаммали баррасии арзу шикоятҳо, муроҷиатҳо ва эътирозҳои шаҳрвандон ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ;

– мавҷуд набудани низоми мукаммал ва самарабахши ҳамкории мутақобилаи байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аҳолӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ;

– мавҷуд набудани низоми самарабахш ва муназзами назорати кормандон аз ҷониби роҳбарон, ки ба ташаккули ҳолатҳои сӯистифода аз мансаб оварда мерасонад;

– сатҳи пасти интизом дар сохторҳои давлатӣ, ки ба ташаккули шароитҳо баҳри анҷом додани ҷиноятҳои коррупсионӣ мусоидат менамояд;

– рад намудани татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои мухталифи фаъолият зимни адои вазифаи хизматӣ;

– номуназзам будани низоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар низоми идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ.

Дар аксар ҳолатҳо зимни муайянсозии сабабҳо ва ҳолатҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, коррупсияро ба таври қатъӣ дар низоми идоракунии давлатӣ бо иштироки ҳатмии намояндагони ҳокимияти давлатӣ баррасӣ менамоянд, ки ба андешаи мо, чандон дуруст нест. Зеро, дар ин маврид бахши ғайридавлатӣ, ки аз рӯйи миқёс сохтори хеле бузург аз мадди назар дур мемонад.

Бояд иброз намуд, ки вайрон намудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз омилҳои манфии рушди ҷиноятҳои коррупсионӣ маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, мавриди зикри хос аст, ки ба вайрон намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бисёр омилҳо сабабгор мешаванд.

Аз ҷониби таҳқиқотчиёни мухталиф ҳолати мазкур ба таври мухталиф шарҳ дода мешавад. Бинобар ин, дар адабиёти илмӣ таснифоти мухталифи рафтори коррупсионӣ мавҷуд мебошад.

Муҳаққиқ А. Хайденхаммер дар таҳқиқоти хеш доир ба "Муқовимат ба коррупсия" коррупсияи хурд, муқаррарӣ ва калонро вобаста ба муносибати гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ба он ҷудо менамояд [6,с.152-154].

Муҳаққиқи дигар Дронов Р.В. бошад, дар таҳқиқоти хеш 10 аломати асосии таснифоти коррупсия ва зуҳуроти коррупсиониро ҷудо менамояд.

Аз ин лиҳоз, дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқ Дронов Р.В. чунин намудҳои муносибатҳои коррупсиониро аз ҳам ҷудо менамоем.

**Ҷадвали 3. Зуҳуроти коррупсия дар муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити муосир**
**Table 3. Manifestations of corruption in economic relations in modern conditions**

| Меъёри таснифот | Намудҳои муносибатҳои коррупсионӣ |
|---|---|
| Вобаста ба сатҳи ҳамгирои муносибатҳои коррупсионӣ дар | - макросатҳ<br>- мезосатҳ |

| | |
|---|---|
| иқтисодиёти мамлакат | - микросатҳ |
| Аз рӯйи зуҳуркунӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт | - муассисаҳои давлатӣ<br>- корхонаҳо<br>- хоҷагиҳои хонагӣ<br>- дигарҳо |
| Аз рӯйи намуди субъектҳои муносибатҳои коррупсионӣ | - инсон-давлат<br>- инсон-корхона<br>- корхона-корхона<br>- корхона-давлат |
| Аз рӯйи ҳолати вазифавӣ ва хизматии субъекти муносибатҳои коррупсионӣ | - коррупсияи давлатӣ (дар низоми хизмати давлатӣ ва ҳарбӣ)<br>- коррупсияи ғайридавлатӣ (дар бахши хусусӣ) |
| Аз рӯйи хислати фаъолнокии кории шахсе, ки предмети пораро медиҳад | - бизнеси ҷиноятӣ<br>- бизнеси қонунӣ |
| Коррупсия дар соҳаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ | - аз рӯйи мақомот (ВКД, Прокуратура ва ғ.)<br>- аз рӯйи намуди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯйӣ ва ғ.) |
| Аз рӯйи мавқеи иштирокчиёни муносибатҳои коррупсионӣ | - сатҳи поёнӣ<br>- сатҳи боло<br>- сатҳи байналмилалӣ |
| Аз рӯйи намуди хизматрасониҳои коррупсионӣ | - барои вайрон намудани талаботи меъёри ҳуқуқ;<br>- барои иҷрои он коре, ки ба уҳдадориаш медароянд;<br>- барои иҷро накардани он коре, ки ба уҳдадорияш медароянд. |
| Аз рӯйи шакли предмети порадиҳӣ дар муносибатҳои коррупсионӣ | - маблағ;<br>- хизматрасонӣ;<br>- арзиши моддӣ. |
| Аз рӯйи такроршавандагии муносибатҳои коррупсионӣ | - коррупсияи эпизодӣ<br>- коррупсияи муназзам. |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар заминаи омӯзиши ададбиёти илмӣ ва таҳқиқоти Дронов Р.В. таҳия гардидааст (Коррупция – угроза национальной безопасности России: монография / Р.В. Дронов. – СПб.: Астерион, 2010г. 142 с.)

Дар шароити муосир шакли аз ҳама болои зуҳуркунии коррупсия, ки дар ин маврид коррупсияи иқтисодӣ ва сиёсӣ ба ҳам бармехӯранд, соҳибӣ намудани ҳокимият ва ташаккули реҷаи авторитарӣ-коррупсионӣ мебошад.

Дар шароити муосир коррупсияи сиёсиро аз рӯйи марҳилаҳои асосии раванди азхудкунии ҳокимият ба таври зерин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст: коррупсияи интихоботӣ ва хусусигардонии ҳокимият дар давраи муайян.

Коррупсияи иқтисодӣ дар сатҳҳои поёнӣ ва миёна - маъмурӣ (вазифавӣ) ва дар сатҳи олӣ аз худ намудани давлат буда метавонад.

Дар ин росто, бояд иброз намуд, ки дар адабиёти илмӣ коррупсияи маъмурӣ ё вазифавӣ дар ду шакл зоҳир мегардад: коррупсияи маишӣ ва расмӣ.

Коррупсияи маишӣ асосан таҳти таъсири шахсони алоҳида ва кормандони ҳокимияти давлатӣ зуҳур менамояд (C-G). Вобаста ба коррупсияи расмӣ ҳаминро бояд иброз намуд, ки он дар шароити ҳамкории мутақобилаи корхонаҳо (ташкилот) ва намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд меояд (B-G).

Ҳамин тавр, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки коррупсия як зуҳуроти мураккаби иҷтимоии ҷомеаи муосир буда, объекти таҳқиқоти мактабҳои мухталиф, аз ҷумла мактабҳои иқтисодӣ мебошад. Бо дарназардошти ба назари эътибор гирифтани фарқияти ҷиддии равишҳо доир ба таҳқиқоти падидаи манфии мазкур баъзе ихтилофҳоро иброз менамоем.

Равише, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мамлакат зикр гардидааст, коррупсияро тавассути рӯйхати кушодаи сӯистифодаи коррупсионӣ муайян месозад, ки моҳият ва мундариҷаи зуҳуроти мазкур пурра ошкор намесозад.

Дар баробари ин, дар шароити муосир аз ҷониби муҳаққиқону коршиносон таърифҳо ва равишҳои мухталиф доир ба мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои зуҳур кардани коррупсия пешниҳод гардидаанд, вале на ҳамаи онҳо коррупсияро ҳамчун падидаи манфӣ тавсиф менамоянд.

Бинобар ин, барои дақиқтар ва саҳеҳтар ошкор сохтани мазмуну мундариҷаи коррупсия ҳамчун падидаи манфӣ, чунин мепиндорем, ки рафтори коррупсионӣ ва махсусан фаъолияти коррупсиониро аз ҳам фарқ намудан лозим аст, зеро маҳз онҳо бавосита ё бевосита ба салоҳият ва манфиатҳои қонунии хизмати давлатӣ ва ҳокимияти давлатӣ дар маҷмуъ таъсир мерасонанд.

Ҳамзамон, аломатҳо ва нишонаҳои фарққунандаи амалҳои коррупсионӣ дар соҳаи идоракунӣ се категорияи ба ҳам алоқаманд баромад мекунанд:

- захирае, ки дастрасӣ ба он ҳадафи асосии иштирокчиёни раванди коррупсионӣ мебошад;
- манфиате, ки қувваи ҳаракатдиҳандаи иштирокчиёни амалҳои коррупсионӣ мебошад;
- зараре мебошад, ки ба манфиатҳои ҷомеа расонида мешавад.

Ҳамин тавр, дар хулосаи мақола қайд намудан зарур аст, аломатҳои фарққунандаи амалҳои коррупсионӣ дар соҳаи идоракунӣ инҳо мебошанд: мубодила байни шахсони мансабдор ё хизматчии давлатӣ, ки ба рафтори муайяни шахсони мазкур манфиатдор аст; барқасдона ғайриқонунӣ будани чунин аҳд, ки анҷом додани он бо таҳдиди ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ манъ аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Комилов А.Қ.**

### АДАБИЁТ


1. Дронов Р.В. Коррупция – угроза национальной безопасности России: монография / Р.В. Дронов. -СПб.: Астерион, 2010. -142 с.
2. Пекарев В.Я. Правовые аспекты борьбы с коррупцией на национальном и международном уровнях / В.Я. Пекарев. -М.: Издательство РУДН, 2001. -328 с.
3. Полшцук Л. Посредники между частным сектором и государством: содействие бизнесу или сочувствие коррупции? / Л. Полшцук, О. Щетинин, О. Шестоперов // Вопросы экономики. - 2008. -№3. -С.106-123.
4. Проява СМ. Экономизация коррупции. Механизм противодействия: Монография / СМ. Проява. -М.: ЮНИТИ-ДАНА: Закон и право, 2008. -С. 29.
5. Радаев, В. Российский бизнес: на пути к легализации? Текст / В. Радаев // Вопросы экономики. – 2002. -№1. -С.68-87.
6. Heidenheimer A.J. Perspectives on Perception of Corruption / A.J. Heidenheimer, M. Johnston (eds) // Political Corruption: concepts and contexts. 3rd ed. -P. 152-154.
7. Shleifer, A. Corruption / A. Shleifer, R.W. Vishny // Quarterly Journal of Economics. – 1993. -№108(3). -P. 599-617.
8. Розинский И. Иностранные филиалы и национальные интересы / И. Розинский // Вопросы экономики. - 2008. -№5. -С.36-50.
9. Роуз-Аккерман, С. Коррупция и государство. Причины, следствия, реформы / С. Роуз-Аккерман. –М.: Логос, 2003. -С.78.


## РУШДИ КОРРУПСИЯ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР: ОМИЛҲО ВА САБАБҲО


Дар мақолаи мазкур сабабҳо ва омилҳои асосии зуҳур намудани коррупсия дар ҷомеаи муосир таҳқиқ карда шудаанд. Ба андешаи муаллифи мақола коррупсия ба соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба таври манфӣ таъсир расонида, инкишофи муносибатҳои бозориро боз медорад ва муҳити рақобатии номусоидро фароҳам месозад. Ғайр аз ин, зуҳуроти коррупсионӣ тавассути фароҳамсозии харҷоти изофа барои тақсимоти молҳо ва афзоиши сатҳи нархҳо мусоидат менамоянд. Ғайр аз ин, муаллиф чунин хулосабарорӣ намудааст, ки зуҳуроти коррупсионӣ ҳам шароитҳои иқтисодӣ ва ҳам ғайрииқтисодиро ба вуҷуд меоранд. Дар натиҷа, омилҳо ва шароитҳои болозикр таҳдидкунанда мегарданд, зеро самараҳои манфии коррупсия на танҳо ба оқибатҳои манфии иқтисодӣ, балки ба норозигии аҳолӣ низ оварда мерасонад. Ҳамин тавр, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки коррупсия як зуҳуроти мураккаби иҷтимоии ҷомеаи мусир буда, объекти таҳқиқоти мактабҳои мухталиф, аз ҷумла мактабҳои иқтисодӣ мебошад. Бояд иброз намуд, ки вайрон намудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз омилҳои манфии рушди ҷиноятҳои коррупсионӣ маҳсуб меёбад.

**Калидвожаҳо:** коррупсия, коррупсияи иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои коррупсия, нишондиҳандаҳои андозагирӣ, зуҳуроти коррупсионӣ, оқибатҳои иқтисодии коррупсия, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

## РАЗВИТИЕ КОРРУПЦИИ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ: ФАКТОРЫ И ПРИЧИНЫ

В данной статье исследованы основные причины и факторы проявления коррупции в современном обществе. По мнению автора статьи, коррупция отрицательно влияет на социально-экономическую сферу, сдерживает развитие рыночных отношений и формирует неблагоприятную конкурентную среду. Кроме того, коррупционные явления способствуют росту уровня цен путем формирования дополнительных издержек на распределение товаров. Кроме того, автором заключено, что коррупционные явления поражают как экономические, так и неэкономические условия. В результате, вышеприведенные факторы и условия становятся угрозой, поскольку негативные эффекты коррупции приведут не только к отрицательным экономическим последствиям, но и к недовольству населения. Таким образом, можно сделать вывод, что коррупция представляет собой сложное социальное явление современного общества и является объектом исследования различных школ, в том числе экономических. Следует отметить, что нарушение правовых норм является одним из негативных факторов развития коррупционных преступлений.

**Ключевые слова:** коррупция, экономическая коррупция, индикаторы коррупции, показатели измерения, коррупционные явления, экономические последствия коррупции, правоохранительные органы.

## DEVELOPMENT OF CORRUPTION IN MODERN SOCIETY: FACTORS AND REASONS

There is in the article explored the main causes and factors of manifestation of corruption in modern society. According to the author of the article, corruption negatively affects the socio-economic sphere, hinders the development of market relations and forms an unfavorable competitive environment. In addition, corruption contributes to increase in the price level by creating additional costs for the distribution of goods. In addition, the author concluded that corruption affects both economic and non-economic conditions. As a result, the above factors and conditions become a threat, since the negative effects of corruption will lead not only to negative economic consequences, but also to public discontent. Thus, we can conclude that corruption is a complex social phenomenon of modern society and is the subject of research by various schools, including economic ones. It should be noted that violation of legal norms is one of the negative factors in the development of corruption crimes.

**Keywords:** corruption, economic corruption, indicators of corruption, measurement indicators, corruption phenomena, economic consequences of corruption, law enforcement agencies.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нидоев Шоҳрух Нозимҷонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 900-61-77-77.** E-mail: **shohrurh-1983@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Нидоев Шохрух Нозимджонович*** **–** Таджикский национальный университет, преподаватель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900-61-77-77.** E-mail: **shohrurh-1983@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nidoev Shokhruh Nozimdzhonovich*** - Tajik National University, teacher of the Department of Management and Marketing. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 900-61-77-77.** E-mail: **shohrurh-1983@mail.ru**

ТДУ 330.142.211

# ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ ДАР ШАРОИТИ ШАРИКИИ ДАВЛАТӢ-ХУСУСӢ

*Наҷмуддинов Н.А.*
**Институти иқтисод ва демографияи АМИТ**

Рушди нокифояи инфрасохтори нақлиётӣ, айни замон монеи рушди иҷтимоию иқтисодӣ мегардад. Аз ин рӯ, вазифаи стратегии таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат тақвияти рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба шумор меравад, ки ба ҳадафҳои Стратегияи баромадан аз бунбасти иртиботӣ ва ба иқтисодиёти транзитӣ табдил додани ҷумҳурӣ пурра мувофиқат мекунад. Ин бояд на танҳо татбиқи амалисозии лоиҳаҳои муосир оиди рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, балки рушд ва ташкили мувофиқашудаи ҳамкории навъҳои гуногуни нақлиёт ва истеъмолкунандагони хизмати нақлиётӣ бошад. Ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, истифодаи ҳам механизмҳои анъанавии маблағгузории буҷетӣ, тиҷорӣ, қарзӣ, лизингӣ, ҳам инноватсионӣ – дар шакли шарикии давлатӣ-хусусӣ зарур аст.

Вазифаи стратегии тақвияти рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба ҳадафҳои “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи то солҳои 2030” дар соҳаи рушди низоми нақлиёти мамлакат мувофиқат мекунад [6]. Сухан на танҳо дар бораи татбиқи лоиҳаҳои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, балки дар бораи рушди мувофиқашудаи рушд ва ташкили ҳамкориҳои мутақобилаи навъҳои гуногуни нақлиёт ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои нақлиётӣ меравад. Ҳоло, пеш аз ҳама, муосиркунонии фаврӣ ва ташкили инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии муосир бо роҳи таҳияи механизми шарикии давлатӣ-хусусии ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳонишавӣ ва қонуниятҳои рушди саноатии ҷумҳурӣ зарур аст.

Амсилаи ояндадори маблағгузории инфрасохтори пешниҳодшуда бояд ба ташкили шароити муайяни баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ нигаронида шавад. Бо дарназардошти ғайридавлатикунонӣ ва рушди бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ мусоидати давлат ба татбиқи ташаббусҳои хусусӣ барои рушди истеҳсолот, азнавсозӣ ва муосиркунонии ҳайати мутаҳаррик ва объектҳои инфрасохтории ба моликияти хусусӣ тааллуқдошта аз эҷоди шароити мусоиди иқтисодӣ, аз ҷумла пешбурди сиёсати меъёрӣ-техникӣ ва фискалии тағйирпазир иборат хоҳад буд. Азбаски амалан ҳамаи хизматрасониҳои нақлиётӣ аз ҷониби корхонаҳои хусусӣ расонида мешаванд, бинобар ин, онҳо хароҷотҳои истифодабарӣ ва молиявии худро худашон мустақилона мепӯшонанд.

Ҳавасманд кардани иштироки бахши хусусӣ дар намудҳои гуногуни фаъолияти соҳаи нақлиёт, аз ҷумла шартномаҳои имтиёзноки (консессионии) дарозмуҳлат, ки мувофиқи он инфрасохтор дар ниҳоят ба давлат баргардонида хоҳад шуд, зарур аст. Инчунин, тарҳҳои ҳамкории давлатӣ-хусусӣ метавонанд қисман маблағгузории инфрасохтори давлатиро дар бар гирад. Аммо, шаклҳои ишорашудаи шарикии давлатӣ-хусусӣ, навсозӣ ва дар як қатор ҳолатҳо ба вуҷуд овардани заминаи нави қонунгузориро талаб мекунад.

Шарикии давлатӣ-хусусӣ (кооператив ва кооператсия инҳо чизҳои дигаранд ва маънаю тартиботи ба худ хосси фаъолиятро доранд) имрӯз доираи хеле густаришёфтаи стратегии амсилаҳо ва муносибатҳои корӣ ба ҳисоб меравад. Дар маънои умумӣ ин истилоҳ ҳангоми ҳар гуна истифодаи захираҳои бахши хусусӣ барои қонеъ гардонидани талаботҳои ҷомеа корбаст мешавад. Дар ин замина захираҳои аз бахши хусусӣ ҷалбшаванда метавонанд гуногун: ҳам сармоя, ҳам салоҳияти менеджерҳо бошанд. Зери мафҳуми талаботи ҷамъиятӣ ҳамчун дар ҳар давлати мушаххас роҳҳо ва паркҳо фаҳмида мешавад, дар баъзе ҷойҳо ин мафҳум бахшҳои тиҷоратӣ, ҳамчун алоқа ё амволи ғайриманқулро низ дар бар мегирад.

Ҳадафи асосии шарикии давлатӣ-хусусӣ (ШДХ) дар соҳаи рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба манфиати ҷомеа бо роҳи муттаҳид кардани захираҳо ва таҷрибаи ҳар ду тараф, татбиқи лоиҳаҳои аҳаммияти ҷамъиятидошта бо хароҷот ва хавфҳои камтарин ба шарти пешниҳод кардани хизматрасониҳои баландсифат ба субъектҳои иқтисодӣ мебошад [4,с.48-52].

ШДХ усули сифатан нав ва босамари ҷалби сармоя аст, зеро чунин навъи шарикӣ на танҳо метавонад ба пешрафти иқтисодиёт мусоидат кунад, балки қодир аст, ки инфрасохтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро низ тараққӣ диҳад. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлатӣ-хусусӣ, ҳисоботдиҳии давлатӣ, афзоиши самаранокӣ, коҳиши хароҷоти буҷетиро нишон медиҳад. Сабаби ин боздеҳи баланд аз истифодаи сармоя дар бахши хусусӣ ва рақобати бозорӣ мебошад, гарчанде соҳаи муносибатҳои рақобатӣ дар ин лоиҳаҳо на он қадар бузург аст.

Айни замон барои ҳавасманд кардани сармоягузориҳои хусусӣ, барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорони хусусӣ гӯё ноҷолиб, якҷоя бо саҳми моддӣ давлат ба лоиҳаҳои аҳаммияти ҷамъиятидошта дар қатори саҳмгузории моддӣ пул (маблағгузориҳои буҷетӣ) ё шибҳипул (имтиёзҳои андозӣ, дотатсия)-ро пешниҳод менамояд. Аммо саҳми аз ҳама арзишманди давлат дар лоиҳа, худи додани ҳуқуқ барои татбиқи он, инҳисорӣ аз ҷониби давлат кафолат додашуда ба истифодаи захираҳои ҷудошуда, танҳо барои шарикии давлатӣ-хусусии додашуда, ҳатто дар ҳолатҳое ҳам, ки ин инҳисор аз ҷиҳати технологӣ асоснок набошад, маҳсуб меёбад.

Давлат ба бадали захираҳои моддиву маъмурие, ки ба ихтиёри онҳо пешниҳод гардидаанд, ҳуқуқи дахолат кардан ба корҳоро талаб менамояд. Чунин дахолат шаклҳои гуногунро мегирад: дар навбати аввал, танзими нархҳо ва баъд аз он маҳдудиятҳои ғайринархӣ низ қарор мегиранд.

Соҳибкорон дар доираи шарикии давлатӣ-хусусӣ фаъолияткунанда, ҳуқуқи озодона муайян кардани нархи хизматрасониҳои худро надоранд, зеро имтиёзҳои инҳисорӣ ва ҳимоя аз рақибон, ки аз ҷониби давлат пешниҳод шудаанд, асос барои гузоштани тамғаи монополияи табиӣ шуморида мешавад. Агар шарикӣ умуман ҳуқуқи мустақиман ҷамъ кардани пулро аз истеъмолкунандагони хизматрасониро ба даст орад (ва пардохтро мустақиман аз буҷет намегирад), нархи ҳамлу нақли бор, пардохти рафтуомад ва арзиши дигари хизматрасониҳо аз тарафи мақомотҳои дигари ваколатдори давлатӣ танзим гардида, тавре муайян карда мешаванд, ки барои сармоягузори хусусӣ даромаднокии дар қарордоди дарозмуҳлат мувофиқашуда таъмин гардад [2,с.41-50; 3; 5].

Инчунин, имкониятҳои гирифтани даромад метавонад ба соҳибкори хусусӣ аз ҳисоби хуқуқҳои инҳисорӣ барои ба даст овардани даромадҳои ғайрсоҳавӣ пешниҳод карда шаванд. Масалан, арзиши роҳпулӣ дар роҳҳои пулакӣ метавонад аз тарафи давлат ба танзим дароварда шавад. Аммо ҷойгиркунии рекламаҳо, иҷораи қитъаҳо барои савдо ва муассисаҳои хӯроки умумӣ дар ҳудуди объектҳои нақлиётӣ метавонанд ба манбаи даромадҳои танзимнашаванда табдил ёбанд. Гарчанде чун қоида, шартнома оид ба шарикии давлатӣ-хусусӣ равонасозии як қисми даромадҳои ғайрисоҳавиро ба давлат ё сармоягузории ин қисмро ба инфрасохтор пешбинӣ мекунад.

Боз як шарти ҳатмии ба сохтори хусусӣ интиқоли ин ё он ҷанбаи корӣ вобаста ба объектҳои инфрасохторӣ, вогузоркунии уҳдадориҳо оид ба пешниҳоди дастрасии ғйритабиӣ ба ин инфрасохтор ба шахсони сеюм маҳсуб меёбад. Чун қоида, барои ҳавасмандкунии рақобат ва пешгирии сӯистифода аз вазъияти инҳисорӣ, операторонро барои иштирок дар озмунҳои ба даст овардани ҳуқуқи шарикии давлатӣ-хусусӣ роҳ намедиҳанд. Масалан, ба консорсиуми ҳамлу нақлкунандагон ҳуқуқи идоракунии роҳҳо дода нашуда, назар ба онҳо консорсиуми ширкатҳои сохтмониро афзалтар медонанд. Ҳамин тавр, зери мафҳуми шарикии давлатӣ-хусусӣ муттаҳидсозии захираҳои моддӣ ва ғайримоддии ҷомеа (мақомоти маркази ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) ва бахши хусусӣ дар асоси дарозмуддат ва манфиатнокии тарафайн барои ташкили неъматҳои ҷамъиятӣ (ободонӣ ва рушди ҳудудҳо, инфрасохтор) ё

расонидани хизматҳои ҷамъиятӣ (дар соҳаи маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра) фаҳмида мешавад.

Хусусияти муҳиму хосси шарикӣ (дар муқоиса бо хусусисозӣ) нигоҳдории дараҷаи баланди фаъолнокии хоҷагӣ ва назорати равандҳои иқтисодӣ аз ҷониби давлат зимни таҳаввули ҳамзамони институтсионалӣ ва соҳаҳои фаъолият мебошад, ки ба таври анъанавӣ ба давлат тааллуқ дорад. Ба қатори фишангҳои асосии танзим ва назорати давлатӣ дар соҳаи мазкур сиёсати тарофагӣ, бехатарӣ ва экологӣ, назорати сифати хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон дохил мешаванд [12,с.126-133].

Ҳамин тариқ, дар шароити маҳдудияти захираҳои буҷети шарҳӣ самарабахши ташкили заминаи молиявӣ барои рушди маҷмааи нақлиётӣ, шарикии давлатӣ-хусусӣ ба ҳисоб меравад, ки имкон медиҳад корхонаҳои омехта (корхонаҳои дар асоси ду шакли моликият – давлатӣ ва хусусӣ ба вуҷуд омадаро корхонаи омехта меноманд, на муштарак) бо иштироки мақомоти давлатӣ дар асоси шаклҳои гуногуни моликият созмон дода шаванд. Дар доираи лоиҳаҳои давлатӣ-хусусӣ имкони омехтани бартариятҳои бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ дар соҳаи истифодаи инфрасохтори нақлиётӣ ба вуҷуд меояд, дар навбати аввал, аз ҳисоби ҳамгиросозии иқтидори идоракунӣ, ташкилӣ ва молиявии бахши соҳибкорӣ, ки имкон медиҳад зудҳаракатӣ, тағйирпазирӣ ва фаврияти қабули қарорҳо, ки самаранокии баланди истифодаи захираҳо, тамаркуз ба инноватсияҳо, ҳалли вазифаҳои ташкилоти давлатӣ дар асоси низоми ангезаҳои иқтисодӣ ва механизмҳои гуногуни ангезиш ва ғайра таъмин гардад. Дар ин ҷо мақомоти давлатӣ қоидаҳои асосиро тасдиқ карда, лоиҳаҳоро ба тавре амсиласозӣ мекунад, ки онҳо ҳадафҳо, сиёсат ва талаботҳои меъёрии онҳоро инъикос карда, воқеан назорати бештарро ба даст меоранд, зеро ШДХ бо қарордоди ҳаматарафа таҳияшуда шарикӣ дорад, ки на ҳамеша ҳангоми истифодаи менеҷменти худ ва кормандони худ сурат мегирад.

Дар амалия ин гуна шарикӣ ҳамчун созмони ба расмият даровардашудаи сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ ба роҳ монда мешавад, ки ба таври махсус ба ин ё он мақсад созмон дода шуда, ба қарордоди марбутаи тарафҳо такя карда, дорои чунин хусусиятҳо мебошад: қонеъ гардонидани талаботи бахши ҷамъиятӣ аз ҳисоби истифода ё ба орият гирифтани захираҳои бахши хусусӣ тавассути иштирок дар занҷираи шарикии оммавӣ-хусусӣ оид ба эҷоди арзиши изофа; муҳлатҳои тулонии татбиқи лоиҳаҳо (то 20 сол ва зиёда аз он), зери объекти мушаххас ташкил кардан, расмияти ҳуқуқӣ; манбаъҳои махсуси маблағгузории лоиҳаҳо: сармоягузориҳои хусусӣ, ки бо захираҳои молиявии давлатӣ пурра карда шудаанд, ё сармоягузории муштараки якчанд иштирокчиён; татбиқ дар шароити муҳити рақобатнок, вақте ки барои ҳар як қарордод ё консессия бо иштироки якчанд иштирокчиёни эҳтимолӣ озмун гузаронида мешавад; шаклҳои хосси тақсимоти вазифаҳо байн шарикон: давлат ҳадафҳои лоиҳаро аз мавқеи манфиатҳои ҷомеа муқаррар мекунад, параметрҳои арзишӣ ва сифатиро муайян мекунад, мониторинги татбиқи лоиҳаро амалӣ мекунад ва бахши хусусӣ бошад, дар марҳилаҳои гуногуни лоиҳа фаъолиятҳои фаврӣ – таҳия, маблағгузорӣ, сохтмон ва истифодабарӣ, идоракунӣ, татбиқи хизматрасониҳоро ба муштариён ба зиммаи худ мегирад; тақсими хавфҳо байни иштирокчиёни шартнома дар асоси қарордодҳои марбутаи тарафайн.

Дар заминаи афзалиятҳои муайяншудаи рушди иқтисодии ҷумҳурӣ нақши назарраси ШХД дар манфиатнокии он барои субъектҳо ва саҳмгузорӣ ба рушди инноватсионӣ, тавлиди амсилаҳои инноватсионии идоракунию маблағгузории лоиҳаҳо зоҳир мегардад. Барои ҷалб кардани бахши хусусӣ ба маблағгузорӣ, иҷро ва идоракунии мустақими лоиҳаҳо имкониятҳои васеъ мавҷуд аст, ки ба таври анъанавӣ дар madди назари фаъолияти бахши давлатӣ қарор доштанд. Ду варианти ниҳоии иҷрои лоиҳаҳо вуҷуд дорад. Дар варианти якум бахши давлатӣ уҳдадароии хароҷоти молиявӣ, лоиҳавӣ, идоракунӣ ва истифодабариро ба зиммаи худ мегирад. Илова бар ин, тамоми хавфҳои вобаста ба лоиҳаро ба зиммаи худ мегирад. Дар варианти дуюм бахши хусусӣ ҳамаи ин уҳдадориҳоро ба зиммаи худ мегирад. Дар воқеъ, қисми зиёди навъҳои

шарикиҳои давлатӣ-хусусӣ аз таносубҳои гуногуни тақсимоти уҳдадориҳо ва хавфҳо байни шарикон, мувофиқи тарафҳои заиф ва қавии онҳо иборат мебошад.

Вобаста ба хусусияти вазифаҳои мушаххаси дар доираи ШДХ ҳалшаванда, аксари шаклҳои мавҷуда ва ҷадидан бавуҷудояндаи шарикиҳо ба навъҳои (амсилаҳои) алоҳида ҷудо мешаванд. Вобаста ба ҳадафҳои ШДХ амсилаҳои ташкилӣ, амсилаҳои маблағгузорӣ ва шарикӣ фарқ мекунанд. Дар аксари ҳолатҳо шарикӣ шаклҳоеро истифода мекунад, ки бар афзалиятҳои амсилаҳои гуногун ва омезиши онҳо асос меёбанд.

Амсилаҳои шарикӣ иборат аз шаклҳо ва методҳои имконпазири муттаҳид кардани кӯшишҳои як қатор шариконе мебошад, ки барои марҳилаҳои алоҳидаи раванди умумии ташкили арзиши нави истеъмолӣ ҳамчун неъмати умумӣ ҷавобгӯй мебошанд. Аксар вақт чунин шарикӣ ташкили сохторҳои мураккаб, аз ҷумла холдинг, сохторҳоро оид ба сохтани объектҳо ва истифодаи онҳо, махсусан дар соҳаи инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ талаб мекунад.

Принсипи асосии консепсияи ШДХ аз он иборат аст, ки давлат муайян мекунад, ба кадом хизматрасониҳо ва инфрасохтор он ниёз дорад, сармоягузорони хусусӣ бошанд, пешниҳодҳое ироа мекунанд, ки ба талаботи давлат бештар мувофиқат намояд. Дар байни шаклҳо ва амсилаҳои гуногуни лоиҳаҳои давлатӣ-хусусӣ вақтҳои охир шартномаҳои консессионӣ рушди бештарро касб кардаанд, ки бо баррасӣ ба сифати предметҳои консессия, моликияти давлатӣ, инчунин, намудҳои инҳисории фаъолияти давлатӣ ё худ шаҳрдорӣ; ҳадафмандӣ ба қонеъ гардонидани ниёзҳо ва талаботҳои ҷамъиятӣ, қобили бозгашти предмети шартнома ва инчунин, давраи тулонии амали шартнома тавсиф меёбанд.

Бартариҳои истифода аз шарҳи мазкур имкони ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ, ҷорикунии техноголияҳои муосири идоракунӣ, эҷоди унсурҳои рақобат дар сегментҳои инҳисорӣ, коҳиш додани сарбории молиявӣ ба буҷетҳо, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон маҳсуб меёбанд.

Соҳаи корбурди муносибатҳои консессионӣ хеле васеъ мебошад. Онҳоро дар соҳаҳои зерини иқтисодиёт, ки ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим карда, истифода бурдан мумкин аст:

- инфрасохтори нақлиётӣ;
- объектҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ;
- захираҳои табиӣ;
- соҳаҳои дигари фаъолият (объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, фаъолияти гумрукӣ, сохтмон ва нигаҳдории ҳабсхонаҳо ва ғайра).

Таҷрибаи ҷаҳонӣ амалан мувофиқи мақсад будани истифодаи механизмҳои консессиониро комилан тасдиқ мекунад. Ин механизмҳо дар зиёда аз 120 мамлакат – аз ИМА-ю ИА то Замбия ва Бангладеш истифода мешаванд. Гарчанде ки амсилаҳои мушаххаси қонунгузории консессионӣ метавонанд тафовути назаррас дошта бошанд, аммо, ғояи асосӣ – ин ҷалби тиҷорати хусусӣ ба бахшҳои инҳисорӣ дар асоси шартномаҳои дарозмуддат тағйирнаёбанда боқӣ мемонад.

Дар шароити ҷумҳурӣ консессияҳо махсусан бо дарназардошти фарсуда шудани миқдори назарраси объектҳои инфрасохторӣ ва нокифоягии музмини маблағузорӣ зарур мебошанд. Бо вуҷуди ин, алҳол сатҳи омодагии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ҷорикунии амалии ин шарҳи пешрафта начандон баланд аст.

Талаботи шадид ба рушди инфрасохтори нақлиётии мамлакат, ки захираҳои калони молиявиро талаб мекунад, имкон медиҳад, ки ин масъала дар ояндаи наздик аз ҳисоби ҳам маблағҳои буҷети давлатӣ ва ҳам маблағҳои ғайрибуҷетӣ ҳал карда шавад. Бо мақсади суръатбахшии ҳалли вазифаи ташкили инфрасохтори нақлиётии истифодаи умум, рафъи ниёзи аҳолӣ ва давлат ба он, рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва инчунин, коҳиш додани сарборӣ ба буҷети давлатӣ зарур аст, ки механизмҳои ҷалби маблағҳои ғарйрибуҷетӣ барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ, аз ҷумла маблағҳои сармоягузорони хусусӣ ташаккул дода шуда, лоиҳаҳои озмоишӣ барои коркард ва роҳандозии ин механизмҳо амалӣ карда шуда, истифодаи амалии онҳо барои татбиқи

лоиҳаҳо имкон медиҳад хароҷоти нақлиётӣ ҳангоми ҳамлу нақл коҳиш дода шуда, амнияти ҳаракат баланд бардошта шуда, барои муколамаи самараноки истеъмолкунандагони роҳҳои автомобилӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки барои ҳолати онҳо масъуланд, асоси иқтисодӣ муҳайё карда шавад. Ҳамзамон, азнавтақсимоти ҷараёнҳои нақлиётӣ дар шабакаи роҳҳои мавҷудаи автомобилӣ сурат гирифта, шароити ҳаракат дар қитъаҳои пурбори шоҳроҳҳои автомобилии муҳим зимни сарфаи назарраси маблағҳои буҷетӣ беҳтар гардида, сарбории экологӣ ба ҳудуди канори роҳҳо коҳиш меёбад [9,с.44-48].

Дар марҳилаи пешбинишаванда истифодаи принсипҳои шарикии давалатӣ-хусусӣ дар соҳаҳои зерин инфрасохтори нақлиётӣ рушд хоҳад ёфт. Дар хоҷагии роҳҳо се гурӯҳи асосии объектҳои шарикии давалатӣ-хусусиро фарқгузорӣ кардан мумкин аст: шоҳроҳҳои асосии дорои ҳаракати интенсивӣ, ки дар онҳо дар давраи барномавӣ сохтмони роҳҳои автомобилии пулакӣ бо нигоҳдории имкони ҳаракат ба самти муқарраршуда бо роҳи автомобилии ройгони истифодаи умум, «роҳҳои рушд» - шоҳроҳҳое, ки барои рушди иқтисодиёти мамлакат ё бо мақсади аз худ кардани конҳои дурдаст ва роҳҳои барои васеъсозии ҷойҳои «танг»-и шабакаи роҳҳои сохташаванда пешбинӣ мешаванд. Гурӯҳи аввали лоиҳаҳо дорои фоидаоварии баланд буда, гурӯҳи дуюм барои рушди иқтисодиёт муҳим буда, гурӯҳи сеюм ҳам фоидаоварӣ, ҳам самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодиро доро буда, аз ин рӯ, ояндадортар маҳсуб меёбад. Талаботи шадиди шабакаи роҳҳои автомобилии мамлакат сохтани гузаргоҳҳо, чорсӯҳо, пулҳо ва нақбҳо ба ҳисоб мераванд.

Ҳангоми сохтмон ва нигаҳдории роҳҳои автомобилии таъиноти дугона, ки ҳамзамон вазифаҳои роҳҳои технологӣ ва автомобилии истифодаи умум, аз ҷумла роҳҳои хизматрасонӣ ба шабакаҳои барқ, дигар иртибототи муҳандисӣ ва объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ, роҳҳо ба корхонаҳои бузург, конҳо ва ғайрароро иҷро мекунанд, татбиқи чунин лоиҳаҳо дар асоси шартномаҳо бо мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ амалӣ гардонида мешавад, ки иштироки ҳиссавии ҳам соҳибони объектҳои мазкур, ҳам давлатро дар маблағгузории лоиҳаҳо пешбинӣ мекунад.

Барои татбиқи лоиҳаҳои сохтмони инфрасохтори нақлиётӣ дар шароити шарикии давлатӣ-хусусӣ, дар ҳудуди ҷумҳурӣ эҷоди механизмҳои дахлдори ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявӣ ва қабули санадҳои зарурии қонунгузорию меъёрӣ талаб карда мешавад.

Айни замон дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои консессионӣ» қабул шудааст. Объекти шартномаи консессионӣ тибқи қонун амволи ғайриманқуле ба ҳисоб меравад, ки сохтмон ва (ё) таҷдиди он бо шартнома пешбинӣ шудааст. Соҳибкор метавонад аз давлат объектҳоеро, ки ғайридавлатӣ кардани онҳо мумкин нест, ба муҳлати дароз иҷора гирад. Сармоягузор метавонад ҳамин гуна объект созад ва онро ба муддати муайян истифода барад. Ҳозир таҳияи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои зерқонунӣ (шартномаҳои навъӣ, методикаҳои муайян кардани талабот ба консессионер, муайян кардани барномаи нақшавии сармоягузорӣ ва ҳисобкунии нишондиҳандаҳои имконпазири тиҷоратӣ) идома дорад.

Бо мақсади коркарди механизмҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилии эҷоди роҳҳои автомобилии пулакӣ бо истифодаи усулҳои шарикии давлатӣ-хусусӣ дар зербарнома татбиқи лоиҳаҳои озмоишии сармоягузории роҳҳои автомобили пулакиро бо шартҳои гуногуни ибтидоӣ пешбинӣ кардан зарур аст:

- лоиҳаҳои озмоишии сохтмони роҳҳои пулакӣ;
- сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилӣ бо расонидани онҳо ба параметрҳои категорияи аввали техникӣ;
- сохтмони гузаргоҳҳо дар роҳҳои автомобилии минтақавӣ.

Инчунин, дар оянда ҳангоми идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ ҳиссаи роҳҳоеро ба нақша гирифтан зарур аст, ки дар асосҳои пулакӣ истифода мешаванд. Эҷоди шабакаи роҳҳои автомобилии пулакӣ имкон медиҳад, ки манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ барои рушди роҳҳои автомобилӣ аз ҳисоби зиёд кардани қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҷалб карда шаванд.

Хусусияти равандҳои сармоягузорӣ дар маҷмааи нақлиётӣ то дараҷаи назаррас бо ҷолибияти сармоягузории он нисбат ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт муайян мешавад. Илова бар ин, ҳузури гурӯҳҳои сармоягузорон – таҷовузкор ва муҳофизакорро, ки вобаста ба муносибат ба фоидаоварии сармоягузорӣ ва хавфи молиявӣ фарқ мекунанд, ба ҳисоб гирифтан лозим аст.

Айни замон маҷмааи нақлиётӣ барои сармоягузорони навъи муҳофизакор, бешубҳа афзалиятнок мебошад. Тафовути сармоягузори муҳофизакор кӯшиши то ҳадди имкон камтар кардани хавфи молиявӣ-сармоягузорӣ мебошад, гарчанде аз ҳисоби даромаднокии пасти маблағгузориҳо бошад ҳам. Илова бар ин, сармоягузори муҳофизакор, чун қоида, ба боздеҳи дарозмуддати сармоягузорӣ, на ба «зудтар» ба даст овардани он мекӯшад. Бинобар ин, маҷмааи нақлиётӣ айни замон барои сармоягузорони калони муҳофизакор ҷолибтар мебошад. Сармоягузорони таҷовузкорро бошад, метавонанд лоиҳаҳои «дақиқ», ҳамроҳикунанда, масалан, сармоягузорӣ ба нақлиёти хусусии мусофиркаши истифодаи умум ҷалб намоянд

Ҳамин тавр, самти ояндадори ҷалби сармоягузориҳо барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ шарикии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва суъектҳои бахши хусусӣ мебошад. Таҳия ва корбурди васеи шарикии давлатӣ-хусусӣ дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат усулан муҳим аст. Ин механизмҳои дар шароити ҷумҳурӣ нисбатан нави ташкили шарикии бахши хусусӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ хеле ояндадор ба назар мерасанд. Онҳо қабули уҳдадориҳои мушаххасро оид ба пешбурди ислоҳот, ҳалли вазифаҳои баланд бардоштани сифат ва масъалаҳои дигари иҷтимоиро аз тарафи ҷонибҳо пешбинӣ менамоянд. Дар ин замина ҳокимияти давлатӣ шароит ва ангезаҳоро барои зоҳир кардани ташаббуси хусусӣ дар ҳалли ин масъалаҳо ба вуҷуд оварда, соҳибкорон бошанд, имкониятҳои ҷалби захираҳои иловагии хориҷ аз доираи уҳдадориҳои мустақиму мушаххаси тиҷоратии худ оид ба хизматрасониро ба истеъмолкунандагон пайдо мекунанд.

Татбиқи амсила ё механизми эҷоди объекти инфрасохтори нақлиётӣ дар асоси принсипҳои ШДХ, таҳияи алгоритми қабули қарорҳоро дар бораи татбиқи ШХД аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ аз бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ талаб мекунад, ки дар расми 3 пешниҳод шудааст. Ҳамин тариқ, самти ояндадори такмилдиҳии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ ҷалб кардани маблағҳои ғайридавлатӣ барои маблағгузории рушди инфрасохтори нақлиётӣ шарикии давлатӣ-хусусӣ мебошад.

Механизми ШДХ, ки айни замон бо роҳи истифодаи консессияҳо, маблағгузории объектҳо дар асоси шартномаҳои консессионӣ бояд аз ҳисоби рушди чунин шаклҳои уҳдадорӣ, ба монанди низоми шартномаҳои давлатӣ, грантҳо, шартномаҳои кооперативӣ, ташаккули ҳамкориҳои шабакавӣ ва эътилофҳо тавсеа дода шавад. Барои таъмини шароити дар боло овардашуда, таҳияи заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ зарур аст, ки тартиб ва меъёрҳои интихоби лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ба дарёфти дастгирии давлатӣ дар доираи ШДХ даъво мекунанд, ба танзим медарорад.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи мусбати ҷаҳонии татбиқи ШДХ, амалияи андӯхташуда ва амсилаҳое, ки натиҷаҳои баландро нишон доданд, имкон медиҳанд хулоса бароварда шавад, ки трансмиссияи таҷрибаи татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ-хусусӣ дар амалияи хоҷагидории ҷумҳурӣ бо дарназардошти хусусиятҳои муҳити ватании институтсионалӣ маблағгузории бисёрроҳаи объектҳои инфрасохтори нақлиётии аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳим таъмин карда шуда, масъалаҳои мубрамтарин дар соҳаи такмилдиҳии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-самарнок ҳал карда шаванд. Бо вуҷуди ин, мураккабии амалисозӣ ва хусусияти субъектҳои ба лоиҳа ҷалбшуда, лоиҳакашии дақиқ ва корбурди тамоми маҷмуи шарҳҳои менеҷменти лоиҳавиро барои ноилшавии бомуваффақият ба ба ҳадафҳои лоиҳа талаб мекунанд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ИИД АИМТ - А. Рауфӣ**


**АДАБИЁТ**

1. Бабкин И.А. Механизм взаимодействия государства и бизнеса на основе государственно-частного партнерства / И.А. Бабкин, Е.Д. Жеребов // Научно-технические ведомости СПБГПУ. Экономические науки. - 2015. -№4. -С.100.

2. Варнавский В.Г. Государственно-частное партнерство: некоторые вопросы теории и практики / В.Г. Варнавский // Мировая экономика и международные отношения. - 2011. -№9. -С.41-50.
3. Варнавский В.Г. Партнерство государства и частного сектора: формы, проекты, риски / В.Г. Варнавский. - М.: Наука, 2005.
4. Гасилов В.В. Управление рисками инвестиционной стадии в проектах государственно-частного партнерства / В.В. Гасилов, В.П. Офин, И.А. Провоторов // Известия высших учебных заведений. Технология текстильной промышленности. - 2017. -№1(367). -С.48-52.
5. Дерябина М.А. Теоретические и практические проблемы государственно-частного партнерства. Доклад. Институт экономики РАН. Доклады 2006-2007. [Электронный ресурс]. URL: http://inecon. ru/ru/index. php?go=Content&id=29.
6. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030. – Душанбе, 2016.
7. Пеньшин Н.В. Государственное регулирование автотранспортной деятельности в регионе: монография / Н.В. Пеньшин, В.П. Бычков. -М.: Академический проект, 2007. -192 с.
8. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 29 декабря 2012 года, №755 «О Концепции государственной политики привлечения и защиты инвестиций Республики Таджикистан». Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом. [Электронный ресурс]. URL http://www.gki.tj/files/zakon/ 121b94cff5d0f210540e59c0fba98884.pdf (дата обращения 29.01.2018).
9. Роль автомобильных дорог в национальной экономике, проблемы транспортно-дорожной сети и пути их решения / С.С. Васильчишин // Управление инвестициями и инновациями. - 2017. -№2. -С.44-48.
10. Раджабов Р.К. Выбор направлений совершенствования транспортного обслуживания сельского населения в Республике Таджикистан / Р.К. Раджабов, У.Д. Джалилов // Вестник Таджикского технического университета. - 2015. -Т. 1. -№29. -С.73-79.
11. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития / Р.К. Раджабов, Х.Н. Факеров, М. Нурмахмадов, М.Х. Саидова. -Душанбе: Дониш, 2007. -544 с.
12. Семина И.А. Транспортная инфраструктура в социально-экономическом и экологическом развитии региона / И.А. Семина // Проблемы региональной экологии. - 2012. -№4. -С.126-133.
13. Ходжаев П.Д. Организационно-экономические аспекты функционирования рынка услуг пассажирского автотранспорта в Республике Таджикистан: дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / П.Д. Ходжаев. -Душанбе, 2006. -184 с.
14. Хамроев Ф.М. Организационно-экономические основы функционирования и развития рынка транспортных услуг в Республике Таджикистан: дисс. ... канд. экон. наук:08.00.05 / Ф.М. Хамроев. -Душанбе, 2007. -159 с.
15. Ходжаев П.Д. Инновационное развитие рынка услуг пассажирского автомобильного транспорта: состояние, проблемы и перспективы. Монография / П.Д. Ходжаев. -Душанбе: Ирфон, 2016. -416 с.

## ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ ДАР ШАРОИТИ ШАРИКИИ ДАВЛАТӢ-ХУСУСӢ

Мақолаи мазкур ба баррасии роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар шароити шарикии давлатӣ-хусусӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки рушди нокифояи инфрасохтори нақлиётӣ дар айни замон, монеи рушди иҷтимоию иқтисодӣ мегардад. Аз ин рӯ, вазифаи стратегии таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат тақвияти рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба шумор меравад, ки ба ҳадафҳои Стратегияи баромадан аз бунбасти иртиботӣ ва ба иқтисодиёти транзитӣ табдил додани ҷумҳурӣ пурра мувофиқат мекунад. Ин бояд на танҳо татбиқи амалисозии лоиҳаҳои муосир оиди рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, балки рушд ва ташкили мувофиқашудаи ҳамкории навъҳои гуногуни нақлиёт ва истеъмолкунандагони хизмати нақлиётӣ бошад. Ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ истифодаи ҳам механизмҳои анъанавии маблағгузории буҷетӣ, тиҷорӣ, қарзӣ, лизингӣ, ҳам инноватсионӣ – дар шакли шарикии давлатӣ-хусусӣ зарур аст. Муаллиф қайд менамояд, ки таҷрибаи мусбати ҷаҳонии татбиқи шарикии давлатӣ-хусусӣ, амалияи андӯхташуда ва амсилаҳое, ки натиҷаҳои баландро нишон доданд, имкон медиҳанд чунин хулосабарорӣ шавад, ки трансмиссияи таҷрибаи татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ-хусусӣ дар амалияи хоҷагидории ҷумҳурӣ бо дарназардошти хусусиятҳои муҳити ватании институтсионалӣ, маблағгузории бисёрроҳаи объектҳои инфрасохтори нақлиётии аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳим таъмин карда шуда, масъалаҳои мубрамтарин дар соҳаи такмилдиҳии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ самарнок ҳал карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** тақвияти рушди инфрасохтори нақлиётӣ, роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ, шароити шарикии давлатӣ-хусусӣ, роҳҳои автомобилӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМОВ УПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЕМ ТРАНСПОРТНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ В УСЛОВИЯХ ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОГО ПАРТНЕРСТВА

Данная статья посвящена рассмотрению путей совершенствования механизмов управления развитием транспортной инфраструктуры в условиях государственно-частного партнерства. Автор отмечает, что недостаточное развитие транспортной инфраструктуры в настоящее время сдерживает социально-экономическое развитие. Поэтому стратегической задачей обеспечения социально-экономического развития страны является усиление развития транспортной инфраструктуры, что полностью соответствует целям Стратегии по выходу из коммуникационного тупика и превращению страны в транзитную экономику. Это

должна быть не только реализация современных проектов по развитию транспортно-логистической инфраструктуры, согласованная организация сотрудничества между различными видами транспорта и потребителями транспортных услуг. При реализации инвестиционных проектов в транспортно-логистической инфраструктуре необходимо использовать как традиционные бюджетные, коммерческие, кредитные, лизинговые, так и инновационные механизмы финансирования - в форме государственно-частного партнерства. Автор отмечает, что положительный мировой опыт реализации государственно-частного партнерства, накопленная практика и примеры, показавшие высокие результаты, позволяют сделать вывод о необходимости трансляции опыта реализации государственно-частных проектов в сельскохозяйственную практику республики, с учетом особенностей отечественной институциональной среды, будет обеспечено многостороннее финансирование общественно значимых объектов транспортной инфраструктуры, а наиболее актуальные вопросы в области совершенствования управления развитием транспортной инфраструктуры будут решаться эффективно.

**Ключевые слова**: усиление развития транспортной инфраструктуры, пути совершенствования механизмов управления развитием транспортной инфраструктуры, условия государственно-частного партнерства, автомобильные дороги.

**IMPROVING MANAGEMENT MECHANISMS FOR THE DEVELOPMENT OF TRANSPORT INFRASTRUCTURE IN THE CONDITIONS OF PUBLIC-PRIVATE PARTNERSHIP**

This article is devoted to the consideration of ways to improve the mechanisms for managing the development of transport infrastructure in a public-private partnership. The author notes that the insufficient development of transport infrastructure is currently holding back socio-economic development. Therefore, the strategic task of ensuring the socio-economic development of the country is to strengthen the development of transport infrastructure, which is fully consistent with the goals of the Strategy to overcome the communication impasse and turn the country into a transit economy. This should be not only the implementation of modern projects for the development of transport and logistics infrastructure, but also the development and coordinated organization of cooperation between various modes of transport and consumers of transport services. When implementing investment projects in the transport and logistics infrastructure, it is necessary to use both traditional budgetary, commercial, credit, leasing, and innovative financing mechanisms - in the form of public-private partnerships. The author notes that the positive world experience in the implementation of public-private partnerships, the accumulated practice and examples that have shown good results, allow us to conclude that it is necessary to translate the experience of implementing public-private projects into the agricultural practice of the republic, taking into account the peculiarities of the domestic institutional environment, multilateral funding will be provided publicly significant objects of transport infrastructure, and the most pressing issues in the field of improving the management of the development of transport infrastructure will be addressed effectively.

**Keywords:** strengthening the development of transport infrastructure, ways to improve the mechanisms for managing the development of transport infrastructure, conditions for public-private partnership, highways.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нацмуддинов Назархоца Акбарович* -** Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯӣ**.** Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44

**Сведения об авторе:** ***Наджмуддинов Назарходжа Акбарович* –** Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, соискатель. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица С.Айни, 44

**Information about the author:** ***Najmuddinov Nazarkhoja Akbarovich* -** Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, S. Aini street, 44

ТДУ 336.763.2

# УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ХАРОҶОТҲО ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

*Сафарзода Гулбегим Гурез*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ мақсади ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ гирифтани фоида буда, барои расидан ба он интихоби стратегия ва қабули қарорҳои дуруст аз ҷониби роҳбарияти корхона зарур аст. Яке аз роҳҳои самаранок гардонидани фаъолияти истеҳсолӣ, интихоби сиёсати идоракунии хароҷотҳои истеҳсолӣ мебошад, ки он бевосита ба арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонад. Вобаста ба ин, интихоби дурусти усули идоракунии хароҷот метавонад ба мақсад мувофиқ бошад. Дар марҳилаи нави саноатикунонии босуръат, яке аз самтҳои рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ дар бозор, дуруст муайян намудани арзиши аслии маҳсулот бо интихоби усули ба сиёсати корхона мувофиқ мебошад.

Ҳолати рушди корхонаҳои саноатӣ ҳамчун омили калидии рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ, фаъолияти самаранокии корхона, рақобатпазирӣ дар шароити бозор дар сатҳи зарурӣ ба он муайян карда мешавад, ки идоракунии хароҷотҳо ҳамчун яке аз роҳҳои имкони афзоиши натиҷаи фаъолият то чи андоза оқилона ба роҳ монда шудааст. Раванди мазкур на танҳо ба кам кардани хароҷот дахл дорад, балки идоракунии ҳамаи марҳилаҳои фаъолияти хоҷагидории молиявии корхонаро дар назар дорад ва хусусияти системавиро дар худ касб мекунад. Ғайр аз ин, маълумот оиди хароҷотҳо асос барои қабули доираи васеи қарорҳои идоракунӣ, ки ба интихоби номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда, сиёсати нархгузорӣ, тақсимоти захираҳои мавҷуда вобаста аст, ба ҳисоб меравад.

Барои ноил шудан ба фоидаи максималӣ зарур аст, ки ҳаҷми истеҳсолот зиёд карда шавад ва ё хароҷотҳо кам карда шаванд. Дар шароити рақобати шадид ва талаботи маҳдуд барои фоидаи бештар ба даст овардан интихоби варианти дуюм кам намудани хароҷотҳо бештар барои расидан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Бинобар ин, мақсади оптимизатсия - на фақат кам кардани хароҷотҳо, балки афзоиши самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ мебошад. Ихтисори хароҷотҳо аз мафҳуми самаранокии хароҷотҳо ё даромаднокии хароҷотҳо алоҳида намебошад. Се модели асосии афзоиши самаранкоии хароҷотҳо мавҷуд аст:

**Кам кардани хароҷотҳои “соф”** – кам кардани хароҷотҳо бо роҳи аз ҳисоби хароҷотҳо озод намудани хароҷотҳои ғайриистеҳсолӣ. Асосан дар корхонаҳои саноатӣ истеҳсолот танҳо аз ҳисобои хароҷотҳои доимӣ ба роҳ монда мешавад.

**“Интенсификатсияи” хароҷотҳо -** дар ин маврид баъзе хароҷотҳо зиёд мешаванд, аммо дар баробари зиёдшавии хароҷотҳо фурӯш низ зиёд мешавад. Одатан чунин ҳолат ҳангоми ҷорӣ намудани таҷҳизотҳои нав, технологияи нав дар истеҳсолот, ки маҳсулнокии таҷҳизот ва албатта фурӯши маҳсулотро зиёд менамояд, ба назар мерасад.

**“Фиксатсияи” хароҷотҳо** – яъне ҳангоми зиёд шудани ҳаҷми фурӯш хароҷотҳо тағйир намеёбанд. Дар ин ҳолат баландшавии нархи маҳсулот ё таносуби зиёд шудани арзиши хароҷотҳои истеҳсолӣ ва паст шудани хароҷоти ғайриистеҳсолиро инъикос менамояд.

Дар кишварҳои хориҷӣ, захираи назарраси афзоиши фоида аз байн бурдани пардохтҳои истеҳсолӣ барои музди меҳнат аз ҳисоби пардохт барои бекористии рӯзона ва соатҳои бекористии дохилӣ, пардохтҳои иловагӣ барои кори изофагӣ, пардохтҳои иловагӣ ба коргарон бо сабаби дур шудан аз шароити муқаррарии кор ва ғайра, кам кардани талафот аз ҳисоби нуқсон, вайрон шудани масолеҳ ва маҳсулот, аз ҳисоби хароҷотҳои хизматрасонӣ ва идоракунӣ дар истеҳсолот рафъ сохтани хароҷотҳои ғайриистеҳсолӣ ва талафоти маблағ мебошад.

Гирифтани самараи баландтарин бо сарфи камтарини захираҳои молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ аз сиёсати идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатӣ вобаста аст, ки он ҷустуҷӯи роҳҳои кам кардани онҳоро дар бар мегирад. Барои таҳлили аниқ ва кам

кардани хароҷоти истеҳсолоти маҳсулот низоми идоракунии хароҷот аз ҳама мувофиқ буда, имконияти аниқ ба нақша гирифтани хароҷот барои давраҳои ояндаро дода, самаранокии истеҳсолотро таъмин менамояд.

Фаъолияти самаранокии корхонаҳои дорои технологияҳои баланд ба истифодаи оқилонаи тамоми намуди захираҳо вобаста аст, ки ин зарурати гузаштани корхонаи саноатӣ ба низоми оптималии идоракунии хароҷотро ба миён меорад. Фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар ин шароит такмил додани усулу шаклҳои низоми идоракунии хароҷот ва сохтани сохторҳои мутобиқшудаи идоракуниро талаб мекунад. Ин аст, ки муайян ва истифода бурдани омилҳои сарфаи захираҳо ва кам кардани хароҷот вазифаи ҳар як корманди корхонаи саноатӣ мебошад.

Идоракунии хароҷот ва самаранокӣ, низоми равандҳои ба ҳам алоқаманд буда, ба андоза, сохтори хароҷот ва натиҷаҳои корхонаҳои саноатӣ таъсири мақсаднок мерасонад, чунки ҳарду ҳамчун як соҳаи функсионалии идоракунӣ ва ҳамчун як самти мустақил дар идоракунии корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравtotmand.

Дар таҷрибаи давлатҳои Ғарб усулҳои гуногуни идоракунии хароҷотҳо дар низоми идоракунии хароҷотҳои корхонаҳои саноатӣ ба назар мерасад, ки барои оптимизатсияи хароҷотҳо истифода бурда мешаванд [1; 5; 7]. Самаранокии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатӣ аз интихоби усулҳо, воситаҳои идоракунӣ ва истифодаи оптималии онҳо вобаста аст. Усулҳое, ки барои идоракунии муассир истифода мешаванд, як роҳи таъсиррасонӣ ба хароҷот барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳо мебошанд.

Ба низомҳои асосии методологии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатӣ дохил мешавад: “директ-кастинг”, “стандарт-кастинг”, “таргет-кастинг”, усули ABC ва ғайра.

**Директ-кастинг.** Хароҷотҳо ба хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбанда ҷудо карда шуда, хароҷотҳои иловагии доимӣ ба арзиши аслии маҳсулот дохил нашуда, бевосита аз ҳисоби фоида ва зарари дар ҳамон давраe, ки ба вуҷуд омадаанд, ҳисоб карда мешаванд. Бартарияти усул дар он мебошад, ки маълумоти зарурӣ аз баҳисбогирии молиявии мунтазам бе бунёди равандҳои иловагии баҳисобгирӣ ба даст оварда шуда, фоидаи дар давраи муайян ба дастомада аз хароҷотҳои доимии иловагие, ки ҳангоми тағйирёбии бақияи захираҳо вобаста намебошад, ба даст оварда мешавад. Дар ин ҳолат меҳнатталабии тақсимоти хароҷотҳои иловагӣ коҳиш меёбад ва муайян кардани саҳми ҳар як намуди маҳсулот дар ташаккули корхона имконипазир мегардад. Истифодаи усули мазкур дар якҷоягӣ бо усули стандарт-кастинг имкон медиҳад, ки барномаи истеҳсолӣ оптимизатсия кунонида шуда, нархи маҳсулоти нав оқилона муайян карда шавад, ҳамзамон, зарур будан ва ё рад намудани фармоишҳои нав асоснок карда шавад. Усули мазкур имкон фароҳам меорад, ки интихоб намудан байни истеҳсолоти худӣ ё харидорӣ намудани маҳсулот ба роҳ монда шавад.

Камбудии усули мазкур дар он мебошад, ки аксари намуди хароҷотҳоро бешубҳа ба хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбанда ҷудо намудан номумкин аст. Дар ин ҷо ба хароҷотҳои доимӣ диққати кам дода мешавад ва таҳрифи натиҷаи молиявӣ бо сабаби кам нишон додан ё аз будаш зиёд нишон додани арзиши маҳсулоти қаблан истеҳсолшуда мебошад. Усули зикршуда тасаввуроти ғалати даромаднокии лоиҳаҳои муракккаби технологиро ба вуҷуд меорад, ки сармоягузориҳои зиёдро талаб мекунанд.

**Стандарт-кастинг** усули дигарест, ки дар он барои ҳар як намуди хароҷот (хароҷотҳои моддӣ, меҳнатӣ ва дигар хароҷотҳо) меъёрҳои оқилонаи истифодаи захираҳо (стандарт) барои як адад воҳиди маҳсулот муайян карда мешавад. Дар ин усул хароҷоти захираҳо аз рӯи меъёрҳо ва канорагирӣ аз меъёри истифодаи захираҳо дар алоҳидагӣ ҳисоб карда мешавад ва ҳангоми ҳисоб намудан аз рӯи усули мазкур низоми стандартӣ (санадҳои меъёрӣ) мавҷуд аст. Бартарияти усул дар он аст, ки ташаккули заминаи иттилоотии зарурӣ барои таҳлил ва назорати хароҷотҳо, возеҳӣ дар инъикоси аз нақша баромадан дар раванди ташаккули хароҷотҳоро дорад.

Камбудиҳои усули номбаршуда дар он дида мешавад, ки истифодаи усул барои хароҷотҳои такрории даврагӣ лозим буда, муваффақияти истифодаи усул аз таркиб ва

сифати заминаи меъёрӣ вобаста аст ва муқаррар кардани меъёрҳо барои намудҳои алоҳидаи хароҷот имконнопазир мебошад.

**Дар усули ABC** фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар шакли равандҳо ё амалиёти корӣ баррасӣ карда мешавад. Ҳаҷми хароҷоти корхонаҳои саноатӣ дар давраи зикршуда ё хароҷот барои намуди муайяни маҳсулот дар асоси хароҷот барои татбиқи маҷмуи равандҳо ва амалиётҳои дахлдор муайян карда мешавад. Ҳангоми истифодаи усул васеъшавии низоми баҳисобгирии муҳосибавии амалкунанда ва зарурияти омӯзиши иловагии кормандон ба миён меояд. Бартариятҳои асосии усули мазкур дар он мебошад, ки афзоиши назарраси асоснокардашуда нисбати хароҷоти иловагӣ ба маҳсулоти мушаххас, калкулятсиякунонии аниқтари арзиши аслӣ ва таъмини робитаи иттилооти дастрасшуда бо раванди ташаккули хароҷот ба миён меояд.

Камбудии усул дар он аст, ки тағйироти ҷиддии баҳисобгирии муҳосибӣ ва такмили низоми иттилоотиеро тақозо мекунад, ки боиси ба миён омадани хароҷоти идоракунӣ дар корхонаҳои саноатӣ мегардад.

**Усули таргет-кастинг** дар асоси ҳадафи муқарраршудаи фурӯши маҳсулот ва ҳаҷми фоидаи интизорбуда, ки аз арзиши аслии мақсаднок муқаррар карда ва дар оянда бо кӯшиши тамоми воҳидҳои сохтории корхонаҳои саноатӣ таъмин карда мешавад, арзиши аслии ба ҳадафагузошатшударо дар давраи банақшагирии маҳсулот дар корхонаҳои саноатӣ таъмин менамояд. Усули мазкур воситаи стратегии идоракунии хароҷотҳо буда, ҳамкории наздики уфуқӣ байни бахшҳои функсионалии корхонаи саноатиро таъмин менамояд ва истифодабарии доимиро тақозо мекунад. Ҳамчунин, ташкили назорати доимии сатҳи хароҷотҳо ва эътимоднокии пешгӯиҳои маркетингӣ ва мавқеи дурусти корхона дар бозорро имкон медиҳад. Бартариятҳои усул дар он мебошад, ки тамоюли маркетингии муайян кардани хароҷоти мақсадноки маҳсулоти навро фароҳам меорад, зарурияти назорати хароҷотҳо ҳатто дар марҳилаи таҳияи маҳсулотро ба миён меорад.

Камбудии усул дар он аст, ки барои паст кардани хароҷотҳои мақсаднок ё баҳадафгузошташуда вақти зиёд ё сармоягузории ҷиддӣ метавонад сарф шавад, инчунин, имкониятҳои техникии корхонаи саноатӣ на ҳама вақт метавонад арзиши аслиро то сатҳи пешбинишуда паст намояд.

**Усули кайзен-кастинг** дар корхонаҳои саноатӣ ба даст овардани миқдори муайяни хароҷотро дар бар нагирифта, балки коҳиши доимӣ, бетанаффус ва ҳамаҷонибаи хароҷотҳоро дар бар мегирад. Усули номбаршуда арзиши аслии баҳадафгириташударо дар раванди истеҳсоли маҳсулот таъмин менамояд, асосан дар идоракунии амалии хароҷот ва назорат аз болои сатҳи онҳо дар корхонаҳои саноатӣ истифода мешаванд ва истифодабарии доимиро таъмин менамояд. Истифодаи усули мазкур дар корхонаҳои саноатӣ, пайваста такмил додани равандҳои нисбатан хурди истеҳсолӣ, ки дар якҷоягӣ метавонанд натиҷаҳои назаррас диҳанд, имкон дода, ҳамаи кормандонро барои баланд бардоштани муттасили сифати фаъолият ва ташкили низоми зарурии ҳавасмандгардонӣ ҷалб намояд. Усули мазкур кам кардани хароҷотҳо ва дар сатҳи муқарраршуда нигоҳ доштани онҳоро дар корхонаҳои саноатӣ таъмин менамояд.

Камбудии асосие, ки дар ин усул мавҷуд аст, ҳавасмандгардонии кормандон ва фарҳанги корпоративӣ, ки ҷалби кормандонро ба фаъолияти корхона дастгирӣ мекунад, зарур мебошад.

**Усули кост-киллинг** ба кам кардани хароҷот дар муддати кӯтоҳтарин бидуни зарар ба фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва дурнамои рушди он нигаронида шудааст ва дар идоракунии буҳрон ва идоракунии рақобат истифода бурда мешавад. Бартарияти усул дар он аст, ки истифодаи он дар корхонаҳои саноатӣ, имкон медиҳад, ки хароҷотҳои дар муҳити дохилӣ ва берунӣ бавуҷудомада зуд бартараф карда шавад.

Камбудиҳои усул дар он аст, ки дурущтии (қатъият) (аз ҷумла кам кардани хароҷти музди меҳнат ва ихтисори кормандонро дар бар мегирад) татбиқи системавиро талаб мекунад (истифодаи давра ба давра ба намудҳои алоҳидаи хароҷот ё воҳидиҳои сохтории алоҳидаи корхона натиҷаи назаррасро намегузаронад).

Бояд тазаккур дод, ки омӯзиши ҳамаҷониба ва муфассали равишҳои мавҷуда оид ба идоракунии хароҷотҳои корхонаҳои саноатӣ, интихоби оптималии яке аз онҳо, бо назардошти ҳама паҳлуҳои мусбат ва манфии истифода дар корхонаҳои саноатӣ бо мутобиқсозии минбаъда, бо назардошти тамоми хусусиятҳои корхона, боиси афзоиши самараи иқтисодии истеҳсолот мегардад.

Дар асоси омӯзиши бартариятҳо ва камбудиҳои усулҳои ҳисоб намудани хароҷотҳои корхонаҳои саноатӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки истифодаи усули ABC барои истифода дар корхонаҳои саноатӣ мувофиқ мебошад.

Нуқтаи муҳимеро бояд ба инобат гирифт, ки дилхоҳ усуле, ки ҳангоми ҳисоб намудани хароҷотҳо истифода бурда мешавад, дар худ хусусияти хосро доро мебошад, ки ҳангоми интихоби он корхонаро зарур аст, ки тибқи стратегияи интихобнамуда ва тасдиқнамудаи худ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва ҳаҷми ҳароҷотҳои корхонаро ба инобат гирифта, интихоб намоянд.

Дар шароити корхонаҳои саноатӣ хароҷотҳои бавоситае, ки ба арзиши маҳсулот таъсири худро мегузорад, ҳиссаи онҳо метавонад ба 50%-и арзиши умумии корхона расад. Дар навбати худ, дурустии ба арзиши аслии маҳсулот мансуб донистани хароҷоти бавосита аз усули тақсимкунии онҳо вобаста аст.

Дар корхонаҳои саноатӣ чун қоида миқдори ками асосҳои бавосита тақсим кардани хароҷотро (масалан, мутаносибан ба масолеҳи асосӣ, мутаносибан ба музди меҳнати коргарони асосии истеҳсолот ва ғайра) истифода мебаранд.

Азбаски ҳиссаи хароҷоти ғайримустақим дар арзиши аслӣ бузург аст, дар аксар маврид арзиши он нодуруст ҳисоб карда мешавад, зеро як қисми маҳсулоти ширӣ метавонад аз арзиши аслии он камтар арзиш дошта бошад, ки ин боиси талафот ва як қисми зиёдтар аст, ки рақобатпазирии маҳсулотро аз ҳисоби арзиши аслии он паст ва нархҳои беасосро баланд мекунад.

Маълумоти носаҳеҳ дар бораи арзиши хароҷоти истеҳсолӣ мушкилоти таъминоти сусти иттилоотии раванди идоракуниро ба вуҷуд меорад, ки қабули қарорҳои оқилона ва самараноки идоракуниро дар корхонаҳои саноатӣ ғайриимкон месозад. Дар баробари ин, мушкилоти мазкур метавонад аз сабаби нодуруст истифода бурдани аломатҳои гуногуни таснифоти хароҷот бештар гардад.

Ҳамин тавр, истифодаи усули ABC дар идоракунии хароҷот имкони зиёд гардидани фоидаи софи корхонаи саноатиро тақрибан дар ҳаҷми 10-15%, афзоиши нишондиҳандаҳои асосии фоиданокиро ба 2-4% медиҳад [16; 7; 12]. Ин усул ба чунин тахмин асос ёфтааст, ки аксарияти намудҳои фаъолият ба ҳаҷми воқеии истеҳсолот бевосита алоқаманд нестанд ва мувофиқан хароҷоти иҷрои онҳо ба он вобаста нест. Асосан ба ин корҳо танзими таҷҳизот, назорати амалиёти технологӣ ва ғайра дохил мешаванд. Усули ABC ба он асос ёфтааст, ки барои ҳар як намуди фаъолият омили хароҷот мавҷуд аст, ки комилан дақиқ ва хосси ин намуди фаъолият аст ва тағйирот ба ҳаҷми захираҳои истифодашаванда, барои анҷом додани намуди мувофиқи фаъолият таъсир мерасонад.

Дар ин маврид, усули ABC ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки робитаи сабабу оқибатро байни омилҳои хароҷот (асоси тақсимот) ва хароҷоти ғайримустақим пайгирӣ намоянд. Усули баҳисобгирии хароҷот барои амалиёт ба фаҳмиши моҳияти хароҷоти ғайримустақими корхонаҳои саноатӣ асос ёфтааст, ки он имкон медиҳад хароҷоти муайян ба навъҳои маҳсулот мувофиқи принсипи сабабият алоқаманд карда шавад. Хусусияти асосии ин усул дар он аст, ки вай имконияти истифодаи асосҳои гуногуни тақсимотро ҳангоми баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиш таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, ҷорӣ намудани усули ABC ба ҳалли мушкилоти таъминоти сусти иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ мусоидат намояд, тавассути татбиқи ин усул, корхонаи саноатӣ метавонад хароҷоти ғайримустақимро аз рӯи намуди маҳсулот пайгирӣ кунад, динамикаи хароҷотро назорат кунад.

Дар асоси сабабҳои муайяншудаи хароҷот, корхонаи саноатӣ имкон пайдо мекунад, ки хароҷотро бо роҳи дақиқтар тақсим кардани масъулият дар соҳаи

идоракунии хароҷот, инчунин, ошкор кардани сабабгорон дар сурати беасос зиёд шудани хароҷот назорат кунанд. Меъёрҳои тақсимоти хароҷоти ғайримустақими корхонаро ҳисоб карда, арзиши миқдори омилҳои тақсимотро аз рӯи навъҳои маҳсулот доништа, мо метавонем маблағи хароҷоти ғайримустақимеро, ки мувофиқи асосҳои тавсияшуда тақсим карда мешаванд, бо роҳи зарб кардани омили хароҷот ба маҳсулоти мувофиқ мансуб донем ва арзиши аслии маҳсулотро вобаста ба навъҳои он ба таври дақиқ ҳисоб намоем.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ҳофизов Ҳ.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Александрова, С.И. Прогрессивные методы управления затратами и пути их применения в российской практике / С.И. Александрова // Символ науки. - 2015. -№4. -С.56-59.
2. Аукционек С. Капитальные вложения промышленных предприятий / С. Аукционек // Вопросы экономики. – 2015. -№8. -С.136-146.
3. Ашуров А. Промышленная политика РТ в условиях перехода к рыночным отношениям / А. Ашуров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2000. -№4.
4. Бобков С.П., Широкая О.А., Филимонов А.В. Оптимизация расходов на рекламу в условиях ограниченности ресурсов. // Экономические науки. «Современные наукоемкие технологии. Региональное приложение». – 2010. -№4(24). -С.20-25.
5. Бодрунов С.Д. Грядущее. Новое индустриальное общество: НИО.2 / С.Д. Бодрунов. -Санкт-Петербург: ИНИР им. С.Ю.Витте, 2016. -327 с.
6. Варнякова, И.Ю. Корпоративный контроль и его роль в финансовом управлении затратами / И.Ю. Варнякова // Инновационное развитие экономики. - 2015. -№4(28). -С.81-83.
7. Волкова С.А. Система управления затратами высокотехнологичного предприятия / Экономинфо. 2017. №1-2
8. Дадоматов, Д.Н. Создание условий развития предпринимательской деятельности в промышленности регионов Республики Таджикистан / Д.Н. Дадоматов // Вестник Таджикского национального университета – Душанбе, 2016. -№2/5(207). –С.44-50.
9. Джурабоев, Г. Вопросы развития промышленного производства Республики Таджикистан с учетом политики импортозамещения / Г. Джурабоев // Вестник Международного университета К.Ш. Токтаматова. – Жалалабад, 2018. -№1. -С.91-95.
10. Ершова М.В. Модель снижения себестоимости продукции на промышленных предприятиях / М.В. Ершова, Р.В. Жариков, Д.В. Жариков // Организатор производства. - 2016. -№2. -С.67-78.
11. Иванова Ж.А. Анализ поведения переменных и постоянных затрат / Ж.А. Иванова // Вестник ТГТУ. – 2010. -Том 16. -№4. -С.982-992.
12. Кирсанова Д.А. Повышение конкурентносбособности продукции за счет снижения издержек на её производство и сбыт / Д.А. Кирсанова, В.Д. Жариков // Социально-экономические явления и процессы. – 2016. -Т.11. -№4. -С.28-33.
13. Костромина Д.В. Управление затратами и прибылью предприятия на основе организации центров финансовой ответственности / Д.В. Костромина // Финансовый менеджер. – 2010. –№4.
14. Морозова Н.С. Анализ себестоимости продукции / Н.С. Морозова, Е.Ю. Меркулова // Социально-экономические явления и процессы. - 2016. -Т.11. -№8.
15. Прищенко А.Е. Совершенствование системы учета затрат и калькулирования себестоимости / А.Е. Прищенко, Н.Г. Низовкина // Мир экономики и управления. - 2018. -Том 18. -№2. -С.121-131.
16. Прогнозирование и планирование издержек в производственной деятельности предприятий / Т.Л. Безрукова, А.Н. Борисов, И.И. Шанин, А.С. Лукин // Управление. Моделирование. Информатика. Лесотехнический журнал. – 2015. -№2. -С.232-242.
17. Савосина В.К. Отдельные аспекты оптимизации производственных затрат фирмы / В.К. Савосина // Журнал экономики и бизнеса. - 2019. -том. 10. –№2(56). -С.71-73.
18. Савосина К.В. Анализ различных методов оптимизации затрат / К.В. Савосина // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2019. том.10. –№2(37). -С.59-62.
19. Сулоева С.Б. Традиционные и современные системы управления затратами: сущность и особенности / С.Б. Сулоева, О.Б. Гульцева // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки. - 2016. -№4(246). -С.173-179.
20. Сысо Т.Н. Оптимизация управления затратами предприятия / Т.Н. Сысо // Вестник Омского университета. Серия «Экономика». - 2011. -№4. -С.135-143.
21. Хоналиев, Н.Х. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития [Текст] / Н.Х. Хоналиев. –Душанбе: Ирфон, 2007. -200 с.


## УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ХАРОҶОТҲО ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Марҳилаи саноатикунонии босуръат корхонаҳои саноатиро водор менамояд, ки ҷиҳати таъмини рақобатпазирии маҳсулот дар бозор роҳҳои кам намудани арзиши аслиро интихоб намуда, бо ин восита самаранокии фаъолиятро таъмин намоянд. Яке аз роҳҳои баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои

саноатӣ идоракунии хароҷотҳо тибқи усулҳои ҳисобкунии онҳо ба шумор рафта, он вобаста ба раванди истеҳсолӣ хусусиятҳои хосси худро доранд. Интихоби дуруст ва истифодаи усулҳои идоракунии хароҷот ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки арзиши аслии маҳсулот ба ҳар як воҳиди он дуруст муайян карда шавад ва корхона ба ҳадафи ниҳоии худ ноил гардад. Мақолаи мазкур дар асоси омӯзиши адабиётҳои олимон пешниҳод гардида, дар он бартарият ва камбудиҳои усулҳои интихобшуда нишон дода шудааст, ки хонанда метавонад вобаста ба раванди идоракунии хароҷоти корхона усули мувофиқро интихоб намояд. Сиёсати хароҷоти корхона, ки аз стратегияи он вобаста мебошад, бо интихоби дурусти усули ҳисобкунии хароҷотҳо муваффақ шавад, чунки он арзиши аслиро аниқ муқаррар менамояд ва ба роҳбарияти корхона ҷиҳати қабули қарорҳои дуруст мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** хароҷот, усулҳои ҳисобкунӣ, арзиши аслӣ, корхонаҳои саноатӣ, стандарт-кастинг", "таргет-кастинг", усули ABC, идоракунии хароҷот.

## МЕТОДЫ УПРАВЛЕНИЯ ЗАТРАТАМИ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

Этап стремительной индустриализации вынуждает промышленные предприятия выбирать пути снижения себестоимости, чтобы обеспечить конкурентоспособность продукции на рынке, а тем самым обеспечить эффективность деятельности. Одним из способов повышения эффективности промышленных предприятий является управление затратами по методам их расчета, которые имеют свои особенности в зависимости от их производственного процесса. Правильный выбор и использование методов управления затратами для промышленных предприятий позволяет правильно определить реальную себестоимость продукции на единицу продукции и достичь конечной цели предприятия. Данная статья написана на основе изучения научной литературы, в ней показаны преимущества и недостатки выбранных методов, чтобы читатель мог выбрать подходящий метод в зависимости от процесса управления затратами предприятия. Политика издержек компании, зависящая от ее стратегии, может быть успешной при правильном выборе методов расчета себестоимости, поскольку четко устанавливает первоначальную себестоимость и помогает руководству компании принимать правильные решения.

**Ключевые слова:** издержки, методы расчета, себестоимость, промышленные предприятия, стандарт-кастинг", "таргет-кастинг", метод ABC, управление затратами.

## COST MANAGEMENT METHODS IN INDUSTRIAL ENTERPRISES

The stage of rapid industrialization is forcing industrial enterprises to choose ways to reduce costs in order to ensure the competitiveness of products in the market, and thereby ensure efficiency. One of the ways to improve the efficiency of industrial enterprises is to manage costs by methods of their calculation, which have their own characteristics depending on their production process. The correct choice and use of cost management methods for industrial enterprises allows you to correctly determine the real cost of production per unit of output and achieve the ultimate goal of the enterprise. This article is presented based on the study of scientific literature, it shows the advantages and disadvantages of the selected methods, so that the reader can choose the appropriate method depending on the enterprise cost management process. A company's cost policy, which depends on its strategy, can be successful with the right choice of costing methods, as it clearly establishes the initial cost and helps the company's management make the right decisions.

**Keywords:** costs, calculation methods, cost price, industrial enterprices, satndart- costing, target-costing, method ABC, cost menegement.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафарзода Гулбегим Гурез*** **–** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, аспиранти кафедраи иқтисод ва идора. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 908-08-38-83.** E-mail: **safarovagulbegim1989@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Сафарзода Гулбегим Гурез*** **–** Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, аспирант кафедры экономики и управления. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **(+992) 908-08-38-83.** E-mail: **safarovagulbegim1989@mail.ru**

**Information about the author:** ***Safarzoda Gulbegim Gurez*** **–** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, postgraduate student of the Department of Economics and Management. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 121. Phone: **(+992) 908-08-38-83.** E-mail: **safarovagulbegim1989@mail.ru**

ТДУ 336.71

# ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ БУҲРОНИ МОЛИЯВӢ

*Каримов Б.Ҳ., Ҳаёев Қ.А.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Бонкҳои тиҷоратӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Нақши онҳо дар иқтисодиёт, пеш аз ҳама, дар фаъолияти миёнаравии молиявӣ, ҷамъоварии захираҳои молиявӣ ва пешниҳод кардани онҳо ба дигар субъектҳои иқтисодӣ зоҳир мегардад. Рушди бобарори низоми бонкӣ омили муҳимми суботи иқтисодӣ буда, ба рушди устувори мамлакат ва таҳкими мақоми он дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ҳамчун хосияти умумии ифодакунандаи вазъи захираҳои молиявӣ, ки тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти бонкро таъмин мекунанд ва ба нигоҳ доштани пардохттавонӣ, даромаднокӣ ва эътимоднокии он мусоидат мекунанд, баррасӣ мешавад. Имрӯз устувории молиявӣ ҳамчун қобилияти нигоҳ доштани суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таъсири хавфҳои молиявӣ, ки паёмади буҳрони молиявии ҷаҳонӣ мебошанд, аҳаммияти бештар пайдо кардааст.

Солҳои охир муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷии соҳаи молия ва бонкдорӣ, ба таҳқиқи тамоюл ва омилҳои коҳиши устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити афзоиши хавфҳои қарзӣ, кам шудани даромаднокии дороиҳо ва сармоя, норасоии сармоя ва захираҳои молиявӣ барои пӯшонидани хавфҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд. Дар ин самти пажуҳиш саҳми муҳаққиқони ватанӣ Ғ.М. Ашуров [1], Н.Қ. Икромов [6], С.Ҷ. Махшулов [7], Ф.С. Обидов [10], Ш.Қ. Хайрзода [16], Қ.Х. Хушвахтзода [17], Н.Ш. Шарифзода [18], инчунин, муҳаққиқони хориҷӣ М.А. Горский [5], Д.А. Рабаданова [12], В.В. Софронова [13] ва дигарон назаррас аст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ, ки бо буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ ҳамрадиф мебошанд, масъалаи таъмини рушди иқтисодии босуботи мамлакат, ки бештар аз эътимоднокии бахши бонкӣ вобаста аст, тезутунд мегардад. Омилҳои муайянкунандаи эътимоди амонатгузорон, шарикон, сармоягузорон ба бонкҳо устувории молиявӣ ва рушди босуботи онҳо мебошанд. Шубҳае нест, ки «ҳам суботи молиявӣ ва ҳам суботи устувор набояд дастовардҳои кӯтоҳмуддати бонкҳо, балки ҳадафҳои стратегии онҳо бошанд, ки дар навбати худ тамоюли дигаргуниҳои бозор ва такмили меъёрҳои иҷтимоиро муайян мекунанд» [8,с.228].

Г.Г. Фетисов устувории бонкро ҳамчун «қодир будан барои иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди мизоҷон, қарздиҳандагон ва амонатгузорон, таъмини эҳтиёҷ ба қарздиҳии кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуҳлат дар шароити таъсири омилҳои тағйирёбандаи берунӣ ва дохилӣ» муайян кардааст [15,с.32]. Ба ақидаи С.А. Уразова, «устуворӣ - қобилияти баргаштан ба ҳолати мувозинат пас аз таъсири ноустуворкунанда мебошад» [14,с.30]. Дар ин маврид нишондиҳандаҳои фаъолияти бонк бояд дар доираи меъёрҳои муайянкунандаи устуворӣ қарор дошта, аз ҳудудҳои қиматҳои иҷозатдодашудаи нишондиҳандаҳои мазкур берун бароянд ва ба бонк имконият диҳанд, ки ба ин ҳудудҳо баргардад.

В.В. Софронова қайд намудааст, ки устувории молиявии бонк – «қобилияти нигоҳ доштани суботи молиявӣ новобаста аз омилҳои берунӣ ва дохилӣ (хавфҳо), ки ба вазъи молиявии он таъсири манфӣ мерасонанд, мебошад. Суботи молиявӣ тавассути вокуниши муассир ба тағйирот дар муҳити берунӣ ва дохилии фаъолияти бонк ба даст меояд» [13,с.24].

Талаф ёфтани устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ метавонад бо сабабҳои гуногун ба амал ояд, аз ҷумла: таъсири номатлуби муҳит, вайрон шудани алоқаҳои

дохилӣ, дигаршавии сохтори низоми бонкӣ, бад шудани вазъи муомилоти пулӣ, пайдо шудани мушкилот дар кори низомҳои пардохтӣ ва бозори асъор.

Дар асоси ҷамъбасти тафсирҳои овардашуда, мо метавонем тасдиқ кунем, ки мафҳуми устувории молиявии бонк хосияти маҷмуӣ дорад. Аз нигоҳи методологӣ метавонем иброз кунем, ки идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, бояд дар алоқамандии се сатҳи асосӣ баррасӣ шавад: сатҳи якум – дар якҷоягӣ бо устувории иқтисодиёти миллӣ; сатҳи дуюм – алоқамандии устувории бонки тиҷоратии алоҳида бо устувории низоми бонкӣ; зинаи сеюм – аз нигоҳи бонки тиҷоратии алоҳида ҳамчун унсури сохтории низоми бонки миллӣ.

Ҳамин тавр, устувории молиявии бонки тиҷоратӣ – қобилияти он барои баргаштан ба ҳолати мутавозин (субот) ва иҷрои вазифаҳои асосии худ пас аз ҳама гуна таъсири коҳишдиҳандаи пойдорӣ ва субот мебошад. Зимнан, назораи вазъи устувории молиявии бонки тиҷоратӣ бояд дар муддати муайяни вақт (на кам аз 1 сол), ки барои аниқ муайян кардани он ки, оё бонк ба ҳолати мутавозин баргаштааст ё не, гузаронида шавад. Танҳо дар ин сурат метавон оид ба устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ва омодагии он ба вокуниши муносиб, ба таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ хулоса баровард.

Низоми муосири бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ташаккул ёфтааст, ки ин ба пайдо шудани хусусиятҳои хосси таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ боис гардид. Мушкилоти давраи гузариш, номутаносибиҳо дар рушди низоми бонкӣ, ки аз мудирияти ба фармонфармоӣ асосёфта ба мерос монда буданд, ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва устувории молиявии онҳо асари худро гузоштанд. Дар натиҷа, бонкҳои тиҷоратӣ то чанде аз иҷрои вазифаҳои анъанавии худ дур ҳам шуда буданд. Ҳолатҳое буд, ки бонкҳои тиҷоратии дар натиҷаи хусусигардонии бонкҳои давлатӣ ташкилгардида дидаю дониста ба мизоҷони шубҳанок қарз пешниҳод мекарданд. Инчунин, бонкҳо баъзан амалиёте анҷом медоданд, ки қонунгузорӣ онҳоро иҷозат намедод. Дар натиҷа солҳои 2014-2015 низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазъи ногувор фарогир шуда, якчанд бонкҳои тиҷоратӣ зарари калон дида, баъзе аз онҳо муфлис ҳам шуданд.

Инчунин, ҳолатҳои мазкур, зуҳуроти буҳронии солҳои охир дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳидашаванда водор мекунанд, ки дар бораи муҳтаво ва омилҳои таъмини устувории молиявии унсури асосии низоми бонкӣ - бонкҳои тиҷоратӣ андеша кард.

Албатта, аҳаммияти назариявӣ ва амалии масъалаи таъмини устуворӣ ва эътимоднокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ махсусан дар шароити зуҳуроти буҳронӣ бештар мегардад. Мисоли равшани ин буҳрони молиявии ҷаҳонӣ мебошад, ки аз соли 2008 оғоз гардида, паёмадҳои он то ҳол ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратии мамлакат таъсир мерасонанд. Буҳрони мазкур аз номукаммалии усулҳои идоракунии устуворӣ ва таъмини эътимоднокии бонкҳои тиҷоратии ватанӣ дарак дод. Танҳо тадбирҳои роҳандозинамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон имкон доданд, ки аз буҳрони саросарии низоми бонкӣ канорагирӣ карда, фаъолияти муътадили низоми бонкии мамлакат таъмин ва аз ҳароси оммавии амонатгузорон то андозае пешгирӣ карда шавад.

Буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва паёмадҳои он ба вазъи низоми бонкӣ таъсир расонида, барои шадид гардидани рақобати бонкҳои тиҷоратӣ шароит фароҳам оварданд. Акнун барои бонкҳои тиҷоратӣ масъалаҳои идоракунии устувории молиявӣ ва идоракунии хавфҳо, ки аз ҳалли онҳо фаъолияти бобарор, ташаккули захираҳо ва рушди босуботи онҳо вобаста аст, боз ҳам мубрам гардиданд. Хавфҳое, ки дар низоми бонкӣ ба вуҷуд меоянд, тавассути механизми бозор худ ба худ бартараф намешаванд, бинобар ин, низоми бонкии муосир ба воситаҳои нави таъмини устувории молиявӣ ниёз дорад.

Паёмадҳои буҳрони молиявӣ на танҳо ба устувории молиявӣ, инчунин, ба раванди қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ таъсир расонида, суръатҳои афзоиш ва ҳаҷмҳои қарздиҳии бонкҳои тиҷоратиро паст мекунанд. Дар бозори қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пастшавии фоиданокии субъектҳо, норасоии сармоя ва захираҳои

молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мушоҳида мешавад. Бинобар ин, дар шароити бухрони молиявӣ, таъсири паёмадҳои он ва фаъолнокии пасти қарзии субъектҳои иқтисодӣ, бонкҳои тиҷоратӣ барои эҳёи рағбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба пасандозгузорӣ ва ҳимояи манфиатҳои пасандозгузорон кӯшиш мекунанд. Маълумот дар бораи пуёи ҷалби пасандозҳо аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи бухрони молиявӣ (солҳои 2009-2014) дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Ҷалби пасандозҳо аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2009-2014, млн. сомонӣ**

**Table 1. Attracting deposits by banks of the Republic of Tajikistan in 2009-2014, mln. somoni**

| | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Амонатҳои ҷалбшуда, ҳамагӣ | 44774 | 61603 | 74638 | 81995 | 87685 | 113080 |
| аз ҷумла аз:<br>шахсони воқеӣ | 8593 | 13602 | 15250 | 16418 | 18277 | 24478 |
| шахсони ҳуқуқӣ | 36181 | 48001 | 59388 | 65577 | 69408 | 88602 |

Сарчашма: ҳисобкунии муаллиф дар асоси [2,с.37]

Тавре аз ҷадвали 1 ба назар мерасад, аз соли 2009 то соли 2014 ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби бонкҳо ҳамасола зиёд шудааст. Ҳамин тавр, суръати афзоиши маблағи пасандозҳои аз ҷониби бонкҳо ҷалбшуда нисбат ба соли пешин дар соли 2010 – 138%, соли 2011 – 121%, соли 2012 – 110%, соли 2013 – 107% ва соли 2014 – 129%-ро ташкил додааст. Нишондиҳандаи мазкур дар давраи таҳлилӣ ба андозаи 2,5 маротиба афзоиш ёфтааст.

Дар давраи бухрони молиявӣ қарздиҳии бонкҳо низ зиёд шудааст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Пуёи қарзҳои бонкӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар солҳои 2009-2014, млн. сомонӣ (бақия дар интиҳои давра)**

**Table 2. Dynamics of bank loans to legal entities and individuals in 2009-2014, million somoni (balance at the end of the period)**

| | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои пешниҳодшуда, ҳамагӣ | 5113 | 3167 | 2943 | 3187 | 4370 | 5600 |
| Аз ҷумла: ба шахсони ҳуқуқӣ | 4363 | 2278 | 2654 | 2805 | 3727 | 4611 |
| ба шахсони воқеӣ | 750 | 889 | 289 | 382 | 643 | 989 |

Сарчашма: ҳисобкунии муаллиф дар асоси [2,с.47]

Дар пуёи қарздиҳии бонкҳо дар солҳои 2009-2011 суръати афзоиши манфӣ ва дар солҳои 2012-2014 суръати афзоиши мусбат мушоҳида мешавад. Ҳамин тавр, суръати афзоиши солонаи қарздиҳии бонкҳо дар соли 2010 – (-38%), соли 2011 – (-7%), соли 2012 – 8%, соли 2013 – 37% ва дар соли 2014 – 28%-ро ташкил додааст. Дар давраи солҳои 2009-2014 суръати афзоиши умумии қарздиҳии бонкҳо ҳамагӣ 10%-ро ташкил додааст, дар ҳоле ки дар ҳамин давра суръати афзоиши пасандозҳои ҷалбнамудаи бонкҳо 2,5 маротиба (252%) зиёд аст.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2014 дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон 138 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 17 бонк, 120 ташкилоти маблағгузории хурд (42 - ташкилоти амонатии қарзии хурд, 42 – ташкилоти қарзии хурд, 36 – фонди қарзии хурд), 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ва 344 филиалҳои бонкҳо фаъолият мекарданд, ки ин ба баланд шудани дастрасии шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба захираҳои қарзии бонкҳо мусоидат кардааст. Ҳоло (ба ҳолати 1 январи соли 2023) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 64 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 15 бонк, 48 ташкилоти маблағгузории хурд ва 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ фаъолият мекунанд (ҷадвали 3).

Барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи бозор ва беҳгардонии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ба ҷо овардани таҳлили саривақтӣ ва арзёбии омилҳои ба устувории молиявии онҳо таъсиркунанда зарур аст. Такмили низоми таҳлил ва арзёбии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва идоракунии устувории молиявии онҳо ба баланд бардоштани суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Чунин низоми арзёбӣ ва идоракунӣ имкон медиҳад, ки бонкҳои дорои мушкилот тавассути роҳандозӣ намудани назораи онҳо бо назардошти кифоятии сармоя, идоракунии пардохтпазирӣ, сифати дороиҳо, сохтори муносиби уҳдадориҳо ва натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ ошкор карда шаванд.

**Ҷадвали 3. Сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 3. Structure of the banking system of the Republic of Tajikistan**

| Ташкилотҳои қарзӣ | 1.01.2019 | 1.01.2020 | 1.01.2021 | 1.01.2022 | 1.01.2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 17 | 17 | 19 | 14 | 15 |
| Ташкилотҳои маблағгузории хурд | 62 | 58 | 50 | 49 | 48 |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ | - | - | - | - | 1 |
| Ҳамагӣ | 79 | 75 | 69 | 63 | 64 |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [3,с.19; 19]

Ҳамин тавр, низоми идоракунии устувории молиявии низоми бонкӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ равандҳои бо ҳам алоқаманди банақшагирӣ, ташкил ва назорати вазъи сармоя, даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, дороиҳо ва уҳдадориҳои бонк бо ҳамзамон баҳисобгирии дараҷаи хавф, сифати идоракунӣ ва ангезаи кормандон ҳамчун бахши ҷудонашавандаи ноилгардӣ ба самаранокии баландтарини фаъолияти бонкӣ дар асоси ҳадафҳои гузошташуда мебошад.

Ба хотири арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ асосан нишондиҳандаҳоеро таҳқиқ кардан лозим аст, ки дар амалияи фаъолияти бонкӣ барои таҳлили сифати дороиҳо истифода мешаванд. Барои арзёбии нишондиҳандаҳои мазкур миқдори зиёди коэффитсиентҳо ба кор бурда мешаванд. Дар ин маврид, масъалаи интихоби маҳз ҳамон нишондиҳандаҳое, ки барои муайян кардани вазъи устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ҳалкунанда мебошанд, ба миён меояд. Бинобар ин, «барои арзёбии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ чунин низоми нишондиҳандаҳо зарур аст, ки сиёсати бонкро дар самти ҷойгиркунии захираҳои худ ба қадри басанда арзёбӣ карда тавонад» [4,с.163].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои арзёбии устувории молиявии низоми бонкӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон маҷмуи воситаҳо барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ, ки Хазинаи байналмилалии асъор тавсия додааст, истифода мешавад [11,с.2]. Нишондиҳандаҳои мазкур ҳамчун нишондиҳандаҳои появӣ муайян карда шудаанд. Вале мувофиқи тавсияҳои Хазинаи байналмилалии асъор, инчунин, арзёбии нишондиҳандаҳои тавсияшавандаи устувории молиявӣ, ки ҳисобкунии онҳо аз шароити фаъолияти бонки мушаххас вобаста мебошад, зарур аст (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. Нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкӣ**
**Table 4. Indicators of financial stability of the banking system**

| Нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкӣ (бонкҳои тиҷоратӣ) |
|---|
| Нишондиҳандаҳои появӣ<br>1. Меъёри кифоятии сармоя<br>1.1. Таносуби сармояи меъёрӣ ба дороиҳо, бо назардошти хавф баркашкардашуда<br>1.2. Таносуби сармояи меъёрии дараҷаи 1 ба дороиҳо, бо назардошти хавф баркашкардашуда<br>2. Сифати дороиҳо<br>2.1. Таносуби қарзҳои муҳлатгузашта (ғайрифаъол) бо тарҳи захираҳои бунёдшуда ба сармоя (қарзҳои ғайрифаъол – маблағи сандуқи қарзӣ ва қарзҳои байнибонкие, ки зиёда аз 30 рӯз ба таъхир афтодаанд)<br>2.1. Таносуби қарзҳои муҳлатгузашта ба қарзҳои умумӣ<br>3. Даромаднокӣ<br>3.1. Меъёри фоида ба дороиҳо ё даромаднокии дороиҳо – ROA (фоида – фоидаи солона то пардохти андоз)<br>3.2. Меъёри фоида ба сармояи худӣ ё даромаднокии сармоя - ROE |

| |
|---|
| 3.3. Таносуби фоида аз фоизҳо ба даромади умумӣ<br>3.4. Таносуби хароҷоти ғайрифоизӣ ба даромади умумӣ<br>4. Пардохтпазирӣ<br>4.1. Таносуби дороиҳои пардохтпазир ба дороиҳои умумӣ (коэффитсиенти пардохтпазирии дороиҳо)<br>4.2. Таносуби дороиҳои пардохтпазир ба уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат<br>5. Ҳассосият ба хавфи бозорӣ<br>5.1. Таносуби мавқеи кушодаи асъори холис ба сармоя |
| 6. Нишондиҳандаҳои тавсиявӣ<br>6.1. Таносуби сармоя ба дороиҳои умумӣ<br>6.2. Таносуби қарзҳои бузург ба сармоя<br>6.3. Таносуби даромад аз амалиёти савдо ба даромади умумӣ<br>6.4. Таносуби хароҷоти кормандон ба хароҷоти ғайрифоизӣ<br>6.5. Таносуби амонатҳо ба сандуқи қарзии умумӣ<br>6.6. Таносуби қарзҳо бо асъори хориҷӣ ба қарзҳои умумӣ<br>6.7. Таносуби уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ ба уҳдадориҳои умумӣ |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [11,с.2]

Пуёи нишондиҳандаҳои асосии кифоятии сармоя ва сифати дороиҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2014-2022 дар расми 1 оварда шудааст.

**Расми 1. Пуёи нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя ва сифати дороиҳо**
**Figure 1. Dynamics of indicators of capital adequacy and quality of assets**




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [9]

Тавре аз диаграммаи дар расми 1 тасвиршуда ба назар мерасад, дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя ва сифати дороиҳо дар давраи таҳлилӣ тағйирёбиҳои ҷиддӣ ба назар намерасад, вале дар соли 2016 метавон якбора баланд шудани таносуби қарзҳои мухлатгузашта (ғайрифаъол) бо тарҳи захираҳои бунёдшуда ба бузургии сармояро қайд кард. Нишондиҳандаи мазкур аз 38,6%-и соли 2014, дар соли 2015 ба 66,7% ва дар соли 2016 ба 105,5% расидааст (афзоиш дар давоми ду сол – 66,9 банди фоизӣ). Тағйирёбии мазкур аллакай бо қабул кардани қимати 36,6% дар соли 2017 тамоюл ба пастшавӣ зоҳир намуда, дар охири соли 2022 ба сатҳи манфии (-0,5%) расидааст.

Пуёи нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва пардохтпазирии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 2 оварда шудааст.

**Расми 2. Пуёи нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ**
**Figure 2. Dynamics of profitability and liquidity indicators**




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [9]

Аз диаграммаи дар расми 2 овардашуда ба назар мерасад, ки нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ низ дар давраи таҳлилӣ ба тағйирёбиҳои назаррас дучор нашудаанд. Дар соли 2016 таносуби хароҷоти ғайрифоизӣ ба даромади умумӣ баланд шуда, аз сатҳи 63,7%-и соли 2015 ба 131,4% расидааст. Вале қимати нишондиҳандаи мазкур дар давраи солҳои 2017-2021 муътадил гардида, дар санаи 31 декабри соли 2022 ба 49,3% расидааст, ки ин хуб аст.

Нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (фоида / сармояи худӣ), ки дар соли 2015 - 5,5% буд, дар соли 2016 паст шуда, қимати манфии (-21%)-ро ташкил додааст. Вале ин пастшавӣ дер давом накарда, аллакай аз соли 2017 баланд шудааст ва дар охири соли 2022 ба 28,3% расидааст. Таносуби дороиҳои пардохтпазир ба ухдадориҳои кӯтоҳмуҳлат аз соли 2016 то соли 2019 тамоюл ба пастшавӣ дошта, дар давраи солҳои 2020-2022 баланд шуда, дар натиҷа 31 декабри соли 2022 ба 94,9% расидааст, ки ин аз баландшавии пардохтпазирии умумии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир дарак медиҳад.

Нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳо, ки дар соли 2014 қимати манфии (-2,5%) дошт, аз соли 2017 баланд шуда, дар охири соли 2022 ба 5,9% расидааст. Таносуби дороиҳои пардохтпазир ба дороиҳои умумӣ низ, ки дар оғози давраи таҳлилӣ (соли 2014) 20%-ро ташкил медод, ба тағйирёбии ҷиддӣ дучор нашуда, дар охири соли 2022 ба 43,4% расидааст. Таносуби фоидаи фоизӣ ба даромади умумӣ аз 40,6%-и соли 2014 ба 73,5% дар соли 2020 расида, дар ду соли минбаъда паст шудааст ва дар охири соли 2022 қимати 42,6%-ро ташкил додааст, ки нигаронкунанда мебошад.

Аз натиҷаи таҳлили маълумоти омории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад, ки нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ муътадил мебошанд, вале қиматҳои онҳо ба беҳгардонӣ ниёз доранд.

Барои ин истифодаи воситаҳои таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла диверсификатсияи захираҳои молиявӣ, беҳгардонии сохтори сармоя, муносибгардонии таносуби даромадҳои фоизӣ ва даромадҳои дигари бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст.


**АДАБИЁТ**

1. Ашуров Ғ.М. Таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ дар шароити буҳрони молиявӣ / Ғ.М. Ашуров, С.Д. Махшулов // Паёми молия ва иқтисод. – 2018. -№3(15). -С.80-84.
2. Бюллетени омори бонкӣ. Бонки миллии Тоҷикистон. – 2014. -№12(233). -152 с.
3. Бюллетени омори бонкӣ. Бонки миллии Тоҷикистон. - 2022. -№12(329). -99 с.
4. Гоголь Д.А. Проблематика финансовой устойчивости коммерческого банка и методов ее оценки / Д.А. Гоголь // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 3: Экономика, экология. – 2011. -№2(19). -С.163-167.
5. Горский М.А. Риск-ориентированный анализ финансовой устойчивости коммерческого банка / М.А. Горский // Вестник Алтайской академии экономики и права. – 2020. -№4. -С.29-35.
6. Икромов Н.Қ. Муҳити институтсионалии танзими зиддибуҳронии бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Қ. Икромов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. -№1(35). -С.159-169.
7. Махшулов С.Ҷ. Устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / С.Ҷ. Махшулов, М.Ҳ. Ҷулиев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. -№1. -С.115-122.
8. Никифоров И.А. Понятие «финансовая устойчивость банковской системы» / И.А. Никифоров // Экономика: вчера, сегодня, завтра. – 2017. -Т.7. -№3А. -С.227-237.
9. Нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/suboti-moliyavi/FSI%204Q2022%20tj.pdf
10. Обидов Ф.С. Назария ва амалияи танзими зиддибуҳронии низоми бонкӣ / Ф.С. Обидов, Н.Қ. Икромов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№6. -С.95-103.
11. Показатели финансовой устойчивости. Руководство по составлению. -Вашингтон: Международный валютный фонд, 2007. -312 с.
12. Рабаданова Д.А. Управление кредитным риском как основа финансовой устойчивости банковского сектора региона / Д.А. Рабаданова // Проблемы современной экономики. – 2011. -№2(38). -С.202-205.
13. Софронова В.В. Финансовая устойчивость банков в условиях кризиса / В.В. Софронов // Финансы и кредит. – 2016. -№20. -С.24-36.
14. Уразова С.А. Устойчивость банковской системы: сущность и механизмы воздействия / С.А. Уразова // Деньги и кредит. - 2007. -№8. -С.30-34.
15. Фетисов Г.Г. Устойчивость коммерческого банка и рейтинговые системы ее оценки / Г.Г. Фетисов. -М.: Финансы и статистика, 2003. -168 с.
16. Хайрзода Ш.Қ. Дигаргуншавии сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ноустувории молиявӣ / Ш.Қ. Хайрзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. -№3(23). -С.7-18.
17. Хушвахтзода Қ.Х. Хусусиятҳои истифодаи захираҳои молиявию қарзии субъектҳои бахши кишоварзӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№5. -С.5-11.
18. Шарифзода Н.Ш. Таҳлили захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва имкони истифодаи онҳо / Шарифзода Н.Ш. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№4. -С.129-139.
19. Шарҳи рушди низоми бонкӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/banking_system/nadzor.php


## ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ БУҲРОНИ МОЛИЯВӢ


Дар шароити буҳрони молиявӣ ва паёмадҳои он дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ рақобат вусъат ёфт. Барои бонкҳои тиҷоратӣ масъалаҳои идоракунии пардохтпазирӣ ва таъмини устувории молиявӣ мубрам гардиданд, ки ҳалли онҳо сатҳи рушди иқтисодии худи бонкҳоро муайян мекунад. Равишҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити доимо дигаршавандаи фаъолият ва паёмадҳои буҳрони молиявӣ куҳна шуда, ниёз ба навсозӣ доранд, ки ин барои низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ масъалаи муҳим аст. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ноустувории макроиқтисодӣ дар мамлакат ҳалли масъалаи таъмини устувории молиявӣ ва эътимоднокии бонкҳои тиҷоратиро мушкил намуда, худи бонкҳоро водор менамоянд, ки бештар ба таҳқиқ ва бартараф кардани хавфҳо дар низоми бонкӣ диққат диҳанд. Барои ин истифодаи воситаҳои муосири таъмини устувории молиявӣ ва амсилаи нави танзимкунии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст. Дар мақола масъалаҳои таъмини устуворӣ ва суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла унсури муҳиими он – бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ мешаванд. Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ шудаанд. Тасдиқ карда шудааст, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалии масъалаи таъмини устувории молиявӣ ва эътимоднокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ махсусан дар шароити зуҳуроти буҳронӣ бештар мегардад. Нишондиҳандаҳои асосии тавсифдиҳандаи устувории молиявии низоми бонкӣ, чун меъёри кифоятии

сармоя, сифати дороиҳо, даромаднокӣ ва пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудаанд. Аз натиҷаи таҳлил зарурати истифодаи воситаҳои таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ тасдиқ карда шудааст.
**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, устувории молиявӣ, пардохтпазирӣ, устувории молиявии низоми бонкӣ, зуҳуроти бухронӣ, паёмадҳои буҳрони молиявӣ.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ФИНАНСОВОЙ УСТОЙЧИВОСТИ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ ФИНАНСОВОГО КРИЗИСА

В условиях финансового кризиса и его последствий обостряется конкуренция на рынке банковских услуг. Для коммерческих банков проблемы управления ликвидностью и обеспечения своей финансовой устойчивости, решение которых определяет уровень экономического развития самих банков, становятся актуальными. Теоретические и практические подходы к обеспечению финансовой устойчивости банковской системы Республики Таджикистан в условиях постоянного изменения деятельности и последствий финансового кризиса устарели и требуют своего обновления, и это является актуальной проблемой для системы управления коммерческих банков. Процессы глобализации и макроэкономическая нестабильность в стране усложняют решение задачи обеспечения финансовой устойчивости и надежности коммерческих банков и заставляют банки концентрировать внимание на исследовании и устранении рисков в банковской системе. С этой целью необходимо использование современных инструментов обеспечения финансовой устойчивости и применение новой модели регулирования деятельности коммерческих банков. В статье рассматриваются вопросы обеспечения финансовой устойчивости и стабильности банковской системы Республики Таджикистан, включая важнейший ее элемент – коммерческие банки. Исследуются теоретические и практические аспекты обеспечения финансовой устойчивости коммерческих банков. Утверждается, что теоретическое и практическое значение задачи обеспечения финансовой устойчивости и надежности деятельности коммерческих банков особенно возрастает в условиях кризисных явлений. Анализируются основные показатели, характеризующие финансовую устойчивость банковской системы, такие как норматив достаточности капитала, качество активов, рентабельность и ликвидность коммерческих банков Республики Таджикистан. По результатам анализа делается вывод о необходимости использования инструментов укрепления финансовой устойчивости коммерческих банков.
**Ключевые слова:** банковская система, коммерческие банки, финансовая устойчивость, ликвидность, финансовая устойчивость банковской системы, кризисные явления, последствия финансового кризиса.

## ENSURING THE FINANCIAL STABILITY OF THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF THE FINANCIAL CRISIS

In the context of the financial crisis and its consequences, competition in the banking services market is aggravated. For commercial banks, the problems of liquidity management and ensuring their financial sustainability, the solution of which determines the level of economic development of the banks themselves, become relevant. Theoretical and practical approaches to ensuring the financial stability of the banking system of the Republic of Tajikistan in the context of constant changes in the activities and consequences of the financial crisis are outdated and require their update, and this is an urgent problem for the system of management of commercial banks. The processes of globalization and macroeconomic instability in the country complicate the solution of the problem of ensuring financial stability and reliability of commercial banks, and force banks to focus on the study and elimination of risks in the banking system. With this CIL, it is necessary to use modern tools for ensuring financial stability and the use of a new model for regulating the activities of commercial banks. The article discusses the issues of ensuring the financial stability and stability of the banking system of the Republic of Tajikistan, including its most important element - commercial banks. Theoretical and practical aspects of ensuring the financial stability of commercial banks are investigated. It is argued that the theoretical and practical significance of the task of ensuring the financial stability and reliability of the activities of commercial banks is especially increasing in the conditions of crisis phenomena. The main indicators characterizing the financial stability of the banking system, such as the capital sufficiency, the quality of assets, profitability and liquidity of commercial banks of the Republic of Tajikistan, are analyzed. Based on the results of the analysis, a conclusion is drawn that the use of tools for strengthening the financial stability of commercial banks.
**Keywords:** banking system, commercial banks, financial stability, liquidity, financial stability of the banking system, crisis phenomena, consequences of the financial crisis.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Каримов Баҳодур Ҳасанович*** **–** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru.** Телефон: (**+992)907-90-82-10**
***Ҳаёев Қиёмуддин Амонуллоевич*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. E-mail: **qiyom1995@mai.ru**. Телефон: (**+992) 903-38-95-95**

**Сведения об авторах:** ***Каримов Баходур Хасанович*** – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой

бухгалтерского учета и аудита. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад, 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru**. Телефон: **(+992) 907-90-82-10**
***Хаёев Киёмуддин Амонуллоевич*** **-** Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, докторант Ph.D кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. E-mail: **qiyom1995@mai.ru**. Телефон: **(+992) 903-38-95-95**

**Information about the authors:** ***Karimov Bahodur Hasanovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of accounting and audit. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru**. Phone: **(+992) 907-90-82-10**
***Hayoev Qiyomuddin Amonulloevich*** **-** Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, doctoral student Ph.D, Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab city, S. Safarov street 16. E-mail: **qiyom1995@mai.ru.** Phone: **(+992) 903-38-95-95**

ТДУ 338.431

# КЛАСТЕРҲОИ АГРОСАНОАТӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ СОҲАИ САНОАТ

*Раънои Нуралӣ*

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар ҷаҳони имрӯза омӯзиши мафҳуми кластери инноватсионии агросаноатӣ, таҳлили муҳити беруна ва дохилии он ҳамзамон, унсурҳои он аз бисёр ҷиҳат ба мақсад мувофиқ мебошад. Зеро дарёфти роҳҳои тараққиёти соҳаи саноати аграрӣ, маҳз бо омӯзиши донишҳои нави агротехника ва технология дар самти кластеркунонии соҳаи мазкур метавонад амалӣ гардад.

Ба низом даровардан ва умумикунонии равишҳои консептуалии баҳодиҳии нақши кластерҳо дар ташаккули комплексҳои истеҳсолии минтақавӣ татбиқ гардида истодааст. Консепсияи 4К муайян намудааст, ки вобаста ба он кластерро метавон ҳамчун маҷмуи 4К баррасӣ кард:

1) консентратсия; 2) рақобат; 3) ҳамкорӣ; 4) рақобатпазирӣ.

Дар асоси равишҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва баҳодиҳии коршиносон, инчунин, хулосаҳои худи мо, ба роҳи рушди инноватсионӣ гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар назди хоҷагии қишлоқ вазифаҳои азиме гузошта мешаванд, аз ҷумла, аз усули анъанавии қаблӣ ба усули инноватсионии истеҳсолот гузаштан ба мақсад мувофиқ аст.

Чи тавре ба ҳамагон маълум аст, ҳадафҳои стратегии мамлакат яке “таъмини амнияти озуқаворӣ” ва дигаре “саноатикунонии босуръати мамлакат” ба мавзуе, ки мо ҳоло баррасӣ намуда истодаем, алоқамандии зич дорад. Яъне, кластеркунонии корхонаҳои саноатӣ инчунин ташкили кластерҳои инноватсионии агросаноатӣ боиси тадбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат мегардад. Ин нуқтаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Пайёми навбатии худ, ки ба Маҷлиси Олии мамлакат санаи 23.12.2023 ироа гардид, зикр намуданд. Ҳамзамон, таъкид намуданд, ки корхонаҳои саноатие, ки аз фаъолият боз мондаанд, ҳар чи зудтар ба кор андохта шаванд. Зеро роҳандозии корхонаҳои саноатии аз фаъолият бозмонда, ташкили корхонаҳои нави саноатӣ, бахусус соҳаи саноати аграрӣ заминаи хубе барои таъсиси кластерҳои инноватсионии аграрии мамлакат мегардад [9,с.16-17].

Маҳз қафомонии технологию техникии комплекси агросаноатии мамлакат, мушкилоти таъмини амнияти озуқавории онро муайян мекунад. Дар воқеият таъмин намудани роҳи инноватсионии рушди соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи минтақа ва умуман кишвар, танҳо тавассути кооператсияи байниминтақавӣ, махсусгардонӣ ва кооператсияи минтақавӣ ва ҷустуҷӯи афзалиятҳои рақобатӣ дар комплекси агросаноатӣ имконпазир аст. Такмили рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо дар асоси марказҳои нави тавлиди рақобатпазирӣ, бояд шакли нави ташкили фазои истеҳсолот бошад, ки дар давлатҳои мутараққӣ худро собит кардааст. Дар адабиёти илмии муосир, муассисаи истеҳсоли кластерӣ ва рушди ҳудуд аз нуқтаи назари баланд бардоштани дараҷаи суботи иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан ояндадор ҳисобида мешавад.

Яке аз вазифаҳои асосии ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ, ин ташкили ҳамкориҳои мутақобилаи шумораи зиёди ташкилотҳо, аз ҷумла ташкилотҳое, ки тамоми бахшҳои илм ва рушди амалӣ мебошанд. Кластерҳои нави пешбари агросаноатӣ, бояд дар сохтори худ як бахши пурқуввати татқиқотӣ дошта бошанд, аз ҷумла: донишгоҳҳо (1), ташкилотҳои илмии давлатӣ (2), фирмаҳои хурди илмталаб (3), инчунин, корхонаҳои калон (4), мақомоти давлатӣ (5), муассисаҳои молиявӣ (6), ташкилотҳои ҷамъиятӣ (7) ва ғайра.

Чунин шабакаи созмонҳо, ки дар асоси принсипҳои ҳамкории иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионию илмӣ ташаккул ёфтаанд, дар системаи тавлиду равандҳои дониш ва

паҳншавии онҳо устувории бештар фароҳам меорад. Навоварии илмии тадқиқот аз он иборат аст, ки дар он ғояҳо дар бораи самтҳо ва вазифаҳои сиёсати муосири кластерӣ ҳамчун воситаи асосии навсозии комплексҳои агросаноатии субъектҳои таркибии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар айни замон, дар давраи рақобати ҷаҳонӣ, ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ, рушди босуръати муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва ба вуҷуд омадани бозорҳои нави ҷаҳонӣ он аст, ки рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ дар ин шароит имкон дорад, ки иқтисодиёти кишварро таъмин намояд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромадашон дар пайёме, ки 23-юми декабри соли 2022 ба Маҷлиси Олӣ ироа гардид, қайд намуданд, ки “Танҳо соли 2022-ум беш аз 500 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави корӣ ба фаъолият оғоз карданд ва барои то 43 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд.

Вале ин нишондиҳандаҳо, бо дарназардошти захираву имкониятҳои кишвар, аз ҷумла ашёи хоми ватанӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, захираҳои меҳнатӣ, «энергияи сабз» ва талаботи афзоянда ба маҳсулоти саноатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, ҷиҳати ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мо, саноатикунонии босуръат ҳанӯз нокифоя мебошанд. Ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки фаъолияти пурсамари корхонаҳои саноатии давлатӣ ва хусусиро, ки аз кор бозмондаанд ё нопурра фаъолият мекунанд, таъмин созанд” [9,с.15].

Вилояти Хатлон иқтидори ташкили агрокластерҳо, кластерҳои нассоҷӣ ва сохтмонӣ, инчунин, пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониро дорад. Ҳадафҳои стратегӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодии Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб рафта, аз субъектҳои иқтисодӣ даъват ба амал меорад, ки фаъолияти худро дар ин самт ҷоннок намоянд, зеро тақвият бахшидани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ заминаи муносибе баҳри ташкил ва рушди кластерҳои инноватсионии агросаноатӣ хоҳад шуд.

**Ҷадвали 1. Матритсаи ҷамъбастии коэффитсиентҳо барои ташаккули кластерҳои минтақавии агросаноатӣ дар вилояти Хатлон**

**Table 1. Summary matrix of coefficients for the formation of regional agro-industrial clusters in Khatlon region**

| | | **Ғалладона** | **Пахта** | **Картошка** | **Сабзавот** | **Мева** | **Ангур** | **Гушт** | **Шир** | **Пашм** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ш. Бохтар | 0,3 | 0,4 | 0,2 | 1,5 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |
| 2 | ш. Кӯлоб | 0,6 | 0,8 | 0,2 | 1,3 | 0,8 | 0,2 | 1,2 | 1,1 | 0,5 |
| 3 | ш. Норак | 0,5 | 0,0 | 0,3 | 0,5 | 1,9 | 1,0 | 2,6 | 0,6 | 0,9 |
| 4 | ш. Леваканд | 0,7 | 1,3 | 0,4 | 1,0 | 0,5 | 0,4 | 1,3 | 1,4 | 1,5 |
| 5 | н. Балҷувон | 1,2 | 0,0 | 1,3 | 0,5 | 3,5 | 1,0 | 4,8 | 2,5 | 2,6 |
| 6 | н. Н. Хусрав | 2,7 | 2,4 | 0,4 | 1,7 | 1,1 | 0,7 | 4,2 | 1,8 | 2,4 |
| 7 | н. Кӯшониён | 0,8 | 2,1 | 0,6 | 1,7 | 0,9 | 1,2 | 1,6 | 1,4 | 0,7 |
| 8 | н. Вахш | 1,4 | 2,0 | 0,5 | 1,5 | 0,3 | 1,1 | 2,0 | 0,8 | 2,4 |
| 9 | н. Восеъ | 1,7 | 1,4 | 0,3 | 1,1 | 0,4 | 1,2 | 1,0 | 1,6 | 1,4 |
| 10 | н. Хуросон | 2,0 | 1,7 | 0,4 | 1,1 | 0,6 | 1,6 | 1,7 | 1,1 | 1,1 |
| 11 | н. Данғара | 3,4 | 1,0 | 0,5 | 1,0 | 2,1 | 1,9 | 2,9 | 0,9 | 3,5 |
| 12 | н. Қубодиён | 1,1 | 1,7 | 0,5 | 1,4 | 0,7 | 1,0 | 1,8 | 1,3 | 3,0 |
| 13 | н. Дӯстӣ | 1,4 | 2,4 | 0,3 | 1,9 | 0,7 | 1,0 | 1,4 | 1,7 | 0,9 |
| 14 | н.Ҷ. Балхӣ | 1,0 | 1,9 | 0,5 | 1,4 | 1,0 | 1,4 | 1,5 | 1,3 | 1,5 |
| 15 | н. Ҷайҳун | 1,3 | 1,7 | 0,4 | 3,7 | 1,1 | 0,6 | 0,7 | 1,0 | 0,5 |
| 16 | н. Ҳамадонӣ | 1,7 | 1,7 | 0,3 | 1,2 | 0,8 | 0,3 | 1,7 | 1,1 | 1,1 |
| 17 | н.Муъминобод | 1,5 | 0,0 | 1,4 | 0,6 | 2,8 | 2,2 | 5,0 | 1,1 | 4,7 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 18 | н. Фархор | 2,1 | 2,1 | 0,4 | 1,3 | 0,8 | 0,5 | 2,2 | 1,0 | 1,1 |
| 19 | н. Панҷ | 1,9 | 2,0 | 1,1 | 1,1 | 1,3 | 0,9 | 1,9 | 1,7 | 1,4 |
| 20 | н. Темурмалик | 2,9 | 0,0 | 0,3 | 0,4 | 0,5 | 1,4 | 3,4 | 0,9 | 5,0 |
| 21 | н. Ховалинг | 1,5 | 0,0 | 1,6 | 0,4 | 3,0 | 0,2 | 0,9 | 1,0 | 0,7 |
| 22 | н. А. Ҷомӣ | 1,5 | 2,1 | 0,6 | 1,2 | 0,8 | 0,9 | 1,2 | 0,9 | 1,0 |
| 23 | н. Шаҳритус | 1,6 | 1,7 | 0,5 | 1,8 | 1,2 | 1,6 | 1,9 | 0,8 | 1,4 |
| 24 | н. Ш. Шоҳин | 2,7 | 0,0 | 0,7 | 0,2 | 4,4 | 1,4 | 2,5 | 1,0 | 2,2 |
| 25 | н. Ёвон | 1,1 | 2,1 | 0,3 | 1,3 | 0,8 | 1,4 | 1,8 | 1,7 | 1,7 |

Сарчашма: Барномаи миёнамуҳлати рушди вилояти Хатлон дар солҳои 2021-2025. Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, соли 2021 [13].

Татбиқи он гузариш ба фаъолияти илмӣ дар ташкилотҳои кишоварзӣ, такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ, ҷорӣ ва рушди сохторҳои нави ташкилию ҳуқуқиро дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ дониста мешавад.

Илова бар ин, унсурҳои сиёсати кластерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Дурнамои рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикитон барои давраи то соли 2030 муқаррар карда шудаанд. Тибқи он бо мақсади таъмини пешрафти устувор дар иқтисоди давраи гузариш, самтҳои зерини рушди инноватсионии бахшҳои он ба роҳи инноватсионии рушд мегузаранд:

1) баланд бардоштани рақобатпазирии иқтидори содиротии бахшҳои технологияи баланди иқтисодиёт;

2) навсозии технологии бахши инфрасохтор ва бахши хизмати давлатӣ;

3) васеъ намудани доираи хизматрасониҳои нави давлатӣ;

4) баланд бардоштани самаранокӣ;

5) навсозии доираи васеи соҳаҳои иқтисодиёт;

6) кам кардани шиддатнокии захираҳо ва васеъ намудани тақсимоти дубора дар саноати ашёи хом ва энергетика.

Дар баробари бахшҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти ташаккул ва такмили муҳити инноватсионӣ ва татбиқи сиёсати инноватсионӣ, дар маҷмуъ ва бахусус дар соҳаи кишоварзӣ метавонад муносибати кластериро таъмин намояд. Рушди бомуваффақияти кластерҳои агросаноатӣ истеҳсоли оммавии маҳсулоти кишоварзиро дар назар дорад, ки на танҳо ба бозори дохилӣ, балки асосан ба бозори ҷаҳонӣ нигаронида шудааст.

Ғайр аз он, гуногунии табиӣ ва иқтисодӣ нақш ва ҷои ҳар як субъекти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳалли масъалаҳои рушди инноватсионии комплекси агросаноатии кишвар муайян мекунад. Яке аз воситаҳои амалӣ гардондани имкониятҳои худ, бо назардошти дастгирии давлатии муносибатҳои системавию комплексӣ ба махсусгардонии минтақа хоҳад буд, ки имкон медиҳад омилҳои муҳимми самаранокӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот самараноктар истифода бурда шавад. Ҳамчунин, имконияти ба ҳам пайвастани имкониятҳои соҳавӣ ва сохтори рақобатнокии иқтисодии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро метавон ташаккул дод.

Таҳлили 500 схемаи кластерӣ, ки дар зиёда аз 20 кишвари ҷаҳон амалӣ карда шудаанд, аз ҷониби Э.Б. Ленчук нишон медиҳад, ки рақобатпазирии баланди иқтисодӣ, ин кишварҳо ба мавқеъҳои устувори кластерҳои инфиродӣ – асосгузорони соҳа асос ёфтааст. Масалан, мувофиқи маълумоти OECD, дар Финландия, Белгия, Фаронса, Италия ва Нидерландия самти асосии кластеризатсияи иқтисодӣ истеҳсоли агро ва озуқаворӣ, инчунин, биотехнология мебошад [7].

Кластерҳо ҳамчун шакли ҳудудии ташкили истеҳсолот ҳам дар илми иқтисодӣ ва ҳуқуқии ватанӣ ва ҳам хориҷӣ васеъ ва гуногунҷанба омӯхта шудаанд. Бори аввал мушкилоти инкишофи минтақавии сохторҳои кластерӣ ба асарҳои А.Маршал бахшида шуда буданд, ки дар онҳо падидаҳои минтақаҳои махсуси агросаноатӣ ошкор карда шудаанд.

Асосгузори назарияи кластер М.Портер мебошад, ки аввалин шуда таваҷҷуҳро ба он ҷалб намуд, ки рақобатпазирии ин ё он соҳа тавассути қобилияти «якҷоя ба гурӯҳҳо»

пайвастани ширкатҳои он таъмин карда мешавад. Ба ақидаи Портер, кластер ин ширкатҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба ҳам алоқаманд (таъминкунандагон, истеҳсолкунандагон ва ғайра) ва ташкилотҳои ба онҳо алоқаманд (муассисаҳои таълимӣ, мақомоти давлатӣ, ширкатҳои инфрасохторӣ) дар соҳаҳои муайян фаъолият намуда, ҳамдигарро пурра мекунанд.

Равиши кластерӣ имкон медиҳад, ки аз истифодаи муштараки маркетинг, таъминот ва фурӯш, нақлиёт, тарҳрезӣ, технологӣ, истеҳсолӣ ва захираҳои дигар аз ҷониби корхонаҳои дар кластери озуқаворӣ муттаҳидшуда, самара ба даст ояд [2,с.129].

Дар асоси ин мафҳум, кластери инноватсионии агросаноатӣ (кластере, ки на танҳо ба ҳамгироии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, коркард ва нигоҳдории маҳсулот, балки асосан ба ҷорӣ намудани инноватсияҳо равона мегардад) -ин иттиҳодияи устувори корхонаҳо ва ташкилотҳо дар ҳудуди муайяни маҳаллӣ мебошад, ки ҳадафи он фароҳам овардани заминаи саноатӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии саноати минтақа, имкон медиҳад, истифодаи усулҳои инноватсионии идоракунӣ, технологияҳои пешрафтаи муҳандисию истеҳсолӣ бо мақсади зуд ва самаранок паҳн кардани донишҳои нав (ширкатҳои саноатӣ, пажуҳишгоҳҳо ва лабораторияҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, паркҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо, ташкилотҳои қарзии бонкӣ ва ғайрибонкӣ, лизинг, факторинг, ширкатҳои суғурта, фондҳои венчурӣ, фариштаҳои тиҷоратӣ, мақомоти давлатӣ) ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ фаъолияти худро боз ҳам густариш диҳанд.

Яке аз вазифаҳои асосии ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ, ташкили ҳамкориҳои мутақобилаи шумораи зиёди ташкилотҳо, аз ҷумла ташкилотҳое, ки тамоми бахшҳои илм ва рушди амалӣ мебошанд, метавон ҷалб намуд.

Кластерҳои нави пешбари агросаноатӣ бояд дар сохтори худ як бахши пурқуввати тадқиқотӣ дошта бошанд, аз ҷумла: донишгоҳҳо (1), ташкилотҳои илмии давлатӣ (2), фирмаҳои хурди илмталаб (3), инчунин, корхонаҳои калон (4), мақомоти давлатӣ. (5), муассисаҳои молиявӣ (6), ташкилотҳои ҷамъиятӣ (7) ва ғайра. Чунин шабакаи ташкилотҳое, ки дар асоси принсипҳои ҳамкории иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионӣ-илмӣ ташаккул ёфтаанд, дар системаи тавлиди дониш, равандҳо ва паҳншавии онҳо устувории бештар мебахшад.

Дар ин бобат таҷрибаи Иёлоти Муттаҳидаи Америка ҷолиби диққат аст, ки дар он ҷо механизми самарабахши истеҳсоли дониш ва минбаъд васеъ намудани истеҳсоли он ба вуҷуд оварда шудааст.

Он ба ҳамкории зич дар силсилаи «ҳукумати федералӣ - донишгоҳҳо - тиҷорат» асос ёфта буд, ки дар он аз охири асри XIX системаи истеҳсолоти кишоварзӣ ба таври мақсаднок ташаккул ёфт, ки ба донишгоҳҳои «замин», ки бояд саноатро таъмин мекарданд, равона карда шуданд.

Фаъолияти якҷояи ин ташкилотҳо системаи хеле самарабахши ҷорӣ намудани таҷҳизоти навро таъмин намуд, ки ин ба он мусоидат кард, ки Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар бобати истеҳсоли озуқаворӣ ба ҷои пешқадами ҷаҳон табдил ёфт. Ин донишгоҳҳо барои он соҳаҳое, ки дар некуаҳволии минтақа ё давлат нақши муҳимми стратегӣ доштанд, тадқиқоти беназиреро таҳия карданд.

Кластер ҳамчун ташкилоти инноватсионии истеҳсолот дар сектори агросаноатии иқтисодиёт бештар муҳимтар мегардад, зеро маҳз бо ёрии ҳамин шакли иттиҳодияи иқтисодӣ ҳаракати босуръат, самаранок, камхарҷ ва оммавии кишоварзӣ таъмин мегардад. Маҳз кластерҳо бояд василаи ҳамкории байниминтақавӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ ва тахассусӣ ва ҷустуҷӯи бартариҳои рақобатӣ гарданд. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ чи дар бозорҳои дохилӣ ва чи дар бозорҳои хориҷӣ ба таври назаррас баланд бардошта шуда, имкони воқеии воридотивазкунии маҳсулотро фароҳам меорад.

Ташкили кластери комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шароити рақобати ҷаҳонӣ ва ворид шудан ба СУС, хароҷоти ҷорӣ намудани тағйироти инноватсиониро ба ҳадди ақал кам намуда, нисбат ба як ширкати алоҳидаи агросаноатӣ афзалият ба даст меорад. Махсусан дар минтақаҳои дорои шароити

номусоиди иқлим ва кишоварзии хатарнок, ки дар он ҷо ҷорӣ намудани инноватсия дар агробизнес метавонад талафоти ҳадди аксар расонад.

Бартариҳои кластери инноватсионии агросаноатӣ иборатанд аз: беҳтар намудани мувозинати савдои кишоварзии минтақа; афзоиши шуғли аҳолӣ, пеш аз ҳама, аҳолии деҳот; зиёд намудани тарҳҳо ба буҷети вилоят; консентратсияи навоваронаи асосӣ дар комплекси агросаноатии вилоят; паҳн намудани донишҳо ва технологияҳои нави хоҷагии қишлоқ; қобилияти истифода бурдани сарчашмаҳои гуногуни донишҳои технологӣ; беҳтар намудани сифати зиндагонии аҳолӣ.

Кластерҳои аграрии соҳавии минтақа муҳити дохиливу берунии худро дорад. Муҳити дохилии кластер аз воҳидҳое ташаккул меёбад, ки истеҳсолоти асосиро таъмин мекунанд: системаи идоракунӣ (1), таъминот ва логистика (2), базаи иттилоотӣ (3), таъминоти истеҳсолӣ ва технологӣ (4), маркетинг ва фурӯш (5), молиявӣ ва идоракунӣ (6), идоракунии истеҳсолот (7), идоракунии кадрҳо (7) ва ғайра.

Муҳити берунии кластер аз омилҳои иҷтимоӣ (сохтори ҷинсият ва синну сол, таҳсилоти аҳолӣ, тарзи ҳаёти аҳолӣ, ангезаҳои бартаридошта, сатҳи шиддати иҷтимоӣ ва ғ.) ташаккул меёбад; давлатӣ-сиёсӣ (ташаккули сиёсат ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, додани субсидияҳо ва имтиёзҳои андоз, назорати ҳуқуқӣ дар бозори танзимшаванда, танзими истеҳсоли зиёдатӣ, ташаккули соҳаи ҳуқуқӣ); технологӣ (компютеркунонӣ ва автоматикунонии истеҳсолот, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ) ва макроиқтисодӣ (сатҳи таваррум, сатҳи шуғл, сатҳи умумии зиндагӣ, суръати рушди иқтисодӣ, қурби асъори миллӣ ва ғ.) иборат аст. Таъсири мутақобилаи самарабахши ҳама омилҳои муҳити кластер дар ниҳоят баровардани маҳсулоти мушаххасро таъмин мекунад.

То чи андоза муассир будани муҳити дохилӣ ва берунии кластер аз маҳорати касбии мақомоти минтақавӣ вобаста аст, ки қодиранд стратегияи ташаккул ва татбиқи шакли кластерии ассотсиатсияҳои иҷтимоию иқтисодиро таҳия кунанд. Голубев мушкилоти асосии рушди комплекси агросаноатиро дар таваҷҷуҳи пасти истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба ҷорӣ намудани навоварӣ дар раванди истеҳсолот, даст кашидан ба хариди техника ва технологияи баландсуръат ҳисобидааст [1,с.9].

Азбаски иқтисодиёти инноватсионӣ танҳо дар ҳоле вуҷуд дошта метавонад, ки илм як ҷузъи ҷудонашавандаи раванди истеҳсолот ва қувваи мустақими истеҳсолкунанда гардад, фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои одамон ва ташаккули ҳавасмандии рушди инноватсионӣ, аз ҷумла дар бахши агросаноатӣ, унсури муҳимми иқтисодиёт арзёбӣ мегардад.

Дар баробари ин, диққат ба он ҷалб карда мешавад, ки барои саноат самтҳои ояндаи илму техникаро муайян кардан лозим аст, ки онҳо иҷрои ин вазифаҳои комплекси агросаноатии мамлакатро таъмин карда метавонанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои ҷалби агробизнес ба соҳаи инноватсионӣ, пеш аз ҳама, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки чунин механизмҳои иқтисодӣ ва муҳити институтсионалӣ, инчунин, маблағгузории онро фароҳам оварад, то ки охирин далелҳои кофии ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони кишоварзиро ба рушди инноватсионӣ дошта бошад.

Бо истифода аз механизмҳои шарикии хусусии давлат ва воситаҳои маблағгузории буҷет, кластерҳои соҳавӣ ташаббусҳо ва захираҳои дар доираи лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки ба ҳар як иштирокчи дар алоҳидагӣ дастрас нестанд, сафарбар мекунанд. Кластерҳо қодиранд динамикаи бештарро дар гардиши кадрҳо, донишҳо, салоҳиятҳо, технологияҳо, коммуникатсияҳо, сармояи молиявӣ ва ғайра таъмин намоянд.

Дар баробари ин, кластер дар комплекси агросаноатӣ воситаи муассиртарини ҳавасмандгардонии рушди иҷтимоии деҳот ба ҳисоб меравад. Зеро, он на танҳо барои аҳолии деҳот ҷойҳои кории иловагӣ фароҳам меорад, балки барои гирифтани таҳсилоти ибтидоӣ ва иловагӣ, соҳиби маълумоти олӣ ва таҳсилоти иловагӣ фароҳам оварда, дониш ва малакаи касбӣ дошта, зерсохтори иҷтимоиро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин, мақомоти давлатӣ ва мунисипалӣ бояд ба рушди институтсионалии сохторҳои кластерӣ дар агробизнес тавассути ташкилотҳо ва марказҳои

махсусгардонидашудаи рушди сохторҳои кластерӣ, инчунин, банақшагирии стратегии рушди кластер мусоидат намоянд.

Коркарди механизмҳои дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо, кластерҳои агросаноатӣ ва самаранокии ҳамкории онҳо (ҳавасмандгардонии инноватсия, ҷорӣ намудани механизмҳои тиҷоратикунонии маҳсулот ва технологияҳо, фароҳам овардани роҳҳои дастгирӣ ва бо гурӯҳҳои тадқиқотӣ, тартиб додани барномаи ҳавасмандгардонии инноватсионии меҳнат дар корхонаҳои агросаноатӣ, пешбурди маркетинги маҳсулот хизматрасонӣ ва мол) мусоидат менамояд.

Таҳияи механизмҳои баланд бардоштани самаранокии системаи таҳсилоти касбӣ, ҳамкории муассир бо ташкилотҳои таълимӣ аз ҷиҳати стратегӣ муҳим мебошад. Лоиҳаҳои бунёд ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ, имтиёзҳои андоз, коҳиш додани монеаҳои маъмуриро таҳия кардан зарур аст.

Ҳамин тариқ, шакли кластерии ташкили комплекси агросаноатӣ барои рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ ангезаи пурқувват фароҳам меорад. Кластер - ҳамчун яке аз шаклҳои нави ташкилию иқтисодии идоракунии истеҳсолот, ки тавассути инноватсия ба ҳаёт оварда шудааст, дастрасиро ба инноватсия, технология ва ноу-хау васеъ мекунад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Маҳмадизода Ф.Б.**

**АДАБИЁТ**


1. Агропромышленные кластеры в контексте прогноза научно-технологического развития АПК. VIII Столыпинская конференция, секция «Инновационное развитие агропромышленного комплекса региона». - Барнаул. 2017. [Электронный ресурс]. URL: https://www.hse.ru/mirror/ pubs/share/216099609 (дата обращения 14.11.2019).
2. Адамова К.З. Кластерҳо: Мафҳум, муҳити ба вуҷуд омадан ва фаъолият / К.З. Адамова // Бюллетени Донишгоҳи давлатии муҳандисии Саратов. – 2008. -№34. -С.129.
3. Инновационная Россия – 2020 (Стратегия инновационного развития Российской Федерации на период до 2020 года). [Электронный ресурс]. URL: https://isma.ivanovo.ru/attachments/1770 (дата обращения 14.11.2019).
4. Каджкулоев А.Ф. Анализ состояния малых и средних форм предпринимательства в Республике Таджикистан и Хатлонской области / А.Ф. Каджкулоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2015. -№2/7(178). -С.20-27.
5. Ленчук Е.Б., Власкин Г.А. Кластерный подход в стратегии развития зарубежных стран. [Электронный ресурс]. URL: http://institutiones.com/strategies/1928 (дата обращения 10.11.2019).
6. Махмадиев, Ф.Б. Кластерный подход к развитию сельского хозяйства Республики Таджикистан / Ф.Б. Махмадиев // Евразийский союз ученых. – 2015. – № 6-6(15). – С. 37-38.
7. Мильнер Б.З. Организация создания инноваций: горизонтальные связи и управление / Б.З. Мильнер, Т.М. Орлова. -М.: ИНФРА-М, 2013.
8. Музаффаров, Б. С. Некоторые методологические подходы к организации агрокластеров / Б.С. Музаффаров, М. Курбонов, Ф.Б. Махмадиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. -№2/3(111). -С.53-57.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23 декабри соли 2022. -Душанбе: Шарқи озод, 2022. -48 с.
10. Портер М. Конкуренция. -М.: Изд. дом «Вильямс», 2005.
11. Прогноз долгосрочного социально-экономического развития Российской Федерации на период до 2030 года. [Электронный ресурс]. URL: http://static.government.ru/media/files/41d457592e04b76338b7.pdf (дата обращения 14.11.2019).
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030. -Душанбе 2016. [Манбаи электронӣ]. URL: info@mmk.tj pdf (саннаи муроҷиат 24.01.2023. с.1240)
13. Хатлонская область. Инвестисионные бизнес - возможности и перспективы // Документ разработан в рамках проекта ПРООН “Улучшение благосостояния населения, проживажщего на таджикско-афганских приграничных территориях”// UNDP / С.45-46.


## КЛАСТЕРҲОИ АГРОСАНОАТӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ СОҲАИ САНОАТ


Дар мақола паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ташкили кластерҳои агросаноатӣ ва рушди онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳияи механизмҳои баланд бардоштани самаранокии системаи таҳсилоти касбӣ, ҳамкории муассир бо ташкилотҳои таълимӣ аз ҷиҳати стратегӣ муҳим мебошад. Муаллиф оиди вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди фаъолияти кластерҳои агросаноатӣ, хусусан кластерҳои агросаноатии шаҳру навоҳии вилояти Хатлон мисолҳо оварда, бо маълумотҳои дақиқу барномаҳои давлатӣ онҳоро асоснок намудааст. Кластерҳои агросаноатӣ ва аҳамияти онҳо дар рушду

инкишофи инноватсионии соҳаи саноат, инчунин, ташаккул ва рушди онҳо дар иқтисодиёти кишвар бо мисолҳо асоснок гаридонида, мавқеи онҳо дар ҳадафҳои стратегии мамлакат аз ҷониби муаллиф мавриди тадқиқе омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** кластерҳои агросаноатӣ, инноватсия, рушди инноватсионӣ, рақобат, агросаноат, ассотсиатсияҳо.

## АГРОПРОМЫШЛЕННЫЕ КЛАСТЕРЫ КАК ФОРМА ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

В статье анализируются и обсуждаются теоретические и практические аспекты организации агропромышленных кластеров и их развитие. Стратегически важна разработка механизмов повышения эффективности системы профессионального образования, эффективное взаимодействие с образовательными организациями. Автор привел примеры современного состояния и перспектив развития агропромышленных кластеров, особенно агропромышленных кластеров городов и районов Хатлонской области, и обосновал их точными данными и государственными программами. На примерах обоснованы агропромышленные кластеры и их значение в развитии и инновационном развитии отрасли, а также их формирование и развитие в экономике страны, исследовано, изучено и сделано заключение об их месте в стратегических целях страны.

**Ключевые слова:** агропромышленные кластеры, инновации, инновационное развитие, конкуренция, агропромышленный комплекс, объединения.

## AGRO-INDUSTRIAL CLUSTERS AS A FORM OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF THE INDUSTRY

The theoretical and practical aspects of the organization of agro-industrial clusters and their development are analyzed and discussed in the article. The author gave examples of the current situation and development prospects of agro-industrial clusters, especially agro-industrial clusters of cities and districts of Khatlon region, and substantiated them with accurate data and state programs. Agro-industrial clusters and their importance in the development and innovative development of the industry, as well as their formation and development in the country's economy, are substantiated with examples, and their position in the country's strategic goals has been researched, studied and concluded by the author.

**Keywords:** agro-industrial clusters, innovation, innovative development, competition, agro-industry, associations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раънои Нуралӣ*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, омӯзгори кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **+992 98 5230904.** E-mail: **ranoi.nurali.@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Раънои Нурали*** - Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, преподаватель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **+992 98 5230904.** E-mail: **ranoi.nurali.@mail.ru**

**Information about the author:** ***Ranoi Nurali*** - Kulyab State University. Abuabdulakha Rudaki, lecturer at the Department of Management and Marketing. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16. Phone: **+992 98 5230904.** E-mail: **ranoi.nurali.@mail.ru**

ТДУ 658.3(575.3)

# САМТҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ИДОРАКУНИИ МАҶМААИ МЕҲМОНХОНАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Қурбонов Ё.С.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Самаранокии фаъолияти соҳибкории дилхоҳ амалкунанда ба таъмини иттилоотии он вобаста мебошад. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ифодаи машҳури «вақт-пул аст» бо ифодаи шабеҳи «иттилоот –пул аст» пурра мегардад. Сифати иттилооти истифодашаванда дар соҳаи маҷмааи меҳмонхонавӣ ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ ба риояи принсипҳои зерин: эътимоднокӣ, саривақтӣ будан, пуррагӣ, самаранокӣ ва аҳамияти сахт вобаста аст:

1. Эътимоднокӣ, то кадом андоза иттилооти бадастомада дуруст инъикос кардани ҳолати воқеии рушди иқтисодӣ ва натиҷаҳои фаъолияти молиявии тиҷоратро муайян мекунад.
2. Саривақтӣ будан мувофиқати иттилооти мавҷударо ба талабот ба он дар давраи мушаххаси вақт тавсиф медиҳад.
3. Пуррагӣ, мукаммал будани даври нишондиҳандаҳои иттилоотиро, ки барои амалисозии арзёбии муқоисакунанда ва қабули қарорҳои стратегӣ заруранд, нишон медиҳад.
4. Самаранокӣ то кадом андоза хароҷот барои ҷалби иттилоот фоида овард, яъне самараи дар натиҷаи истифода ва амалисозии иттилооти мазкур бадастовардаро тавсиф медиҳад.
5. Аҳамият нишон медиҳад, ки иттилооти ҷалбшуда то кадом андоза ба натиҷаҳои қарорҳои стратегии қабулшуда, дар раванди ташаккули стратегияи рушди корхона, таҳияи нақшаҳои амалиётӣ ва молиявӣ таъсир мекунад. Барои қабули бомуваффақияти қарорҳои стратегӣ, дар асоси таҳлил ва пешгӯии нишондиҳандаҳои беруна ва дохилии рушди соҳибкорӣ маҷмуи муаммоҳои зеринро ҳал кардан лозим аст:

1. Харидорон ба хизматҳои харидаашон соҳиб намешаванд, фақат аз онҳо вақти муайян истифода мебаранд. Якбора қайд бояд кард, ки ин хусусият ба хизматҳои ғизодиҳӣ хос нест, зеро таомҳои тайёркардашуда, нӯшокиҳо ва маснуоти қаннодӣ моли хусусии мизоҷон мегарданд ва аз ҷониби мизоҷон истеъмол мешаванд, инчунин, армуғони аз тарафи сайёҳон харидашуда низ моли онҳо мешавад. Дар айни замон, ҳуҷраи барои фароғат ва шабгузаронӣ дар меҳмонхона истифодашавандаро ҳамчун ҳуҷраи ба муддати маҳдуд ба иҷора додашуда ҳисоб кардан мумкин аст. Чунин иштирок дар вазъият бо Dolphi низ мушоҳида мешавад, вақте ки ҳар як нишондиҳандаи ҷойгиронӣ дар ҳотел ба экскурсия вобаста аст. Якҷо бо ҳотел маҳсулоти мазкур яке аз ҳадафҳои фонди рушди маркетинги меҳмонхонавӣ, идоракунӣ бо тавсифи афзалиятҳо мебошад, ки бо маҳсулоти меҳмонхонавӣ ва бозори тағйирёбанда, афзалиятҳои марҳилаи истифодаи он вобастагӣ дорад.

2. Эҳсоснашавии хизматҳо ба вазъияти атроф ва ҳайати кормандоне вобаста аст, ки ҳангоми хизматрасонӣ бо меҳмон бо ӯ дар тамос мешаванд. Бароҳат будани фазои меҳмонхона, ки дар он ба мизоҷон хизмат расонда мешавад, инчунин, ҳассосият ва меҳрубонии ҳайати хизматрасон бевосита ба таассурот ва эҳсоси умумии сифати хизматҳои меҳмонхонавии расондашаванда ба онҳо мизоҷон таъсир мерасонад. Ин ҷузиёти хизматрасонӣ хусусияти ғайримоддӣ ва эҳсоснашаванда доранд. Хизматҳои меҳмонхона, ҳарчанд ки «шаҳодати моддӣ ва ҷисмони»-и хизматрасониро ба меҳмонон (кат ва дигар мебел дар ҳуҷра, таштхона ва ғ.) дар бар мегиранд, вале таассурот аз бароҳатии ҳуҷра, хизматрасонии босифат ва тахассусӣ хусусияти ғайримоддӣ дорад. Бинобар ин, ҳайати кормандон бояд бо тамоми қувва кӯшиш намоянд, ки ба меҳмонон хизматрасонии сазовор расонда, дар онҳо аз иқомат карданашон дар меҳмонхона тааассуроти хуб пайдо намоянд ва ин ҳолатро ба таври моддӣ тасдиқ бикунанд, яъне

меҳмонро аксбардорӣ бикунанд, ба ӯ тухфаҳои хотиравӣ бахшанд ва ғ. Ҳамин тариқ, бисёр ҷузвҳои хизматҳо хусусияти ламснашаванда ва ғайримоддӣ доранд ва меҳмонхона бояд тарзҳои маркетингии муайянеро истифода карда тавонад, ки онҳо ба моддигардонии хизматҳо равона карда шудаанд.

3. Ҷалб кардани истеъмолкунанда ба раванд хизматрасониро босамар мекунад. Маълум шуд, ки дар як қатор таҳқиқоти илмӣ ҳотелҳои барои сайёҳон ҷолиб, истеъмолкунандагонро ба раванди хизматрасонӣ ҷалб мекунанд. Масалан, наҳорӣ барои сайёҳ барои он омода карда мешавад, ки кори ӯро осон намояд ва шакли ин хизматрасонӣ, ки ҳамчун «буфет» муайян мешавад, ба ӯ муносиб бошад. Дар ин маврид, дар бозоре, ки тарғибот истифода мешавад, ҳотел бояд ба истеъмолкунанда иттилоотеро дар бораи навовариҳо пешниҳод намояд, ки ҳадафи он ихтисор кардани давомнокии хизматрасонӣ дар баробари нигоҳ доштани сифати баланди онҳо мебошад.

4. Шахсияти ҳайати кадрӣ ва меҳмонони дигар, аз қабили муштариёни хизматҳои меҳмонхонавӣ. Параметрҳои минбаъдаи бозори хизматрасонии меҳмонхонавӣ бо самти арзёбии мунтазами рушди тамосҳои аз ҷониби кормандон бо мизоҷон анҷомдодашаванда тавсиф меёбад. Он аз коркарди ҳуҷраи броншаванда оғоз мешавад, раванди мазкур барои аз фурудгоҳ ба меҳмонхона интиқол додани меҳмон зарур аст, вале аз истгоҳ барои меҳмонхонаи Каён анҷом дода намешавад. Сифати хизматрасонӣ дар сатҳи минтақавӣ ба қобилияти директори сервиси молиявӣ вобаста аст, ки ба сатҳи баланди касбии маркетинг асос карда мешавад, зеро қобилияти маҳсулотро пешниҳод карда тавонистан ҳатман вазъиятҳои низоиро дар байни марҳила ва хизматрасонӣ аз ҷониби кормандони хизматрасон ё мизоҷон байни иштирокчиёни тестҳо дар бар мегирад. Бинобар ин, ҳар як меҳмонхона бояд ба он таваҷҷуҳ намояд, ки индекси бозаргонӣ омӯзиш ва ангезишдиҳии кормандон, омилҳои рушдро дар бозор идома диҳад, зеро ба онҳо малакаҳои муошират ҳатман заруранд. Тавсифоти меҳмонхона, маҳсулоти бо хусусиятҳои худ муштариро ҷалбкунанда, нигоҳубини биноҳои меҳмонхона, сифати хуби хизматрасонӣ ба мизоҷон, таҳияи махзани додаҳо ва нигоҳ доштани онҳо, таҳқиқоту таҳлили додаҳо, асоси додаҳои стратегии меҳмонхонаро ташкил медиҳанд.

5. Номумкин будани афзоиш додани онҳо мувофиқати мусбии захираҳои маъмурии истифодашаванда ва натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунад. Ҳадафи аксар ҳизматрасониҳо оид ба омӯзиши кормандон ва роҳбарият якҷо бо раванди ҷубронкунии васеъкунии онҳо ба даст оварда мешавад. Супоришдиҳандаи таҳияи ин чиз қисми таркибии хадамоти амаликунонӣ мебошад, ки боиси афзоиши хатоҳои иқлимӣ дар сервис мегардад ва ин хатоҳоро рӯпӯш кардан душвор аст. Барои чунин хуш ва босифат гузарондани ҳаёт, роҳбарият бояд шабу рӯз кор бикунад. Дар аксар вақт ҳолатҳои истисноӣ таъминот ва назорати рушди сифати хизматҳои меҳмонхонаиро мушкил мегардонанд.

6. Баҳодиҳии сифати мураккабиёти хизматҳои меҳмонхонавӣ аз ҷониби муштарӣ кори хеле мураккаб аст. Натиҷаҳои таҳлили мазкур як қадар вобаста ба он аст, ки хизматҳои кормандони меҳмонхона тавсифотии молиявии шабеҳ доранд, ки ҳатто баъди аз хона баромадан онҳоро арзёбӣ кардан мушкил аст. Масалан, таассуроти меҳмонон аз меҳмонхонаи Каён ҳар хел мешавад; иқтисодӣ, иҷтимоӣ, барои мизоҷони гурӯҳӣ ва инфиродӣ (вобаста ба хусусиятҳои инфиродӣ гуногун аст). Рейтинги инфиродии хизматрасониҳо аксар вақт ба чизҳои алоҳида (масалан, таъми хӯрокҳо, қулай будани хуҷраҳо ва дар онҳо таҷлил кардани ҷашнҳо) ва мувофиқати онҳо ба иттилооти пешакии ба мизоҷ додашуда вобаста аст. Бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматҳои меҳмонхонавӣ, зиёд кардани миқдори моҳҳои меҳмоннавозӣ бо роҳи иттилоотонии бештар ва мувофиқат кардан ба хоҳишу талаботи сайёҳон ба таври воқеӣ имконпазир аст. Иттилооти мавсимӣ дар бораи амалисозии чунин тадбирҳо ҷиҳати қавӣ гардондани фаъолияти меҳмонхонадорӣ бояд принсипҳои асосиро дар бар гирад ва ин принсипҳо бояд то муштариён расонида шаванд.

7. Мавҷуд набудани фаъолияти фарогир. Суратҳисоби хадамоти меҳмонхона маҳсулоти зудвайроншаванда маҳсуб меёбад. Вобаста ба фурӯши ҳуҷраҳо, корхона

фоида ба даст меорад, фоидааш зиёд мешавад ва ё кам. Дар ин мавврид вазъияти истеҳсолиро ҳаддалимкон беҳтар кардан лозим аст, то ки самаранокии он зиёд шавад. Барои ин роҳбари корхонаро зарур аст, ки консепсияи омодагии махсусро таҳия ва ҷорӣ намояд, байни мавсимҳо сиёсати оқилонаи нархгузории тағйирёбандаро ба пеш барад, барномаҳои маркетингии хуб таҳияшударо пиёда созад, усулҳои нав ба нави пешбурди маҳсулоти меҳмонхонаиро дар бозор татбиқ намояд ва бахши муайяни бозорро фаро гирад.

8. Аҳаммияти таъмини муваққатии интихоби омилҳо. Хизматҳои меҳмонхона аз рӯи қоида сахт мувофиқи стратегияи одаме, ки аз рӯи меъёрҳои хизматҳои муваққатӣ амал мекунад, бояд пешниҳод карда шаванд. Меҳмонони конференсияҳо аксар вақт аз он норозианд, ки буфет ё бар вақти маҳдуд амал мекунанд. Бинобар маъмурияти меҳмонхонаро зарур аст, ки имкониятҳои иловагиро ба кор бурда, барои меҳмонон он хизматҳоеро ҷорӣ намояд, ки барои онҳо хеле мувофиқ аст. Танҳо дар ин сурат меҳмонхона метавонад дар тиҷорати меҳмонхонавӣ муваффақият ба даст оварад ва аз рақибоне, ки ба меҳмонон хизматҳои босифат, босамар ва муосир пешниҳод мекунанд, пеш гузарад. Барои беҳтар кардани имиҷ ва шароитҳои хуби худ мақсад гузошта, меҳмонхонаҳо кӯшиш мекунанд, ки вазъиятро таҳлил карда, меъёрҳои муваққатии ҳаётан муҳимро барои хизматрасонӣ ҷорӣ намоянд ва афзалиятҳои ин хизматрасониҳоро тавассути бахшҳои маркетингии каналҳо ба мизоҷон ҳар чи зудтар расонанд.

9. Хусусияти мавсимӣ доштани талабот. Хизматҳои меҳмонхонавӣ вобаста ба мавсим тағйирёбанда мебошанд. Талабот ба маҳсулоти меҳмонхонавӣ (ҷойгиронӣ ва дигар хизматҳо) метавонад ҳар рӯз, ҳар ҳафта, ҳар мавсим тағйир ёбад. Масалан, аксар сайёҳон дар моҳҳои тобистон фароғат мекунанд, пас, талабот ба хизматҳои меҳмонхонаҳо дар ин давра хеле меафзояд. Низоми тағйирёбанда нархгузориро, ки ҷузви муҳимми маркетинги хизматҳо мебошад, истифода карда, меҳмонхонаҳо кӯшиш мекунанд, ки омили мавсимиро безарар гардонанд.

10. Вобастагии ҳаҷми фурӯши хизматҳои меҳмонхонавӣ ба омилҳои гуногуни меҳмонхона. Ин омилҳои умумӣ аз мавқеи меҳмонхона, таҷҳизот, бароҳатии тиҷорати сервисӣ, сатҳи хизматрасонӣ, дархости паҳно ва сифати хизматҳои пешниҳодшаванда, тасвири ҳотели наздиктарин-нархи утоқҳо ва дастмолҳо, ки бо хизматҳо пешниҳод мешаванд ва ғ. иборат мебошанд. Ҳамаи омилҳои таҳлили зеҳнии додаҳо, хусусан дар ҳолати пуррагии онҳо, бояд мушаххас бошанд, то ки фазаи стратегияи маркетингии ҳотелро инъикос намоянд.

11. Стратегияи истифодаи каналҳои гуногуни тақсимоти ҳуҷраҳо, ба хусус ҳотели меҳмонхонавӣ. Дар ҳотелҳо маъмулан танҳо каналҳои минтақавии тақсимот истифода мешаванд, ки шабакаро ташкил дода, мавқеи мантиқии фурӯшҳои мустақим, фурӯши агентиҳоро тавассути ин маҷмааи туроператорҳо, фурӯшҳои корпоративӣ, даромад аз бронкунии электронӣ ва ғайраро, ки таркибдиҳандаи муҳимтарини маркетинги меҳмонхонавӣ мебошад, дар бар мегирад. Имрӯз назари яккимата оид ба ҳалли муаммои муайян кардани таркиб ва сохтори иттилооти дохилӣ ва беруна мавҷуд нест. Дар робита ба ин, пешниҳод кардани тарҳи ташаккули махзани иттилоотӣ (пешниҳоди иттилооти дохилӣ ва берунӣ)-и тиҷорати маҷмааи меҳмонхонавӣ ба мақсад мувофиқ аст. Барои фаъолияти самарабахштарини меҳмонхона зарур аст, ки дастгирии иттилоотӣ бояд ба сохтори ташкилии идоракунии меҳмонхона мувофиқ бошад, ки он метавонад бо мурури рушд намуданаш ва вобаста ба тағйироти уҳдадориҳои кормандон дигар шавад.

Маҷмуи корхонаҳои маҷмааи меҳмонхонавии таҳқиқшаванда аз меҳмонхонаҳои се ситорадори чор гурӯҳи меҳмонхонаҳои ш. Душанбе, ба монанди Каён, Твинс, Лотус, Плаза иборатанд. Фаъолиятҳои корхонаҳои баррасишаванда бо сифати хизматҳои пешниҳодшаванда, сатҳи сервис, инчунин, бо миқёси худи тиҷорат фарқ мекунанд.

Тавсифи сохтори ташкилии идоракунии маҷмуи корхонаҳои таҳқиқшаванда дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Меҳмонхонаҳои баррасишаванда сеситорадор буда, ба талаботҳои муайяни сатҳи бароҳат будан, сифати хизматҳои пешниҳодшаванда, миқдори хизматҳои асосӣ ва иловагӣ бояд ҷавобгӯ бошад. Дар ҳар як кишвари алоҳида ба дарки сатҳи бароҳат будан ҳамчун меъёри таснифот ҳар гуна муносибат менамоянд.

Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми аврупоӣ ё низоми «ситораҳо» истифода мешавад, яъне Кумитаи саноати меҳмонхонавӣ ва тарабхонаи Иттиҳоди Аврупо баъди гузарондани санҷиши махсус дар меҳмонхона ба он дараҷаи муайяни аз 1 то 5 ситораро таъйин мекунад. Инчунин, рӯйхати муайяни хизматҳои асосӣ ва иловагӣ мавҷуд аст, ки дар асоси онҳо ин ё он дараҷа таъин карда мешавад. Дар асоси рӯйхати хизматҳо, ки барои ба меҳмонхона таъин кардани дараҷаи се ситора заруранд, амсилаи сохтори ташкилии идоракунии меҳмонхонаро бо дарназардошти таъсири ҷараёни иттилоот таҳия кардан лозим аст. Инак, тарҳи идоракунии ташкилӣ дар меҳмонхонаи гурӯҳи якум дар ҷадвали 1 пешниҳод шудааст.

**Ҷадвали 1. Сохтори ташкилии идоракунӣ дар меҳмонхонаҳои таҳқиқшаванда**
**Table 1. Organizational structure of management in the investigated hotels**

| № | Меҳмонхонаҳо | Сохтори ташкилии идоракунӣ | Ҷузвҳои сохтори ташкилии идоракунӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Каён | Хаттӣ | Директори генералӣ; директори тарабхона (сарошпаз, пешхизматҳо, барменҳо, ошпазҳо); директори ҳотел (хадамоти хоҷагидорӣ (гаражи зеризаминӣ, қароргоҳи мошинҳо, муҳофизон); сармуҳандис (хадамоти техникӣ); сармаъмур (хадамоткорон, фаррошон фаррошони ҳавлӣ); ретсепсия; портйе); директори молиявӣ (муҳосибот; шуъбаи маркетинг; директори хадамоти кадрӣ). |
| 2. | Твинс | Хаттӣ функсионалӣ | Директори генералӣ; директори тарабхона (пешхизматҳо, барменҳо, ошпазҳо); директори хадамоти хоҷагидорӣ (гараж, қароргоҳи мошинҳо, муҳофизон); сармуҳандис (хадамоти техникӣ); менеҷер оид ба фароғат (хадамоткорон, фаррошони ҳавлӣ); шуъбаи маркетинг; менеҷер хадамоти қабул (ретсепсия; хадамоти бронкунӣ); муҳосибот |
| 3. | Лотус | Хаттӣ | Директори генералӣ; муовини директори генералӣ оид ба қаҳвахона (пешхизматҳо, барменҳо, ошпазҳо); муовини директори генералӣ оид ба истифода (гараж, қароргоҳи мошин); сармуҳандис (хадамоти техникӣ); сармаъмур (хадамоткор, фаррошони ҳавлӣ); шуъбаи маркетинг; муҳосибот, шуъбаи бақайдгирӣ |
| 4. | Атлас | Хаттӣ | Директори генералӣ; директори хадамоти хӯроквори (пешхизматҳо, барменҳо, ошпазҳо, шуъбаи харидкунӣ); менеҷери хадамоти хоҷагидорӣ (гараж, қароргоҳи мошин, муҳофизон); сармуҳандис (хадамоти техникӣ); сармаъмур (хадамоткорон, консйерйеж ё дарбон); шуъбаи молиявӣ (муҳосибот); хадамоти сабткунӣ |

Таҳияи муаллифон

Дар ин маврид соҳибкорҳои дараҷаи се ситорадор бо хусусияти тиҷорати сайёҳии корӣ (тиҷоратӣ ё соҳибкорӣ) таҳқиқ карда шуданд, зеро ҳамаи онҳо на дар минтақаи курортӣ, балки дар маркази соҳибкорӣ (кори)-и Тоҷикистон –шаҳри Душанбе ҷойгир мебошанд.

Зери таъсири манбаъҳои берунӣ ва дохилии иттилоот, сохтори ташкилии мазкур метавонад тағйир ёбад ва дар намуди ҷараёнҳои ба ҳам вобастаи иттилооти байни ҳамаи зерсохторҳои идоракунии корхонаи маҷмааи меҳмонхонавӣ пешниҳод гардад.

**Расми 1. Сохтори ташкилии идоракунии стратегии меҳмонхонаи гурӯҳи якум**
**Figure 1. Organizational structure of strategic management of the hotel of the first group**




Татбиқи амсилаи иттилоотию сохтории мазкури идоракунии корхонаи маҷмааи меҳмонхонавӣ дар амал барои дар корхона ташкил кардани низоми ҳадафноки таъмини иттилоотӣ, ҳам барои қабули қарорҳои стратегӣ равона карда шудааст, ҳам ба идоракунии ҷории босамари меҳмонхона имкон медиҳад (расми 2).

**Расми 2. Тарҳи иттилоотию сохтории идоракунии корхонаи маҷмааи меҳмонхонадорӣ**
**Figure 2. Informational and structural design of the management of the hotel complex**



Ҳамин тариқ самаранокии рушди инфиродӣ будани соҳибкории меҳмонхонавӣ бе дарназардошти талаботи баланди иқтисодии онҳо нисбати тахассуси ҳайати муаллимон номумкин аст. Барои рушди соҳибкории инфиродии маҷмааи меҳмонхонавӣ, баланд бардоштани имиҷи молиявии махсуси он бо мақсади татбиқи талаботҳои мушаххаси рӯз ва талаботҳои мизоҷон (ба хусус агар онҳо ба ҳам мувофиқ бошанд) ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин дарккунӣ ду ҷанбаи мураккабро баррасӣ кардан муҳим аст:

- функсияҳо дархостҳои мизоҷонро бояд ба инобат (ё дар бар) гиранд. Соли истеҳсоли таҷҳизоти корхона, ки дар истеҳсоли хизматҳои маҳсулоти меҳмонхонаи иштирок мекунанд, хеле муҳим аст;
- ҳамаи марҳилаҳои истеҳсоли маҳсулоти меҳмонхонавӣ ва тамоми хусусиятҳои хизмат бояд талабот ва шавқу завқи истеъмолкунандаро ба инобат гиранд ва ба он мувофиқ бошад. Дар айни замон, назорат бурдани пайдарпаии ин марҳилаҳо хеле муҳим аст. Корхонаи меҳмонхонавӣ бояд бо мизоҷон ҳамеша дар иртибот бошад, ақидаи мусбии онҳоро оид ба меҳмоннавозӣ дар байни мизоҷони эҳтимолӣ, дар шабакаҳо, васоити ахбори омма паҳн намояд ва ҳамеша сифати баланди иттилоотонӣ ва хизматрасониро дар сатҳи баланд нигоҳ дорад, барои анҷом додани дархостҳои вазъиятии истеъмолкунандагони эҳтимолӣ ҳамеша омодагӣ бинад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДБССТ – Алишоев Х.Ҳ.**

### АДАБИЁТ


1. Аветисова А.А. Экономика ресторанного хозяйства [Текст]: Учебник / А.А. Аветисова. –М.: МДУЭТ, 2007. -317 с. - ISBN 978-966-385-049-8.
2. Алиева 3.М. Теоретико-методологическое обоснование влияния маркетинга отношений на потребительское поведение: монография / 3.М. Алиева. -М.: Вузовская книга, 2012. -184 с.
3. Анализ комплекса маркетинга на международном рынке туристических услуг [Текст]: Монография / А.Н. Азарян, Н.Л. Жукова, А.А. Ищенко, А.А. Ворошилова. –М.: МНУЭТ, 2005. -135 с. - ISBN 966-385-002-7.
4. Ансофф И. Новая корпоративная стратегия [Текст]: (Теория и практика менеджмента) / И. Ансофф. -СПб.: Питер Ком, 2014. -416 с. - ISBN 5-314-00105-5, 0-471-62950-2.
5. Бойцова М. Все об учете и организации гостиничного бизнеса [Текст] / М. Бойцова, А. Пироженко. -М.: Фактор, 2005. -232 с. - ISBN 966-312-307-9.
6. Косолапов А. Менеджмент в туристической фирме / А. Косолапов. - 2016. -312 с. ISBN 978-5-406-04718-7
7. Курбонов Ё.С. Теоретические основы управления малым и средним бизнесом в гостиничном комплексе / Ё.С. Курбонов // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2015. -№2/8(181). –С.103-110.
8. Кусков А. Основы туризма [Текст] /А. Кусков, Ю. Джаладян. -М., 2015. -216 с.
9. Мельниченко С. Управление персоналом в сфере гостиничного хозяйства [Текст] / С. Мельниченко // Вестник Киевского национального торгово-экономического университета. - 2013. -№3. -С.51-55.
10. Организация и технология предоставления услуг [Текст]: Учеб. пособие / В.В. Апопом, И.И. Олексин, Н.А. Шутовський, Т.В. Футало; под ред. В.В. Апопия. -М.: ВЦ «Академия», 2006. -312 с. ISBN 966-580-218


## САМТҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ИДОРАКУНИИ МАҶМААИ МЕҲМОНХОНАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Самаранокии фаъолияти соҳибкории дилхоҳ амалкунанда ба таъмини иттилоотии он вобаста мебошад. Бароҳат будани фазои меҳмонхона, ки дар он ба мизоҷон хизмат расонда мешавад, инчунин, ҳассосият ва меҳрубонии ҳайати хизматрасон бевосита ба таассурот ва эҳсоси умумии сифати хизматҳои меҳмонхонавии расондашаванда ба онҳо мизоҷон таъсири мусбӣ мерасонад. Тавсифоти меҳмонхона, маҳсулоти бо хусусиятҳои худ муштариро ҷалбкунанда, нигоҳубини биноҳои меҳмонхона, сифати хуби хизматрасонӣ ба мизоҷон, таҳияи махзани додаҳо ва нигоҳ доштани онҳо, таҳқиқоту таҳлили додаҳо, асоси додаҳои стратегии меҳмонхонаро ташкил дода ба ин тартиб иттилооти мавсимиро дар бораи амалисозии тадбирҳои меҳмонхона ва қавӣ гардондани фаъолияти меҳмонхонадорӣ, принсипҳои асосии хизматрасониҳро беҳтар месозад. Барои беҳтар кардани имиҷ ва шароитҳои хуби худ мақсад гузошта, кӯшиш бояд намуд, ки вазъиятро таҳлил карда, меъёрҳои муваққатии ҳаётан муҳимро барои хизматрасонӣ ҷорӣ намуда ва афзалиятҳои ин хизматрасониҳоро тавассути бахшҳои маркетингии каналҳо ба мизоҷон ҳар чи зудтар ба роҳ монд.



**Калидвожаҳо:** омилҳои рушди меҳмонхона, стратегияи идоракунии меҳмонхона, даромади меҳмонхона, сармоягузорӣ, тавозуни туристӣ, самаранокии иқтисодӣ, махзани иттилоотии тиҷорати меҳмонхона, заминаҳои ҳуқуқӣ, арзёбии сифати хизматрасонӣ, намудҳои меҳмонхона, категорияҳои хизматрасонӣ.

**ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УПРАВЛЕНИИ ГОСТИНИЧНЫМИ КОМПЛЕКСАМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

Эффективность любого бизнеса зависит от его информационной поддержки. Комфортность гостиничной среды, в которой обслуживаются клиенты, а также чуткость и доброта обслуживающего персонала напрямую влияют на общее впечатление о качестве гостиничных услуг, предоставляемых клиентам. Описание отеля, продукты с привлекательными характеристиками, обслуживание гостиничных зданий, хорошее качество обслуживания клиентов, разработка и обслуживание баз данных, исследование и анализ данных составляют основу стратегических данных отеля. Сезонная информация о реализации гостиничных мероприятий и укреплении гостиничного бизнеса совершенствует основные принципы обслуживания. Чтобы улучшить его имидж и хорошие условия, необходимо попытаться проанализировать ситуацию, ввести временные жизненно важные стандарты для услуг и как можно скорее определить приоритетность этих услуг через отделы маркетинга каналов для клиентов.

**Ключевые слова**: факторы развития отеля, стратегия гостиничного менеджмента, доход отеля, инвестиции, туристический баланс, экономическая эффективность, база данных гостиничного бизнеса, правовая база, оценка качества услуг, типы отелей, категории услуг.

**THE MAIN DIRECTIONS OF DEVELOPMENT OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE MANAGEMENT OF HOTEL COMPLEXES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The effectiveness of any business depends on its information support. The comfort of the hotel environment in which customers are served, as well as the sensitivity and kindness of the service staff directly affect the impression and overall impression of the quality of hotel services provided to customers. Hotel description, products with attractive features, maintenance of hotel buildings, good quality of customer service, development and maintenance of databases, data research and analysis form the basis of strategic data of the hotel. seasonal information on the implementation of hotel measures and strengthening the hotel business, improves the basic principles of service. In order to improve its image and good conditions, it is necessary to try to analyze the situation, introduce temporary vital standards for services and identify the advantages of these services as soon as possible through the marketing departments of the channels to customers.

**Keywords:** hotel development factors, hotel management strategy, hotel income, investment, tourism balance, economic efficiency, hotel business database, legal framework, service quality assessment, hotel types, service categories.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонов Ёрмаҳмад Султоналиевич*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондорӣ. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **(+992) 901716377**. E-mail: **yorma@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Курбонов Ёрмахмад Султоналиевич*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, и.о.доцента, заведующий кафедрой туристского бизнеса, рекреации и гостеприимства. **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **(+992) 901716377.** E-mail: **yorma@bk.ru**

**Information about the author:** ***Kurbonov Yormahmad Sultonalievich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor, Head of the Department of Tourism Business, Recreation and Hospitality. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue, 48/5. Phone: **(+992) 901716377**. E-mail: **yorma@bk.ru**

ТДУ 338.43(575.3)

# АРЗЁБИИ ВАЗИФАҲОИ ИДОРАКУНИИ ОБИСТИФОДАБАРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Қаландарзода Н.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Идораи захираҳои об яке аз муҳимтарин ҷанбаи сиёсати миллии оби ҳар мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар шароити гузариш ба модели истифодабарии устувори об, барқарорсозии низоми мутобиқи идораи захираҳои об ба вазифаи аз ҳама муҳим табдил ёфтааст. Идоракунии захираҳои оби ҳудуди муайян аз тарафи мутахассисон ҳамчун идоракунии низоми хоҷагии оби ҳавзаи дарёҳои таркибии фонди он баррасӣ мегардад. Дар ин маврид идоракунии фаъолияти хоҷагии об маънои вазифаи таъсиррасонии низоми махсуси муташаккили давлатӣ ба низоми иҷтимоӣ, экологию иқтисодии ҳавза тавассути маҷмуи чорабиниҳо ва фишангҳоро дорад.

Асоси стратегияи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таъмини талаботи наслҳои имрӯза ва ояндаро бо қарорҳои ҳамоҳанги мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити мусоиди зист дар назар дорад, такя ба иқтисоди мустақил ва неруҳои ватании захиравӣ, истеҳсолӣ ва зеҳнӣ мебошад. Ҳамаи ин ба соҳаи хоҷагии об низ бевосита дахл дорад.

Самаранокии идораи захираҳои об самаранокии фаъолияти низоми хоҷагии обро дар назар дорад. Бо афзоиши теъдоди истеъмолгарон ва мутаносибан камшавии меъёри истеъмол, раванди идоракунии захираҳои об, истифодаи равишҳо ва технологияҳои нисбатан самаранокро тақозо дорад.

Идоракунии захираҳои об махсусиятҳои фарққунандаи худро дорад, ки аз хусусияти об ҳамчун захираи беҳамто вобаста аст. Дар раванди идораи истифодаи захираҳои об ҳамчун объекти идора фаъолияти хоҷагии об ҳамчун шакли махсуси муносибатҳои истеҳсолӣ баромад мекунад, ки омӯзиш, истифода, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ, тағйирёбии мақсаднок ва баргардондани захираҳои об ва объектҳои об ба манфиатҳои одамон ва маҷмуи истеҳсолию хоҷагиро дар бар мегирад.

Тибқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, объектҳои об моликияти давлат буда, идоракунии хоҷагии об ба вазифаи низоми давлатие дохил мешавад, ки ҳифзи баланси байни соҳаҳои гуногуни истифодаи обро дар ҷумҳурӣ таъмин месозад. Идоракунии захираҳои об яке аз ҷузъҳои таркибии сиёсати бароҳмондаи давлат дар соҳаи экология ва иқтисодиёт мебошад.

Асоси идоракунии хоҷагии об раванди доимии такмили базаи қонунгузорӣ, ҳамоҳангсозии назорат, фишангҳои таъсири маъмурӣ ва механизми иқтисодии истифодаи об, ғайримарказонидани зина ба зинаи салоҳиятҳо мебошад. Идоракунии истифодабарии об, ба низоми хоҷагии оби соҳаҳои иқтисодиёт ва обистифодабарандагони мушаххас таъсири ҳамешагӣ мерасонад. Ҳадафи асосии таъсири мазкур таъмини мунтазами талаботи тамоми обистифодабарандагон аз ҷониби хоҷагии оби ҷумҳурӣ ба назардошти принсипҳои истифодабарии устувори об дониста шудааст.

Ба андешаи мо, ҳангоми иҷрои вазифаҳои идоракунии захираҳои об мувофиқи мақсад аст, ки равиши идоракунии ҳавзавӣ истифода шавад. Яъне, барномаҳои мақсадноки маҷмуи барои ҳамаи ҳавзаҳои об таҳия мешаванд, ки дар воҳидҳои маъмурӣ тавассути идоракунии ҳудудии захираҳои об ба иҷро мерасанд. Ҳамчунин, дар ин маврид, шаффофияти низоми идоракунии захираҳои об барои назорати ҷамъиятӣ ва дастрасии он барои ширкати ҷамоатчигӣ дар ҳалли масъалаҳои алоқаманд бо идоракунӣ аҳамияти калон дорад.

Дар шароити Тоҷикистон ҳал кардани масъалаи ҳамоҳангсозии истифодабарии захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Муҳиммияти масъалаи мазкур ба он далел алоқаманд аст, ки соҳаи мазкури иқтисодиёт, истифодабарандаи

асосии захираҳои об дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи мазкур то 93% аз ҳаҷми умумии обанборҳоро дар мамлакат истеъмол менамояд.

Тибқи омор, аз солҳои 90-уми асри гузашта сар карда, ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳам дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ, дар умум, ҳаҷми умумии ҷамъшавии об аз сарчашмаҳо кам шудааст. Баробари ихтисори ҳаҷми умумии ҷамъшавии об аз сарчашмаҳо ба андозаи 12,7% дар давраи солҳои 1991-2014 талафи назарраси захираҳои об ҳангоми ҳамлу нақли он мушоҳида шуд, ки ин аз пастравии ҳавасмандӣ дар масъалаи истифодабарии сарфакоронаи об дар умум дар минтақа гувоҳӣ медиҳад. Агар сабабҳои асосии талафоти об ҳангоми ҳамлу нақл, истифодабарии низоми кӯҳнашуда ва вайрон аз нигоҳи вақт ва назорати суст аз болои ҷамъоварии об аз тарафи ташкилотҳои дахлдор бошад, он гоҳ коҳиши ҳавасмандиро ба андешаи мо, аз адами самаранокӣ дар масъалаҳои истифодабарии пулакии об шарҳ метавон дод.

Устувории фаъолияти соҳаҳои иқтисодиёт, аз он ҷумла кишоварзӣ, вазъи экологӣ дар экосистемаҳо, ҳамчунин, сатҳи зиндагии аҳолӣ аз бисёр ҷиҳат, аз самаранокӣ ва ҳолати низоми идоракунииии захираҳои об вобаста аст. Бояд қайд кард, ки ҳолати умумӣ ва сатҳи самаранокии истифодаи захираҳои об имрӯз ҳамчун ҷанбаъҳои вазъи муҳити зист ва омилҳое баромад мекунанд, ки метавонанд динамикаи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакатро маҳдуд созанд. Ба ин сабаб, дастрасии ҳадафҳои истифодабарии сарфакоронаи об ва баландбардории самаранокии истифодабарии об, дар навбати аввал дар кишоварзӣ ҳамчун заминаи муҳимтарини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ, ҳамчунин, таъмини бехатарии озуқаворӣи ҷумҳурӣ баромад мекунанд.

Ҳамаи ин зарурати таҳияи равишҳои навро барои ҳалли мушкилот оид ба ҳифз, азнавистеҳсолкунӣ ва баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои об асоснок мекунад. Дар баробари ин, равишҳои мазкур бояд ба гузариши марҳилавӣ аз истифодаи анъанавии захираҳои об, ки аз ҷониби низоми фармоишию маъмурӣ гузошта шудааст, ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, аз ҷиҳати экологӣ асоснок равона карда шаванд.

Ташкили низоми самараноки идоракунии хоҷагии оби ҷумҳурӣ дар ин маврид ба таҷрибаи мавҷудаи мусбати хориҷа такя карда метавонад. Ҳамчунин, таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи мазкурро ҳангоми интихоби усулҳое, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор мераванд, мавриди арзёбию такмили механизмҳои идоракунии хоҷагии об метавон истифода бурд.

Масъалаҳои алоқаманд бо идоракунии захираҳои об ва ҳамоҳангсозии истифодаи об барои тамоми мамлакатҳои ҷаҳон аввалиндараҷа ба ҳисоб мераванд, аммо мушкилоти алоқаманд ба онҳо аз тарафи мутахассисони ҳар мамлакат ба таври гуногун баррасӣ мешаванд. Сиёсати хоҷагии об, ки дар аксари мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон ба роҳ монда шудааст, дар масъалаҳои ғайримарказонидан ва ҳадгузории вазифаҳо, ҳамчунин, баландбардории аҳамиятнокии мақомоти маҳаллӣ дар идоракунииии хоҷагии об тамоюлҳои имрӯзаро инъикос менамоянд. Барои мамлакатҳои тараққикарда ҳавасмандкунонии сектори хусусӣ дар фаъолияти алоқаманд бо пешниҳоди хизматрасониҳо дар соҳаи об хос мебошад. Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки ширкати афзояндаи аҳолии мамлакатҳои зикрёфта дар ҳалли масъалаҳои хоҷагии об ва назорати иҷрои қарорҳои қабулшуда мушоҳида мешавад. Дар баробари ин, масъалаҳои алоқаманд бо таъмини захираҳои об ва тозакунии онҳо, ҳамчунин, мушкилоти хизматрасониҳои хоҷагии об ва инфрасохтори он дар зери назорати ҳокимиятҳои маҳаллӣ мебошад.

Ба андешаи мо, тағйирот дар идоракунии хоҷагии об бо масъалаҳои тақсимоти баъдинаи ҷавобгарӣ ва салоҳиятҳо дар соҳаҳои хоҷагӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамчунин, ғайримарказонидани вазифаҳои назорат аз болои хоҷагии об ҳангоми таҳкими нақши танзимкунандаи давлат дар масъалаҳои таъмини равиши муттаҳидкунанда барои идораи ҳавзаи обӣ алоқамандии зич дорад. Барои расидан ба ин мақсадҳо вазифаҳои дурнамо оид ба мустаҳкамкунии асосҳои секторҳои ҳуқуқӣ,

институтсионалӣ ва иқтисодии об дар мамлакат бояд пурзӯр карда шаванд. Дар ин бобат чорабиниҳои алоқаманд на бо мутобиқат ба талаботи миқдорӣ, балки ба нигоҳдории сифати захираҳои об афзалиятнок дониста мешавад. Сатҳи миллии идоракунии захираҳои об тавассути мутобиқкунӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати об, ҳамчунин, қабули қарорҳо оид ба сармоягузории объектҳои бузурге, ки дорои обистифодабарандагони калон мебошанд, бояд амалӣ кунонда шавад. Ҳамчунин, қарорҳои идоркунӣ аз рӯйи чунин объектҳо бояд чорабиниҳои алоқаманд бо ҳифзи захираҳои об аз ифлосшавӣ ва хушкшавиро пешбинӣ намоянд.

Сохтор ва самаранокии идоракунии хоҷагии обро аз бисёр ҷиҳат омилҳое чун ҳамкорӣ бо ҳокимияти маҳаллӣ ва дараҷаи шаффофияти низоми идоракунӣ муайян мекунанд. Онҳо омилҳои муҳим дар ташкили сохтори идоракунӣ буда, метавонанд тавассути иттиллоотнокии ҷомеа, мутобиқаткунонӣ, назорат, ҳамоҳангсозӣ ва шаклҳои дигари ҳамкорӣ амалӣ гардонида шаванд.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷумҳурӣ низоми истифодабарии об аз хоҷагидории Иттиҳоди Шуравӣ манша мегирад. Дар он давра қоидаҳои пешинаи илмии ташкили фаъолият ва идоракунии хоҷагии об ҳамчун асос гирифта шуда буд, ки баъзе ҷиҳатҳои он имрӯз ҳам аз рӯйи инерсия истифода бурда мешаванд. Хусусияти фарққунандаи сохтори шуравии идоракунии хоҷагии об аз якҷоякунии вазифаҳои хоҷагии об ва назорати он иборат буд. Пойгоҳи мавҷудаи қонунгузорию ҳуқуқӣ аз сатҳи рушди хоҷагии об ва муносибатҳои об каме қафо монда, дар назди татбиқи механизми иқтисодии истифодабарии об садд мегузошт, сатҳи истифодабарии ташхиси экологӣ самаранокии паст дошт, вазифаҳои хоҷагии об паиҳам такрор мешуданд ва ғ.

Идоракунии истифодаи захираҳои об ба арзёбии ҳолати он, таҳлили обистифодабарии мавҷуда ва дастёбии обтаъминкунии устувор асос ёфтааст, ки пеш аз ҳама, батартибдарории хароҷоти захираҳои об ва ҳифзи сарчашмаҳои об аз ифлосшавиро пешбинӣ менамояд. Дар ин маврид, ҷанбаҳои истифодабарии захираҳои об на танҳо ҳаҷми оби истеъмолшаванда, балки ҳаҷми пасобҳо ва хатҳои обпарто низ мебошанд.

Баландбардории самаранокии обистифодабарӣ ва коҳиши талафот ҳангоми ҳамлу нақл аз бисёр ҷиҳат, аз сатҳи ҷалби маҷмуи хоҷагии оби ҷумҳурӣ дар муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла истифодаи механизми иқтисодии идораи истифодаи об вобаста аст, ки он аз маҷмуи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманди барои иҷрои обистифодабарии сарфакорона ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранокии истифодаи захираҳои об иборат мебошад.

Механизмҳои иқтисодии истифодабарии захираҳои об ҳамчун муҳимтарин низоми таркибии идоракунии давлатии фаъолияти хоҷагии об, бо назардошти талаботи экология бошад, ҳамчун қоидаи муҳимтарини консепсияи амалкард аз ҷиҳати экологӣ бехатари низоми обистифодабарӣ дар КАС (комплекси агросаноатӣ), ки ба экологикунонидани истифодабарии захираҳои обу замин ва ғайра нигаронда шудааст, инчунин, огоҳонидани ифлосшавии экосистемаҳои об, хок ва маҳсулоти кишоварзӣ баромад мекунад.

Моддаи 31 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити иқтисодиеро муайян кардааст, ки дар асоси он объектҳои об метавонанд барои истифода пешниҳод шаванд. Дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, обистифодабарии умумӣ дар ҷумҳурӣ ройгон аст. Дар айни ҳол шаклҳои махсуси обистифодабарӣ пулакӣ мебошанд. Масалан, то 01.01.2022с. тарифҳои хизматрасониҳои оби нӯшокӣ ва корезӣ дар КВД-и «Обу корези Душанбе» тибқи Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №52 аз 29.06.2016с. барои аҳолӣ ва корхонаҳои ҳисоби хоҷаги (НБ) аз 1 октябри соли 2016 ва барои ташкилотҳои буҷавӣ (БТ) аз 1 январи соли 2017 барои ба амал ҷорӣ намудан ба мизоҷон пешниҳод мегардид. Дар асоси фасли 8 боби 36 моддаи 264-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, фоизи андоз аз арзиши иловашуда аз 18% ба 15% иваз карда шуд. Бинобар ин, дар нархномаи хизматрасонии оби нӯшокӣ ва корезӣ тағйирот ворид гардида, аз санаи 01.01.2022с. дар Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе» мавриди амал қарор дода шуд. Дар маҷмуъ, дар асоси маълумоти дар боло ишорашуда, нархномаи хизматрасонии оби нушокӣ ва корезӣ дар

Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе» дар ҷадвали 1, ҷойгир карда шудааст.

Гузариш ба истифодабарии устувори об чунин идоракунии фаъолияти хоҷагии обро дар назар дорад, ки тибқи он ҳадафҳои сиёсати оби мамлакат дар раванди гузариши мазкур амалӣ кунонида мешаванд.

**Ҷадвали 1. Нархномаи хизматрасонии оби нӯшокӣ ва корезӣ дар Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе», ба санаи 01.01.2022с.**
**Table 1. Price list of drinking water and sewage services at the Dushanbe Water and Sewerage State Enterprise, as of 01.01.2022**

| Номгӯи обистифодабарандагон | Оби нӯшокӣ | Партовоб | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба 1м$^3$ бо ҳисоби сомонӣ | 1,78 | 0,81 | 2,59 |
| Ташкилотҳои тиҷоратӣ ба 1м$^3$ бо ҳисоби сомонӣ | 4,31 | 2,24 | 6,56 |
| Барои аҳолӣ ба 1м$^3$ бо ҳисоби сомонӣ (бе ҳисобкунаки обӣ аз рӯи меъёр) | 0,56 | 0,2 | 0,76 |
| Барои аҳолӣ ба 1м$^3$ бо зарби коэффитсенти (3) бо ҳисоби сомонӣ (бо ҳисобкунаки обӣ) | 1,69 | 0,59 | 2,28 |
| Барои хонаҳои аз 1-12 ошёна дар як моҳ бо ҳисоби сомонӣ барои як нафар аз рӯи меъёр | 6,08 | 2,12 | 8,20 |
| Барои хонаҳои аз 12 ошёна баланд дар як моҳ бо ҳисоби сомонӣ барои як нафар аз рӯи меъёр | 8,12 | 2,23 | 10,34 |
| Барои хобгоҳҳои умумӣ ва ба корезии шаҳр пайвастанд бо ҳисоби сомонӣ барои як нафар аз рӯи меъёр дар як моҳ | 5,07 | 1,76 | 6,83 |
| Барои хонаҳои маҳалие, ки ба корезии шаҳр пайвастанд бо ҳисоби сомонӣ барои як нафар аз рӯи меъёр дар як моҳ | 4,23 | 0,59 | 4,83 |
| Ҳисоби миёнаи истеъмол ва пардохти оби нӯшокӣ ва корезӣ барои як нафар дар як моҳ=2,4м$^3$ бо ҳисобкунаки обӣ васлшуда,(сомонӣ) | 4,06 | 1,4 | 5,46 |

Ҷадвал дар асоси маълумоти Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе» таҳия ва баҳисобгирӣ шудааст.

Ба андешаи мо, низоми идоракунии давлатии захираҳои обро дар ҳолати ҳалли вазифаҳои зерин метавон такмил дод:

- ташкили низоми идоракунии хоҷагии оби мамлакат аз рӯйи қоидаи ҳавзавӣ;
- мушахасгардонии объектҳои идоракунӣ, таҳияи сохтори мақомоти идоракунӣ ва муайянкунии вазифаҳои онҳо;
- муайянкунии мавқеи усулҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ дар низоми танзими фаъолияти хоҷагии об, бо назардошти тафриқаҳо дар низомҳои гуногуни хоҷагии об;
- таҳияи механизмҳои иқтисодӣ, маъмурӣ ва технологии иҷрои вазифаҳои дахлдори идоракунӣ;
- таҳияи модели низоми хоҷагии оби ҳавза (бассейн), ки идоракунӣ тавассути он метавонад рушди устувори низомро таъмин созад ва ғ.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки консепсияи нави идоракунии истифодаи об дар навбати аввал, такмили минбаъдаи механизми иқтисодии идоракунии истифодабарии об, сипас, муносибатҳои бамиёномада дар соҳаи истифодабарии об дар байни корхонаҳои шаклашон гуногуни моликият ва ташкилотҳои хоҷагии об, баҳисобгирии нисбатан пурраи махсусиятҳои рушди бахши об, мутобиқат ба талаботи имрӯзаи экологиро дар назар дорад.

Об дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаёти инсон истифода мешавад; ин равиши муттаҳидгардонида (ҳамгироӣ) идоракунии онро талаб мекунад. Принсипҳои идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об қисман дар замони ИҶШС низ мавриди истифода буданд. Дар шароити имрӯза, лоиҳаи идоракунии ҳамгироишудаи захираҳои оби водии Фарғона, дар ҳудуди тоҷикистонии он ҳам, дар қисмати шимоли мамлакат

мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳангоми гузариш ба идоракунии ҳавзавии захираҳои об, таҷрибаи истифодабарии идоракунии ҳамгироишудаи захираҳои об дар вилояти Суғд барои ба кор бурдани он дар минтақаҳои дигари мамлакат ҳам манфиатовар мебошад. Ширкати ҷомеа дар ҳолати идоракунии ҳавзавӣ тавассути Кумитаҳои ҳавзавӣ имконият медиҳад масъулияти истифодабарандагони обро дар истифодаи сарфакорона ва самараноки захираҳои об баланд бардошта, онҳо ба иҷрои чорабиниҳои ҳифзи захираҳои об ва замин низ ҷалб карда шаванд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва тағйирот дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо иттилооти саривақтӣ таъмин намудани ҷомеа омили муҳимми қабули қарорҳои дуруст ба ҳисоб меравад. Паҳннамоии иттилоот дар бораи фаъолияти хоҷагии об ва иттиҳодияҳои обистифодабарандагон тавассути воситаҳои ахбори омма (матбуот, радио ва телевизион), ташкили конфронсҳои матбуотӣ, мизҳои мудаввар ва вохӯриҳо ба роҳ монда мешаванд. Семинар ва тренингҳои дар мамлакат гузаронидашаванда, чорабиниҳо оид ба баландбардории донишҳои деҳқонон - обистифодабарандагон, кормандони муҳандисию техникии ташкилотҳои хоҷагии об дар ҷойҳо баргузоршаванда, ҳамчунин, барои шиносӣ ва истифодаи донишҳои замонавӣ нақши калон мебозанд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза ба ғайр аз сарфакории об, ки яке аз самтҳои муҳимтарин дар коҳиши об ва баландбардории коэффитсиенти амали фоидаовари низоми обёрӣ мебошад, алтернативаи дигар мавҷуд нест. Имрӯз коэффитсиенти амали фоидаовари низомҳои байнихоҷагии обёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз ҳолати техникии шабакаҳо ва иншоотҳо дар ҳудуди 0,5-0,7 мебошад. Агар коэффитсиенти амали фоидаовари шабакаҳои дохилихоҷагии ирригатсионӣ ва талафи об дар майдонҳои кишт ба ҳисоб гирифта шавад, он гоҳ самаранокии истифодаи об барои обёрӣ аз 35% зиёд нест [13].

Барои сарфаи захираҳои об, истифодаи обёрии қатравӣ ва технологияҳои дигари обсарфакунанда зарур аст. Дар чунин шароит аз рӯйи ҳисоби ташхисгарон барои ҷоринамоии низоми обёрии қатравӣ дар майдони 2 млн. гектар ба андозаи 8 млрд. доллари ИМА маблағгузории асосӣ зарур аст. Дар шароити имрӯза ин барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи бузурги гушношунид аст. Дар соҳаи мелиоратсия ва обёрӣ 6 лоиҳа ба маблағи умумии 156,483 млн. доллари ИМА мавриди иҷро аст, ки аз ҳисоби қарз ба маблағи 52,510 млн. доллари ИМА (33,5%), грантҳо-95,902 млн. доллари ИМА (61,3%) ва ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 8,071 млн. доллари ИМА (5,2%) мебошад [1].

Дар Тоҷикистон алҳол танҳо корҳои таҳқиқотӣ оид ба баҳогузории самаранокии технологияҳои обсарфакунанда гузаронида мешаванд. Имрӯз ҷумхурӣ ба сармоягузориҳо барои азнавсозии иншооти кӯҳнаи гидротехникӣ, пойгоҳҳои насосӣ ва ҷоринамоии технологияҳои обсарфакунандаи обёрии зироатҳои кишоварзӣ эҳтиёҷ дорад. Дар ин масъала роҳбарияти мамлакат ба кумаки институтҳои гуногуни байналхалқии молиявӣ, мамлакатҳои донор, ташкилотҳои байналмилалии давлатӣ ва ғайридавлатӣ умед мебандад. Дар баробари ин, такмили принсипҳои бозорӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат ба пайдоиши манфиатҳо барои истифодаи технологияҳои мазкур аз тарафи хоҷагиҳои обистифодабаранда мусоидат карда метавонад.

Бояд гуфт, ки мушкилоти омодакунии мутахассисони баландихтисос оид ба идоракунии захираҳои об, масъалаи стратегӣ ба ҳисоб меравад. То ба имрӯз низоми тайёркунии кадрҳо, бо назардошти шароити имрӯзаи бозорӣ, фаъолият намекунад. Аз як ҷиҳат, ин ба хароҷоти аз тарафи донишҷӯён гузаронидани таҷрибаи воқеии дарозмуҳлати истеҳсолӣ вобаста аст. Аммо барои идораи самараноки захираҳои об, танҳо донишҳои назариявӣ басанда нестанд. Аз ҳисоби ёрии техникии ташкилотҳои байналмилалӣ, шумораи маҳдуди мутахассисон дар мамлакатҳои дорои заминдории тараққикардаи обёришаванда тренингҳои кӯтоҳмуддати шиносӣ мегузаранд. Дар ин бобат Маркази Осиёимиёнагии тренинги МКВК, ки дар шаҳри Тошканд ҷой гирифтааст, ёрӣ мерасонад. Аммо мушоҳида мешавад, ки бе ташкили маркази худии омӯзишӣ ва ба таври мунтазам баланд бардоштани тахассуси кормандони хоҷагии об

барои Тоҷикистон сифати мутахассисонро аз ин зиёд баланд бардоштан имкон надорад.

Новобаста ба он, ки дар ҳудуди Тоҷикистон зиёда аз нисфи ҳамаи захираҳои оби минтақа ташаккул меёбад ва мамлакат яке аз кишварҳои ба захираҳои об таъмин дар ҷаҳон мебошад, масъалаҳои истифодаи сарфакоронаи захираҳои об ва ҳифзи онҳо аз ифлосшавӣ ба қатори мушкилоти муҳимтарини рушди миллии иқтисодиёт дохил мешаванд.

Бо дарназардошти ин, сиёсати оби мамлакат, ба андешаи мо, бо назардошти зарурати истифодаи сарфакорона, аз ҷиҳати иқтисодӣ мақсаднок ва аз ҷиҳати экологӣ устувори захираҳои оби мавҷуда бо нигаҳдории баробарвазнии экологӣ ва риояи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар масъалаи истифодабарии об, бояд тартиб дода шавад.

Тавозуни хоҷагии об, мавҷудияти захираҳои об ва имконияти истифодаи захираҳои мазкурро бо назардошти афзоиши таъсироти омилҳои дохилӣ ва берунӣ, неруи рушди соҳаҳои нисбатан обхарҷкунандаи иқтисодиёти мамлакат муайян мекунад ва ба нақша мегирад. Баланси об одатан аз ду қисм иборат аст:

1. Қисмати воридотӣ, ки дар он захираҳои обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминии захираҳои об нишон дода мешаванд;

2. Қисмати хароҷотӣ, ки дар он талаботи хоҷагии халқ ба захираҳои об муайян карда шудааст.

Аз ин рӯ, вазифаи беҳтарнамоии баланс ва ҳифзи хоҷагии об ҳам аз нуқтаи назари дурнамои рушди соҳаҳои обмасрафкунандаи иқтисодиёт, ҳам тибқи нақшаи бо об таъминкунии ҳудудҳо аҳамияти стратегӣ дорад. Бинобар ин, харобшавии сармояи табиӣ ва ифлосшавии экосистемаи об, ки мушоҳида мешавад, таҳлили нисбатан аниқи масъалаҳои алоқаманд бо нигоҳдории баланси обро, махсусан дар доираи гуногунрангӣ ва микёси омилҳое, ки ба дастрасии захираҳои об ҳам дар сатҳи давлат ва ҳам дар сатҳи инсони алоҳида таъсир мерасонанд, талаб мекунад.

Ба ақидаи аксари муҳаққиқони мавзуи мазкур, аз ҳамаи гуногунии усулҳои баландбардории истифодаи сарфакоронаи захираҳои об, ду тарзи асосии беҳтарнамоии баланси обро ҷудо кардан мумкин аст:

- ҷалби ҳаҷми иловагии об барои ҳудудҳои муайян, яъне, афзун намудани қисмати даромади баланс (сарчашмаҳои асосӣ- истифодаи нисбатан васеи обҳои зеризаминӣ, тозакунӣ ва партови ҳудуди қисмати маҷрои дарё);

- сарфакорӣ ва эҳтиёткорона истифода бурдани захираҳои об, ки ин иҷрои маҷмуи чорабиниҳои ҳамоҳангкунандаи қисмати хароҷоти балансро дар назар дорад [2,с.23].

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати обӣ, самтҳои асосии он ба коркард ва ҷорӣ намудани низоми идоракунии захираҳои обии ба шароити бозорӣ мутобиқ, таҳия ва иҷрои чорабиниҳое, ки барқароркунӣ ва нигоҳдории коршоямии низоми ирригатсиониро таъмин мекунанд, бояд нигаронида шуда бошанд, ки ҳамаи ин ба рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳалли самараноки мушкилоти обию экологӣ, такмили механизми иқтисодии истифодаи об, афзоиши алоқаҳои байналмилалӣ бо мақсади баландбардории самаранокии экологию иқтисодии истифодабарии идоракунии захираҳои об ва рушди ҷараёни сармоягузориҳо ва технологияҳои хориҷа дар сектори хоҷагии оби кишвар мусоидат хоҳанд кард.

Дар Тоҷикистон раванди ислоҳот дар низоми идоракунии кишоварзӣ ва обистифодабарӣ идома дорад. Механизмҳои бозорӣ дар заминдории обёришаванда такмил меёбанд ва ин имконият медиҳад, ки дарояндаи наздик самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ афзоиш ёбад, механизми самараноки иқтисодие ба вуҷуд оварда шавад, ки маблағгузории зарурии нигоҳдорӣ ва истифодаи низомҳои ирригатсионӣ ва заҳбурӣ (дренажӣ)-и мамлакатро таъмин созад.

**Муқарриз: н.и.и. дотсенти ДМТ – Тағоев Ҷ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**

1. Водные ресурсы - Министерство энергетики и водных ресурсов РТ. [Электронный ресурс]. URL: mewr.tj.

2. Интересная трактовка устойчивого развития представлена в книге И.П. Глазыриной «Природный энциклопедия по экономике. [Электронный ресурс]. URL: economy-ru.info.
3. Исайнова М.Ҳ. Иқтидорҳои обию энергетикии Осиёи Марказӣ: сармоягузорӣ, иқтисодиёт ва экология / М.Ҳ. Исайнова // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Масоили саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ» (25.02.2021). -Душанбе: ДМТ, 2021. –С.324-325.
4. Каландарзода Н.М. Водные ресурсы как фактор регионального развития / Каландарзода Н.М. // Экономика Таджикистана. -Душанбе, 2019. -№2. -С.41-46.
5. Каландарзода Н.М. Некоторые вопросы рационального использования водных ресурсов в Республике Таджикистан / Каландарзода Н.М. // Вестник ТНУ. -Душанбе, 2022. -№3. -С.94-99.
6. Каландарзода Н.М. Организационные вопросы управления водными ресурсами в странах бассейна Аральского моря / Каландарзода Н.М. // Вестник ТНУ. -Душанбе, 2016. -№2/4(204). -С.129-135.
7. Кимсанов У.О. Региональные аспекты обеспечения водно-энергетической безопасности (на материалах стран Центральной Азии): автореф. дисс. на соиск. уч. ст. канд. экон. наук / У.О. Кимсанов. -Душанбе, 2011. -25 с.
8. Кодиров А.С. Внедрение бассейнового принципа управления водными ресурсами на речных системах для рационального водопользования / А.С. Кодиров // Известия Вузов. – 2015. -№2. -С.27-31.
9. Мухаббатов Х.М. Водные ресурсы Таджикистана и проблемы водопользования в Центральной Азии / Х.М. Мухаббатов // Проблемы постсоветского пространства. - 2016. -№3(9). -С.29-45.
10. Норов Х.Г. Совершенствование механизма управления водопользованием в сельском хозяйстве (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дисс. на соиск. уч. ст. канд. экон. наук / Х.Г. Норов. -Душанбе, 2010. -С.7.
11. Одинаев Х.А. Проблемы совершенствования управления трансграничным водопользованием в условиях Центральной Азии / Х.А. Одинаев // Вестник ТНУ. -Душанбе, 2012. -№8(100). -С.3-10.
12. Одинаев Х.А. Развитие механизмов управления водопользованием в сельском хозяйстве / Х.А. Одинаев, Х.Г. Норов // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2010. -№6(60). -С.3-10.
13. Саиди Ёкубзод. Министр мелиорации и водных ресурсов Республики Таджикистан // Доклад Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: cawater-info.net

## АРЗЁБИИ ВАЗИФАҲОИ ИДОРАКУНИИ ОБИСТИФОДАБАРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола арзёбии вазифаҳои идоракунии обистифодабарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Инчуни, қайд мегарда, ки дар шароити имрӯза идоракунии обистифодабарӣ дар хоҷагии обии Ҷумҳурӣ, аз идоракунии иқтисодии объектҳои об ва ҳавзаҳои онҳо дар сатҳи минтақаҳо набояд ҷудо бошад. Муаллиф қайд менамояд, ки беҳтарсозӣ ва ҳифзи баланси хоҷагии об аз нуқтаи назари ҳам дурнамои рушди минбаъдаи соҳаҳои обистифодабарандаи иқтисодиёт ва ҳам аз рӯйи афзоиши обтаъминшавии ҳудудҳо аҳаммияти стратегӣ дорад. Асоси стратегияи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таъмини талаботи наслҳои имрӯза ва ояндаро бо қарорҳои ҳамоҳанги мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити мусоиди зист дар назар дорад, такя ба иқтисоди мустақил ва неруҳои ватании захиравӣ, истеҳсолӣ ва зеҳнӣ мебошад. Ҳамаи ин ба соҳаи хоҷагии об низ бевосита дахл дорад. Самаранокии идораи захираҳои об, самаранокии фаъолияти низоми хоҷагии обро дар назар дорад. Бо афзоиши теъдоди истеъмолгарон ва мутаносибан камшавии меъёри истеъмол, раванди идоракунии захираҳои об, истифодаи равишҳо ва технологияҳои нисбатан самаранокро тақозо дорад. Идоракунии захираҳои об махсусиятҳои фарққунандаи худро дорад, ки аз хусусияти об ҳамчун захираи беҳамто вобаста аст. Дар раванди идораи истифодаи захираҳои об ҳамчун объекти идора, фаъолияти хоҷагии об ҳамчун шакли махсуси муносибатҳои истеҳсолӣ баромад мекунад, ки омӯзиш, истифода, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ, тағйирёбии мақсаднок ва баргардондани захираҳои об ва объектҳои об ба манфиатҳои одамон ва маҷмуи истеҳсолию хоҷагиро дар бар мегирад.

**Калидвожаҳо:** захираҳои обӣ, вазифаҳои идоракунии захираҳои обӣ, хоҷагии об, истифодабарандагони об, обистифодабарӣ, рушди устувор, самаранокӣ.

## ОЦЕНКА ВОДОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ЗАДАЧ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье оцениваются задачи водного хозяйства в Республике Таджикистан. Также отмечается, что в современных условиях управление водопользованием в водном хозяйстве республики не должно быть отделено от хозяйственного управления водными объектами и их бассейнами на региональном уровне. Автор отмечает, что улучшение и защита баланса водного хозяйства имеет стратегическое значение с точки зрения как перспективного развития водопользовательных отраслей хозяйства, так и повышения водообеспеченности территорий. Основой стратегии устойчивого развития Республики Таджикистан, которая предполагает обеспечение потребностей сегодняшних и будущих поколений совместными решениями социально-экономических проблем и благоприятной окружающей среды, является опора на независимую экономику и отечественную резервную, производственную и интеллектуальную энергию. Все это также напрямую относится к водохранилищам. Эффективность управления водными ресурсами предполагает эффективность работы системы водохранилищ. С увеличением числа потребителей необходимо соответственно, снижение потребления, улучшить процесс управления водными ресурсами, использование более эффективных подходов и технологий. Управление водными ресурсами имеет свои отличительные особенности, которые зависят от характера воды как оптимального ресурса. В процессе управления использованием водных ресурсов, как

объекта управления, деятельность водного хозяйства выступает как особая форма производственных отношений, включающая изучение, использование, защиту, воспроизводство, целенаправленное изменение и возврат водных ресурсов и водных объектов на благо людей и производственного и хозяйственного комплекса.

**Ключевые слова:** водные ресурсы, задачи управления водными ресурсами, водное хозяйство, водопользователи, водопользование, устойчивое развитие, эффективность.

**ASSESSMENT OF WATER MANAGEMENT TASKS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article assesses the tasks of water management in the Republic of Tajikistan seen. It is also noted that in modern conditions, water management in the water sector of the republic should not be separated from the economic management of water bodies and their basins at the regional level. The author notes that improving and protecting the balance of the water sector is of strategic importance in terms of both the long-term development of water-using sectors of the economy and increasing the water supply of territories. The basis of the sustainable development strategy of the Republic of Tajikistan, which involves meeting the needs of today's and future generations with joint solutions to socio-economic problems and a favorable environment, is reliance on an independent economy and domestic reserve, industrial and intellectual energy. All this is also directly related to the reservoir. Efficiency in water resource management presupposes the efficiency of the reservoir system. With an increase in the number of consumers and, accordingly, a decrease in consumption, the process of managing water resources, the use of more efficient approaches and technologies. Water resources management has its own distinctive features, which depend on the nature of water as an optimal resource. In the process of managing the use of water resources as an object of management, the activity of the water economy acts as a special form of production relations, including the study, use, protection, reproduction, purposeful change and return of water resources and water bodies for the benefit of people and the production and economic complex.

**Keywords:** water resources, water resources management tasks, water management, water users, water use, sustainable development, efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қаландарзода Насибуллои Маҳмадсаид*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисод ва идораи комплеки агросаноатӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907-08-33-80**. Email: **nkalandarzoda@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Каландарзода Насибуллои Махмадсаид*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры агропромышленного комплекса. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, приспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-08-33-80**. Email: **nkalandarzoda@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kalandarzoda Nasibulloi Mahmadsaid*** - Tajik National University, assistant of the department of agro-industrial complex. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907-08-33-80**. Email: **nkalandarzoda@mail.ru**

**ТДУ: 338.46**

# ОМӮЗИШИ ОМИЛҲО ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ ДАР БОЗОРҲОИ ИСТЕЪМОЛИИ МИНТАҚАВӢ

*Ҳоҷибоева М.А.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Таҳлил қисми ҷудонопазири раванди идоракунии низомҳои иқтисодӣ мебошад, ки вазъиятро муайян намуда, барои баланд бардоштани захираҳои коркардшавандаи низоми истеҳсолӣ истифода бурда мешавад. Бозори истеъмолии минтақавӣ низ ба ҳамин раванд тобеъ аст. Чунон ки олими тоҷик Х.Н. Факеров қайд менамояд, таҳлил аз тадқиқи марҳилавии моҳияти бозори минтақавӣ аз нуқтаи назари макро ва микромуҳит, шаклҳои пешравии он бо мурури замон ва сохтори пешниҳод аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватанӣ иборат мебошад. Он инчунин, омӯзиши мавқеъҳои рақобатпазир ва тахассусии маҳсулоти бозори минтақавиро бо мақсади пешгӯӣ ва банақшагирии самтҳои рушди бозор ҳам дар давраи дарозмуддат ва ҳам дар давраи кӯтоҳмуддат дар бар мегирад [15].

Таҳлил мақсаднок будани рушди бозор, имконияти татбиқи стратегияи рушдро бо назардошти тағйирёбии шароити муҳити беруна ва дохилӣ ошкор мекунад.

Раванди таҳлили вазъи бозори истеъмолии минтақавӣ раванди бисёрҷанба буда, вобаста ба ин муносибати мунтазам ва маҷмӯиро тақозо мекунад, ки методологияи гузаронидани таҳқиқоти таҳлилиро мураккаб мегардонад. Бояд қайд намуд, ки стандартҳои ба таври умум қабулгардидаи методологияи баҳодиҳии бозори истеъмолӣ бо дарназардошти ченакҳои минтақавӣ, махсусан дар заминаи минтақавӣ, арзи вуҷуд надоранд.

Коршиносон қайд мекунанд, ки арзёбии ҳамаҷонибаи бозори истеъмолии минтақавӣ бояд дар асоси чунин принсипҳо ва равишҳо, аз қабили равиши динамикӣ, таҳлили системавӣ, баҳисобгирии пешрафти илмию техникӣ, баҳисобгирии дигаргуниҳои сохторӣ, хусусиятҳои минтақавӣ, ки умуман ба рушди бозори истеъмолӣ таъсир мерасонанд, амалӣ карда шавад [10].

Ҳамаи ин барои муайянсозии дараҷаи нобаробарӣ ва истифодаи номутаносиби захираҳо барои рушди бозори мазкур ва таҳияи лоиҳаҳои дахлдори рушди он дар оянда заруранд.

Яке аз равишҳои дар боло зикршуда - равиши методологиро оиди татбиқи таҳлили ҳамаҷонибаи бозори истеъмолии минтақавӣ Новоселов А.С. [11] пешниҳод намудааст.

Ин равиш аз мушаххас кардани сохтор ва мазмуни бозори истеъмолӣ бармеояд. Дар ин ҳолат, усул ба блокҳои тадқиқотӣ тақсим карда мешавад:

а) муҳити рақобат;

б) ташхиси рушди иқтисодӣ;

в) таҳлили муносибатҳои бозори истеъмолии минтақавӣ ҳамчун қисми таркибии системаи иқтисодии минтақавӣ;

г) инфрасохтори бозор;

д) усул ва шаклҳои танзими давлатии бозори истеъмолии минтақавӣ;

е) муносибати бозори истеъмолӣ дар сатҳи байниминтақавӣ ва байнидавлатӣ.

Блоки якум воситаҳоеро дарбар мегирад, ки ба туфайли онҳо баҳодиҳии ҳолат ва рушди бозори истеъмолӣ ба амал бароварда мешавад. Мақсади асосии истифодаи методологияи омӯзиши ҳамаҷонибаи бозори истеъмолӣ муайян кардани вазъи бозор аст, ки дар он талабот ва пешниҳод аз рӯи ҳаҷми умумии мутаносибӣ ва номутаносибӣ дар гурӯҳҳои молҳо мавҷуд аст. Дар вақти тартиб додани барнома имкониятҳои истифоданашуда бояд ба назар гирифта шаванд.

Дар робита ба ин, методологияи баҳодиҳии омилҳои мухталифе, ки ба вазъи бозори истеъмолӣ таъсир мерасонанд, махсусан индекси нархҳои истеъмолӣ, ҷолиб арзёбӣ мегардад. Дар доираи методология модели иқтисодии таварруми сохторӣ сохта

шуда, коэффитсиентҳои муодилаҳои ба он дахлдор ва хусусиятҳои расмиёти ададии ба даст овардани онҳо баҳогузорӣ мегарданд.

Таъсири миқдории ҳаҷми пул, нархи фурӯш бо динамикаи таваррум муайян карда мешавад [13].

Усули дигар бо арзёбии интегралии вазъи бозори истеъмолии минтақавӣ асос ёфтааст, ки имкон медиҳад "бо назардошти ҳамаҷониба дар нишондиҳандаи интегралӣ" ҷанбаҳои муҳимтарини ташаккули он: таъсири ҳолати ғайримувозинати бозор, пешомадҳои эҳтимолии афзоиш, афзалиятҳои муқоисавӣ дар истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулот муайян карда шаванд[4].

Бояд қайд кард, ки ҳарду усул бо таъсири муҳити макро ба фаъолияти бозори истеъмолӣ алоқаманд мебошанд.

Блоки дуюм татбиқи ташхиси рушди иқтисодӣ дар баробари таҳлили инфрасохтори бозори истеъмолии минтақаро дар бар мегирад.

Мақсади функсионалии ҷузъҳои инфрасохтор ва ҳамгироии онҳо бо комплексҳои ягона, инчунин, муайян кардани системаи нишондиҳандаҳо ва пеш аз ҳама нишондиҳандаи маҷмӯии рушди унсурҳои инфрасохтори бозор ва таҳлили муқоисавии суръати рушди онро дар бар мегирад.

Барои татбиқи баҳодиҳии маҷмӯии бозор, махсусан бозори истеъмолии минтақа, нишондодҳои зиёде мавҷуданд. Дар байни онҳо, мо метавонем баъзе нишондиҳандаҳоро интихоб карда, онҳоро бо роҳи мазкур гурӯҳбандӣ намоем:

I. Нишондиҳандаҳои таносуб:

а) таносуби ҳиссаи маҳсулоти воридотӣ ва ватанӣ дар таркиби захираҳои бозорӣ;

в) таносуби меъёри талаботи физиологӣ ва ҳаҷми воқеии истеъмоли озуқаворӣ;

с) таносуби стандартҳои хизматрасонӣ бо ҳаҷми онҳо;

д) таносуби стандартҳо ва мавҷудияти маҳсулот барои истифодаи дарозмуддат.

II. Ҳисоб карда баромадан ба ҳар як сари аҳолӣ:

а) ҳаҷми фурӯш, миқдори мол;

в) ҳаҷми хизматрасонӣ;

с) ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии минтақа.

III. Мутаносибӣ:

а) маводи ғайриозуқаворӣ ва истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ;

в) пешниҳоди молу хизматрасониҳои дорои хусусияти истеъмолӣ ва қобилияти пардохтпазирии шаҳрвандон;

с) истеҳсол ва истеъмоли молҳои маишӣ ва хизматрасонӣ;

д) ҳаҷми захираҳои молӣ ва ҳаҷми муомилоти моли чакана;

е) ҳаҷми хизматрасонӣ ва молҳои истеъмолшуда.

Ҳангоми гузаронидани ташхис методологияи баҳодиҳии ҳамаҷонибаи вазъи бозори истеъмолӣ дар минтақа бо пайдарҳамии муайян ҷорӣ карда шудааст. Бо истифода аз ин равиш метавон дар бораи вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди бозори минтақавии истеъмоли мол ва хизматгузорӣ таасуроти умумӣ ба даст овард. Дар ин замина самтҳои рушди ояндаи бозори истеъмолии минтақа бо назардошти вазъи иқтисодӣ ва хусусиятҳои минтақавӣ ташаккул меёбанд. Натиҷаҳои чунин таҳлилро барои қабули қарорҳои асоснок дар танзим, ташкил, идоракунӣ ва пешбурди бозори минтақавии истеъмолӣ истифода бурдан мумкин аст. Тарҳҳои ояндаи таҳлили иқтисодӣ ва ташхисӣ аз ин натиҷаҳо вобастагӣ доранд.

Ҳангоми истифодабарии таҳлили омилҳо ва моделсозии афзоиши нархҳо дар бозори истеъмолии минтақавӣ механизми пастшавии нархҳоро дар шароити заифгардии омилҳои хароҷот ва динамикаи ночизи қурби асъор муайян кардан мумкин аст.

Инчунин, усули таҳлили омилҳо имкон медиҳад, ки мавқеи талабот бо пешрафти назарраси он, таҳлили масъалаҳои ба даст овардани нархҳои қобили қабули молҳои истеъмолӣ/хизматрасонӣ пешниҳод карда шавад.

Ғайр аз ин, афзалияти ин равиш имконияти омӯхтани механизми сохтории амортизатсияро дар бар мегирад.

Камбудии истифодаи ин усул баҳодиҳии вазъи бозори истеъмолӣ аз нуқтаи назари равиши макроиқтисодӣ мебошад, ки ба мантиқи таҳлили бозори дохилӣ ва танзими зиддитаваррумии он мувофиқат мекунад.

Техникаи дар боло зикршуда бо моделе асос ёфтааст, ки дар шакли системаи муодилаҳои регрессияи хаттӣ сохта шуда, дорои муносибати баръакс намебошанд. Ин модел аз чор таносуб иборат аст: таносуби якум барои нишон додани сатҳи истеҳлокшавӣ пешниҳод ва ҷамъбаст карда мешавад. Боқимондаи муносибатҳо унсурҳои якумро ҳамчун тағирёбандаҳои модели сохташуда дар бар мегиранд.

Дар мавриди бозорҳои молиявии минтақавӣ бошад, онҳоро метавон бо истифода аз чунин нишондиҳандаҳо, аз қабили маржаи фоида, ҳаҷми фурӯш ва динамикаи нархҳои истеъмолӣ дар давоми як сол таҳлил кард, ки ин имкон медиҳад «динамикаи сатҳи нархҳо бо назардошти дефлятори маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (ММД) ислоҳ карда шавад. Барои муайян кардани тамоюлҳои рушди бозор, тадқиқот пешниҳод карда мешавад, ки дар фосилаи на камтар аз 5 сол ва марҳила ба марҳила гузаронида мешавад [5].

Ҳамин тавр, бо ёрии усули пешниҳодшудаи Т.В. Карлин, метавон маҳруки афзоиши бозори истеъмолии минтақаро бо назардошти афзоиш ё кам шудани талабот/таъминот ва бо ёрии ташхиси иқтисодии вазъи бозори истеъмолии минтақавӣ арзёбӣ кард.

Аммо олимони ватанӣ пешниҳод мекунанд, ки барои рушди бозори истеъмолии минтақавӣ «...омили муҳиме, ки ба вазъ ва рушди савдои дохилӣ таъсир мерасонад, сиёсати давлатӣ оид ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ мебошад» [6].

Бо назардошти фикру мулоҳизаҳои муаллифони боло мо метавонем дараҷаи дахолати давлатро ба рушди бозори истеъмолии минтақа муайян намуда, воситаҳои таъсирбахши таъсиррасониро ба вазъи мувозинати талабот ва пешниҳод муайян намоем.

Бо назардошти «тағйирёбандаи ченакҳои мувозинати бозор ва вазъи бозори истеъмолӣ роҳҳои таъсиррасонии давлат а ин раванд имконпазиранд [9].

Ҳангоми таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии рушди бозори истеъмолӣ дар минтақа намудҳои зерини бозорҳо муайян карда шуданд:

а) бозорҳои афзоянда – ин бозорҳое мебошанд, ки барои истеҳсолкунандагон нисбатан ҷолиб рушд меёбанд ва дар он пешниҳод афзуда,ба афзоиши талабот ба таври кофӣ устувор ҷавобгӯ мебошад, ки боиси афзоиши ҳаҷми фурӯш бо нархҳои доимӣ ё пастшавии нисбии нархҳо мегардад;

б) бозорҳое, ки дахолати давлатро талаб мекунад - инҳо бозорҳое мебошанд, ки бо талаботи рӯзафзуни худ барои истеҳсолкунандагон ҷолиб мебошанд, ки дар он боо баъзе сабабҳо пешниҳод ба афзоиши талабот чандир ҷавоб намедиҳад (барои тавсеаи пешниҳод ва афзоиши рақобат дахолати ҳукумат зарур аст);

в) бозорҳои ихтисоршаванда - бозорҳое мебошанд, ки бо тақозои амалан бетағйир, коҳиши пешниҳод, коҳиши ҳаҷми фурӯш дар пасманзари нисбӣ ва баланд шудани нарх ба мушоҳида мерасанд (ҳавасмандгардонии давлатии соҳаи дахлдор зарур аст);

г) таназзули намудҳои бозорҳое, ки танзими давлатии равандҳоро талаб намекунанд - инҳо бозорҳое мебошанд, ки дар онҳо пешниҳод дар баробари коҳиши талаботи бозор коҳиш меёбад: истеҳсолкунандагон қодиранд бе талафоти назаррас иқтидори истеҳсолиро ба таври кофӣ кам кунанд ё ба самти дигар тағйир диҳанд;

д) камшавии намудҳои бозорҳое, ки танзими махсуси давлатии равандҳои бозорро талаб мекунанд - инҳо бозорҳое мебошанд, ки таъминот бо ягон сабаб барои вокуниш ба коҳиши талабот ба қадри кофӣ чандир нест ва ин намуди бозорҳо ба таҳқиқи минбаъда ниёз доранд [1].

Баҳодиҳии дурусти бозори истеъмолӣ имкон медиҳад, ки тадбирҳое муайян карда шаванд, ки ҷолибияти бозорҳоро барои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон зиёд намуда, рушди онҳоро пешгӯӣ намуда, натиҷаҳои дар таҳияи барномаҳои рушди минтақаҳо бадастомадаро истифода баранд.

Омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди бозорҳои истеъмолии минтақавӣ имкон дод, ки методологияи гурӯҳбандии онҳо дар ҳудуди минтақа пешниҳод карда шавад.

Тасниф аз рӯи натиҷаҳо таҳлил гузаронида мешавад, ки имкон медиҳад хусусиятҳои ташаккули бозорҳои истеъмолии минтақавӣ ва ченакҳои онҳо, ба низом даровардани мушкилоти ба вуҷудомада дар бозорҳои истеъмолии минтақавии вилояти Суғд баррасӣ карда шаванд.

Қадами аввал ин таснифоти бозорҳои минтақавии истеъмолӣ оиди тараққиёти иҷтимоию иқтисодии субъектҳои шаҳру ноҳияҳо тавассути таҳлили кластерӣ дар бастаи SPSS Statistica 22.0* бо усули гурӯҳбандии иерархӣ мебошад. Кластербандии иерархӣ ҳамчун усули босубот имкон медиҳад, ки сохтори фарқияти байни объектҳо муфассал омӯхта шавад ва шумораи мувофиқи кластерҳо интихоб карда шавад.

Гурӯҳҳои объектҳое, ки дар натиҷаи таҳлили кластерӣ дар асоси ченаки додашудаи шабоҳати байни объектҳо муайян карда мешаванд, кластерҳо мебошанд. Объекти гурӯҳбандӣ 14 воҳиди маъмурӣ- минтақавӣ, ки вилояти Суғдро намояндагӣ мекунанд, мебошанд. Дар марҳалаи дуюм гурӯҳбандии бозорҳои истеъмолии минтақавӣ бо назардошти хусусиятҳои шароити маҳаллӣ дар асоси таҳлили кластерӣ, ки дар бастаи SPSS Statistica 22.0 анҷом дода мешавад, бо усули гурӯҳбандии иерархӣ амалӣ карда мешавад.

Натиҷаҳои таҳлили бозорҳои истеъмолии минтақавӣ имкон медиҳанд, ки мавқеи субъектҳои минтақавиро дар иқтисодиёти минтақавӣ бо назардошти хусусиятҳо ва омилҳои ба равандҳои бозор таъсиркунанда вобаста ба нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва шароити маҳал муайян намоем

Дар марҳилаи сеюм шаҳру ноҳияҳо ва дигар субъектҳои минтақавӣ вобаста ба навъи истеҳсолашон аз рӯи як ё якчанд соҳаҳо тасниф карда мешаванд, ки ин омили рушди бозори истеъмолӣ ба шумор меравад.

Дар ин марҳила муайян кардани коэффитсиенти махсусгардонӣ, ки ҳамчун таносуби ҳиссаи саноат дар сохтори соҳавии минтақаи таҳқиқшуда ва муқоисаи он бо коэффитсиенти миёнаи иқтисодиёти вилоят ба шумор, аҳамияти калон дорад.

Қадами чорум ҳисоб карда баромадани нишондиҳандаҳои рейтингии бозорҳои истеъмолии минтақавӣ мебошад,ки онҳо барои гурӯҳбандии субъектҳои минтақавӣ истифода мешаванд.

Рейтинг ба имкон медиҳад, ки хусусиятҳо ва мушкилоти бозорҳои истеъмолии минтақаро муфассал шарҳ дода, инчунин асимметрияҳоро дар рушди субъектҳои ҳудудӣ муайян созем.

Дар марҳилаи ниҳоӣ дар асоси истифодаи равиши проблемавӣ тавсияҳо таҳия карда мешаванд, ки ба такмили усулҳои танзими бозорҳои истеъмолии минтақавӣ ва безарар гардонидани тамоюлҳои манфии рушди онҳо нигаронида шудаанд.

Таъсири шароитҳое, ки гуногунҷанба мебошанд, аз хусусияти тақсимоти фазоии истеҳсолот, сатҳи даромади аҳолии маҳаллӣ, хусусияти истеҳсолоти минтақавӣ, ба дараҷаи рушди инфрасохтори бозорӣ дар шароити минтақавӣ вобастагӣ доранд, афзалияти истеъмолкунандагони мол ва хизматрасонӣ, динамикаи раванди ташаккул ва афзоиши бозори истеъмолии минтақавиро пешакӣ муайян мекунанд. Дар асоси ин мулоҳизаҳо шартҳоеро, ки ба афзоиши бозори истеъмолӣ дар сатҳи минтақа таъсир мерасонанд, бояд муайян намуд ва алоқаи сабабҳои ташаккули чунин таъсиррасонӣ, хусусиятҳо ва доираи таъсири онҳо бояд ба эътибор гирифта шаванд.

Данилченко В.А., чунин мешуморад, ки «омилҳои бартаридошта дар рушди бозори истеъмолии минтақавӣ инҳоянд: дигаргуниҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва ҷуғрофӣ дар сохтори аҳолӣ; тағйир додани афзалиятҳои истеъмолкунандагон; характери

* SPSS Statistics (ихтисораи англисӣ. «Омор баста барои ба иҷтимоӣ Илмҳо" - "маҷмуи оморӣ барои илмҳои иҷтимоӣ") як барномаи компютерӣ барои коркарди маълумоти оморӣ, яке аз пешвоёни бозор дар соҳаи маҳсулоти омори тиҷоратӣ барои таҳқиқоти амалӣ дар илмҳои иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст.

таносуби нархҳои гурӯҳҳои гуногуни молҳои истеъмолии мардум, ки дар бозорҳои дохилӣ ва берун аз минтақа ба фурӯш бароварда мешаванд» [16].

Т.В. Ускова муайян мекунад, ки «рушди бозори истеъмолӣ зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоию демографӣ ва технологӣ ба амал меояд» [14].

А. Новоселов дар пажӯҳиши худ бахшида ба баррасии масоилҳои назариявӣ ва амалии бозори истеъмолии минтақавӣ, омили асосии ба ташаккули бозори истеъмолии минтақавӣ таъсиркунанда – мукаммалгардонии комплекси соҳаҳои асосӣ, сохтори иқтисодиёти минтақа, давомнокии фондҳои ташкилшуда, хусусиятҳои тамоюлҳои инвеститсионӣ, равандҳои иҷтимоӣ, муҳоҷират ва демография, такмили муҳандисии минтақаҳои иқтисодиро пешниҳод намудааст [12].

Ба ақидаи ӯ, хусусиятҳои минтақавии бозори истеъмоли молу хизматрасонӣ аз навъи минтақа сарчашма мегирад. Ҳар як намуди минтақа бояд ба маҷмуи шартҳое мувофиқат кунад, ки хусусиятҳои минтақавии ин бозорро пешакӣ муайян мекунанд.

Муаллифи дигари рус Е.Б. Дворядкина шароиту омилҳои фаъолият ва афзоиши бозори минтақавии истеъмоли молу хизматгузориҳоро дар шакли шароиту омилҳое, ки пешниҳоди молу хизматрасониҳоро ташкил медиҳанд ва шароиту омилҳоеро, ки талаботро ба онҳо ташаккул медиҳанд, гурӯҳбандӣ намудааст [7].

Ба гурӯҳи дуюм шароиту омилҳое, ки талаботро ташкил медиҳанд, қисман шароити табиию иқлимӣ ва пурра омилу шароитҳои иҷтимоию демографӣ ва иҷтимоию иқтисодиро дар бар мегиранд, дохил мешавад.

Ба андешаи мо, бозори истеъмолӣ дар сатҳи минтақавӣ низ дар зери таъсири конвенсияҳои хусусияти ҳудудидошта ташаккул меёбад, ки дараҷаи урбанизатсияи минтақа, сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақа ва хусусиятҳои саноатӣ ва истеҳсолоти минтақавиро инъикос мекунад. Ин конвенсияҳо ба ҳар як омил дар алоҳидагӣ таъсир мерасонанд ва таъсири муайянкунанда надоранд. Таъсири онҳо дар маҷмуъ ба амал омада, ҳамчун нишондиҳандаи асосии бозори истеъмолии минтақавӣ баромад мекунад, гарчанде ки он барои ташхиси иқтисодии шароити бозор маҳдудкунанда ҳисобида намешавад.

Ҳамин тариқ, равишҳо ва усулҳои баррасишуда барои баҳодиҳии ҳолат ва рушди бозори истеъмолии минтақавӣ имкони омӯзиши ҳамаҷонибаи онро дар оянда фароҳам меоранд. Ин усулҳо дар маҷмуъ барои иҷрои вазифаҳои муайян истифода мешаванд. Онҳо аз заминаи додаҳои сабтшуда ва дастрас асос ёфтаанд. Инчунин, таҳлили ҳаматарафа имкон медиҳад, ки омилҳои ба ташаккули бозори истеъмолии минтақавӣ таъсиркунанда муайян карда шавад, ки яке аз онҳо тақсимоти меҳнат ва махсусгардонии истеҳсолот мебошад. Маҳз ҳамин омил баррасии муфассалро тақозо мекунад, ки мавзӯи бахши навбатии таҳқиқоти мо мегардад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсент ДИС ДДТТ – Ниёзов Ҷ.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Аминов И. Таъсири гуногунии минтақавӣ ба рушди соҳибкории молӣ ва тиҷоратӣ / И. Аминов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ. -Душанбе: Сино, 2012. -№2/6(95). -С.34-38.
2. Белявский, И.К. Региональный анализ динамического развития потребительского рынка: (темпы, тенденции и структурные сдвиги). [Текст] / И.К. Белявский // Вопросы статистики. – 2006. -№1. -С.23.
3. Бернвальд, А.Р. Региональные проблемы товарного обращения (в районах Сибири и Дальнего Востока) / А.Р. Бернвальд. -Новосибирск: Сиб.ГУ, 1984. -С.24.
4. Бородин, К.Г. Продовольственный рынок: методика интегральной оценки / К.Г. Бородин, С.А. Неганов, А.П. Берестов // Экономика региона. – 2010. -№1. -С.122.
5. Гаврилов, А.И. Механизм регулирования торгово-закупочной деятельности в регионе. Монография / А.И. Гаврилов, А.В. Кликушин. -Н. Новгород: Пламя, 2013. - С. 15.
6. Данильченко, В.А. Факторы развития регионального потребительского рынка / В.А. Данильченко // Региональная экономика; теория и практика. - 2013. -№16. -С. 39.
7. Дворядкина, Е.Б. Факторы спроса на локальном потребительском рынке товаров и услуг / Е.Б. Дворядкина // Известия УрГЭУ. - 2014. -№4. -С.43.
8. Карлина, Т.В. Исследование региональных товарных рынков в целях экономической политики региона / Т.В. Карлина // Актуальные вопросы экономических наук. Сборник материалов IV Всероссийской научно-

практической конференции. В 3 частях. (Часть 1); под общ. ред. С.С. Чернова. -Новосибирск: ЦРНС – Издательство СИБПРИНТ, 2009. – С. 54.
9. Карлина, Т.В. Исследование региональных товарных рынков в целях экономической политики региона / Т.В. Карлина // Актуальные вопросы экономических наук. Сборник материалов IV Всероссийской научно-практической конференции. В 3 частях. (Часть 1); под общ. ред. С.С. Чернова. -Новосибирск: ЦРНС – Издательство СИБПРИНТ, 2009. - С. 56.
10. Новиков, С.О. Потребительский рынок России: Стратегия и тактика маркетинга для завоевания рынка / С.О. Новиков // Рекламный мир. – 1997. - №2. -С. 75.
11. Новоселов, А.С. Региональные рынки /А.С. Новоселов. -М.: Инфра-М, 1999. – С. 124.
12. Новоселов, А.С. Региональный потребительский рынок. Проблемы теории и практики / А.С. Новоселов; отв. ред. В.В. Кулешов. – Новосибирск: Сибирское соглашение, 2002. – С. 68.
13. Першина, А.С. Инфраструктура потребительского рынка: теоретическое обоснование развития / А.С. Першина // Поволжский торгово-экономический журнал. - 2012. -№1. -С.31.
14. Потапова, Е.В. Многоуровневый подход к инновационному развитию регионального потребительского рынка. [Текст] / Е.В. Потапова // Вестник Самарского муниципального института управления. - 2011. -№2. -С.45.
15. Факеров Х.Н. Бозори истеъмолӣ: ҳолат ва дурнамо. Монография / Х.Н. Факеров. –Душанбе, 2019. -С.87.
16. Ҳабибов С.Х. Бозори молҳои истеъмолии Тоҷикистон: арзёбии вазъият, мушкилоти фаъолият ва рушд / С.Х. Хабибов, М.Д. Ҷамшедов, С.С. Ҳабибова. -Белгород, 2013. -№4. -С.227-240.

## ОМӮЗИШИ ОМИЛҲО ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ ДАР БОЗОРҲОИ МИНТАҚАВИИ ИСТЕЪМОЛӢ

Дар мақола асосҳои назариявӣ ва методологии фаъолияти бозорҳои истеъмолии минтақавӣ баррасӣ гардида, методологияи таҳлили ҳолати онҳо бо мақсади муайян ва ба низом даровардани мушкилоти вазъи бозор пешниҳод гардида, хусусиятҳои усулҳои танзими давлатии фаъолияти истеъмолкунандагони бозор муқоиса карда мешаванд. Дар асоси усули проблемавӣ механизми танзими бозори истеъмолии минтақавии вилояти Суғд пешниҳод шудааст. Ҳудуди вилояти Суғд ба 18 субъекти минтақа тақсим мешавад, ки аз рӯи мавқеи ҷуғрофӣ, релеф ва хусусиятҳои иқлимии худ фарқ мекунанд. Ҳар як бозори субъектҳои вилояти Суғд то андозае дар ин ҷо қарор дорад. Дар мақола ҷудошавии нисбии ин бозорҳо ошкор гардида, зарурати омӯзиши онҳо, инчунин арзёбии мушаххаси иқтисодии вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ – барандагони асосии талабот ва шароити маҳаллӣ, ки ба фаъолияти бозорҳои минтақавии истеъмолӣ таъсир мерасонанд, асоснок карда шудааст. Дар натиҷа, таҳлили тамоюл ва хусусиятҳои рушди бозорҳои маҳаллӣ ошкор карда шуда, мушкилот муайян карда шуда ва барои бартараф намудани онҳо тадбирҳо андешида шуданд. Муаллиф қайд менамояд, ки таҳлили ҳаматарафа имкон медиҳад, ки омилҳои ба ташаккули бозори истеъмолии минтақавӣ таъсиркунанда муайян карда шавад, ки яке аз онҳо тақсимоти меҳнат ва махсусгардонии истеҳсолот мебошад. Маҳз ҳамин омил баррасии муфассалро тақозо мекунад.

**Калидвожаҳо:** бозори минтақавӣ, бозори молҳои истеъмолӣ, механизми танзими бозори истеъмолӣ, нақши давлат, муносибати мушкилот.

## ИЗУЧЕНИЕ ФАКТОРОВ И АНАЛИЗ СИТУАЦИИ НА РЕГИОНАЛЬНОМ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОМ РЫНКЕ

В статье исследованы теоретические и методологические основы функционирования территориальных потребительских рынков, предложена методика проведения анализа их состояния с целью выявления и систематизации проблем возникновения рыночной ситуации, сравниваются особенности методов государственного регулирования потребительского рынка. На основе проблемно-ориентированного метода предложен механизм регулирования территориального потребительского рынка Согдийской области. Территория Согдийской области разделена на 18 субъектов региона, отличающиеся своим географическим расположением, рельефом местности и климатическими особенностями. Каждый рынок субъектов Согдийской области в какой-то мере является обособленным. В статье выявлена относительная обособленность этих рынков и обоснована необходимость их исследования, а также дана специфическая экономическая оценка социально-экономического положения населения-главных носителей спроса и местных условий, влияющих на функционирование территориальных потребительских рынков. В результате анализа выявлены тенденции и особенности развития местных рынков, определены проблемы и разработаны меры по их устранению. Автор отмечает, что комплексный анализ позволяет определить факторы, влияющие на формирование территориального потребительского рынка, одним из которых являются разделение труда и специализация производства. Именно этот фактор требует детального рассмотрения.

**Ключевые слова:** территориальный рынок, рынок потребительских товаров, механизм регулирования потребительского рынка, роль государства, проблемно-ориентированный подход.

## STUDY OF FACTORS AND ANALYSIS OF THE SITUATION IN THE REGIONAL CONSUMER MARKET

The paper studies the theoretical and methodological foundations of the functioning of regional consumer markets, the technique of analysis of their status in order to identify and systematize the problems of occurrence of the market situation, especially compared methods of state regulation of the consumer market. On the basis of the problem-

oriented method proposed mechanism of regulation of territorial consumer market of Sughd region. The territory of Sughd region is divided into 18 subjects of the region, characterized by its geographical location, terrain and climatic conditions. Each market actors in the Sughd region to some extent is separate. The article revealed the relative isolation of those markets and the necessity of their study, and given the specific economic assessment of the socio-economic status of the population, the main carrier of demand and local conditions affecting the functioning of the regional consumer markets. As a result of the analysis of the tendencies and characteristics of local markets to identify problems and develop measures to address them. The author notes that a comprehensive analysis makes it possible to determine the factors influencing the formation of a territorial consumer market, one of which is the division of labor and the specialization of production. It is this factor that requires detailed consideration.

**Keywords:** territorial market, consumer goods market, consumer market regulation mechanism, role of the state, problem-oriented approach.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳоҷибоева Муқаддас Абдуганиевна*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи менеҷмент. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1

**Сведения об автора:** ***Ходжибаева Мукаддас Абдуганиевна*** – Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат экономических наук, старший преподователь. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, Согдийская область, город Худжанд, 17 микрорайон, дом 1

**Information about the author:*****Hodzhibaeva Mukaddas Abduganievna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Sughd region, Khujand city, 17 microdistrict, building 1

УДК 338.246

# ECONOMIC NATURE AND THE CONTENT OF SMALL BUSINESS IN MARKET CONDITIONS

***Kodirova M.D.***
**Russian-Tajik (slavonic) University**

The transition of the Tajik economy to the market type of management has actualized the problem of developing entrepreneurship, which has its own special reasons. The experience of several years of reforms, on the one hand, the dissemination of ideas that generalize the developed forms of market economy, on the other hand, lead to the understanding that the main factor in the sustainable development of a market economy, its high ability to change, is not so much the market as entrepreneurship as entrepreneurship as a necessary component. Such a judgment has become widespread, although there are great attempts to determine the special meaning and maintenance of entrepreneurship and its influence on the national economy.

The modern transition economy with undeveloped entrepreneurship has some advantage in the possibilities of studying entrepreneurship, since the emphasis is on the problems of its occurrence and development. It is characterized by a large number of various entities of entrepreneurship: small, medium and large firms, business partnerships, joint -stock companies, state -owned enterprises, etc. At the same time, the connection of entrepreneurial activity with the uncertainty of the result, with the risk of its obvious property. It has long been known and was noted back in past centuries. However, today this property is regarded by the instability and transition of the economy as the main distinguishing feature. Therefore, the entrepreneur is defined as a person who takes on the risk of decisions adopted on his personal initiative. In addition, profit remains here as a motive for behavior, although entrepreneurial activity is immersed in a wider environment than the one that was previously associated with the receipt of surplus value.

Бинобар ҳамин масъалаи таълим, тарбия, илм, таҳсилот, донишазхудкунӣ, саводноккунии мардум ва м.и. ки дар маҷмуъ соҳаи мафҳуми маорифро ифода менамоянд, аз давраҳои қадим то имрӯз дар маркази омӯзиши олимону мутафакирон қарор дошт ва дорад. Масалан, ҳуқуқ ба таҳсил объекти таҳқиқоти соҳаҳои гуногуни илм буда, аз ҷумла дар соҳаи фалсафа, ҳуқуқшиносӣ, педагогика, ҷомеашиносӣ ва иқтисодиёт таҳқиқ мешавад. Файласуфони юнонӣ Пифагор (асри V то мелод), Гераклит (охири асри VI-аввали асри V то милод), Демокрит (асрҳои V-VI то милод), Пратогор (481-411 то милод), Суқрот (469-399 то милод), Афлотун (427-347 то милод), Эпикур (341-270 то милод) ва ҳуқуқшиносони римӣ Ситсерон, Улпиан, Гай Юлий Сезар, Юстиниан дар ташаккули фаҳмиш ва дарки ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсил нақши муҳимро гузоштаанд, чунки онҳо дар олам инсонро ҳамчун офаранда ва унсури пешбарандаи ҷамъият шинохта, ҷанбаҳои муҳимми ҳуқуқ ба таҳсилро аз қабили субъекти ҳуқуқ, мақоми ҳуқуқии шахсон ва озодии табии онҳо дар интихоби озодонаи шакли таҳсил ва ғайраро коркард намудаанд, ки афкори сиёсию ҳуқуқии онҳо гувоҳи ин гуфтаҳо мебошад [20,с.124]. Аммо бояд гуфт, ки ба таври васеъ истифода бурдани истилоҳи таҳсил дар асри XVII оғоз гардид. То ин замон олимон ба ҷои истилоҳи таҳсил калимаи таълим ва тарбияи ноболиғон ва наврасон ва ҳамчунин андӯхтани илму донишро истифода мебурданд. Танҳо дар асри XVII истилоҳи таҳсил дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот – таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи умумӣ, олӣ ва баъд аз он истифода бурда мешуд, ки маҳаки он таълиму тарбия ва инкишофи донишу малакаро дар бар мегирад. То замони нав ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун падидаи мустақилии ҳуқуқӣ, ки яке аз ҳуқуқҳои субъективии инсон ба ҳисоб меравад, истифода бурда намешуд ва танҳо ҳамчун предмети омӯзиш дар доираи илми педагогика мавриди пажуҳиш ва омӯзиш қарор мегирифт [19,с.109].

Дар давраи Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ низ паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкур мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Масалан, Г.А. Дорохова, Г.С. Сапаргалиев ва Б. Баянов андешаҳои худро оид ба муносибатҳои таҳсилотӣ иброз намудаанд. Чунончӣ, ба андешаи Г. А. Дорохова “ҳуқуқ ба таҳсил ва ё муносибатҳои таҳсилотӣ ин амали педагогӣ буда, аз худкунии дониш, андешаҳо ва рафтори ахлоқиро ифода менамояд”. Ҳамзамон Ӯ таъкид менамояд, ки ҳамаи муносибатҳои педагогӣ муносибатҳои таҳсилотӣ буда наметавонад [2,с.157].

Муҳаққиқони дигар Г.С. Сапаргалиев ва Е.Б. Баянов қайд менамоянд, ки муносибатҳои таҳсилотӣ моҳиятан хусусияти гражданиву ҳуқуқӣ, маъмуриву ҳуқуқӣ ва давлативу ҳуқуқӣ доранд, зеро ба андешаи ин донишмандон “чунин шароит, бешак ба хусусияти меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба таҳсилот ва таъсири муттақобилаи он ба меъёрҳои дигар соҳаҳои қонунгузорӣ таъсир мегузорад” [18,с.187]. Аз ин ҷиҳат, ба назари ин муҳаққиқон “ҳарчанд муносибат дар соҳаи маорифро асосан қонунгузории соҳаи маориф танзим намояд ҳам, ҳамчунин барои танзими ҳамаҷонибаи он меъёрҳои як қатор соҳаҳои дигари ҳуқуқӣ-давлатӣ, гражданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра зарур мебошад[18,с.187]”.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки мафҳуми таҳсилот, таълим, ҳуқуқ ба таҳсил, муносибатҳои таҳсилотӣ, ки дар маҷмуъ соҳаи маорифро дар бар мегиранд, аз нигоҳи қонунгузорӣ низ таҳлил намудан мувофиқи мақсад мебошад. Шакли меъёрии ҳуқуқӣ гирифтан ва ба расмият даровардани ҳуқуқ ба таҳсил ва кафолати амалисозии он аввали маротиба дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст [1]. Соли 1919 Конститутсияи Веймар уҳдадории давлатро дар бораи таъмин намудани ҳуқуқ ба таҳсил муқаррар намуда, ҳуқуқ ба таҳсили ҳатмии ройгонро кафолат дод [7].

Соли 1848 конститутсияи Германия дар моддаи 157-ум таҳсили ибтидоии ройгонро кафолат дода буд. Аввалин маротиба истилоҳи «ҳуқуқи инсон ба таҳсил» дар соли 1917 дар Конститутсияи Мексика мустаҳкам гардонида шуда, мавқеи конститутсиониро гирифт [16,с.972]. Дар Россия ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар сатҳи конститутсионӣ дар моддаи 117-уми Конститутсияи соли 1918 ҶШФСР мустаҳкам

гардонида шуд. Ҳуқуқи инсон ба таҳсил бо нишон додани уҳдадории давлат барои таъмини он бори аввал дар моддаи 121 Конститутсияи ИҶШС дар соли 1936 муқаррар гардида буд. Дар асоси Конститутсияи соли 1936-уми ИҶШС, соли 1937 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон қабул карда шуд ва аввалин маротиба боби алоҳида ба ҳуқуқҳо ва вазифаҳои асосии гражданинҳо бахшида шуд. Дар боби 9-и Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки гражданинҳои РСС Тоҷикистон ба таҳсили илм ҳуқуқ доранд. Ин ҳуқуқ ба воситаи таълими умумии ибтидоии ҳатмӣ, бепул будани таҳсили ҳафтсола, бо системаи стипндияиҳои давлатӣ барои беҳтарин талабагони мактаби олӣ, ба воситаи таълим додан дар мактабҳо ба забони модарӣ, ташкил додани таълими бепули истеҳсолӣ, техникӣ ва агрономӣ барои меҳнаткашон дар заводҳо, совхозҳо, стансияҳои машина-тaракторӣ ва колхозҳо, таъмин карда мешавад [5,м 8].

Бинобар сабабе, ки соли 1977 Конститутсияи ИҶШС қабул карда шуд, ҶШС Тоҷикистон маҷбур шуд, ки дар асоси он соли 1978 аз нав конститусияи худро қабул намояд. Дар Конститутсияи соли 1978 ҶШС Тоҷикистон боби 6-ум ба ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии гражданинҳои РСС Тоҷикистон бахшида шуд ва дар моддаи 43-и он омадааст, ки гражданинҳои РСС Тоҷикистон ҳуқуқи таҳсил доранд [6,м 43]. Бояд қайд кард, ки муққарароти моддаи 43-и Конститутсияи соли 1978-и ҶШС Тоҷикистон нисбат ба муққарарори моддаи 108-и Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон, ки соли 1937 қабул гардида буд, васеътар мебошад, зеро дар моддаи 43 дар баробари таҳсили рӯзона, ҳамчунин таҳсили ғоибона ва шабона низ пешбинӣ шуда, бо роҳи муҳайё кардани шароит барои худомӯзӣ таъмин карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар давоми солҳои охир кафолатҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар бисёре аз конститутсияҳои давлатҳои алоҳида, санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқ ба таҳсил ва ҳамчунин дар қонунгузории алоҳидаи давлатҳо, ки хусусияти ғайри конститутсиониро доранд, мустаҳкам гардонида шудааст. Масалан, ҳуқуқ ба таҳсили озодона дар констиутсияи бештар аз 52 давлати ҷаҳон муқаррар шуда, кафолат дода шудааст [19,с.115].

Дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳо дар соҳаи маориф ва таҳсилот куллан дигаргун шуда, аз рӯзҳои аввал таваҷҷуҳи ҳукумат ва сарвари давлати тоҷикон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушду пешрафти соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва муҳайё намудани шароити хуб равона гардидааст, ки пешравиҳо ва дастовардҳо дар ин самт ошкоро ба тамоми мардуми шарафмандони тоҷикон рӯшан аст. Масалан, дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст, ки дар 31 соли Истиқлоли давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Ҳол он ки дар 70 соли замони гузашта ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд [15]. Ҳамзамон Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба маҷлиси Олии кишвар соли 2022, таъкид намуданд, ки дар сӣ соли охир шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хонандагони онҳо беш аз ду баробар, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 1,6 баробар ва донишҷӯёни ин зинаҳои таҳсилот сеюним баробар, мактабҳои олӣ чор баробар ва донишҷӯён зиёда аз се баробар афзудааст, ки ин аз рушди босуръати соҳаи маориф дар давраи соҳибистиқлолии кишвар шаҳодат медиҳад.

Дигар аз масъалаҳои муҳим барои рушди соҳаи маорифи ин маблағзуорӣ ба ҳисоб меравад, зеро пешрафти соҳаи маорифро бе маблағгузории густурда таъмин кардан имконнопазир мебошад. Бо ин мақсад давлат ҳар сол маблағгузориро афзоиш дода, ислоҳоти соҳаро роҳандозӣ намуд ва ин раванд имкон дод ба соҳаи маориф баробари маблағҳои Буҷети давлатӣ аз дигар манбаъҳо сармоя равона шавад. Маблағгузории соҳаи маориф аз ҳисоби Буҷети давлатӣ соли 1991-ум 1,19 млрд. рубли русиро ташкил медод, ки ба 8,9%-и ММД ва 23,6%-и хароҷоти Буҷети давлатӣ баробар буд. Ҳарчанд соли 2000 хароҷоти соҳа аз Буҷети давлатӣ нисбат ба соли 1992-юм 2,7%, нисбат ба соли 1991-ум 7,7%, нисбат ба ММД 4,7% кам гашта бошад ҳам, аз соли 2001 ин нишондод

боло рафт. Соли 2001 ба соҳа 60,9 млн. сомонӣ ё дар муқоиса бо соли 2000-ум 46,4% зиёд маблағ равона гардид. Соли 2011-ум ин нишондиҳанда баробар ба 1363,9 млн. сомонӣ ё нисбат ба соли 2000-ум 33 маротиба ва соли 2005 5,3 маротиба зиёд мебошад. Соли 2017 аз Буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 3581017 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид [13]. Дар соли 2023 бошад, ҳаҷми умумии хароҷоти беҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ба 7 210 355 млр. ҳазор сомонӣ расонида шуд [12], ки аз таваҷҷуҳи давлат, ҳукумат ва сарвари давлати тоҷикон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад. Ин тафовут аз як тараф, ба зиёдшавии аҳолӣ вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба боло рафтани талабот ба таҳсилот алоқаманд мебошад. Бояд қайд кард, ки Истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлатӣ худ барои миллати тоҷик ин яке аз дастовардҳои бузург ба ҳисоб меравад, зеро бо эълони истиқлолият, чуноне Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад, «Орзуи ба даст овардани мустақилияти миллӣ амалӣ гашт. Ва дар асл чунин осон ба даст омадани озодӣ ва истиқлолро касе ҳам тасаввур надошт. Ин истиқлолият ҳадяи бебаҳои таърих буда, устувору пойдор нигоҳ дошта тавонистани он масъулияти таърихии наслҳои имрӯза мебошад» [25,с.104]. Вобаста ба соҳибихтиёрии давлатӣ Шарифзода С.Ш. қайд менамояд, ки соҳибихтиёрии давлатӣ дар шароити имрӯза аҳамияти муҳим дошта, хусусиятҳои ба худ хосро дорад [24,с.218-224].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар ҳанӯз 22 декабри соли 2005 барҳақ қайд намуда буданд, ки: «Аз муҳайё намудани заминаҳои ҳуқуқӣ сар карда, то маблағгузорӣ ва истифодаи воситаҳои самараноки баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ҳифзи саломатии кӯдакону наврасон, шароити зист ва таълиму тарбияи кӯдакони ятиму бепарастор таҳти назорату ғамхории доимии Президент ва Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад».

Аз рӯзе, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибихтиёр гардид, зарурияти Конститутсияи нави ҷумҳурӣ ва қонунӣ гардонидани дастовардҳои истиқлолият ба миён омад. Зеро, қонунҳои дигари мамлакат бояд дар асоси он омода ва қабул карда мешуданд. Новобаста аз ҳолати ба вуқуъомадаи ҷанги шаҳрвандӣ давлат ва ҳукумати Тоҷикистон тавонист санаи 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул намояд. Дар ин қонуни асосии кишвар мафҳум ва фаҳмиши истиллоҳи соҳибихтиёрӣ дар дебоча, моддҳои 1, 6,7,10,11, 43, 46, 100 ва дигар банду қисмҳои моддаҳои дахлдори Конститутсияи ҶТ зикр шудааст [23,с.37]. Ҳамзамон дар моддаи 41-и Конститутсия мазкур ҳуқуқ ба таҳсил пешбинӣ гардидааст, ки ин яке аз масъалаҳои бисёр муҳим мебошад, зеро аз як тараф ин ҳуқуқи инсон бошад, аз тарафи дигар уҳдадорӣ низ мебошад, чунки тибқи Конститутсияи ҶТ таълими умумии асосӣ ҳатмӣ мебошад.

Ҳамзамон, давлат таълими миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва мувофиқи қобилият дар асоси озмун таълими миёнаи махсус ва олии бепулро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат додааст. Дар асоси ин меъёри конститутсионӣ давлат ва ҳукумати ҶТ як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигарро дар соҳаи маориф қабул намуд, ки дар онҳо мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқ ба таҳсил пешбинӣ гардидааст. Чунончи, солҳои 1993 ва 2004 (дар таҳрири нав) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қабул гардид ва бо тақозои замон ба он 11 маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуд [13]. Қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» гузариши соҳаи маорифи кишварро ба низоми ягонаи воҳид ва мустақил таъмин намуд. Дар таҳрири нав қабул гаштани қонуни нави маориф (соли 2004) онро ба шароити Тоҷикистони навин мутобиқ намуда, ба ислоҳоти сифатан нави идоравӣ ва ташкилии соҳа роҳ кушод. Ба ғайр аз ин, бо мақсади ворид шудани кишвар ба низоми нави таҳсилот, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ду маротиба (солҳои 2010 ва 2011) тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуд. Инчунин, бо дигаргун гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва мутобиқ намудани низоми таҳсилоти кишвар ба стандартҳои байналмилалии таҳсилот соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар таҳрири нав иборат аз 8-боб ва 69 модда таҳия ва

аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Номгӯйи асосии санадҳое, ки заминаи ҳуқуқии соҳаи маорифро ташкил менамоянд, инҳоянд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Дар бораи адабиёти таълимӣ», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, санадҳои дуҷониба ва ё бисёрҷонибаи ҳамкорӣ ва ғайра. Инчунин, санадҳои зерқонунӣ, ки қабулашон дар қонунҳои амалкунанда муқаррар шудааст.

Амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (оид ба тасдиқи консепсияҳо, барномаҳо, стандартҳои таҳсилот ва ғайра), қарору фармонҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату мақомоти ҷумҳуриявӣ, ки дар тобеият муассисаҳои таълимӣ доранд, санадҳои меъёриву ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, санадҳои мақомоти маҳаллии идораи маориф, муассисаҳои таълимӣ (оинномаи муассиса, барнома, нақшаҳо ва ғайра). Дар таҳия ва қабули ин санадҳо принсипҳои соҳаи афзалиятноки сиёсати давлатӣ будани маориф, дастраси умум будани таҳсилот, таъмини ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба таҳсилот, муттасил будани таҳсилот ва ҷанбаи илмӣ, дунявӣ, башардӯстона доштани он, соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти муассисаҳои таълимӣ ба эътибор гирифта шудаанд. Масалан, тибқи қонунгузории соҳаи маориф «Таҳсилот ин раванди муттасили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст» [8,м.1] фаҳмида мешавад.

Яке аз чунин санадҳои муҳим ин Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад, ки дар он бунёди низоми самараноки маориф, имконияти фарогир ва баробарро барои инкишофи қобилият, рушди зеҳнӣ, таъмини шуғл ва беҳтар намудани некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, мақсади асосиислоҳот ба вуҷуд овардани низоми таҳсилоти босифат ва дастрас барои ҳамаи шаҳрвандон дар тӯли ҳаёт аст, то ки иқтисодиёти кишвар бо кормандони босалоҳияти мутобиқ ба инфрасохтор ва технологияҳои муосиру инноватсионӣ асосёфта таъмин гардад [4,с.1]. Низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз нигоҳи иқтисодӣ устувор бошад ва ба стандартҳои низоми таҳсилоти пешрафтаи ҷаҳонӣ ва низоми байналмилалии арзёбии сифат мувофиқат кунад. Барои ҳимояи манфиатҳо ва таъмини нуфузи кишвар соҳаи маориф бояд ҳифз ва рушди хусусиятҳои хоси фарҳангӣ, ҳифозати ҳувияти миллӣ ва гуногуншаклии онро таъмин намояд. Ҳамаи ин барои ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим аст.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи мазкур олимону муҳаққиқони зиёди ватанӣ низ фикру андешаҳои худро иброз намудаанд. Масалан, Н.И. Муминзода дар мавзуи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар робита ба таҳсилоти олии касбӣ мақолаҳои алоҳида ва ҳамчунин тахти унвони «Танзими ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи қонунгузории ҶТ» рисолаи номзадӣ ҳимоя кардааст, ки масоили назариявӣ ва таърихии ҳуқуқ ба таҳсилро мавриди баррасӣ қарор надодааст [11]. Ф.С. Мирзозода дар силсиламақолот ва ҳамчунин дар рисолаи номзадии худ зери унвони «Танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ: таҳқиқи умуминазариявӣ» масъалаҳои назариявии мафҳумҳои танзими ҳуқуқӣ ва ҳуқуқ ба таҳсил, роҳҳо ва усулҳои қонунии амалӣ кардани он, низом ва намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти ҶТ ва монанди инҳоро баррасӣ ва пажуҳиш намудааст [10]. Файзализода Б.Ф. дар рисолаи номзадии худ, ки маҳз ба ҳамин масъала, яъне “Ҳуқуқ ба таҳсил дар Чумҳурии Тоҷикистон: пажуҳиши ҳуқуқии

таърихӣ ва назариявӣ” бахшида шудааст, фикру андешаҳои худро оид ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкур иброз намудааст [19].

Чанде дигар аз ҳуқуқшиносон дар мақолаҳои алоҳида ба таври фишурда ба масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил пардохтаанд, ки инҳо Ҳ.Ш. Имомов, Ҷ.У. Ҳомидов [21,с.272-276], Ш.Ш. Мизробов [10,с.117-123] мебошанд. Шарифзода С.Ш. дар яке аз мақолаҳои худ менависад, ки бо назардошти, тағйиёбии сатҳи рушди ҷомеа ва шароити иҷтимоӣ, беш аз пеш талабот ба сифати таълим, алалхусус қобилияти эҷодӣ ва пешгӯии шахс дар якҷоягӣ бо ҷузъӣ ахлоқӣ гузошта мешаванд ва дар оянда консепсияи “Сифати таҳсилот” метавонад пайваста тағйир ёбад [22,с.18]. Чунон ки дида мешавад, коркард ва ҳалли ҳамаҷониба ва бонизоми соҳаи маориф, ки яке масъалаҳои муҳим буда, аҳаммияти назариявӣ ва амалиявӣ дорад. Чунончи олимону муҳаққиқон аз давраҳои қадим ин масъаларо таҳлил намуда, баъдар дар санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ мустаҳкам карда шуданд.

Бо назардошти андешаҳои зикршуда ва мазмуну моҳияти қонунҳои амалкунанда бояд қайд кард, ҳар як Паёми Президенти ҶТ, ки аз соли 2001 ба Маҷлиси Олии кишвар ироа карда мешавад ба рушди минбаи соҳаи маориф аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Тавре, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, қайд мекунад, ки «…дар ин раванд як нуктаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд…» [14].

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд, ки онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд. Сатҳу сифати таҳсилот дар кишвар сол аз сол рӯ ба тараққӣ ниҳода мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни кишварҳои ҷаҳон зина ба зина боло рафта истодааст. Сифати таҳсилот дар мамлакат аз руи стандартҳои ҷаҳонӣ ба роҳ монда шуда, аз рӯи он баҳо дода мешавад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 40 донишгоҳҳу донишкада фаъолият намуда барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ саҳми арзандаи худро мегузоранд. Аз ҷумлаи донишгоҳҳои номбаршуда Донишгоҳи миллии Тоҷикистон яке аз донишогоҳҳои бонуфузтарини мамлакат ба ҳисоб рафта, аз рӯи 125 ихтисос кадрҳоро омода менамояд.

**Муқарриз: Азиззода У. – д.и.иҳ., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Декларация прав человека и гражданина, принятая национальным собранием 26 августа 1789 г. [Электронный ресурс]. URL: https://www.vostlit.info/Texts/Dokumenty/France/XVIII/17801800/Dokumenty_fr_rev_1789/text.htm (дата обращения: 18.11.2022).
2. Дорохова Г.А. Законодательство о народном образовании (теоретические проблемы совершенствования) / Отв. ред. И.Л.Бачило. -М.: Наука, 1985. - 157 с.
3. Имомов, Ҳ.Ш. Роҷеъ ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ / Ҳ.Ш. Имомов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – Vol. 15. – № 3. – С. 94-101.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 дар бораи “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”. – Душанбе, С.1.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон. – 1.03.1937. – моддаи 108.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон. – 14.04.1978. – моддаи 43.
7. Конституция Германского рейха, 11 августа 1919 г. [Электронный ресурс]. URL: https: // www. 1000 dokumente. De / index.html = dokument_de&document = 0002_wrv&object = translation&l = ru (дата обращения: 18.11.2022).
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф». - (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, № 7, мод.532; соли 2014, №3, мод.156; №7 қ.2, мод. 422; соли 2016, №3, мод.148; №7, мод. 624; соли 2017, №7-9, мод.581; соли 2018, №5, мод.278; соли 2020, №12, мод. 912; соли 2021, №12, қ.2, мод.706; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2022, №1905). – м.1.

9. Мизробов, Ш.Ш. Ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил / Ш.Ш. Мизробов, Ф.А. Бобохонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2017. – № 4 (8). – С. 117-123.
10. Мирзозода Ф.С. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои таҳсилотӣ: таҳқиқи умуминазариявӣ: Дисс. ном. Илми ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 184 с.;
11. Муминзода Н.И. Танзими ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи қонунгузории ҶТ: дисс. ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020.
12. Нашрияи Садои мардум. – Душанбе, 12 декабри соли 2022. - №152 (4572).
13. Оқилзода Н. - Санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва рушди соҳаи маориф. – Садои мардум. - №74 (3868) 14.06.2018.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурӣ аз 24 апрели соли 2010.
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурӣ аз 23декабри соли 2022.
16. Право на образование // Юридическая энциклопедия / Под. ред. Тихомирова М.Ю. - 5-е изд., перераб. и доп. – М.: Изд. Тихомирова, 2014. – 972 с.
17. Раҳмонов Э. Низоми соҳаи маориф асоси рушди ҷомеа / Эмомалӣ Раҳмонов // Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006. – С. 3-35.
18. Сапаргалиев Г.С., Баянов Е.Б. Правовые основы развития народного образования. Алма-Ата: Наука, 1983. - 187 с.
19. Файзализода Б.Ф. - Ҳуқуқ ба таҳсил дар ҷумҳурии тоҷикистон: пажуҳиши ҳуқуқии таърихӣ ва назариявӣ: дис... ном илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2023. – С.109.
20. Холиқзода А.Ғ. ва диг. Таърихи ҳуқуқи инсон дар саволу ҷавоб. Воситаи таълимӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 124 с.
21. Хомидов, Дж.У. Изучение теоретических аспектов права на образование как научно-исследовательская задача / Дж.У. Хомидов // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. -№10-1. -С. 272-276.
22. Шарифзода С.Ш. – Сифати таҳсилот: мафҳум, моҳият ва роҳҳои баланд бардоштани он. – маводи семинари илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Сифати таҳсилот: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он” бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе 19.05.2021. – С.18.
23. Шарифзода С.Ш. Инкишофи мафҳуми «соҳибихтиёрии давлат» тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-таърихӣ ҳуқуқӣ. - Маҷаллаи илмӣ - иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ». - Апрел – июни 2022, № 2 (38). – С.37.
24. Шарифзода С.Ш. Теоретико-методологические подходы к государственному суверенитету // Вестник Таджикского национального университета серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. - №2. – С.218.
25. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе, 2009. - С.104.

## РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ТАҲКИМИ СОҲИБИХТИЁРИИ ДАВЛАТИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲҚИҚОТИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

Дар мақолаи мазкур ташаккул ва рудши соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мариди таҳқиқоти таърихӣ ва назариявӣ-хуқуқӣ қарор гирифтааст. Соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, барои амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудааст, ки фаъолияти онро ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил равона мекунад. Давлат бо мақсади рушди соҳаи маориф ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро таъмин менамояд. Ҳамзамон сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар асоси дурнамо, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, таҳлил ва омӯзиши андешаҳо оид ба масъалаи мафҳум, моҳият, хусусиятҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, дастовардҳо дар солҳои истиқлолияти давлатӣ ва дар маҷмӯъ рушди низоми маориф муҳим ва зарурӣ мебошад. Муаллиф дар мақолаи мазкур фикру андешаҳои олимону муҳаққиқонро оид ба масъалаи мазкур аз нигоҳи таърихӣ ва замони муосир таҳлилу омӯзиш намуда, андешаҳои худро иброз намудааст.

**Калидвожаҳо:** маориф, таълим, таҳсилот, мафҳуми таҳсилот, ҳуқуқ ба таҳсил, муносибатҳои таҳсилотӣ, андешаҳо, рушди соҳаи маориф, соҳибихтиёрӣ, соҳибихтиёрии давлатӣ, дастовардҳо дар соҳаи маориф, қонунгузории соҳаи маориф.

## РАЗВИТИЕ СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ КАК ОСНОВА УКРЕПЛЕНИЕ СУВЕРЕНИТЕТА ГОСУДАРСТВА ТАДЖИКИСТАН: ПРАВОВОЕ И ТЕОРЕТИКИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ

В данной статье становление и развитие сферы образования в независимом Таджикистане является объектом исторического и теоретико-правового исследования. Сфера образования рассматривается как приоритетное направление социальной политики Республики Таджикистан, и для реализации государственной политики в сфере образования создана система образования Республики Таджикистан, которая направлена на обеспечение право граждан на образование. В целях развития сферы образования государство обеспечивает координацию деятельности министерств и ведомств, местных исполнительных органов государственной власти, органов самоуправления городов и сел, физических и юридических лиц. При этом государственная политика в сфере образования реализуется на основе перспективы, концепции, стратегии и государственных

программ развития сферы образования в соответствии с законодательством Республики Таджикистан. Поэтому важно и необходимо анализировать и изучать мнения по вопросу о понятии, сущности, характеристике, нормативно-правовых актах в сфере образования, достижениях за годы государственной независимости и общего развития системы образования. В данной статье автор проанализировал и изучил мнения ученых и исследователей по данному вопросу с исторической и современной точки зрения и высказал свое мнение.
**Ключевые слова:** образование, обучение, понятие образование, право на образование, образовательные отношоние, мысли, развитие образования, суверенитет, государственные суверенитета, достижение в сфере образование, законодательство в сфере образования.

## DEVELOPMENT OF THE SPHERE OF EDUCATION AS A BASIS FOR STRENGTHENING THE SOVEREIGNTY OF THE STATE OF TAJIKISTAN: LEGAL AND THEORETICAL STUDIES

In this article, the formation and development of the education sector in independent Tajikistan is the object of historical and theoretical and legal research. The sphere of education is considered as a priority direction of the social policy of the Republic of Tajikistan, and in order to implement the state policy in the field of education, an education system of the Republic of Tajikistan has been created, which is aimed at ensuring the right of citizens to education. In order to develop the education sector, the state ensures the coordination of the activities of ministries and departments, local executive bodies of state power, self-government bodies of cities and villages, individuals and legal entities. At the same time, the state policy in the field of education is implemented on the basis of the perspective, concept, strategy and state programs for the development of the field of education in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan. Therefore, it is important and necessary to analyze and study opinions on the issue of the concept, essence, characteristics, legal acts in the field of education, achievements over the years of state independence and the overall development of the education system. In this article, the author analyzed and studied the opinions of scientists and researchers on this issue from a historical and modern point of view and expressed his opinion.
**Keywords:** education, training, the concept of education, the right to education, educational relations, thoughts, development of education, sovereignty, state sovereignty, achievement in the field of education, legislation in the field of education.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарифзода Саъдӣ Шариф*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Sadi_m_90@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-99-59-09**
***Куканов Айниддин Зайниддинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 985674477**

**Сведения об авторах:** ***Шарифзода Саъди Шариф*** - Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Sadi_m_90@mail.ru**. Телефон**: (+992) 918-99-59-09**
***Кунанов Айниддин Зайниддинович*** - Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 985674477**

**Information about the authors:** ***Sharifzoda Sadi Sharif*** - Tajik National University, Ph.D. in Law, Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Sadi_m_90@mail.ru**. Phone: **(+992) 918-99-59-09**
***Kukanov Ayniddin Zayniddinovich*** - Tajik National University, Ph.D. in Law, Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 985674477**

ТДУ: 167.314

# ХАРИДИ САРВАТҲОИ ФАРҲАНГИИ БЕНИЗОМ НИГОҲБОНИШАВАНДА ҲАМЧУН АСОСИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

*Шамсиддин Ш.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳуқуқи моликият ба сифати яке аз ҳуқуқҳои асосии субъективии гражданӣ баромад намуда, баҳри қонеъ намудани манфиатҳои рӯзмарраи тамоми субъектони ҳуқуқи гражданӣ равона карда шудааст [23,с.144]. Он на танҳо аз ҷиҳати мазмун васеътарин, балки устувортарин ҳуқуқи ашёӣ мебошад, ки шарти асосӣ ва натиҷаи муътадили муомилоти молумулкиро ташкил медиҳад [21,с.530].

Дахлнопазирии ҳуқуқи моликият маънои онро дорад, ки ҳуқуқи моликият ба як ё якчанд ашё ҳама вақт ба як шахс – шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ тааллуқ дорад. Гардиши ашёҳо дар муомилоти гражданӣ маънои иваз шудани моликони онро дорад [25,с.256]. Аз тарафи дигар, ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ё маҳдуд намояд. Давлат молу мулки шаҳрвандонро ҳатто барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пурраaш гирифта метавонад [24,с.3]. Ҳамин тавр, сарватҳои фарҳангие, ки дар моликияти хусусии шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ қарор доранд, барои манфиатҳои ҷамъиятӣ ва наслҳои оянда, ҳангоми нигоҳбонии бенизоми онҳо аз ҷониби молик бо пардохти арзишии пурраш аз ҷониби давлат харидорӣ мегардад.

Ҳолати мазкур бевосита аз муқаррароти м. 264 КГ ҶТ бармеояд, ки мутобиқи он агар молик сарватҳои фарҳангие, ки мутобиқи қонунҳо ба ҷумлаи сарватҳои хеле пурарзиш ва аз тарафи қонун ҳифзшуда дохил гардидаанд, ин сарватҳоро бенизом нигоҳбонӣ кунад ва аз ин ба онҳо хавфи беаҳамият шудан таҳдид намояд, чунин сарватҳоро давлат тибқи қарори суд метавонад аз ӯ харида гирад ё дар савдои оммавӣ ба фурӯш монад.

Ҳангоми харида гирифтани сарватҳои фарҳангӣ ба молик арзиши он ба андозаи муқаррарнамудаи созишномаи тарафҳо ва дар сурати ба миён омадани баҳс ба андозаи муайяннамудаи суд пардохта мешавад. Ҳангоми фурӯш аз тариқи савдои оммавӣ ба фурӯш рафтани онҳо ба молик ба ҷуз хароҷоти савдои оммавӣ тамоми маблағи боқимонда пардохта мешавад [1].

Аз муқаррароти меъёрии мазкур як қатор саволҳое ба вуҷуд меоянд, ки ҷавоб ба онҳо мушкилоти ин асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликиятро мушаххас мегардонад. Масалан, оё муқаррароти меъёрии мазкур нисбат ба ҳамаи сарватҳои фарҳангӣ татбиқ мегардад ё не? Киҳо метавонанд, ба суд вобаста ба гирифтани сарватҳои фарҳангӣ аз молик муроҷиат намоянд? Дар савдои оммавӣ ба фурӯш гузоштани сарватҳои фарҳангӣ ба мақсадҳои ҳифзи ин объектҳо мувофиқ аст ё не? Инҳо аз зумраи он масъалаҳои норавшан ва ҳалталабе ба шумор мераванд, ки мақсади таҳқиқи мавзуи мазкурро ташкил менамоянд.

Муқаррароти м. 264 КГ ҶТ қоидаҳои харидани сарватҳои фарҳангии бенизом нигоҳбонишударо, ки мутобиқи қонун ба арзишҳои муҳим ва аз ҷониби давлат ҳифзшаванда дохил карда шудааст, муайян менамояд. Танҳо чунин арзишҳо метавонанд ҳангоми таҳдиди нобудшавӣ ё аз даст додани хосияти худ аз молик бо қарори суд музднок кашида гирифта шаванд [19,с.623].

Мақсади моддаи мазкур, пеш, аз ҳама аз ҳифзи сарватҳои фарҳангӣ иборат мебошад. Дар санадҳои мухталифи меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳо оид ба сарватҳои фарҳангиро танзим менамоянд, мафҳумҳо ва тавсифҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Аз ин рӯ, фаҳмиши доираи татбиқи меъёрҳои моддаи мазкур душвориро ба бор меорад.

Тавре ки дар боло ишора гардид, дар санадҳои қонунгузории танзимкунандаи самти мазкур мафҳумҳои «сарватҳои фарҳангӣ», «сарватҳои таърихию фарҳангӣ», «мероси фарҳангӣ», «мероси фарҳанги миллӣ», «объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ»

истифода мегарданд. Аз ин лиҳоз бо мақсади таҳлили дурусти масъала кушодани мафҳумҳои мазкур шарт ва зарур дониста мешавад.

Мафҳуми «сарватҳои фарҳангӣ» дар м. $1^1$ Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997, №516 чунин шарҳ дода шудааст: «воситаҳои моддию маънавии дорои хусусияти дунявию динӣ ва дигар арзишҳо, ки аҳамияти таърихӣ, илмию бадеӣ ва фарҳангӣ доранд» [6]. Аз мафҳуми додашуда пайхас намудан мумкин аст, ки он фарогири сарватҳои фарҳангии манқул ва ҳам ғайриманқул мебошад.

Дар Қонуни мазкур инчунин мафҳумҳои «мероси фарҳангӣ» ва «мероси фарҳанги миллӣ» кушода дода шудаанд: «мероси фарҳангӣ – маҷмӯи арзишҳои фарҳангӣ, ки дорои аҳамияти миллию давлатӣ буда, моликияти истисноии ҶТ мебошанд»; «мероси фарҳангӣ миллӣ – арзишҳои фарҳангие, ки дорои аҳамияти таърихию фарҳангӣ буда, ба Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ворид карда шудаанд».

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178 дар м. $1^1$ объектҳои мафҳуми мероси таърихию фарҳангӣ чунин тавсиф шудаанд: таърихию фарҳангӣ – объектҳо ё ашёҳои таърихию фарҳангии моддӣ ва маънавӣ, ки аҳамияти таърихӣ, илмӣ ва фарҳангии умумибашарӣ, умумидавлатӣ ё маҳаллӣ доранд» [4].

Дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» аз 4 апрели соли 2019, №1593 [3] чунин омадааст: «сарватҳои таърихию фарҳангӣ – ашёи моддии дорои арзиши миллӣ, таърихӣ, бостоншиносӣ, бадеӣ, илмию маърифатӣ, маънавию ахлоқӣ ва фарҳангӣ, ки сарватҳои умумимиллӣ ва умумибашарӣ ба ҳисоб меравaнд». Аз таърифи додашуда бармеояд, ки сухан дар бораи сарватҳои таърихию фарҳангии манқуле меравад, ки онҳо аз ҳудуди ҶТ берун бароварда мешаванд ва ё ворид карда мешаванд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» аз 3 июли соли 2012, №838 [5] дар м. 1 мафҳуми «сарвати таърихию фарҳангӣ»-ро махсус муқаррар менамояд, ки он «ашёи осорхонавие, ки дорои аҳамияти умумибашарӣ, таърихӣ, илмию бадеӣ ва фарҳангӣ буда, дар осорхонаҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва коллексияҳои шахсӣ ҷамъоварӣ ва нигоҳдорӣ карда мешавад». Мутобиқи ин мафҳум «сарвати таърихию фарҳангӣ» сарфи назар аз он ки дар куҷо нигоҳдорӣ мешавад, ашёи осорхонавӣ эътироф мегардад.

Аз ҳамаи мафҳумҳои додашуда, ки бо махсусиятҳои худ оварда шудаанд, чунин нофаҳмӣ ба вуҷуд меояд, ки тибқи муқаррароти КГ ҶТ кадоме аз онҳо ҳамчун сарватҳои хеле пурарзиш ва аз тарафи қонун ҳифзшуда ба ҳисоб меравaнд. Зеро аз баъзе мафҳумҳо бармеояд, ки танҳо дар бораи сарватҳои манқул ва баъзеи дигар бошад, дар бораи сарватҳои ғайриманқул, инчунин сарватҳои моддӣ ва маънавӣ сухан меравад.

Сарватҳои фарҳангӣ ҳамчун объекте, ки ҳуқуқи моликият ба он маҷбуран қатъ карда мешавад, дар муомилоти гражданӣ ҳамчун ашёи манқул ва ғайриманқул амал мекунанд, ки аз рӯйи асолат ва нотакрорӣ арзиши баланди ғайримоддӣ доранд.

Таҳлили қонунгузории ҷорӣ нишон медиҳад, ки сарватҳои фарҳангӣ аз маҷмуи ашёҳо ҷудо карда мешаванд. Онҳо объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ дар намуди ашёи манқул ва ғайриманқул мебошанд, ки аз нуқтаи назари таърих, фарҳанг ва санъат расман дорои аҳамияти махсус эътироф гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки объекти ҳуқуқи моликият танҳо ашёҳо шуда метавонанд. Сарватҳои фарҳангӣ бошанд, ҳамчун объекти ҳуқуқи моликият танҳо ашёҳо нестанд. Арзиши онҳо дар нотакрор ва беназир будани онҳо ифода ёфтааст. Аксар вақт онҳо ашёҳое ҳастанд, ки як навъанд ва монанд надоранд. Дар ин арзишҳо комёбиҳои маданияти моддию маънавии башарият, таҷрибаи наслҳои пештараи одамон таҷассум ёфтаанд. Ҳамин тариқ, арзиши ин ашёҳо ғайримоддӣ аст. Ба онҳо дар шакли пулӣ баҳо додан аксар вақт хеле душвор ва баъзан ҳатто ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ҳукумати ҳар як давлат дар бораи ҳифзи арзишҳои фарҳангии дар ҳудуди худ воқеъгардида ғамхорӣ менамояд [11, с. 70].

Ба таркиби сарватҳои фарҳанги миллии ҶТ бозёфтҳои археологӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, коллексияҳои нодиру ашёҳои қадимӣ ва асарҳои санъат, аз қабили мусавварахо, осори наққошӣ, расмҳо, муҷассамаҳо, номҳои аҳамияти таърихӣ дошта, асарҳои ороишӣ (дизайнерӣ), китобҳои дастнавис, дастхатҳои муаллифон, катибаҳо, ҳуҷҷатҳои таърихӣ, нусхаҳои нодир, оромгоҳҳои шахсиятҳои маъруф, боғот ва манзараҳои табиии дорои аҳамияти фарҳангӣ дошта ва ғайра дохил мешаванд.

Дар баробари ин, ба объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ объектҳои манқул ва ғайриманқул, осори рассомӣ, муҷассамасозӣ, санъати амалии ороишии ба онҳо марбут, инчунин дигар ашёҳои фарҳанги моддӣ, ки аз назари таърих, бостоншиносӣ, фарҳанг, меъморӣ, шаҳрсозӣ, санъат, эстетика арзиши муайян доранд, дохил мешаванд.

Объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ шомили ёдгориҳои манқул ва ғайриманқул мебошанд.

Ёдгориҳои манқул иборатанд аз:

1) объектҳои алоҳида - бозёфтҳои бостоншиносӣ, ашёи қадимӣ, унсурҳои ба ҷузъҳо тақсимшавандаи ёдгориҳои ғайриманқул, маводи антропологӣ ва этнологӣ, муқаддасоти таърихӣ, асарҳои бадеии (мусавварахо, қаламкориҳо, санъати амалӣ, синамо ва суратҳо) маҳфуз дар осорхонаҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатӣ, фондҳо, китобхонаҳо, ганҷинаҳо, коллексияҳо, асноди шомили фонди миллии бойгонӣ, дастнависҳо, чопи мошинӣ, осори қаламӣ, асноди филмбардорӣ ва аккосишуда, осори тасвирию савтӣ, нашрияҳои нодир, ҳамчунин забонҳо ва номҳои ҷуғрофии таърихӣ;

2) объектҳои маҷмаавӣ - маҷмааҳои таърихан ташаккулёфта, фондҳо ва коллексияҳои объектҳои алоҳидаи мазкур ба сифати таркиби ягонаи кул, ҳамчунин маҷмааҳо, фондҳо ва коллексияҳои дорои арзишҳои илмию табиатшиносӣ, ки дар маҷмуъ арзиши таърихӣ доранд.

Ёдгориҳои ғайриманқул иборатанд аз:

1) ёдгориҳои таърихӣ - биноҳо, иншоот, ҷойҳои ёдгорӣ, дахмаҳои таърихӣ, муҷассамаҳо ва ёдгориҳое, ки ба муҳимтарин рӯйдодҳои таърихии ҳаёти халқ, рушди ҷомеа, давлат ва зисту рӯзгори халқҳо, ҳамчунин ба ҳаёту фаъолияти ходимони барҷастаи ҷамъиятию сиёсӣ ва илму фарҳанг алоқаманданд;

2) ёдгориҳои бостоншиносӣ - ғорҳо, бошишгоҳҳо, димнаҳо, теппаҳо, бозмондаҳои ҷойгоҳҳои бостонӣ, истеҳкомҳо, иншооти мудофиавӣ, конҳои қадимӣ, корезҳо ва шабакаҳои обёрӣ, роҳҳо ва пулҳо, қӯрғонҳо ва дахмаҳои ҷудогона, тасвирҳои рӯйи санг ва катибаҳо;

3) ёдгориҳои шаҳрсозӣ ва меъморӣ - ансамблҳо ва маҷмааҳои меъморӣ, марказҳои таърихӣ, маҳаллаҳо, майдонҳо, кӯчаҳо, осори тарҳу сохтмонҳои қадимӣ, шаҳрҳо ва дигар маҳалоти маскунӣ, иншооти меъмории мулкӣ, низомӣ, саноатӣ, парастишгоҳҳо, ҳунарҳои меъмории халқӣ, ҳамчунин осори тасвирӣ, ороишию амалӣ, гулбоғҳо ва дигар навъҳои ба онҳо алоқаманди санъат ва ҳунарро дар бар мегиранд;

4) манзараҳо - офаридаҳои муштараки инсон ва табиат, ҳамчунин мавзеъҳо, аз ҷумла макони бостоние, ки аз нигоҳи таърихӣ, эстетикӣ, этнологӣ ва антропологӣ арзиш ва аҳамияти бузург доранд.

Дар асоси м. 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи сарватҳои таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178 объектҳои дорои арзиши таърихию фарҳангӣ аз лаҳзаи додани хулосаи экспертизаи таърихию фарҳангӣ дар бораи зарурати ворид намудани онҳо ба Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ҳамчун объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ҳисобида мешаванд. Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ - номгӯйи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, ки барои таҳияи махзани маълумот ё низомҳои иттилоотӣ дар бораи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ва истифодаи онҳо манбаи асосии иттилоот ба ҳисоб меравад.

Объектҳои дорои арзиши таърихию фарҳангӣ ба Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар асоси пешниҳоди мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳамчунин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ворид карда мешаванд. Объектҳои мероси таърихию фарҳангии манқул, ки дар осорхонаҳо, хазинаҳо ва дигар ҷойҳои махсуси нигаҳдошти

давлатӣ қарор доранд, тибқи феҳристи тартибдодаи ин муассисаҳо ва ташкилотҳо ба Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ворид карда мешаванд.

Мақоми ваколатдори давлатӣ молики объекти мероси таърихию фарҳангиро дар давоми даҳ рӯзи пас аз қабули қарор дар бораи ворид намудани объекти зикршуда ба Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ огоҳ менамояд ва дар ин хусус ба вай шиноснома, инчунин уҳдадориҳои муҳофизати объекти мазкурро медиҳад. Аз муқаррароти дар боло овардашуда мушоҳида кардан мумкин аст, ки объектҳои мероси таърихию фарҳангие, ки таҳти моликияти хусусӣ қарор доранд, агар онҳо арзиши хеле баланди таърихию фарҳангӣ ва бадеӣ дошта бошанд, ҳатман ба Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ дохил карда мешаванд.

Дар асоси талаботи м. 12 Қонуни мазкур Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ маълумоти аввалияро дар бораи ном, макон, сана, дараҷаи таҳқиқ, ҳолат, ҳаҷм, шакли моликияти объектҳои ғайриманқули мероси таърихию фарҳангиро дар бар мегирад.

Ба андешаи мо, объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ба таркиби мафҳуми умумии «сарватҳои дорои арзиши таърихию фарҳангӣ» дохил мегарданд. Онҳо пеш аз лаҳзаи ворид гардидан ба Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ аз экспертизаи таърихию фарҳангӣ гузаронида мешаванд, ки дар ҳамин маврид арзишнокии онҳо муайян гардида, аз лаҳзаи ворид гардидан ба Феҳристи мазкур вазъи объектҳои мероси таърихию фарҳангии бо қонун ҳифзшавандаро соҳиб мегарданд.

Ҳамин тариқ, муқаррароти м. 264 КГ ҶТ нисбат ба ҳамон сарватҳои фарҳангие татбиқ мегардад, ки онҳо ҳамчун объектҳои мероси таърихию фарҳангии ҳифзшавандаи арзишнок ба Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ворид гардидаанд. Зеро объекти мероси таърихию фарҳангие, ки агар воқеан пурра ва ё қисман нобуд гардида, инчунин арзиши он ҳамчун объекти мероси таърихию фарҳангӣ аз байн рафта бошад, аз Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ дар асоси хулосаи экспертизаи таърихию фарҳангӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ хориҷ карда мешавад.

Н.В. Корнилова проблемаҳои танзими ҳуқуқии гирифтани сарватҳои таърихию фарҳангиро аз моликияти хусусӣ дар иҷро накардани уҳдадории молик оид ба нигоҳдории бенизоми онҳо мебинад, ки боиси аз даст додани аҳамияти сарватҳои фарҳангӣ ё таҳдид ба он мегардад [15,с.59].

А.П. Сергеев қайд мекунад, ки нигоҳбонии бенизом «танҳо чунин рафтори субъекти ҳуқуқи моликият аст, ки дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои оддии истифода ва нигоҳдории онҳо бевосита ба вайрон ё нобуд шудани сарватҳои фарҳангӣ дар шакли табиӣ-моддии онҳо оварда мерасонад» [22,с.178].

А.А. Крисанов нигоҳдории бенизоми сарватҳои фарҳангиро ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ баррасӣ намуда, дар ин ҳолат маҷбуран қатъ гардонидани ҳуқуқи моликият ба онро чораи гражданӣ-ҳуқуқӣ меҳисобад. Ба андешаи вай объекти ин ҳуқуқвайронкунӣ худи сарватҳои таърихию фарҳангӣ буда, тарафи объективии онро бошад, рафтори молик дар намуди амал (қасдан нобуд кардани арзиш ё зарар расонидан аз беэҳтиётӣ, масалан, ҳангоми интиқол) ва беамалӣ (барои таъмин намудан ва нигоҳ доштани сарватҳои фарҳангӣ шароитҳои зарурӣ муҳайё накардан) ташкил медиҳад.

Унсури навбатӣ ва зарурии тарафи объективии нигоҳбонии бенизоми сарватҳои фарҳангӣ фарорасии зарар мебошад. Дар ин маврид таҳти мафҳуми нигоҳбонии бенизом зарар дидан, вайрон шудан, тағйир ёфтан ва ҳам ба вуҷуд овардани хавфи воқеии беаҳамият шудан, инчунин аз даст додани намуди зоҳирии сарватҳои фарҳангӣ дар назар дошта мешавад [16,с.65]. Аз ин бармеояд, ки ҳама гуна оқибатҳои зарарноки нигоҳбонии бенизом, инчунин ба вуҷуд овардани хатари воқеии чунин оқибат, ба ибораи дигар «таъмин накардани бехатарӣ»-и объекти мероси таърихию фарҳангии ба Феҳрист воридгардида, барои татбиқи моддаи 264 КГ ҶТ асоси кофӣ шуда метавонад.

Дар ин росто М.В. Балин қайд мекунад, ки «молу мулки зикршуда бар хилофи моликияти бесоҳиб соҳиби маълум дорад, вале ба ӯ ба ин молу мулк бепарвоёна

муносибат карда, ба вайрон ё нобудшавии он роҳ медиҳад. Агар молу мулк арзиши назаррас надошта бошад ва нодуруст истифода бурдани он манфиати касеро поймол накунад, қонун ба рафтори беэътинои молик тамоман дахолат намекунад» [8, с. 109]. Лекин, агар сухан дар бораи амволе равад, ки арзиши баланди иқтисодӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, илмӣ ё дигарро дошта бошад, қонун наметавонад дар ин ҳолат ба вайроншавии онҳо роҳ диҳад [25,с.254].

Дар баробари ин, муқаррароти қонунгузории гражданӣ дар қисмате татбиқ мегардад, ки агар сухан дар бораи моликияти дорои аҳамияти калони иқтисодӣ, таърихӣ, илмӣ, бадеие равад, ки барои ҷамъият арзиши муҳим дошта бошад ва (ё) дар бораи моликияте сухан равад, ки нодуруст истифода бурдани он ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ таҳдид мекунад [12,с.355].

Андешаҳои муқобил низ вобаста ба шарти аз молик гирифтани сарватҳои фарҳангӣ бо роҳи маҷбурӣ, аз ҷумла тавассути хариди он аз ҷониби давлат ё фурӯш дар савдои оммавӣ аз ҷониби муҳаққиқон иброз шудаанд. Масалан, ба андешаи А.М. Эрделевский мавҷудияти айби соҳибмулк ба шартҳои хариди маҷбурӣ дохил намегардад [26,с.319].

М.Г. Масевич низ дар бораи мавҷуд будани айби соҳибмулк дар нодуруст истифода бурдани сарватҳои фарҳангӣ андешаи худро дорад. Ба андешаи ӯ, муқаррароти Кодекси гражданӣ маҷбуран харидани молу мулки номбурдаро ба хусусияти рафтори молик вобаста намегардонад, зеро гунаҳгории ӯ дар нодуруст истифода бурдани сарвати фарҳангӣ мавҷуд аст. Яъне, агар сарватҳои фарҳангӣ арзиши худро сарфи назар аз рафтори молик бо хусусиятҳои табиии худ аз даст диҳанд ҳам, муқаррароти пешбининамудаи қонунгузорӣ татбиқ мегардад [14,с.467-468].

Мо бояд ба андешаи А.М. Эрделевский ва М.Г. Масевич розӣ шавем, ки мавҷудияти гуноҳи соҳибмулк яке аз шартҳои хариди маҷбурӣ буда метавонад. Барои татбиқи меъёри м. 264 КГ ҶТ худи далели нигоҳ доштани арзишҳои фарҳангӣ дар ҳолати таҳдиди гум кардани аҳамияти онҳо кифоя аст. Ин гуна нигоҳубин новобаста аз он ки он бо хоҳиш ва ё бе хоҳиши соҳибмулк сурат мегирад, бенизом ба ҳисоб меравад. Мақсади м. 264 КГ ҶТ на аз ҷазо додани соҳибмулк, балки аз ҳифзи сарватҳои махсусан арзишманди фарҳангӣ иборат мебошад.

Ба андешаи Э.С. Бутаева, нигоҳдории дурусти ашёҳое, ки ҳамчун сарватҳои фарҳангӣ тасниф шудаанд, дар амалҳои зерин ифода меёбанд:

1) таъмини амнияти ҷисмонии онҳо, пешгирии вайроншавӣ (гум кардани сифатҳои онҳо);

2) дар мавриди зарурат андешидани тадбирҳо оид ба таъмир (барқароркунӣ), азнавсозии онҳо;

3) барои пешгирии дуздии онҳо андешидани чораҳо;

4) монеъ шудан ба додани сарватҳои фарҳангӣ ба шахсе, ки нигоҳубини дурусти онҳоро таъмин карда наметавонад [10,с.92].

Д.В. Мазеин чунин мешуморад, ки танзими бомуваффақияти муносибатҳо оид ба хариди сарватҳои фарҳангии бенизом нигоҳбонишуда дар м. 142 КГ ҶШФСР (соли 1964) муқаррар гардида буд, ки тартиби зеринро пешбинӣ менамуд: агар шаҳрванд молу мулки худро нодуруст нигоҳубин карда бошад, ки вай аз ҷиҳати ашёии худ аҳамияти калони таърихӣ, арзиши бадеӣ ва ё арзиши дигари барои ҷамъият, ташкилотҳои давлатӣ, ки вазифаҳои онҳо ҳифзи ин намуди молу мулкро дар бар мегирифтанд, метавонанд ба соҳибмулк огоҳӣ диҳанд, ки аз муносибати нодурусти ин молу мулк даст кашад [18,с.52].

Агар молик ин талаботро риоя накунад, он гоҳ бо даъвои ташкилоти дахлдор суд метавонист ин молу мулкро аз молик маҷбуран гирад. Молу мулк ба моликияти давлат гузашта, ба шаҳрванд арзиши он ба андозаи муқаррарнамудаи шартнома ва дар сурати ба миён омадани баҳс аз ҷониби суд баргардонида мешавад.

Дар сурати ба миён омадани зарурати таъҷилӣ мумкин буд, ки бидуни огоҳии пешакӣ дар бораи гирифтани чунин молу мулк даъво пешниҳод карда шавад. Ҳамин тавр, меъёри КГ ҶШФСР (1964) ҳар гуна молу мулкеро, ки барои ҷамъият аҳамияти

калони таърихӣ, бадеӣ ва ё арзиши дигар медошт, хариди маҷбурии онро иҷозат медод [7].

Танзими ҳуқуқии хариди сарватҳои фарҳангии бенизом нигоҳбонишуда дар муқаррароти қонунгузории аксари давлатҳои пасошуравӣ дар шароити феълӣ якзайл буда, ҳолати танзими масъалаи мазкур, ки дар давраи шуравӣ мавҷуд буд, он қадар ба чашм намерасад.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Украина баръакси кодексҳои граждании давлатҳои дигари пасошуравӣ ба танзими масъалаи мазкур дар давраи шуравӣ такя намуда, муқарраротеро пешбинӣ менамояд, ки дар адабиёти илмӣ қобили дастгирӣ гардидааст.

Мутобиқи моддаи 352 Кодекси граждании Ҷумҳурии Украина аз 16 январи соли 2003, №435-IV, агар дар натиҷаи амал ё беамалии молики мероси фарҳангӣ, ки ба онҳо хавфи вайроншавӣ ё нобудшавӣ таҳдид намояд, мақомоти дахлдори ҳифзи мероси фарҳангӣ ба молики ёдгории мазкур огоҳии дахлдор медиҳад. Агар молики ёдгории мероси фарҳангӣ барои ҳифзи он чора наандешад, аз ҷумла бо сабаби имконнопазирии фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ин, суд метавонад бо даъвои мақомоти дахлдори ҳифзи мероси фарҳангӣ дар бораи хариди он қарор қабул намояд.

Дар сурати ба миён омадани зарурати таъҷилии таъмини шароит барои нигаҳдории ёдгории мероси фарҳангӣ даъво метавонад бидуни огоҳонӣ дар бораи хариди он пешниҳод карда шавад. Ёдгории мероси фарҳангии харидашуда ба моликияти давлат мегузарад. Нархи хариди ёдгории мероси фарҳангӣ бо созиши тарафҳо ва дар сурати ба миён омадани баҳс - аз ҷониби суд муайян карда мешавад [2].

Муқаррароти м. 264 КГ ҶТ зарурати огоҳии пешакии молики сарватҳои фарҳангиро ҳамчун шарти хариди маҷбурии чунин молу мулк аз ӯ пешбинӣ намекунад. Харид дар ҳама ҳолатҳои таҳдиди аз даст додани арзиши ин молу мулк имконпазир аст. Меъёри ҳуқуқии зикргардида хариди маҷбурии молу мулки мазкурро ба хусусияти рафтори молик, яъне ба гунаҳгории ӯ дар истифодаи нодурусти сарватҳои фарҳангӣ вобаста намегардонад. Ин маънои онро дорад, ки агар хавфи аз даст рафтани аҳамияти онҳо новобаста аз амал ё беамалии молик вуҷуд дошта бошад, сарвати фарҳангӣ бо қарори суд бояд аз ҷониби давлат харида шавад ё дар савдои оммавӣ фурӯхта шавад.

Албатта, чунин муносибат аз ҳолати кунунии танзими гражданӣ-ҳуқуқии масъалаи мазкур бармеояд. Пешниҳод менамоем, ки дар м. 264 КГ ҶТ муқаррарот вобаста ба огоҳии пешакии молики сарватҳои фарҳангӣ бо шарти минбаъд қатъ кардани ҳуқуқи моликият ба сарватҳои фарҳангӣ ҳангоми нигоҳдории бенизом бо роҳи харидории ин сарватҳо дар асоси санади суд, пешбинӣ карда шавад.

Мутобиқи қ. 1, м. 264 КГ ҶТ, «агар молики сарватҳои фарҳангӣ онҳоро тавре нигоҳубин намояд, ки ба онҳо хавфи беаҳамият шудан ё нобуд гардидан таҳдид намояд, чунин сарватҳоро давлат метавонад дар асоси қарори суд харида гирад ё дар савдои оммавӣ ба фурӯш гузорад».

Тавре ки мушоҳида мегардад, дар меъёри моддаи болозикр механизми хариди чунин молу мулк пешбинӣ нашудааст. Масалан, бояд кӣ бо даъво ба суд муроҷиат кунад ва кадом мақомот онро иҷро кунад? Масъалаи мазкур дар КГ ҶТ таври муаммо ва дар ҳолати номуайян боқӣ мондааст.

Ҳарчанд ки дар ҶТ мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг Вазорати фарҳанги ҶТ аст, қонунгузории соҳавӣ низ низоми мақомотҳои давлатиро дар ин самт муқаррар намудааст. Масалан, тибқи м. 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997, №516 ба низоми мақомоти давлатии идоракунии фарҳанг дар ҶТ инҳо дохил мешаванд:

1) Ҳукумати ҶТ;

2) Вазорати фарҳанги ҶТ;

3) Вазорату идораҳои ҶТ, ки дорои ташкилот, корхона ва муассисаҳои фарҳанг мебошанд;

4) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Дар м. 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178 муқаррар гардидааст, ки идоракунии давлатии

ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ мегардад.

Дар асоси қ. 2, м. 10 Қонуни мазкур мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои нигоҳдорӣ, истифодаи мақсадноку босамар, пешгирӣ намудан аз вайроншавӣ ва нобудшавӣ, тарғиботи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, ҷалби шаҳрвандон ва аҳли ҷомеа чораҳо меандешанд.

Бояд қайд кард, ки объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда дорои чунин дараҷаҳо мебошанд:

1) объектҳои мероси таърихию фарҳангии аҳамияти умумидавлатӣ, ки дорои арзиши баланди таърихӣ, илмӣ, меъморӣ ва бадеӣ мебошанд, аз он ҷумла объектҳои бостоншиносӣ;

2) объектҳои мероси таърихию фарҳангии аҳамияти маҳаллӣ, ки дар ҳудуди маҳал (шаҳр, ноҳия) дорои арзиши муайяни таърихӣ, илмӣ, меъморӣ ва бадеӣ мебошанд;

3) объектҳои мероси таърихию фарҳангии аҳамияти байналмилалӣ, ки ба Номгӯйи мероси фарҳанги умумиҷаҳонӣ дохил шудаанд.

Ба андешаи мо, чунин дараҷабандии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ агар, аз як тараф, бо мақсади муайян намудани аҳамиятнокии онҳо равона гардида бошад, аз тарафи дигар, он бо мақсади истифода ва ҳифзи ин объектҳо дар сатҳи муайян нигаронида шудааст. Метавон гуфт, ки мақомотҳои идоракунии давлатии истифода ва ҳифзи объектҳои мероси таърихию фарҳангиро амаликунанда ҳуқуқ доранд дар доираи салоҳият ва ваколатҳои худ бо мақсади ҳифзи сарватҳои фарҳангӣ аз рӯйи дараҷаҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ чораҳо андешанд.

Саволе ба миён меояд, ки дар ҶТ кадоме аз мақомотҳои давлатии амаликунандаи идоракунии давлатии ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ба ҳайси субъекти хариди ин сарватҳо ва ё анҷомдиҳандаи раванди фурӯши онҳо дар савдои оммавӣ аз номи давлат баромад менамояд?

Агар ба танзими ҳуқуқии ҳолати мазкур дар давраи шуравӣ назар афканем, мушоҳида мегардад, ки субъекти хариди ҳама гуна молу мулки дорои аҳамияти таърихӣ, бадеӣ ва арзиши дигари барои ҷамъият ин ташкилотҳои давлатие буданд, ки вазифаи онҳо ҳифзи ин арзишҳоро дар бар мегирифт. Дар шароити феълӣ бошад, қонунгузор доираи ин субъектҳоро мушаххас муқаррар накардааст. Танҳо ба таври умумӣ муайян гардидааст, ки давлат метавонад тибқи қарори суд ин гуна молу мулкро харад ё дар савдои оммавӣ ба фурӯш гузорад.

Моддаи 352 Кодекси граждании Ҷумҳурии Украина аз 16 январи соли 2003, таҳти №435-IV, суд метавонад бо даъвои мақомоти дахлдори ҳифзи мероси фарҳангӣ дар бораи хариди он қарор қабул намояд [2]. Аз ин меъёр бармеояд, ки дар ҳудуди Украина субъекти даъво мақомоти ваколатдори давлатии ҳифзи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ мебошад.

А.А. Крисанов ба ҳамин нуқта таваҷҷуҳ намуда, қайд менамояд, ки «дар айни замон номгӯйи ташкилотҳои дар КГ ҶШФСР зикргардида васеъ шудааст ва ба ғайр аз онҳо, инчунин дар бораи гирифтани сарватҳои фарҳангии бенизом нигоҳбонишуда, субъектони зерин метавонанд шикоят намоянд:

1) мақомоти давлатӣ, ки барои идораи амвол ва таъмини амнияти он таъин шудаанд;

2) ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ;

3) ташкилотҳои ҷамъиятӣ (масалан, фонди фарҳангӣ ё иттифоқи нависандагон);

4) прокурор;

5) ҳама гуна шахсони сеюм, ки ба ҳифзи сарватҳои фарҳангӣ манфиатдор мебошанд». Яъне, ба ибораи дигар, қонун доираи шахсонеро, ки ҳуқуқи ба суд муроҷиат карданро доранд, маҳдуд намекунад [16,с.68].

М.Г. Масеевич хулоса мекунад, ки «агар доираи субъектҳое, ки ҳуқуқ доранд ба суд дар бораи аз молик гирифтани сарватҳои фарҳангӣ даъво пешниҳод кунанд, дар қонун бевосита муқаррар нагардида бошад, пас инҳо метавонанд ташкилотҳои давлатӣ

ё дигар ташкилотҳое (муассисаҳои фарҳангӣ, осорхонаҳо, бойгониҳо) бошанд, ки вазифаи онҳо аз ҳифзи чунин ашёҳо иборатанд ва ё шаҳрвандоне, ки ба муҳофизати ин молу мулк манфиатдоранд» [20,с.11].

Э.С. Бутаева баръакси андешаҳои болозикр қайд менамояд, ки шахсони алоҳида наметавонанд ба суд дар бораи аз тарафи давлат маҷбуран харидани сарватҳои фарҳангии бенизом нигоҳбонишаванда муроҷиат намоянд. Чунки ин гуна талабот дар назди субъекти пешниҳодкунандаи даъво уҳдадории молиявиро барои харидани ин сарватҳои фарҳангӣ ба миён меорад, ки маҳз танҳо давлат ба ин имконият дорад.

Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ уҳдадориҳои конститутсионии худро оид ба нигоҳ доштани сарватҳои фарҳангӣ дарк намуда, инчунин метавонанд ба мақомоти ваколатдори давлатии ҳифзи объектҳои мероси фарҳангӣ бо хоҳиш дар бораи андешидани чораҳо нисбат ба молики сарватҳои фарҳангии бенизом нигоҳбонишуда ва аз ин гуна соҳибмулк кашида гирифтани сарватҳои фарҳангӣ муроҷиат намоянд [11,с.83].

Ба андешаи Э.С. Бутаева розӣ шудан душвор аст, зеро ба андешаи мо, ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ вазифаи конститутсионии ҳар як шахс аст (м. 44 Конститутсияи ҶТ). Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифадоранд барои ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ғамхорӣ намоянд, барои пешгирии вайроншавӣ ва нобудшавии онҳо чораҳо андешанд, аз ҷумла ба суд муроҷиат намоянд. Тибқи қонунгузории граждании амалкунанда пешниҳоди даъво ба суд агар барои барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронгардида бошад, аз тарафи дигар, онро шахсоне ба амал бароварда метавонанд, ки ҳуқуқҳои субъективии онҳо вайрон нашудааст [17,с.270].

Аз ин бармеояд, ки ҳама гуна шахсоне, ки ба ҳифзи сарватҳои фарҳангӣ манфиатдоранд, метавонанд барои пешгирии онҳо аз вайроншавӣ ва хавфи беаҳамият гардидани онҳо дар баробари мақомотҳои ваколатдори давлатӣ ба суд муроҷиат намоянд.

Хариди сарватҳои таърихию фарҳангии бенизом нигоҳбонишуда аз молик баъд аз қабул гардидани қарори суд дар бораи аз моликияти шахс баровардани онҳо аз ҷониби давлат харидорӣ мегардад ё он дар савдои оммавӣ барои фурӯш гузошта мешавад. Бояд қайд кард, ки зери мафҳуми хариди сарватҳои таърихию фарҳангӣ ҳама гуна ашёҳои манқул ва ғайриманқули дорои арзиши таърихӣ, бадеӣ ва дорои арзиши дигаре, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, фаҳмида мешавад. Маҳз ҳамин гуна объектҳои хеле пурарзиш ва аз ҷониби қонун ҳифзшавандае, ки аз ҷониби молик бенизом нигоҳбонӣ карда мешаванд, предмети хариди маҷбурӣ шуда метавонанд.

Дар қонунгузорӣ тартиби эътироф намудани сарватҳои фарҳангии пурарзиш ва аз ҷониби давлат ҳифзшаванда муқаррар нагардидааст. Аз ин лиҳоз, бо мақсади танзим намудани ҳолати мазкур пешниҳод менамоем, ки қ. 3, м. 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178 дар таҳрири зайл муқаррар карда шавад: «Объектҳои дорои арзиши таърихию фарҳангӣ аз лаҳзаи додани хулосаи экспертизаи таърихию фарҳангӣ дар бораи зарурати ворид намудани онҳо ба Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ҳамчун объектҳои мероси таърихию фарҳангии пурарзиш ва аз ҷониби давлат ҳифзшаванда ҳисобида мешаванд».

Сарватҳои фарҳангӣ аз молик ба таври музднок гирифта мешавад. Дар маҷлиси суд фактҳои бенизом нигоҳбонӣ шудани сарватҳои фарҳангӣ, хавфи аз даст додан ё нобуд гардидани аҳамияти онҳо, муқаррар карда мешавад. Моҳияти нигоҳбонии бенизоми чунин арзишҳо метавонад ҳам дар амал ва ҳам дар беамалии молик зоҳир гардад. Молик дар ин ҳолат метавонад ҳам шахси воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ бошад. Асос барои гирифтани сарватҳои фарҳангӣ аз соҳибмулк қарори суд мебошад, ки дар асоси он амвол бо ду роҳ бегона карда мешавад: ё харидан ё дар музоядаи оммавӣ ба фурӯш гузоштан [13,с.434-435].

Агар сарвати фарҳангӣ бо роҳи хариди давлат аз соҳибмулк гирифта шавад, асос барои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба онҳо қарори дахлдори суд дар бораи гирифтан бо роҳи харид ва созишнома дар бораи харид байни молик ва давлат (дар

симои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи объектҳои мероси фарҳангӣ) ба ҳисоб меравад. Қатъ гардидани ҳуқуқи моликият дар ин маврид бо тарзи додани объектҳои манқул ба мақомоти дахлдор ё бо тартиби бақайдгирии давлатии ба давлат гузаштани ҳуқуқи моликият ба сарватҳои фарҳангӣ, ки амволи ғайриманқул мебошад, амалӣ мегардад.

Ҳангоми дар савдои оммавӣ фурӯхтани чунин ашё асос барои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият фактҳои таркибӣ, аз ҷумла қарори суд ва шартнома дар бораи бегона кардани сарвати фарҳангӣ, ки дар охири савдо баста шудааст, маҳсуб ёфта, он бо тарзи додани ашёи манқул ба харидор ё бақайдгирии давлатии гузаштани ҳуқуқи моликият ба объектҳои ғайриманқул, ки сарвати фарҳангӣ мебошанд, амалӣ гардонида мешавад [9,с.103-104].

Вобаста ба тарзҳои бегона намудани сарватҳои фарҳангӣ тибқи қарори суд, дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои муҳаққиқон гуногун аст. Гурӯҳи якуми муҳаққиқон бо ду роҳ бегона намудани сарватҳои фарҳангиро, ки дар боло ишора намудем, ҷонибдорӣ менамоянд [9,с.104; 16,с.69]. Гурӯҳи дуюм бошад, танҳо тартиби бегона намудани сарватҳои фарҳангиро бо роҳи хариди онҳо аз ҷониби давлат, ки пештар дар давраи шуравӣ муқаррар гардида буд, қобили дастгирӣ мешуморанд [11,с.83; 8,с.109; 15,с.60].

Муҳаққиқони гурӯҳи дуюм андешаи худро бо он асоснок менамоянд, ки давлат барои хариди ин арзишҳо бояд ҳамеша ҳуқуқи афзалиятнок дошта бошад. Зеро танҳо давлат метавонад барои барқарорсозӣ, нигоҳдорӣ ва намоиши онҳо шароити беҳтарин фароҳам оварад, дастрасии васеътари ҷамъиятро ба сарватҳои фарҳангӣ бо роҳи дар осорхонаҳои давлатӣ гузоштан ва ташкил намудани намоишгоҳҳо таъмин намояд. Аз ҳамин лиҳоз, аз нуқтаи назари ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ, маҳз давлат метавонад ҳамеша молики беҳтарини сарватҳои фарҳангӣ бошад.

Ба андешаи мазкур, ки аслан ба танзимоти давраи шуравӣ асос меёбад, мо қисман розӣ буда метавонем. Зеро дар шароити муосир мутобиқи Конститутсия ва қонунгузории амалкунанда, давлат шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Аз тарафи дигар, ба мақсад мувофиқ аст, ки шаҳрвандон дар моликияти худ сарватҳои фарҳангиро низ дошта бошанд. Танҳо мебоист барои нигоҳдории онҳо шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузориро риоя намоянд ва ба онҳо муносибати дурустро ба роҳ монанд.

Бояд зикр намуд, ки гирифтани сарватҳои фарҳангӣ аз молик ва хариди он аз ҷониби давлат ва ё шахсони дигар дар савдои оммавӣ тибқи санадҳои судӣ ба амал бароварда мешавад. Таҳлили қонунгузорӣ ва ҳам адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки амалиёти мазкур тибқи қарори суд сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар муқаррорти м. 264 КГ ҶТ ибораи «қарори суд» ба ибораи «санади судӣ» иваз карда шавад.

Масъалаи дигар ҳангоми хариди сарватҳои фарҳангии бенизом нигоҳбонишаванда, баргардонидани маблағи ин объектҳо ба молик ба ҷуз хароҷоти савдои оммавӣ пас аз ба фурӯш рафтани онҳо мебошад. Тавре ки ба назар мерасад, тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба ҷуз аз хароҷоти савдои оммавӣ, бояд ба молик маблағи дигари аз фурӯши ин арзишҳо боқимонда баргардонида шавад. Мумкин аст, ки аз беэътиноии молик нисбат ба сарватҳои фарҳангӣ хавфи беаҳамият шудан ё вайрон шудани ин объектҳо аллакай рух дода бошад.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми қабули санади судӣ ҷиҳати аз моликияти шахс баровардани сарватҳои фарҳангии харобгардида ва дар савдои оммавӣ ба фурӯш гузоштани он, давлат (дар симои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи сарватҳои фарҳангӣ) тадбирҳоеро, ки дар м. 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178 мумкин аст, андешад.

Ҳамин тавр, бо мақсади ҳифзи объекти мероси таърихию фарҳангӣ, таъмири объекти мероси таърихию фарҳангӣ, тармими объекти мероси таърихию фарҳангӣ, таҷдид ва бозсозии объекти мероси таърихию фарҳангӣ то ба савдои оммавӣ пешкаш намудани ин объектҳо, маблағи муайян аз ҳисоби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифз ва истифодаи сарватҳои фарҳангӣ, сарф гардиданаш мумкин аст.

Бо ин мақсад пешниҳод карда мешавад, ки қисмати охири м. 264 КГ ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад: «Ҳангоми аз тариқи савдои оммавӣ ба фурӯш рафтани онҳо ба молик бо тарҳи хароҷоти гузаронидани савдои оммавӣ ва хароҷоти барқарорсозии онҳо тамоми маблағи боқимонда баргардонида мешавад».

Мавриди зикр аст, ки ҳуқуқи моликият ба сарватҳои фарҳангӣ ба ғайр аз бенизом нигоҳбонӣ намудани онҳо аз ҷониби молик, инчунин бо роҳҳои дигар қатъ гардиданаш мумкин аст. Масалан, аз ҷониби молик нисбат ба онҳо анҷом додани аҳдҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, даст кашидан аз ҳуқуқи моликият нисбат ба сарватҳои фарҳангӣ ё вафоти молики сарватҳои фарҳангӣ.

Ҳамзамон, вобаста ба тағйир ёфтани низоми ҳуқуқии ашё. Масалан, ашёе, ки дар муомилоти озоди гражданӣ буд, ашё ба гурӯҳи ашёҳое, ки муомилоти гражданиаш маҳдуд аст, гузашт [25,с.255].

Вобаста ба усулҳои дар боло зикршуда, ба назар чунин менамояд, ки номи м. 264 КГ ҶТ дар шакли зайл: «Қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» дурусттар мебуд, зеро «харид»-и онҳо аз ҷониби давлат ё дар савдои оммавӣ танҳо як усули қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба сарватҳои фарҳангии нодуруст нигоҳбонишаванда мебошад.

Таҳлили гражданӣ-ҳуқуқии масъалаи хариди сарватҳои таърихию фарҳангӣ ба мо имкон медиҳад, ки як қатор хулосаҳои мушаххасро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ пешкаш намоем:

1) хариди сарватҳои таърихию фарҳангии бенизом нигоҳбонишуда яке аз асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи гражданӣ буда, мақсад аз баамалбарории он, пеш аз ҳама, аз ҳифзи объектҳои мероси таърихию фарҳангие иборат мебошад, ки аҳамияти баланди таърихӣ, фарҳангӣ, бадеӣ ва арзиши дигари муҳим барои ҷамъият доранд;

2) дар амалияи татбиқнамоии меъёри мазкур он бояд танҳо нисбати ҳамон сарватҳои таърихию фарҳангие татбиқ гардад, ки бевосита ҳамчун ашёи хеле пурарзиш ва аз ҷониби давлат ҳифзшаванда ба Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ дохил гардида бошанд. Яъне, муқаррароти қонунгузории гражданӣ оид ба хариди сарватҳои таърихию фарҳангӣ нисбат ба он объектҳое, ки аллакай аҳамияти арзишнокии худро аз даст додаанд ё аз рӯйи камарзиш будан ба Феҳристи мазкур дохил нагардидаанд, татбиқ намегардад;

3) таҳлили мавзуи мазкур собит намуд, ки то ба ҳол дар қонунгузории соҳавӣ оид ба ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ тартиб ва лаҳзаи эътироф намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ ҳамчун объекти хеле пурарзиш ва аз ҷониби давлат ҳифзшаванда муқаррар нагардидааст.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоем, ки ки қ. 3, м. 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178 дар таҳрири зайл муқаррар карда шавад: «Объектҳои дорои арзиши таърихию фарҳангӣ аз лаҳзаи додани хулосаи экспертизаи таърихию фарҳангӣ дар бораи зарурати ворид намудани онҳо ба Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ҳамчун объектҳои мероси таърихию фарҳангии пурарзиш ва аз ҷониби давлат ҳифзшаванда ҳисобида мешаванд»;

4) хариди сарватҳои таърихию фарҳангии бенизом нигоҳбонишаванда бояд дар амалияи татбиқи худ, сарфи назар аз рафтори молик, бояд ба амал бароварда шавад. Зеро он чораи гражданӣ-ҳуқуқие мебошад, ки мақсади он аз ҷазо додани молик не, балки аз ҳифзи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ иборат мебошад;

5) дар танзими гражданӣ-ҳуқуқии масъалаи мазкур дар давраи шуравӣ, инчунин таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ (махсусан Украина) нишон дод, ки агар дар натиҷаи амал ё беамалии молики мероси фарҳангӣ, ки ба онҳо хавфи вайроншавӣ ё нобудшавӣ таҳдид намояд, мақомоти дахлдори ҳифзи мероси фарҳангӣ ба молики ёдгории мазкур огоҳии дахлдор медиҳад. Агар молик бинобар имконнопазирии андешидани чораи дахлдор ё минбаъд идома додани рафтори нодуруст нисбат ба сарватҳои фарҳангӣ, ки хавфи беаҳамият гардидани онҳоро ба миён оварад, дар ин

ҳолат санади судӣ ҷиҳати аз моликияти ӯ баровардани сарватҳои фарҳангӣ қабул карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки ҳолати мазкур дар м. 264 КГ ҶТ дар қисми якуми он муқаррар карда шавад. Зеро бо додани огоҳии дахлдор мумкин аст, ки рафтори молик нисбат ба сарватҳои таърихию фарҳангӣ тағйир ёбад;

6) азбаски ба сифати субъекти даъво дар муқаррароти м. 264 КГ ҶТ давлат ба таври умумӣ пешбинӣ гардидааст, зарур аст, ки доираи субъектҳои ҳифзкунандаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ва пешниҳодкунандаи даъво, инчунин роҳбарикунандаи раванди гузаронидани савдои оммавӣ мушаххас карда шаванд.

Пешниҳод карда мешавад, ки Ҳукумати ҶТ, дар як навбат Вазорати фарҳанги ҶТ, вазорату идораҳои ҶТ, ки дорои ташкилот, корхона ва муассисаҳои фарҳанг мебошанд, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ ба ҳайси субъекти ҳифзкунанда ва даъвокунанда ба суд фаҳмида шаванд. Дар мавриди гузаронидани савдои оммавӣ ва пешбурди раванди он бошад, субъекти махсус – Вазорати фарҳанги ҶТ ҳамчун мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг баромад намояд;

7) азбаски дар қонунгузорӣ нисбат ба сарватҳои фарҳангӣ мафҳуми ягона мавҷуд нест, пешниҳод карда мешавад, ки дар матни ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба соҳаи мазкур мафҳуми ягонаи «объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» истифода карда шавад. Зеро мафҳуми мазкур дар худ тамоми сарватҳои фарҳангии моддӣ ва ғайримоддӣ, манқул ва ғайриманқулро фарогир буда, аз тарафи дигар ба бартараф намудани гуногунфаҳмии мафҳумҳои сарватҳои фарҳангӣ мусоидат менамояд;

8) пешниҳод карда мешавад, ки қ. 2, м. 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997, №516 хориҷ карда шавад. Зеро муқаррароти қисми мазкур ба м. 24 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178 дар навбати дигар ба талаботи Конститутсияи ҶТ ва м. 236 КГ ҶТ мувофиқат намекунад.

Бо дарназардошти таҳлили қонунгзорӣ ва адабиёти илмӣ дар самти мазкур ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки м. 264 КГ ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 264. Қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ

1. Ҳуқуқи моликият ба объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ҳангоми даст кашидан аз он, анҷом додани аҳдҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, вафоти молик ва дигар асосҳои имконпазир, инчунин ҳангоми нигоҳдории бенизоми онҳо мумкин аст қатъ гардад.

2. Тартиби бастани аҳдҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ оид ба бегона намудани объектҳои мероси таърихию фарҳангиро қонунгузорӣ муқаррар менамояд.

3. Агар дар натиҷаи амал ё беамалии молики объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, ки ба онҳо хавфи вайроншавӣ ё нобудшавӣ таҳдид намояд, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ба молик огоҳии дахлдор медиҳад.

4. Агар молики сарватҳои фарҳангие, ки мутобиқи қонунгузорӣ ба ҷумлаи сарватҳои хеле пурарзиш ва аз тарафи давлат ҳифзшуда дохил гардидаанд ин сарватҳоро бенизом нигоҳбонӣ кунад ва аз ин ба онҳо хавфи беаҳамият шудан таҳдид намояд, чунин сарватҳоро мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг тибқи санади судӣ метавонад аз ӯ харида гирад ё дар савдои оммавӣ ба фурӯш гузорад.

5. Ҳангоми аз тариқи савдои оммавӣ ба фурӯш рафтани объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ба молик ба ҷуз хароҷоти гузаронидани савдои оммавӣ ва хароҷоти барқарорсозии онҳо тамоми маблағи боқимонда баргардонида мешавад.».

**Муқарриз: *Шарифзода Ф.Ш.* – н.и.ҳ., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси граждании ҶТ қисми I аз 30 июни соли 1999. – №803 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.10.2022).
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Украина аз 16 январи соли 2003, №435-IV // [Манбаи электронӣ]. URL: https://urst.com.ua/ru/act/gku (санаи муроҷиат: 1.10.2022).

3. Қонуни ҶТ «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» аз 4 апрели соли 2019, №1593 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.10.2022).
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.10.2022).
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» аз 3 июли соли 2012, №838 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.10.2022).
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997, №516 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.10.2022).
7. Ведомости ВС РСФСР. – 1964. – № 24. – С. 406.
8. Балин М.В. Гражданско-правовые основания принудительного прекращения права собственности: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Балин Максим Владимирович. – Краснодар, 2011. – 215 с.
9. Буртовая Е.И. Прекращение права собственности по воле собственника в системе оснований и способов прекращения субъективного права собственности по законодательству Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Буртовая Елена Игоревна. – Томск, 2011. – 240 с.
10. Бутаева Э.С. Некоторые особенности принудительного прекращения права собственности на культурные ценности / Э.С. Бутаева // Общество и право. – 2008. – №1(19). – С. 92-94.
11. Бутаева Э.С. Прекращение права собственности помимо воли собственника: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Э. С. Бутаева. – Краснодар, 2008. – 169 с.
12. Гражданское право: учебник / Под ред. А.П. Киселева. Часть первая. – М., 1976. – 366 с.
13. Комментарий к Гражданскому кодексу Республики Таджикистан: части первой (постатейный) с использованием судебной практики / авт. коллектив. – Душанбе, 2004. – 718 с.
14. Комментарий к Гражданскому кодексу РФ, ч. 1 (постатейный) / Рук. авт. колл. и отв. ред. д-р юрид. наук, проф. О.Н. Садиков. – М.: Юрид. фирма Контракт, издательская группа ИНФРА-М-НОРМА, 1997. – 788 с.
15. Корнилова Н.В. Изъятие бесхозяйственно содержимых культурных ценностей: некоторые проблемы правового регулирования / Н.В. Корнилова // Аграрное и земельное право. – 2016. – №5(137). – С. 57-61.
16. Крысанов А.А. Принудительное прекращение права собственности: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Крысанов А. А. – Рязань, 2002. – 176 с.
17. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми I (китоби дарсӣ) / Қ.Ш.Қурбонов. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 488.
18. Мазеин Д.В. Некоторые проблемы правового регулирования гражданского оборота движимых культурных ценностей / Д.В. Мазеин // Журнал российского права. – 2004. – № 9. – С. 43-55.
19. Маҳмудов М.А. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) / М.А. Маҳмудов, Ш.Т. Тағойназаров, И.Ҳ. Бобоҷонов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1000 с.
20. Масевич М.Г. Основания приобретения права собственности / М.Г. Масевич // Законность. – 1995. – №4. – С. 7-15.
21. Российское гражданское право: Учебник: В 2 т. Т. I: Общая часть. Вещное право. Наследственное право. Интеллектуальные права. Личные неимущественные права / Отв. ред. Е.А. Суханов. – 2-е изд., стереотип. – М.: Статут, 2011. – 958 с.
22. Сергеев А.П. Гражданско-правовая охрана культурных ценностей / А.П. Сергеев. – Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1990. – 192 с.
23. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ: монография / Ф.С. Сулаймонов. – Душанбе: ДМТ, 2015. – 248 с.
24. Усмонов О.У. Ҳуқуқи моликияти хусусии шаҳрвандон ва ҳифзи он / О.У. Усмонов. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 140 с.
25. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми I // Ҳайати муаллифон. – Душанбе: ЭР-граф, 2007. – 432 с.
26. Эрделевский А.М. Постатейный научно-практический комментарий части первой ГК РФ // Библиотечка РГ / А.М. Эрделевский. – М., 2001. – 648 с.

## ХАРИДИ САРВАТҲОИ ФАРҲАНГИИ БЕНИЗОМ НИГОҲБОНИШАВАНДА ҲАМЧУН АСОСИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

Хариди сарватҳои фарҳангии бенизом нигоҳбонишаванда яке аз асосҳои маҷбурии қатъ гардидани ҳуқуқи моликияти хусусӣ буда, мутобиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Мушкилоти танзими гражданӣ-ҳуқуқии падидаи мазкур ва баррасии он дар мақола матлаби асосиро ташкил медиҳад. Лозим ба зикр аст, ки то ҳол дар адабиёти ватанӣ оид ба хариди сарватҳои фарҳангӣ ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият андешаҳо дар затҳи зарурӣ баён нашуда, ҳатто таҳқиқоти алоҳида ҳам анҷом дода нашудааст. Аз ин лиҳоз, муаллиф кӯшиш ба харҷ дода, то як андоза падидаи болозикр ва мушкилоти танзими онро ошкор намуда, ҷиҳати такмили қонунгузории гражданӣ пешниҳодҳои назариявию амалӣ манзур намудааст. Дар шароити феълӣ гарчанде ки дар амалияи татбиқшавандагии худ меъёри муқаррарнамудаи қонунгузории гражданӣ дар самти хариди сарватҳои таърихию фарҳангии аз ҷониби молик бенизом нигоҳбонишаванда беамал аст, вале ин яке аз кӯшишҳои аввалин дар таҳқиқи мавзуи мазкур мебошад.

**Калидвожаҳо:** қонунгузории граждании, сарватҳои фарҳангӣ, молики сарватҳои фарҳангӣ, нигоҳбонии бенизом, ҳуқуқи моликият, савдои оммавӣ, хариди сарватҳои фарҳангӣ, қатъ гардидани ҳуқуқи моликият.

## ВЫКУП БЕСХОЗЯЙСТВЕННО СОДЕРЖИМЫХ КУЛЬТУРНЫХ ЦЕННОСТЕЙ КАК ОСНОВАНИЕ ДЛЯ ПРЕКРАЩЕНИЯ ПРАВ СОБСТВЕННОСТИ

Выкуп бесхозяйственно содержимых культурных ценностей является одним из оснований принудительного прекращения права частной собственности и осуществляется в соответствии с гражданским законодательством Республики Таджикистан. Проблема гражданско-правового регулирования данного явления и ее рассмотрение в статье составляют основную тему. Следует отметить, что до сих пор в отечественной литературе о выкупе бесхозяйственно содержимых культурных ценностей как основании прекращения права собственности не высказывались в должном свете мнения и даже не проводилось отдельного исследования. С этой точки зрения автором предпринята попытка в определенной мере раскрыть указанное явление и проблемы его регулирования, а также внесены теоретические и практические предложения по совершенствованию гражданского законодательства. В современных условиях, хотя установленная гражданским законодательством норма о выкупе бесхозяйственно содержимых историко-культурных ценностей собственника, на практике малоэффективна, это одна из первых попыток исследования данной темы.

**Ключевые слова:** собственность, право собственности, культурные ценности, историко-культурные наследия, собственник культурных ценностей, бесхозяйственное содержание, судебный акт, историко-культурные ценности, использование культурных ценностей, основание прекращения права собственности.

## REPURCHASE OF MISMANAGED CULTURAL PROPERTIES AS A BASIS FOR THE TERMINATION OF PROPERTY RIGHTS

The redemption of mismanaged cultural property is one of the grounds for the forced termination of the right to private property and is carried out in accordance with the civil legislation of the Republic of Tajikistan. The problem of civil law regulation of this phenomenon and its consideration in the article constitute the main topic. It should be noted that so far in the domestic literature on the redemption of mismanaged cultural property as the basis for the termination of property rights, opinions have not been expressed in the proper light and not even a separate study has been conducted. From this point of view, the author made an attempt to some extent to reveal this phenomenon and the problems of its regulation, as well as made theoretical and practical proposals for improving civil legislation. In modern conditions, although the norm established by civil law on the redemption of mismanaged historical and cultural values of the owner is ineffective in practice, this is one of the first attempts to study this topic.

**Key words:** civil law; cultural values; owner of cultural property; mismanaged content; ownership; public auctions; ransom of cultural property; termination of ownership.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шамсиддин Шоҳин* –** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **904-91-28-45.** E-mail: **shokhinsh@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шамсиддин Шохин*** – Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель кафедры права и сравнительного правоведения. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саида Носира, 33. Телефон: **(+992) 904-91-28-45.** E-mail: **shokhin_ sh@mail.ru**

**Information about authors:** ***Shamsiddin Shokhin***– Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, applicant of Law and Comparative Law Department. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir 33, street. Phone: **(+992) 904-91-28-45.** E-mail: **shokhin_ sh@mail.ru**

ТДУ 342.15(575.3)

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Мазарифов М.К.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ**

Иқтисодиёт аз зумраи соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор рафта, тараққиёти ҳама гуна мамлакат аз рушди устувори он вобастагӣ дорад. Инкишофи иқтисодиёт ва пойдории давлатро бе якдигар тасаввур кардан номумкин аст. Аз ин лиҳоз, дар тамоми кишварҳои ҷаҳон барои рушди иқтисодиёт таваҷҷуҳи хосса равона гардида, дар ин самт нақшаҳои бузург тарҳрезиву амалӣ карда мешаванд.

Дар замони муосир яке аз роҳҳои самарабахши такон бахшидан ба инкишофи иқтисодиёт ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошад, ки натиҷаи онро дар рушди иқтисодии давлатҳои мутараққии дунё дида метавонем. Мувофиқи Конвенсияи СММ оид ба савдо ва рушд, минтақаҳои озоди иқтисодӣ механизми рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравaнд [9,с.675].

Тавре ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 омадааст: "Яке аз роҳҳои муҳимми таъмин намудани рушди устувори иқтисоди кишвар истифода аз имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошад"[10].

Падидаи минтақаҳои махсуси иқтисодӣ бо низоми хосси амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти давлатҳои гуногуни ҷаҳон, чи дар кишварҳои мутараққӣ ва чи дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ба таври васеъ паҳн гардидааст. Чунин минтақаҳо дар ИМА, Бразилия, Хитой, Кореяи Ҷанубӣ ва дигар давлатҳо бомуваффақият фаъолият намуда истодаанд [14,с.52].

Қайд намудан бамаврид аст, ки ҷиҳати ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии онҳо зарур мебошад. Дар ин раванд минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва фаъолияти онҳо дар маркази таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ, коршиносон, мутахассисон, таҳлилгарон ва ниҳоят қонунгузор қарор гирифта, ба таври мунтазам мавриди баррасӣ қарор мегирад [13,с.4].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабул гардидани нахустин санади меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт, яъне қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 17 майи соли 2004 барои ташкил ва инкишофи минтақаҳои озоди иқтисодӣ заминаи аввалини ҳуқуқӣ гузошта шуд.

Дар баробари ин, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шурои нозирон оид ба масъалаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳайати намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо ва муассисаҳои дахлдори давлатӣ ташкил карда шуд, ки мақсади асосии он таъмини идоракунии умумии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Рушди муносибатҳои иқтисодӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва дигар омилҳои соҳавӣ боиси он гардиданд, ки қонуни қабулгардида аз эътибор соқит дониста шуда, 25 марти соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" дар таҳрири нав қабул карда шавад.

Қонуни дар таҳрири нав қабулгардида асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иқтисодии таъсис, идоракунӣ, фаъолият ва барҳамдиҳии минтақаҳои озоди иқтисодиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, тартиби татбиқи низоми махсуси ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди танзим қарор медиҳад [7].

Дар қонуни болозикр, пеш аз ҳама, мафҳумҳои асосии ба ташкил ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ хос тавзеҳ дода шудааст. Аз он ҷумла, мафҳумҳои минтақаи озоди иқтисодӣ, низоми махсуси ҳуқуқӣ, маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ, субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ ва ҳоказо.

Аз рӯйи муқарраротӣ он минтақаи озоди иқтисодӣ қитъаи алоҳидаи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраркардашуда мебошад, ки дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст. Мувофиқи тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” ҳамин мафҳум 3 нишонаи минтақаи озоди иқтисодиро дар бар мегирад:

1) аз қитъаи алоҳида (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраршуда иборат будан;

2) дар қитъаи зикргардида барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ пешниҳод намудан;

3) аз низоми махсуси ҳуқуқӣ дар қитъаи мазкур бархӯрдор будан [13,с.9].

Вобаста ба нишонаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ олимон нуқтаҳои назари гуногун доранд. Аз ҷумла, ба андешаи Л.В. Ткачева, минтақаҳои озоди иқтисодӣ дорои чунин нишонаҳо буда метавонанд:

1) онҳо сабабҳои иқтисодӣ доранд, яъне бо мақсади рушди соҳаи муайяни иқтисодиёт бо ҷалби сармояи дохилӣ ё хориҷӣ ташкил карда мешаванд;

2) ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад;

3) дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ низоми имтиёзноки андозию гумрукӣ амал менамояд [14,с.53].

В.И. Русакавоич бар он назар аст, ки минтақаи озоди иқтисодӣ ҳамчун минтақаи махсуси иқтисодӣ аз ҷониби давлат ҷудо гардида, дар он ҷо намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда мешаванд ва мақсади он иштирок дар тақсимоти ҷаҳонии меҳнат мебошад [11,с.176].

Нишонаҳои дар боло овардашударо таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки онҳо ягонагии умумӣ доранд. Зеро хусусиятҳои бевосита ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ алоқаманд дар ҳамаи онҳо дида мешаванд. Вобаста ба нуқтаи назари муҳаққиқ ва сатҳи рушди иқтисодии давлат шояд хусусиятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз ҳамдигар фарқ намоянд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти минтақаҳои озоди иқтисодӣ 4 намуди минтақаҳои озоди иқтисодиро муайян намудааст, ки ҳар яке аз онҳо бо хусусиятҳои худ аз дигар намуд фарқ доранд. Якум, минтақаҳои озоди иқтисодии саноатӣ мебошад, ки ба ҳавасмандгардонии рушди саноат равона карда шудааст.

Дуюм, минтақаи озоди иқтисодии савдо ва тиҷоратӣ, ки ҳудуди он барои такмилдиҳӣ, коркард, ба навъҳо ҷудокунӣ, борбандӣ, тамғагузорӣ ва нигоҳдории молҳои ба минтақа воридшаванда истифода мегардад. Мақсади нигоҳдории молҳо дар ин намуди минтақа барои минбаъд ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ё аз он содир намудан мебошад.

Намуди сеюми он минатақаи озоди иқтисодии хизматрасонӣ мебошад, ки дар ҳудуди он корхонаю ташкилотҳои хӯроки умумӣ, хизматрасонии сайёҳӣ, табобатӣ ва муолиҷавӣ, машваратӣ, муҳандисӣ-техникӣ, миёнаравӣ, молиявӣ ва қарзӣ, аудиторӣ, суғуртавӣ ва дигар хизматрасониҳо ташкил карда мешаванд.

Минтақаи озоди иқтисодии инноватсионӣ, илмию таҳқиқотӣ ва ҷорикунанда намуди чоруми он ба ҳисоб рафта, дар ҳудуди он корхонаву ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ, илмию таълимӣ, таҷрибавӣ, кашфиётҳои техникӣ метавонанд таъсис дода шаванд [7].

Дар ҷаҳон 4 намуди асосии минтақаҳои озоди иқтисодӣ вомехӯрад:

1) минтақаҳои тиҷорати озод, ки асосан дар наздикии истгоҳҳои калони нақлиётӣ дар давлатҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф ҷойгир мебошанд (масалан, дар Нидерландия, Латвия, Италия);

2) минтақаҳои истеҳсолӣ ё саноатӣ-истеҳсолӣ, ки асосан дар Кореяи Ҷанубӣ, Бразилия ва Мексика дида мешаванд;

3) минтақаҳои ҷорикунии техникӣ, технопаркҳо (аз ҷумла, дар Ҷопон, ИМА, Ҳиндустон, давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ);

4) минтақаҳои хизматрасонӣ, ки бештар дар давлатҳои Аврупои Ғарбӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Кипр вомехӯранд [12].

Ҳадафи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ҷалб намудани технологияи муосир дар истеҳсолот, истеҳсоли самаранок ва рақобатпазири маҳсулоти ватанӣ, истифодаи самарабахши захираҳои табиӣ бо ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ мебошад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар аксари ҳолатҳо вобаста ба шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, дар баъзан ҳолатҳо вобаста ба шароити сиёсии ин ё он давлат ташкил карда мешаванд [3,с.288].

Бояд қайд намуд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба таъсис ва танзими фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ алоқамандро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1) санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ;

2) санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумӣ;

3) санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ.

Тавре ки аз меъёри моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд [6]. Аз ин лиҳоз, ба гурӯҳи якум санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ шомил карда шудааст.

Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ҳамчун сарчашмаи танзими ҳуқуқии минтақаҳои озоди иқтисодӣ баромад менамоянд, инҳоро дохил намудан мумкин аст: Конвенсияи умумиҷаҳонӣ оид ба содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото) аз 18 майи соли 1973, Созишномаи ИДМ оиди ташкили минтақаҳои озоди тиҷорат аз соли 1994, Қонуни намунавии ИДМ “Оиди минтақаҳои озоди иқтисодӣ” аз соли 2000, Созишнома оиди монеаҳои техникӣ дар минтақаҳои озоди савдоӣ аз соли 2000, созишномаҳои сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо ва ғайраҳо [13,с.16-17].

Гурӯҳи дуюми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии тартиби фаъолият кардан, шартҳои махсуси андозбандӣ ва муомилоти асъорӣ, гумрукӣ, муносибатҳои меҳнатӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодиро дар бар мегирад. Хусусияти ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз он иборат мебошад, ки на танҳо фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, балки дигар соҳаҳоро низ танзим менамоянд. Аз ҷумла, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” ва ҳоказо.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ санадҳое мебошанд, ки маҳз вобаста ба таъсис ва танзими фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ қабул гардидаанд. Ба инҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” аз 25 марти соли 2011, Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 5 декабри соли 2005, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии Панҷи Поён ва Суғд” аз 2 майи соли 2008, Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаҳои минтақаҳои озоди иқтисодии Панҷ ва Суғд” аз 29 октябри соли 2008, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъалаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 31 августи соли 2009 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ шомил карда мешаванд.

Фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Шурои нозирони минтақаҳои озоди иқтисодӣ назорат карда мешавад. Ин Шуро мақоми экспертӣ ва ҳамоҳангсозанда ба шумор рафта, он дар ҳайати намояндагони мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ, мақомоти

маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар қаламрави онҳо минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсис дода шудаанд, намояндагони мақомоти гумрук ва андоз, бизнес-ассосиатсияҳо, намояндагони субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ташкил карда мешавад [13,с.77-83].

Шурои мазкур дар асоси "Низомнома дар бораи Шурои нозирон оид ба масъалаҳои минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №664 тасдиқ гардидааст, фаъолият менамояд.

Хусусияти аз ҳама муҳимми минтақаҳои озоди иқтисодӣ низоми махсуси ҳуқуқӣ мебошад, ки аз дигар ҳудудҳо фарқ менамояд. Дар боби чоруми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" аз 25 марти соли 2011 низоми махсуси ҳуқуқӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ пешбинӣ гардидааст, ки инҳоро дар бар мегирад: хусусиятҳои танзими гумрукӣ ва андозбандӣ, фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, фаъолияти суғуртавӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, амнияти экологӣ ва ҳифзи муҳити зист, тартиби истифодабарии замин, санҷиши фаъолияти субъектони минтақа, иҷозатномадиҳӣ ба субъектони минтақа ва тартиби содаи реҷаи раводид.

Хусусиятҳои низоми ҳуқуқии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қонуни мазкур дарҷ гардида бошад ҳам, барои пурратар гардидани онҳо меъёрҳо ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ҳавола карда шудааст. Аз он ҷумла, омадааст, ки дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолияти соҳибкорӣ новобаста аз шаклҳои моликият аз пардохти ҳама гуна андозҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ғайр аз андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ озод карда мешавад. Андозҳои пешбинигардида бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешаванд.

Дар боби 49 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, асосҳои андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ муқаррар карда шудааст, ки низоми андоз дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, тартиби ҳисоб ва пардохти онҳоро пешбинӣ намудааст. Мувофиқи Кодекси мазкур, низоми имтиёзноки андозбандии пешбининамудаи боби мазкур танҳо нисбат ба субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ дар қитъаи маҳдуди бо девор иҳоташуда ва муҳофизатшавандаи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгӯйи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (яъне, минтақаи озоди иқтисодӣ), татбиқ карда мешавад [5].

Мавриди зикр аст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ) ташкил карда шудааст, ки МОИ "Суғд", МОИ "Панҷ", МОИ "Данғара", МОИ "Ишкошим" ва МОИ "Кӯлоб" мебошанд [2]. Ҳар як минтақаи озоди иқтисодӣ дорои низомнома мебошад, ки фаъолияти бевоситаи онро ба танзим медарорад.

Аз он ҷумла, минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" дар асоси низомнома, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2008, №1146 тасдиқ карда шудааст, фаъолият менамояд. Ин низомнома асосҳои ҳуқуқию ташкилии фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии шакли истеҳсолию инноватсионии минтақаи озоди иқтисодии "Суғд"-ро муайян менамояд.

Дар он инчунин мақсад ва вазифаҳо, намудҳои афзалиятноки фаъолият, субъектҳо ва ҳуқуқҳои онҳо, реҷаи иҷозати даромад, механизми молиявию асъорӣ, низоми гумрукию андозӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, муҳлати амал, тартиби фаъолияти маъмурият ва дигар масъалаҳо матраҳ гардидаанд.

Мувофиқи санади мазкур, дар назди МОИ "Суғд" чунин вазифаҳо гузошта шудаанд: рушди иқтидори иқтисодии минтақа, ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, технологияи муосир, ҷорӣ намудани навовариҳо ва ихтирооти илмию техникии ватанию хориҷӣ, кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ, истифодаи пурраи захираҳои озоди меҳнатӣ ва табиӣ, ҳифзи муҳити зист, ташкил намудани инфрасохтори истеҳсолӣ дар сатҳи байналмилалӣ [8].

Инчунин, соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, инчунин филиал ва намояндагиҳои онҳо, ки тибқи қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаштаанд, метавонанд бо бастани шартнома бо маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ ва соҳиб гардидани сертификат ҳамчун субъекти ин минтақа фаъолият намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" вазифаи идоракуниро маъмурияти МОИ иҷро менамояд, ки тартиби фаъолияти онро низомномаи болозикр муайян менамояд. Маъмурияти МОИ шахси ҳуқуқӣ буда, шакли ташкилию ҳуқуқиаш муассисаи давлатии ҷумҳуриявӣ мебошад ва дар тобеияти мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ қарор дорад. Роҳбари маъмурияти МОИ ва муовинонаш аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

Дар қонунгузорӣ ҳамчунин масъалаи барҳамдиҳии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳам баён гардидааст. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳолати ба анҷом расидани мӯҳлати фаъолияти онҳо ё пеш аз мӯҳлат бо пешниҳоди асосноки мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар қаламрави он минтақа таъсис дода шудааст, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад.

Ҳамин тавр, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои кофии ҳуқуқӣ ҷиҳати таъсис ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ муқаррар карда шудаанд. Фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии дахлдор ба инкишофи ин намуди фаъолияти иқтисодӣ имконият медиҳад.

Рушди фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишвар ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла саноатикунонии босуръати кишварро наздиктар мегардонад. Аз ин рӯ, ба вуҷуд овардани фазои муътадил ва созгори ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ амри зарурӣ ба шумор меравад.

**Муқарриз:Муминзода Н.И. - н.и.х., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Ш.К. Ғаюров. -Душанбе, 2005. -216 с.
2. Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ // Сомонаи расмии Минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: https://fez.tj/tj/about_sez/ (санаи муроҷиат: 25.01.2023)
3. Игнатов В. Свободные экономические зоны / В.Игнатов, В. Бутов. -Москва: Ось-89, 2011. С. 288
4. Исмоилов Ш.М. Ҳуқуқи иқтисодӣ / Ш.М. Исмоилов, Ф.М. Нодиров. -Душанбе, 2010. -466 с.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021 [Манбаи электронӣ]. URL: https://andoz.tj/Law/Kodex?culture=tg-TG (санаи муроҷиат: 30.01.2023)
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994 [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://adliya.tj/tj/constitution (санаи муроҷиат: 21.01.2023)
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" аз 25.03.2011 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи муроҷиат: 21.12.2022)
8. Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" // Сомонаи расмии Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" аз 29.10.2008 [Манбаи электронӣ]. URL: http://fezsughd.tj/tj/asoshoi-huquqi/ (санаи муроҷиат: 28.12.2022)
9. Павлов П.В. Свободные экономические зоны как современный институт развития в международном бизнесе / П.В. Павлов, Е.К. Защитина // Вестник СПбГУ. Экономика. 2020. Т.36.Вып. 4. С.675-692
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.04.2014 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/6598 (санаи муроҷиат: 10.01.2023)
11. Русакович В.И. Свободные экономические зоны как фактор интеграции стран Азии в мировую экономику: реалии XXI века / В.И. Русакович // Глобализация: влияние на страны Азии. Ежегодник - 2015. Москва: РУДН, 2015. -С 176.
12. Самсонов С.С. Специфика правового регулирования свободных и особых зон в России / С.С. Самсонов // Международное публичное и частное право №5, 2012.
13. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ". -Душанбе: "Империал-Групп", 2018. -137. -С. 4.
14. Ткачева Л.В. Сравнительно-правовой анализ положений законодательства о создании и функционировании свободных экономических зон в различных странах / Л.В. Ткачева // Вестник Таганрогского института управления и экономики -№2. -2015. -С. 52-56.
15. Экономика // Под ред. А.С. Булатова – Москва, 1995. -347 с.

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Иқтисодиёт заминаи асосии пойдории ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Зеро бе таъмини иқтисодӣ ягон соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ рушд карда наметавонад. Давлатҳои мутараққии ҷаҳон ҳам бо инкишофи иқтисодиёти худ ҳаматарфа рушд намудаву дар ҷаҳон мавқеи худро устувор намудаанд. Бинобар ин, рушди иқтисодӣ қадами нахустини рушди умумидавлатӣ ба шумор меравад. Яке аз роҳҳои ҳамгироии иқтисодӣ, ки метавонад иқтисодиёти давлатҳои алоҳидаро рушд диҳад, ин ташкил намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба он мебошад. Ин имкон медиҳад, ки ширкатҳои ҷаҳониву кишварҳои мутараққӣ дар давлатҳои рӯ ба инкишоф фаъолияти худро ба роҳ монанд. Аз ин ҳисоб дар давлатҳои рӯ ба инкишоф ҷойҳои нави корӣ, пастшавии арзиши бозории баъзе маҳсулотҳо, ба роҳ мондани истеҳсолоти дохилӣ, бунёди инфрасохтори нав ба вуҷуд ояд. Таҷрибаи кишварҳои мутараққии ҷаҳон аз он шаҳодат медиҳад, ки ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ такони ҷиддӣ ба рушди иқтисодиёт мебошад. Инро мо дар мисоли кишварҳои мутараққии ҷаҳон ба монанди Ҷопон, ИМА, Ҳиндустон, давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Кореяи Ҷанубӣ, Бразилия ва Мексика дида метавонем. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсис ва ба роҳ мондани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои рушди иқтисодиёт хеле муҳим мебошад. Бо ин мақсад дар дар Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул карда шуда, фаъолият ба роҳ монда шудааст. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсис дода шудааст, ки ҷиҳати ҷалб намудани сармояи дохиливу хориҷӣ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ чораҳои дахлдор андешида истодааст. Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудем, ки заминаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро ҳамчун ҷузъи муҳимми он мавриди омӯзиш қарор диҳем. Чунки танҳо асосҳои ҳуқуқии дуруст метавонанд моро дар ин самт муваффақ гардонанд ва рушди ин қисмати иқтисодиёт таъмин карда шавад.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, муносибатҳои иқтисодӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ, минтақаи озоди иқтисодӣ, соҳибкорони инфиродӣ, маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ.

## ПРАВОВАЯ ОСНОВА ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Экономика считается главной основой стабильности любого государства. Потому что ни одна сфера общественной жизни не может развиваться без экономической поддержки. Развитые страны мира всесторонне развивались с развитием своей экономики и стабилизировали свое положение в мире. Поэтому экономическое развитие считается первым шагом общегосударственного развития. В последние годы с развитием глобальной экономической интеграции, мировая экономика получает новое развитие. Одним из путей экономической интеграции, способных развивать экономику отдельных стран, является создание свободных экономических зон и привлечение инвестиций. Это позволяет глобальным компаниям и развитым странам начать свою деятельность в развивающихся странах. Благодаря этому в развивающихся странах будут созданы новые рабочие места, снизится рыночная стоимость некоторых товаров, будет налажено внутреннее производство, построена новая инфраструктура. Опыт развитых стран мира показывает, что создание свободных экономических зон является серьезным толчком к развитию экономики. Мы можем видеть это на примере развитых стран мира, таких как Япония, США, Индия, страны Западной Европы и Юго-Восточной Азии, Южная Корея, Бразилия и Мексика. Для Республики Таджикистан создание и функционирование свободных экономических зон также имеет большое значение для развития экономики. С этой целью в Таджикистане принят и действует ряд соответствующих нормативных правовых актов. Создан уполномоченный государственный орган по свободным экономическим зонам, который принимает соответствующие меры по привлечению отечественного и иностранного капитала в свободные экономические зоны. В данной статье мы попытались проанализировать правовую основу организации и функционирования свободных экономических зон как ее важной части. Потому что только правильная правовая база может сделать нас успешными в этой сфере и обеспечить развитие этой части экономики.

**Ключевые слова:** экономика, экономические отношения, свободная экономическая деятельность, свободная экономическая зона, индивидуальные предприниматели, администрация свободной экономической зоны.

## LEGAL BASIS FOR ACTIVITIES OF FREE ECONOMIC ZONES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The economy is considered the main basis for the stability of any state. Because no sphere of public life can develop without economic support. The developed countries of the world developed comprehensively with the development of their economies and stabilized their position in the world. Therefore, economic development is considered the first step of national development. In recent years, with the development of global economic integration, the world economy is getting a new development. One of the ways of economic integration capable of developing the economy of individual countries is the creation of free economic zones and attraction of investments. This allows global companies and developed countries to start their activities in developing countries. Thanks to this, new jobs will be created in developing countries, the market value of some goods will decrease, domestic production will be established, and new infrastructure will be built. The experience of the developed countries of the world shows that the creation of free economic zones is a serious impetus to the development of the economy. We can see this in developed countries such as Japan, USA, India, Western Europe and Southeast Asia, South Korea, Brazil and Mexico. For the Republic of

Tajikistan, the creation and functioning of free economic zones is also of great importance for the development of the economy. To this end, a number of relevant regulatory legal acts have been adopted and are in force in Tajikistan. An authorized state body for free economic zones has been created, which takes appropriate measures to attract domestic and foreign capital to free economic zones. In this article, we tried to analyze the legal basis for the organization and functioning of free economic zones as an important part of it. Because only the right legal framework can make us successful in this area and ensure the development of this part of the economy.

**Keywords:** economy, economic relations, free economic activity, free economic zone, individual entrepreneurs, free economic zone administration.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мазарифов Манучеҳр Каримҷонович* -** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, саромӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: (**+992) 88 321 2222.** E-mail: **985404848m@gmail.com, info@kgu.tj**

**Сведения об авторе:** ***Мазарифов Манучехр Каримджонович* -** Кулябский государственный университет имени А.Рудаки**,** кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры права и международных отношений. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: (**+992) 88 321 2222.** E-mail: **985404848m@gmail.com, info@kgu.tj**

**Information about the author:** ***Mazarifov Manuchehr Karimdzhonovich* -** Kulyab State University named after A. Rudaki, Candidate of Law, Senior Lecturer of the Department of Law and International Relations. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16. Phone: **(+992) 88 321 2222.** E-mail: **985404848m@gmail.com, info@kgu.tj**

ТДУ: 34.017(09)(575.3)

# АВАСТО – ЯКЕ АЗ САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОНИ ТАЪРИХӢ


***Раҳимов Сафархуҷа***

**Донишгоҳи милили Тоҷикистон**


Таърих гувоҳ аст, дар Эрону Афғонистон ва Осиёи Миёна то оғози давраи исломӣ (ҳудуди солҳои 40-ум ва 50-уми асри VII) қавму қабилаҳои гуногуни ориёитабор мезистанд, ки аксарияти онҳо аз оини зардуштӣ пайравӣ мекарданд. Дар бораи чигунагии вазъи илму фарҳанг дар он даврони тулонии тоисломӣ дар сарзаминҳои ориёинишин аз осори хаттие, ки бо забонҳои авестоӣ, форсии қадим, паҳлавӣ (форсии миёна), суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ ва дигар забонҳои қадимаи эронӣ навишта шуда, то замони мо маҳфуз мондаанд, маълумот ҳосил кардан мумкин аст. Яке аз ин гуна манбаъҳо – Авасто – китоби муқаддаси дини зардуштӣ мебошад, ки ба ақидаи аксарияти муҳаққиқон, аввалин бор дар асрҳои VII-VI то милод (яъне дар оғози таъсисёбии империяи Ҳахоманишиён) китобат шудааст.

Дар қисмати Вандидоди Авасто нахустин маротиба дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба ҳаёти осоишта, ҳуқуқ ба муносибати хуб, ҳуқуқ ба бастани шартномаҳо, ҳуқуқ ба ҳаёти кӯдаки тавлиднашуда, ҳуқуқ ба тандурустӣ, ҳуқуқ ба никоҳ ва ҳоказо расман эътироф ва эълон шудааст.

Дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ (авастоӣ) меъёрҳои ҳуқуқии давлатӣ мақоми хосса дошта, барои ба танзим даровардани ҳокимияти диниву сиёсӣ, ҳуқуқу ваколатҳо ва имтиёзҳои шоҳону ҳокимон, идора кардани муносибати давлатдорон бо раият ва дигар равандҳову падидаҳои ҳуқуқӣ хизмат мекарданд. Дар ин меъёрҳо муҳимтарин ҳуқуқу вазифаҳои зардуштиён нишон дода шудаанд. Профессор Сотиволдиев Ш. Р. чунин қайд мекунад: "Авасто масоили додгустарӣ, муносибатҳои шартномавӣ, моликиятдорӣ, оиладорӣ, истифодаи об, ҳифзи муҳити зист, ҷиноят ва ҷазоро танзим мекунад. Аз ҷумла, намудҳои аҳдҳои ҷудогона, тартиби иҷрои аҳдҳо, усулҳои танзими моликият, қобилияти ҳуқуқдорӣ (аз лаҳзаи таваллуд), қобилияти амали инсонӣ (аз синни 15-солагӣ), намудҳои андоз, шартҳои бастани никоҳ (мансубият ба дини зардуштӣ, розигии зан, синни никоҳии 15-солагӣ ва м. и.) ҳатмӣ ва муҳим будани никоҳ (чунончи, зимни афзалияти оиладор нисбат ба муҷаррад), намудҳои никоҳ аз қабили никоҳи подшозан, никоҳи ягоназан, никоҳи чокарзан, никоҳи сатурзан – никоҳи духтар бо бародари вафоткарда, никоҳи худсарзан – бо хоҳиши духтар, вале бе розигии волидайн, таснифи ҷиноят, намудҳои ҷазо танзим мешаванд" [11].

Дар Авасто мафҳуми ҳокимият мутобиқ бо зинаҳои он бо вожаҳои гуногун ифода карда мешуд. Аз мазмуни қадимтарин ҳотҳо ва яштҳои ин китоб (Фарвардин-яшт, Зомёд-яшт, Меҳр-яшт ва ғ.) бармеояд, ки мазҳар ва манбаи ҳокимият ва ҳуқуқи давлатии зардуштиён Аҳурамаздо – Худои яккаву ягона ба шумор меравад. 72 сифоти Аҳурамаздо дар Авасто тараннум шудаанд. Чун: офаранда, пуштибон, нигаҳбон, ҳамадон, шиносанда, чорабахш, пешво, фарраманд, доно ба ҳама чиз, дурбин, додвар, беҳтарин парваранда, додгартарин шаҳриёр, нофирефтанӣ, пирӯзшаванда бар душман, шикастдиҳандаи душман, офаридгори ягона, бахшандаи ҳамаи диҳишҳо ва хушиҳо, бахшоишгар, некикунада ба хости худ, судманд, неруманд, ашаван, шаҳриёри барозандатарин ва донотарини дурнигоранда ва ғ.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо аввалин шоҳе, ки ҳокимияти дунявиро мутобиқи усулҳои дини зардуштӣ ба роҳ монд ва ҳокимияти ӯро Аҳурамаздо тасдиқ ва пуштибонӣ кард, Ҷамшед буд. Тибқи ривояти Авасто Аҳурамаздо дар баробари атои фарри худ, инчунин ба Ҷамшед ангуштарӣ ва асои тиллоиро ҳамчун рамзи ҳокимият ато кард. Бисёр ҷолиб аст, ки аз ҳамон давраҳои асотирӣ сар карда дар таърихи сиёсии мардуми Осиёи Миёна ва Эрон чӯбдаст ва ангуштарини тиллоӣ ҳамчун рамзи давлатдорӣ ва ҳокимият шинохта мешуданд. Минбаъд вобаста ба васеъ шудани мазмуну мундариҷаи ҳокимияту давлатдорӣ ва пайдо шудани ниҳодҳову мақомоти гуногуни давлатӣ барои ифода кардани ҳар кадоми онҳо истилоҳот ва рамзу аломатҳои

гуногун ба вуҷуд омаданд. Масалан, акси гӯсфанд нишони рамзии ворисі тахту тоҷ, акси ҳилол ва ситора бошад, нишони рамзии сарвари давлат, яъне шоҳ маҳсуб мешуд. Вуҷуди ин рамзу аломатҳо бо шумораи зиёди истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои ҳуқуқиву давлатӣ баёнгари он мебошад, ки давлат ва ҳуқуқи миллии мардуми эронитабор ҳанӯз дар замони қадим ба зинаи баланди инкишофу таҳаввулот расида буд. Бояд зикр намуд, ки падидаи мазкур, яъне пайдоиши ниҳодҳои гуногуни давлативу ҳуқуқӣ дар замони қадим танҳо хосси кишварҳои Шарқ буда, дар Аврупои қадим ба назар намерасад. Мутобиқи маълумоти кашфиётҳои бостоншиносӣ, чунин нишонаҳо ва рамзҳои давлативу ҳуқуқӣ дар даврони қадим дар тамоми Машриқзамин, аз ҷумла дар Осиёи Миёна, барои ифода кардани сифатҳо ва хусусиятҳои вижаи Аҳурамаздо хизмат мекарданд.

Дар асоси ҳикояти авастоӣ дар бораи ато шудани фарри эзадӣ ба Ҷамшед тахмин кардан мумкин аст, ки таърихи пайдоиши ҳокимияти дунявӣ ё ҳокимияти шоҳӣ нисбат ба ҳокимияти динӣ собиқаи қадимтар дошта, нисбат ба дувумӣ пештар оғоз ёфтааст. Чунин назария дар бораи пайдоиши давлат ва ҳокимият хосси танҳо таълимоти зардуштия мебошад. Дар ҳамаи дигар таълимотҳои бостониву асримиёнагии динӣ пайдоиши давлатҳо ва ҳокимиятҳои бостонӣ, аз ҷумла, давлатҳои қадимаи Миср, Бобулистон ва Чин таҳти таъсири омилҳо ва ангезаҳои динӣ сурат мегирад. Ба ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки шакли ҳокимияти дунявии шоҳӣ нисбат ба ҳокимияти динӣ таърихи қадимитар дошта, минбаъд анъанаҳои ҳуқуқиву сиёсии он аз ҳисоби усулҳои ҳуқуқи зардуштӣ таҳаввул ва такомул мeёфтанд.

Аз нуктаи назари таълимоти авастоӣ, ҳар як шахси муъмин ва пайрави некиву ростӣ бояд ҳама вақт ба зикри номҳои офаридгори ягона машғул шавад, гуфтору пиндор ва амалҳои худро дар заминаи риояи қонунҳои неку одилона ба роҳ монад. Мувофиқи таълимоти Авасто, ҳокимияти илоҳӣ дар рӯйи замин тавассути Зардушт ва шоҳон ҷорӣ ва дар амал татбиқ карда мешуд. Аниқтараш, то замони Зардушт адли илоҳӣ тавассути як зумра шоҳон, ки аз баракати фарри эзадӣ бархӯрдор буданд, тасдиқ ва татбиқ мегардид.

Мутобиқи таълимоти Авасто ва дигар сарчашмаҳои зардуштӣ шаҳриёрону паҳлавонони бедодгару зулмпеша, аз қабили Заҳҳоку Афросиёб аз фарри эзадӣ бебаҳраанд ва ҳарчанд талош меварзанд, онро ба даст оварда наметавонанд. Муҳимтарин шарти бақои фарри эзадӣ - риояи меъёрҳои некӣ ва адолат мебошад. Ин меъёрҳо хусусияти мутлақ, ҳатмӣ ва умумӣ дошта, риояи онҳо барои ҳамаи афрод шарт буд. Дар Авасто на танҳо ба масъалаи танзими ҳуқуқу меъёрҳои ҳокимият ва давлатдорӣ, балки ба масъалаи идораи давлат ва риояи асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ низ таваҷҷуҳи амиқ зоҳир шудааст. Масалан, мутобиқи таснифи авастоӣ дар ҷомеаи бостонии мардуми ориёитабор ниҳодҳо ё зинаҳои зерини ҳокимият вуҷуд доштанд: сарвари оила, сардори авлод ва қабила, сарвари давлат ва ғ. Сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ дар баробари баён кардани ҳуқуқу вазифаҳои ҳар кадоми ин ниҳодҳо, инчунин аз ҳар кадоми онҳо риояи ҳатмии меъёрҳои дар қонун дарҷгардидаро низ талаб менамуданд. Дар сурати вайрон кардани ин меъёрҳо шахси гунаҳкор бояд ба таври одилона танбеҳ ё ҷазо дода мешуд.

Муҳаққиқи эронӣ Ҳ.Пирниё [9] комилан дуруст қайд мекунад, ки дар Эроншаҳри бостонӣ, бар хилофи аз дигар мамолики шарқӣ, шоҳро ҳамчун худо намепарастиданд, балки тибқи анъана бо ӯ ҳамчун бо соя ё партави нури илоҳӣ муносибат карда, эҳтироми худро бо таъзим ва ё бо нишаста сар фуруд овардан дар пеши ӯ ба зону ифода менамуданд. Яъне, ба шоҳ таъзим намуда, ба амри ӯ итоат кардани ориёиторони бостонӣ маънои тамаллуқ ё тарсро надошт, балки рамзи итоат ба худованд ва эҳтироми қавонину ҳуқуқҳои аз ҷониби Худо танзил ва тасдиқшударо дошт.

Мутобиқи мазмуни Авасто шоҳ ҳокими мутлақи мамлакат, зимомдор ё сарвари тамоми шохаҳои ҳокимияти дунявӣ – қонунгузорӣ, иҷроия ва қазоӣ (судӣ) маҳсуб мешуд. Илова бар ин, се шохаи ҳокимияти дунявӣ, инчунин ҳокимияти динӣ низ ба шоҳ таалluқ дошт, аз ин рӯ ҳуқуқҳо ва озодиҳои шоҳ ниҳоят васеъ ва номаҳдуд буданд. Ягона меъёре, ки ҳокимияти шоҳро маҳдуд карда метавонист, ҳамон вазифаҳо ва

уҳдадориҳои ӯ дар пеши мардум ва Аҳурамаздо буданд, ки дар Авасто дарҷ гардидаанд.

Муҳаққиқи маъруфи тоҷик Х.Х. Муъминҷонов [8] зимни таҳқиқи Авасто манобеъ ва низоми ҳокимияти сиёсиро аз дидгоҳи оини зардуштӣ ба таври хеле муфассал баррасӣ намудааст. Мутобиқи натиҷагириҳои Х.Х.Муъминҷонов, низоми ҳокимияти сиёсӣ ба тартиби аз боло ба поён аз якчанд зина иборат мебошад. Ҳокими мутлақи осмону замин ва башарият бевосита худи Аҳурамаздо буда, ӯ барои идора кардани ҷомеаи башарӣ аз хидмати ҳафт малак (фаришта)-и муқарраб–Баҳман, Урдубиҳишт, Шаҳривар, Спиндармад, Хурдод ва ғ. истифода мебарад. Ҳар нафари ин фариштаҳо ваколатҳои махсуси худро дошта, барои ба одамон дар ин ё он ҷанбаи ҳаёт ва фаъолият кумак расонидан масъул мебошанд. Дар Авасто барои ифодаи ин мақоми ҳокимияти илоҳӣ истилоҳи амшоспанд ба кор бурда шудааст. Баъд аз зинаи ҳокимияти амшоспандони ҳафтгона дар зинаи поёнӣ ҳокимияти Зардушт ташаккул мeёбад. Аҳурамаздо ҳамаи шоҳону сарварони ҷомеаи инсониро огоҳ мекунад, ки дар умури давлатдорӣ ба амру дастурҳои паёмбар ва суннатҳои ӯ итоат кунанд.

Шоҳону сарварони золиму бедодгарро Авасто ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ бо ҷазоҳои сахттарин ва оташи дӯзах таҳдид менамоянд. Дар ин боб, масалан, дар «Ардавирофнома» аз забони Ардавироф – қаҳрамони ин ривояти динӣ, ки гӯё барои шинос шудан бо сарнавишти пасазмаргии афроди некусиришт ва бадхисол ба он дунё сафар карда будааст, чунин ривоят оварда шудааст: «Дар дӯзах мардеро дидам овехта, ки панҷоҳ мард ӯро бераҳмона қамчинкорӣ мекарданд. Пурсидам: «Ин мард кист?». Гуфтанд: «Ин мард шоҳе буд зулмпеша, ки бар хилофи адл ҳукм мекард!» [1,с.45].

Авасто мисли Тавроту Инҷил ва Қуръон дар баробари эъломи ҳуқуқҳои сарварону зимомдорони ҳокимият, инчунин, ваколату уҳдадориҳои муайянеро ба зиммаи онҳо мегузорад. Яке аз чунин уҳдадориҳо – садақа ё закот мебошад. Мутобиқи маводи Авасто садақа (закот)-и молӣ ё пулӣ барои ҳар як марди дорову сарватманд ҳатмӣ буда, он бояд ба шоҳи одил ва мардуми нодору камбизоат дода мешуд. Маросими садақаву закоти молу сарват маъмулан дар як мавсими муайяни сол – аз хуршедрӯз то дайгонрӯз (тахминан, аз 30-апрел то 5-май) баргузор мешуд. Ин маросими идмонанд маидйузарем ном дошт.

Дар Эроншаҳри бостонӣ шоҳону ҳокимон зимни тасвиби амру фармонҳо ва иҷрои ваколатҳои ҳуқуқии худ асосан ба манобеи динӣ такя мекарданд. Яъне, манобеи динӣ, феълан, муҳимтарин васоити назариявии идора ва танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ ба шумор мерафт.

Яке аз ниҳодҳои давлатие, ки дар он замон хеле ривоҷ ёфтаву аз ҳуқуқу ваколатҳои васеи машваратӣ бархӯрдор буд, анҷуман ном дошт, ки ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳимми анъанавии давлатӣ то замони мо дар шаклҳои гуногун таҳаввул ёфтаву омада расидааст. Дар таърихи давлатдории аҷдодони қадимаи халқи тоҷик ва дигар мардумони ориёитабор аввалин шаклҳои анҷуман ҳанӯз дар замони гузариш аз сохти авлодиву қабилавӣ ба сохти давлатӣ пайдо шудаанд. Ба дурустии ин ақида зимни таҳқиқи маводи Вандидод (фаргарди 2, банди 21) итминон ҳосил кардан мумкин аст. Анҷуман алалхусус дар замони салтанати Ҳахоманишиён хеле густариш ёфта буд. Дар давлати Парфия бошад, ин ниҳод ба ду шохаи мустақил – шурои муъбадон ва шурои давлатӣ тақсим шуда буд. Ба ақидаи олимон, дар замони Ҳахоманишиён шурои ҳакимон низ вуҷуд дошт, ки ба ҳайати он ҳафт тан бузургтарин ва бонуфузтарин пирону ҳакимони форснажод шомил буданд. Шурои ҳакимон бо дастури шоҳ ба ҳаллу фасли муҳимтарин ва мубрамтарин масоили давлативу сиёсӣ сарукор дошт. Ин ниҳод, ба андешаи А.Кристенсен, дар замони салтанати Сосониён низ маъмул ва мафъул буд. Дар Авасто ва дигар манобеи ҳуқуқи зардуштӣ бархе истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ чун вожаи муъбад (аз вожаи паҳлавии магупати) зиёд истифода мешуд. Муъбад дар осори зардуштӣ руҳонӣ, мулло ё фақеҳ аст. Ба ақидаи Балъамӣ, муъбади муъбадон муфтӣ ё сарвари руҳониёни зардуштиро ном мебурданд. Авасто ба муъбадон ваколатҳо ва ҳуқуқҳои махсуси сиёсиву судиро

медод. Дар давраи салтанати шоҳони сулолаҳои асотирии Пешдодиён ва Каёниён муъбадҳо ҳокимияти судиро сарварӣ мекарданд ва ҳатто худи шоҳони ин сулолаҳоро ба додгоҳ барои ҷавобгарии судӣ кашида метавонистанд. Дар ин бора Низомулмулк дар «Сиёсатнома» чунин менависад: «Чунин гӯянд, ки расми мулукони олами Аҷам чунин будааст, ки рӯзи Меҳргон ва рӯзи Наврӯз подшоҳ мар оммаро бор додӣ ва ҳеҷ касро боздошт набудӣ ва пеш ба чанд рӯз мунодӣ фармудӣ, ки: «Бисозед фалон рӯзро!», то ҳар касе шуғли хеш бисохтӣ ва қиссаи хеш бинавиштӣ ва ҳуҷҷати хеш ба даст овардӣ. Ва хасмон кори хешро бисохтандӣ ва чун он рӯз будӣ, мунодии малик аз беруни дар биистодӣ ва бонг кардӣ, ки: «Агар касе мар касеро боздорад аз ҳоҷат бардоштан дар ин рӯз, малик аз хуни ӯ безор аст!». Пас малик қиссаҳои мардумон бистадӣ ва ҳама пеш бинҳодӣ ва як-як менигаридӣ. Агар он ҷо қиссае будӣ ки аз малик бинолидӣ, муъбади муъбадонро ба дасти рост нишонда будӣ, ва муъбади муъбадон қозиюлқуззот бошад ба забони эшон, пас малик бархостӣ ва аз тахт ба зер омадӣ ва пеши муъбад ба ду зону биншастӣ ва гуфтӣ: «Нахуст аз ҳама дoff" доварихо доди ин мард аз ман бидеҳ ва ҳеҷ майл ва муҳобо макун!». Он гоҳ мунодӣ фармудӣ кардан, ки: «Ҳар киро бо малик хусумате ҳаст, ҳама ба як сӯ боистед, то (муъбади муъбадон) нахуст кори шумо бигзорад!».

Дар Аҷами бостонӣ ҳокимияти судӣ низ мазҳари илоҳӣ дошта, ваколати зимомдории онро Меҳр (Митра) – яке аз ёварони Шаҳривар (яке аз амшоспандони ҳафтгонаи Аҳурамаздо) ба уҳда дошт. Меҳр вазифаҳои судии худро дар шакли вар (ордалия) ба иҷро мерасонд.

Дар замони Сосониён ба қатори шаҳрвандони комилҳуқуқ танҳо озодон (маздопарастон) шомил мешуданд, ғайриозодон аз аксарияти ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ маҳрум буданд. Ба ақидаи А.Г.Периханян, ба волоият ё пастии мақоми ҳуқуқии шахс дар ҷомеа омилҳои гуногун – ба кадом табақа шомил будан, сарвату боигарӣ, касбу мансаб ва ғ. таъсир мерасониданд. Аммо ин шартҳо бештар танҳо ба ашхоси ғайризардуштӣ дахл дошт, зардуштиён бошанд, ҳама – ҳам шоҳ, ҳам гадо – шаҳрванди комилҳуқуқ эътироф мешуданд.

Дар Аҷами бостонӣ мардум аз лиҳози вижагиҳои умумии муносибату равобити ҳуқуқӣ – анъанавие, ки дар байнашон мавҷуд буд, ба якчанд категорияҳо шомил мешуданд. Ин категорияҳо дар манобеи ҳуқуқи зардуштӣ бо чунин истилоҳот ифода карда шудаанд: ҳамноф (хеш, ҳамқабила), абеник (ҳамшаҳр, ҳамватан), ҳамсоя (аъзои ҷомеаи ҳаммарз) ва ғ.

Дар Авасто меъёри ҳуқуқие низ вуҷуд дорад, ки озодии ҳаракат ва ҳуқуқи мардумро ба манзил ва интихоби макони зист эътироф мекунад: «Ман озодии рафту омад ва озодии доштани хонаву кошонаро барои мардумоне, ки бо чорпоёни хеш бар ин замин ба сар мебаранд, раво медорам… Аз ин пас рустои маздопарастонро зиён намерасонам ва ба вайронии он намехезам ва оҳанги тану ҷони касеро намекунам» [1]. Чунонки ба муаррихон маълум аст, Эъломияи ҳуқуқие, ки онро Куруши Кабир дар соли 539 қабл аз мелод дар бораи ҳуқуқу озодиҳои мардум ба манзил ва ҳаракат дар ҳудуди империяи бузурги Ҳахоманишиён интишор дода буд, аз ҳамин меъёри ҳуқуқии дар Авасто баёнгардида маншаъ гирифта буд. Риоя накардани ин меъёр метавонист фаъолияти муътадили дастгоҳи идоракунии давлатро халалдор намуда, муоширату муносибати озодонаи одамони маскуни минтақаҳои мухталифи тобеи Ҳахоманишиёнро ғайриимкон созад. Бояд тазаккур дод, ки дар моддаи 13-уми Эъломияи ҳуқуқи башар, Сарқонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 24) ва дигар давлатҳои демократӣ низ меъёрҳое вуҷуд доранд, ки онҳо мисли меъёри дар боло зикршудаи зардуштӣ ҳуқуқи ҳар як инсонро ба рафту омад ва интихоби озодонаи макони зист эътироф менамоянд. Ҳолати мазкур то кадом андоза бо талаботи ҳуқуқии ҷомеаи муосири демократӣ мутобиқат доштани меъёрҳо ва усулҳои низоми ҳуқуқии дини зардуштиро нишон медиҳад.

Дар Авасто ду шакли идораи давлат муқаррар карда шудааст: идораи ҳарбӣ ва идораи шаҳрвандӣ. Шакли ҳарбии идораи давлат ба мақсади бартараф кардани хатари ҷангӣ, ҳифз кардан ва пурқувват намудани пояҳои ҳокимияти сиёсӣ ба кор бурда мешуд. Усули идораи шаҳрвандии давлат дар давраи сулҳу амонӣ корбаст мешуд.

Мутобиқи таълимоти Авасто, дар замони осоишта умури судии ҷаҳонро Меҳр (Митра) идора менамуд. Қайд кардан зарур аст, ки дар Авасто масъалаҳои додгустарӣ, муносибатҳои шартномавӣ, моликиятдорӣ, оиладорӣ, истифодаи об, ҳифзи муҳити зист, ҷиноят ва ҷазо танзим шудааст.

Дар асоси ҳикояти авестоӣ дар бораи ато шудани фарри эзадӣ ба Ҷамшед тахмин кардан мумкин аст, ки таърихи пайдоиши ҳокимияти дунявӣ ё ҳокимияти шоҳӣ нисбат ба ҳокимияти динӣ собиқаи қадимтар дошта, нисбат ба дувумӣ пештар оғоз ёфтааст. Чунин назария дар бораи пайдоиши давлат ва ҳокимият хосси танҳо таълимоти зардуштия мебошад. Дар ҳамаи дигар таълимотҳои бостониву асримиёнагии динӣ пайдоиши давлатҳо ва ҳокимиятҳои бостонӣ, аз ҷумла, давлатҳои қадимаи Миср, Бобулистон ва Чин тахти таъсири омилҳо ва ангезаҳои динӣ сурат мегирад [1,с.178-179].

Дар ҳақиқат, ҳарчанд Авасто ҳокимияти Ҷамшедро аз лиҳози назарӣ бо таълимоти Аҳурамаздо пайванд медиҳад, вале як нуктаи ҷолиб ин аст, ки Ҷамшед аз иҷрои нақши мубаллиғи дин ё рисолати паёмбарӣ худро канора мегирад. Ба ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки шакли ҳокимияти дунявии шоҳӣ нисбат ба ҳокимияти динӣ таърихи қадимитар дошта, минбаъд анъанаҳои ҳуқуқиву сиёсии он аз ҳисоби усулҳои ҳуқуқи зардуштӣ таҳаввул ва такомул меёфтанд.

Хулоса, афкори сиёсиву ҳуқуқии зардуштӣ, пеш аз ҳама, бо Авасто, китоби муқаддаси дини зардуштӣ алоқаманд аст. Авасто, дар навбати худ, оид ба сохти ҷомеа ва сохторҳои ҳуқуқии кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна хабар медиҳад. Тибқи Авасто, анъанаҳои сиёсиву ҷамъиятӣ дар ҳолати мувофиқаташон ба арзишҳои диниву маънавӣ аҳамият доранд.

**Муқарриз:** ***Мирзозода Ф.С.*** **– н.и.ҳ., ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва пажуҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. -Душанбе, 2001. –С. 320-321.
2. Ардавирафнома: Биҳишт ё дӯзах дар оини маздоясно. Пешгуфтор ва тарҷумаи Раҳим Ҳошим. -Тус, 1372.
3. Бойс, Мери. Зардуштиён: бовархо ва одоби динии онҳо// Тарҷумаи Аскари Баҳромӣ. – Теҳрон, 1384. – 286 с.
4. Вилл Дюрант .Таърихи тамаддун (История цивилизации). -Ҷ.2. Тарҷумаи. А.Поянда. -Теҳрон: Иқбол, 1373. – 325с.
5. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. Мураттиб Н. Амиршоҳӣ. -Душанбе: Амри илм, 1999. -1008 с.
6. Дарёи Турач.Таърих ва фарҳанги сосонӣ. –Теҳрон, 1387. –С.34.
7. Дарёи Турач. Шоҳаншоҳии сосонӣ. – Теҳрон, 1383.
8. Мӯъминҷонов Х.Х. Зардушт ва оини ӯ / Х.Х.Мӯъминҷонов -Душанбе, 1997.
9. Пирниё Ҳ. Эрони бостон ва таърихи муфассали Эрони қадим / Ҳ.Пирниё. -Ҷ.2. -Теҳрон, 1369. –С. 1992.
10. Порохова И.В. Коран. Перевод смыслов и комментарии / И.В.Порохова – М.: Аль-Фуркан, 2004.
11. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. –Душанбе: ЭР-граф, 20011. -459 с.
12. Тахиров Ф.Т. Декларация Великого Кира как исторический источник о правах, свободах человека / Ф.Т.Тахиров, А.Г.Халиков // Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации. Сб.ст. - Д., 2002. – С. 113-126.
13. Тоҳиров Ф.Т. Таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ / Ф.Т. Тоҳиров– Душанбе: Эҷод, 2007.
14. Холиқов А.Ғ.Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон (аз давраи пайдоиш то интиҳои асри XIX) / А.Ғ. Холиқов. Қисми 1. – Душанбе: Матбуот, 2002.
15. Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ (васоити таълимӣ) / А.Ғ. Холиқов– Душанбе: Ҷиёнхон, 2003.
16. Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон / А.Ғ. Холиқов. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007.

## АВАСТО – ЯКЕ АЗ САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОНИ ТАЪРИХӢ

Фарҳанги ҳуқуқии халқи тоҷик ва дигар халқҳои ориёитабор решаҳои хеле чуқури таърихӣ дошта, намунаҳои равшани онро мо ҳанӯз дар «Авасто», «Динкард», «Бундаҳишн», «Менуи хирад», «Додистони диник», «Шояст нашояст», «Ардавирофнома», «Матикдони ҳазор додистон» ва дигар осори паҳлавӣ пайдо карда метавонем. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки дар миёни халқу миллатҳои мутамаддини бостонӣ (яҳудиён, юнониён, ҳиндуҳо, чиниҳо, форсҳо ва мисриҳо) маҳз мардуми ориёитабор, яъне форсҳо буданд, ки аввалин бор дар таърихи башар барои густариши ғояҳои ҳуқуқӣ дар ҷаҳон камар бастаанд. Далели аз ҳама муътабар дар тасдиқи қадимӣ будани фарҳанги ҳуқуқии мардуми ориёитабор, Авасто ва дигар осори хаттии қадимӣ мебошад. Дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ (авастоӣ) меъёрҳои ҳуқуқи давлатӣ мақоми хосса дошта, барои ба танзим даровардани ҳокимияти диниву сиёсӣ, ҳуқуқу ваколатҳо ва имтиёзҳои

шоҳону ҳокимон, идора кардани муносибати давлатдорон бо раият ва дигар равандҳову падидаҳои ҳуқуқӣ хизмат мекарданд. Дар ин меъёрҳо муҳимтарин ҳуқуқу вазифаҳои зардуштиён нишон дода шудаанд. Дар Авасто мафҳуми ҳокимият мутобиқ бо зинаҳои он бо вожаҳои гуногун ифода карда шудааст. Чи тавре ки аз мазмуни қадимтарин ҳотҳо ва яштҳои ин китоб (Фарвардин-яшт, Зомёд-яшт, Меҳр-яшт ва ғ.) бармеояд, мазҳар ва манбаи ҳокимият ва ҳуқуқи давлатии зардуштиён Аҳурамаздо – Худои яккаву ягона ба шумор меравад, ки дорои 72 сифоти олӣ мебошад. Бархе аз ин сифатҳо инҳо мебошанд, ки дар Авасто тараннум шудаанд: офаранда, пуштибон, нигаҳбон, ҳамадон, шиносанда, чорабахш, пешво, фарраманд, доно ба ҳама чиз, дурбин, додвар ва ғ.

**Калидвожаҳо:** сарчашмаи ҳуқуқӣ, Авасто, ҳокимият, давлат, шоҳ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи давлатӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, ваколат, имтиёз.

## АВЕСТА – ОДИН ИЗ ПРАВОВЫХ ИСТОЧНИКОВ ИСТОРИЧЕСКОГО ТАДЖИКИСТАНА

Правовая культура таджикского народа, наряду с исламскими корнями, также имеет доисламские исторические корни. Её доисламское содержание достаточно ярко отражено в «Авесте», «Динкарде», «Видевдате», «Бундахишне», «Менуи хираде», «Додистони динике», «Шайаст нашайасте», «Ардавирофноме», «Матикдони хазор додистоне» и других письменных источниках, написанных на среднеперсидском (пехлевийском) языке. Идеи о правах, свободе человека и социальной справедливости, отражённые в Авесте и провозглашённые устами Зардушта – древнеарийского пророка, впервые распространились по миру, благодаря ахеменидским царям. В последующем государственно-правовые традиции Ахеменидов нашли своё преемственное продолжение в деяниях представителей Сасанидской династии, особенно Справедливого Ануширвана. Важнейшие доказательства, подтверждающие мнение о древности правовой культуры арийских народов, содержатся в Авесте и других зороастрийских источниках. Среди правовых норм Авесты и зороастризма особое место занимают государственно-правовые нормы, характеризирующие происхождение политической власти и её природу, канонизирующие религиозную и политическую власть, права, полномочия и привилегии царей и правителей, определяющие взаимоотношения правителей и народа, устанавливающие основные права и обязанности зороастрийцев. В Авесте понятие власти, в соответствии с её инстанциями, выражается разными словами и терминами. Как вытекает из содержания древнейших частей этой книги (Фарвардин-яшт, Зомёд-яшт, Мехр-яшт и др.), высшим источником власти и зороастрийского государственного права считается Ахурамазда - единый Бог, имеющий 72 атрибута - высшие божественные качества. К ним относятся: *создающий (*офаранда), *покровительствующий* (пуштибон), *присматривающий* (нигахбон), *всезнающий* (хамадон), *познающий* (шиносанда), *избавляющий* (чорабахш), *путеводящий* (пешво), *сияющий* (фарраманд), *премудрейший* (доно ба хама чиз) и др.

**Ключевые слова:** источник права, Авеста, првительство, государство, царь, правовые нормы, государсвенное право, правовая культура, гарантия, привилегия.

## AVESTA IS ONE OF THE LEGAL SOURCES OF HISTORICAL TAJIKISTAN

The legal culture of the Tajik people and other Aryan-speaking peoples has very deep historical roots, and we can still find vivid examples of it in Avasto, Dinkard, Bundahishn, Menui Hirad, Dodistoni Dinik, "Shayast Navoyast", "Ardavirofnama", "Matikdoni Khazar Dodistan" and other Pahlavi works. It can even be said that among the ancient civilized peoples and nations (Jews, Greeks, Indians, Chinese, Persians and Egyptians) it was the Aryans people, i.e. Persians, for the first time in the history of mankind, made an attempt to spread legal ideas in the world. The most reliable evidence of the antiquity of the legal culture of the Aryan people is Avast and other ancient written works. In the Zoroastrian (Avesta) legal system, the norms of state law had a special status and served to regulate religious and political power, the rights and privileges of kings and rulers, to manage relations between statesmen and subjects, and other legal processes and phenomena. These standards show the most important rights and obligations of Zoroastrians. In Avesta, the concept of power is expressed in different words according to its levels. As can be seen from the content of the most ancient verses of this book (Farvardin-yasht, Zomyod-yasht, Mehr-yasht, etc.), Ahura Mazda is the one and only God, possessing 72 excellent qualities. Here are some of the qualities praised in Avesta: creator, supporter, guardian, all-knowing, knowing, breadwinner, leader, master, all-knowing, seer, judge, etc.

**Keywords**: legal source, avasto, power, state, king, legal norms, state law, legal culture, power, privilege.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳимов Сафархуҷа Орзуевич-*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Рахимов Сафархуча Орзуевич*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры прав человека юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author*****:*** Rahimov Safarkhuja Orzuevich - Tajik National University, applicant of the Department of Human Rights and Comparative Jurisprudence, Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17

ТДУ: 343.35

# МУШКИЛОТИ ҲУҚУҚИИ МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

*Муминзода Н.И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон дар Рӯзи дониш чунин қайд карданд:

“Бо вуҷуди ин, то ба ҳол дар самти илму маориф як силсила камбудиву мушкилоте вуҷуд доранд, ки онҳо дар маҷмуъ, монеаи пешрафти соҳаҳои зикршуда ва дар айни замон рушди кишвар гардида истодаанд, аз ҷумла:

- ҳоло ҳам паст будани сифати таълим ва вобаста ба ин, сатҳи пасти дониши хонандагону донишҷӯён, тафаккури илмии аспирантон ва як қисми олимони унвондор;
- дар сатҳи паст қарор доштани сифати таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русиву англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва мактабҳои олӣ ҳамчун воситаи асосии дастрасӣ ба дастоварди илму техника ва дигар равандҳои ҷаҳони муосир;
- сатҳи пасти таълими фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар натиҷаи ин паст будани сатҳи тафаккури илмии донишҷӯён ва унвонҷӯёну муҳаққиқони риштаҳои мазкур;
- паст будани сатҳи касбияти кадрҳои ҷавон, хусусан, дар соҳаи тандурустӣ;
- норасоии омӯзгорони соҳибтаҷриба, махсусан, омӯзгорони фанҳои табиӣ;
- истифодаи ғайриоқилонаи маблағҳои буҷетӣ дар самти илм ва таҳқиқоти илмӣ;
- коррупсия дар соҳаи илму маориф” [15].

Мушкилоти мубориза бо коррупсия дар хизматрасониҳои таълимӣ дар зери таъсири омилҳое, ки зуҳуроти коррупсияро дар мақомоти маориф ва ташкилотҳои маориф муайян мекунанд, ташаккул меёбанд. Охирин дар аксар мавридҳо дар натиҷаи камбудиҳои механизми идоракунии маориф ба вуҷуд омадаанд, ки бо набудани танзими дақиқи мақоми мақомоти идоракунии маориф, воҳидҳои сохтории ташкилотҳои маориф ва тартиби фаъолияти онҳо алоқаманданд; характери коррупсионии худи нормаҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҳуқуқии тарбиявиро танзим мекунанд.

Омилҳои коррупсиониро, ки дар соҳаи хизматрасонии таълимӣ ба вуҷуд меоянд ва аз вазъи ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти маориф сарчашма мегиранд, баррасӣ мешаванд.

Сифат яке аз унсурҳои асосӣ дар баррасии соҳаи маориф ва мубориза бо коррупсия дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. «Сифати хизматрасониҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ маҷмуи нишондодҳои меъёрҳои давлатии таълимӣ ва талаботи давлатӣ баҳри омода кардани донишҷӯ (бакалавр, магистр) бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат ба шумор меравад. Ҳамзамон, сифати таълим аз татбиқи системаи мустақили баҳогузорӣ ба тахассус иборат мебошад, ки дар он талаботҳо оид ба таҳияи стандартҳои тахассусӣ, татбиқи усулҳои инноватсионии таълим, механизмҳо ва принсипҳои гузаронидани аудити дохилӣ, усулҳои баҳогузории мустақилона ба сифати таълим, масоили аккредитатсияи барномаҳои муосири таълимӣ дархост карда мешаванд. Ҳар яке аз онҳо, дар навбати худ, ба омодагии мутахассисони оянда таъсир гузошта, сифати таълимро оид ба ҳар кадоме аз ихтисосҳо беҳтар мегардонад». Пешниҳод менамоем, ки мафҳуми сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун маҷмуи нишондодҳои стандартҳои давлатӣ ва талабот доир ба омодагии донишҷӯён (бакалавр, магистр) бо дарназардошти бозори меҳнат муайян карда шавад» [7,с.375].

Тибқи рейтинги Transparency International барои соли 2021, Тоҷикистон аз рӯйи мизони фасод дар ҷаҳон (аз 180 иштирокчӣ) дар ҷойи 150-ум қарор гирифта, аз 100 холи имконпазир ҳамагӣ 25 хол гирифтааст.

| **Рӯйхати кишварҳо аз рӯйи индекси дарки фасод** |
|---|

| | Давлат | Индекси дарки фасод | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2021 | 2020 | 2019 | 2018 | 2017 | 2016 | 2015 | 2014 | 2013 | 2012 |
| 1 | Дания | 88 | 88 | 87 | 88 | 88 | 90 | 91 | 92 | 91 | 90 |
| 1 | Зеландияи нав | 88 | 88 | 87 | 87 | 89 | 90 | 88 | 91 | 91 | 90 |
| 1 | Финляндия | 88 | 85 | 86 | 85 | 85 | 89 | 90 | 89 | 89 | 90 |
| 4 | Сингапур | 85 | 85 | 85 | 85 | 84 | 84 | 85 | 84 | 86 | 87 |
| 4 | Шведсия | 85 | 85 | 85 | 85 | 84 | 88 | 89 | 87 | 89 | 88 |
| 4 | Норвегия | 85 | 84 | 84 | 84 | 85 | 85 | 87 | 86 | 86 | 85 |
| 3 | Швейтсария | 84 | 85 | 85 | 85 | 85 | 85 | 86 | 86 | 85 | 86 |
| 8 | Нидерландия | 82 | 82 | 82 | 82 | 82 | 83 | 87 | 83 | 83 | 84 |
| 9 | Люксембург | 81 | 80 | 80 | 81 | 82 | 81 | 81 | 82 | 80 | 80 |
| 10 | Олмон | 80 | 80 | 80 | 80 | 81 | 81 | 81 | 79 | 78 | 79 |
| 150 | Тоҷикистон | 25 | 25 | 25 | 25 | 21 | 25 | 26 | 23 | 22 | 22 |

**Манбаъ:** https://ru.wikipedia.org/wiki. (санаи мурочиат: 17.01.23)

Ҳадафи мақолаи мазкур паст намудани сатҳи коррупсия дар мамлакат тавассути такмил додани фаъолияти сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ оид ба огоҳкунии кирдори зиддикоррупсионӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ, ҳамчунин бартараф намудани оқибатҳои манфии онҳо, ҷорӣ намудани навоварӣ, таҷрибаи пешқадам дар самти муқовимат ба кирдори ғайриҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, боварӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти идоракунии давлатӣ, таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ иборат мебошад.

Дар урфи мардуми мо мегӯянд, ки "илоҷи воқеа пеш аз вукуъ". Аз ин рӯ, ҳар яки мо бояд барои татбиқи стратегияву барномаҳои зикршуда масъулияти инфиродӣ дошта бошем. Зеро ҳамаи ин таъкидҳо танҳо як ҳадаф доранд. Зиндагии осудаву хушбахтона дар Ватани амну ободе бо номи Тоҷикистони азиз. Агар мо масъулияти ватандории худро, ки бешак масъулияти имонӣ ҳам ҳаст, пурра эҳсос кунем ва ҳар кори аз дастамон меомадаро барои ҳифзи ҳамин сулҳу осоиштагӣ сафарбар намоем, хеҷ хатаре ба амнияти мо, миллати мо ва Ватани азизи мо таҳдид нахоҳад дошт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ вобаста ба коррупсия, нақши он дар ҷомеа ва роҳҳои мубориза ба он чунин қайд намудаанд: “Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯйӣ карда шавад [13].

Дар робита ба ислоҳоти ҷорӣ дар соҳаи маориф дар мамлакати мо, инчунин, бо назардошти ҳамгироии тадриҷан ба фазои ягонаи таҳсилоти аврупоӣ, масъалаҳои татбиқи кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқи шаҳрвандон ба гирифтани таҳсилот махсусан муҳим мебошанд. Коррупсия бо тамоми шаклу зуҳуроташ дар ин ҷо фарқ мекунад [6,с.108].

Бояд гуфт, ки имрӯз проблемаи коррупсия тамоми марзҳои миллиро убур намуда, хусусияти байналмилалӣ касб кардааст [14,с.116].

Қобили зикр аст, ки дар мавриди таъриф ва мафҳуми ҷинояти коррупсионӣ дар байни олимон то ҳол ақидаи ягона вуҷуд надорад [14,с.117].

Ба ақидаи И.Х Дворетский, истилоҳи "коррупсия" аз калимаи лотинӣ гирифта шуда маъноям:

1) фирефтан, ришвахӯрӣ;
2) вайрон шудан, паст шудан;
3) каҷравӣ, ихтилофи ақида;
4) бетартибӣ, сустӣ, бад будани саломатӣ мебошад [1,с.236].

1. Дар асоси моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия", **коррупсия** ин кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин, ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ.

Коррупсия як мушкили воқеан байналмилалӣ буда, сарҳад надорад ва новобаста аз сохтори сиёсӣ ва сатҳи рушди иқтисодии онҳо ба ҳама кишварҳо хос аст. Падидаи коррупсия барои ҳар як ҷомеаи аз ҷониби давлат созмонёфта универсалӣ буда, танҳо миқёс ва шаклҳои зуҳури он фарқ мекунанд [3,с.434].

Таърифи мафҳуми коррупсияро ҳанӯз дар Рими қадим ва асрҳои миёна донишмандон пешниҳод карда буданд. Таърифе, ки Николо Макиавелли дода буд, аниқтар аст: “Коррупсия - ин истифодаи имкониятҳои умумӣ (оммавӣ) барои манфиатҳои шахсӣ мебошад”. Бо вуҷуди он ки таърихи инсоният роҳи дурударозро тай кардааст, мафҳуми ягонаи коррупсия дар назария ва таҷрибаи мамлакатҳои гуногун вуҷуд надорад [9,с.190].

Ба андешаи мо, агар дар қонунгузории дохилӣ мафҳуми коррупсия вуҷуд надошта бошад, аз меъёри байналмилалӣ истифода кардан мувофиқи мақсад аст [9,с.190].

Ришвахӯрии фаъоли шахсони мансабдори давлатӣ ин бевосита ё бавосита пешниҳод ё додани маблағ ё моли ғайриқонунӣ аз ҷониби шахсе ба ҳар шахси мансабдори давлатӣ ё ба воситаи дигар шахс бо мақсади он ки шахси мансабдор ягон амалро барои ӯ иҷро намояд ё аз иҷрои он худдорӣ намояд, мебошад [9,с.190].

Мубориза бо коррупсия мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсия дар самти пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, таҳқиқу тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мебошад [4].

Бо назардошти тағйироти қонунгузории соҳавӣ вазифаҳо ва хизматрасониҳои давлатӣ мунтазам тасҳеҳ карда мешаванд. Аксаран ин гуна тағйирот номутаносиб буда, дар сурати мавҷуд набудани маҷмуаи мукаммали ҳуҷҷатҳое, ки татбиқи ваколатҳои навро таъмин мекунанд, ба ихтиёри мақомоти иҷроия вогузор карда мешаванд. Дар сурати мавҷуд набудани заминаи зарурии меъёрӣ мақомот танзими меъёрии ҳуқуқии тобеи худро дар соҳаи хизматрасонии таълимӣ (агар ин салоҳияти субъектҳои дигарро вайрон накунад) ё дар ҳолати мавҷуд будани камбудиҳо дар соҳаи маориф амалӣ менамояд. Ин омил ба хизматрасониҳои таълимие, ки аз ҷониби ташкилотҳои таълимии тобеи таълим ва намудҳои алоҳидаи таҳсилоти олии касбӣ (дар соҳаи санъат ва фарҳанг, варзиш, таҳсилоти тиббӣ ва ғ.), ки аз низоми ягонаи маориф торафт бештар фарқ мекунанд, таъсир мерасонад.

Паст шудани сатҳи дониш дар натиҷа боиси бад шудани сифати сармояи инсонии ҷомеа мегардад. Масалан, паст шудани дараҷаи касбии инженерону технологҳо боиси паст шудани имкониятҳои рақобати соҳаҳои гуногуни миллии иқтисодиёт мегардад. Сифати пасти таълими кормандони давлатию ҳокимияти маҳаллӣ метавонад боиси бесамарии тамоми давлат гардад. Ихтисоси пасти духтурон ҳам ба бад шудани худи низоми тандурустӣ ва ҳам ба бад шудани саломатии тамоми ҳолӣ оварда мерасонад. Яъне, бад шудани сифати сармояи инсонии ҷомеа боиси бад шудани сифати зиндагии ҷомеа, паст шудани нақш ва мавқеи кишвар дар ҷаҳон, дар иқтисоди ҷаҳонӣ, инчунин, мавҷудияти давлат ва худи миллатро зери суол мебарад. Аз ин рӯ, коррупсия дар соҳаи маориф хатарноктарин таҳдид ба амнияти миллӣ мебошад.

Баъзан як ваколати давлатиро якчанд мақомоти иҷроияи маҳаллӣ амалӣ мекунанд. Дар ин ҳолат, масалан, ҳуқуқи ягона ба таҳсилот, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст, аз хусусиятҳои соҳа вобастагӣ дорад. Мақом қобилияти қонунӣ муқарраркардаи татбиқи танзими тобеи ҳуқуқӣ ва меъёриро пайдо мекунад, ки хавфи сӯиистифодаи мақомро ба вуҷуд меорад. Масалан, методикаи ҳисоб кардани баъзе ҷузъҳои ба хароҷоте, ки аз ҷониби донишҷӯён ҷуброн карда мешаванд, муқаррар карда мешавад, бо назардошти он ки ҳуқуқи таҳсили ройгонро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад. Дар ҳолати дар боло зикршуда механизми судӣ бефоида мегардад, зеро суд ба қонунҳое дахл дорад, ки озодии интихоби шакли гирифтани маълумоти олии касбӣ, муассисаи таълимӣ, самти таълимро пешбинӣ мекунад. Масъалаи тақсимот ва бо кор таъмин кардани мутахассисони ҷавон, ки муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро хатм намудаанд, кафолати ҳифзи ҳуқуқи инсон ба меҳнат мебошад. Мувофиқи банди 2 моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» шаҳрвандоне, ки муассисаҳои таълимии давлатиро хатм кардаанд, мувофиқи роҳхати мақомоти дахлдор ва шартномаи тарафайн на камтар аз се сол аз рӯйи ихтисос бояд кор кунанд.

Тақсимот ва ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон, ки гурӯҳҳои буҷавии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро хатм намудаанд, тибқи «Тартиби тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон» (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №262) ва «Қарордоди фаъолияти якҷояи Мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ, муассисаи олӣ ва миёнаи касбии таълимии давлатӣ ва шаҳрванд (донишҷӯ)» (бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2015, №8/18) ба роҳ монда мешавад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон» ва «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» таҳия гардидааст.

Дар ҳолати бе сабабҳои узрнок тибқи тақсимоти комиссия ва роҳхати мақомоти дахлдор ҳозир нашудани мутахассисон, ки аз ҳисоби буҷаи давлат таҳсил намудаанд, дар асоси банди 4 «Тартиби баргардонидани маблағҳо аз ҷониби мутахассисони ҷавоне, ки аз ҳисоби буҷаи давлатӣ таҳсил намудаанд», муассисаи таълимӣ ҳуқуқ дорад, ки баргардонидани маблағҳоро, ки барои тайёр намудани мутахассиси ҷавон сарф шудааст, талаб намояд. Дар асоси банди 13 қоидаҳои мазкур дар сурати пардохт нагаштани маблағҳои хароҷотшуда ин маблағҳо бо тариқи судӣ рӯёнида мешаванд.

Инчунин, мувофиқи талаботи моддаи 432 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе, ки уҳдадориро иҷро накардааст ё онро номатлуб иҷро кардааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ (қасдан ё аз сабаби беэҳтиётӣ) ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун шартнома ё дигар асосҳои масъулиятро пешбинӣ намудааст, ҷавобгар мебошад.

Яке аз соҳаҳое, ки бештар ба хатарҳои коррупсионӣ дучор мешаванд, соҳаи назорат дар маориф мебошад. Вақтҳои охир ин вазифаҳои мақомоти давлатӣ ба ҳам зич алоқаманд буданд. Кӯшиши фарқияти байни онҳо дар қонунгузорӣ на дар ҳама бахшҳо муваффақ буд. Дар робита ба ин, бояд гуфт, ки назорати давлатии сифати таълим низ ба назорати давлатии риояи қонунгузорӣ дар соҳаи маориф монанд аст. Ҳамин тариқ, назорати давлатӣ аз болои риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф амалӣ карда мешавад, дар ҳоле ки қонунгузорӣ дар соҳаи маорифро стандартҳои давлатии таҳсилот ва мутобиқати фаъолияти муассисаи таълимӣ ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, мақоми ваколатдор ҳангоми иҷрои вазифаи назорати давлатӣ дар ҳолати вайрон кардани ин стандартҳо ҳуқуқ дорад дар бораи бартараф намудани он фармоиш барорад. Аммо аз нигоҳи назорати давлатӣ ин боиси паст шудани сифати таълим мегардад ва метавонад боиси содир шудани фармоиш бо боздошти минбаъдаи

шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ дар сурати сари вақт риоя нагардидани он гардад. Мутобиқи қонунгузории маъмурӣ ҳеҷ кас наметавонад барои як ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ду маротиба ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шавад. Аммо тахассус аз рӯйи таркибҳои гуногун имконпазир аст: масалан, ҳамчун вайрон кардани талабот оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ ва ташкили раванди таълим ва риоя накардани фармоиши ҳуқуқӣ (фармоиш, пешниҳод, қарор)-и мақомоти (шахсони мансабдори) давлатӣ назорат (назорат) дар сари вақт.

Аз ин бармеояд, ки ин вайронкунӣ метавонад ду оқибати мустақилро ба бор орад: боздоштани амали иҷозатнома ва минбаъд аз он маҳрум кардан дар сурати сари вақт бартараф нашудани фармоиш ва дар сурати сари вақт бартараф накардани камбудиҳо аз аккредитатсияи давлатӣ маҳрум кардан. Мо механизми робитаи байни ин муассисаҳоро дар охири ин санҷиш дар дастури меъёрӣ оид ба маҳрум кардан аз аккредитатсияи давлатӣ ҳангоми маҳрум кардан аз иҷозатномаи ташкилоти таълимӣ мебинем.

Маҷмуи вазифаҳои назорат дар амалия ба мураккаб будани ҷудокунии онҳо дар қонунгузорӣ вобаста аст. Асарҳои сершумори илмӣ дар ин бора шаҳодат медиҳанд.

Омили муайянкунандаи зуҳуроти коррупсия наздикии иттилоотии мақомоти соҳаи маориф ва тартиби пешниҳоди хизматрасонии таълимӣ мебошад. Албатта, бояд қайд кард, ки технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ин тартиботро таблиғ мекунанд. Аммо маълумоти фаврӣ, ки барои қабули қарорҳо нисбати иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии таълимӣ асос шавад, дастрасӣ нест.

Ҳамин тариқ, тартиби тафтиши варақаҳои имтиҳонии иштирокчиёни имтиҳони ягонаи давлатӣ ва шикоятҳо бо махфӣ будани онҳо фарқ мекунанд. Зимнан, ин гуна шаффофият, норавшании расмиёт, хоҳиши тарафҳои манфиатдорро ба вуҷуд меоварад, ки аз як тараф, ба натиҷаи дилхоҳ кафолат дода шавад, аз тарафи дигар, аз норавшании мавҷударо ба мақсадҳои ғаразнок истифода баранд.

Ба ин муносибат мо як қатор масъалаҳои ҳуқуқиро қайд мекунем, ки бояд ҳал шаванд:

1. Вазъи ҳуқуқии комиссияи зиддиятӣ ба танзими қонунгузорӣ ниёз дорад, зеро фаъолияти он аз баррасӣ ва ҳалли баҳси байни донишҷӯ ва муассисаи таълимӣ, мақомоти идоракунии маориф, мақоме, ки вазифаи шакли стандартӣ (маводи ченаки назоратӣ)-ро ташкил медиҳад, иборат аст; ҳуқуқҳои иштирокчиёни КАХ ҳангоми пешниҳод ва баррасии шикоят.
2. Асосҳои рад кардани шикоятҳо возеҳ будани пешниҳодро талаб мекунанд, бинобар ин зарур аст, ки рӯйхати кушоди онҳоро (бо муқаррар намудани тавсифи умумӣ), инчунин, ҳуқуқи шикоят кардан аз болои қарор муқаррар кард. Ба саволҳои зерин ҷавоб додан лозим аст: оё шахсе, ки аз болои натиҷаҳои аттестатсия шикоят мекунад, оё бо ягон роҳ факти вайрон кардани тартиби гузаронидани аттестатсияи давлатиро (ниҳоии) тасдиқ карда метавонад, ки ӯ метавонад ба сифати кори имтиҳонот таъсир расонад
3. Ҳуқуқи шикоят (асосҳои шикоят) аз имкониятҳои технологии сахтафзор ва нармафзори махсус вобаста аст, дар ҳоле ки усули тафтиш бояд объективияти натиҷаи онро таъмин намояд ва на ҳолате бошад, ки ҳуқуқи иштирокчии истифодабарандаро маҳдуд мекунад. Тартиби санҷиши варақаҳои имтиҳонии иштирокчиёни КАХ, салоҳияти маркази минтақавии коркарди иттилоот бояд танзим карда шавад, зеро фоизи мавҷудаи хатогиҳои натиҷавӣ бо риоя накардани қоидаҳои санҷиши кори иштирокчиёни КАХ, баҳои холисона ба сифати тайёр кардани шахсоне, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи (пурра)-ро аз худ кардаанд, имкон намедиҳад ва ҳуқуқи донишҷӯ ба таҳсилро поймол мекунад.

Қоидаҳои санҷиш бояд ба иштирокчиёни КАХ имкон диҳанд, ки ба шарте ки онҳо маълумоти ибтидоии заруриро дар баробари натиҷаҳои имтиҳон нашршуда дошта бошанд, мустақилона холҳои худро ҳисоб кунанд.

Истеъмолкунандаи хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқҳои таълимӣ дорад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф муқаррар

гардидаанд. Масалан, ба ҳуқуқҳои таълимӣ ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба имкони гирифтани таҳсилот новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, забон, синну сол, вазъи саломатӣ, ҳолати иҷтимоӣ, молӣ ва вазифавӣ, доғи судӣ, ба ғайр аз маҳдудиятҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, ҳуқуқи шаҳрвандон ба таври ройгон дар асоси озмуни таҳсилоти олии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилотии давлатӣ дар доираи меъёрҳои давлатии таълим, талаботи давлатӣ ва меъёрҳои миллии муқарраркардаи донишгоҳҳо, дар ҳолате ки шаҳрванд ин дараҷаи таҳсилотро бори аввал гирифта истода бошад, ҳуқуқи муассисаи таълимӣ ва шакли гирифтани таҳсилот, ҳуқуқи аттестатсия дар шакли экстернат дар муассисаҳои таҳсилотии аккредитатсияшудаи шакли муносиби нақшаҳои таълимӣ, ба омӯзиши босуръат, ба таври ройгон истифода бурдани захираҳои иттилоотии китобхонаҳо, ба гирифтани хизматрасониҳои иловагии таълимӣ (аз ҷумла хизматрасониҳои музднок), ба иштирок дар идоракунӣ, иттилоот, ба озодона иброз намудани андешаҳои худ, интихоби курсҳои факултативӣ (барои ин самти омодакунии тахассусӣ ҳатмӣ набуда) ва элективӣ (ба таври ҳатмӣ интихобшаванда), ки аз ҷониби факултет ва ё кафедраи дахлдор пешниҳод карда мешавад, ҳуқуқи иштирок дар ташаккул додани маълумоти худ ба шарти риояи меъёрҳои таҳсилоти давлатии касбӣ, ҳуқуқи азхудкунии фанҳои таълимӣ ба ғайр аз фанҳои таълимӣ аз рӯйи самти тахассуси интихобшуда (тахассусҳо) дилхоҳ фанни таълимии дигаре, ки дар ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи низомномаи он, инчунин, дар дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (дар мувофиқа миёни роҳбарияти онҳо) омӯзонида мешавад; ҳуқуқ ба иштирок дар муҳокима ва ҳал намудани масоили муҳимми фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла ба воситаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мақомотҳои идоракунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; ҳуқуқи истифодаи ройгон аз китобхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, захираҳои иттилоотӣ, хизматрасониҳои таълимӣ, илмӣ ва дигар зерсохторҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи муқаррароти низомномаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; иштирок дар ҳама гуна корҳои илмиву тадқиқотӣ, конференсияҳо, симпозиумҳо; ҳуқуқи пешниҳод кардани корҳои худ барои нашр, аз ҷумла амру дастуроти роҳбари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи муқаррароти қонунгузории ҶТ; ҳуқуқи гирифтани таҳсилот оид ба тахассуси ҳарбӣ мутобиқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории ҶТ; ҳуқуқи гузаштан аз таълими музднок ба таълими ройгон, мутобиқи «Низомнома дар бораи гузаронидани донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гурӯҳҳои ғайриройгон ба гурӯҳҳои ройгон» аз 08.02.2006, №3/5.

Таҳлили санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи маориф боз як гурӯҳи дигари ҳуқуқҳои иҷтимоии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимиро ошкор намуд, ба монанди ҳуқуқи гирифтани идрорпулӣ, таъмин бо манзили истиқоматӣ, имтиёз дар нақлиёти ҷамъиятӣ ва истифода аз дигар чораҳои кумакрасон мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мутобиқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ба шахсоне, ки таҳсилро аз рӯйи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ анҷом додаанд ва аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ гузаштаанд, ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти марбута дода мешавад.

Муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки аккредитатсияи давлатӣ дорад, ба хатмкунандагон дар бораи таҳсилоти марбута ҳуҷҷати намунаи давлатии дорои нишони давлатӣ ва нишони сарисинагии намунаи муқарраршуда медиҳад. Шакли ҳуҷҷати намунаи давлатӣ ва нишони сарисинагиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад. Ҳуҷҷатҳое, ки хатми зинаҳои гуногуни таҳсилоти олии касбиро тасдиқ менамоянд, инҳоянд: дипломи мутахассис; дипломи бакалавр ва дипломи магистр.

Аз рӯйи натиҷаи ҳимояи рисолаи илмӣ бо тартиби муқарраршуда дипломи номзади илм, дипломи доктори фалсафа (Ph.D) – доктор аз рӯйи ихтисос, дипломи доктори илм ё дипломи доктори ҳабилитат дода мешавад. Тартиби додани ҳуҷҷатро дар бораи такмили ихтисос бо роҳи гузаштани курсҳои гуногун мақомоти ҷумҳуриявии

давлатии идораи маориф муайян менамояд. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пас аз гузаштан аз аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ ба додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ пайдо мекунад. Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ эътибор доранд.

Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №93 тасдиқ шудааст, мутобиқи банди 74-и Низомномаи мазкур тартиби хориҷ муайян шудааст, вале тартиби барқарор, гузаштан ва рухсатии академӣ муқаррар нашудааст, аз ин рӯ ин костагии низомнома ба омилҳои коррупсионӣ оварда мерасонад.

Агар ташкилоти тобеи он бо мақсади иҷрои вазифаҳо ё хизматҳои алоҳидаи давлатӣ таъсис дода шуда бошад, бояд ҳамаи унсурҳои вазъи ҳуқуқии он муқаррар карда шаванд. Агар ин ташкилот ҳуқуқ дошта бошад, ки фаъолияти ғайрибуҷетӣ анҷом диҳад, ки ба муассисаҳои таълимии давлатӣ (муассисаҳои буҷетӣ, худмухтор) низ иҷозат дода шудааст, онҳо бояд хизматҳоеро, ки метавонанд ба он пулакӣ фурӯхта шаванд, назорат кунанд ва ҳамзамон ҷузъи расмиёти алоҳида бошанд, масалан, пешниҳод кардани ариза як тартиб буда, пур кардани варақаҳои имтиҳонӣ унсури зарурии он мебошад.

Меъёрҳои интихоби навъи санад, ки аз рӯйи масъалаи муайян қабул карда мешаванд, мушаххас нестанд. Аксар вақт санадҳои меъёрие, ки бевосита ба ҳуқуқ ба таҳсилот дахл намуда, вазъи ҳуқуқии ташкилотҳои таълимиро муқаррар мекунанд, вале дар айни замон бидуни бақайдгирии давлатӣ ва бидуни баррасии экспертиза ва интишори расмӣ амал мекунанд, дар доираи дастуру низомномаҳо пӯшида мешаванд. Бо вуҷуди ин, тартиби бақайдгирии давлатӣ санҷиши ҳуқуқии мутобиқати санад ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро, аз ҷумла тафтиши мавҷудияти муқаррароте, ки дар он ба фароҳам овардани шароит барои зуҳури коррупсия мусоидат мекунанд, дар бар мегирад.

Аксар вақт қабули санади меъёриро қонун муайян мекунад. Аммо худи меъёри қонун хеле норавшан аст, масалан, дар он як ниҳоди алоҳида муқаррар карда шудааст ва санади зерқонунӣ аллакай ба он аҳамияти ҳуқуқӣ дода, ҷанбаҳои мурофиавии татбиқи онро ошкор менамояд. Ҳамин тариқ, дастури меъёрӣ дар қонун, масалан, зарурати пардохти хизмати коршиносонро (аккредитатсия, иҷозатномадиҳӣ ва ғ.), ки тартиби пардохти онҳо бо санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ муқаррар карда мешавад, муайян мекунад.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 3.08.2021, №222) оид ба татбиқи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 17.12.2021, №179-09 тасдиқ шудааст, «Нақшаи чорабиниҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои соли 2022» ва «Барномаи муқовимат ба коррупсия ҷиҳати татбиқи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барои солҳои 2021-2025»-ро тасдиқ намуда, амалӣ намуда истодааст. Барномаи муқовимат ба коррупсия ҷиҳати татбиқи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар асоси «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" бо мақсади мубориза бевосита бо коррупсия ва хавфҳои коррупсионӣ таҳия шудаст. Барнома барои дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат бо коррупсия, пешгирӣ аз амалҳои коррупсионӣ дар Донишгоҳ ва зерсохторҳои он мусоидат менамояд.

Рафти иҷрои талаботи Стратегияи мазкур дар Донишгоҳ нишон медиҳад, ки ҷомеаи имрӯзаи кишвар ва махсусан, донишҷӯён аз ҳама гуна амалҳои коррупсионӣ огоҳӣ дошта, амалҳои содиршударо бо нафрат маҳкум менамоянд.

Дар доираи талаботи Нақшаи чорабиниҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавассути дарсҳои тарбиявӣ, ташкил кардани вохӯриву суҳбатҳо бо иштироки

намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарсҳои кураторӣ, дарсҳои лидери сиёсӣ (сарвари сиёсӣ), дарсҳои фанҳои гуманитарӣ, тариқи ВАО-и дохилидонишгоҳӣ, вохӯриҳо бо шахсиятҳои муътабари ҷумҳурӣ, шоирону адибон ва ходимони сиёсию илмӣ, дар мавзуи пешгирии мубориза бар зидди амалҳои коррупсионӣ, тарбияи худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандону хонандагон ва донишҷӯён, пешгирии зуҳуроти бегонашавӣ ва бегонапарастӣ, гаравиш ба ташкилоту созмонҳои ифротгаро ва тақлидкунандаи таассуби динӣ дошта, даст задан ба амалҳои номатлуби коррупсионӣ ва даҳҳо чорабиниҳои дигари ахлоқӣ-тарбиявӣ пайваста аз ҷониби раёсати Донишгоҳ гузаронида мешаванд. Дар Донишгоҳ комиссияи доимоамалкунандаи муқовимат ба коррупсия бо фармоиши ректор таъсис дода шудааст, ки сарпарастон ва дигар омӯзгорони Донишгоҳ ҷиҳати ташвиқу тарғиби он дар байни донишҷӯён масъул гардонида шудаанд.

М.Ю. Михайлова сабабҳои сатҳи баланди фасод дар донишгоҳро дар ин омилҳо мебинад:

1. маблағгузории нокифояи соҳаи маориф дар маҷмуъ;
2. маоши ками муаллимон;
3. набудани шаффофияти молиявӣ дар тақсими маблағ;
4. пастшавии умумии ахлоқ;
5. бесаводии ҳуқуқии донишҷӯён [5,с.31].

То имрӯз саволе, ки оё метавон фасодро мағлуб кард ва муҳимтар аз ҳама, чӣ тавр онро анҷом дод, ҳоло ҳам бе посух боқӣ мемонад. Фасод ба як мушкилии низомнок табдил ёфтааст. Мо бояд ба ин вокуниши низомнок муқобилият нишон диҳем.

**АДАБИЁТ**


1. Дворецкий И.Х. Латинско-русский словарь. Изд. 2-е. М.: Русский язык, 1976. – С. 266.
2. Климова М.В. Понятие коррупции / М.В. Климова // Актуальные проблемы российского права. – 2009. -№3.
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009, № 531 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.01.2023).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" аз 7 августи соли 2020, № 1714. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0 / [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2023).
5. Михайлова М.Ю. Профилактика коррупции в сфере высшего образования // Материалы Всероссийской научно-практической конференции «Наука и социум». - 2020. -№13.
6. Муминзода Н. И. Ҳуқуқи инсон дар раванди мубориза бар зидди терроризм / Н. И. Муминзода, М. Н. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 2. – С. 262-268.
7. Муминзода Н.И. Сифати хизматрасонӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ / Н.И. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. -№9. -С.371-376.
8. Муминов А. М. Мафҳуми "субот" ва "носуботӣ" дар системаҳои иҷтимоии ҷомеа / А. М. Муминов, Г. Нодирхонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 4. – С. 140-144.
9. Назаров А.К. Понятие криминалистическая характеристика коррупционных преступлений и коррупции / А.К. Назаров, З.Д. Ямокова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 6. – С. 189-193.
10. Низомнома дар бораи гузаронидани донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гурӯҳҳои ғайрироийгон ба гурӯҳҳои ройгон аз 08.02.2006, №3/5. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.01.2023).
11. Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, таҳти №93 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 6.01.2023).
12. Омаров А.А. Коррупция в сфере образования / А.А. Омаров // Юридический вестник Дагестанского государственного университета. – 2014. – №1.
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021. [Манбаи электронӣ]: URL: http://president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат 09.01.2023)
14. Сафаров А.И. Развитие юридических взглядов о соотношении понятий коррупция и коррупционая

преступность / А.И. Сафаров // Государствоведение и права человека. – 2016. – № 1. – С. 114-120.
15. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш аз 17.08.2020. [Манбаи электронӣ]: URL: http://president.tj/node/23555 (санаи муроҷиат 17.01.2023).
16. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.08.2021, №222 оид ба татбиқи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.01.2023).

## МУШКИЛОТИ ҲУҚУҚИИ МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Мавзуи омӯзиш меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо коррупсия, санадҳои зерқонунӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии маҳаллӣ, ки мундариҷа, инчунин, тартиби татбиқи таълими зиддикоррупсиониро пешбинӣ мекунад. Дар мақола имкониятҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ дар татбиқи тадбирҳо оид ба маърифати зиддикоррупсионӣ ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба нишон додани таҷрибаи муваффақтарини гузаронидани чорабиниҳои маърифатии зиддикоррупсионӣ, ки ҳам ба кормандони муассисаи таълимӣ ва ҳам ба донишҷӯён нигаронида шудааст, дода мешавад. Муаллиф аз усули диалектикӣ, мантиқӣ ва дигар усулҳои илмиро истифода кардааст. Тадқиқот нишон дод, ки муассисаҳои таълимӣ дар татбиқи чорабиниҳои таълимӣ зидди коррупсия ба мушкилоти методӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ дучор меоянд. Дар мақола самтҳои асосии кори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба татбиқи тарбияи зиддикоррупсионии кормандон ва донишҷӯён оварда шуда, мушкилоти асосӣ муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда мешаванд. Таҳияи мавқеи қонунгузор дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои гирифтани пора ё ришваи тиҷоратии омӯзгорони муассисаҳои таълимии ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ. Ҳамзамон, муаллиф аз қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла стратегияҳову барномаҳои зиддикоррупсионӣ васеъ истифода намудааст. Аз ин рӯ, мақола аз назари илмӣ бисёр ҳам мубрам, пурмазмун ва ба доираи васеи хонандагон тавсия карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** коррупсия, мубориза бо коррупсия, соҳаи маориф, ҳуқуқи таълимӣ, коррупсия дар соҳаи маориф, ҳуқуқ ба таҳсил.

## ПРАВОВЫЕ ПРОБЛЕМЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ КОРРУПЦИИ В ОБРАЗОВАНИИ

Предметом исследования являются нормы законодательства Республики Таджикистан о противодействии коррупции, подзаконные и административно-правовые акты, а также локальные правовые акты, содержание которых также предусматривает осуществление антикоррупционного просвещения. В статье подробно рассматриваются правовые и организационные возможности вуза в реализации мероприятий по антикоррупционному воспитанию. Особое внимание будет уделено демонстрации успешного опыта проведения антикоррупционных просветительских мероприятий, направленных как на сотрудников образовательного учреждения, так и на обучающихся. Автор использовал диалектический, логический и другие научные методы. Исследование показало, что образовательные учреждения сталкиваются с методологическими, правовыми и организационными проблемами при проведении антикоррупционных учебных мероприятий. В статье обозначены основные направления работы Таджикского национального университета по реализации антикоррупционного воспитания сотрудников и студентов, выявлены основные проблемы и предложены пути их решения. Разработать законодательную позицию об уголовной ответственности за взяточничество или коммерческий подкуп преподавателей как государственных, так и негосударственных образовательных учреждений. При этом автор широко использует действующее законодательство, например, антикоррупционные стратегии и программы. Поэтому статья научно очень актуальна, информативна и рекомендована широкому кругу читателей.

**Ключевые слова:** коррупция, борьба с коррупцией, образование, образовательное право, коррупция в образовании, право на образование, система образования.

## LEGAL PROBLEMS OF COMBATING CORRUPTION IN EDUCATION

The subject of the study is the norms of the legislation of the Republic of Tajikistan on combating corruption, by-laws and departmental legal acts, as well as local legal acts, the content of which also provides for the implementation of anti-corruption education. The article discusses in detail the legal and organizational capabilities of the higher education institution in the implementation of measures on anti-corruption education. Particular attention will be paid to demonstrating the successful experience of conducting anti-corruption educational activities aimed at both the staff of the educational institution and students. The author used dialectical, logical and other scientific methods. The study found that educational institutions face methodological, legal and organizational challenges in implementing anti-corruption measures. The article outlines the main directions of the work of the Tajik National University on the implementation of anti-corruption education of staff and students, identifies the main problems and suggests solutions. Develop a legislative position on criminal liability for bribery or commercial bribery of teachers of both state and non-state educational institutions. At the same time, the author makes extensive use of existing legislation, such as anti-corruption strategies and programs. Therefore, the article is scientifically very relevant, informative and recommended to a wide range of readers.

**Keywords:** corruption, fight against corruption, education, educational law, corruption in education, right to education, education system.

**Маълумот дар бораи муаллиф*:* *Муминзода Нозим Исмат*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи соҳибкорӣ ва тиҷорат. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 935989522.** E-mail: **nozimmuminzoda@gmail.com**

**Сведения об авторе: *Муминзода Нозим Исмат*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры предпринимательства и коммерции. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 935989522.** E-mail: **nozimmuminzoda@gmail.com**

**Information about the author: *Muminzoda Nozim Ismat*** - Tajik National University, Candidate of Law, Associate Professor of the Department of Entrepreneurship and Commerce. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **+992 935989522**. E-mail: **nozimmuminzoda@gmail.com**

ТДУ: 321.3(575.3)

# НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ЭҲЁИ АФКОРИ ҲУҚУҚИИ ҚАДИМАИ ТОҶИКОН

*Муҳиддинов Давлатҷон*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо маърифати баланди миллӣ кишвари моро сарварӣ менамояд, бо огаҳӣ аз забону фарҳанг ва таъриху тамаддуни куҳанбунёди ниёгонамон – ориёитаборон асарҳои зиёди илмию таърихӣ таълиф намудаанд, ки ин асарҳо насли имрӯзаву ояндаи миллати мо тоҷикон ва умуман, оламиёнро бо аҳаммияти илмию таърихӣ ва тарбиявиашон дар ташаккули маърифати баланди донишандӯзӣ, шууру зеҳни миллӣ, афкори солим ва худшиносиву худогоҳии насли ҷавон раҳнамоӣ кардаву муҳим арзёбӣ мегардад ва муаррификунандаи забону фарҳанг ва таъриху тамаддуни мо насли ориёист.

Пешвои миллат андеша ва мулоҳизаҳои худро дар бораи забон дар аксари асару мақола ва суханрониҳои худ, аз ҷумла, китобҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» ва «Забони миллат – ҳастии миллат» баён намудааст. Бахусус, ҷилдҳои аввалу дувуми китоби «Забони миллат – ҳастии миллат», ки саргузашти забони модарии моро бо ҳама шебу фароз ва комгорию нокомиҳои он аз замони ташаккул то ибтидои асри XX дар бар мегирад, дастури хуби омӯзиши таърихи забон барои дӯстдорону алоқамандони забони модарист.

Дар ҳамин китоб Пешвои миллат таъкид ба он доранд, ки «Яке аз вижагиҳои аслии бисёр муҳимми забони мо хосияти баҳамоварӣ ва ё ваҳдатофарии он аст. Ин хусусият, сипас, дар ташаккули он ба унвони як забони умумӣ барои мардуми эронитабор нақши муассир бозид» [4, с.15].

Осори арзишманди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари аҳаммияти илмиву таърихӣ, дар тарбияи худшиносии миллӣ ва баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон нақши муҳим доштанашон, боз аҳаммияти ҳуқуқии баланд низ дорад, ки дар онҳо афкору ақидаҳои ҳуқуқии қадимаи ниёгони мо – тоҷикон равшану возеҳ сабт гардидаанд.

Асари Эмомалӣ Раҳмон – «Чеҳраҳои мондагор» дар асоси осори илмию таърихӣ ва маърузаҳои Пешвои миллат таҳия гардида, арзиши беандозаи илмӣ, маънавӣ ва тарбиявӣ дорад. Китоби мазкур дар арафаи таҷлили 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон таҳия гардида, дар он ҳаёту фаъолият ва хизматҳои пурарзиши 25 нафар чеҳраҳои мондагор барои имрӯзиён муаррифӣ гардидаанд. Аҳаммияти беандозаи китоб аз он иборат аст, ки асари мазкур бо забони ноби тоҷикӣ таълиф гардида, барои аҳли илму адаб, дӯстдорони таъриху фарҳанг ва адабиёти гузаштагонамон пажуҳиши арзишманд ба ҳисоб рафта, барои тарбияи ҷавонон дар руҳияи худшиносии миллӣ, ифтихор аз ватану ватандорӣ, шинохти бузургон воситаи муҳимми тарбия ба шумор меравад.

Ин китоб соли 2016 дар нашриёти “Эр-граф”-и Душанбе дар ҳаҷми 364 саҳифа нашр шудааст.

“Чеҳраҳои мондагор” дар асоси осори илмиву таърихӣ ва маърузаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мураттаб гардидааст.

“Чеҳраҳои мондагор” беҳтарин намунаи осори таърихӣ-ҳуқуқӣ буда, чи аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва чи аз назари сабку услуб ва шеваи таҳқиқ арзишманд аст, ки дар равияи асарнависӣ беҳамто аст ва оинаи таърихи миллати мо тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ бо таҷассуми зиндагинома ва корнамоиҳои симоҳои барҷастаи миллат,

таърихномаи корнамоиҳо ва сарфарозиҳои халқи тоҷик, баёнгарии фарҳанги беш аз шашҳазорсолаи мо – тоҷикон рӯнамоӣ мекунад.

Дар китоби мазкур 25 нафар чеҳраҳои таърихӣ, шахсиятҳои барҷастае манзури хонандагон мешаванд, ки дар тағйири куллӣ бахшидани таърихи аҳли башар ё миллати сарбаланди тоҷик таъсири бузург расонидаанд. Махсусан, хидмати ин чеҳраҳои мондагор дар муаррифӣ намудани фарҳангу тамаддуни миллат дар арсаи ҷаҳонӣ назир надорад. Пешвои миллат дар раванди таҳқиқот паҳлуҳои ибратбахши ҳаёт ва фаъолияти афроди таърихиро ба қалам додааст. Аз мутолиаи китоби мазкур ҳар як шахс доир ба рӯзгору осори шахсиятҳои шинохтаи таърихию фарҳангии халқи тоҷик маълумотҳои пурқиматро дастрас карда метавонад. Дар китоб роҷеъ ба зиндагиву корнамоии афроди таърихӣ: аз қабили гузаштагони мо дар давраи қадим – Куруши Кабир, Спитамен, Зардушт, инчунин, дар асрҳои миёна ва давраи муосири мо низ, аз зумраи Монӣ, Маздак, Муҳаммад (с), Имоми Аъзам, Исмоили Сомонӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Шамси Табрезӣ, Ҷалолуддин Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода навиштаҳои Қаҳрамони Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гирдоварӣ шудааст, ки ҳамаи ин шахсиятҳо дар таърихи фарҳангу тамаддуни мо ба ҷаҳониён назир надорад.

Муҳаққиқи ин асар аввалин чеҳраи мондагори таърихиро дар китоби худ, аз Куруши Кабир оғоз намудааст, ки ин шахсияти таърихӣ дар тамаддуни ориёӣ ҳамчун асосгузори нахустин империя дар таърихи башар номбар мешавад, муаррифӣ менамояд. Дар заминаи сарчашмаҳои боэътимоди таърихиву бостоншиносӣ, маълумотномаҳои катибаҳо, муаллифи китоб собит месозад, ки Куруши Кабир маҳз тавассути сиёсати оқилонаи кишваркушоӣ, сабку услуб ва тартиби нави идоракунии давлат, адолатҷӯйӣ, ободгарӣ ва муҳимтар аз ҳама, бо эҷоди эъломияи худ, ки нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар эътироф гардидааст, машҳуру номдор аст. Муаллифи китоб тақдири имрӯзаи тоҷиконро ба тақдири давлатдории Куруш монанд кардаанд. Аз ҷумла, «Руҳияи ваҳдату муттаҳидсозии миллат, пуштибонии сулҳу адолат, густариши тиҷорату иқтисодиёт ва бунёдкориву ободонӣ, ислоҳоти низомиву лашкар ва такмили идоракунии мамлакат аз назари муаллифи асар монандӣ ва ҳамоҳангии онҳоро муқаррар мекунад».

Воқеан, сифатҳои ҳукуматдории Пешвои миллат аз Куруши Кабир сарчашмаи таърихию ҳуқуқӣ гирифтааст, ки чунин ҳамонандиҳо дар иқдому ташаббус ва хусусиятҳои ифтихор аз ватану ватандориву миллатдӯстдорӣ, адолат ба мардум, масъулияти баланд дар назди ҳифзу ҳимояи марзу бум ва соҳибони он, пуштибонии забон, сулҳу ваҳдати мардуми меҳан ва мисли инҳо рӯйи кор омадаанд.

Дар китоби мазкур хонанда бо нахустин Эъломияи хуқуқи башар, ки онро Куруши Кабир ба тасвиб расонидааст, ошно мешавад, ки он сарчашма аз фарҳанги ориёӣ ва ақоиди инсондӯстиамон гирифтаву нахустин ҳуҷҷати таърихиест, ки эҳтироми ҳуқуқ, озодии мазҳабу эътиқод ва ҳифзи дороии шаҳрвандонро пуштибонӣ кардааст. Ин Эъломия, ки бо номи «Устувонаи Куруш» машҳур аст, дар Осорхонаи Британия маҳфуз буда, шояд намунаи нахустини Эъломияи ҳуқуқи башар дар таърихи инсоният бошад. Ба андешаи мо, матни ин эъломияро, ки бо хат ва забони бобулӣ навишта шуда, тарҷумаи форсӣ-тоҷикии он бо саъй ва эҳтимоми олими шинохта П. Ҷамшедов ба табъ расидааст, овардан аз аҳаммият холӣ нест: «Манам Куруш, шоҳи шоҳон, шоҳи бузург, шоҳи неруманд, шоҳи Бобул, шоҳи Сумер ва Аккод, шоҳи чаҳор мамлакат, писари Камбуҷия — шоҳи бузург, навосаи Куруш, шоҳи бузург аз шохаи салтанати адабӣ, ки салтанаташ мавриди худоён ва ҳукуматаш ба дилҳо наздик аст. Вақте ки бе ҷангу ҷидол вориди Бобул шудам, ҳама мардум қудуми маро ба шодмонӣ пазируфтанд. Дар қасри подшоҳони Бобул ба сарири салтанат нишастам. Мардук - Худои Бобул дилҳои наҷиби мардуми Бобулро мутаваҷҷеҳи ман кард, зеро ман ӯро муҳтарам ва гиромӣ доштам. Лашкари бузурги ман ба оромӣ вориди Бобул шуд. Нагузоштам садама ва озоре ба

мардуми ин шаҳру ин сарзамин ворид ояд. Вазъи дохилии Бобул ва амокини муқаддаси он қалби маро такон дод. Фармон додам, ки ҳеч яке аз хонаҳои мардум хароб нашавад. Худои бузург аз ман хурсанд шуд ва ба ман, ки Куруш ҳастам ва ба писарам Камбуҷия ва тамоми лашкари ман аз роҳи иноят баракати худро нозил кард. Подшоҳоне, ки дар ҳама мамолики олам дар сарзаминҳои худ нишастаанд, аз дарёи боло то дарёи пойин ва подшоҳони Ғарб тамоман хироҷи сангин оваранд ва дар Бобул бар пойҳои ман бӯса заданд. Фармон додам, ки аз Бобул то Ошур ва Шуш ва Акад… ва ҳамаи сарзаминҳое, ки дар он тарафи Даҷла воқеанд ва аз айёми қадим бино шудаанд, маобидеро, ки баста шуда буд, бикушоянд. Ҳама худоёни ин маобидро ба ҷойҳои худ баргардондам, то ҳамеша дар он ҷо муқим бошанд. Аҳолии ин маҳалҳоро ҷамъ кардам ва манозили онҳоро, ки хароб карда буданд, аз нав сохтам ва худоёни Шумеру Аккодро беосеб ба қасрҳои онҳо, ки «шодии дил» ном доранд, бозгардондам. Сулҳу оромишро ба тамоми мардум ато кардам».

Эъломияи мазкур падидаи комилан нави сиёсию фарҳангӣ буд. Ӯ ба мисли шоҳони пешинаи ин минтақа мағлубонро ғуломи худ эълон накард. Баръакс, Куруш олиҳимматии сиёсӣ, адолат ва инсондӯстии бемисл нишон дода, ба халқҳои мағлуб озодӣ ва кафолатҳои ҳуқуқӣ ато кард. Ин эъломияи башардӯстона, ки метавон нахустин санади кафолати озодии мазҳабу эътиқоди динӣ ва гузашта аз ин, эҳтироми ҳуқуқи шаҳрвандони гуногунмиллату мухталифоин шумурд, аз тамаддуни ориёӣ сарманшаъ гирифтааст. Куруш сиёсатшиноси нуктасанҷ буд. Пеш аз ҳама гуна муҳориба ӯ барои нарехтани хун ба рақибонаш бо кафолати амният, озодӣ ва бо шартҳои барои онҳо имтиёзнок бастани сулҳро пешниҳод мекард. Танҳо дар сурати аз ҷониби муқобил қабул нашудани пешниҳодҳояш даст ба ҷанг мезад. Баъди ғолиб баромадан кӯшиш мекард мағлубонро беҳуда озор надиҳад ва иззати нафси онҳоро паст назанад. Ӯ одамшиносу инсондӯст буд ва шахсони лаёқатмандеро, ки барояш содиқона хидмат мекарданд, қадр мекард ва ба онҳо мансабҳои калони давлатиро медод. Бештар ҳолатҳо ӯ подшоҳони мағлубшуда ва ба асирӣ афтодаро мебахшид. Шоҳи Лидия Крез, шоҳи Бобул Набонид ба ин мисол шуда метавонанд. Куруш дар ҳайати империяи худ қариб 70 қавму миллатҳои гуногунро муттаҳид карда, ба ҳамаи онҳо расман озодӣ ва баробарҳуқуқӣ ато намуд. Башарият метавонад имрӯз ҳам аз таҷрибаи инсондӯстӣ ва адолатпарварии ин шахсияти беназир истифода барад. Таҷрибаи давлатдории Куруши Кабир ибратомӯз аст, мо бояд онро ҳамаҷониба омӯзем, зеро сохтори давлатии Ҳахоманишиён яке аз муҳимтарин тарзи ҳукуматҳои императории аҳди бостон ба шумор меравад. Сазовори ёдварист, ки ӯ бори нахуст чандин кишварҳо ва халқҳои ориёиро дар ҳайати як давлат муттаҳид намуда, барои ташаккулу инкишофи забону фарҳанги ягонаи онҳо мусоидат намуд. Хусусан, дар аҳди Куруши Кабир, ки давраи марказиятёбӣ ва дар қаламрави давлати бузурги Ҳахоманишиён муттаҳид шудани давлатҳои хурд ва қабилаҳои парокандаи ориёинажод ва ориёизабони сарзамини Ориёнои Ғарбӣ ва Ориёнои Шарқӣ ба шумор мерафт, таъқибу саркӯб кардани саккоиҳои марказгурезу озодипараст авҷ гирифта, барои аз тохтутози онҳо эмин доштани сарҳадҳои шарқии империяи Ҳахоманишиён қалъаи истеҳкомии Курушкада бунёд мегардад.

Куруши Кабир нисбат ба миллати бани Исроил низ меҳрубонӣ ва инояте кардааст, ки барои ҳамин номи ӯ дар китоби муқаддаси яҳудиён зикр мегардад.

Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар замони бостон комилан падидаи нави сиёсӣ буд, зеро Куруши Кабир бар хилофи шоҳони пешина, мағлубонро ғуломи худ накардаву ба онҳо озодӣ ва кафолатҳои ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст [2,с.16-19].

Ин Эъломияи башардӯстонаро метавон санади кафолати озодии мазҳабу эътиқоди динӣ ва гузашта аз ин, ҳуқуқи шаҳрвандии гуногунмиллату мухталиф шуморид, ки он аз тамаддуни ориёии мо сарчашма гирифтааст. Куруш сиёсатшиноси нуктасанҷе буд, ки ӯ заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстонаро гузоштааст ва ин иқдом сарманшаи санадҳои ҳуқуқии равшанфикрони Юнону Рим гардидааст. Куруш тибқи Эъломияи худ нарехтани хун дар набардро пешниҳод мекарду тавсия медод, то шахсони лаёқатмандро қадрдонӣ намоянд.

Муаллиф равшан баён мекунанд, ки Эъломияи Куруши Кабир яке аз манбаъҳои муътабари давлати Ҳахоманишиён аст, ки дар он ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба моликият, баробарҳуқуқии инсонҳо возеҳ дарҷ ёфтаанд [2,с.16-19].

Дар Эъломияи Куруши Кабир се арзиши демократиро метавон пай бурду дарк намуд, ки инҳо озодии дину мазҳаб, озодии интихоби ҷойи зист, поймол накардани ҳуқуқи каси дигар маҳсуб мешаванд ва мерос аз тафаккури башардӯстонаи ниёгони мо орпиётаборон мебошад.

Дар ҳақиқат, дар Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки дар китоби Пешвои миллат сабт шудааст, суханони охирини Куруш ба орзую омол ва ниятҳои Пешвои миллати мо Эмомалӣ Раҳмон монандӣ дорад, ки «Сулҳу оромиро ба тамоми мардум меорам»-ро ифода мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон дар бораи Куруши Кабир дар заминаи сарчашмаҳои муътамади илмиву таърихӣ муфассал бо забони фасеҳ аз таърихи зиндагӣ ва корномаҳояш ҳикоят мекунанд. Аз ҷумла, оид ба муҳорибаҳо, кишваркушоиҳо, муносибатҳои дипломатӣ, бурду бохти Куруши Кабир, хулосаҳои илмии Сарвари давлат дар мавриди мақом ва манзалати Куруши Кабир раднопазир аст. Муаллиф Куруши Кабирро ҳаргиз дар қатори забткорону ҷаҳонкушоёни маъруфи олам - Чингиз, Темур, Искандари Мақдунӣ намегузоранд. Зеро Куруши Кабир дар муҳорибаҳову лашкаркашиҳо ҳаргиз ба қатли ом роҳ намедод ва дар риояи ҳуқуқи инсон беназир буд ва ӯро бунёдгузори аввалин давлати мутамаддини инсонӣ меҳисобанд. Хулосаи дигари Пешвои миллат дар китоб, ки низ бебаҳс аст, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани Куруши Кабирро дар бунёди давлатдории дунявӣ мебошад. Ба ибораи дигар, нахустин империяи пурқудрати давлати Форс ба шакли дунявӣ асос ёфта буд. Метавон собит намуд, ки роҳи пешгирифтаи Сарвари давлат ва усули давлатдорӣ дар кишвари мо дуруст ва барҳақ аст.

Пешвои миллат дар мақолаи «Парчамдорӣ ҷодаи озодиву истиқлол» дар бораи чеҳраи мондагори таърих Спитамен нақл менамоянд. Қаблан, муаллиф ба зиндагӣ ва фаъолияти ҷаҳонигирии Искандари Мақдунӣ таваққуф намуда, оид ба ғояву ният ва амалдории ӯ маълумоти таърихии мушаххасро ироа месозанд. Дар ин маврид, нуқтаи назари муаллиф оид ба ғоя ва ҳадафҳои ҷаҳонкушоии Искандари Мақдунӣ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад.

Искандари Мақдунӣ бо ин зоҳирбозиҳои назарарфиребаш мехост унсурҳои беҳтарини тамаддуни Ғарбу Шаркро бо ҳам омезиш дода, як империяи ҷаҳонии фарогире офарад, ки халқҳои сершумори гуногунзабону мухталифоинро зери нигини як қаламрав муттаҳид созад. Як давлати мутамарказ ва идеалие бунёд намояд, ки сокини Юнонзамин худро дар билоди Порс ва сокини Порс худро дар Мақдуния бегона напиндоранд [9,с.30].

Ба овардани ин санад ва ишора ба забткориҳои аҳди хилофати Араб ва империяи абарқудрати шуравӣ, муаллиф аз қудрату матонат ва иродаи миллати тоҷик ёдрас мешаванд, ки бо вуҷуди гирифториҳо ҳувияти миллат ва орияти аҷдодии худро аз даст надод. Дар идома, муаллиф аз мубориза Қаҳрамони халқи тоҷик – Спитамени диловар бар муқобили Искандари Мақдунӣ сухан мекунад, ки аз саҳифаҳои рӯшани китоби таърихи миллати мо маҳсуб меёбад.

Матонат, ҷасорат, далериву нотарсӣ, дониши баланди ҳарбӣ, сарвару саркардаи мардуми мубориз бар зидди аҷнабиҳо, ин ҳама сифати Спитамени шуҷоъ аст, ки меҳвари мақолаи Пешвои миллатро ташкил мекунад. Муаллифи китоб оид ба ҷоннисориҳои Спитамен менависанд: “Талошҳои истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастонаи Спитамен яке аз дурахшонтарин саҳифаи таърихи муборизаҳои муташаккилонаи ниёгони суғдию бохтарии мо мебошад“.

Аз назари Пешвои миллат, шикасту бебарории Спитамен дар назди корнамоиҳои бемислу монандаш моҳияти хешро гум мекунад. Бубинед, ки аз ҷониби душманони ғаддораш – Искандари Мақдунӣ пазируфта шудани ӯ (Спитамен) ҳамчун ҷавонмарди бебоку шуҷоъ ва бо амри ӯ нигоҳдории акси пайкараи аслии Спитамен аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ватандӯсти асилро рақибон низ эътироф мекунанд. Ин аст, ки дар даврони

соҳибистиқлолии мо аз ҷониби Пешвои миллат барои ватандорони асил ордени «Спитамен» таъсис дода шудааст [8,с.225].

Мақолаи «Паёмбари оини ростин» дар бораи Зардушт мебошад. Муалифи китоби “Чеҳраҳои мондагор” дар заминаи сарчашмаи муътамад доир ба даврони Зардушт, зиндагиномаи ӯ, таронаҳои Зардушт ва ғайра ибрози назар мекунад. Андешаву назарияи бузургтарин олимони Ғарбу Шарқ, авестошиносони маъруфи дунё дар мақолаи мазкур дар заминаи муқоисаву муқобала мавриди омӯзиш қарор гирифта, хулосаи дақиқи илмӣ рӯйи кор омадааст. Воқеан, мақолаи мазкур аз назари ҳаҷм аз кулли мақолаҳои дигари китоб бештар буда, як рисолаи муфассал ва аз лиҳози маънӣ густурда оид ба Зардушт ва назарияи ӯро мемонад. Пешвои миллат дар баробари муайян кардани шахсияти воқеии Зардушт, ҳамзамон, оид ба бахшҳои китоби Авасто – нахустин дини яштопарастӣ ба номи Зардуштия маълумот медиҳанд. Аз ҷумла, оид ба “Ясно”, ”Яштҳо” “Вандидот”, “Испарад”, ”Хурдавасто” иттилооти илмии фаровон ва саҳехро пешорӯйи хонанда мегузоранд.

Андеша ва назарияи Эмомалӣ Раҳмон дар бахши таълифоти Зардушт, дар бораи ҷаҳон, инсон ва ахлоқ таҷассум ёфтааст. Аз ҷумла, муаллифи китоб андешаи Зардуштро оид ба он, ки ”фикру андешаи хуб инсонро водор ба ҷидду ҷаҳд ва ғайрату ободонӣ мекунад”, аз назарияи меҳварии ин паямбари ростин мешуморанд [9,с.77]. Зеро назарияи Зардушт дар бораи инсон ахлоқ, некиву рӯшанӣ»; адолат ва садоқат, ҳақиқатгӯйӣ, далерию фарзонагӣ, ки барои инсони ободкунандаи ҳар давру замон муҳим аст, месазад мавриди омӯзиши жарфо ва истифодаи аҳли башар қарор гирад. Дар ин маврид, муаллифи китоб бовар доранд, ки дар замони истиқлол ба шарофати бедории миллӣ ва дигаргуниҳои маънавию фарҳангӣ ва адабӣ мардум, хосса ҷавонони худогоҳ, ба омӯзиши таърихи ниёгон муҳаббат зоҳир намуданд ва дороиҳои пурбаҳои маънавии замони Зардушт дар шакли нав мавриди истифодаи имрӯзиён қарор гирифта истодаанд.

Ин ашхоси таърихии то имрӯз барои мо тоҷикон ва оламиён машҳуру номдор – аҷдоди бостони мо, ки ифтихори мо мебошанд, воқеан, дар бунёди Тоҷикистони навин, дифои ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон дар солҳои вазнини мавҷудияти миллат хидматҳои басо арзанда кардаанд, ки қадршиносии эшон аз ҷониби Пешвои миллат аз эҳсоси баланди худшиносии Пешвои миллат дарак дода, барои ҷавонон дарси бузурги ибрат ва ҳикмат мебошад. Ҳамин тариқ, китоби Пешвои миллатро метавон ба таври зер тавсиф дод:

1. Хонандаи тоҷикро бо таърихи воқеии миллати тоҷик корномаву корнамоиҳо, шебу фарози таърих, мардонагӣ ва пойдории миллати мо ошно месозад.

2. Нигоштаҳои Пешвои миллат, тасвири воқеаҳои тақдирсози таърихӣ, муқоисаву муқобалаҳо ва хулосаҳо ҳамчун сабақи пандомӯзи таърихӣ барои имрӯзиён ва ояндагон арзиши баланд дорад.

3. Дар китоби мазкур ба баҳсҳои зиёди илмиву таърихӣ оид ба пайдоиши забон, бунёди давлатдории тоҷикон дар давраҳои бостон, воқеаҳои баҳсноки таърихӣ, тақдири шахсиятҳои таърихӣ нуқта гузошта шудааст.

4. Дар ниҳоди хонанда меҳру муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба миллату забон, гузаштагони бонангу орро бедор мекунад. Махсусан, дар густариши эҳсоси худшиносиву худогоҳии миллӣ таъсири бузург дорад.

5. Китоб собит мекунад, ки давлатдории муосири тоҷикон ба таърихи дур пайванд мешавад ва беҳтарин анъанаҳои ҳукуматдории пешинро, аз қабили адолат ба мардум, риояи ҳуқуқи инсон, дастгирии афтодагону ятимон, ободкориву бунёдкорӣ, башардӯстӣ ва монанди инҳоро Пешвои миллат сармашқи кору фаъолияти пайвастаи хеш медонанд.

Сарвари давлат дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» ба таърих ва симоҳои барҷастаи халқамон рӯ оварда, ба насли ҷавон зарурати донистани гузаштаи худ, рӯ овардан ба таъриху фарҳанги худро талқин менамоянд. Тавре аз ҷониби худи муаллиф зикр мегардад, мутолиаи ин асар барои дар қалби ҷавонон бедор намудани меҳру муҳаббат, садоқату вафодорӣ, инсондӯстӣ мусоидат намуда, ба онҳо ифтихор аз таърихи пуршарафи гузаштагонро меомӯзонад.

Академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонзода, бо паёми шодбошӣ, аз ҷумла, гуфтааст: «Дар эҳёи суннатҳои таърихию фарҳангӣ ва дар ин руҳия ташаккул ва такомул ёфтани худшиносии миллат асари нави муҳташами арбоби намоёни давлатию сиёсӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Чеҳраҳои мондагор», ки зиндагинома, осор ва пайкори 25 чеҳраи баргузидаи илмӣ, адабӣ ва таърихиву сиёсиамонро мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор додааст, нақши муассир дорад. Китоби мазкур маҳсули андешарониҳои амиқи муаллиф доир ба таъриху фарҳанги бисёрасраи халқи тоҷик мебошад. Муаллиф доираи васеи масъалаҳои муҳимми ҳоло наомӯхтаи таъриху тамаддуни халқи тоҷик ва чеҳраҳои баргузидаи онро ба риштаи таҳқиқ кашида, мероси пурғановати фарҳангӣ ва марҳилаҳои асосии тақдирсози таърихи гузаштаро, ки дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши бориз доранд, мавриди баррасии амиқ қарор додааст».

**Муқарриз: Саъдизода Ҷ. - н.и.х., дотсенти ДМТ**


**АДАБИЁТ**

1. Андешаҳои миллии тоҷикон (марҳалаҳои асосии ташаккул ва рушд). –Хуҷанд: Ношир, 2011. -583 с.
2. Ашуриён М.Қ. Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир сарчашмаи илми ҳуқуқшиносии ҷаҳон / М.Қ. Ашуриён // Маҷаллаи “Мероси ниёгон” -№24. -2022. -С. 16-19.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон / Б.Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. -976 с.
4. Пешвои миллат – эҳёгари тамаддуни тоҷикони ҷаҳон. –Душанбе, 2022. - 360 с.
5. Пешвои миллат ва сиёсати давлатии забон. – Душанбе: Табъу нашр, 2021. -268с.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён.- Душанбе: Ирфон. 2006.-516 с.
7. Пешвои миллат ва рушди забони давлатӣ. – Душанбе: ҶДММ «Истиқлол – 2019». 2022. -362 с.
8. Саидов С., Матлуба Амонзода. Ганҷури таърих. Тулӯи ҳақиқат. -Хуҷанд: Ношир, 2019. -304 с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. –Душанбе: ЭР-граф, 2016. -363с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён, китоби якум, дувум, сеюм. – Душанбе: Ирфон, 2002. -Душанбе: Ирфон, 2006.
11. Эмомалӣ Раҳмон - Пешвои миллат. –Душанбе: Маориф, 2016. -381с.
12. Ян Рипка. История персидско-таджикской литературы. -М., 1970.
13. Яқубов Ю. Гоҳномаи Авастоӣ -Душанбе: Деваштич, 2003.-96с.
14. Яқубов Ю. Зардушт// Маърифат. -1996. -№3/4.-С.22-26.
15. Якубов Ю. К проблеме времени и места рождения ЗаратуштраУ/Авеста в истории и культуре Центральной Азии. -Душанбе, 2001.-С.23-48.


**НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ЭҲЁИ АФКОРИ ҲУҚУҚИИ ҚАДИМАИ ТОҶИКОН**


Муаллиф дар мақолаи мазкур китоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – «Чеҳраҳои мондагор»-ро мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода, нақши Эмомалӣ Раҳмонро дар эҳёи ҳуқуқи қадимаи тоҷикон нишон додаву хонандаро бо муҳтавои ин китоб ошно месозад. Ҳамзамон, муаллиф мухтасар фаъолияти Куруши Кабир, Имоми Аъзам ва Исмоили Сомонӣ ва таҳкими ҳуқуқӣ дар даврони онҳоро таҳқиқу баён намудааст. Заминаҳои ҳуқуқии давлатдориву сиёсатмадорони гузаштаи мо то имрӯз аҳаммияти бузург касб кардаанд. Сарвари давлат дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» ба таърих ва симоҳои барҷастаи халқамон рӯ оварда, ба насли ҷавон зарурати донистани гузаштаи худ, рӯ овардан ба таъриху фарҳанги худро талқин менамоянд. Тавре аз ҷониби худи муаллиф зикр мегардад, мутолиаи ин асар барои дар қалби ҷавонон бедор намудани меҳру муҳаббат, садоқату вафодорӣ, инсондӯстӣ мусоидат намуда, ба онҳо ифтихор аз таърихи пуршарафи гузаштагонро меомӯзонад.



**Калидвожаҳо:** Пешвои миллат, афкори ҳуқуқӣ, Куруши Кабир, Эъломияи ҳуқуқи башар, Абуҳанифа, Исмоили Сомонӣ, риояи хуқуқи инсон, чеҳраҳои мондагори халқи тоҷик.


**РОЛЬ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ВОЗРОЖДЕНИИ ДРЕВНЕЙШЕГО ПРАВОВОГО МЫШЛЕНИЯ ТАДЖИКОВ**


В данной статье автор рассматривает и изучает книгу Основоположника мира и национального единства, лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона «Лики вечные», показывает роль Эмомали Рахмона в возрождении древнего права таджиков и знакомит читателя с содержанием этой книги. В то же время автор кратко исследовал и разъяснил деятельность Куруш Кабира, Имама Азама и Исмаила Сомони и правовое укрепление в их эпоху, а правовые основы наших прошлых государственных деятелей и политиков приобрели большое значение и действуют по сей день. Глава государства в книге «Лики вечныеи» обращается к истории и выдающимся деятелям нашего народа, учит молодое поколение необходимости знать свое прошлое, обращаться к своей истории и культуре. Как отмечает автор, чтение этого произведения помогает пробудить в сердцах молодых людей любовь, верность и человечность, учит их гордиться славной историей прошлого.

**Ключевые слова:** Лидер нации, юридические заключения, Куруш Кабир, Декларация прав человека, Абу Ханифа, Исмаил Сомони, соблюдение прав человека, исторические личности таджикского народа и др.

**THE ROLE OF EMOMALI RAHMON IN THE REVIVAL OF THE OLDEST LEGAL THINKING OF THE TAJIKS**

In this article, the author examines and studies the book of the Founder of Peace and National Unity, the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon "Eternal Faces", shows the role of Emomali Rahmon in the revival of the ancient law of Tajiks and acquaints the reader with the contents of this book. At the same time, the author briefly researched and explained the activities of Kurush Kabir, Imam Azam and Ismail Somoni and the legal strengthening in their era, and the legal foundations of our past statesmen and politicians acquired great importance and are still in effect today. The head of state in the book "Eternal Faces" refers to the history and outstanding figures of our people, teaches the younger generation the need to know their past, turn to their history and culture. As the author notes, reading this work helps to awaken love, loyalty and humanity in the hearts of young people, teach them to be proud of the glorious history of the past.

**Keywords:** Leader of the Nation, legal opinions, Kurush Kabir, Declaration of Human Rights, Abu Hanifa, Ismail Somoni, observance of human rights, historical figures of the Tajik people, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муҳиддинов Давлатҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **93 9639393**

**Сведения об авторе:** ***Мухиддинов Давлатджон*** **-** Таджикский национальный университет, соискатель юридического факультета. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **93 9639393**

**Information about the author:** ***Mukhiddinov Davlatjon*** **-** Tajik National University, PhD student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **93 9639393**

ТДУ: 34.01

# ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ОМИЛҲОИ РУШДИ ҲИССИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР АСОСИ ҚАБУЛИ СТРАТЕГИЯ

*Муминзода М.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳифзи Ватан дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи муқаддаси ҳар шаҳрванди Тоҷикистон эълон шудааст [6]. Истилоҳи "вазифаи муқаддас" ба он ишора мекунад, ки он вазифаи конститутсионӣ ва маънавии ҳар шаҳрванд аст. Вазифаи муқаддас будани ҳифзи Ватан аз муқаддасоти Ватан бармеояд. Ватан бо сарзамини аҷдодии тоҷикон алоқаманд буда, ба алоқаи сокинони имрӯзаи кишвар бо ҳаёту фаъолият, шуҷоат, қаҳрамонӣ, ҷонфидоӣ, меҳнату корнамоии наслҳои пештара ишора мекунад. Ватани аҷдодӣ пуштибонии ҳар шаҳрванди Тоҷикистонро аз мероси таъриxиву фарҳангӣ, анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла анъанаҳои давлатдории миллӣ ва осори ғании таърихӣ дар назар дорад [19,с.237].

Дар моддаи 343 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пешгирии саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ ҷавобгарӣ муайян шудааст [5,с.18].

Дар ҷомеаи демократӣ институти ватандӯстӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини он ба ҳисоб меравад, зеро он имкон медиҳад насли наврас дар асоси принсипҳои эҳтиром ба фарҳанг, таърих, қонунҳои давлат ва шаҳрвандон, иштирок дар нигоҳдории амният ва беҳбудии он нигаронида шавад.

Ба андешаи Ш.М. Мусоев: «Тағйирёбии фазои сиёсию геополитикӣ, ноороми вазъи ҷаҳони муосир, муташанниҷ шудани вазъият дар як қатор давлатҳои Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна кишварҳои тозаистиқлолро ба он водор месозад, ки баҳри таъмини амният ва ҳифзи манфиатҳои миллии хеш дар самти сиёсати ҳарбӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ намоянд» [11,с.3].

Ин ҳолат аз он далолат мекунад, ки қудрати ҳарбии давлат бештар ба инкишоф, мазмун ва сифати меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста аст. Нақши танзимкунандаи қонун на танҳо ба татбиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии хизматчиёни ҳарбӣ, балки ба таъмини муттаҳидӣ, ягонагии амали онҳо, сафарбар намудани хизматчиёни ҳарбӣ барои такмили маҳорати ҷангӣ, бенуқсон иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ мусоидат мекунад. Ин дар ниҳоят боиси баланд шудани омодагии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Стратегия маҷмуи ақидаҳои расман қабулшуда ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба ҳадафҳо, воситаҳо, усулҳои амалисозии фаъолияти мунтазам, пайваста ва дарозмуддат дар ҳама гуна соҳа, механизми истифода ва рушди ҳамаҷонибаи шароит, захираҳо ва технологияҳо барои ҳалли онҳо мебошад [8,с.115].

Стратегия дар соҳаи сиёсати давлатӣ одатан давраи тулонӣ ва роҳи расидан ба мақсадро дар бар гирифта, дар шароите зарур мешавад, ки барои ноил шудан ба ҳадафи асосӣ захираҳои кофӣ вуҷуд надоранд, ки дар натиҷа мушкилот дар муддати кӯтоҳ ҳал карда намешаванд.

В.М. Звонков принсипҳои зерини ҳавасмандгардонии меҳнати ҳарбиро ҷудо мекунад: вобастагии ҳаҷми ҳавасмандгардонӣ ба натиҷаҳои ҳақиқии меҳнати ҳарбӣ; ҳавасмандгардонии моддию маънавӣ; ҳавасмандгардонии инфиродӣ, коллективӣ ва ҷамъиятӣ; истифодаи пайгиронаи ҳавасмандгардониҳои гуногун; сари вақт ва самаранок истифода бурдани шаклҳои алоҳидаи ҳавасмандгардонӣ; ошкорбаёнӣ; иштироки васеи ашхос дар муайян кардани довталабон барои пешбарӣ [2,с.126-127].

Эҷоди тартиботи иҷтимоӣ, дар маҷмуъ дар ҷомеа ва бахусус ҳар як аъзои алоҳидаи он қоидаҳо ва қолабҳои рафтори мустақим ва ғайримустақим, возеҳ ва ғайриимкониро муқаррар мекунанд, ки барои риоя ҳатмӣ ё матлуб мебошанд. Чунин ташкили ҳаёти иҷтимоӣ хусусияти стратегии муоширати одамонро бо ҳамдигар пешбинӣ менамояд. Аммо омӯзиши категорияи стратегия аз нигоҳи таҳлили дискурсӣ

ва як қатор самтҳои марбут ба пажуҳиш то ҳол боиси асосноккунии пайвастаи лингвистии мафҳумҳои стратегия, тактика ва технология нашудааст.

Ҳамин тариқ, О.С. Иссерс тавсифи зерини мафҳуми "стратегия"-ро пешкаш мекунад: маҷмуи амалҳо, ки барои расидан ба мақсади коммуникативӣ нигаронида шудааст [1,с.288].

Е.И. Христофорова қайд мекунад, ки дар замони шуравӣ ватандустиро муҳаббат ба Ватан, садоқат ба он ва майлу хоҳиши хизмат кардан ба манфиатҳои он маънидод мекарданд [20,с.106]. Идеяи ватандӯстӣ як эҳсосоти амиқеро дар бар мегирад, ки дар тули садсолаҳо ва ҳазорсолаҳои мавҷудияти сарзаминҳои ҷудогона ва қавмҳои фарҳангӣ ба вуҷуд омада, мустаҳкам шудааст.

Стратегия аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва самт аз консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ фарқ мекунад. Мазмуни он назар ба консепсия бештар мушаххас ва ба амалия нигаронидашуда мебошад. Дар сохтори стратегия, чун қоида, марҳилаҳо, чорабиниҳои мушаххас ва уҳдадориҳои аз рӯйи натиҷаҳо ба таври қатъӣ ифодаёфтаро ҷудо кардан лозим нест. Аммо дар баробари ин, дар он шароит, самтҳои амалӣ гардонидани вазифаҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ, инкишофи он ва ғайра комилан мушаххас муайян карда шудаанд.

Ба андешаи С.Н. Плотникова, ҳамарӯза вобаста ба ҳадафҳои давлат стратегияҳо қабул карда мешаванд, аммо табиати назариявӣ-ҳуқуқии онҳо номуайян боқӣ мондааст [13,с.82-98]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз зиёда аз 43 стратегия қабул шудааст, ки ба ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсии ҷомеа равона шудаанд.

Дар Паёми Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон аз 30 апрели соли 2001, вобаста ба қабули “Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Консепсияи корҳои идеологӣ ва тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастурҳо пешниҳод шудаанд [12].

Дар оянда бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи тарбияи ҳарбӣ-ватанпарастӣ ва рушди намудҳои варзиши ҳарбӣ-амалӣ дар байни наврасону ҷавонони синни тодаъватӣ ва даъватии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015 [3] ва ҳамчунин барои солҳои 2015-2022 [4] қабул мегарданд, аммо вобаста ба тағйир ёфтани вазъи сиёсию иқтисодии ҷаҳон баъд аз хуруҷи беморecho covid-2019 [14,с.58], муноқишаҳои марзии солҳои охир ва вазъи ногувори ҷаҳон аз оғози соли 2022 ин тараф, қабули Стратегияи мукаммалро дар ин соҳа зарур мешуморем.

Қабули Стратегияи рушди низоми тарбияи ватандӯстии ҶТ то соли 2030 (минбаъд - Стратегия) ба мақсад мувофиқ аст, ки сохтори намунавии он метавонад чунин бошад:

- муқаррар намудани мақсад ва вазифаҳо;
- муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушд;
- интихоби воситаҳои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда;
- тақсимоти нақш ва вазифаҳои субъектҳои асосӣ ва иштирокчиёни тарбияи ватандӯстӣ: мақомоти ҳокимияти вилоятӣ ва маҳаллӣ, шахсони мансабдори сатҳҳои гуногун, олимону мутахассисон ва ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ;
- муайян намудани асосҳои барномаи чорабиниҳои муҳимтарини низомнок ва ба ҳам алоқаманд;
- технологияи амалӣ гардондани онҳо ва иҷрои вазифаҳои асосӣ;
- ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ.

Омили нодида гирифтани ватандӯстӣ ҳамчун муҳимтарин ҷузъи шуури ҷамъиятӣ боиси заиф шудани пояҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавию фарҳангии рушди ҷомеа ва давлат мегардад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, муқовимати иттилоотӣ, даъват ба ғояҳои ватандӯстӣ ба як лоиҳаи муваффақи сиёсӣ табдил ёфтааст. Раванди ташаккули ҳисси ватандӯстиро метавон ҳамчун механизми устувори ҷорӣ намудани арзишҳои сиёсӣ, ки низоми арзишҳо ва мақоми шаҳрвандӣ-ватанпарастиро танзим мекунад, муайян кард [15,с.28].

Асосҳои илмии Стратегия инҳоро бояд дар бар гирад:

- натиҷаҳои кори илмию амалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ ва машваратии назди мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ;

- таҷрибаи андӯхташудаи ҳамкории субъектҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ – мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла мониторинги тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун ҷузъи рушди иҷтимоӣ, ҳамкории байни соҳаҳо;

- таҳлили натиҷаҳои татбиқи барномаҳо, лоиҳаҳо, нақшаҳои мукаммал, шаклҳои интегративӣ, моделҳои тарбияи ватандӯстии категорияҳои гуногуни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалияи муассисаҳои мушаххаси давлатию иҷтимоӣ, технологияҳои наве, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратиро истифода мебаранд;

- натиҷаҳои таҷрибаи чандинсолаи шарикӣ дар доираи ҳамкории байниминтақаҳо ва ҳамкорӣ бо субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ дар сатҳи ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳурӣ, махсусан дар соҳаҳои иттилоотӣ, маориф ва фарҳанг.

Муҳиммияти таҳияи Стратегия аз инҳо вобаста аст:

- мавҷудияти заминаҳои зарурӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон барои тарбияи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, хизмати шоиста ба Ватан ҳамчун заминаи воқеии фароҳам овардани шароит барои такмили куллӣ дар ин фаъолият ба ҳисоб меравад;

- зарурати мутобиқсозии мақсадноки асосҳои назариявӣ ва низоми таҳсилот ба шароити нави тағйирёфтаи ҷомеаи Тоҷикистон;

- зарурати кор карда баромадан ва асоснок кардани маҷмуи тадбирҳои ба ҳам алоқаманди дарозмуддат дар сатҳи байниминтақавӣ ва минтақавӣ, таъмини робитаи зичи фаъолияти давлатӣ, минтақавӣ ва ҷамъиятӣ дар раванди тарбияи ватандӯстӣ;

- зарурати таҳия ва асоснок кардани муқаррароти асосии ташкилию методӣ, инчунин, шаклҳо тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун фаъолияти низомнок;

- ба субъектҳои асосии низоми тарбияи ватандустӣ бо шароиту захираҳо барои истифодаи самарабахши шаклҳо, воситаҳо, усулҳо ва технологияҳои сифатан нави ин фаъолият ва ба даст овардани натиҷаи ниҳоии он.

Стратегия ба идеяи афзалияти ҳаёти созандаи инсон дар раванди рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон асос ёфтааст. Методологияи Стратегия ғояи ватандӯстӣ ҳамчун омили ҷудонашавандаи маънавии амали дарозмуддат, ки ба муносибатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат дохил мешавад, ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи Н.И. Муминзода, яке аз сабабҳои пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ надоштани базаи мустаҳками тарбиявӣ, идеологӣ ва аз ҳама муҳим, ҳисси баланди ватандӯстӣ мебошад [10,с.136]. Аз ин рӯ, ватандӯстӣ аз хоҳиши объективии ҷомеа ва ҳар як шахс ба субот ва дарки амнияти худ вобаста мебошад. Ватандӯстӣ як низоми ҷаҳонбинии муштараки давлат ва ҷомеа буда, барои муттаҳидсозии ҷомеа, ташаккул додани худшиносӣ, мақсаду вазифаҳои стратегии он равона гардидааст.

Ҳадафи тарбияи ватандӯстӣ дар ҷомеаи имрӯза рушди маънавиёт ва ахлоқи баланд, фаъолияти иҷтимоӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, тарбияи сифатҳои шаҳрвандон дар раванди созанда ба манфиати Ватан, таҳкими давлат, таъмини пояҳои ҳаётии он мебошад.

Мақсади рушди низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонунгузорӣ мувофиқат мекунад ва вазифаи умумие мебошад, ки чунин мақсадҳоро муайян мекунанд:

- дастурҳои тактикии барномаҳо, моделҳо ва лоиҳаҳои тарбияи ватандӯстӣ;

- роҳҳои қонеъ кардани интизориҳои гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа;

- риояи вазифаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ.

Мақсади Стратегия аз таъсиси низоми самарабахши ташаккули ватандӯстӣ дар асоси муттаҳид намудани саъю кӯшиши мақомоти қонунгузор ва иҷроия, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, дигар ташкилотҳои давлатӣ, ҷомеа, иттиходияҳо ба ҳисоб меравад.

Татбиқи стратегия инҳоро пешбинӣ мекунад:

- афзалияти тарбияи ватандӯстӣ дар сиёсати мақомоти иҷроия;

- пурзӯр намудани масъулияти мақомоти иҷроия барои тарбияи ватандӯстӣ;

- васеъ намудани ҳайати субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ, фароҳам овардан ва такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти онҳо;

- такмили ҳамкории сохторӣ ва функсионалии мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, муассисаҳои илмию таълимӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо дар ҳалли масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ;

- ба шароити ҳаёти қишрҳои гуногуни аҳолӣ, хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ, тарбиявӣ, синнусолӣ ва дигар хусусиятҳои онҳо нигаронида шудани низоми тарбияи ватандустӣ;

- тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи тайёр будан ба муҳофизати Ватан, иҷрои вазифаи ҷангӣ, фаъолияти фаъоли меҳнатӣ ва эҳёи ҳаёти комили оилавӣ;

- зинда намудани арзишҳои таърихии халқи тоҷик, аз қабили эҳтироми хосса ба низомиён, пурифтихор ба ҳисоб рафтани уҳдадории ҳарбӣ.

Низоми тарбияи ватандӯстӣ тамоми зинаҳои фаъолияти тарбиявиро фаро мегирад, ки сар карда аз оила, муассисаҳои томактабӣ ва тарбиявӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма, варзиш, меҳнат, ҳарбӣ ва дигар дастаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ сар карда то мақомоти олии давлат анҷом меёбад. Он ташкили чорабиниҳои ватандӯстиро чи дар сатҳи ноҳиявӣ ва чи дар вилоятҳо, дар коллективҳои алоҳида ва бо як шахс гузаронидани кори индивидуалии тарбиявиро дар бар мегирад.

Дар низоми тарбияи ватандӯстӣ оила ҳамчун асоси ҷомеа ҷойи махсусро ишғол мекунад. Маҳз дар оила раванди тарбияи шахсият, тарбияи ҳисси ватандӯстӣ оғоз гардида, баъдан дар коллективҳои меҳнатӣ, ҳарбӣ, муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ, дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ идома меёбад.

Дар низоми тарбияи ватандӯстӣ ҷузъи муҳимтарин кори оммавии ватандӯстӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ мунтазам ташкил ва бо иштироки фаъолонаи воситаҳои ахбори омма, намояндагони иттифоқҳои илмию эҷодӣ, ветеранҳо, ҷавонон ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ташкил ва гузаронида мешавад.

Низоми тарбияи ватандӯстӣ барои таъмини мақсадноки ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, мусоидат менамоянд.

Низоми тарбияи ватандӯстӣ асосан аз фаъолияти низоми маориф, ки стандартҳои давлатии таълимиро барои амалӣ намудани таълим дар асоси идеали миллии тарбиявӣ ва арзишҳои асосии миллӣ пешбинӣ менамояд, вобаста мебошад.

Нуктаи асосии тамоми низом маҳз дар он аст, ки бо ёрии воситаҳо, усулҳои махсус ва технологияҳои нави мавҷуда фарогирии ҳарчи бештари шаҳрвандон, хусусан кӯдакон ва ҷавононро таъмин намояд.

Тарбияи ватандӯстӣ бояд нақшавӣ, мунтазам, доимӣ ва яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф бошад.

Низоми тарбияи ватандустӣ бетағйир монда наметавонад, вале, тағйирот ва рушди он ҳам ба дастовардҳо ва вазифаҳои аввалиндараҷаи низоми тарбияи ватандӯстӣ ва ҳам ба дигаргуниҳое, ки дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои ҷомеа ба амал меоянд, вобаста аст.

**Муқарриз: Бобоева Н.И. – н.иҳ., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Иссерс О.С. Коммуникативные стратегии и тактики русской речи / О.С. Иссерс. -М.: КомКнига, 2006. -288 с.
2. Звонков В.М. Стимулы социалистического воинского труда (социально-политический анализ): дис. … канд. филос. наук / В.М. Звонков. - М., ВПА, 1990.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи тарбияи ҳарбӣ-ватанпарастӣ ва рушди намудҳои варзиши ҳарбӣ-амалӣ дар байни наврасону ҷавонони синни тодаъватӣ ва даъватии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015 1 марти соли 2012 № 93 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2022).
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» аз 1 марти соли 2018 № 79 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2022).

5. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи 1998, №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adliya.tj (санаи мурочиат 21.11.2022)
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 64 с.Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2022).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30.05.2017 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи мурочиат: 26.11.2022).
8. Муминзода М.Н. Омилҳо ва асосҳои ҳуқуқии қабули стратегияи ватандӯстӣ // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (ш. Душанбе, 9-уми декабри соли 2022) – Душанбе, 2022. – С. 115.
9. Муминзода Н.И. Ҳуқуқи инсон дар раванди мубориза бар зидди терроризм // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №5. – С. 266.
10. Муминов Н.И. Экономическая безопасность Республики Таджикистан: внутренние и внешние угрозы / Н.И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 3-12. – С. 136-139.
11. Мусоев Ш.М. Военная политика Республики Таджикистан: понятие и основные характеристики: автореф. дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / Ш.М. Мусоев. – Душанбе, 2021. – 3 с.
12. Паём ба Аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2001 / [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/15126 (санаи муроҷиат: 26.10.2022).
13. Плотникова С. Н. Стратегичность и технологичность дискурса // Лингвистика дискурса-2. / С. Н. Плотникова //Вестник ИГЛУ: Серия Лингвистика и МКК, Иркутск, 2006. – №3. – С. 82-98.
14. Рахмон Д.С. К вопросу о понятии ограничения прав человека / Д.С. Рахмон, Исозода П. // Государствоведение и права человека. – 2020. – № 2(18). – С. 58.
15. Резаков М. Р. Патриотизм как фактор политической жизни современной России / Резаков, Максим Равильевич. Кандидат наук. 2018, Пятигорск. 23.00.02. С. 28
16. Стратегияи миллии рушд барои то соли 2030 аз 1.12.2016, №636, // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2022).
17. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз 1.06.21, №187 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0 / [Манбаи электронӣ]. URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.11.2022).
18. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. –Душанбе: Глобус, 2006. – С. 742.
19. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонун)-и Ҷумхурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 2009. – С. 237.
20. Христофорова Е.И. Конституционно-правовое регулирование идеи патриотизма как условие стабильности современного общества / Е.И. Христофорова // Юридическая наука. -2019. -№10. -С.106.

## ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ОМИЛҲОИ РУШДИ ҲИССИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР АСОСИ ҚАБУЛИ СТРАТЕГИЯ

Муаллиф бо омӯзиши адабиётҳои илмӣ ва қонунгузорӣ ҳалли яке аз масъалаҳои илмӣ ҳуқуқшиносӣ, ки вобаста ба унсурҳои худ бо таърих, психология ва педагогика алоқаманд -«ҳисси ватандустӣ» ва рушди онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин замон ду маротиба Барномаи рушди ватандӯстӣ барои солҳои 2012-2015 ва барои солҳои 2016-2020 қабул шудааст, ки барои рушди ин ниҳод саҳми босазои худро гузоштаанд. Аммо ҳодисаҳои охири ҷаҳон ва таъсири бевоситаи он ба вазъи на танҳо иқтисодию иҷтимоӣ, балки ба сиёсати ҳарбӣ нишон дод, ки корҳои то ба имрӯз баанҷомрасонидашуда барои ҳалли масъалаи бавуҷудомада кифоя намебошанд. Муаллиф бо асосҳои илмӣ қабули стратегияи мукаммалро дар ин соҳа ва назорати амалӣ гаштани онро ба зиммаи Вазорати мудофиа вогузоштан амали саривақтӣ мешуморад. Тарбияи насли ҷавонро муаллиф вазифаи муҳимтарини давлат шуморида, ҷоннок намудани корро дар ин соҳа муҳим арзёбӣ мекунад.

**Калидвожаҳо:** стратегия, ватандӯстӣ, ҳифзи Ватан, амният, уҳдадории ҳарбӣ, вазифа, асосҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи ҳарбӣ, хизмати ҳарбӣ.

## ПРАВОВАЯ БАЗА И ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ПАТРИОТИЗМА НА ОСНОВЕ ПРИНЯТИЯ СТРАТЕГИИ

Изучая научную литературу и законодательство, автор рассмотрел решение одного из научных вопросов юриспруденции, который в зависимости от своих элементов связан с историей, психологией и педагогикой, «чувством патриотизма» и его развитием в Республике Таджикистан. В Республике Таджикистан дважды принимались Программы развития патриотизма на 2012-2015 годы и на 2016-2020 годы, которые способствовали развитию этого института. Но последние события в мире и их прямое влияние не только на экономическую и социальную ситуацию, но и на военную политику показали, что выполненных до сих пор

работ недостаточно для решения проблемы. Принятие целостной стратегии в этой области и ее контроль автор считает обязанностью Министерства обороны. Воспитание молодого поколения в духе патриотизма автор считает важнейшей задачей государства и считает важным возродить работу в этой области.

**Ключевые слова:** стратегия, патриотизм, защита родины, безопасность, воинская повинность, обязанность, правовая основа, военное право, военная служба.

**LEGAL BASIS AND FACTORS OF THE DEVELOPMENT OF PATRIOTIC FEELING ON THE BASIS OF THE ADOPTION OF THE STRATEGY**

Studying the scientific literature and legislation, the author studied the solution of one of the scientific issues of jurisprudence, which, depending on its elements, is associated with history, psychology and pedagogy, the “feeling of patriotism” and its development in the Republic of Tajikistan. In the Republic of Tajikistan, the Programs for the Development of Patriotism for 2012-2015 and for 2016-2020 were adopted twice, which contributed to the development of this institution. But recent events in the world and their direct impact not only on the economic and social situation, but also on military policy have shown that the work done so far is not enough to solve the problem. The author considers the adoption of a holistic strategy in this area and its control to be the duty of the Ministry of Defense on scientific grounds as a timely action. The author considers the upbringing of the younger generation in the spirit of patriotism the most important task of the state and considers it important to revive work in this area.

**Keywords:** strategy, patriotism, defense of the motherland, security, conscription, obligation, legal basis, military law, military service, military service reforms.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муминзода Маҳмадшариф Нозим*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 93119 3333**. E-mail: **sharifjonmuminov@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Муминзода Махмадшариф Нозим*** **-** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.Телефон: **(+992) 93119 3333**. E-mail: **sharifjonmuminov@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Muminzoda Mahmadsharif Nozim*** **-** Tajik National University, assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 93119 3333.** E-mail: **sharifjonmuminov@gmail.com**

**ТДУ: 323.51**

# НАҚШИ ИТТИЛООТ ВА ТАҲЛИЛ ДАР СИЁСАТИ БЕРУНИИ ДАВЛАТ

*Нуриддин П.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати берунӣ ва дипломатия, таҳлили вазъият дар давлати қабулкунанда, сиёсати берунӣ ва пеш аз ҳама, муносибатҳои байналмилалии он мебошад. Таҳлили дипломатӣ набояд дар қолабҳои идеологӣ ва динӣ, балки дар асоси арзёбии илмии вазъият, равандҳои имрӯзаи давлат ва муайян намудани тамоили баъдии ин ҳодисаҳо сурат гирад, чунки қолабҳои идеологӣ ва мазҳабӣ ба таҳлили айнӣ ва дарки воқеӣ халал мерасонанд.

Табиист, ки иҷрои вазифаи мазкур хеле мушкил аст. Онро дипломат метавонад танҳо бо роҳи барқарор намудани робитаҳои корӣ бо ҷузъҳои гуногуни ҳукуматӣ, ки вазъи давлатро хуб медонанд, вакилони парламент, лидерони мухолифин, соҳибкорон ва намояндагони илму фарҳанги давлати қабулкунанда иҷро намояд.

Таърихи дипломатияи Шарқ ва Ғарб намунаҳои равшани арзёбии дуруст ва амиқи равандҳои дохилӣ ва хориҷии давлатҳо, ояндабинии сиёсати онҳоро медонад. Мисоли чунин таҳлилҳои илмӣ метавонад номаҳои комиссари халқии корҳои хориҷии Россия Г.В. Чичерин ба сафоратҳо ва намояндагиҳои хориҷии давлат бошанд, ки дар онҳо ӯ омилҳои гуногуни вазъи байналмилалӣ ва алоқамандии онҳоро амиқан таҳлилу баррасӣ намудааст. Г.В. Чичерин чунин мешуморад, ки дипломатия бояд фаъолияти худро дар асоси рушди муносибатҳои амиқи сиёсӣ ва иқтисодӣ амалӣ созад [13,с.238].

Яке аз чунин ояндабиниҳои ӯ таҳлили сиёсати дохилӣ ва берунии шоҳи Эрон Ризо Паҳлавӣ буд. Ӯ дар номаҳои худ аз намояндаи сиёсии Иттиҳоди Шуравӣ дар Теҳрон боисрор талаб мекард, ки бо шоҳ равобити наздик барқарор намояд, чунки «дар марҳалаи ҳозира манфиатҳои сиёсии Россия дар Шарқ бо манфиатҳои Форс мувофиқ буданд». Ҳамзамон, ӯ дарк мекард, ки чунин вазъ абадӣ набуда, он метавонад тағйир ёбад ва «шояд вақте расад, ки манфиатҳои дипломатии шоҳ (Паҳлавӣ – *П.Р.*) ва манфиатҳои умумимиллӣ аз якдигар ҷудо шаванд» [13,с.238]. Дар ҳақиқат, баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон манфиатҳои ҷомеаи эронӣ, аз он ҷумла буржуазияи давлат бо сиёсати шоҳ дар зиддият қарор гирифтанд. Ин намунаи классикие мебошад, ки на сафир Москваро дар бораи ояндаи Эрон, балки комиссари халқӣ, ки вазъи давлатро хуб медонист, сафирро дар бораи ҳодисаҳои ояндаи давлати қабулкунанда, огоҳ намудааст.

Вобаста ба ин, ҳам сафорат ва ҳам Вазорати корҳои хориҷӣ бояд дар бораи сиёсати дохилӣ ва берунии давлатҳои гуногун маълумоти дақиқ дошта бошанд. Имрӯз суханони Г. Николсон, ки соли 1962 гуфта буд, муҳимму рӯзмарраанд: «Ҳукумате, ки барои худ чунин ҳашаматро раво мебинад, ки дар хориҷа сафир ва сафоратҳо дошта бошад, вале агар ба ақида ва машварати ин сафирон гӯш надиҳад, чунин ҳукумат вақти худ ва маблағи давлатро беҳуда сарф мекунад. Ҳеҷ як рӯзнома ё ширкати бонкӣ ҳеҷ гоҳ намехоҳад ба воситаи шахсе муаррафӣ шавад, ки ба ақидаи ӯ эътимод надошта бошанд» [8,с.98].

Солҳои охир давлатҳо бештар ба омода кардани тавсияҳои асоснокшудаи илмӣ аз тарафи сафоратҳо ва вазоратҳои корҳои хориҷии худ, таҳлилу ояндабинӣ намудани раванду ҳодисаҳо, яъне додани маълумоти ҷанбаи пешгӯидоштаро, ки ба ҳукумат имкони андешидани тадбирҳои дахлдорро диҳад, таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд. Бо ин мақсад як зумра кишварҳо барномаҳоиислоҳоти дипломатияи муосири хешро амалӣ намуданд.

Имрӯз яке аз вазифаҳои асосии сафоратҳо беҳтар намудани сифати таҳлилии арзёбӣ ба вазъи минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ва қабл аз ҳама минтақаҳои даргири буҳрон ба шумор меравад. Хусусан, ба баррасии рӯйдодҳо ва дурнамои онҳо, эҷоди дипломатияи пешгирикунанда *(превентивӣ)* ва аз тарафи сафоратҳо тарҳрезӣ шудани

накшаи стратегии пешбурди манфиатҳои миллии давлат дар кишвари қабулкунанда диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Барои таҳлили дурусту воқеъбинона, ояндабинӣ намудани раванду ҳодисаҳо, хулосаҳои таҳлилӣ ва пешниҳодҳои мушаххас, иттилооти боэътимод ва саҳеҳ лозим аст. Тавре ки Н.С. Леонов қайд кардааст, «аҳамияти иттилоот дар ин аст, ки он барои қабули қарор оид ба масъалаҳои муҳимме, ки ҳаёт дар назди мо мегузорад, ёрӣ мерасонад» [4,с.81].

Тибқи маълумотҳои В.М. Матвеев, «самти асосии дипломатияиояндаи англисӣ – ин стратегияи илман асоснокшудаи «таносуби қувва дар Европа» мебошад. Яъне, татбиқи чунин сиёсате, ки ягон кишвар дар минтақа бартарии комил пайдо накунад. Бояд гуфт, ки шуъбаи илмию таҳқиқотии Вазорати корҳои хориҷии Британияи Кабир бузургтарин сохтори таркиби вазорат буда, дар он беш аз 70 (дар солҳои 80-уми асри XX) корманд фаъолият менамоянд [5,с.105].

Тағйироти ҷиддии вазъи байналмилалӣ, ба вуҷуд омадани масъалаҳои комилан нав ва мураккаб гардидани масъалаҳои ҳарбӣ, иқтисодӣ, экологӣ, уқёнусӣ, ҳуқуқи инсон ва рушди муносибатҳои байнидавлатӣ талаботи навро нисбат ба иттилооти дипломатӣ ба вуҷуд овард. Имрӯз воситаҳои ахбори омма дар инъикоси муносибатҳои байналмилалӣ нақши муҳимро бозӣ менамоянд. Одатан, аввалин иттилоотро дар бораи рӯйдодҳои байналмилалӣ роҳбарони давлатҳо аз радио, телевизион ва рӯзномаҳо дарёфт мекунанд. Вобаста ба ин, онҳо талаб менамоянд, ки на танҳо фаъолияти иттилоотии сафоратҳо беҳтар ва васеътар карда шаванд, балки он сифатан тағйир дода шавад.

Доир ба мафҳуми ахбор дар байни коршиносон ва донишмандон андешаҳои гуногун вуҷуд доранд. Аксари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки ахбор – ин маҷмуи иттилоот ва маълумот дар бораи вазъи дохилӣ ва хориҷии давлати муайян ё масъалаи мушаххас мебошад, ки бо мақсади арзёбии вазъ ва коркарди қарорҳои идорӣ истифода мешавад. Бо дарназардошти раванду ҳодисаҳои солҳои охир ҳаҷми ахбор ҷанбаи байналмилалӣ дошта дар воситаҳои ахбори омма хеле зиёд гардидааст.

Мутахассисони соҳаи муносибатҳои дипломатӣ чунин мешуморанд, ки дар дипломатияи Ғарб оғози талаботи нав ба иттилоотро муроҷиатномаи Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка Ҷ. Кеннеди ба сафирони америкоӣ дар моҳи майи соли 1981 гузошт. Ӯ дар муроҷиатномаи худ таъкид менамояд, ки Америка давраи нозуки таърихиро аз сар мегузаронад ва таъмини пешсафии давлат дар ҷаҳон аз дипломатияи америкоӣ вобаста аст.

Ӯ аз сафоратҳо на танҳо дарку фаҳмиши фаъолияти ҳукуматҳои хориҷӣ, балки донистани мардуми кишварҳои хориҷӣ, ниҳодҳо ва фарҳанги онҳоро талаб мекард. Дар ин иртибот, ӯ зарур мешуморид, ки сафирон ва дигар дипломатҳо бояд берун аз доираҳои дипломатӣ бо қишрҳои гуногуни кишвари қабулкунанда иртиботи наздики шахсӣ барқарор намоянд. Ӯ гуфта буд: «Вазифаи мо на танҳо фаҳмидани далели дигарон, балки ба онҳо расонидани иттилоот дар бораи нақшаҳои мост» [10]. Дар айни ҳол, ӯ ба сафирон тавсия медод, ки дар амри ба даст овардани иттилооти васеъ ва амиқ дар бораи давлатҳои хориҷӣ фаъолона амал намоянд ва ин иттилоот на танҳо аз саҳифаҳои рӯзномаҳо, балки аз сарчашмаҳои боэътимод ва ҷиддӣ ба даст оварда шаванд. Хизмати таърихии Ҷ. Кеннеди дар инкишофи муносибатҳои дипломатии Иёлоти Муттаҳидаи Америка хеле бузург аст. Ӯ ҳуқуқи сафиронро васеъ кард, ба онҳо тамоми муассисаҳои хориҷии америкоиро (ба истиснои неруҳои мусаллаҳи Америка дар хориҷа, ки бевосита тобеи Президент буданд) тобеъ кард. Донишмандон ва дипломатҳои америкоӣ ин таҳаввулотро «марҳалаи нави дипломатияи фаъол» номидаанд [10].

Талабот ба арзёбии таҳлилӣ дар дипломатияи муосир аз он санадҳои дипломатие, ки дар гузашта омода мешуданд, ба таври ҷиддӣ фарқ мекунад. Чунки масъалаҳои мураккаби ҳозира маҳорати баланди таҳлилии дипломатҳоро талаб менамояд. Дар муносибатҳои байналмилалӣ омилҳои нав пайдо шуданд ва дипломатия бояд онҳоро ба назар гирад. Вазъи дохилии бисёр кишварҳо ба сабаби рушди демократия ва низомҳои

бисёрҳизбӣ мураккаб шуданд. Нақши бонкҳои фаромиллӣ ва иттиҳодияҳои байналмилалӣ дар сиёсат афзуд, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба вуҷуд омаданд, раванду ҳодисаҳои мухталиф аксуламали фаврии дипломатҳоро талаб мекунанд.

**Талаботҳои асосӣ оид ба фаъолияти таҳлилии дипломат чунинанд:**

1. Иттилоот бояд на ҷанбаи зоҳирӣ ва мардумӣ, балки илмӣ дошта, тамоми омилҳои масъала ё мавзуи баррасишавандаро ҳамаҷониба ва амиқ баррасӣ ва асоснок намояд. Дипломат бояд воқеияти имрӯза, раванди ҳодисаҳоро дуруст таҳлил намуда, ба ҳукумат тавсияҳои асоснокро пешниҳод намояд.

2. Иттилооти таҳлилии дипломатӣ бояд дар асоси манбаъҳои сершумору гуногун ва нисбатан эътиборнок таҳия гардида бошад.;

3. Азбаски дипломатия, пеш аз ҳама, ба дарку фаҳмиши сиёсат алоқаманд аст, он бояд, қабл аз ҳама ба санадҳо, қонунҳо ва қарорҳои ҳукуматӣ, ақидаҳои роҳбарони давлат, дидгоҳи намояндагони элитаи сиёсӣ ва ҳукуматӣ, аз он ҷумла ақидаи Парламент такя намояд.

Дипломат бояд ба маълумотҳое, ки аз гурӯҳҳои ҳокимияти воқеӣ, яъне аз шахсиятҳои наздик ба ҳукумат (шахсиятҳое, ки дорои тафаккури давлатӣ мебошанд), соҳибкорону тоҷирон, сохторҳои молиявӣ ба даст меорад, низ бояд таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Чунки онҳо дар ҳукумат эътибору нуфуз доранд ва вазъро хуб медонанд ва ба воситаи онҳо дипломат метавонад таъсири худро ба ҳукумат амалӣ намояд. Аммо ин гуфтаҳо маънои онро надоранд, ки дипломат аз дигар сарчашмаҳо истифода набарад. Бояд аз манбаъҳое, ки ба сиёсати ҳукумат назари танқидӣ доранд, низ истифода бурд.

4. Таҳлил он вақт дурусту аниқ хоҳад буд, ки агар дипломат кишвари қабулкунанда ва масъалаҳои он, яъне сиёсат, иқтисод, сохти сиёсӣ, ҳизбҳо ва роҳбарони онҳо – ҳам ҳукуматӣ ва ҳам мухолифин, таърих, хислати миллат (ё миллатҳо)-и кишварро хуб донад. Дониши сатҳӣ ба тавсифи субъективии сиёсати давлат оварда мерасонад. Дониши дипломат дар бораи кишвари қабулкунанда бояд на танҳо ба маводҳои воситаҳои ахбори омма, балки ба омӯзиши адабиёт, робита бо элитаи давлат, аз он ҷумла бо зиёиён ва аҳли илм асос ёбад. Дипломати америкоӣ Д. Ҳилл менависад, ки «дипломат бояд таърихи давлатҳои бузург ва муносибати байни онҳоро донад. Оянда ҳидоятгари дигареро ба ҷуз таърих (дипломатия) намедонад, аз он мо амалкарди замони ҳозираро меомӯзем» [12,с.64].

5. Таҳлил бояд охирин ва навтарин маълумотҳоро доир ба масъалае, ки дипломат менависад, фаро гирад. Чунки иттилооти куҳна боиси нопурра ва ҳатто нодуруст будани қарори қабулнамудаи марказ хоҳад гашт. Рӯзноманигорон як мақоле доранд, ки: «Навигарии дирӯза-навигарии мурда аст». Ин мақолро метавон пурра ба иттилооти дипломатӣ низ нисбат дод. Агар иттилоъ куҳна бошад, ҳукумат маҷбур хоҳад шуд, ки қарорро бар асоси манбаъҳои дигар, пеш аз ҳама бар асоси маводи воситаҳои ахбори омма, ки дурустиашон аксар вақт шубҳанок аст, қабул намояд.

6. Яке аз иштибоҳ ё ҳатто айби баъзе дипломатҳо дар он аст, ки онҳо мехоҳанд ба ҳукумат чунин маълумотеро фиристонад, ки роҳбарони ҳукуматро озурда ё асабонӣ накунад, балки ҳатто барои онҳо хушоянд бошад. Онҳо далелҳо ва нуктаҳои манфиро хабар намедиҳанд, ё онҳоро тағйир дода, арзёбии мусбатро дар радифи аввал қарор медиҳанд. Ин роҳи аз ҳама хатарнок аст ва аксар вақт чунин иттилоот барои ҳукумат «хизмати хирсона» мешавад. Иттилоот бояд то ҳадди ниҳоӣ дурусту воқеъбинона бошад, ба нуқтаи назари ҳукумат созгору ҳамнаво карда нашуда бошад. Дипломат новобаста аз он ки иттилоот барои марказ талху нохушоянд бошад, бояд ҷасорати додани маълумоти дурустро дошта бошад.

7. Ба маълумотҳои бадастовардашуда, хусусан аз воситаҳои ахбори омма, набояд кӯркӯрона бовар кард, чунки ҳатто рӯзномаҳои боэътимод низ метавонанд хабари носанҷидаю нодурустро чоп кунанд. Бояд ҳатман бо истифода аз тамоми воситаҳои имконпазири қонунӣ иттилоъро санҷид. Набояд фаромӯш кард, ки матбуот маълумотро интихобан, яъне бо дарназардошти ҳадафҳои хеш, ба мақсади зиёд кардани нусхаи рӯзнома, муаррифӣ ё таблиғ кардани журналист онро ҳангоманок нашр

мекунад. Н.М. Майский менависад, ки изҳорот дар бораи мустақилият, бовиҷдонӣ, беғаразии воситаҳои ахбори омма – бофтаю ихтирои худи журналистҳост, чунки дар миёни хизматгузорони содиқи матбуот, шахсони ҳангомаҷӯ хеле зиёданд. Шумораи одамони ғайрисодиқ дар воситаҳои ахбори омма камтар аз дигар касбҳо нестанд ва вобастагии онҳо аз хӯҷаинонашон, соҳибони телевизион, радио ва рӯзномаҳо камтар аз вобастагии кормандони дигар соҳаҳои ҳаёти мо нест [6].

Бояд дар хотир дошт, ки воситаҳои ахбори омма ба хотири таблиғот ва бо дарназардошти мизоҷи хонандагон ба ҳодисаҳо ончунон обу ранги эҳсосотӣ медиҳанд, ки ҳақиқат таҳриф ва ғалат маънидод мешавад.

7. Услуби иттилооти дипломатӣ аз услуби журналистӣ ё адабиёти бадеӣ фарқ карда, он ба услуби илмӣ наздиктар аст, вале баъзе хусусиятҳои хосро низ дорад, ки онҳоро бояд дар хотир нигоҳ дошт. Қабл аз ҳама, ин дурустӣ ва аниқии иттилоот аст. Дар баъзе санадҳои дипломатӣ: маълумотномаҳо, хабарҳо, тавсифномаҳо, мактубҳои сиёсӣ иқтибос, нишон додани манбаъ зарур аст, то ин ки Вазорати корҳои хориҷӣ тавонад онҳоро санҷад, ё ин ки бо манбаъҳои дигар муқоиса кунад. Азбаски ин иттилоот барои роҳбарияти вазорати давлат омода мешавад, он бояд ба ҳадди ниҳоӣ мухтасар, бе калимаҳои зиёдатӣ ва дар сурати зарурат, бо хулосаҳои таҳлилӣ ва пешниҳодҳои мушаххас бошад. Услуби санадҳои дипломатӣ барои муносибат бо давлатҳои хориҷӣ – қарордодҳо, созишномаҳо низ хусусиятҳои хосси худро доранд.

Муносибатҳои дипломатҳо ва журналистон бо сабабҳои гуногун, бисёр мураккабанд. Дипломатҳо журналистонро маломат мекунанд, ки баъзе иттилооти онҳо фаъолияти дипломатҳоро мушкил месозад, бисёр вақт ба густариш ва амиқтар шудани ихтилофот ва шиддати вазъи байналмилалӣ оварда мерасонад. Ж. Камбон пешгӯӣ карда буд, ки «нақши матбуот меафзояд ва баъзе миллатҳо, хусусан он миллатҳое, ки дар санъати таблиғот таҷриба доранд, рӯз аз рӯз оммаи содаю зудбоварро бештар гумроҳ мекунанд» [3,с.69]. Дар ҷойи дигар ӯ менависад, ки «дипломатҳоро муаррихон бар хилофи сарбозон ситоиш намекунанд ва хеле кам номи онҳоро мегиранд» [3,с.69].

Артур Ҳелпс (воқеанигор ва таърихнигори англис) гуфта буд, ки «нисфи бадбахтӣ дар ин дунё аз ноаниқӣ ва номуайянӣ ба вуҷуд меояд» [10]. Дар ин иртибот дар назди дипломатҳо вазифа гузошта мешавад, ки ба ҷомеа иттилооти дурусту аниқро диҳанд, то мардум барои андеша кардан, баҳо додан ба рӯйдодҳо, хусусан, дар вазъи нозуку буҳронӣ, фурсат дошта бошанд. «Иттилоъ дар бораи хатар ягона ва шояд асоситарин вазифаи дипломатияи Британия мебошад» – навишта буд, Г. Макдермот [10].

**Бо дарназардошти омилҳои зикргардида дар назди дипломатҳо чунин вазифаҳои нав гузошта мешаванд:**

**Якум.** Густариши алоқаҳои дипломатҳо бо журналистон на танҳо барои дарёфти иттилоот, балки барои мубодилаи иттилоот бо онҳо зарур аст. Г. Макдермот менависад: «Журналисти хуб монанди дипломати хуб хабаррасони хуб аст» [10], бинобар ин, ба нафъи дипломатия аст, ки журналистон аз онҳо мунтазам иттилооти дуруст дарёфт кунанд.

Имрӯз дипломатҳоро, қабл аз ҳама, бо «дипломатияи ғайридемократӣ» ва «пинҳонӣ» маломат мекунанд. Ҳамчунин, дипломатҳоро сарзаниш мекунанд, ки интихобкунандагони одиро на бо рафт, балки бо натиҷаи музокирот шинос менамоянд, яъне мардум дигар ҳеҷ чизро тағйир дода наметавонад. Тарафдорони «дипломатияи ошкоро», ки одатан, намояндагони ҳизбҳои сиёсии мухолифин мебошанд, исрор менамоянд, ки интихобкунанда бояд аз равандҳои дипломатӣ бохабар бошад. Онҳо изҳор медоранд, ки шаҳрванди қаторӣ аз иборaҳои мухтасари Вазорати корҳои хориҷӣ, монанди «мулоқот дар фазои созанда гузашт», «фалон фалон масъалаҳо баррасӣ шуданд», «тарафҳо ҳамфикр буданд», «музокирот нишон дод, ки мавқеи тарафҳо наздик аст ва ихтилофи назар камтар аст», «музокирот мушкил, вале фоиданок буд» ва ғайра, ба таври мушаххас ҳеҷ чизро намефаҳмад. Ҷонибдорони «дипломатияи ошкорро» қайд мекунанд, ки бо чунин иттилооти ночиз аъзои Парламент низ наметавонанд фаҳманд, ки ҳукумат ва дипломатҳо то кадом андоза манфиати давлатро моҳирона ва фаъолона ҳимоя мекунанд.

Мунаққидони усулҳои муосири дипломатия таъкид мекунанд, ки мардум нисбат ба бисёр сиёсатмадорони сиёсати хориҷӣ оқилтар, одилтар ва боахлоқтар аст. Ин ақида зебо садо медиҳад, аммо барои дипломатҳо равшану возеҳ аст, ки дипломатия дар бисёр ҳолатҳо маҳрамона буданро талаб менамояд. Аммо ин маънои онро надорад, ки дипломатҳо бояд ба таври мунтазам ва бамавқеъ аҳли ҷомеаро аз кори худ огоҳ нанамоянд ва масъалаҳои муҳимро аз ҷомеа пинҳон доранд.

Ба ин гуфтаҳо метавон илова кард, ки қисми бештари фаъолияти дипломатҳо маҳрамона нест. Масалан, ҷаласаҳои Шурои Амният, Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳо барои оммаи васеъ ва воситаҳои ахбори омма дастрасанд.

**Дуюм,** сабаби маҳрамона доштани муколамаи дипломатӣ ва музокирот ҷанбаи бисёрҷониба доштани онҳо аст ва ин як амали истисноӣ аст. Илова бар ин, баъзе масъалаҳои сиёсати дохилӣ дар ҷаласаҳои вазоратҳо ва маҷлисҳои ҳукумат низ маҳрамона баррасӣ мешаванд. Г. Николсон менависад, ки дипломатия ба тиҷорат ва то андозае ба қартабозӣ монанд аст, ки ҳарифон қартаи худро намекушоянд. Беҳуда нест, ки дар бораи ду услуби дипломатия сухан ронда, ӯ якеро «ҳарбӣ» ва дигареро «савдогарона» [9,с.40] номидааст. Ҳам он ҷо ва ҳам ин ҷо амали ошкорро ба бохт мебарад. А. Уотсон навишта буд: «Тамоми баҳсҳои иқтисодӣ, ки дар муколамаи дипломатӣ ҷойи муҳимро ишғол менамоянд, савдоро дар бар мегиранд, яъне ҷанбаи маҳрамона доранд» [10].

«Хусусияти хосси савдо дар он аст, ки тарафи дигар намедонад, ки шумо то кадом андоза гузашт хоҳед кард, бинобар ин баҳси маҳрамона ва содиқона самарабахштар аст, вале аз натиҷаи музокирот метавон мардумро огоҳ намуд» [10]. Г. Николсон менависад: «Музокирот, ки моҳияти дипломатияро ташкил медиҳад, иборат аз гузашти дутарафа аст. Агар дар бораи гузашти як тараф мардум пеш аз гузашти тарафи дигар иттилоот гирад, ин метавонад боиси эътироз ва қатъи музокирот гардад» [9,с.92]. Ӯ ҳамчунин суханони зерини Ж. Камбонро иқтибос меорад: «Вақте ки маҳрамона будани музокирот аз байн рафт, давом додани ҳар гуна музокирот имконнопазир хоҳад гашт» [3,с.92-93].

**Сеюм,** мукотибаи байни ҳукумат ва сафоратҳо ҳамеша ва дар ҳамаи кишварҳо дар таърихи дипломатия, мукотибаи шахсӣ ва пинҳонӣ буд. Онро бо мукотибаи байни ҳимоятгар (адвокат) ва ҳимояткунандаи ӯ муқоиса мекунанд, бинобар ин чунин мукотиба бо масунияти (дахлнопазирии) дипломатӣ муҳофизат мешавад.

Дар Созишномаи умумӣ оид ба тарифҳо ва тиҷорат (моддаи 10) зикр шудааст, ки: «Ҳар як тарафи созишкунанда вазифадор нест, ки иттилооти маҳрамонаро, ки бо манфиати ҷамъиятӣ мухолиф аст, фош намояд» [7,с.84]. Чунин қоида дар тамоми созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои дипломатӣ амал мекунад.

Тавре аз таҳлили адабиёти илмӣ бармеояд, масъалаи иттилоот то ҳадде муҳим ва мубрам аст, ки вақте вазоратҳои кишварҳои ғарбӣ ягон амали ислоҳотиро нисбат ба хадамоти дипломатӣ оғоз мекунанд, онҳо ҳатман дар барномаҳои худ корҳои иттилоотиро низ дохил мекунанд.

Вазорати корҳои хориҷии аксари кишварҳо имрӯз ба мақсади мутобиқ кардани дипломатияи хеш бо фазои нави байналмилалӣ ислоҳоти зарурировро татбиқ менамоянд. Ҳадафи асосии ин ислоҳотҳо, қабл аз ҳама, баланд бардоштани сифати таҳлили раванду ҳодисаҳои минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, пеш аз ҳама дар минтақаҳои даргири низоъ, татбиқ намудани дипломатияи пешгирикунанда, ҳамзамон дипломатияи ҳарбӣ мебошад.

Дипломатияи муосир ба таъсири афзояндаи воситаҳои ахбори омма, пеш аз ҳама ахбори электронӣ, таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Дар назди дипломатҳо вазифа гузошта шудааст, ки бояд «дар баробари иттилооти воситаҳои ахбори омма, аз сафоратҳо низ иттилоот дарёфт шавад» ва он бояд «қисми таркибии фаъолияти дипломатӣ гардад» [2].

Ҳамин тариқ, зери таъсири воситаҳои ахбори омма бояд фаъолияти ҳукумат (дипломатия низ) ошкоро бошад. Чи тавре ки Г. Николсон менависад, «сиёсат, объекти

қонунии назорат» аст, аммо музокирот набояд таҳти назорат қарор гирад. Аз дигар тараф, ӯ дипломатҳоро даъват мекунад, ки руҳияи нави аҳли ҷомеаро мадди назар гиранд ва ошкор буданро намоиш диҳанд (яъне ошкор набошанд, вале онро намоиш диҳанд), бояд дипломатияи мутобиқ бо руҳияи замонро пеш баранд [8,с.92].

Ҳамин тариқ, фаъолияти иттилоотӣ ва таҳлилии дипломатӣ бояд ҷавобгӯйи талаботҳои зерин бошад:

1. Фаъолияти иттилоотӣ ва таҳлилии дипломат бояд хислати илмӣ дошта бошад ва баррасии амиқи ҳамаи омилҳое, ки ба ин ё он масъала алоқаманданд, асос ёфта бошад. Дар асоси ҳолати воқеии имрӯза дипломат бояд оид ба рушди эҳтимолии раванду ҳодисаҳо хулоса бароварда ба ҳукумати хеш пешниҳодоти зарурӣ ироа намояд.

2. Иттилоот ва таҳлил бояд дар заминаи сарчашмаҳои мухталиф ва нисбатан боэътимод асос ёбад.

3. Бо дарназардошти он ки дипломат қабл аз ҳама намояндаи давлати хеш дар назди давлати қабулкунанда мебошад, пас мебояд ӯ пеш аз ҳама ба санадҳои ҳукуматӣ, қонунҳо ва муқаррароти ҳукумат, гузориши роҳбарони он, андешаи элитаи сиёсӣ, намоядагони Парламент такя намояд. Ба маълумоте, ки аз доираи ҳокимияти воқеӣ, сохтори молиявию соҳибкорӣ ба даст меояд, таваҷҷуҳ зоҳир намудан лозим меояд. Чунки, аз як тараф, доираҳои мазкур дар ҳукумат нуфузи калон дошта, вазъро хуб медонанд, аз тарафи дигар, ба воситаи онҳо таъсир (нуфуз)-и худро дар ҳукумат амалӣ намудан мумкин аст.

Умуман, ҷамъоварии иттилоот яке аз вазифаҳои муҳимми намояндагии дипломатӣ ба шумор меравад, ки шартан ба ду самт ҷудо карда мешавад:

**Фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ** –раванди ҷамъоварӣ, баррасӣ, хулосабарорӣ ва таҳлили иттилооте, ки дар кишвари қабулкунанда ба даст омада, тавассути ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ ба кишвари фиристанда пешниҳод мешаванд. Чунин навъи асноди дипломатиро асноди байниидорӣ меноманд. Амалан онҳо ҳуҷҷатҳоеанд, ки пешниҳоди маълумоти муфассалро дар бораи ҳолати сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвари қабулкунанда тақозо менамоянд. Ҷанбаи муҳимми санадҳои мазкур дар он ифода меёбад, ки вобаста ба он ҳукумати кишвари фиристанда ислоҳоти мушаххасро дар самти сиёсати хориҷии хеш нисбати кишвари қабулкунанда ворид менамояд.

Маҷмуи ин ҳуҷҷатҳо аз шифрограмма (шифротелеграмма), шарҳи матбуот, иттилооти мухтасар, мактуби сиёсӣ, ҳисоботҳои нимсола ва солона иборат мебошад.

**Фаъолияти иттилоотӣ-фаҳмондадиҳӣ** – яке аз вазифаҳои асосии намояндагии дипломатӣ буда, дар дохили кишвари қабулкунанда амалӣ мегардад. Ин навъи фаъолияти дипломатӣ ба шинос намудани муассисаҳои расмӣ, ҳукумат, Вазорати корҳои хориҷӣ, корпуси дипломатӣ ва доираҳои васеи ҷамъиятӣ аз самти сиёсии давлати фиристанда маҳсуб мешавад. Илова бар ин, намояндагӣ дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвари фиристанда ба сокинони кишвари қабулкунанда маълумот пешниҳод менамоянд. Ба намояндагӣ инчунин матбуоти даврии кишвари фиристанда ворид мешавад.

Барои иҷрои фаъолияти таҳлилӣ-фаҳмондадиҳӣ дипломати кишвари фиристанда аз роҳу васитаҳои зерин истифода менамояд: суҳбат, варақаи матбуотӣ, нишасти матбуотӣ, баромад дар воситаҳои ахбори оммаи кишвари қабулкунанда ва ғайра.

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи биное нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 15 марти соли 2013. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/4113 (санаи воридшавӣ: 20.12.2022).
2. ИТАР—ТАСС. 1993. 2 сент.
3. Камбон Ж. Дипломат [Текст] / Ж. Камбон. – М.: Изд-во Полит, 1945.
4. Леонов Н.С. Информационно-аналитическая работа в загранучреждениях / Н.С. Леонов. -М., 1996.
5. Матвеев В.М. Британская дипломатическая служба [Текст] / В.М. Матвеев. – М.: МГИМО (У), 1984.
6. Муҳаррири яке аз рӯзномаҳои бонуфузи англисӣ эътироф кардааст: «Ман наметавонам кафолат диҳам, ки дар рӯзномаи ман ҳамаи маводи воқеӣ ба чоп мерасад ва баъзе далелҳои воқеиро нодуруст маънидод намекунанд». Майский И.М. Воспоминания советского посла [Текст] / И. М. Майский. – М., 1965.

7. Нергеш Я. Поле битвы – стол переговоров [Текст] / Я. Нергеш. – М.: «Сова», 1989. – С.84.
8. Никольсон Г. Дипломатическое искусство [Текст] / Г. Никольсон. – М.: Изд-во Полит, 1962.
9. Никольсон Г. Дипломатия [Текст] / Г. Никольсон. – М.: Изд-во Полит, 1941.
10. Нуриддинов Р.Ш. Фаъолияти иттилоотӣ таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ. Китоби дарсӣ. Нашри дуюми такмилёфта / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 490 с.
11. Нуриддинов Р.Ш. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ. Нашри дуюми иловадор. Китоби дарсӣ [Матн] / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – 450 с.
12. Попов В.И. Современная дипломатия: теория и практика / В.И. Попов. -М.: Международные отношения, 2010.
13. Чичерин Г.В. Статьи и речи по вопросам международной политики [Текст] / Г.В. Чичерин. – М., 1961.

## НАҚШИ ИТТИЛООТ ВА ТАҲЛИЛ ДАР СИЁСАТИ БЕРУНИИ ДАВЛАТ

Имрӯз яке аз вазифаҳои асосии сафоратҳо беҳтар намудани сифати таҳлилии арзёбӣ ба вазъи минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ва қабл аз ҳама минтақаҳои даргири бӯҳрон ба шумор меравад. Хусусан ба баррасии рӯйдодҳо ва дурнамои онҳо, эҷоди дипломатияи пешгирикунанда (превентивӣ) ва аз тарафи сафоратҳо тарҳрезӣ шудани нақшаи стратегии пешбурди манфиатҳои миллии давлат дар кишвари қабулкунанда диққати ҷиддӣ дода мешавад. Барои таҳлили дурусту воқеъбинона, ояндабинӣ намудани раванду ҳодисаҳо, хулосаҳои таҳлилӣ ва пешниҳодҳои мушаххас, иттилооти боэътимод ва саҳеҳ лозим аст. Яке аз иштибоҳ ё ҳатто айби баъзе дипломатҳо дар он аст, ки онҳо мехоҳанд ба ҳукумат чунин маълумотеро фиристонад, ки роҳбарони ҳукуматро озурда ё асабонӣ накунад, балки ҳатто барои онҳо хушоянд бошад. Онҳо далелҳо ва нуктаҳои манфиро хабар намедиҳанд, ё онҳоро тағйир дода, арзёбии мусбатро дар радифи аввал қарор медиҳанд. Ин роҳи аз ҳама хатарнок аст ва аксар вақт чунин иттилоот барои ҳукумат «хизмати хирсона» мешавад. Иттилоот бояд то ҳадди ниҳоӣ дурусту воқеъбинона бошад, ба нуқтаи назари ҳукумат созгору ҳамнаво карда нашуда бошад. Дипломат новобаста аз он ки иттилоот барои марказ талху нохушоянд бошад, бояд ҷасорати додани маълумоти дурустро дошта бошад.

**Калидвожаҳо:** таҳлил, иттилоот, сиёсати берунӣ, дипломатия, таҳлили сиёсӣ, тафаккури давлатӣ, кадрҳо.

## РОЛЬ ИНФОРМАЦИИ И АНАЛИЗА ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ГОСУДАРСТВА

Сегодня одной из основных задач посольств является повышение аналитического качества оценки ситуации в разных регионах мира, и прежде всего регионах, пострадавших от кризиса. Особое внимание уделяется обзору событий и их перспектив, созданию превентивной дипломатии, разработке посольствами стратегического плана продвижения национальных интересов государства в принимающей стране. Надежная и точная информация необходима для точного и реалистичного анализа, предвидения процессов и событий, аналитических выводов и конкретных предложений. Одна из ошибок или даже недостатков некоторых дипломатов заключается в том, что они хотят посылать правительству информацию, которая не раздражает руководителей правительства, а даже приятна для них. Они не сообщают факты и негативные моменты, либо изменяют их и ставят положительную оценку в первую строку. Это самый опасный путь, и зачастую такая информация становится «медвежьей услугой» правительству. Информация должна быть абсолютно точной и реалистичной, не согласовываться с точкой зрения правительства. Дипломат должен иметь мужество давать верную информацию, независимо от того, горькая она или неприятная для центра.

**Ключевые слова:** анализ, информация, внешняя политика, дипломатия, политический анализ, государственное мышление, кадры.

## THE ROLE OF INFORMATION AND ANALYSIS IN FOREIGN POLICY OF THE STATE

Today, one of the main tasks of the embassies is to improve the analytical quality of the assessment of the situation in different regions of the world, and above all the regions affected by the crisis. Particular attention is paid to the review of events and their prospects, to the creation of preventive diplomacy, and to the design by the embassies of a strategic plan for promoting the national interests of the state in the receiving country. Reliable and accurate information is needed for accurate and realistic analysis, foresight of processes and events, analytical conclusions and specific proposals. One of the mistakes or even faults of some diplomats is that they want to send information to the government that does not annoy or annoy the government leaders, but is even pleasant for them. They do not report the facts and negative points, or they change them and put the positive assessment in the first row. This is the most dangerous way, and often such information becomes a «bear service» for the government. The information should be completely accurate and realistic, not aligned with the government's point of view. A diplomat must have the courage to give the right information, no matter if the information is bitter or unpleasant for the center.

**Keywords:** analysis, information, foreign policy, diplomacy, political analysis, state thinking, personnel, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуриддин Парвин Раймалихон –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, и.в. мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E–mail**: panurama@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Нуриддин Парвин Раймалихон* –** Таджикский национальный университет, кандидат политических наук, доцент, и.о. заведующего кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E–mail: **panurama@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nuriddin Parvin Raimalikhon* –** Tajik national university, candidate of political science, associate professor, acting head of department of international relations. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E–mail: **panurama@mail.ru**

ТДУ: 329.058.1

# МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ЛОББИЗМ

*Ҷураев А.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аксари муҳаққиқон бар он боваранд, ки мафҳумҳои «лоббист», «лобби», «лоббизм» ва «фаъолияти лоббистӣ» бори аввал дар таҷрибаи сиёсию ҷамъиятии ИМА ва Англия истифода гардида, аз он ҷо пайдо шудаанд. Соли 1553 дар Англия майдони сайругаштеро, ки дар назди ибодатхонаҳо сохта буданд, «Lobby» меномиданд. Дар асри XVII бошад, майдони сайругаштеро, ки дар назди палатаи ҷамъиятии Англия мавҷуд буд, «лобби» меномиданд. Мафҳуми мазкур баъди сипарӣ гардидани ду қарн дар ИМА хусусияти сиёсӣ пайдо намуд [10,с.159]. Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо, пайдоиши ҳимоятгарони манфиатҳои гуногуни неруҳои сиёсӣ, ё ин ки гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар охири асри XVII бо раванди ташаккулёбии миллати амрикоӣ алоқаманд мебошад. Анъанаҳои пешбурди фаъолияти лоббистиро дар давраи президентии У.С. Грант (1869-1877), генерале, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандии ИМА (1861-1865) дар байни мардум шуҳрати зиёд пайдо намуда буд, мушоҳида кардан мумкин аст. Президенти 18-уми ИМА ва тими ӯ баъди фаъолияти вазнини рӯзона ҳар рӯз баъди хӯроки шом дар роҳрави меҳмонхонаи ҳукуматӣ суҳбат меоростанд, то ки каме истироҳат кунанд. Дар меҳмонхонаи мазкур он замон роҳравро лобби меномиданд. Он ҷо вазирон ва ҳатто сенаторон бо одамони гуногун вохӯрӣ баргузор менамуданд, хоҳиши онҳоро мешуниданд ва ба онҳо ваъда медоданд, ки хоҳиши онҳоро иҷро мекунанд. Баъзан вақт барои иҷроиши хоҳиши дигарон аз ҷониби корафтодаҳо қадрдонӣ ҳам мешуданд [7,с.18]. Чи гунае ки мушоҳида мегардад, пайдоиши ин мафҳум дар аввал маконеро ифода менамуд, ки дар он ҷо вохӯрии мансабдорони давлатӣ баргузор мегардид. Яъне, мафҳуми мазкур дар аввал бо фаъолияти касбӣ ҳеҷ иртиботе надошт. Аммо солҳои баъдӣ онро ҳамчун фаъолияти касбӣ эътироф намуданд ва лоббикуниро ҳамчун усули таъсиррасонӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор доданд. Дастрас намудани объекти лоббикунонӣ ва таъсир расонидан ба он то ба имрӯз моҳияти худро нигоҳ медорад. Бояд эътироф намуд, ки лоббизм новобаста ба он, ки дар кадом шакл зоҳир мегардад, доимо ҳокимиятро ҳамроҳӣ мекунад.

Ба таърихи пайдоиши ин мафҳум назар намуда, чизи дигареро низ қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми лоббизмро дар ИМА аввал дар раванди баргузории маъракаҳои интихоботӣ истифода менамуданд. Он замон тавассути маблағ ба даст овардани овозҳои интихобкунандагонро лоббизм номидаанд. Аммо дар Англия чунин таҷрибаро маҳкум менамуданд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар асри XX чи дар Англия ва чи дар кишварҳои дигари демократӣ фаъолияти лоббистӣ ва мафҳуми лоббизм дар амалияи сиёсию ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад [10,с.159].

Дар луғати калимаҳои хориҷие, ки олимони рус таҳия намудаанд, зери мафҳуми лоббизм системаи мураккаби агентиҳо ва гурӯҳҳои муташаккиле фаҳмида мешавад, ки дар назди мақомоти ҳокимияти қонунгузор фаъолият менамоянд ва мақсад доранд, ки тавассути таъсиррасонӣ ба қонунгузорон ва мансабдорони давлатӣ дар қарорҳои сиёсӣ манфиати гурӯҳҳои худро ворид созанд [13,с.282]. Дар луғатҳои сиёсатшиносӣ лоббизм фаъолияти гурӯҳҳои иҷтимоие дониста мешавад, ки манфиатҳои сиёсии махсусро пайгирӣ менамоянд. Инчунин, онҳоро гурӯҳҳои фишоровар ба мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия низ меноманд. Намояндагони иттифоқҳои касаба, ассотсиатсияҳои касбӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятию сиёсӣ, кумитаҳо, комиссияҳо, шуроҳо ва фондҳои гуногунро лоббист номидан мумкин аст. Ташкилотҳои лоббистӣ дар назди худ мақсад мегузоранд, ки ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии қабулшаванда, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, натиҷаи интихобот ва ҳатто ба қарорҳои додгоҳӣ таъсир расонанд [11,с.126].

Дар луғати тафсирии забони русӣ намояндагони сохторҳои калони иқтисодӣ, ки ба сиёсати давлатӣ таъсири амиқ мерасонанд, лобби номида мешаванд ва онҳое, ки ба

ин гуна гурӯҳҳо шомиланд, лоббист муаррифӣ гардидаанд [8,с.330]. Дар сарчашмаҳои илмӣ низ лоббизм таҷрибаи амалигардонии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ тавассути таъсиррасонии бонизом ба фаъолияти қонунгузорӣ ва маъмурии мақомоти давлатӣ номида мешавад [6,с.5]. Дар китобҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ намояндагони ширкатҳо, банкҳо, иттифоқҳои касаба, ташкилоти соҳибкорон ва корфармоён, ки бо роҳу усулҳои гуногун мехоҳанд бо вакилони мардумӣ алоқа барқарор намуда, зимни қабули қарорҳо ба мавқеи онҳо таъсиргузорӣ кунанд, лоббист номида шудаанд [3,с.155].

Ба андешаи коршиноси британиявӣ К. Кумс, дар адабиёти илмии ғарбӣ, чун анаъана, ду таърифи лоббизм бештар истифода мегардад: якум, лоббизм – ин амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон мебошад, ки тибқи он, онҳо имконият пайдо менамоянд, ки бо дархости мушаххас ба ҳукумати худ муроҷиат намоянд. Дуюм, лоббизм фаъолияти касбии кормандон ва машваратчиёни махсусе мебошад, ки аз ҷониби ширкатҳо, ассотсиатсияҳои касбӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар гурӯҳҳо ҷалб карда мешаванд, то ки манфиатҳои онҳоро дар раванди ташаккулёбии сиёсати давлатӣ ҳимоя кунанд [4,с.34]. Ба андешаи К. Кумс, лоббистон одамоне мебошанд, ки ба тиҷорат машғуланд ва онҳо қонунгузоронро бовар кунониданӣ мешаванд, ки қонунҳои барои лоббистон заруриро қабул намоянд ва нозарурро рад кунанд. Чунин одамон ё ба манфиати худ ё ба манфиати мизоҷони худ кор мекунанд [4,с.34].

Миқдори таърифҳои лоббизм хеле зиёд аст, аммо ҳамаи онҳоро таҷзия намуда, дар ду шакл маънидод намудани онҳоро мувофиқи мақсад мешуморем. Дар навбати аввал, лоббизм фаъолияти субъектҳое фаҳмида мешавад, ки ба сохторҳои ҳокимияти давлатӣ таъсиргузорӣ менамоянд, то ки онҳо қарорҳои дахлдор қабул кунанд. Дар маънои дуюм бошад, лоббизм фаъолияти касбие мебошад, ки онро ташкилотҳои махсус дар сохтори ҳокимияти давлатӣ барои ҳимояи манфиатҳои мизоҷони худ анҷом медиҳанд.

Барои хубтару беҳтар нишон додани моҳияти лоббизм ба инобат гирифтани сохтори мураккаби фаъолияти лоббистӣ низ хеле муҳим мебошад. Бо ин мақсад чунин унсурҳои таркибии ин гуна фаъолиятро нишон додан мумкин аст:

– Мавҷудияти субъект ва объекти таъсиррасонӣ. Чун анъана, мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, мансабдорони ниҳодҳои мазкур, кормандони дастгоҳи марказии мақомоти ҳокимият ва ғ. объектҳои таъсиррасонӣ мебошанд.

– Фаъолияти лоббистӣ барои ҳимояи манфиатҳои мушаххас анҷом дода мешавад.

– Лоббистон дар байни гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ, ширкатҳои молиявӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ вазифаи миёнаравиро иҷро мекунанд.

– Лоббизм ҳама вақт пуштибонии манфиатҳои шахсони алоҳида, гурӯҳи шаҳрвандон, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳоро ифода менамояд. Манфиатҳои пешбаришаванда метавонанд ҳам умумӣ ва ҳам мухолифи дигарон бошанд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки лоббизм дар баробари оне, ки масъалаи хеле мураккаб аст, инчунин мафҳуми хеле васеъ низ мебошад. Он дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад, раванди ташаккулёбии он низ хеле гуногунранг аст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, раванди ташаккулёбии лоббизм қоидаҳои объективии худро дорад. Марҳилаҳои муҳимтарини ташаккулёбии лоббизмро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. ташаккул ёфтани манфиати мушаххас;
2. муайян намудани мақсади фаъолияти лоббистӣ;
3. муайян намудани объекти таъсиррасонии фаъолияти лоббистӣ;
4. ташаккул додани субъекти фаъолияти лоббистӣ, муайян намудани роҳу усулҳо ва воситаҳои ба амал баровардани ин навъи фаъолият;
5. ташкил намудани фишороварии лоббистӣ;
6. натиҷаи фаъолияти лоббистӣ (қарори мушаххас, дастгирӣ ё инкор намудани ташаббусҳои дигарон);
7. пайомадҳои қарори қабулшуда ё қабулнашуда.

Гуфтан зарур аст, ки лоббизм ҳамчун механизм ва ҳамчун технологияи намояндагии манфиатҳои дигарон падидаи меҳварӣ мебошад ва аз ин рӯ, баҳогузорӣ намудани мазмуну мундариҷаи он танҳо дар шароити мушаххас имконпазир мегардад [2,с.123]. Аммо бояд иқрор шуд, ки ба ҳамаи таърифҳои мавҷудаи лоббизм нигоҳ накарда, дар сатҳи афкори ҷамъиятӣ онро ба таври дигар баҳогузорӣ менамоянд ва баъзан вақт онро ҳамчун фаъолияти шабакавӣ ва баъзан вақт фаъолияти пинҳонӣ маънидод мекунанд. Агар ба мазмуни дуюми он таваҷҷуҳ намоем, лоббизм ҳама вақт мазмуни манфӣ мегирад. Ба таври ғайриқонунӣ фишор овардан ба намояндагони ҳокимияти давлатӣ, порасиронӣ, коррупсия ва монанди инҳо ҳамчун воситаи ба манфиати дигарон қабул намудани қарорҳои роҳбарикунанда зуҳуроти лоббизми манфӣ мебошанд. Маҳз дар шароити мавҷуд будани чунин таҷрибаҳо муносибати одамон нисбат ба лоббизм манфӣ мешавад. Дар чунин шароит агар қудрату имконияти неруҳои иҷтимоӣ инъикос ёбанд ҳам, аз ҷониби дигар осебпазирии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба назар мерасад.

Дар мазмуни фаъолияти шабакавӣ тасаввур гардидани лоббизм онро дар раванди демократии ҷомеа ҳамчун падидаи солим, муътадил ва институти ҳаётан муҳимми ҷомеа муаррифӣ менамояд. Зеро лоббизм ҳамчун низоми муташаккили ифодакунандаи манфиатҳои гурӯҳӣ унсури муҳимтарини ҷомеаи демократӣ мебошад. Маҳз тавассути ин гуна механизм таваҷҷуҳи ҳокимияти давлатӣ ба мушкилиҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҷалб карда мешаванд. Дар чунин мазмун лоббизм шакли қонунии фаъолияти гурӯҳҳои фишороваре мебошад, ки бо мақсади қонеъ сохтани манфиатҳои сохторҳои мушаххаси иҷтимоӣ ба раванди қабули қарорҳои сиёсӣ таъсиррасонӣ менамоянд.

Чи гунае ки болотар ишора гардид, дар ҷомеа ва сатҳи афкори ҷамъиятӣ дар аксар маврид лоббизмро ба таври манфӣ баҳогузорӣ менамоянд. Хусусияти норавшан доштани фаъолияти лоббистӣ шакку шубҳаи одамонро нисбат ба адолатнокии он бештар мекунад. Аммо чун қоида одамон дар бораи фаъолияти лоббистӣ замоне огоҳӣ пайдо мекунанд, ки агар сари масъалаҳои гуногун дар сатҳи болоии муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷанҷолу ғавғо барпо шавад ё парвандаҳои ҷиноятӣ кушоянд. Бо назардошти ҳамаи ин лоббизмро ҳамчун падидаи мураккаби сиёсию ҳуқуқӣ медонанд, ки дар амалияи он ҳатто таҷрибаҳои ғайриқонунӣ ва дорои характери ҷиноятӣ низ истифода бурда мешаванд [11,с.126]. Дар аксар маврид муносибати одамон дар муносибат бо лоббизм дар чунин ҳолатҳо ташаккул меёбад ва аз ин рӯ, хусусияти манфӣ мегирад.

Лоббизм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ хусусиятҳои гуногун дорад. Дар навбати аввал, тавассути лоббизм рӯнамоӣ кардану намояндагӣ намудани манфиатҳои давлат, соҳаҳои мушаххас, ширкатҳо, табақаҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои этникию мазҳабӣ, элитаҳои сиёсии минтақавӣ имконпазир мегардад. Дуюм ин ки, лоббизм таъсиррасонии муташаккилонае мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, ҳокимияти маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ғайриҳукуматӣ ва касбӣ, васоити ахбори омма ва ғ. бо мақсади қабул намудан ё накардани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйиру иловаҳо ворид намудан ба мундариҷаи онҳо ва умуман барои таъсир расонидан ба раванди қабули қарорҳо дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Сеюм ин ки, лоббизм воситаи муҳимми барқарор намудани иртибот дар байни мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, ниҳодҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки тавассути он мубрамияти мушкилиҳои ҷамъиятӣ асоснок карда шуда, барои ҳалли масъалаҳои мазкур иттилооти зарурӣ ҷамъоварӣ карда мешавад. Чорум ин ки, лоббизм ҳатто метавонад дар ҳалли як қатор масъалаҳои низоми муносибатҳои байналхалқӣ нақши муҳим бозад. Дар ин маврид фаъолияти марказҳои илмию таҳқиқотӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, форумҳои байналмилалӣ ва монанди инҳо фаъолнокӣ нишон медиҳанд.

Дар таҳқиқоти олимони соҳа шаклҳои зоҳиршавӣ ва навъҳои лоббизм низ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Яке аз чунин таснифот, ки дар байни олимон хеле машҳур аст, аз ҷониби муҳаққиқи амрикоӣ М.К. Дэвид пешниҳод шудааст. Ба андешаи ӯ, лоббизм дар навбати аввал беруна (берун аз маркази қабули қарор) ва дохилӣ мешавад. Ҳар кадоми он боз, дар навбати худ, ба навъҳои гуногун ҷудо

мешаванд. Масалан, ҳар кадоми онҳо метавонанд институтсионалӣ ва ғайриинститутсионалӣ бошанд [14]. Дар муносибат бо ин масъала типологияи В.А. Лепехин низ ҷолиби диққат мебошад. Ба андешаи ӯ, лоббизм дар се шакл зоҳир мешавад:

Якум, лоббизми мустақим. Замоне ки лоббистони касбӣ бо намояндагони ниҳодҳои давлатӣ фаъолияти мақсаднок анҷом медиҳанд, лоббизми мустақимро мушоҳида намудан мумкин аст.

Дуюм, лоббизми бавосита. Замоне ки аз ҷониби субъектҳои ғайридавлатӣ тавассути ВАО барои дастгирӣ кардан ё маҳкум намудани қарорҳои қабулшуда ё қабулшаванда маъракаи тарғиботӣ ташкил мегардад, лоббизми бавоситаро мушоҳида менамоем.

Сеюм, лоббизми дохилӣ. Ин навъи лоббизм замоне ба мушоҳида мерасад, ки агар ҳимоятгарони манфиатҳои мушаххас дар дохили мақомоти ҳокимияти давлатӣ фаъолият намоянд ё ба манбаъҳои ҳокимият дастрасӣ дошта бошанд [5,с.111]. Чи гунае ки мушоҳида мегардад, ба амал баровардани фаъолияти лоббистиро чи дар низоми идоракунии давлатӣ ва чи дар амалияи ҷамъиятӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки лоббизм ҳамчун унсури муҳимтарини системаи сиёсӣ ва низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷойи хушку холӣ ба вуҷуд намеояд ва мавҷудияти он низ ҳодисаи тасодуфӣ нест. Лоббизм шакли рафторе мебошад, ки тавассути он дар соҳаи сиёсат намояндагии манфиатҳо ба амал бароварда мешавад. Танҳо масъалае, ки бояд ба инобат гирифта шавад, ин аст, ки хусусият ва хосиятҳои зоҳиршавии лоббизм дар мамлакатҳои алоҳида аз омилҳои гуногун вобастагӣ доранд ва пеш аз ҳама, омилҳои таърихию сиёсӣ дар ин самт таъсири бештар доранд. Бо назардошти типологияи лоббизм, гуфтан мумкин аст, ки таносуби лоббизми институтсионалӣ ва ғайриинститутсионалӣ дар кишварҳои олам аз ҳамдигар тафовут дорад. Дар ҷомеаҳои демократӣ аз ҳама бештар лоббизми институтсионалиро мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар таҷрибаи мамлакатҳое, ки тартиботи демократии рушдкарда доранд, дар баробари ташаккули намояндагии шаҳрвандӣ (парлумон, ҳизбҳои сиёсӣ), инчунин низоми муаррифию намояндагии манфиатҳо (ширкатҳо, иттиҳодияҳо) низ ташаккул дода шудааст. Ҳардуи шаклҳои намояндагӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта, алоқамандӣ ва ҳамкории давлату ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин менамоянд. Шаклҳои гуногуни иттиҳодияҳои ғайриҳизбие, ки мехостанд ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсир расонанд, кӯшиш менамуданд, ки бо онҳо алоқаи зич барқарор намоянд. Онҳо чи қадаре, ки аз лиҳози тамоюлоти сиёсию идеологӣ бо ҳам мувофиқат мекарданд, бо якдигар ҳамон андоза наздик мешуданд. Масалан, дар давраи мавҷудияти ҳизбҳои синфӣ (ҳизбҳои буржуазӣ, коргарӣ ва ғ.) шаклҳои гуногуни алоқамандии байниҳамдигарии ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои ғайриҳизбӣ ташаккул ёфта буд, ки қисме аз онҳо то дер боз мавҷудияти худро нигоҳ доштаанд. Ҳизбҳои буржуазӣ барои ширкатҳои молиявию тиҷоратӣ ва иттифоқи соҳибкорон маркази ҷалби сиёсӣ ба шумор мерафтанд. Ҳизбҳои коргарӣ бошанд, бо иттифоқҳои касаба алоқаи зич барқарор менамуданд. Алоқаи ширкатҳои тиҷоратӣ бо ҳизбҳои сиёсӣ дар шакли дастгирии молиявии ҳизбҳо ва номзадҳои онҳо, ҷудо намудани маблағ барои баргузор намудани маъракаи пешазинтихоботии онҳо сурат мегирифт. Чунин алоқаҳои ғайримустақим агар дар маҷмуъ ба манфиати соҳаи тиҷорат ҷавобгӯ бошад ҳам, талаботи як қатор ширкатҳои азимро, ки мехостанд дар муддати кӯтоҳ фоида ба даст оваранд, қонеъ намекард. Бо ин сабаб дар як қатор кишварҳои Ғарб дар солҳои баъдӣ шакли мустақими алоқамандии ҳизбҳо ва ширкатҳои азимро роҳандозӣ намуданд. Масалан, дар ИМА солҳои 70-ум дар сатҳи қонунгузорӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби ширкатҳо ва ташкилотҳо ҳадя намудани маблағ манъ карда мешавад. Дар натиҷаи ин гуна тағйирот минбаъд «Кумитаҳои фаъолияти сиёсӣ» ташкил мегарданд, ки ҳар кадоми онро ширкатҳои алоҳида бояд таъсис диҳад ва маблағгузорӣ намояд. Аз ин давра сар карда аввалин ниҳодҳое пайдо мешаванд, ки манфиатҳои ширкатҳои гуногунро ба таври расмӣ намояндагӣ мекунанд. Кумитаҳои мазкур аз кормандон ва саҳомон маблағ

ҷамъоварӣ намуда, онро барои гузаронидани маъракаҳои пешазинтихоботии номзадҳои ҳизбӣ истифода мебаранд. Тибқи сарчашмаҳои расмӣ, агар то соли 1976 шумораи «Кумитаҳои фаъолияти сиёсӣ» 300 ададро ташкил намуда бошад, то соли 1986 шумораи онҳо аллакай ба 1700 адад мерасад [14,с.221-240]. Дар натиҷаи фаъолияти самаранокии кумитаҳои мазкур дар солҳои 80-ум номзади консерваторон Роналд Рейган дар интихобот ғолиб омада, президенти 40-уми ИМА интихоб мегардад. Ҳарчанд фаъолияти сиёсии кумитаҳои мазкур қонунӣ ҳам ки бошад, як қатор сиёсатмадорон ва сиёсатшиноони амрикоӣ аз он меҳаросанд, ки ин навъи фаъолият таъсири ширкатҳои тиҷоратиро аз болои қонунгузорон бештар намуда, ба нақши сиёсии дигар неруҳои сиёсӣ таъсири манфӣ мерасонад, ки дар натиҷаи ин гуна вазъ пояҳои демократияи амрикоӣ метавонанд заиф гарданд [14,с.221-240]. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, низоми фаъолияти кумитаҳои номбаргардида амал менамояд, бештар мешавад ва танҳо дар атрофи ҳаҷми маблағҳои харҷменамудаи онҳо ва маҳдуд кардани онҳо баъзе қарорҳои иловагӣ қабул шудаанд.

Дар он кишварҳое, ки алоқаҳои байни ширкатҳои тиҷоратӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ маҳдуд гардонида шудаанд ё умуман вуҷуд надоранд, вазъият каме мураккаб мебошад. Дар давраи маъракаҳои интихоботӣ аз лиҳози норасоии молиявӣ танқисӣ кашидани ҳизбҳои сиёсӣ ва майлу хоҳиши ширкатҳо барои барқарор намудани алоқа бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар аксар маврид боиси ба амал омадани алоқаҳои ғайриқонунӣ ва баъзан дорои хусусияти ҷиноятӣ мешаванд. Давра ба давра барои омма ошкор гардидани чунин муносибати пинҳонӣ дар кишварҳои Ҷопон, Фаронса ва ғ. мисоли равшани ин гуна вазъият мебошад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда дар ҷомеаҳои демократӣ ташаккул ёфтани низоми намояндагии манфиатҳо ҳамчун талаботи ҷамъиятӣ меафзояд.

Алоқаҳои лоббистии ҳизбҳо ва иттифоқҳои касаба каме ба таври дигар ташаккул меёбанд. Ҳатто алоқаҳои байниҳамдигарии онҳо бо дастгириҳои молиявӣ низ маҳдуд намегардад. Дар Британияи Кабир, Шветсия, Австралия ва ғ. иттифоқҳои касаба дар ташкили ҳизбҳои сотсиал-демократӣ иштироки фаъол меварзиданд ва ҳатто қисме аз ташкилоти иттифоқҳои касаба дар ҳайати ин гуна ҳизбҳо ҳамчун аъзои коллектив эътироф мешуданд. Дар ИМА, чун анъана, иттифоқҳои касаба ҳизби демократиро дастгирӣ намуда, бо он муттаҳид мешаванд. Бар ивази чунин дастгирӣ демократҳо низ барои ҳимояи меҳнаткашон ва бештар намудани ҳуқуқу салоҳиятҳои иттифоқҳои касаба дар сатҳи қонунгузорӣ тағйироти зиёд ворид намудаанд. Тули солҳои охир мушоҳида намудан мумкин аст, ки зери таъсири дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ алоқаҳои ҳизбӣ низ каме тағйир ёфта истодаанд ва дар натиҷаи ин иқтидори лоббистии иттифоқҳои касаба низ кам мегарданд. Дар кишварҳое, ки дар низоми алоқаҳои ҳизбиашон аъзогии коллективӣ мавҷуд буд, ё тағйироти ҷиддӣ ба амал омада истодаанд ё аз чунин таҷриба пурра даст кашида истодаанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда сотсиал-демократҳо кӯшиш намуда истодаанд, ки ба таври ғайримустақим ҳам бошад, ба иттифоқҳои касаба имконият диҳанд, ки дар парлумон намояндаҳои худро дошта бошанд. Айни замон аз лиҳози молиявию сиёсӣ вобастагии ҳизбҳои сотсиал-демократӣ аз иттифоқҳои касаба ҳарчанд зиёд ҳам набошад, овозҳои аъзои иттифоқҳои касаба ва ҷонибдорони ин ташкилот ба мисли пештара барои сотсиал-демократҳо хеле арзишманд мебошанд.

Дар ИМА низ иштироки ҳизбию сиёсии иттифоқҳои касаба дар натиҷаи дигаргуниҳои техникию технологӣ хеле тағйир меёбад. Ташаббуси консерваторон дар солҳои 70-уми асри XX анъанаҳои коалитсионии демократҳоро хеле заиф намуда, нақши ширкатҳои тиҷоратиро тавассути Кумитаҳои фаъолияти сиёсӣ дар низоми алоқаҳои ҳизбӣ хеле баланд бардошт. Чунин ҳолат иттифоқҳои касабаи амрикоиро маҷбур намуданд, ки ба фаъолияти электоралӣ бештар таваҷҷуҳ намоянд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда шумораи Кумитаҳои фаъолияти сиёсии иттифоқҳои касаба бо имкониятҳои молиявии худ нисбат ба шумораи кумитаҳои ширкатҳои тиҷоратию молиявӣ чандин маротиба камтар буданд. Чунин вазъ боиси он гардид, ки дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-ум нақши иттифоқҳои касаба чи дар сиёсати ҳизбӣ

ва чи дар равандҳои электоралӣ хеле коҳиш ёбад. Ба буҳрон дучор гардидани иттифоқҳои касаба, пеш аз ҳама, аз дигаргуншавии сохтори иқтисодиёт ва тағйир ёфтани воситаҳои истеҳсолот вобаста буд. Маҳз дар чунин шароит муносибати интихобкунандагон бо иттифоқҳои касаба ва ширкатҳои тиҷоратӣ ба куллӣ тағйир ёфтанд. «Акнун иттифоқҳои касаба аз ҷониби мардум ҳамчун ифодагари манфиатҳои гурӯҳҳои маҳдуд баҳогузорӣ мегарданд ва фаъолияти онҳо дар муқобили манфиатҳои ҷамъиятӣ қарор дода мешавад. Аммо муваффақияти ширкатхои тиҷоратӣ бо манфиатҳои миллӣ мувофиқ дониста мешавад» [12]. Дар баробари оне, ки мақсад ва афзалиятҳои иттифоқҳои касаба ба буҳрон дучор гардида буд, ширкатҳои тиҷоратӣ доираи фарогирии манфиатҳои иҷтимоии ҷомеаро дар фаъолияти худ васеъ намуданд. Зеро дар охири солҳои 60-ум ва ибтидои 70-ум дар ИМА ҳаракатҳои экологӣ, ҳимоятгарони ҳуқуқи истеъмолгарон, ҳаракатҳои феминистӣ, ақаллиятҳои ҷинсӣ ва ғ. ҳамчун гурӯҳҳои лоббистӣ пайдо шуда буданд. Онҳо барои дастрасӣ пайдо намудан ба маркази қабули қарорҳо бо ҳизбҳои сиёсӣ ҳамкорӣ намуда, бар ивази хизматрасонии ҳизбҳо овозҳои худро ба онҳо медоданд [1]. Аз таҳлилу баррасиҳои дар боло овардашуда ба чунин хулоса расидан мумкин аст: дар ҷомеаҳои демократӣ, чи гунае ки раванди мукаммали электоралӣ бе иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ғайриимкон аст, инчунин бе иштироки гурӯҳҳои манфиатдор баланд бардоштани самаранокии он низ номумкин мебошад. Ҳам гурӯҳҳои манфиатдор (гурӯҳҳои лоббистӣ) ва ҳам ҳизбҳои сиёсӣ ҷиҳати амалӣ намудани мақсадҳои худ ба дастгирии якдигар ниёз доранд ва аз ин рӯ, аз ҳамдигар вобаста мебошанд. Маҳз чунин зарурият шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ ва алоқаҳои ҳизбиро ба вучуд меоварад. Ҳарчанд гурӯҳҳои манфиатдор дар раванди сиёсии ҷомеа нақши муҳим бозанд ҳам, таъсири онҳо ба раванди қабули қарорҳои сиёсӣ замоне имконпазир мешавад, ки агар иттифоқчиёни онҳо (ҳизбҳои сиёсӣ) дар интихобот ғолиб оянд ва сипас ба ҳимояи манфиатҳои онҳо машғул шаванд. Алоқаҳои ҳизбии гурӯҳҳои манфиатдор замоне ба сифати лоббизми солим муаррифӣ мешавад, ки агар онҳо меъёрҳои демократии ҷомеаро халалдор насозанд, баръакс ба рушди минбаъдаи онҳо мусоидат намоянд.

Дар кишварҳои дорои демократияи тараққикарда ба таври функсионалӣ ташаккул додани намояндагии манфиатҳо яке аз шаклҳои асосии лоббизм дониста мешавад. Зеро дар ҷомеаҳои демократӣ раванди қабули қарорҳои сиёсӣ тақозои онро менамояд, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо онҳое, ки қарорҳои мазкур манфиатҳои онҳоро ифода менамояд ё ба онҳо таъсиргузорӣ мекунад, ҳамкорӣ намоянд. Махсусан он гурӯҳҳое, ки иттилоот ва донишҳои арзишмандро дар ихтиёри худ доранд, барои қабули қарорҳо бояд истифода бурда шаванд. Бинобар ин, бо назардошти дар соҳаҳои гуногун афзоиш ёфтани дахолати давлатӣ низоми алоқаҳои мустақими гурӯҳҳои манфиатдор ва мақомоти давлатӣ ташаккул меёбад. Натиҷаи чунин ташаббусҳои давлат ва гурӯҳҳои манфиатдор ин буд, ки низоми махсуси намояндагии манфиатҳо ба вуҷуд оварда шавад ва айни замон дар илмҳои сиёсӣ онро низоми функсионалии намояндагии манфиатҳо меноманд [9]. Дар тули чанд даҳсолаи охир ин низоми алоқаҳо унсури таркибии сохтори идоракунии сиёсии кишварҳои ғарбиро ташкил медиҳад. Чунин ба назар мерасад, ки бе мавҷудияти чунин низоми алоқаҳо ва ҳамкориҳо ташаккули ҷомеаи мутамаддини муосир, ки рӯз то рӯз мураккаб мешавад, ғайриимкон аст.

Айни замон дар кишварҳои гуногуни олам низомҳои функсионалии намояндагии манфиатҳо ташаккул дода шудааст. Ҳарчанд онҳо аз ҳамдигар тафовут дошта бошанд ҳам, умумияти зиёд доранд. Мавҷудияти муассисаҳо ва ниҳодҳои махсусе, ки дар доираи фаъолияти онҳо ҳамкории намояндагони гурӯҳҳои манфиатдор ва мақомоти давлатӣ амалӣ мешавад, хосси ҳамаи онҳо мебошад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, алоқаҳои ғайрирасмӣ низ то ҳанӯз мавҷудияти худро нигоҳ медоранд ва дар раванди қабули қарорҳо нақши муҳим мебозанд. Аммо афзалияти бештар ба сохторҳои расмӣ дода мешавад. Шуроҳо ё кумитаҳое, ки дар назди мақомоти ҳокимияти иҷроия ташкил мешаванд, намунаи сохторҳои лоббистии расмӣ мебошанд. Сохторҳои мазкур аз роҳбарони ин мақомоти давлатӣ, намояндагони гурӯҳҳои манфиатдор ва коршиносони мустақил иборат мебошанд. Бисёре аз чунин кумитаҳо ба таври доимӣ фаъолият

менамоянд, қисме аз онҳо барои дарёфти роҳу усулҳои ҳалли мушкилиҳои ҷамъиятӣ ба муҳлати муайян ташкил мегарданд.

Шакли дигари алоқаҳои институтсионалӣ дар байни мақомоти ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор, инчунин дар байни гурӯҳҳои манфиатдору мақомоти давлатӣ дар амалияи сиёсию ҷамъиятии Британияи Кабир ташаккул ёфтааст. Дар назди вазорату кумитаҳои соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ин мамлакат аллакай зерсохторҳое ташкил гардидаанд, ки барои барқарор намудани робитаи доимӣ бо ширкатҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаъолият менамоянд ва аз ҳама муҳим онҳо дастаҷамъона барои қарорҳои ҳукуматӣ тавсияҳои худро ироа месозанд.

Ҳамин тариқ, моҳият ва хусусиятҳои лоббизмро таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин падидаи иҷтимоию сиёсӣ ҳам паҳлуҳои мусбат ва ҳам паҳлуҳои манфӣ дошта метавонад. Зеро зоҳиршавии онро ҳам дар шакли расмӣ (институтсионалӣ) ва ҳам ғайрирасмӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Дар навбати аввал, лоббизм ба мақомоти давлатӣ имконият медиҳад, ки дар бораи вазъияти мавҷуда тасаввуроти зарурӣ ва иттилооти даркорӣ пайдо намояд ва самаранокии қарорҳои қабулшавандаро зимни татбиқи онҳо баланд бардоранд. Аммо паҳлуҳои манфии лоббизм бештар дар ҳолатҳое ба назар мерасад, ки агар иштирокдорони он манфиатҳои шахсӣ ва ғаразноки худро пайгирӣ намуда, барои суиистифода гардидани ҳокимият ва ба амал омадани коррупсия шароит муҳайё созанд. Аммо бо назардошти рушди ниҳодҳои сиёсӣ ва бештар гардидани таҷрибаҳои лоббистӣ роҳу усулҳои пешгирӣ намудани лоббизми ғайрирасмӣ ва зиёновар низ ба вуҷуд оварда мешаванд. Пеш аз ҳама, дар заминаи қонун ба роҳ мондани ин навъи фаъолият, бештар намудани шумораи иштирокдорони он, афзоиш додани рақобат дар байни онҳо, баланд бардоштани касбияти лоббистон, баланд бардоштани ахлоқи хизматчиёни давлатӣ ва марҳила ба марҳила ташаккул додани механизми фаъолияти лоббистӣ масъалаҳое мебошанд, ки барои аз байн рафтани лоббизми ғайрирасмӣ шароит фароҳам меоваранд.

**Муқарриз: Сафарализода Х.Қ. – н.и.с., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Кремянская Е.А. Правовые аспекты регулирования лоббизма в Соединённых Штатах Америки и Канаде / Е.А. Кремянская // Вестник МГИМО Университета. – 2014. – № 2 (35). – С. 161-168.
2. Кисилев К.В. Лоббизм: проблемы правового регулирования / К.В. Кисилев // Чиновник. – 2000. –№3. – С.123.
3. Конституционное (государственное) право зарубежных стран. В 4-х томах. Т.2. –М.: Изд-во БЕК, 1995. – С.155.
4. Кумс К. Лоббизм и его регулирование: советы британского эксперта // Бизнес и политика. –1994. –№1. –С.34
5. Лепехин В.А. Лоббизм. –М.: Российский издательский дом, 1995. –С.106-113.
6. Лоббизм в России: этапы большого пути. –М., 1995. –С.5.
7. Малько А.В. Лоббизм и право / А.В. Малько // Правоведение. – 1995. –№2. –С.18.
8. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка: 80000 слов и фразеологических выражений / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. 4-е изд., доп. –М.: Азбуковник, 1997. –С.330.
9. Перегудов С.П. Организованные интересы и российское государство / С.П. Перегудов // Полис. –1994. –№5. –С.76-87.
10. Политология: энциклопедический словарь. –М.: Московского коммерческого университета, 1993. –С.159.
11. Политологический словарь. Ч.1. –М.: РАУ, 1994. –С.126.
12. Проблемы американских профсоюзов [Электронный ресурс]. –URL: https://www.golosameriki.com/a/a-33-2005-06-06-voa6/603369.html (дата обращения: 25.11.2022 г.)
13. Словарь иностранных слов. –М.: Русский язык, 1984. –С.282.
14. David M.K. American politics and society. Massachusetts: Blackwell Oxford & Cambridge, 1991.


**МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ЛОББИЗМ**


Лоббизм ва фаъолияти лоббистӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини ҷомеаи демократӣ мебошад. Бахусус ҷомеаҳои демократии замони муосирро бе фаъолияти лоббистӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ба ҳамаи он нигоҳ накарда, ки лоббизм ҳамчун ниҳоди намояндагии манфиатҳо таърихи қадима дорад, шакли институтсионалии он якчанд садсола пеш пайдо гардидааст. Дар мақолаи мазкур низ муаллиф ба таърихи пайдоиши лоббизм ва дар амалияи ҷамъиятию сиёсӣ истифода гардидани он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Инчунин, дар мақола моҳият ва хусусиятҳои муҳимми лоббизм, унсурҳои таркибии фаъолияти лоббистӣ ва дар амалияи ҷамъиятӣ мавриди истифода қарор гирифтани ин гуна фаъолият

таҳлилу баррасӣ шудаанд. Муаллиф дар баробари ҷанбаҳои мусбат, инчунин лоббизми манфиро низ нишон додааст. Ба андешаи ӯ, баъзан вақт фаъолияти лоббистӣ ба таври ғайрирасмӣ ва ғайриқонунӣ сурат мегирад, ки он бар зарари ҷомеа ва давлат оварда мерасонад. Аммо фаъолияти лоббистие, ки ба таври расмӣ сурат мегирад, на танҳо ба рушди ҷомеаи демократӣ мусоидат мекунад, балки худи он ниҳоди муҳимтарини демократӣ ба шумор меравад. Таҳлилу баррасии ин масъала нишон дод, ки баланд бардоштани самаранокии ҳизбҳои сиёсӣ аз фаъолияти лоббистӣ вобастагии зиёд дорад. Чи гунае ки бе иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ҷомеаи демократӣ ғайриимкон аст, бе иштироки лоббистон баланд бардоштани нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ низ номумкин мебошад. Ин аст, ки дар ҷомеаҳои демократӣ, бахусус дар кишварҳои ғарбӣ фаъолияти лоббистӣ ва ниҳодҳои лоббистӣ дар сатҳи қонунгузорӣ иҷозат дода шудааст.
**Калидвожаҳо:** лоббизм, фаъолияти лоббистӣ, намояндагии манфиатҳо, лоббизми расмӣ, ниҳодҳои демократӣ, алоқаҳои ҳизбӣ, қабули қарорҳои сиёсӣ.

## СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ ЛОББИЗМА

Лоббирование и лоббистская деятельность являются одним из важнейших элементов демократического общества. В частности, современные демократические общества невозможно представить без лоббирования. Несмотря на то, что лоббизм как институт представительства интересов имеет давнюю историю, его институциональная форма возникла несколько столетий назад. В данной статье автор также уделил внимание истории лоббизма и его использованию в общественно-политической практике. Также в статье анализируются и рассматриваются сущность и важные признаки лоббизма, составные элементы лоббистской деятельности и использование такой деятельности в публичной практике. Наряду с положительными сторонами автор показывает и отрицательные стороны лоббизма. По его мнению, иногда лоббистская деятельность осуществляется неформально и незаконно, что наносит вред обществу и государству. Однако лоббистская деятельность, осуществляемая официально, не только способствует развитию демократического общества, но и считается важнейшим демократическим институтом. Анализ и рассмотрение данного вопроса показали, что повышение эффективности политических партий сильно зависит от лоббистской деятельности. Как невозможно демократическое общество без участия политических партий, так и невозможно повысить роль и положение политических партий без участия лоббистов. Вот почему в демократических обществах, особенно в западных странах, лоббистская деятельность и лоббистские институты разрешены на законодательном уровне.
**Ключевые слова:** лоббирование, лоббистская деятельность, представительство интересов, официальное лоббирование, демократические институты, партийные отношения, принятие политических решений.

## ESSENCE AND PECULIARITIES OF LOBBYING

Lobbying and lobbying activities are one of the most important elements of a democratic society. In particular, modern democratic societies cannot be imagined without lobbying. Despite the fact that lobbying as an institution for representing interests has a long history, its institutional form arose several centuries ago. In this article, the author also paid attention to the history of lobbying and its use in social and political practice. The article also analyzes and discusses the essence and important features of lobbying, the constituent elements of lobbying activities and the use of such activities in public practice. Along with the positive aspects, the author also shows the negative aspects of lobbying. In his opinion, sometimes lobbying activities are carried out informally and illegally, which harms society and the state. However, lobbying activity, carried out officially, not only contributes to the development of a democratic society, but is also considered the most important democratic institution. Analysis and consideration of this issue showed that increasing the effectiveness of political parties is highly dependent on lobbying activities. Just as a democratic society is impossible without the participation of political parties, so it is impossible to increase the role and position of political parties without the participation of lobbyists. That is why in democratic societies, especially in Western countries, lobbying activities and lobbying institutions are allowed at the legislative level.
**Keywords:** lobbying, lobbying activity, representation of interests, official lobbying, democratic institutions, party relations, political decision making.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷураев Аминҷон Абдукаримович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **98 999 85 58**

**Сведения об авторе:** ***Джураев Аминджон Абдукаримович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры политических процессов в Таджикистане. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **98 999 85 58**

**Information about the author:** ***Juraev Aminjon Abdukarimovich*** - Tajik National University, Ph.D student of the Department of Political Processes in Tajikistan. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **98 999 85 58**

ТДУ: 32 (091)

# ҲАМКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР СОҲАИ ҲАРБӢ-СИЁСӢ

***Ғафуров Қ.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Робитаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия доир ба масъалаҳои ҳарбӣ дар асоси шартнома оиди амнияти дастаҷамъии кишварҳои Иттиҳод ва дигар санадҳои меъёрие, ки аз он бармеояд ва аҳдномаю созишномаҳои дуҷонибаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия басташуда оиди ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ, оиди вазъи ҳуқуқии ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 1993 ҷойгирбуда бунёд карда шудааст [1,с.20].

Вазъи мураккаби ҳарбӣ-сиёсие, ки то миёнаҳои соли 1993 ба вуқуъ пайваста буд, омили таъсиси Неруҳои Дастаҷамъии Сулҳовар (минбаъд НДС)-и ИДМ дар Тоҷикистон гаштааст. Дар ҷаласаҳои сарони давлатҳои ИДМ (моҳи феврал) меморандум оиди нигоҳдории сулҳу субот дар ИДМ, консепсияи амнияти дастаҷамъӣ ба имзо расонида шуд, ки баҳри густариши ҳамкории ҳарбӣ равона карда шудааст, инчунин ташаббуси Президенти ҶТ оиди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани амалиётҳои сулҳовар зери ҳимояи СММ дастгирӣ карда шуд ва тадбирҳои иловагӣ доир ба устуворгардонии сарҳади тоҷику афғон қабул карда шуд [8,с.64].

Тибқи аҳдномаи байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳарбӣ аз 25 майи соли 1993 ва созишномаи Шурои сарони давлатҳои ИДМ оиди кӯшишҳои дастаҷамъона доир ба нигоҳдории сулҳ ва тадбирҳои муштарак доир ба таъмини моддӣ-техникии онҳо дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон аз 24 сентябри соли 1993 гуруҳҳои муттаҳида ҷойгир карда шуд. Россия барои ин мақсадҳо дар баробари сарҳадчиён дивизияи 201-уми савораи тирандозро бо воситаҳои пурзӯргардонии Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия ва ҷузъу томҳоро (аз ротаи алоҳида то баталон) аз Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон сафарбар намуд [5,с.31].

НДС дар Тоҷикистон дар мувофиқатии комил бо Оинномаи СММ ва Оинномаи ИДМ, инчунин тибқи Қоидаҳо «Дар бораи вазъи гурӯҳҳои нозирони ҳарбӣ ва НДС дар ИДМ» аз 15 майи соли 1992 амал мекарданд [10,с.284].

Пас аз баимзорасии Созишномаи ризоияти миллӣ миёни ҷонибҳои мухолиф 27 июни соли 1997 дар Москав, бо қарори Шурои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 21 июни соли 2000 қароре қабул карда шуд, ки дар он нақши таърихии НДС дар роҳи ба даст овардани сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардид, баъди ин Неруҳои Дастаҷамъонаи Сулҳовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шуданд [9,с.25].

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби ҳайати НДС дар ҷумҳурӣ вазифаҳои махсусан душвор иҷро карда шуд. Қувваҳои НДС чандин борҳо қатораи мошинҳои боркашро бо кумакҳои башардӯстонаи СММ ҳамроҳӣ карданд. Онҳо аз ҳудудҳое ҳаракат кардаанд, ки зери назорати гуруҳҳои мухолиф қарор доштанд. Аксари сокинони минтақаҳои алоҳида ба туфайли ин кумакҳои башардӯстона аз гуруснагӣ ва эпидемияҳо наҷот ёфтанд. Аз оғози таъсиси НДС то соли 2000 аз ҷониби онҳо тақрибан 10 ҳазор гурезаҳо, зиёда аз 500 тонна кумакҳои башардӯстона ҳамлу нақл карда шуданд, зиёда аз 24 ҳазор парвозҳои ҳавопаймо иҷро карда шуд.

Иштироки НДС-и ИДМ дар муътадилсозии вазъ дар шароитҳои муноқишаҳои мусаллаҳонаи байни қувваҳои ҳукуматӣ ва мухолифин, инчунин дар самти Вазоратҳои мудофиаи ду кишвар саравваал тавассути имконоте, ки 201 ДСТ дошт, аз соли 1997 тавассути фаъолияти дастгоҳи сармушовири ҳарбии Вазорати мудофиаи Россия дар назди Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёфт, ки расонидани

кумакҳоро ба роҳбарӣ дар ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ пешбинӣ мекард [13,с.55].

Масъалаҳое, ки бо ҳолат ва дурнамои рушди ҳакориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникии байни Тоҷикистону Россия алоқамананданд, 6 апрели соли 1999 ҳангоми мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмон бо вазири мудофиаи Россия Игор Сергеевич, ки дар дар Ҷумҳурӣ дар сафари расмӣ қарор дошт, мавзӯи муҳокима қарор гирифтанд. Дар рафти мулоқот доираи васеи масъалаҳо барасӣ ва муҳокима гардиданд, зарурати мустаҳкамкунӣ ва такмили минбаъдаи заминаи аҳдномавию ҳуқуқии ҳамкории ду кишвар дар ин соҳа, аз он ҷумла дар ҷиҳати вазъ ва шартҳои қарор доштани қувваҳои мусаллаҳои Россия, ки дар Тоҷикистон ҷойгир карда шуда буданд [14,с.20].

Хусусияти стратегии робитаҳои иттифоқчигии Тоҷикистону Россияро тасдиқ карда, ҷонибҳо омодагӣ ва дар оянда амалӣ гардонидани ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии худро ҳам дар асоси дуҷониба ва ҳам дар доираи ИДМ баён намуданд [12,с.314]. Қайд бояд кард, ки дар хулоса аз манфиатҳои тарафайн, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҳамкориҳои самаранокро бо мақсади таъмини ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамҳудуд бо давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошанд, инчунин мубориаро бо қочоқи силоҳ, маводи тарканда ва моддаҳои заҳролуд, радиоактивӣ, қочоки маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ тавассути сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонанд [15,с.38].

Тибқи созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз 16 апрели соли 1999 моҳи октябри соли 2004 Аҳднома «Дар бораи вазъ ва шартҳои қарор доштани пойгоҳи ҳарбии Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расонида шуд, тибқи он ҷузъу томҳои 201 ДСТ 11 самти сарҳади тоҷику афғонро ҳифз карда, ҷуъзу томҳои Россия ва ҷузъҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳангоми амалиётҳои ҷангӣ дар қаламрави Тоҷикистон кумакаҳои оташфишонии ҳавоӣ мерасонанд [2,с.56].

Созишномаҳо оиди вазъ ва шартҳои қарор доштани пойгоҳи ҳарбии Россия (ПҲР) дар ҳудуди Тоҷикистон, аз тарафи парлумони ҳарду ҷониб тасдиқ карда шудааст, барои таъмини амният ва устувории ҳам Тоҷикистон ва ҳам тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ аҳамияти хосса дорад. Тибқи ҳуҷҷати мазкур, пойгоҳ ҳам манфиатҳои Тоҷикистон ва ҳам Россияро ҳифз намуда, дар ҳамҷоягӣ бо қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон амнияти ҷумҳуриро таъмин мекунад. Дар ҳолатҳои хатар ба мустақилияти ҶТ, инчунин таҷовуз бар зидди Тоҷикистон аз ҷониби ягон давлати дигар, ташкилотҳои террористӣ ё неруҳои ҳарбии ғайриқонунӣ, истифодаи неруҳои ҳарбии ПҲР дар асоси қарори мувофиқашудаи президентҳои ду давлат амалӣ гардонида мешавад.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти қӯшунҳои сарҳадии ФР дар қаламрави Тоҷикистона, ғайр аз Аҳднома дар бораи амнияти дастаҷамъӣ ва Изҳорот дар бораи дахлнопазирии сарҳад аз 7 августи соли 1993, ҳамчунин тибқи дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад. Дар қатори ҳуҷҷатҳои дар боло зикршуда, фаъолияти қӯшунҳои сарҳадӣ дар сарҳади ҷанубии фазои пасошуравӣ низ тибқи Созишномаи байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи ҳуқуқии қӯшунҳои сарҳадии ФР, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҷониби президентҳои Россия ва Тоҷикистон ба имзо расонида шудааст, ба танзим дароварда мешавад. Тибқи созишномаҳое, ки дар рафти вохӯрии расмии В.В. Путин тобистони соли 2005 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида буд, таҳвили вазифаҳо доир ба ҳифзи қитъаи сарҳади Афғонистон аз ҷониби сарҳадбонони Россия ба Кумитаи ҳифзи сарҳадоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омад. 19 октябри соли 2005 дар шаҳри Душанбе маросими тантанавии таҳвили вазифаҳои ҳифзи сарҳади тоҷику афғон ба сарҳадбонони тоҷик баргузор шуд [16,с.318]. Сарҳадбонони тоҷик аз шарикони россиягии худ дар раванди таҳвили сарҳади тоҷику чин ва тоҷику афғон, ки масофаи 1863 км-ро ташкил медиҳад, 13 шаҳраки ҳарбӣ, 64 посбонгоҳҳои сарҳадӣ ва комендатураро қабул намуданд. Ба хизматчиёни ҳарбии сарҳади давлатӣ инчунин силоҳи штатии тирандоз ва гурӯҳи посбонгоҳҳо таҳвил дода шуд, ки дорои васоити

техникии ҳифзи сарҳади давлатӣ, асбобҳои оптикӣ, мухобирот, инчунин наклиёти автомобилӣ буда, дар умум тақрибан маблағи 12 млн сомониро ташкил медод. Дар ҷаласаи тантанавии 19 октябри соли 2005, ки ба анҷоми қабули таҳвили вазифаҳои ҳифзи сарҳад аз ҷониби сарҳадбонони Россия ва сарҳадбонони тоҷик бахшида буд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмонов баромад намуда, қайд кард, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил дар ҳоли ҳозир қарор кардааст ҳифзи марзи давлатиро ба уҳдаи сарҳадбонони худ гузорад, аммо ин маънои онро надорад, ки сарҳадбонони Россия бояд тамоман қаламрави Тоҷикистонро тарк намоянд. Президент қайд намуд: «Ҳамкории мо дар оянда ҳам давом меёбад, зеро мо имрӯз ба кумак, машварат ва таълими таҷрибаи бойи сарҳадбонони Россия ниёз дорем. Тоҷикистон ҳамеша иттифоқчӣ ва шарики стратегии Россия боқӣ мемонад. Имрӯз ҳамкории Тоҷикистону Россия доир ба ҳифзи сарҳад шаклҳои сифатан навро соҳиб мешавад» [21].

Тибқи Созишнома аз 16 октябри соли 2004 сарҳадбонони Россия ба татбиқи шаклҳо ва усулҳои нави ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаи сарҳад оғоз намуданд [4,с.66].

Чи хеле аз санадҳои маеъёрӣ-ҳуқуқии зикршуда дар умум дида мешавад, манбаи ҳуқуқӣ ҳалли масъалаҳоро доир ба ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсӣ таъмин менамояд. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки дар самти ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсӣ механизми самараноки татбиқи созишномаҳои баимзорасонида тартиб дода нашуда буд, дар ҳоле ки ҷонибҳо мақомоти ягонае надоштанд, ки мунтазам рафти иҷрои аҳдномаҳои мавҷударо назорат ва масъалаҳои баҳсталабро ҳал намояд.

Қаблан, моҳи декабри соли 1993, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ: Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркменистон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия Меморандумро дар бораи ҳамкорӣ доир ба ҳифзи сарҳади давлатӣ ба имзо расонида буданд. Аз вазъи мураккабе, ки дар минтақаи тоҷику афғон, ҳудудҳои хориҷии Осиёи Марказӣ ба миён омада буд, сарони ин давлатҳо масъулияти худро тибқи Изҳорот дар бораи дахлнопазирии сарҳад аз 7 августи соли 1993 тасдиқ намуданд ва мақсади фавран ҷустуҷӯ намудани тадбирҳои иловагиро баён намуданд.

Дар шароити ошкорбаёнӣ байни давлатҳо, Меморандуми мазкури баимзорасида, инчунин вобаста ба вазъи дар марзи давлатҳои Осиёи Марказӣ баамаломада, ки ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дохил мешаванд, қайд гардид, ки ҳифзи ҳудудҳои берунӣ ҳадафи умумии тамоми давлатҳо буда, бояд тадбирҳои таъхирнопазирро доир ба таъмини пурраи моддию техникии ҷузъу томҳо дар минтақа бо неруҳои муташаккил ва муштарак амалӣ гардонанд [17,с.89].

Ҳамзамон, Федератсияи Россия кумаки ҳамаҷонибаеро ба Тоҷикистон давом медод, ки бо ҳифзи сарҳади давлатии ҷумҳурӣ алоқаманд буд. Ин вазифаро, дар баробари хизматчиёни 201-ум пойгоҳи ҳарбии Россия, гурӯҳи ҳамкории сарҳадии хадамоти амнияти федералӣ (ФСБ)-и Федератсияи Россия, ки ин ҷо қарор дошт, иҷро менамуд, афсарони гурӯҳи сарҳадӣ ба ҷониби Тоҷикистон кумакҳои фаврӣ-методиро расонида, дар тайёр намудани афсарон кумак мерасониданд.

Манбаи меъёрӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳои дуҷониба дар самти ҳифзи сарҳади давлатӣ мунтазам такмил меёбад. Дар ҳоли ҳозир байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар сатҳҳои мухталиф зиёда аз 30 созишномаҳои бисёрҷониба ва дуҷониба ба имзо расонида шудааст [3,с.178].

Моҳи июни соли 2004 дар рафти сафари кории Э. Раҳмон ба Федератсияи Россия масъалаҳои муҳимми ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар самти ҳарбӣ ва сарҳад, танзими қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Федератсияи Россия, тақвияти робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, инчунин масъалаи муҳоҷират ҳамчун мавзуи муҳокима қарор гирифт [12,с.314].

Аҳдномаҳои нав дар самти ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ, дар рафти сафари президенти Федератсияи Россия В.В. Путин моҳи октябри соли 2004 ба Тоҷикистон ба имзо расонида шуда буд [18,с.66].

Дар назди кумаки донории Россия се ҷузъу томи нав дар самтҳои вустъатноки қочоқи маводи мухаддир таъсис дода шуд. Аз он ҷумла, ба туфайли дастгириҳои

Федератсияи Россия талафёбии кадрҳои баландихтисоси Агентии назорати маводи мухаддири назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон боздошта шуда, интизоми хизматӣ баланд бардошта шуда, фаъолияти мақомоти тафтишотию фаврӣ мавриди таҷдиди назар қарор гирифт. Мубориза бо қочоқи ҳероини афғон бо шаклҳои мухталиф ва бисёрҷониба бурда мешуд: зери ҳимояи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (ОДКБ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиётҳои муштараки зидди маводи мухаддир «Канал – Доми ҷанубӣ» ва «Гром-2015» гузаронида шуд [6].

Сарҳадбонони Тоҷикистону Россия дар ҳолатҳои зарурӣ якҷоя тадбирҳоро доир ба мубориза бар амалҳои зиддиқонунӣ дар сарҳади давлатии Тоҷикистон (убури ғайриқонунии сарҳади давлатӣ, қочоқи силоҳ, маводи тарканда ва заҳролудкунанда, моддаҳои радиоактивӣ ва ғайра) тарҳрезӣ ва дар амал татбиқ мекарданд. Дар рушди ҳамкориҳои сарҳадбонони ин ду кишвар мактаби миёнаи давлатии таҳсилоти умумии отряди сарҳадии Москваи ХАФ (ФСБ) Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми хеле бузург гузоштааст.

Муҳим он аст, ки дар асоси вохӯрӣ ва мулоқотҳои зиёди байни ҳукуматҳои ду кишвар, мавқеи ҷонибҳо то соли 2011 доир ба масъалаҳои шакл, мундариҷа ва самтҳои ҳамкориҳои мутақобилаи қувваҳои сарҳадӣ муайян гардид. Ҳамкории Россия дар тақвияти пойгоҳи моддӣ-техникии қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистона ва пуштибонии имкноти баланди касбии омӯзгорони Россия дар омӯзишгоҳои олии сарҳадии ҷумҳурӣ хеле фаъолона зоҳир гаштааст.

Россия манфиатҳои геополитикии хусусияти стратегидошта дорад, ки ба Тоҷикистон ҳам мансуб аст. Аз ин лиҳоз манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон ва Россия дар даврони мавриди кунунии таърихӣ мувофиқ меояд [11,с.90].

Бояд қайд кард, ки мавқеи сарварии Федератсияи Россия доир ба масъалаҳои ҳамкории ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат бо робитаҳои маъмулие ифода меёбад, ки бо афзалияти бештари яроқу аслиҳаи ҳарбии истеҳсоли Россия ё шуравӣ дар артиши ҷумҳурӣ, пуррагардонии ҷузъҳои асосии ҳайати фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кадрҳое, ки таълим ва омӯзишро дар муассисаҳои таълимии Федератсияи Россия гузаштаанд.

Яке аз тадбирҳои амалкунанда доир ба таъмини ҳамаҷонибаи ҳамкории ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи ҳифзи сарҳад сафари фармондеҳи хадамоти Сарҳадии ХАФ (ФСБ)-и Россия В.Г. Кулишов ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи ноябри соли 2014 гашт [19]. Дар рафти мулоқот барномаи рушди ҳамкорӣ доир ба масъалаҳои сарҳад барои солҳои 2014-16 байни ХАФ (ФСБ)-и Россия ва КАМ-и Тоҷикистон ба имзо расонида шуд.

Қувваҳои Мусаллаҳи ду кишвар дар коркарди тадбирҳо оиди муқовимат ба ҳар гуна таҷовузи эҳтимолӣ фаъолона ҳамкорӣ доранд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи марти соли 2015 тамринҳои бузурги муштараки Ҳавзаи ҳарбии марказии Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия ва Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ҳадафи чунин тамринҳо шикаст додани дилхоҳ таҷовузгари эҳтимолӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз нуқтаи назари устуворгардонии амнияти Федератсияи Россия маҷмуаи оптикии назорати объектҳои кайҳонӣ бо номи «Окно» дар ш. Норак нақши муҳимро мебозад [7].

То солҳои 2020 дар натиҷаи саъю кӯшишҳои зиёди ҷонибҳо низом, стандартҳо ва усулҳои ягона дар ҳама ҷанбаҳои фаъолияти сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ташкил карда шуд. Ҳамкории сарҳадии Россия ва Тоҷикистона дар доираи ИДМ на хусусияти расмӣ, балки амалӣ дорад. Қӯшунҳои сарҳадии тоҷик, ки бо кумак ва дастгирии мушовирони Россия ташкил карда шудааст, ҳамчун сохтори мустақили низоми амнияти на танҳо Тоҷикистони мустақил, балки тамоми Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар умум мебошад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронида метавон хулоса намуд, ки вазъи робитаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи ҳарбӣ-техникӣ хеле хуб арзёбӣ карда шуда, манбаи кифояи ҳуқуқӣ дошта, ба манфиатҳои дуҷонибаи давлатҳо мувофиқ мебошад ва баҳри ояндаи дурахшон равона

карда шудааст. Санадҳои ҳуқуқии қаблан қабулшуда ва ҷадидан коркардшуда доир ба масъалаҳои мудофиа ва ҳамкории мутақобилаи ҳарбӣ-техникии ҳарду давлат, ки фаъолияти онҳоро ба танзим медаророад, ба фикри мо, дар оянда метавонанд ва бояд ҳалли масъалаҳои зиёди сохтмони ҳарбиро имконпазир гардонанд.

Ҳамкориҳои ҳарбӣ – сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз оғози истиқлолият ба таъмини субот дар минтақа ва пешгирии таҳдиду хатарҳои беруна равона гаштааст. Дар муддати солҳои истиқлолият пояи муҳимми аҳдномавӣ-ҳуқуқӣ ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба ташаккул ёфтааст.

**Муқарриз: Розиқов Ф.М.-н.и.т., дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Аҳдномаи байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ аз 25 майи соли 1993 // Бюллетени аҳдномаи байналмилалӣ. -1994. -№10. -С.20-23.
2. Аҳдномаи байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъ ва шароити бошиши пойгоҳи ҳарбии Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.04.1999) - 16.10.2004 қувваи қонунӣ гирифт // Бюллетени аҳдномаҳои байналмилалӣ. -2006. -№10. -С.55-62.
3. Алимов Б.Х. Интересы и сотрудничество стран постсоветского пространства на примере Республики Таджикистан и России / Б.Х Алимова // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. 2015. №2. –178с.
4. Бюллетени аҳдномаҳои байналмилалӣ. -2006. -№10. -С.66-77.
5. Гаврилов В.А. Место и роль коллективных сил по поддержанию мира СНГ в миротворческом процессе / В.А. Гаврилов // Материалы Международной научно-практической конференции «Миротворческий процесс в Таджикистане: консолидация и гарантирование миротворческого процесса». -Душанбе, 1999. -С.31.
6. Лякин-Фролов И. Россия - Таджикистан: отношения дружбы и стратегического партнерства / И.Лякин-Фролов. Сайт МИД РФ, Редакция журнала «Международная жизнь». 2009 – 2016.
7. Лякин-Фролов И. О состоянии и перспективах сотрудничества между Российской Федерацией и Таджикистаном / И.Лякин-Фролов. К 25-летию установления дипломатических отношений 17 ноября 2016. Сайт МИД РФ // Редакция журнала «Международная жизнь». -2009 - 2016.
8. Махонина С. Военно-политическое содружество между Россией и Таджикистаном в 1993-1999 гг. -С.64.
9. Мирзоев Б.К. Военно-техническое сотрудничество Республики Таджикистан и Российской Федерации в двустороннем формате и в рамках интеграционных объединений / Б.К. Мирзоев // Россия и Центральная Азия в условиях геополитической трансформации: внешнеполитическое измерение: Материалы. межд. научн. конф. 28-29 марта 2007. -Душанбе, 2007. -С.25.
10. Рахмонов Э. Посухҳо ба саволҳои маҷалаи «Огонёк» (октябри соли 1996) / Э.Рахмонов // Ҳазор сол дар як шаб. -Душанбе, 2003. -С.284.
11. Раджабов С.Б. Становление и развитие системы безопасности Республики Таджикистан в условиях государственной независимости. Диссертация на соискание ученой степени кандидата политических наук Специальность: 23.00.02 - политические институты, процессы и технологии (политические науки) / С.Б.Раджабов. - Душанбе, 2015. -С.90.
12. Рахмонов Э. Ответы на вопросы военного журнала «Защитники Отчизны» / Э.Рахмонов // Тысяча лет в одну жизнь. -Душанбе, 2003. -С.314.
13. Созишномаи байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мушовири ҳарбӣ дар назди Вазорати Мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 1997 // Бюллетени аҳдномаҳои байналмилалӣ. -2004. -№10. -С.55-58.
14. Саидов З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене / З.Саидов, А.Сабуров. -Душанбе: Деваштич, 2005. -С.20.
15. Саидов З. Внешняя политика Президента Рахмона / З.Саидов. -Душанбе, 2000. -С.38.
16. Талипов Ф. Демократизм, национализм и регионализм в странах Центральной Азии / Ф.Талипов // Центральная Азия и Кавказ. 2000. -С. 318.
17. Содружество // Информационный вестник Совета глав СНГ. Минск, 1993. -С.89-90.
18. Созишномаи байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳамкориҳо доир ба масъалаҳои сарҳад (16.10.2004) // Бюллетени аҳдномаҳои байналмилалӣ. 2006. №10. -С.66-77.
19. Ҳамкорӣ дар соҳаи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон давом дода мешавад // Рӯзномаи халқӣ. -2014, ноябр.
20. Шумский Н. Интеграция в Содружестве Независимых Государств: Проблемы и перспективы / Н. Шумский //МЭ и МО. - 1999. -С. 13.
21. [Манбаи электронӣ] www. president. tj // 20.10.05 г.


## ҲАМКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР СОҲАИ ҲАРБӢ-СИЁСӢ


Дар мақолаи мазкур таърихи пайдоиш ва рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, робитаҳои байналмилалӣ, рушди ҳамкории ҳарбӣ ва ҳарбӣ - сиёсии байни Тоҷикистон ва Россия мавриди

омӯзиш қарор дода шудаанд. Барпокунии робитаҳои устувор ва рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз он ҷумла бо Федератсияи Россия баррасӣ дода шудааст. Майлу рағбат ва кӯшишҳои ҷумҳурӣ ба рушди минбаъда ва тақвияти ҳамкориҳои мутақобила ва баробарҳуқуқ бо Федератсияи Россия тавсиф дода шудааст. Омӯзиши таърихи робитаҳои мутақобилаи байналмилалӣ, мисли ҳамкории Федератсияи Россия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи муҳимми таърихи нави халқи тоҷик буд ва мемонад. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар соҳаи ҳарбӣ-сиёсӣ ва амнияти минтақавӣ таҳлил шудаанд. Заминаҳои устувори ҳуқуқӣ ва меъёрии рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи ҳарбӣ-техникӣ баррасӣ шудаанд. Масъалаҳои ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ, инчунин дар доираи сохторҳои бисёрҷонибаи амният баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, дар мақола қайд карда шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҳамкориҳои самаранокро бо мақсади таъмини ҳифзи боэътимоди марзу буми давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ мегардонад.
**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Россия, ҳамкорӣ, сиёсати хориҷӣ, амнияти дастаҷамъӣ, сарҳади давлатӣ.

## СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В ВОЕННО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ СФЕРЕ

В статье рассматриваются вопросы истории становления и развития внешней политики Республики Таджикистан, международных отношений, дипломатии, перспектив военного и военно-технического сотрудничества между Таджикистаном и Россией. Показано установление прочных связей и развитие сотрудничества Республики Таджикистан с мировым сообществом, в том числе с Российской Федерацией, которое характеризуется заинтересованностью и стремлением республики к дальнейшему развитию и углублению взаимовыгодного и равноправного сотрудничества с Российской Федерацией. Изучение истории международных взаимоотношений, как и сотрудничества Российской Федерации с Республикой Таджикистан, было и остается важной проблемой новейшей истории таджикского народа. Анализируются сотрудничество Республики Таджикистан с Российской Федерацией в военно-политической сфере и в сфере безопасности. Приведена устойчивая правовая и производственная база в развитии двустороннего военно-технического сотрудничества. Вопросы военно-технического сотрудничества также рассматриваются в рамках многосторонних структур безопасности. Также в статье отмечено, что, исходя из обоюдной заинтересованности, Республика Таджикистан и Российская Федерация осуществляют эффективное сотрудничество в целях обеспечения надежной охраны государственной границы Республики Таджикистан, сопредельной с государствами, не входящими в Содружество Независимых Государств.
**Ключевые слова:** Таджикистан, Россия, сотрудничество, внешняя политика, коллективная безопасность, государственная граница.

## COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE RUSSIAN FEDERATION IN THE MILITARY-POLITICAL SPHERE

The article deals with questions about the history of the formation and development of the foreign policy of the Republic of Tajikistan, international relations, diplomacy, prospects for military and military-technical cooperation between Tajikistan and Russia. The establishment of strong ties and the development of cooperation between the Republic of Tajikistan and the world community, including the Russian Federation, is shown. It is characterized by the interest and desire of the republic for further development and deepening of mutually beneficial and equal cooperation with the Russian Federation. The study of the history of international relations, as well as the cooperation of the Russian Federation with the Republic of Tajikistan, has been and remains an important problem in the recent history of the Tajik people. The cooperation between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation in the military-political sphere and regional security is analyzed. A stable legal and industrial base in the development of bilateral military-technical cooperation is given. Questions of military-technical cooperation are also considered within the framework of multilateral security structures. The article also notes that, based on mutual interest, the Republic of Tajikistan and the Russian Federation carry out effective cooperation in order to ensure reliable protection of the state border of the Republic of Tajikistan, adjacent to states that are not members of the Commonwealth of Independent States.
**Keywords:** Tajikistan, Russia, cooperation, foreign policy, collective security, state border.

**Маълумот дар бораи муаллиф: *Ғафуров Қосим Сафархонович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 98-730-25-85**. E-mail: **kosim.gafurov.97@mail.ru**

**Сведения об авторе: *Гафуров Косим Сафархонович* -** Таджикский национальный университет, доктор Ph.D факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Тољикистон, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 98-730-25-85**. E-mail: **kosim.gafurov.97@mail.ru**

**Information about author: *Gafurov Kosim Safarkhonovich* -** Tajik National University, Ph.D Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone**: (+992) 98-730-25-85.** E-mail: **kosim.gafurov.97@mail.ru**

ТДУ: 32+93/94

# САРЧАШМАҲО ВА САТҲИ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ДИПЛОМАТИЯИ ТОҶИК

*Абдуллозода Н.А.*
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ на танҳо ба пешрафти иқтисодию иҷтимоии кишвар, балки ба таҳкими муносибатҳои дипломатии давлати мо таҳкурсии мустаҳкам гузошта шуд. Дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» изҳорот қабул карда шуд, ки ба истиқлоли воқеии давлатӣ асос гузошт.

Аз охири декабри соли 1991 аксари давлатҳои ҷаҳон пайи ҳам истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро эътироф намуданд. Соҳибистиқлолии давлати ҷавони тоҷик барои муаррифии бештари ҳадафҳои худ дар муносибати байни давлатҳо назари навро тақозо мекард. Аз ҳамин лиҳоз сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои бобарори фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ бо истифода аз роҳу равиши муносиби ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ тавонист, ки бо доираи васеи кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ робитаҳо барқарор намояд. То имрӯз кишвари мо бо 181 давлати хориҷӣ муносибати дипломатӣ барқарор кардааст, ки бо аксари аз онҳо созишномаҳои дуҷониба ба имзо расонида, ҳамкориҳои муштарак дар сатҳи баланд тавсеа ёфтаанд. Айни ҳол, дар шаҳри Душанбе беш аз 30 намояндагии дипломатии давлатҳои хориҷӣ аз ҷумла Ҷумҳурии Исломии Эрон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Британияи Кабир, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Федералии Олмон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Туркманистон, Ҷумҳурии Фаронса, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷопон кор ва фаъолият карда, беш аз 65 давлати дигар сафирони ғайримуқими худро дар Тоҷикистон таъин намудаанд, ки онҳо дар мустаҳкам кардани робитаҳои доимӣ, муносибатҳои судманд, васеъ кардани самтҳои ҳамкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷумҳурӣ корҳои зиёдеро ба сомон мерасонанд.

Намояндагиҳои аксари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва институтҳои молиявии ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон амал мекунанд. Инчунин, беш аз 40 намояндагии дипломатии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ ва дигар созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ амал мекунанд. Тоҷикистон ҳамасола бо беш аз 100 давлати ҷаҳон табодули молу маҳсулот анҷом дода, доираи ҳамкориҳоро дар самтҳои дигар, пеш аз ҳама, дар бахши иқтисод, ҷалби сармоягузорӣ, илм, маориф, фарҳанг, сайёҳӣ ва ғайра васеъ ба роҳ мондааст.

Аз ҷониби худ Тоҷикистон низ бо назардошти имкониятҳо ва авлавиятҳо дар сиёсати хориҷиаш дар чанд кишвари хориҷӣ сафоратҳо ва консулгариҳо кушода, дар назди созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ намояндагони доимии худро ваколатдор намуд. Чунонки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 ироа намуданд: «...Тоҷикистон Ҳамкориҳои худро бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Ҳамкории Исломӣ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба ҳамчун узви фаъол идома хоҳад дод» [6].

2 марти соли 1992 Тоҷикистон ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд. Қабл аз ин – моҳи январи соли 1992, ҷумҳурӣ ба раванди Хелсинки ҳамроҳ шуда, иштирокчии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо гардид. Баъд аз ин пайи ҳам узви чандин созмони байналмилалӣ, минтақавӣ ва иттиҳодияҳои байнидавлатӣ гардида,

сиёсати бисёрсамтаи худро бо истифода аз имкониятҳои ин сохторҳо хеле ривоҷ дод [8,с.287].

Дар солҳои аввали истиқлол муносибату ҳамкориҳои фаъолонаи Тоҷикистон дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сурат мегирифт, вале дере нагузашта ин ҳамкориҳо хеле густариш ёфтанд, ҷуғрофияи онҳо васеъ доман паҳн кард ва имрӯз Тоҷикистон дар тамоми минтақаҳои олам шарикони худро дорад.

Барои пешбурди сиёсати хориҷии давлат ва ривоҷ додани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳои олам заминаҳои мукаммали ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эъломияи истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои муҳимми давлат инъикос ёфтаанд. Тарҳрезӣ ва амал намудани сиёсати хориҷии давлат аз ҳуҷҷатҳои номбаршуда, инчунин санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, сарчашма гирифтаанд.

Дар шароити имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ, ба роҳ мондани робитаҳо бо давлатҳои дигар ва иштирокчии муносибатҳои байналмилалӣ аҳамияти бағоят ҷиддӣ дода мешавад.

Ҳанӯз дар Авесто муносибати дипломатии аҷдодони мо зикр шудааст ва он аз насл ба насл то ба замони муосир ташаккул ёфтааст [2]. Дипломатияи муосири тоҷик таърихи худро аз соли 1924, аз таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон оғоз намудааст [4]. Пас аз соҳибистиқлол гардидан эҷод ва роҳандозии сиёсати хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон самти тамоман нав буд. Лозим омад, ки давлати ҷавон дар баробари ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли мушкилоти дохилӣ ва ба сулҳ анҷом додани ҷанги шаҳрвандӣ сиёсати хориҷиашро низ тарҳрезӣ ва пиёда созад. Зеро дар шароити соҳибистиқлолӣ маълум гардид, ки аксари мушкилоти ҷиддиро танҳо дар ҳамдастӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ҳаллу фасл намудан мумкин аст.

Дар он шабу рӯзе, ки истиқлолияти давлатӣ даст доду Тоҷикистон соҳибихтиёр гардид, дар як муддати кӯтоҳ бетаҷрибагии сиёсатмадорони вақт дар давлатдорӣ ва сиёсати байналхалқӣ ба ҷумҳурӣ зарари ҷиддие ворид сохт. Вале, пас аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи Тоҷикистон саҳифаи наве боз шуд.

Ҳукумати нави ҷумҳурӣ бо сарварии роҳбари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон устуворона ва пайгирона тартибу низомро дар кишвар барқарор намуда, бо мухолифини Ҳукумат ба гуфтушунид оғоз кард. Ҳар ду ҷониб зарурати сулҳро ба хотири дифои манфиатҳои халқу давлат ҳис мекард ва ин буд, ки бо созиши тарафҳо дар давлат тадриҷан оромию осоиштагӣ ва ризоияти миллӣ барқарор гардид. Сулҳофаринии тоҷикон бошад, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳамчун рӯйдоди ҷолибу омӯзанда маънидод мешавад [5,с.416].

Чунин сурат гирифтани равандҳое, ки бисёр коршиносон оқибати онҳоро вазнину тулонӣ маънидод карданӣ мешуданд, воқеияти дигареро собит сохт: халқи тоҷик аз таъриху гузаштаи худ огоҳ аст ва ба арзишҳо ва анъанаҳои аҷдодии худ такя мекунад. Зимнан метавон гуфт, ки дипломатияи тоҷик низ таърихи тулонӣ ва анъанаҳои омӯзанда дошта, имрӯз ҳамин таҷрибаи гузаштагон дар давлатдории навин ба эътибор гирифта мешавад.

Дар солҳои истиқлол таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқон ба омӯзиши таърихи дипломатияи тоҷик зиёд шуда ва ин пажуҳишҳо дар чанд самт сурат гирифтанд. Омӯзиши таърихи пайдоишу рушди дипломатияи тоҷик, саҳми тоҷикон дар ривоҷи дипломатия чун воситаи муҳимми пешбурди сиёсати давлат, нақши дипломатияи тоҷик дар раванди гуфтушуниди байни тоҷикон, нақши дипломатияи пешгиркунанда дар ҳалли мушкилот мавзуъҳое мебошад, ки тайи чанд соли охир мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар давраи истиқлол нашри китоби «Дипломатияи Тоҷикистон» дар соли 1994 бахшида ба 50-умин солгарди таъсисёбии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз қадамҳои нахустин дар омӯзиши таърихи дипломатияи тоҷик буд.

Он дар бораи фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии кишвар ва кормандони алоҳидаи он маълумоти ҷолибе медиҳад [8].

Пас аз барқарор гардидани сулҳу ризоияти миллӣ дар давлат омӯзиши таърихи дипломатияи тоҷик қувват гирифт. Аз ҷумлаи он, маҷмуаи асарҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад [7]. Рисолаи «Дипломатияи муосири тоҷик»-ро, ки ба қалами академик Т. Назаров ва А. Сатторзода тааллуқ дорад, дар пажуҳиши таърихи дипломатияи тоҷик дар давраи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон кӯшиши ҷиддие номбурдан мумкин аст. Ғайр аз ин, чанд асари илмии Т. Назаров, ки дар солҳои охир эҷод шудаанд, аз ҷумла «Тоҷикистон: иқтисод, сиёсат, ҳамкориҳои байналхалқӣ», «Тоҷикистон: ҳамкории иқтисодӣ ва амният», «Тоҷикистон: рушди иқтисодӣ, ҳамгироӣ ва ҳамкории минтақавӣ», «Раванди сулҳ ва барқарорсозии пас аз низои иқтисоди Точикистон» ва «Иқтисоди бозорӣ ва ҳамкории байналхалқӣ» дар омӯзиши сиёсатӣ кишвар сарчашмаи муътамади илмӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар китоби бисёрҷилдаи Д. Назриев ва И. Сатторов «Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърихи истиқлолият (солномаи воқеаҳо)» бо дарназардошти оғози соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ ба сиёсати хориҷии он, эътироф гардидани он чун давлат, барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои дигар, кушодашавии сафоратҳо, боздидҳои расмию корӣ, мулоқотҳои роҳбарони давлату Ҳукумат, Вазорати корҳои хориҷӣ боҳамтоёни хориҷии худ, иштироки онҳо дар форуму ҳамоишҳои байналмилалӣ, ҳамчунин раванди гуфтушуниди байни тоҷикон аҳамияти хосса дода шудааст [5,с.444].

И. Усмонов дар чанд асари худ раванди гуфтушуниди байни тоҷикон ва фаъолияти Комиссияи оштии миллиро ҳамаҷониба инъикос намуда, китобҳоро бо ҳуҷҷатҳои расмӣ ва маводи дигари зарурӣ мукаммал намудааст. Чанд китоби алоҳидаи З.Ш. Сайидзода низ ба инъикоси муносибатҳои хориҷӣ ва сиёсати байналмилалии Тоҷикистон бахшида шудаанд [8,с.4].

Миёни пажуҳишҳо кӯшишҳои муайян кардани «синну соли» дипломатияи тоҷик низ ба назар мерасад. Н. Неъматов чанд сол қабл мақолае таҳти унвони «Томирис ва оғози дипломатияи тоҷик» ба табъ расонда буд. Тавре аз сарлавҳа бармеояд, муаллиф оғози дипломатияи тоҷикро дар такя ба «Таърих»-и Ҳеродот ба давраи ҷанги Куруши Кабир бо малика Томирис (соли 529 пеш аз милод) мансуб, медонад. Муаллиф менависад: «Аз маълумотҳои Ҳеродот бармеояд, ки маликаи Массагетҳо Томирис ҳамчун дипломат дониста шудааст». Дар мақола қиссаи гуфтушунидҳо ва амалиётҳои ҷангӣ миёни Хахоманишинҳо ва Массагетҳо бо роҳбарии Куруши Кабир ва Томирис зери таҳлил қарор гирифта, дар хулоса муаллиф рӯйдоди зикршударо чун «аввалин иқдоми ҳарбӣ-дипломатии таърихи умумии Осиёи Марказӣ» маънидод кардааст [8,с.245].

Муаллифи дигар Г.М. Майтдинова низ дар мақолаи худ «Дипломатияи тоҷик 1431 сола шуд» кӯшиши муайян намудани санаи пайдоиши дипломатияи тоҷикро кардааст [8,с.245].

Ба ақидаи муаллиф, «муҳимтарин ҳуҷҷате, ки аз таърихи дипломатияи Варорӯд гувоҳӣ медиҳад, дар шакли ҳунари тасвирӣ дар нигораҳои Афросиёби Самарқанд ҳаккокӣ шудааст. Ин нигора ба асри VII тааллуқ дорад ва то ҳоли ҳозир ягона ҳуҷҷати хаттӣ аз таърихи дипломатияи мардуми тоҷик аст». Сухан дар бораи нигорае меравад, ки бо масоҳати 11х11 метр дар девори меҳмонсаройи суғдии маъруфе ҷо гирифта, дар он саҳнаи ба Самарқанд омадани сафорат ва аз ҷониби шоҳ пазироӣ шудани он тасвир ёфтааст. Нигора шаҳодат медиҳад, ки дар асри VII Чағониён анъанаҳои дипломатии худро доштаанд ва шоҳ сафирҳои худро ба кишварҳои хориҷӣ мефиристодааст.

Зиёда аз ин, муаллифи мақола ба катибаи иборат аз 16 сатри амудӣ бо хатти суғдӣ ва аз сатр бо хатти бохтарӣ, ки дар домани хилъати яке аз сафирон навишта шудааст, аҳамияти алоҳида дода, навиштааст, ки он «барои таърихи дипломатияи тоҷик арзиши хеле калон дорад». Дар катибаи нигора омадааст: «Вақте ки шоҳ Вахруман аз хонадони Унашбаи наздик шуд, сафир сухан оғоз кард: «Ман фиристодаи Чағониён Пукарзате ҳастам. Ман аз номи шоҳи Чағониён Туронтош ба Самарқанд омадам ба ҳузури шоҳ ва

ҳоло дар боргоҳи фархундаи шоҳам. Ва ту (шоҳо) аз ман бадгумон мабош. Ман худоёни Самарқанд ва расму хатти шуморо ба хуби медонам ва ба шоҳи Самарқанд ягон хисорот ворид намесозам. Ба ту, шоҳо, фархундагӣ ва саодат орзумандам». Ва шоҳ Вахруман аз дудмони Унаширо раҳо кард. Пас аз он фиристодаи Чоч лаб ба сухан кушод» [8,с.246].

Тавре дидем, дар ду мақолаи номбурда муаллифон бештар ба масъалаҳои чуғрофии мансубияти мавзуи омӯзиш ва таърихи бевоситаи тоҷикон ва Осиёи Марказӣ даст задаанд, ба дипломатияи тоҷик ва сарчашмаҳои он аз ин манзар изҳори андеша кардаанд.

Тарафи дигари омӯзишҳо рӯ овардан ба мавзуи дипломатия ва нақши он ҳамчун як фишанги тавонои пеш бурдани сиёсати давлат аст. Дар ин бобат мақолаи доктори илмҳои сиёсӣ С.Ятимов «Низомулмулк: андешаҳо дар бораи шахсият, вазифаҳо ва нақши сафир» дар омӯзиши таърихи дипломатияи тоҷик кӯшиши саривақти ва муҳим мебошад [1,с.344].

Метавон гуфт, ки мардуми Тоҷикистон бо иродаи қавӣ дар бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд қадамҳои устувор гузоштаанд ва дар оянлаи наздик Тоҷикистонро ба кишвари пешрафтаву мутараққӣ табдил дода, обрӯю нуфузи кишварамонро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардоранд.

Таърихи сисолаи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он дарак медиҳад, пеш рафтани сиёсати хориҷии давлат, муваффақона фаъолият намудани он, дар роҳи афзоиши эътибори байналмилали ҷумҳурӣ комёбиҳои назарасеро соҳиб гаштааст.

**Муқарриз: Парвин Н. – н.и.с., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-воқоеъ. Китоби 2. –Душанбе, 1989. – С. 344.
2. Бабаев А.Д. Авеста по следам древнейшей цивилизации таджиков / А.Д. Бабаев, Т.Д. Каримов. – Худжанд, 2001.
3. Бойгонии Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Папкаи «Муҳоҷиртаи дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2018». - С.175.
4. Заявление Советской делегации на первым пленарном заседании Генузэсккой конференции // Документ внешней политики СССР. – М.: Политиздат. – 1959. – Т. V. – С. 191-199.
5. Сайидзода З.Ш. Основы внешней политики Таджикистана / З.Ш. Сайидзода. -Душанбе: ООО «Контраст», 2009. - С.416.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». [Манбаи электронӣ:] URL: http://president.tj/node/29823 Санаи воридшавӣ: 23.12.2022.
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/vazorat/nashriyahoi-vazorat. (Санаи воридшавӣ: 15.03.2013)
8. Ҳ. Зарифӣ. Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз / Ҳ. Зарифӣ. – Дар ду ҷилд. Ҷилди I. –Душанбе: Ирфон, 2009. – 296 с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: Ирфон, 2012. -Ҷилди 11. (2010, июл– 2011, август). – 575 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 12 (2011, 25 август– 2012, 27 октябр) / Эмомалӣ Раҳмон. -Душанбе: Ирфон, 2016. – 560 с.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 13 (2012, 27 октябр– 2013, 29 сентябр) / Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе: Ирфон, 2016. – 560 с.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 14 (2013, 1 октябр– 2014, 6 октябр) / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 576 с.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 15 (2014, 6 октябр– 2015, 29 сентябр) / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 576 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе: Шарқи озод, 2012. – 79 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Манбаи электронӣ:]. URL: http://president.tj/node/29823 (санаи истифодабарӣ: 23.12.2022.
16. Эмомали Рахмон. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель», 1996г., январь // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – С. 374.

17. Э.Ш. Рахмонов. Таджикистан на пороге будущего / Э.Ш. Рахмонов // Сборник выступлений Президента РТ в СМИ России. – М., 1997.
18. Э.Ш. Рахмонов. Юбилей независимости и второй форум таджиков / Э.Ш. Рахмонов. -Душанбе, 1993. – С.40; Э.Ш. Рахмонов. Наша цель – национальное единство / Э.Ш. Рахмонов. -Душанбе, 1997. -С.72.
19. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 15 марти соли 2013.

## САРЧАШМАҲО ВА САТҲИ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ДИПЛОМАТИЯИ ТОҶИК

Дар мақола масъалаҳои сатҳи омӯзиши таърихи дипломатияи тоҷик аз рӯйи сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки аксари кишварҳои ҷаҳон пайи ҳам истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуданд. Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ бо истифода аз роҳу равиши муносиби ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ тавонист, ки бо доираи васеи кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ робитаҳои худро такмил диҳад. Бо назардошти имкониятҳо ва авлавиятҳо дар сиёсати хориҷиаш дар чанд кишвари хориҷӣ сафоратҳо ва консулгариҳо кушода, дар назди созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ намояндагони доимии худро ваколатдор намуд. Ҳамчунин, ба таҳқиқоти донишмандони соҳа такя намуда, бо назардошти муҳим будани муносибатҳои байналмилалии давлати мо ва аз тарафи дигар, то ба ҳол ҳамаҷониба мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифтани он, ин масъаларо мавриди омӯзиш ва таҳлили илмии худ қарор додем. Тарафи дигари омӯзишҳо рӯ овардан ба мавзуи дипломатия ва нақши он ҳамчун як фишанги тавонои пеш бурдани сиёсати давлат аст.

**Калидвожаҳо**: истиқлолият, дипломатия, сиёсати хориҷӣ, сулҳ, таърих, сафорат, созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ.

## ИСТОЧНИКИ И УРОВЕНЬ ИЗУЧЕНИЯ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОЙ ДИПЛОМАТИИ

В статье представлены вопросы уровня изученности истории таджикской дипломатии по разным историческим источникам. Автор отмечает, что большинство стран мира признали независимость Республики Таджикистана. Таджикистан смог за короткий промежуток времени улучшить свои отношения с широким кругом зарубежных региональных стран и международных организаций, используя соответствующий подход сотрудничества с международным сообществом. Учитывая возможности и приоритеты во внешней политике, он открыл посольства и консульства в ряде зарубежных стран и уполномочил своих постоянных представителей в престижных международных организациях. Также, опираясь на исследования ученых в данной области, принимая во внимание важность международных отношений нашей страны и то, что данная тема не подвергалась ещё научному исследованию, мы сделали её предметом нашего изучения и научного анализа с другой стороны – обращение к теме дипломатии и ее роли выступает мощным инструментом продвижения государственной политики.

**Ключевые слова:** независимость, дипломатия, внешняя политика, мир, история, посольство, влиятельные международные организации.

## SOURCES AND LEVEL OF STUDY OF THE HISTORY OF TAJIK DIPLOMACY

The article presents questions about the level of knowledge of the history of Tajik diplomacy according to various historical sources. The author notes that most countries in the world have recognized the independence of the Republic of Tajikistan. Tajikistan was able to improve its relations with a wide range of foreign regional countries and international organizations in a short period of time, using an appropriate approach to cooperation with the international community. Given the opportunities and priorities in foreign policy, he opened embassies and consulates in a number of foreign countries and authorized his permanent representatives to join prestigious international organizations. Also, based on the research of scientists in this field and taking into account the importance of the international relations of our country, as well as the fact that this issue has not been subjected to scientific research, we have made this issue the subject of our study and scientific analysis. The other side of the classes is an appeal to the topic of diplomacy and its role as a powerful tool for promoting public policy.

**Keywords:** independence, diplomacy, foreign policy, peace, history, embassy, influential international organizations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат*** **-** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ, **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи А.Деҳотӣ, 1/2. Телефон**: (+992) 988-28-80-00**. Email**: abdullozoda.n@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллозода Нурмухаммади Алиавсат*** **-** Таджикский государственный университет коммерции, старший преподаватель кафедры гуманитарных наук. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица А. Дехоти, 1/2. Телефон: **(+992) 988-28-80-00**. Email**: abdullozoda.n@mail.ru**

**Information about the author:** ***Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat*** **–** Senior lecturer, department of Humanitarian Sciences, Tajik State University of Commerce. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dehoti street, 1/2. Phone: **(+992) 988-28-80-00**. E-mail: **abdullozoda.n@mail.ru**

ТДУ: 32.17(575.3)

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ДАВЛАТДОРИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

*Абдулло Далер Абдулло*
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баховаддинови АМИТ**

Дар бораи истиқлолияти давлатӣ зиёд мегӯянду менависанд ва табиист, ки дар кадом сатҳ инъикос ва бозгӯйӣ гардидани моҳияти он ба касбият, садоқат ва ҷаҳонбинии муаллиф вобаста аст. Аз он нигаронам, ки дар баъзе маврид, чун сухан дар бораи ин неъмати бебаҳо равад, як идда тарзе андешаронӣ мекунанд, ки гӯё истиқлолияти давлатӣ ва сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ба мардуми шарифи Тоҷикистон ба осонӣ муяссар шудааст.

Ин қабил нодида мегиранд, ки дар зарфи 31 соли соҳибистиқлолӣ мардуми шарифи Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи таърихиеро тай намуд, масири пур аз монеаву мушкилот маҳсуб мешавад.

Тавре Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Дар он айёми вазнину мудҳиш фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ пурра фалаҷ гардида, низоми идоракунии давлатӣ амалан барҳам хӯрда, Конститутсия ва дигар қонунҳо поймол ва дар кишвар фазои беҳокимиятиву хушунату зӯроварӣ ҳукмфармо гардида буд. Бузургтарин фоҷиа дар он рӯзҳо хатари аз байн рафтани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик буд» [1].

Имрӯз баъзеҳо шояд фаромӯш карда бошанд, ки Тоҷикистон ба ҳайси давлати истиқлолияти худро эълонкарда зиёда аз як сол рамзҳои давлатӣ, яъне Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ надошт.

31 соли соҳибистиқлолӣ собит намуд, ки ҳарчанд тоҷику тоҷикистониён баъд аз истиқлолияту озодӣ ба имтиҳони бисёр сахту сангини таърих – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардиданд, вале ба шарофати азми қавӣ ва нияти неки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон собит гардид, ки қодиранд зери роҳбарии ин абармард муттаҳид гардида, давлатро соҳибӣ намоянд ва Ватани хешро бо заҳмати содиқона ободу зебо гардонанд.

“Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи миллат ва давлатсозии тоҷикон абадӣ боқӣ мемонад. Дар ҳамаи давру замон дар идораи давлату рушди ҷомеа ва ояндаи пойдору устувори он роҳбарони фозилу хирадманде зарур буданд, ки ҷомеаро бо андешаҳои бунёдӣ сӯйи эҳё ва ташаккул бурда, дар заминаи ҳофизаи таърихӣ давлатдориро таҳким бахшанд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз табори шахсиятҳоеанд, ки барои кишвари мо ва сокинони он ин асолати таърихиро иҷро намуда, барои рушди бесобиқаи Тоҷикистони азиз ва фардои неку дурахшони Ватан ҷоннисориҳо карданд”[2].

Дар ҳоле ки аксарият фарзандони нохалаф ва «дӯстон»-и миллати тоҷик «дар ғами чарбу» буданд, Раиси тозаинтихоби Шурои Олӣ тадбирандешии бетаъхирро барои барқарор кардани фаъолияти сохтору мақомоти фалаҷшудаи давлатӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, таъҷилан аз байн бурдани хавфи гуруснагӣ, барқарор намудани манзилҳои харобгашта ва иншооту биноҳои сӯхтаву валангоршуда шуруъ карданд.

«Бидуни камаҳамият ҷилва додани хизматҳои шоистаи дигарон метавон қотеона тазаккур дод: Эмомалӣ Раҳмон барои миллати тоҷик ба он андоза корҳое кард, ки дар тули ҳазорон сол дигар ба ягон роҳбари ин миллат муяссар нагаштааст. Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи Тоҷикистон он нақши миқёсан азимеро бозидааст, ки гунаи онро дар рушди давлатҳои худ чунин сиёсатмардони маъруф ба мисли Отатурк дар Туркия, Шарл де Гол дар Фаронса, Моҳатҳир Муҳаммад дар Малайзиё, Ли Куан Ю дар Сингапур, Дэн Сяопин дар Чин ва ё Франклин Рузвелт дар Амрико доштаанд» [3].

Берун овардани кишвар аз бунбасти низомӣ, тақвияти сулҳ ва ваҳдати миллӣ, ба вуҷуд овардани «фарҳанги сулҳи тоҷикон», таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ислоҳоти

фарогир, таъсиси сохтори муассири идоракунӣ, қабули рамзҳои давлатӣ, ба роҳ андохтани гуфтугӯйи ҷамъиятӣ, эҳёи арзишҳои таърихӣ, миллӣ ва фарҳангӣ, боло бардоштани мақоми забони тоҷикӣ, эълони чаҳор ҳадафи стратегии Ҳукумат, таъмини шароити созгор барои тиҷорат, аз сар гирифтани сохтмони неругоҳи барқи обии «Роғун», ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар соҳаи об, қабули қонунҳо дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, ба роҳ мондани тарзи ҳаёти солим, ба шаҳр наздик сохтани симои деҳот, афзоиши дарозумрӣ, коҳиши камбизоатӣ, афзоиши бесобиқаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, буҷаи давлатӣ ва маошу нафақа аз хирмани дастовардҳои давлатдории Эмомалӣ Раҳмон хӯша маҳсуб мешаванд.

«Иҷлосияи ғайринавбатии 16-уми Шурои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд умед дар баҳри ноумедиҳо буд. Дар Қасри Арбоб аз 230 депутат 197 нафар ҷамъ омаданд, 25 депутат аз иштирок дар он саркашӣ карданд. Дар Иҷлосия Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шуро (Сарвар) интихоб карданд. Ба истилоҳ ӯро савори аспе карда буданд, ки на зин дошту на лаҷом. Ӯро сари чамбари мошине нишонданд, ки ғарқи оташ буд. Ӯ мошинро аз сӯхтан, нестӣ наҷот дод. Даст ба давлатсозӣ зад. Собит сохт, ки тоҷик давлатсоз аст. Баъд аз 1000 сол дубора парчами давлати соҳибистиқлоли тоҷикон дар фазои асри XXI ба ҷилва даромад. Давлати тозабунёди соҳибистиқлол, ки аз коми оташи ҷанги шаҳрвандӣ, порашавӣ наҷот дод, захмҳояшро тадовӣ кард, камолот бахшид, шуҳрати ҷаҳонӣ дод, соҳиби дастовардҳо намуд" [4].

Ба ақидаи доктори илмҳои фалсафа Рустам Ҳайдаров, "бuҳрони амиқи сиёсие, ки дар авоили солҳои 90-ум ҷумҳурии моро фаро гирифт, метавонист боиси аз даст додани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва аз харитаи сиёсии ҷаҳон ихроҷ шудани кишвари мо гардад. Маҳз дар ҳамин давраи душвортарин дар ҳаёти кишвари мо Пешвои сиёсӣ Эмомалӣ Раҳмон вориди саҳнаи сиёсии Тоҷикистон мешавад... Хусусан дар ҳамин лаҳзаҳои мушкили Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои миллат тавонист тамоми қишрҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои сиёсиву иқтисодиро ба хотири як ҳадаф – ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ гирди ҳам оварад" [9,с.140-141].

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карданд: «Аз фаъолият бозмондани корхонаҳои истеҳсолӣ, таназзули бошиддати иқтисодиёт, сатҳи баланди бекорӣ, таварруми бесобиқа, кам шудани ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ ва афзоиши босуръати сатҳи камбизоатӣ ба воқеияти бисёр вазнини он рӯзҳо табдил ёфта буд. Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ солҳои 1992 - 1997 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ се баробар ва маҳсулоти кишоварзӣ ду баробар коҳиш ёфт»[1].

Чун нияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нек ва иродаашон хастагинопазир буд, дар марҳилаи аввали давлатдорӣ, бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд, комёб гардиданд.

Онҳое, ки ҳоло ба дастовардҳо аз паси панҷа менигаранд, медонанду нодида мегиранд, ки замоне ки ҳанӯз ҷангу даргириҳо дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар идома доштанд, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, муҳайё кардани шароити зиндагӣ ва ҷойи кор барои онҳо ҳамаи саъю талошро ба ҳалли масъалаҳои барқарорсозии иқтисоди фалаҷгаштаи кишвар сафарбар сохта, пастравии иқтисоди миллиро боздоштанд.

Ба ақидаи муҳаққиқи маъруфи тоҷик Рустам Ҳайдаров, "Эмомалӣ Раҳмон як шахсияти барҷаста дар таърихи тоҷикон буда, дар ҳифзи сохти конститутсионии Тоҷикистон маҳорати баланди сиёсӣ нишон дод. Ӯ ҳамчун Пешвои сиёсӣ ва маънавии тоҷикон тавонист дар давраи баъди ҷанг миллатро муттаҳид созад ва дар арсаи байналмилалӣ симои мусбати байналмилалии Тоҷикистонро эҷод кунад" [10,с.77].

Дар робита ба ин бояд гуфт, ки кишвари мо танҳо соли 2000-ум ба марҳилаи рушд ворид шуд. Ислоҳоти дар тамоми соҳаҳо, ҷиҳати барқарор ва мукаммал гардонидани низоми идоракунии давлат, дигаргунсозиҳои сохторӣ, таъмини гуногуншаклии моликият, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ, ташаккул додани низоми миллии буҷету андоз ва пуливу қарзӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисод ва инкишофи бахши иҷтимоӣ тадбирҳои самарабахш идомаи мантиқии

ибтикори ба сифати Роҳбари мамлакат амалинамудаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешавад.

“Таҳқиқ ва омӯхтани маводи таърихӣ дар асоси далелҳои муътамад ба мақсади муайянсозии ҳақиқати таърихӣ яке аз ҷанбаҳои мавриди таваҷҷуҳи махсуси Раҳбари давлат мебошад. Ӯ донистани қонунмандӣ ва ҳаракати тафаккурро ба хотири дарки раванди шаклгирии воқеияти тақдири миллат пояи маърифатнокӣ мешуморад. Ҷараёни расидан ба қадри Ватани аҷдодӣ, шинохти аслияти фардӣ ва арзишҳои миллиро бо зарурати дарки суботу оромиш ва сулҳу осоиш ҳамчун асоси пешравии ҷомеа, дар андӯхтани донишҳо, аз бар кардан ва омӯхтани сарнавишти миллати тоҷик медонад”[5].

Бояд ёдовар шавем, ки дар ин марҳила Пешвои миллат бо ҷасорати хос ва беназир, бо вуҷуди фузун будани садду камбудиҳо расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ва саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафҳои стратегӣ эълон намуданд. Муболиға нахоҳад буд, агар гӯем, ки дастовардҳои минбаъда аз ин ибтикор маншаъ гирифтаанд.

“Ҳадафҳои стратегии эълоннамудаи Президент барои ҳалли душвортарин проблемаҳои ҳаёти халқамон нақши асосӣ бозид. Эмомалӣ Раҳмон барои ба низоми нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мутобиқ ба тақозои замон ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта ворид намудани кишвар як силсила ислоҳоти бузург гузаронида, Тоҷикистонро аз вартаи варшикастагии иқтисодӣ баровард. Гувоҳи ин аз 80% ба 26% паст шудани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ мебошад”[6].

Ҳадафҳои зикршуда ва амалӣ гардонидани силсилаиқдомҳое, ки дар саргаҳи онҳо низ Сарвари давлат қарор доштанд, замина фароҳам овард, ки дар 20 соли охир суръати миёнаи солонаи рушди иқтисодии кишвар дар сатҳи 7,5% таъмин гардида, даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонии соли 2000-ум то 27,6 миллиард сомонӣ дар соли 2021 зиёд шавад.

Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ низ тамоюли афзоишро касб намуда, ба ҳар сари аҳолӣ дар ин давра аз 289 сомонӣ то 9 ҳазор сомонӣ расида, беш аз 30 баробар зиёд гардид. Сатҳу сифати зиндагии мардум ва дарозумрии шаҳрвандон аз нишондиҳандаи муҳим ба ҳисоб рафта, аксар маврид хулоса аз ҳамин зовия қабул мешавад.

Месазад ёдовар шавем, ки дар ин давра шумораи аҳолии кишвар аз 5,5 миллион нафар то 10 миллион нафар зиёд шуда, дарозумрии миёнаи шаҳрвандон ба 75,1 сол расид.

Дар ҳоле ки тули 70 соли то замони истиқлолияти давлатӣ ба аҳолӣ ҳамагӣ 77 ҳазор гектар замин ҷудо шуда буд, дар даврони соҳибистиқлолӣ 1,4 миллион оила барои бунёди манзили истиқоматӣ 138 ҳазор гектар заминро соҳиб шуданд.

Дар бист соли охир, яъне аз соли 2001, ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба маблағи беш аз 150 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб карда шуд, ки 59 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад. Шоҳид ҳастем, ки дар аксар кишварҳо, бинобар набудани сармоягузорони хориҷӣ бунёдкориву созандагӣ мувофиқи мақсад нест.

Бояд ёдовар шавем, ки нуфузу маҳбубият ва мақому манзалати бениҳоят баланди Пешвои миллат ҳамчун абармарди олами сиёсат замина фароҳам овард, ки дар давраи зикршуда бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба маблағи умумии беш аз 91 миллиард сомонӣ зиёда аз ҳазор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ, бахусус, дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, маориф ва тандурустӣ, инчунин, энергетика, нақлиёт, обтаъминкунӣ ва дигар бахшҳо, амалӣ шуд.

Маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки ҳоло 74 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ шуда истодааст, ки маблағи умумии онҳо 40,5 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Тоҷикистон тибқи арзёбиҳои байналмилалӣ дар даҳ соли охир чор маротиба ба даҳгонаи кишварҳои пешсафи ислоҳотгари ҷаҳон дар самти пешбурди соҳибкориву сармоягузорӣ дохил гардид.

